
ЮНУСИ ИМОМНАЗАР
АЗ САНГ САХТ,
АЗ ГУЛ НОЗУК

ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

# АЗ САНГ САХТ, АЗ ГУЛ НОЗУК



Тошкент
«EXTREMUM PRESS»
2010

**Тақризнависон:**

**Абдулло СУБҲОН,**
шоир, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон.

**ПАЙМОН,**
шоир, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон.

**Муҳаррир:**

Зебунисои ТОҲИРИЁН

**Имомназар Юнус**

Аз санг сахт, аз гул нозук (Ҳикояҳо ва қиссаҳо; Очеркҳо, мақолаҳои публитсистӣ, таҳлилӣ ва фарҳангӣ). — Тошканд, «Ӯзбекистон», 2010, 328 саҳ.

Зиндагии инсонро бе мушкилот тасаввур кардан амри муҳол аст. Бо ин ҳол, бани башар доимо дар такупост ва аз паи ҳалли мушкилот оромӣ надорад. Аз як сӯ, ба хотири кушодани басту бандҳои пешомада ва аз ҷониби дигар, барои аз байн бардоштани нобаробарӣ, дурӯғ, кинаю адоват, коҳилӣ, ҳасодат, тамаллуку тааррuз ва соир хислатҳои манфур талош мекунад. Ақли расои инсон аст, ки дар охир анвори хубиву покиҳо, назокату нафосат ва хушиву рифоҳу офият рӯзгору зиндагиро муҷалло месозад. Бешак, дар ҳама дастовардҳо нақшу муҷодилаи афроди боҳуш муассир аст.

Ба таври хулоса, мавзӯи умдаи китоби тозанашри Юнуси Имомназар мазмуну маонии мазкурро фаро мегирад ва барои оммаи васеи хонандагон пешниҳод мегардад.

ISBN 978-9943-369-48-1

© Нашриёти «EXTREMUM PRESS», соли 2010.

# ПЕШГУФТОР

## НАВИСАНДАЕ ЖАРФБИН ВА ДАРДОШНО

Юнуси Имомназарро алоқамандони каломи бадеъ ва хонандагони «Овози тоҷик» бо гузоришот ва ҳикояҳову қиссаҳои намакинаш мешиносанд. Нависандаи хушсалиқа бо мурури вақт дар ҳавзаи адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон ҷойгоҳи худро пайдо мекунад. Муҳаббати поку беолойиши инсонӣ, садоқат ба обу хоки Ватан, худшиносии инсон, муҳорибаи некиву бадӣ, нангу номус... мавзуоти умдаи нигоштаҳои ӯянд. Юнус дили меҳрубону дардкаше дорад. Омӯзиши пайвастаи осори классикони адабиёти форс-тоҷик, муосир ва ҷаҳон, назари жарф ба зиндагии мардум имкон додаанд, ки ҳикоёту қиссаҳо ва мақолаҷоти хонданӣ биофарад.

Бартарии Юнус аз онҳое, ки дар ин ҳавза қаламфарсоӣ мекунанд, дар чист?

1. Саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки забони навиштаҳояш умумифорсӣ бошад. Забони умумифорсӣ чӣ забонест? Аз нигоҳи мо ҳамонест, ки аз вожаву ибораҳои ноб ва қобили қабули се шохаи шодоби забони форсӣ: форсии тоҷикӣ, форсии дарӣ ва форсии эронӣ ба ҳам омадааст.

Нависандагони тоҷик вақте ба марзи забони умумифорсӣ ворид мешаванд, набояд аз вожаву ибораҳои ноби форсӣ-тоҷикӣ, ки ба ғановати адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ афзудаанд, сарфи назар намоянд. Ё баръакс, нависандагони эронӣ ҳангоми корбурди ин ё он вожаву ибораи арабӣ ё хоси худ дар навиштаҳояшон биандешанд, ки ҷойгузини онҳо дар форсии тоҷикӣ ва дарӣ ҳаст ё на.

Юнус дар саргаҳи роҳи ин манзил қарор дорад. Итминони комил дорем, ки ба манзили мурод мерасад.

2. Ба ҷуғрофияи осораш эътибор медиҳад. Қаҳрамонҳои қаламиҳояш дар ҳудуди кишварамон умр ба сар мебаранд. Воқеаву ҳодисаҳо дар шаҳру деҳоти мухталиф ба вуқуъ мепайванданд. Ин ҷиҳат чӣ хубӣ дорад? Ба фикри мо:

а) бо тасвири шаҳру деҳоти ошно дили хонандаро ба навишта гарм месозад;

б) дар ташаккули ҳисси зебоипарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва ғановати маънавии хонанда нақши муассир дорад;

в) берунмарзиён натиҷа хоҳанд гирифт, ки дар шаҳру деҳоти кишварамон, дар баробари дигар халқҳо, тоҷикон низ будубош доранд.

3. Юнус дар ҳикоёту қиссаҳояш ба масъалагузорӣ диққати ҷудогона медиҳад. Ба мавзуъ ва муаммоҳое даст мезанад, ки замон ҳалли онҳоро ба миён гузоштааст. Ба тариқи мисол, гирем ҳикояи «Ғафлат»-и ӯро. Хулосаи сужаи он:

Марде дар Самарқанд посбони одӣ буд. Ҳамсараш – Ирода тарбиятгари кӯдакистон аст. Онҳо духтаре доранд бо номи Амина. Одатан, баъзе занон молу чизпарастанд. Ба ин муколамаи зану шавҳар таваҷҷуҳ намоед:

*«...Шояд ин вазъ ангезае буд барои Ирода, ки гоҳу бегоҳ ғур-ғур мекард ва боре ҳам арзи ниҳон ба рӯ овард:*

*– Гӯё дилам торс мекафад, аз ин зиндагии якнавохту фақирона монда шудам.*

*– Чӣ мехоҳӣ?*

*– Дилам аст сар гирам, равам ба ҷойи дигар!*

*– Яъне чӣ? Куҷо рафтанӣ?*

*– Мехоҳам тую Амина бо ман бошед ва ҳар се равем ба ягон манзили дур. Ба диёре, ки касе аз Самарқанд суроғи моро нагирад. Он ҷо ободу зебо бошад, бо одамони бою бадавлат, масалан, ба як шаҳри Амрико ё Аврупо. Ҷаҳонро медидем, лаззати зиндагиро мечашидем, бачаҳоямон оқилу замонбоб калон мешуданд...»*

Ҳар чӣ дар хона буд фурӯхта ба шаҳри Ораниенбурги Олмон мераванд. Он ҷо дар ресторани бузург кор пайдо мекунанд. Мард фаршу мизҳоро тоза мекарду Ирода зарфҳоро мешуст. Онҳо хурсанд буданд, вале аз сӯйи дигар мушкилие пеш меояд, он ҳам бошад нигаҳдории духтар. Зеро саҳарӣ рафта нисфи шаб бармегаштанд ва маҷбур буданд духтарашон – Аминаи сесоларо пеши касе гузоранд. Аз ҳамсояҳо як пиразани олмонӣ ба нигоҳубинии духтар розӣ мешавад.

Ба ин тарз, дувоздаҳ соли умрашон сипарӣ мегардад. Духтарашон хеле «озоду замонавӣ», бо тарҳу хислатҳои урупоӣ ба воя мерасад. Дар ӯ заррае одоби тоҷикона намонда буд: на тоҷикӣ ҳарф мезад, на либоси маҳрамона дошт. Ба танбеҳҳои падар бепарво буд. Ҳатто, ба волидайн мегуфт, ки шумо ҳақ надоред ба ман насиҳат кунед.

Амина баъзе шабҳо ба хона намеомад ва бо мурури замон куллан пояшро аз манзилашон меканад. Аз ин рафтори духтар Ирода ба таҳлука меафтад ва шавҳарро ба суроғи ӯ мефиристад. Мард ба хобгоҳи коллеҷе, ки Амина он ҷо мехонд, меравад. Дар даромадгоҳи коллеҷ як гурӯҳ ҷавон – писару духтар ҳалқа зада меистоданд. Писарбачаи олмоние муҳкам аз камари Амина медошт, дасти духтар низ ҳамоил ба гардани ҷавон...

Мард аввал бо хашму зӯрӣ духтарашро ба хона бурданӣ мешавад. Чун натиҷа ҳосил намегардад, илтиҷо мекунад:

*« – Духтарам, охир айб аст, ману модарат зинда…*

*– Айб чӣ? Дувоздаҳ сол фикре ҳам накардӣ, ки куҷояму чӣ кор мекунам, акнун ғами маро мехӯрӣ? Вақте ки ба дасти пиразани бегона гузоштӣ ҳушу ҳавосат дар куҷо буд? Чаро намехоҳӣ, ки бо майли дилам зиндагӣ кунам, магар ман кӯдакам? Ҳар кӣ ҳам бошӣ, хоҳиш мекунам, маро ба ҳоли худам гузор».*

Падар вақте ба духтар фаҳмонданӣ мешавад:

*« – Духтарам, фаромӯш накун, ту аслу насаби самарқандӣ дорӣ, як мусалмонӣ. Наход нафаҳмӣ, ки ҳама рафторат зидди суннатҳои мост?»*

Амина писханд мезанад:

*« – Самарқандӣ? Мусалмон? Ту ба касе, ки аз сесолагӣ дар Олмон зиндагӣ карда, бо оину фарҳанги ин ҷо ошно шудаву хӯ гирифтааст, мегӯйӣ мусалмон? Агар падари дилсӯз мебудӣ, худат гӯ, чӣ чизе аз он суннатҳо, аз он мусалмонӣ ёд додаӣ ба ман?»*

Падар аз ин посуххо ба хубӣ эҳсос мекунад, ки аз тарбияи духтараш дар ғафлат мондааст. Яъне, моддият – ҳирси молу сарватғундорӣ маънавият – шарму ҳаё, иффат, одоби тоҷиконаро фурӯ бурдааст. Маҳз дар ҳамин ҷо нависанда аз падарон даъват ба миён меоварад, ки дар тарбияти фарзандон, хоссатан, духтарон, дер намонанд.

Падар як шаби дигар, вақте ки суроғи Аминаро гирифта ба хобгоҳ меравад, дар назди қаҳвахонаи «Модерн» духтарашро масту мадҳуш дар оғӯши ҳамон ҷавони лӯндаю мӯйдароз мебинад. Ӯ худро дошта натавониста аз гиребони ҷавон мегирад ва бо ҳар чӣ қуввате, ки дошт, ӯро мекӯбад. Вақте маъмурони полис меоянд, мард гумон мекунад, ки ӯро ҷонибдорӣ хоҳанд кард, охир, вай шарафи духтарашро ҳимоят карда буд! Аммо кор ранги дигар мегирад. Духтараш низ гувоҳӣ медиҳад, ки *«ин мард бесабаб пеши моро гирифт, дӯсти маро бо мушту лагад зад».* Бубинед, бегонагӣ, фасоди ахлоқ то куҷо: на падар, балки «марде» бесабаб пеши онҳоро гирифтааст. Маъмури идораи полис мардро зиндонӣ мекунад. Рӯзи дигар падари бечора бо таваллову зорӣ ва пардохти ҷарима аз полисхона меравад.

Ниҳоят, дилмонда аз ин ҳама, анҷому васоили будаашро фурӯхтаву роҳи Самарқандро пеш мегирад... Ва дар Самарқанд *«аз ҳавои ботаровати шаҳри биҳиштӣ чуқур-чуқур нафас мекашам, осуда хобухез мекунам, дар миёни одамони шинос зиста аз лаззати одобу муошират дилнишин сер намешавам. Худоро шукр мегӯям, ки аз ғурбат, аз «фарру шукуҳ»-и ноошно роҳат шудаам. Гарчи ҷудоӣ аз ҳамсару духтарам бисёр дардовар аст, аммо дидани ҳамватанони хунгарму бaору номус ва бархӯрди самимонаи онҳо бори ғуссаро аз дӯшам сабук мекунад. Вақте ки Самарқанду мардуми худро бо он кишвар муқоиса мекунам, мебинам, ки тафовут аз замин то осмон аст, ба вижа, сафою вафои ин ҷамъиятро дар ҳеч ҷойи дунё наметавон пайдо кард!...»*

Чунин ҳикояву қиссаҳо дар китоби тозанашри Юнуси Имомназар, ки бо номи «Аз санг сахт, аз гул нозук» дар даст доред, кам нестанд. Воқеан, сабки эҷод ва банду басти навиштаҳояш ҷозибае дар худ ниҳон доранд, ки хонандаро беихтиёр аз пайи худ мебаранд.

Умед аст, ки адиби хушбаён табъи алоқамандони каломи бадеъро минбаъд низ бо асарҳои наваш болида месозад.

***Абдулло СУБҲОН,***
*узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, шоир*

# ҲИКОЯҲО

# ҲИКОЯҲО

## ТАҚДИРИ ШУМ

Ҳаво тира, ҳама ҷоро пардаи меғ фаро гирифтааст. Санамҷон дар назди тиреза нишаста, ғарқи хаёл ба манзараи тираву меғолуд чашм медӯзад. Шохаҳои урёни ду-се дарахти ҳавлӣ, навдаҳои сиёҳшудаи ток, ҷӯйи бетонии канори боғ ва чиғи оҳании атрофи ҳавлии ҳамсоя хира ба назар мерасад…

Санамҷон ин манзараро ҳамеша поку руҳбахш тамошо мекард. Сафои осмони беғубор ва лап-лапи оби ҷӯйи бетонӣ, ки аз моварои шохаҳои дарахтон бо бархӯрдани нурҳои заррини Хуршед ҷило медод, барояш масаррат мебахшид. Ба хусус, аз тараддудҳои духтари ҳамсоя – рӯбучину обкашонӣ, говдӯшию нонпазӣ, рӯйиҳамрафта, аз дилгармии ӯ ба зиндагӣ хушаш меомад. Борҳо мушоҳида карда буд, ки духтари ҳамсоя ҳар гоҳ бо хушҳолӣ ба пешвози падар мешитофт, ба ӯ салом медоду ҷузвдонашро гирифта ба рӯйи пештахтаи айвон мегузошт, сипас тозон дунболи офтоба мерафт. Падар ба дасту рӯяш сачоқ кашида, изҳори ташаккур мекард магар, духтар бо чеҳраи шукуфон таъзим ба ҷо меовард ва ҳамроҳи падар ба хона медаромад.

Акнун бошад, он манзараи дӯстдоштаи Санамҷон бо дилтангии ӯ ҳамхонӣ мекунад. Гӯё ки табиат ҳам аз амалҳои нобоби вай пай бурдааст, хира ва беҷило ба назар мерасад, ёрои илҳомбахшӣ надорад. Агар ҳамеша тасалливу умед мебахшид, ин дафъа дасти мурувваташ қатъ шуда, мисли ин ки сахт дилозурда аст, рафтори баъдинаи ӯ риштаи эътимодро баркандааст.

Санамҷон дар канори тиреза истода, аз ҳоли табиат бештар дилгир шуд. Дубора ба берун, ба ҳавлӣ, ба хонаи ҳамсоя хира-хира дида дӯхт. На аз лап-лапи обу нурҳои Хуршед ному нишоне буд, на аз фазои сабзу ҷамоли духтари ҳамсоя. Сараш гиҷ рафт, пеши чашмонаш ҳалқаҳои обию қаҳваию мишкӣ рӯйи ҳам печида, ҷой иваз карданд. Хост ду-се қадам занад, аммо дилбеҳузурӣ ва беҳолӣ ба ин роҳ надод. Аз нав дар ҷо нишасту сарашро муҳкам байни дастонаш гирифт ва ба хаёл фурӯ рафт, хотираҳои пешин ба мағзу руҳи ӯ чира омаданд…

***

Вақте ки Санамҷон синни дувоздаҳро пур кард, бештар аз ҳама Холида – модари бемори ӯ хурсанду хушҳол шуд. Очаи меҳрубон дарди ҷонкоҳи ҷигарро нодида гирифта, то аз мактаб омадани духтар ҳавлию хонаро тозаю озода кард, дасторхони хурде орост ва ба пухтани хӯрок пардохт. Бо ҳавас, бо иштиёқ кор мекард, охир, ягона духтари азизаш як мучалро пур мекунад, дигар хурду эрка нест, калон шудааст, дастёри тайёр. Ҳама умед ба ӯ – зиндагиашро саришта мекунад, ба аҳволаш мерасад.

Дар ёд дорад, аз он даме, ки хастаю бетоб шуд, падари Санамҷон беэътибор гардид, аз ӯ рӯ гардонд. Зуд-зуд маст шуда меояду ҳақорат медиҳад, болои сӯхта намакоб, лату озораш ҳам канда нест. Боре шавҳари

муштзӯр аз чойхонаи дӯстдоштааш масти лояъқил омад. Бо ҳоле, ки як бари куртаи порашудааш аз шим берун монда, почаҳояш хоколуду чиркин буданд ва калавида роҳ мегашт. Марди бероҳаеро ба хотир меовард ва бо чеҳраи хун ба рӯ дамидаю лабу даҳони кафкзо девонаавзоъ ба назар менамуд. «Ту лаънатии сил ҳаётама хароб кардӣ! – бо пархош вориди ҳавлӣ шуда дод зад шавҳар. – Агар медонистам ин қадар ношуду ногирон мешавӣ, ҳеч гоҳ дарата намекӯфтам! Хости дилам нашуд, солим дарнаёмадӣ, писар наовардӣ, ҳатто наметавонам ҷӯраҳома дурусттар меҳмон кунам!» Вақте ки Холида аз дасти ҷигардард базӯр нимхез шуда натавонист сари по рост истад, шавҳар чашмони хунгирифтаашро калон кушода, «ношуди сил, ҳатто сари по рост намеистӣ!»-гӯён бо ҷаҳл мушти муҳкаме ба рӯяш фуровард. Аз ин зарбаи ногаҳонӣ ба замин парчин шуда аз ҳуш рафт. Намедонад он замон чӣ қадар вақт аз байн гузашт, дарди ҷонкоҳеро ҳис карда ба худ омад ва дар болои сараш Санамҷонро дид. Духтари меҳрабон сари ӯро ба рӯйи зонуҳояш гузошта ашкрезон молида меистод. Аз будани нури дидааш Худоро шукр карда, оҳи сабук кашида буд…

Рӯзи таваллуди Санамҷон ба модар неруи нав бахшид. Саъй мекард, ақаллан ҳамин рӯз бемориашро маълум накунад. Бо ҳавас, бо хурсандии беҳад машғули кор шуд. Ана, соати омадани Санамҷон ҳам расид, бо дугонааш меояд. Дугонааш духтари ҳамсоя, аз хурдӣ бо ҳам калон шудаанд, як коса обу як лахт нонро бе якдигар намехӯранд. Санамҷон ҳар рӯз ҳамин вақт аз дар медарояд, ӯро ба оғӯш кашида мебӯсад ва тез либос иваз карда, вориди корубори зиндагӣ мешавад, намехоҳад модари бемор азоб кашад.

Холида садои шақарросии дарвозаро шунида ба берун давид. Мехост Санамҷонро пешвоз гирад, ба оғӯш кашад. Вале, ба ҳавлӣ баромаду ҳавсалааш пир шуд. Дар дами дарвоза ба ҷойи духтар шавҳарро дид, ки мисли ҳамеша масту берамақ базӯр сари по меистод.

– Ҳар рӯз касби шумо ҳамин, на ба худ фикр мекунеду на ба дигарҳо! – Холида бо гила гапзанон ба сӯйи шавҳар омад. – Имрӯз таваллуди Санамҷон аст, ин аҳволи шумора бинад дилгир намешавад?

– Нафасата каш, қанҷиқ! – бо як андоз фарёд зад шавҳар. – На тура мехоҳам, на духтарата! Дутоӣ зиндагиама хароб кардед!

– Додош, ин гапҳо чӣ аст? – нороҳат шуд Холида ва боз ҳам ба шавҳари беҳолу бепо раҳмаш омада афзуд: – Биёед, ман кумак мекунам.

Холида ба доду ғиреви шавҳар эътиное накарда, бо шитоб худро ба ӯ расонд ва ҳамин ки хост аз бағалаш гирад, ғайричашмдошт, мушти сангине ба сари дил хӯрд. Аз зарбаи сахту ногаҳонӣ худро гум кард, ақибнокӣ рафту лӯппӣ аз по уфтод. Шавҳари мадҳуш фурӯ дар оташи ғазаб чашми худро кӯр карда, ба хона даромада рафт. Дар ҳамин лаҳза Санамҷону дугонааш ба дари ҳавлӣ расиданд. Ба маҳзи дидани манзараи дами дарвоза лолу карахт шуданд. Духтар тозон ба паҳлуи модар омаду сарашро бардошт.

– Дугонаҷон, дав, як коса об биёр, – гуфт ӯ бо ҳарос ва «очаҷон, очаҷон»-гӯён ба масҳи сару дӯши модар пардохт.

Холида тавонист танҳо як қулт об нӯшад. Чашмонаш нима боз шуданд ва суроби Санамҷонро болои сар дид магар, базӯр ба забон омад:

– Духтарам, худата… иҳтиёт… кун, ман…

Дашному дағалиҳои бемавриди шавҳар кори худро кард. Зани муштипар суханашро то охир нагуфта чашм пӯшид. Оре, риштаи ҳаёти модар гусаст, ӯ Санамҷонро танҳо гузошту рафт! Духтар ҷисми беруҳи очаҷони худро танг ба оғӯш гирифт, аз қаъри дил фиғон бардошт. Оҳу нолаи дӯшизаи дар нимароҳ монда ба фалак печид, қалбаш гӯё танӯри пуроташ буд, ки дамои он ашкҳои сӯзонро аз дидагонаш берун овард...

Вақте ки Санамҷон бо ёрии дугонааш тани орому беҳаракати модарро ба хона даровард, чашмаш ба дасторхони густурда афтид, ки ороста бо нони башир, қанду ҳалво, мавизу чормағз, гулдони пури гул буд. Суханҳои модар ба ёдаш омад, ки вақти рафтан ба мактаб аз пешониаш бӯсида гуфта буд: «Духтаракам, умри дароз бин, имрӯз як мучалро пур кардӣ. Ман ҳам сари ҳолам, аз мактаб бо дугонаат биё, таваллудатро ҷашн мегирем». Дубора хӯриаш омад, ҳасрату алам гулугираш шуд, модарро раҳо накарда бо зорӣ ба навҳагӯйӣ даромад…

Марги муфоҷои модар Санамҷонро обу адо кард. Акнун дастёр шуда буд, метавонист ба модари бемори худ ёрӣ расонад, ғамхорию дилсӯзӣ кунад, вале ҳеч коре аз дасташ наомад. Дигар касеро надошт, ки нозу эркагиашро бардорад, шӯхию хандаҳои бачагӣ фаромӯш шуд. Шабу рӯз, ҳар гоҳе ба ёди модар мерафт, буғзу уқдаи алам гулуяшро мегирифт, ашкҳо шашқатор.

Ғаму ғусса, дилтангии Санамҷон хеле тӯл кашид, як соли тамом азо гирифт. Дар ин муддат падараш ҳам мулзаму пакар мегашт. Зоҳиран, худро гунаҳкор мехонд ва боре ҳам сари дасторхон, бо сари хам аз Санамҷон узр хоста буд: «Духтарам, маро бубахш, наметавонистам ба дарди модарат даво бахшам. Аз даргузашти ногаҳонии маъсума дар азобам». Санамҷон чизе нагуфт, танҳо оби дида рехт. Ӯ ҳанӯз ҳам ҳақиқати ҳолро нафаҳмида буд, намедонист, ки падар қотили модараш аст. Бо вуҷуди ин, рафтору кирдори дағалонаи падар аз ёдаш намерафт, дар мағзи дил ба ӯ нафрат дошт. Баъд аз реҳлати модар низ аз шаробхорӣ даст накашидани падари худбин вайро асабонӣ мекард. Вақте ки медид, маст меояд ва аз баданаш ба хона бӯйи туршӣ, бӯйи нафасгири шароб паҳн мешавад, ӯро чашми дидан надошт, мерафт берун. Гоҳе шарораи меҳр дар дилаш ламъа мезад, мехост ба ӯ илтифоте кунад, ҳарфи ширин гӯяд, аммо забонаш мегирифт. Нафрати ниҳонӣ ҳама падидаи завқу меҳрабониро мағлуб месохт. Аслан парвое надошт, ки падараш чӣ ҳол дораду ба чӣ кор машғул.

***

Ду соли дигар аз ҳаёти Санамҷон чун бод гузашт. Бо мурури замон падараш одати нав пайдо кард. Ӯ рӯздармиён дар чойхона мемонд ва гоҳе низ ду-се шабонарӯз пайи ҳам ба хона намеомад. Боре ду ҳафта гузашту аз падар дараке нест. Санамҷон хавотир кашид. Ҳама якравию беэътиноиро ҷамъ

карду як бегоҳӣ ба суроғи ӯ баромад. Ба эҳтимоли зиёд, дар чойхона аст, дигар ҷое надорад, ки биравад. Ҳама бекору безориҳо он ҷо гирди ҳам меоянд, бо ҳаёҳу, бо ғиреве, ки гӯшҳо вазнин шавад. Ҷону дили падари Санамҷон ҳам ҳангомаҳои онҷост. Дӯст дорад шабу рӯз дар чойхона бимонад, ниммасту нимхушёр қартаю нардибозӣ кунад ё ба ғайбати ину он забон чарб созад.

Санамҷон оҳиста дари чойхонаро боз кард. Рӯйи ду-се кат чанд нафар саргарми қартабозию ҳангомаҳои худ буданд. Бо диққат назар афканд, падараш миёни онҳо наменамуд. Аз ҳама пештар чойхоначии мӯйсафед ӯро дид. Безобитагиашро пай бурда наздиктар омаду пурсид:

– Ҳа духтарам, ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Ба суроғи додоям омадам.

– Додоят кист?

– Холматака.

– Холмат, шогирди худам?

– Ҳа.

– Хуб шуд, ки омадӣ, духтарам. Вай як ҳафта боз касал хобидааст, аз бехи дил месулфад. Ҳозир ҳама кори чойхонаро худам анҷом медиҳам. Ёрдамаш мерасид, сабилмонда, грип аз по афтонд. Ба хона ё ба духтур набарем, намешудагӣ барин, – мӯйсафед Санамҷонро аз роҳрави чойхона гузаронда ба дарун бурд ва аз самти рост дари хонаеро кушода гуфт: – Ту ин ҷо бош, ман Ҳасанбойро мефиристам, бароят кумак мекунад. Додоятро зудтар ба хона бар, духтарам.

Санамҷон дохили хона шуду ҳуш аз сараш парид. Падар ҳоли ғарибонае дошт: бурма шуда, ба ҷомаи куҳнае печида, дар як гӯша дароз мекашид. Садои хир-хири гулуяш равшан ба гӯш мерасид. Дилаш таҳ кашид, аз ғояти ноумедӣ беихтиёр ба чашмонаш ашк ҳалқа зад. Паҳлуи падар нишасту дасти ӯро байни панҷаҳояш гирифт:

– Додо, чӣ шуд? – базӯр лаб ҷунбонд.

– Духтарам, маро бубахш, туро танҳо гузоштам.

– Чаро хона наомадед?

– Ба ту бор нашавам гуфтам.

– Ман зиқ шудам…

– Медонам, духтарам, маро бубахш.

Ҳеч гоҳ дили Санамҷон ба падараш ин қадар насӯхта буд. Ӯро ҳамеша беғаму бепарво медид. Фикр мекард, ба ғамхорӣ, ба сухани ширин ниёз надорад. Аввалин бор ӯро беҳолу музтариб мебинад, маълум ки ба ёрӣ муҳтоҷ аст, аз кардаҳояш пушаймон.

– Додо, хона меравем.

– Наметавонам, мадорам намондааст.

– Ман ёрӣ медиҳам, – гуфт Санамҷон ва бехаёл падарро бардоштанӣ буд, ки дар боз шуду ҷавоне даромада омад. Санамҷон ба ӯ нигоҳ карду лаҳзае карахт монд. Дар пеши назар ҷавонеро медид қадбаланд, бо китфу бозу, тануманд. «Ҳасанбой», – аз дил гузаронд ӯ. Як дам нигоҳҳо радду бадал

шуданд. Ҷавон ҳам, гӯё нахустин бор духтареро ба ин латофат медид, дасту по гум кард, аз хиҷолат ба рухсораш сурхӣ дамид, базӯр ба забон омад:

– Маро бобои чойхоначӣ фиристод, Холматакаро ба хонааш мебарам.

– Раҳмат, ман духтарашон. Бояд тезтар равем, ҳоли додом бад шудааст.

***

Зиндагӣ сахтгир аст. Санамҷон даргири ин сахтгирӣ шудани худро нафаҳмида монд. Кош он рӯз ба чойхона намерафт, кош падараш бемор намешуду Ҳасанбойро намедид. Маҳрумӣ аз меҳрабониҳои модар, ҷудоӣ аз падар кам буд магар, Ҳасанбой низ ба сари ӯ ғурбати бештар бор кард. «Ҳусну ҷамоли ту ёду ҳушама бурдааст, чашмони шаҳлою гесувони хушбӯят шабу рӯз пеши назарам, ҳар як ҳаракат ба ту мезебад, азизам. Туро аз мағзи ҷон дӯст медорам…»-гуфтанҳои ӯ ҳама лоф будааст. Санамҷон афсӯс мехӯрд, ки охирин насиҳати модарашро ба кӯйи фаромӯшӣ супурд. «Духтарам, худата эҳтиёт кун»-гуфтани ӯ беҷо набудааст. «Наход ки мани сода ба доми ин фиребгар афтам, наход ки осонакак таслим шавам», – худ ба худ таассуф мехӯрд Санамҷон...

Баъди гӯручӯб кардани падар ягона муттакояш Ҳасанбой буд. Ба ӯ сахт дода шуда дил дод ва Ҳасанбой ҳам ин боввариро сӯиистифода кард. Ошкоро изҳори муҳаббат намуд ва Худо нахоста, бе фотиҳаю бе ақд коми дил бардошт. Ин шаҳвоният на як бору ду бор, чандин бор такрор шуд. Санамҷон худро пурра ба ӯ бахшида буд. Фикр мекард, Ҳасанбой ёвари ӯст, ҳамсару меҳрабони яктои ӯст, ӯро танҳо намегузорад. Аммо, ҳазор ҳайфу сад афсӯс, ин ҷавон номарду фиребгар, тарсуву лаин баромад. Ба маҳзи ин ки фаҳмид, Санамҷон аз ӯ ҳомила аст, ба ҳарос уфтод, дунболи баҳона гашт ва роҳи гурезро пеш гирифт. Ниҳоят, осонакак ғайб зад, сояашро аз манзили Санамҷон канд.

Рӯзҳо пайи ҳам мегузашту аз Ҳасанбой дарак не. Санамҷон остонаи чойхонаро охурча кард. Аз он ҷо ба манзилҳое мерафт, ки барояш дарак медоданд, аммо аз ин ҷавони бадқавлу берӯ ному нишон набуд, ба ростӣ, гурехта буд ӯ! Санамҷон ноилоҷ умедашро канд. Афсурдаву озурдахотир дар хона монд, мактабро ҳам таътил кард, худашро аз дугонаҳояш дур гирифт. Гӯё ҳама чиз ба назараш хунук метофт – хонаю ҳавлӣ, кӯю кӯча, мактаб, одамон…

Санамҷонро аз ҳоли худ, аз сарнавишти шуми худ нафраташ омад. Афсӯс, бадтар аз ҳама, дигар бокирагӣ надорад, нозу ишваҳои духтариаш намондааст, ишқу муҳаббати ҷавониаш хеле зуд хазон шуд. Дар назди тиреза нишаста, даст ба рӯйи шиками дуҷонаш гузошт ва пай бурд, ки ҳама саргичӣ, беҳолию дилбеҳузуриҳо аз ин. Дар худ андешид: баъдан ҳоли ин кӯдак чӣ мешавад, чӣ сон ба дунё меояд? Сад афсӯс, ҳама лаънат мехонанд, мазоҳ мекунанд, мазоҳ… Ҳарчи зуд аз ин дарди сар бояд раҳоӣ ёфт! Лаънат ба мани содаю гӯл, лаънат ба Ҳасанбой!

## ҒАФЛАТ

Наздики панҷ сол буд, ки ману Ирода заҳру нӯши зиндагиро бо ҳам медидему дар зери як бом умр ба сар мебурдем. Аз ин гирудори муштарак меваи ширину ноз-нозие ба исми Амина дар бағал доштем. Ирода мураббии боғча буд ва бандаи ҳақир посбони мактаби маҳалла. Чӣ гӯям, дар он солҳо банду басти кишвар аз ҳам пошида буду одамон бесаранҷом. Ҳар кас сари гаранги худро ба ҳар сӯроху даре мезад, то қути рӯзгор гираш ояд ва агар роҳе даст медод, ватанро тарк карда ба гӯшае орому осудатар сар мегирифт. Яке базӯр нони хӯрдан мейёфт ва иддае ҳам аз ваҷҳу пули зиёд ар-арию ҷиртоқӣ мешуданд ҳамонанди улоғҳои маст. Шояд ин вазъ ангезае буд барои Ирода, ки гоҳу бегоҳ ғур-ғур мекард ва боре ҳам арзи ниҳон ба рӯ овард:

– Гӯё дилам торс мекафад, аз ин зиндагии якнавохту фақирона монда шудам.

– Чӣ мехоҳӣ?

– Дилам аст сар гирам, равам ба ҷойи дигар!

– Яъне чӣ? Куҷо рафтаниӣ?

– Мехоҳам тую Амина бо ман бошед ва ҳар се равем ба ягон манзили дур. Ба диёре, ки касе аз Самарқанд суроғи моро нагирад. Он ҷо ободу зебо бошад, бо одамони бою бадавлат, масалан, ба як шаҳри Амрико ё Аврупо. Ҷаҳонро медидем, лаззати зиндагиро мечашидем, бачаҳоямон оқилу замонбоб калон мешуданд.

– Дуруст аст, лекин бо кисаҳои пуч то куҷо мерасем? Медонӣ, ин гуна сафар чӣ гуна харҷе дар пай дорад?

– Ҳар чӣ ҳаст мефурӯшем, раҳпулӣ шаваду ҷойи зист пайдо кунем бас. Баъд кор меёбем, машғул мешавем, Худо худаш мерасонад.

– Ба гуфтан осон. Метарсам, ки дар кӯча мемонему маймунҳо ба ҳоламон механданд...

– Як чашмота кушо, ба атроф нигоҳ кун! Аз ҳар сӯ бӯйи қиматию қаҳтӣ ба димоғ мезанад. Ба хориҷа рафтаҳо даста-даста пул меоранд, мо бошем, фақат тамошобин!

Бо ин гуна баҳсу талошҳо чанд бор мағзи сарам орухона шуду гӯшам кар ва анголаки занам ҳам наафтид, ки осуда сар дар болин гузорам. Пас аз туюманравиҳои зиёд, ниҳоят, Ирода ба нияти худ расид. Ҳар чӣ дар хона буд, фурӯхтему харҷи сафарро даровардем ва бо заҳмати фаровон чанд марзу бумро паси сар карда, ба ранҷу заҳру зақуми раҳ тоқат оварда, худро ба диёри хушқиёфаи Олмон расонидем. Иродаи чусту чолоки ман шаҳраки орому хилвати Ораниенбургро дар наздикии Берлин ихтиёр кард. Пӯшида намонад, ба Олмон омадани мо бесабаб набуд. Ҳамсарам то ҳадде забони немисиро медонист, ба гуфтаи худаш, дар мактаб устоди хуб доштааст ва чанд муддат худомӯзӣ ҳам кардааст. Ман қоил будам, ки ӯ бо ин нимкоразабони худ дар миёни одамони ноошно роҳ мейёфт, мақсадашро мегуфт, бесобиқа ба обу ҳавои нав унс мегирифт. Он рӯзҳо хурсандии ҳамсарам ҳадду канор надошт, ҳар замон маро ба оғӯш кашида сипосгузорӣ мекард:

– Ту дилу ҷони манӣ, азизам, маро хушбахт сохтӣ! Ин орзуи деринаи ман буд, ниҳоят ба додам расидӣ.

– Аммо ман дар хавотирам, Ирода.

– Чаро охир? Ҳама рифоҳу озодӣ дар кафамон, ҷойи нигаронӣ нест!

– Бояд кор кунем, дар ҳоле ки ман як посбон будам. Ту ҳам ин ҷо ба кӣ мураббӣ мешавӣ?

– Ҳамин посбонии ту беҳтар. Агар инженеру доктор мебудӣ, аз бекорӣ ё кори паст руҳат азоб мекашид. Дар айни ҳол ихтиёр бо худат, ҳар коре мехоҳӣ бикун! Кӣ медонад, ки фаррош ҳастӣ ё ҳаммол, хизматкор ҳастӣ ё даллол?!

– Яъне чӣ, мехоҳӣ зери пойи касеро тоза кунам, ғуломи касе бошам ё…

– Чӣ фарқ дорад? Ман ҳам чунин корҳое хоҳам кард. Пул ёбем бас нест магар? Кӣ моро мешиносад? Агар бихоҳӣ, ба Самарқанд пайғом мефиристем ва мегӯем, ки ту дар ширкати бузурге кор мекунию ман ҳам котиба…

Ин баҳсҳо буду як моҳу анде пас, вақте ки ҳамёнамон хост бо бод дилхушӣ кунад, Ирода дар як ресторан ба ҳар дуямон кор ёфт. Ресторани калоне буд ва ман  фаршу мизҳоро тоза мекардаму Ирода зарфҳоро мешуст. Ҳарчанд бо пайдо шудани кор ҳавлу шӯри дилҳо ором гирифт, аз сӯйи дигар мушкилие даст дод, ки наметавонистем бароҳатӣ ҳар ду машғул бошем. Чун саҳарӣ ба кор рафта то нисфи шаб банд мешудем, маҷбур будем духтари хурдсоли худ – Аминаро дар манзил танҳо гузорем. Чанд рӯз бо навбат, гоҳе ман ва баъзан Ирода саре ба хона зада, ба ҳолу хӯрду хоби вай мерасидем. Вале ин ҳол наметавонист дер пояд, агар соҳибкор пай мебурд ҳатман ҳар дуи моро ҷазо медод. Аз ин хотир, аз пайи ҷустуҷӯйи парастор шудем, ба ин қарор омадем, ки Аминаро пеши касе гузорем. Ба бахти мо, чанд рӯз гузашту аз ҳамсояҳо як пиразани олмонӣ рӯйи хуш дод ва бо мувофиқати дастмузди ночизе духтарро ба ӯ супурдем.

Ҳар рӯз хеле дер, нимаҳои шаб ба хона бармегаштему Аминаро аз пиразан мегирифтем. Чанд дақиқа ҳузури моро пай мебурд, он ҳам дар ҳолате, ки хоболуд буду навозишҳои моро ҳис намекард. Аз ин ҳол ман нороҳат мешудам, қаъри дилам сиёҳ буд. Ирода бошад, мехост ин буғзи маро шиканад:

– Ҳеч гоҳ хавотир накаш, ҷойи духтарамон нағз аст. Пиразан ҷони одам, тарбия мекунад.

– Аз ҳамон тарбия дилам ғаш аст. Метарсам, ки духтарамон бегона, моси маданияти ин ҷо калон мешавад.

– Ин хуб аст, Амина замонавӣ, ҳушёру доно ба воя мерасад, диду назараш тору танг намемонад...

Ба ин минвол, дар Олмон мондему худамон бехабар, аз умрамон дувоздаҳ соли дигар гузашт. Аминаро аз дасти пиразан гирифтем, ӯ бузург шуда буд, дигар ниёзе ба парастору ҳамроҳ надошт. Тайи ин муддат Ирода сари ҳол мегашту ман гирифтори хаёлоти печида ва руҳияи шикаста. Ба гуфтаи ӯ, духтарамон ҳам хеле «озоду замонавӣ» бузург мешуд, бо шеваю хислатҳои урупоӣ! Воқеан, дар ӯ заррае одоби тоҷикона намедидам: на ба

забони модарӣ хуб ҳарф мезад, на либоси маҳрамона дошт, на дилсӯзию илтифоти духтарӣ. Аз рафтору муомилаи хунукаш гоҳе ба танг омада танбеҳ доданӣ мешудам, аммо куҷо! Парвое надошт, ки ман кистаму чӣ мегӯям. Бепарвоёна, рӯ ба рӯям истода, гап ҷавоб медод ва ҳатто бо итоб мегуфт, ки ту ҳақ надорӣ ба ман насиҳат кунӣ! Боре, дар як рӯзи истироҳат ӯро ба хотири пероҳану домани кӯтоҳаш, ки сари дилу нофу поҳои баландаш то сон ба чашм мехӯрданд, дами дар нигаҳ доштам ва нагузоштам, ки бо ин намо ба сайругашт равад. Вале духтар бо шӯр маро тела дода, ба сарам дод зад:

– Дилам хоҳад лучу урён ба кӯча мебароям, ба ман зӯрӣ накун!

Аз беодобии ӯ сахт асабонӣ шудам, дар ниҳояти ғазаб як торсакӣ ба рӯяш фуровардам. Бале, духтарамро торсакӣ задам, вале аз куҷо донам, ки он силӣ бароям хеле гарон тамом мешавад. Маҳз ҳамон вақт бо дили ноҳинҷору хуноб яқинан дарк кардам, ки ман дар як кишвари бегонаам ва фарзандам низ дар фазои дигар бузург шудааст, миёни мо алоқаи тоҷиконаи падарию духтарӣ вуҷуд надорад. Оре, ба хотири ҳамон торсакӣ духтарам ба полис хабар дод ва бар замми ӯ, Ирода ҳам маро дар пеши полис маломат кард. Аз пайи шикояти «азизони худ» ноилоҷ ҷаримаи ҷонгире пардохт кардаму аз шарри «пуштибонҳои ахлоқу қонун» озод шудам. Дигар маҷбур будам ҳама нозунузи духтару ҳамсарамро бардорам, бо ҳар гуна хулқу атвори онҳо муросо кунам то замоне, ки воқеае пеш омад дилхароштар…

Густохиҳояш кам буд магар, духтарам пас аз чанд рӯз пойи худро аз хона канд. Ирода ҳам ба ташвиш уфтод ва маро водор кард ба суроғаш бароям. Тахмин мекардам дар хобгоҳи коллеҷ бошад, чун аксари ҳамкурсони ӯ он ҷо хобу хез доштанд. Бе дудилагӣ ба он ҷо рафтам, гумонам дуруст баромад. Дар даромадгоҳи коллеҷ як гурӯҳ ҷавону духтар ҳалқа зада гарми суҳбат меистоданд ва духтари ман низ миёни онҳо буд. Писарбачае муҳкам аз камари ӯ медошт ва дасти Амина низ ҳамоил ба гардани он ҷавон. Каме дасту по хӯрдам, беихтиёр ҳис кардам, ки сурхиҳоям рӯ мегирад. Бештар аз қиючув ва шаклу шамоили онҳо, ба хусус, аз либосҳои тангу кӯтоҳи духтарон хушам наомад. Бо ғазаб садо задам:

– Амина!

Духтарам овози маро шуниду саравват бо тааҷҷуб ба сӯям нигоҳе афканд ва гӯё касе ӯро маҷбур мекунад, бо дили нохоҳам ба сӯям қадам бардошт.

– Куҷоӣ, духтарам, чаро хона наомадӣ? – базӯр қаҳрамро фурӯ бурда пурсидам.

– Он ҷо зиқ шудам, дар хобгоҳ вақтам хуш мегузарад. Ба ман хона доданд, ҳамраҳам низ бачаи нағз.

– Бачаи нағз? Яъне бо писарбачае ҳамхонаӣ?

– Чӣ шудаст, ҳама ҳамин хел.

– Зуд ба хона баргард! – оташин шудам. – Имрӯз сари шом дар хона бинам!

– Не! – ба чашмонам теғ кашида ҷавоб дод ӯ. – Ҳақ надорӣ маро маҷбур кунӣ!

Дидам авзо бадтар мегардаду бо зӯрӣ намешавад ин духтари саркашро ба роҳ даровард, бо мушкилӣ ғазабамро ба дарун хӯрда, бо мулоимат гуфтам:

– Духтарам, охир айб аст, ману модарат зинда…

– Айб чӣ? Дувоздаҳ сол фикре ҳам накардӣ, ки куҷояму чӣ кор мекунам, акнун ғами маро мехӯрӣ? Вақте ки ба дасти пиразани бегона гузоштӣ ҳушу ҳавосат дар куҷо буд? Чаро намехоҳӣ, ки бо майли дилам зиндагӣ кунам, магар ман кӯдакам? Ҳар кӣ ҳам бошӣ, хоҳиш мекунам, маро ба ҳоли худам гузор.

– Духтарам, фаромӯш накун, ту аслу насаби самарқандӣ дорӣ, як мусалмонӣ. Наход нафаҳмӣ, ки ҳама рафторат зидди суннатҳои мост?

Амина писханде заду гуфт:

– Самарқандӣ? Мусалмон? Ту ба касе, ки аз сесолагӣ дар Олмон зиндагӣ карда, бо оину фарҳанги ин ҷо ошно шудаву хӯ гирифтааст, мегӯйӣ мусалмон? Агар падари дилсӯз мебудӣ, худат гӯ, чӣ чизе аз он суннатҳо, аз он мусалмонӣ ёд додаӣ ба ман?

Суханҳои ӯ ҷигарамро сӯзонд. Намедонистам чӣ посухе диҳам, чӣ кор бо ин духтари густох кунам. Он лаҳза, шояд барои нахустин бор, ба хубӣ ҳис кардам, ки аз тарбияти духтарам дар ғафлат мондаам. Ӯ, дар воқеъ, касе буд дорои одобу муомилаи дигар, на тоҷикона...

Пас аз он бархӯрд  чанд моҳ гузашт, аммо Амина ба хона барнагашт. Ба сухани модараш ҳам гӯш надод, гӯё ба куллӣ аз мо даст кашида буд. Вале ноoромӣ ва фикру хаёлоти мағшуш майнаи маро ором намегузошт.

– Ин буд орзуи ту? – як шаб аз ниҳояти дилтангӣ бо зарда пурсидам аз Ирода. – Ҳаминро мехостӣ?

– Албатта, не! Ба гӯшаи хаёлам ҳам наомадааст, ки рӯзе духтарамон моро тарк мекунад. Вале боз ҳам норизо нестам, Амина зиндагии нав ёд мегирад.

– Зиндагии нав?! Яъне духтари понздаҳсола падару модарашро тарк мекунаду бо бачаҳои дигар ҳамоғӯш аст?

– Ин тавр нагӯ, – нороҳат шуд Ирода, – магар намебинӣ, ки ин ҷо одамон аврупоӣ ҳастанд, ҳаёти ҳамаашон ба ҳамин шакл. Медонам, Амина бо писаре ҳамхонагӣ дорад ва ин ҳамзистиро чун як расми маъмулии омӯзишгоҳ мехонанд. Фаромӯш накун, ки духтари мо низ донишомӯз аст!

Ба Ирода нигоҳи хашмолуде афканда гуфтам:

– Сад афсӯс, фикр мекардам ҳанӯз хуни самарқандӣ дорӣ.

– Дуруст, ман тоҷики самарқандиам, аммо равшанфикру озод, на мутаассибу ақибмонда!

...Рӯзҳову ҳафтаҳо мегузашту роҳате дар зиндагӣ надоштам, баҳсҳои ману Ирода тамом намешуд. Аслан наметавонистам бо фикру андешаҳои ӯ муросо кунам. Ба хусус, ҳар гоҳ мехост Аминаро сафед кунад ва худашро бофарҳанг нишон диҳад, хунам ҷӯш мезад, ба ғазаб меомадам. Дигар, бо мурури замон ҷойгаҳи муштарак бароямон танг шуд. Бо иродаи худ Ирода низ маро тарк карду рафт. Пай бурдам, ки чизе бароям боқӣ намондааст, ҷуз як духтари ғарбзада ва ҳамсаре худбохта. Ангезае барои мондан дар Олмон

надоштам. Қарор кардам ба Самарқанд баргардам, аммо боз ҳам дилам нашуд. Ҳанӯз аз духтарам нигарон будам, ҳеч ёду хушам қабул намекард, ки ӯ дар кишвари бегона монад, дар оғӯши ҳоюҳавасҳои бемаънӣ. Аз ин рӯ, аҳд намудам то аз дастам меояд, ба ӯ наздикӣ ҷӯям, меҳру самимияте дар ӯ бедор кунам.

Ба одати маъмул, як шаб бо ёди Амина ба самти хобгоҳ роҳ пеш гирифтам, худам намедонам, поҳоям маро ба он сӯй мекашид. Ҳамин ки аз майдончаи назди қаҳвахонаи «Модерн» мегузаштам, нохост дар пардаи тирафоми шаб, ки бо чароғҳои хиёбонӣ гусаста мешуд, шаклу шамоили духтарамро дидам. Бо чӣ забоне гӯям, ӯ хуморӣ буд! Бо як даст овезон бар гардани ҳамон ҷавони ошно, ки ҷуссаи лӯндаю мӯҳои дароз дошт, аз дари қаҳвахона берун меомад. Дар ғазаб шудам, худ аз худ муштҳоям гireҳ хӯрданд. Ҳеч гоҳ Аминаро ба ин дараҷа паст надида будам. Сабрам аз даст рафт, дар ҳоле ки намедонистам чӣ кор мекунам, худро ба онҳо расонда, бо ғазаб аз гиребони ҷавон гирифтам ва бо ҳар қуввате, ки доштам, ӯро кӯфтам. Доду фиғон ба осмон печид, фурсате нагузашта посбонҳои шабона расида омаданд ва моро ба идораи худ бурданд...

Дар зиндагӣ ба гӯшамон чун мум рехтаанд, ки ба унвони марди хонавода мураттаб посдори шарму ҳаё ва покдомании занону духтарони худ бошем. Ин покдоманӣ ё иффат мартабаи руҳиву равонии ҷинси латиф аст, ки покиву сафои оиларо муҳайё месозад. Бо ин андеша будам, ки маъмурони полис аз ман ҷонибдорӣ хоҳанд кард, охир ман ба ҳимояи шарафи духтарам бархостаам! Аммо, қазия ранги дигар гирифт, дарёфтам, ки зиндагии мо дар ҳама ҷо яксон нест. «Ин мард бесабаб пеши моро гирифт, дӯсти маро бо мушту лагад зад»-гуфта, гувоҳӣ додани духтарам низ равғане буд, ки ба сари лахчаи оташ рехт. Маъмури идораи полис пайрави даъвои ҷавон ва гувоҳии Амина маро боздошт намуд. Дар асорат ба ҳоли шуму ғарибона хандаам омад, сахт дар шигифт мондам, барои худ меандешидам: «Наход ки духтари худам то ин ҳад бефарқ шудааст?! Магар мумкин аст одам бегонаеро аз падари хеш бартар шуморад?!» Аз тақдир ҷойи гурез нест, ин пешомад буду рӯзи дигар маъмури полис ҳуҷҷатҳои маро ба додгоҳ фиристоданӣ шуд, аммо бо ҳазор илтимосу зорӣ, ҳар чӣ пули захира доштам, ба унвони ҷаримаи нақдӣ пардохт кардам ва дар ҳамон ҷо корро хобондам. Сипас, бо сари гиҷ, аз ҳар гуна ғуруру пуштибонӣ даст кашида, анҷому васоили доштаамро фурӯхтам ва дар аввалин фурсат роҳи Самарқандро пеш гирифтам…

***

Инак, муддате чанд гузаштаасту ин ҷо, дар ватани худ ҳамроҳи аҳли пайванду дӯстонам зиндагӣ дорам. Аз ҳавои ботаровати шаҳри биҳиштӣ чуқур-чуқур нафас мекашам, осуда хобухез мекунам, дар миёни одамони шинос зиста аз лаззати одобу муоширати дилнишин сер намешавам. Худоро шукр мегӯям, ки аз ғурбат, аз «фарру шукуҳ»-и ноошно роҳат шудаам. Гарчи ҷудоӣ аз ҳамсару духтарам бисёр дардовар аст, аммо дидани ҳамватанони

хунгарму баору номус ва бархӯрди самимонаи онҳо бори ғуссаро аз дӯшам сабук мекунад. Вақте ки Самарқанду мардуми худро бо он кишвар муқоиса мекунам, мебинам, ки тафовут аз замин то осмон аст, ба вижа, сафою вафои ин ҷамъиятро дар ҳеч ҷойи дунё наметавон пайдо кард! Афсӯс, Иродаю Амина аз ин нукта дар ғафлат монданд ва ман ҳам дар зиндагӣ ғофил будаам, ки бо бесарӣ натавонистам онҳоро сари вақт ба роҳи рост барам.

## БАЪД АЗ БЕМОРӢ

Таънаю маломатҳои хонаводааш то мағзи ҷонам расида буд. Ҳарчанд зӯр зада ҳолӣ карданӣ[1] мешудам, ки бемории ӯ на ба ман ва на ба каси дигар рабте дорад, ба суханам аҳадунносе гӯш намедод. Падари бовиқораш мудом наҳ мезад, ки «надонистам дарунат пӯку пӯсида аст, хӯрокат дӯғобу гилемат пӯстаки буз! Духтари нозанинам аз дасти туи ношуд нотавон шуд!» Модари меҳрабон ҳам ба табли шавҳар мерақсид: «Духтарамро обу адо кардӣ, садқаи шавҳар шав, нобакори коҳил!» Чӣ метавонистам бигӯям?! Бо дилозурдагӣ фақат ба Шамсия умед мебастам, аз Худо мехостам, ки ҳарчи зуд сиҳат шаваду ба по хезад. Аз сӯйи худ, Шамсия ҳам аз бархӯрди падару модар хиҷолат мекашид, мехост онҳоро бовар кунонад, ки ман ҳеч айбе надорам, аммо дасти ӯ кӯтоҳ буд...

Ду сол мегузашт, ки ману Шамсия бо ҳам мезистем. Аввалҳо аз бетобӣ шиквае надошт, солиму сари ҳол зиндагӣ месохт. Вале бо мурури замон, зуд-зуд заифу бедармон шуданаш маро ба изтироб андохт. Бештар поҳояш ба ӯ итоат намекарданд, аз дасти сустӣ беихтиёр дар ҷо нишаста мемонд. Зери чашмонаш кабудча метофт, чеҳрааш афсурдаю андуҳгин. Ҳарчанд ба пурсуҷӯям «ташвиш накаш, мегузарад»-гӯён диламро пур карданӣ мешуд, пай мебурдам бемории сахте ӯро фарогир аст. Боре чашмам уфтод, ҳамин ки мехост аз дари ошхона берун ояд, лағжида ба замин нишаста монд. Гарчи мехост аз дару девор дошта худро сари по нигаҳ дорад, натавонист. Давида аз бағалаш гирифтам:

– Азизам, ба ту чӣ шуд? Куҷоят дард мекунад? – пурсидам аз ӯ.

– Сарам гиҷ рафт, миёнам кашол, гурдаҳоям об шудаанд-магар, – беҳолона пичиррос зад  вай.

Ба духтур бурдам. Ҳамоно муоинаю озмоишҳо сурат гирифт ва сахту пури намак шудани гурдаҳои азизамро эълон карданд. Дилам барояш сӯхт. Аз пайи дастури духтур ба хотири муолиҷааш бо сар давидам, ҳар дорую давое, ки зарур буд, барояш муҳайё сохтам. Худам ба пухтани ғизоҳои парҳезӣ дасту остин барзадам. Албатта, ба бозор баромадани Шамсияро ба куллӣ манъ кардам. Ҳарчанд аз бозор даромади хубе дошт ва ҳеч намехост аз фурӯши картошкаю пиёз даст кашад, ман ба ин кор роҳ надодам. Бароям тандурустии ҳамсару ҳамрозам аз ҳама чиз авлотар буд.

Бо вуҷуди ин ҳама ғамхорӣ, магар мешуд пеши касеро, ки ошиқи бозор аст,  гирифт? Оё мумкин буд ӯ хонанишин шавад? Не, таъкидҳои ман мисли

[1] **Ҳолӣ кардан** – талқин кардан, фаҳмонидан

боде аз буногӯшаш гузашт ва ӯ баҳона пеш овард, ки дар хона зиқ мешавад, агар ба ҳавои тоза набарояд, ҳатман сар ба болин хоҳад монд. Зани якрав каме ба худ омада, дубора ба оғӯши бозор шитофт. Аз субҳ то шом савдо ва сарборӣ – хонадорию пухтупаз. Ин ҳама давутоз маро бештар нороҳат мекард, аз ӯ сахт дар хавотир будам.

Ниҳоят, Худо нахоста, омад ба сарам аз он чӣ метарсидам. Вақти зиёде нагузашта дарди гурдаҳои Шамсия хуруҷ кард. Ин бор хастагӣ чунон азияташ медод, ки ҳатто ёрои сари по рост истодан надошт, аз шиддати дард базӯр нафас мекашид. Боз рафтем суроғи духтур. Ин дафъа коғази озмоишу аксбардориҳо тӯлонитар буд, бо чӣ забоне гӯям, намакҳои пештара санг шудаанд! Безобитагӣ аз ҳад гузашт. Бо шитоб аз рӯйи нусхаи духтур давидам, ҳар гуна дорую давое буд фароҳам овардам. Ҳозир будам ҳар чӣ ҳаст харҷ кунам, то Шамсия хуб шавад. Бо ин ҳол, талошҳоям зоеъ мерафт, доруҳои харидаам чандон натиҷа намебахшид...

Ҷойи ҳар рӯзро фардо мегирифт, вале дарди Шамсия намехост ҷой иваз кунад. Аз ин ҳоли ӯ аҳли хонаводааш сахт ранҷур буданд. Мудом санги маломат меандохтанд, ки духтарашон дар хонаи ман хушбахт нест. Дар воқеъ, коре аз дастам намеомад, ҳақ бо онҳо буд. Охир, мани ҳақиру камбизоат ба унвони як корманди содаи давлат магар метавонистам ҳамонанди падарарӯси бозаргон зиндагии пурборе дошта бошам? Чӣ ҷойи пинҳон кардан, кори бозори Шамсия низ мадади хубе буд барои харҷи хона, вале бо он ҳам якамон ду намешуд. Новобаста аз ин, мо якдигарро хеле дӯст медоштем. Шамсия ҳеч гоҳ гила ё эътироз намекард, аз аввал медонист, ки бо кӣ арӯсӣ кардааст. Дар овони хурдӣ ба ҳамдигар унс гирифта, дасти муҳаббат ба ҳам додаем. Бешубҳа, ӯ метавонист издивоҷи беҳтаре дошта бошад, аммо қарор дод бо ман хонадор шавад. Ман ҳам розӣ будам, зеро дар иваз зани хубу меҳрабоне дар бар доштам. Агар ин беморӣ ба суроғаш намеомад, шояд беҳтарин ҳамсарони олам мо будем!

Рӯзҳо пайи ҳам мегузашту ба ҳар навъ пули доруворияшро медодам. Рости гап, ин бемории Шамсия танҳо як сари калобаи саргиҷиҳои ман буд. Аз сӯйи дигар, суханҳои талху нешдори падару модараш маро дилтангу беҳол мекард. Мураттаб мегуфтанд, ки дардмандии духтарашон аз мани ношуд аст. Таҳаммули ин таънаҳо хеле сахт буд, кам-кам тоқатамро аз даст медодам. Мехостам ба сари ҳама дод занам, диламро сабук кунам. Бо вуҷуди ин, ба хотири Шамсия лаб фурӯ баста, дам дар дарун мегаштам. Ниҳоят, косаи сабри ҳамсарам низ лабрез шуд. Ӯ аз суханҳои талху ҷонгири хонагиҳояш ба танг омад ва аз ман хоҳиш кард вайро ба манзили падараш барам. Гуфт, ки шояд он ҷо барояш беҳтару бештар ғамхорӣ кунанд ва ӯ рост ҳам мегуфт. Аз пайи дардҳои ҷонкоҳи гурда рӯз ба рӯз нотавонтар мешуд, аз фалаҷ шудан хеле метарсид. Дар ноомади кор, агар гурдаҳояшро амал мекарданд[2], харҷи ин кор дар тавони ман набуд. Аз ин рӯ, ман ҳам исрор накардам, ки пешам бимонад. Худам ӯро ба хонаи падараш бурдам…

[2] **Амал кардан** – ҷарроҳӣ кардан

Дармону даво ба наҳви аҳсан пайгири Шамсия шуд. Азизи дилам дур аз дидаҳои ман дар дасти яке аз беҳтарин духтурони шаҳр, ки падараш гузошта буд, ба муолиҷа пардохт. Мегуфт, ҳар рӯз гарону нодиртарин доруҳои хориҷиро масраф мекунад. Хушбахтона, ҳолаш ба беҳбудӣ рӯ овард, ки ман аз ин ҳам хушҳол будам, ҳам дар хиҷолат. Воқеан, ҷое, ки пул ҳаст, муҳаббат ҳечкора аст. Падараш аз харҷе худдорӣ намекард, маблағи зиёд пардохта саломатии Шамсияро мехарид. Медонистам, агар дар хонаи ман мебуд, ҳаргиз ин расиданҳо аз дастам намеомад.

Шабу рӯз бо ёди Шамсия будам ва дар поёни кор, худ аз худ, пою дилам ба сӯйи ӯ кашол мешуд. Бо чӣ забон гӯям, ки ҳанӯз аз остонаи падарарӯс по ба дарун нанинҳода, бархӯрди сарду хашми хонагиҳояш маро пас мезад. Дилгиру руҳафтода аҳд мекардам, ки дигар наоям, ба ҳиҷрону ҷудоӣ таҳаммул кунам. Эҳ Худоҷон, ин фироқ бароям сахт буд, ёди дӯстдори ягонаам маро ором намегузошт, дилам барояш танг мешуд...

Як сол аз миён гузашт, ки дар назари ман чун сад сол метофт. Шамсия дар хонаи падариаш хушхӯрӣ мекарду мани танҳои дамдардарун ғуссахӯрӣ. Ин фироқ кам буд магар, одамонаш исрор мекарданд, ки мо аз ҳам ҷудо шавем. Мани дасткӯтаҳ шавҳари лоиқу арзанда набудам, барои ҳамзистӣ ҳаққу ҳуқуқе надоштам. Агарчи ба дилдодаам умед мебастам ва аввалҳо дар хусуси қатъи издивоҷ аслан фикр намекардам, аммо бо мурури замон вазъиятро ба тарзи дигар дидам. Зоҳиран, чунин менамуд, ки Шамсия низ ба ҷудоии мо розӣ аст. Охир, тамоми рӯз падару модараш дар хусуси ман бадгӯйӣ мекарданд, аз белаёқатиҳоям мегуфтанд ва албатта, ӯ мутаассир мешуд. Беҳтар шумурдам, ки ҳам худамро ва ҳам ӯро аз ин даргириҳои руҳӣ раҳо кунам. Ҳарчанд мушкилу ғамангез буд, ба ҷудоӣ розӣ шудам.

Падари Шамсия болу пар баровард, барои пас гирифтани нури чашмони худ аз даргоҳи тори домоди нотавон миёнашро муҳкам баст. Мани сархам аз пайи вакили ӯ ба додгоҳ рафтам, ҳар чӣ гуфт, эътирозе накарда ба ҷо овардам ва ба зери ҳама коғазу расиду санад имзои олуда бо хуни дилро гузоштам. Аҳёнан пеши дидагонам хира мешуд, дар мағзу ҳушам хаёлҳое мепечид: «Ба зудӣ қарори додгоҳ мебарояд ва онро мебарем ба идораи ақди никоҳ. Фурсати ҷудоӣ фаро мерасад, мани бенасибшуда аз бахти комил ҳамсари хубу меҳрабонамро барои ҳамеша аз даст медиҳам. Вой ҷонам, омода бош, ки ин ғами сахтесту ҳузновар! Эъ, чаро ғам? Не, ҷонам, хурсандӣ бояд кард, охир, азизи ман шифо меёбад, аз дарду озор наҷот меёбад! Бо ман намемонад, вале солиму сари ҳол мемонад! Бале, фориғ аз дардҳо, ки ин бахти ман аст!»...

Он рӯзи дилозор аз нисф гузашту ҳукми додгоҳ омода шуд. Монда буд имзои Шамсия, ки ҳама чашм ба роҳи ӯ будем. Баъд аз дилтангиҳои беҳад чашмам ба дари даромадгоҳ уфтод ва ӯро дидам. Ингор парии афсурдаҳол, вале нурбору дилрабо рӯ боз мекард, рӯйи зинаҳо чида-чида қадам мегузошту боло меомад. Ҳолаш хуб буд, аз чеҳраи беморгунае, ки дар зеҳнам рахт баста буд, нишонае ба назар намерасид. Ӯро сари ҳол дидаму хушҳол

шудам. Ӯ бошад, дар худ гирифта ва андешаманд менамуд. Ба саломи мани музтар, ки ба пешвозаш нимхез шудам, бо қавоқҳои овезон арз кард:

– Аз ман безор шудед? Ин қадар осон ба ҷудоӣ розӣ будаед, чаро зудтар нагуфтед?

Ман лолу гаранг мондам. Базӯр ба забон омада пурсидам:

– Магар худат нахоста будӣ?

– Ба гӯшаи хаёлам ҳам наомадаст!

– Маро бубахш...

Вакил баргаи ҳукми талоқро ба дасти Шамсия дод. Гӯё лаҳзаи дилозор тӯли даҳҳо солро дошт, ҳама чашму гӯш ба ҳаракату суханҳои Шамсия шуда буданд...

Бар хилофи интизории ҳозирин, дар назари ҳама лаҳзаи нигаронкунанда ба поён расид ва баргаи ҳукм яке дар миёни ангуштони нозуки таранг пора-пора шуд ва бо як ҳаракати озод тиккаҳои коғаз ба ҳаво пош хӯрд. Дидаҳои пур аз меҳру меҳрабонӣ ба сӯйи мани лолу карахт дӯхта шуданд:

– Илтимос, маро ба хонаи худамон баред, – гуфт азизи дилам, ки садояшро гӯё дар хоб мешунидам.

Медидам, ки аз ин амали ӯ ҳама дар анг монданд, касе ёрои ҳарф задан надошт. Ман низ ба худ омада, хомӯшона ба ӯ даст додам ва бо ҳам ба берун рафтем. Роҳравон ҳис мекардам, ки ҳам хушҳол ҳастаму ҳам ларзае танамро фаро мегирад. Ҳарчанд ба оғӯшам баргаштани гулам маро хурсанд месохт, ҳамзамон хаёле ҳеч аз майнаам дур намешуд, ки гӯё ба дармони ӯ пул намеёбаму дубора даъвою баҳсҳо аз роҳ мерасанд. Аммо Шамсия дастамро муҳкам дошта, бо қатъият қадам мебардошт, маълум буд, ки барои ӯ ману хонаам ва зиндагиамон аз ҳама чиз азизу авлотар аст!

## ҚАЛБҲОИ ХАРОШИДА

Яке аз рӯзҳои доғи тобистон буд, ки онҳо омаданд. Омаданд бо ҳаёҳу, бо ғирев, ҳамроҳ бо гулдурроси ваҳмангези мошинолоти бузург, кафиҳои ба пушт булдозеру экскаватор гирифта, бо таҷҳизоти аҷоибу ғароиб...

Чанде нагузашта, бо расидани онҳо таркишу садоҳои нобаҳангом дар гузари поини деҳа ҳамаро ба по хезонд, ба хусус, бачаҳои кунҷковро бо давутози бештар ба сӯйи худ кашид. Ҳар кӣ дар хона буд худашро ба берун зад, барои ошноӣ бо сарусадоҳои тоза. Ҳатто баррачаю бузғолаҳои беғами лаби сой рамида ба тарафи молхона давиданд ва аспу хари ба сутун бастаи бобоям гӯшҳои худро сих карда, беист думу почак мезаданд. Аз пайи селаи гунҷишкакон ду адад шонасараки муғамбири ман низ дар лонаашон беҳузур шуданд ва аз миёни шохаҳои тути канори ҳавлӣ бо ҳарос бол афшонда ба парвоз даромаданд…

Он рӯз ба деҳа омадани малламӯйҳои коршинос касеро нороҳату андешаманд насохта буд, ба ҷуз падари ман ва ду-се дӯсти ҳамрози ӯ. Падарам рангпарида бар рӯйи суфаи ҳавлӣ менишаст ва сари худро байни дастонаш гирифта, бо чашмони нимабоз асири фикру хаёл буд. Аз ҳолати ӯ

тааҷҷуб кардаму дар худ ҷӯё шудам: «Чаро падари ман андуҳгин аст, дар сурате ки ҳама суҳбати тозаомадагонро доранду бо завқи тамом аз тавоноӣ, аз дастгоҳолоту таҷҳизот ва кори онҳо таъриф мекунанд? Аз чӣ ӯ дилвопас аст?» Дар канори суфа нишаста пурсидам:

– Додо, урусҳо барои чӣ омадаанд? Шумо чаро ғамгин менамоед?

Пилкҳои чашмонаш боло-поин шуданд, хаёлолуд ба сӯйи ман нигоҳе афканд, аммо чизе нагуфт.

– Чӣ кор карданианд? – бетоқатона пурсишамро такрор кардам ман.

– Омаданд, ки деҳи моро хароб кунанд, – ниҳоят бо нороҳатӣ арзи дил намуд ӯ, – мекананд, ҳама ҷоро ҷару ҷӯ мекунанд, сарвати деҳро мебардоранд ва… мераванд.

Бо тааҷҷуби бештар, кунҷковона ҷӯё шудам:

– Сарват, яъне чӣ?

– Оре, писарам, сарват! Дороие, ки садҳо сол дар зери замини мо хобидаву дар мушкилтарин айём ҷони одамонро харидааст, – оҳи бадард кашид падарам ва сараки пӯпилакдори носкадуяшро, ки дар байни ангуштонаш ба бозӣ меандохт, боз карду як каппа нос кашид ва аз ҷо баланд шуда, ба кафи дасташ пуф-пуфкунон ба сӯйи боғ роҳ пеш гирифт.

Нисфирӯзӣ, ҳаво гарм. Модарам дар сояи воиши ток, рӯйи суфаи ҳавлӣ дасторхон паҳн карда буд, омодагӣ дошт ба мо чою наҳор диҳад. Падарам ва додару хоҳаронам ҳам як-як ҷамъ мешуданд. Ман обхӯрии сирдорамро, ки пури арзан буд, ба даст гирифта, тозон ба болои дарахти тут баромадам, назди шонасаракҳоям. Яке дарҳол ба китфам нишаст ва дувумӣ ҳам бесаброна ба қуттичаи холӣ, ки васати лонааш буд, беист нӯл мезад. Арзани обхӯриро дар қуттича рехта, ҳар ду шонасаракро хорумол кардам ва аз нав ғарқи тамошо шудам. Ба қуттича тез-тез нӯлзанон дон чидани онҳо манзараи ҷолибе буд. Тамоми бадан – аз пӯпакҳои сар то охири дум алвонҷ мехӯрд ва бо зебоии худ, ки синаи норанҷирангу болу думи ало бо хат-хатиҳои сафеду сиёҳ доштанд, хеле мафтункор ба назар мерасид. Модарам мегуфт, шонасарак парандаи бахосият аст. Як замон кокули бодбезакшакли вай тиллоӣ будааст. Одамони гурусначашм ҳамеша бо мақсади даст ёфтан ба он пӯпии қиматбаҳо дунболи паранда мегаштаанд. Аз ин дунболгирӣ ба танг омада, боре як села шонасарак ба ҳузури Ҳазрати Сулаймон мераванд ва хоҳиш мекунанд, ки онҳоро аз пӯпии заррини пешонӣ раҳо созад. Ҳазрат ба додашон мерасад ва ба ҷойи пӯпӣ тоҷе аз парҳои хушранг медиҳад. Маҳз ҳамин кокули пешонӣ ҳамеша завқи маро меовард. Чандин бор дида будам, ки дӯстони ман агар аз чизе тарсида нороҳат шаванд, ё ҳар гоҳ ба замин ё ба рӯйи шох фуруд меомаданд, дарҳол нӯли борику дарози худро рост карда, кокули парешонро ғун дошта, ба самти боло мекашиданд. Вақти ба поин омадан онҳо болҳои худро чунон паҳн мекарданд, ки гӯё парвонаи бузурге аз парвоз бармегашт. Дар назар суръати хеле кам доштанд, аммо мурғони хеле чолоку тезпарвоз буданд шонасаракҳоям.

Дар як вақт аз болои дарахт тамошо кардани ҳаракат ва ҷунбуҷӯли «меҳмонони нохонда», ки либосҳои сиёҳ ба тану кулоҳҳои эминии зард ба

сар доштанд, бароям лаззат мебахшид. Дар маҳалли кор мошинҳои бузурги онҳо пушти ҳам қарор гирифта буданд, гӯё корвоне ба назар мерасид ороста аз шутурҳои яксохт. Дар қисми пеш низ, аз ду ҷиҳат, экскаваторҳо хокбардорӣ мекарданд. Аз онҳо пештар булдозере сангу шағалҳоро дуртар меронд ва садои тар-тари он равшан ба гӯш мерасид. Инак, аввалин мошин аз «корвон» ба роҳ баромад...

– Хуршед! – садои падарам баланд шуд. – Зуд биё, наҳор мехӯрем.

Ҷуз итоат чорае надоштам. «Ҳозир»-гӯён ҳама тамошоро як сӯ гузошта, аз дарахт поин омадам ва дастҳоямро шуста ба ҳалқаи оилаамон пайвастам. Модарам пас аз омода кардани чою нон шӯрборо дар косаҳо ва гӯшту картошкаро дар табақи алоҳида кашида буд. Аз рӯйи одат, ҳангоми субҳонаву наҳору шом мебоист ҳамаамон сари вақт ба сари дасторхон ҳозир шавем. Агар касе дер мемонд, албатта, падарам ӯро танбеҳ медод. Он лаҳза ҳам каме тӯл кашидани корҳои маро диду ба сӯям теғ кашида нигоҳ кард, аммо чизе нагуфт. Ҳама шурӯъ кардем ба тановул.

Дақиқан дар дили наҳор ғуввоси мошинҳои боҳайбат дар пушти девори мо баланд шуд. Фурсате нагузашта, аввал як боди сахт вазид ва аз пайи худ гарду хоки ғафсеро ба ҳама ҷо паҳн кард. Пасу пеш, гирду атрофамон батамом олудаю чиркин шуда рафт, мо ҳатто нарасидем косаҳои худро пӯшонем. Гарду ғубори ғализи ногаҳонӣ ба рӯйи ҳавлию суфаю зинаҳо ва ҳатто сару либосамон нишаст. Хонаи мо, ки бо деворҳои пасти атрофаш поинтар аз роҳи мошин қарор дошт, ҳамеша дар зери хоку чанг мемонд, аммо ба ин ғализӣ боди касифро то ба ҳол надида будем. Ҳама як он асабонӣ шудем, аз ҷо хеста ба афшондани либосҳои танамон ва кӯрпачаю шолчаҳо пардохтем. Модарам низ бо нороҳатии шадид «гӯрсӯхтаҳо», «бехосиятҳо»-гӯён дасторхонро гирду ғун кард. Аммо авзои падарам батамом тағйир ёфт, бехудона аз ҷо парида хест ва бо овози баланд дод зад:

– Ин лаънатиҳо ҳеч гоҳ бо ёди мо нестанд! То кай ба ин ҳол мешавад тоқат кард?! – Ӯ яктаҳашро, ки рангаш парида хокӣ шуда буд, аз тан дар оварду афшонда-афшонда ба сӯйи дарвоза роҳ пеш гирифт.

Ҳамон рӯз хонаю дари тамоми ҳамсояҳо зери гарду хок монда буд ва падарам чанд мардро гирифта, бо шӯру исён ба коргоҳи заршӯён рафт...

Хушбахтона, он дам даъвои падараму дӯстонаш кор доду тирашон ба нишон расид. Аз он пас, аввал мошине, ки як махзани калон дошт, кӯчаҳоро об зада мебаромад ва танҳо аз пайи он мошинҳои дигар хоку санг мекашонданд.

Аз байн як сол гузашт. Манзараи поёноби деҳаамон қабои дигар ба бар намуд, бе муболиға, ба монанди ридои ҷиғда-ҷиғдае гардид, ки қаландарони овора мепӯшанд. Дар самти офтобнишин бошад, заршӯёни коршинос барои худ «шаҳрча»-и зебое бунёд карданд. Боғи он бо рад-рад гулу дарахтони ранг ба ранг, ки маҳсули заҳматҳои Хидирбобо буд, ба кас ҳаловати хос мебахшид. Бар замми ин, шабҳо чароғон гардидани шаҳрча макони афсонавиеро ба хотир меовард. Дар муқобили ин зебоиҳо бошад, манзараи васат ва қисмати офтоббарои деҳа хеле дилгиркунанда ба чашм менамуд,

чунончи, ин бахш пур аз ҷару ҷӯ, теппаҳои хокии номураттаб, тӯдаҳои сангу чағил[3] гардида буд... Аз пасмондаҳои фабрикаи хурди искелетоҳанӣ, ки дар он артелиён заршӯйӣ мекарданд, регзори нав пайдо шуд, то дами деҳа дигар ҳеч гуна фазои сабз ба чашм намехӯрд. Ҳавзи калони сохтаашон низ хеле ваҳмангез буд, оби кабуди баланд ва дар зер ҳафтқабат гили таҳнишаста дошт. Тасмаҳои тӯлонии сапедранги даври он аз шӯрии об гувоҳӣ медод. Охир, ин обро, «шаҳбозон», аз дарёчаи шӯри Ҳайдаркӯл мекашиданд! Ҳарчанд фосилаи байни деҳа ва кӯл бештар аз се фарсах буду роҳ нишеб, онҳо лӯлаҳои бузург хобониданд ва ба хотири кашидани об бар фароз ду боб тулумбахонаро бо иқтидори боло ба роҳ андохтанд. Аз ҳавзи дастохт барои фабрикаи заршӯйӣ, ки дар баландии дусад метр қарор дошт, бо пумпҳо обкашӣ мекарданд.

Шабу рӯз кори заршӯйӣ қатъ намешуд. Рӯзҳои аввал бо ғурриши булдозеру мошинҳои боркаш ва садои рехтани сангу шағал аз ҷо парида мехестам. Аммо, оҳиста-оҳиста ба ин ҳама сарусадо ва гирумон одат кардам. Ҳамзамон, завқи ману бачаҳои гузар ба тамошои шаҳрчаи меҳмонон, маҳалли кор ва мошинолоти онҳо беш аз пеш меафзуд. Мехостем наздиктар равем, ҳама корашонро бо чашми худ бубинем, ба мошинҳояшон савор шавем, вале расидан ба ин орзуҳо кори осон набуд. Бештар аз ҳама ду саги азимҷуссаи онҳо, ки ҳайбати воҳиманоку аккоси ғулғуладоре доштанд, моро нороҳат мекарданд. Ҳамчунин посбонҳои маҳаллӣ низ фабрикаро пос медоштанд. Аз ин рӯ, ҷойи мо барои тамошо аксаран рӯйи девору болои дарахтон ва теппагиҳои атроф буд.

Рӯзе падарам палаки пиёзро побел мекард ва ман аз пушти ӯ чағил мечидам. Ин гуна корҳои мо дар боғ ҳеч тамом намешуд. Ёдам ҳаст, ҳар сол ҷунбуҷӯли падарам аз аввали баҳор оғоз меёфт. Ҳамин ки аз дарсҳои мактаб фориғ мешуд, зуд ба даст белу каланд мегирифт ва ваю боғ. Деҳқониро дӯст медошт, ба хусус, ниҳолаку дарахтҳои боғамон ҷону дили ӯ буданд. Зимистони дароз аз меваҳои хушк ва себу анору биҳиҳои ноби падарам мехӯрдем. Ӯ ба чанд бех ниҳоли себу ноку тут, ки пайванд карда буд, алоқаи бештар дошт ва ҳар замон онҳоро навозиш карда, дурудароз чашм медӯхт, ба эҳтимоли зиёд, аз ихтироъҳои худ лаззат мебурд.

Ҳамроҳи падарам машғули кор будам, ки нохост аз ҷониби тути канори ҳавлӣ садои овозхонии  шонасаракҳоям баланд шуд. Дӯстонам гӯё бо як маром мехонданд: «тут пухт, тут пухт, тут пухт…» Сатили чағилро канори палак гузошта, ба сӯйи ошхона давидам. Хостам ба дӯстонам, ки аз гуруснагии худ хабар медоданд, нонрезаҳои омодакардаамро барорам. Ҳамин вақт дарвозаи ҳавлӣ кушода шуду амаки Рустам даромада омад, барошуфта ва хеле музтариб ба назар мерасид.

– Муаллим дар куҷост? – пурсид ӯ беист.

– Дар боғ.

Дигар ҳарфе нагуфта бо шитоб ба сӯйи боғ рафт. Кунҷковии ман ҳам афзуд. Шонасаракҳоямро фаромӯш карда дунболи амаки Рустам шитофтам.

[3] **Чағил** – сангреза

Аз вачохати ӯ пай бурдан мушкил набуд, ки аз воқеаи нохуше норохат аст, вагарна ба ҳар чиз асабонӣ намешуд, ба хонаи мо низ бо ин ҳол намеомад. Ӯро дида падарам белро канор гузошт, қоматашро рост карду миёнбандашро кушод ва арақҳои сару гарданашро поккунон ба пешвози амак қадам зад.

– Салом муаллим, хаста набошед, – даст доду ҳолпурсӣ кард амаки Рустам.

– Салом, салом, чаро ин қадар безобита менамоӣ?

– Э, напурсед, сад бор гуфтем гирди ҳавзатонро бандед, ба гап гӯш накарданд, дарди сар шуданд, ноинсофон! Имрӯз ҳам вақти гузарондани рама даҳ-дувоздаҳ гӯсфанду буз ба лойқа ғӯтидаанд. Нисфаша базӯр халос кардем, боқимонда дар ҳавз монд, то кашида баровардан мурдор мурданд.

– Наход?! – падарам низ барошуфт. – Охир чаро аз кӯчаи Мулосодиқ набурдед?

– Пардабой нав чӯпониро сар кард, намедонист, дигарҳо ҳам нагуфтаанд.

– Баростӣ, ин оби лойқа дарди сар шуд, гоҳ гов мехӯрад, гоҳе гӯсфанду буз. Аз бачаҳои гузар ҳам сахт метарсам. Ҳар рӯз пеш мекунам, вале боз ҷояшон лаби ҳавз. Худо накарда оббозӣ кунанд, тамом…

– Хап шинем[4] намешудагӣ барин, – ба суханаш идома дод амаки Рустам, – ба одамон хабар додаанд, ки бояд эҳтиёт шаванд, ҳамин рӯзҳо ҷо-ҷо дору мемондаанд, садояш баланд ва сангу сангреза париданаш мумкин будааст.

– Эҳа, ҳоло таркондани ҳам ҳастанд?! Зуд Ҷӯрақула хабар кун, ба идораашон меравем!

Падарам асабонӣ шуд, бо ҷаҳл миёнбандашро дар даст ғиҷим карда, аз палак рост ба сӯйи хона рафт. Муддате чанд гузашту бо либосҳои тоза берун омад ва ба модарам, ки бо ҳавсала дастҳояшро ивазкунон гуппӣ месохт, гуфт:

– Агар дер монам, хавотир накашед, хайр.

– Куҷо? – бо тааҷҷуб пурсид модарам.

Аммо аз падар дигар ҳарфе ба гӯш нарасид. Ӯ дастпоча баромада рафт. Ман ба ошхона даромада, обхӯрии сирдори пури нонрезаро гирифтам ва роҳравон ба сӯйи шонасаракҳоям, ки аз сари нав овозхонӣ мекарданд, ба модарам гуфтам:

– Урусҳо дору мемондаанд, мераванду бо онҳо ҷанг мекунанд.

Ду моҳи расо падарам ба иттифоқи амаки Рустаму муаллими Ҷӯрақул давутоз кард. Ба ивази талабу дархостҳои онҳо бошад, раҳбари заршӯён гуфтааст: «Мо ба ҳар кор иҷозат дорем! Аз касе напурсида хоҳем ҷар меканем, хоҳем ҳавз месозем, хоҳем метарконем. Ин паҳно то лаби Ҳайдаркӯл ба мо тааллуқ дорад. Агар ба шумо зиён мерасад, марҳамат, ба ҷойи дигар кӯчед». Албатта, ин суханҳо то устухони падарам расида буд. Ӯ ду рӯз нишаста нома навишт, ба забонҳои русию ӯзбекӣ, ҳудуди понздаҳ-бист саҳифа. Сипас хона ба хона гашта, имзои фаъолони деҳаро ҷамъ кард ва ба адреси «калонон» фиристод.

---

[4] **Хап шиштан** – *лаҳҷ.* хомӯш (кор накарда) нишастан

Падарам ба навиштан номаро навишт, вале дертар дарёфт, ки бо ин «кори хайр» ба худ дарди сар харидааст.

Як рӯзи офтобӣ буду ба одати маъмул дар рӯйи суфаи ҳавлӣ нишаста чой мехӯрдем. Дарвоза боз шуда аз он почтачии ҷавон бо дучархааш омад. Ӯ як пакети коғазиро ба дасти падарам доду пас гашт. Дар лифофа даъватномае буд, ки ҳарчи зуд ба идораи додситонии[5] ноҳия омадани падарамро мехостанд. Субҳи рӯзи дигар ӯ ба роҳ баромад ва бо ҳамон рафтан пас аз ду ҳафта, дар ҳоле ки дили мову модарамро гургҳо тала мекарданд, мулзаму пакар ба хона баргашт. Куҷо рафт, бо кӣ вохӯрд, чӣ суҳбатҳое шуда буд, ба касе лом-мим нагуфт. Фақат медидем, ки нокасон хеле азият додаанд. Дар баданаш аз зарбу лати бисёр доғҳои бешумори сиёҳу кабудча ба назар мерасид. Кӯтоҳак, суханҳои ҳасратомези ӯ ҳанӯз ҳам дар ёдам ҳаст, ки гуфта буд: «Барои раҳбарон сарнавишти одамон аҳамияте надоштааст. Ҳама кор – сиёсат, хилофи сиёсат баромадан душманӣ ба халқу ба партия будааст».

Аз он пас роҳати мардум гум шуд. Касе ҷуръат намекард пеши меҳмонони нохондаро бигирад, пишакашонро пишт гӯяд. Гоҳу бегоҳ, бар замми тар-тури беҳад, садои ғулғуладори таркишҳое низ баланд мешуд. Аввал дуди сиёҳи ғализ ба осмон печида шакли занбӯруғро мегирифт ва ором ба атроф паҳн шуда нишаст мекард. Пасу пеши хонаҳо, танӯру соботҳо, воишҳои ток ва дарахтон зери гарду хок мемонд. Шонасаракҳои ман низ тамоман нороҳат буданд. Ҳар гоҳ мехостам онҳоро ба даст гирам, аз баданашон бӯйи номатбуеро ҳис мекардам, гӯё мехостанд бо ин «силоҳ»-и худ маро аз худ дур ронанд. Онҳо баробари наздик шудани ман, ҳарчанд дӯсташон медоштам, роҳи гурезро меҷустанд, бо беҳавсалагӣ сару дум ҷунбонда ба парвоз медаромаданд.

Ду бор таркиши сахт ба амал омад. Гӯё ба боми хонаҳо жола борид, тамоми шиферҳо сӯрох-сӯрох шуд. Мардум ба доду фиғон омаданд, аммо касе ёрои эътироз кардан надошт. Ҳамон рӯз лонаи дӯстонамро низ ба рӯйи ҳавлӣ титупит дидам, шонасаракҳоям бедому дарак ғайб зада буданд...

Акнун солҳо гузаштаву аз заршӯёни «коршинос» ному нишон намондааст, танҳо ҳамон ҷару чуқуриҳои тӯлонӣ, ҳавзҳои холимондаи таракхӯрда, теппаҳои сунъии хоку қум, сангтӯдаҳои бешумор, скелетҳои оҳании фабрикаи заршӯйӣ ба назар мерасанду бас. Дигар дар он замини поёноби деҳа гули тоқибофаку лола намечинанд, подаю рама намепоянд, баъди раъду барқ гузинч[6] ҷамъ намекунанд. Гӯё қалби он заминҳо ҳамонанди қалбҳои харошидаи соҳибонаш чок-чок асту реш, холӣ аз ғановати пештара.

[5] **Додситонӣ** – прократура
[6] **Гузинч** – навъи занбӯруғи саҳроӣ, ки танҳо баъд аз раъду барқ сар мезанад

## НОШУКР

Вақте ки ӯро ба кор даъват карданд хурсандиаш ҳадду канор надошт. Ҳеч бовараш намеомад, ки ба як ширкати бонуфузи хориҷӣ ба кор қабул шудааст. Ӯ дергоҳ ин гуна орзуро дар дил мепарварид. Ҳанӯз дар овони донишҷӯйӣ, вақте ки забонҳои хориҷӣ ва дарсҳои роёнаро ёд мегирифт, шавқу ҳавасҳои ширини худро ба ҳамсолонаш гуфта, бо дили пур изҳор медошт: «Хеле дӯст дорам бо хориҷиён кор кунам, ман албатта мутарҷим мешавам!»

Ниҳоят, дурри мақсуд ба даст омад, ӯ ба унвони котиба ва мутарҷим дар яке аз ширкатҳои хориҷӣ, ки шуҳрату овозааш дар саросари кишвар паҳн шуда буд, ба кор сар кард. Ҳамкоронаш ҳама мард буданд. Шояд аз ин хотир, ҳар як бархӯрд ба ӯ таъсиргузор буду ҳаяҷоноввар. Баъзан ноҳинҷорӣ ҳис мекард, ба хусус, лаҳзаҳое, ки касе ба пешобағали дамидааш, ба камари борикаш, ки ҳар замон бо хаму рост шудан «шуъла» мезад, дида медӯхт ё ба поҳои баланди ӯ, ки барои пӯшондани онҳо доманаш кӯтоҳӣ мекард, зеҳн мемонд.

Рӯ ба рӯ шудан бо чеҳраҳои нав, бо одобу муоширати дигар барои ӯ тозагӣ дошт, аммо маҷбур буд бо тақозои кор ҳамаро таҳаммул кунад. Бештар аз ҳама, аз ришу мӯйлабҳои баланд, пурҳарфӣ ва сигоркашиҳои давомдори ҳамкорони хориҷӣ хушаш намеомад. Бо муҳити наве созгор шудан барояш хеле мушкил мегузашт. Бо ин ҳол, меҳрабонӣ ва эҳтироми ҳамкорон ба ӯ қувват мебахшид. Ба сустиаш дар тарҷума эрод намегирифтанд. Боре ҳам нашудааст, ки ӯро ба хотири надонистани забон мазаммат ё масхара карда бошанд. Ин гузаштҳо буду ба кор дилгарм шуд, ҳар чӣ намедонист суол мекард, англисиро пайваста меомӯхт, коргузориро ёд мегирифт. Рӯзҳо гузашту ранги тоза дар чеҳраи ӯ ҷило дод.

Оре, аз пайи рӯзҳо чанд моҳи худомӯзию худнамоиҳо сипарӣ шуд, ӯ дар саҳни талош ба саргаҳи мурод расид. Беш аз ҳама бо ёриву пуштибониҳои ҳамкорон чунон вориди фаъолият шуд, ки дигар касе ба кордонии ӯ шубҳа намекард. Хоссатан, эҳтирому сипоси ширкатдорони хориҷӣ даҳчанд афзуд. Бандае сухани хуш ва муомилаи самимиро дареғ намедошт, аз ҳар ҷиҳат ба ӯ мерасиданд. Сарпарасти коргоҳ бо ҳиммати баланд моҳонаашро ду баробар кард. Мошини алоҳидае вобастаи ӯ буд, дар дами дар савору пиёда мешуд. Беҳтарин мизу курсӣ, дастгоҳи роёнаю телефонро дар ихтиёраш гузоштанд, гӯшии ҳамроҳро низ. Ҳатто либосовезаки алоҳида дошт. Чунон ҳолате рӯйи кор омад, ки касе ба ӯ «ту» намегуфт, аз бинӣ боло гап намезад.

Шояд ин расиданҳо ва эҳтироми аз ҳад зиёд буд, ки ӯ оҳиста-оҳиста тағйири рафтор кард. Ҳар бархӯрди ҳамидаро чун тамаллуқ пазируфт, сухани ширини дӯстонро хушомадгӯйӣ пиндошт. Духтараке, ки дирӯз хомӯшу хоксор ва фурӯтан буд, батадриҷ мағруру шаддод шуд. Чунон бо виқор роҳ мерафт, пеши пояшро намедид, гӯё дар осмон қадам мезад. Воқеан, дар фарози ҳавобаландӣ ба парвоз даромад. Ҳатто, бе ибо руҷуъ кард ба камшиканӣ ва нописандии ҳамкорон. Ин кам буд магар, пушти сари онҳо

домани бадгӯйӣ густурд. Ба ҳар як корманд лақабе бофта, аз таҳқиру камшикании онҳо худдорӣ накард. Пеши чашми ғурур якеро сураташ, дигареро либоспӯшиаш, севумиро ҳам шину хезаш «мақбул» намеомад...

Рӯзе бо ҳамкорон аз арӯсии писари мушовир бармегаштанд. Мошини сабукрав бо садои якмароми худ насими серуни поизиро аз даричаҳои бози худ ба дарун кашида ба сару димоғи нишастагон мезад ва беист ба пеш медавид. Ӯ ба ҳукми одат дар курсии бағали ронанда менишаст ва дӯстони ҳамкор бо кайфияти хуш сармасту сари ҳол пушти сараш қарор доштанд. Нороҳат буд. Аҳёнан бо ғазаб нигоҳҳое ба қафо меафканд. Ин ҳоли ӯро яке аз ҳамкорон, ки ҷавонтарин муҳандис буд, пай бурда, ба хотири рафъи нороҳатиаш бо шӯхӣ гуфт:

– Арӯсии Зебо ҳам гузашт, акнун тӯйи Замираро кай мехӯрем?

Барои ӯ аз ин бештар ҳарфе лозим набуд, ҳамин як луқма сухан ба сони равғани доғе оташи ғазабашро барангехт. Дар ҳоле, ки дӯстон аз шӯхии муҳандиси ҷавон завқ мебурданд, ӯ бо хашм ба пас нигоҳ кард ва беибо дод зад:

– Тӯйи маро рӯзи маргат мехурӣ, маймун!

Чеҳраи шукуфтаи муҳандиси ҷавон ҷамъ шуд. Мисли ин ки оби сарде ба сараш рехта бошанд, дар ҷо беҳаракат монд. Лаҳзае забонаш кунҷи ҳалқ рафт. Азбаски то имрӯз аз касе, ба хусус, аз тобеони худ ин гуна таҳқирро нашунида буд, хеле нороҳат шуд. Тоқат накарда, ӯ низ бо асабоният гуфт:

– Фикр мекардам одами дурусте ҳастӣ, аммо ҳайвон будаӣ, Замирахон!

– Ҳайвонҳои бадҷинс шумоед, ки одоби инсонӣ надоред, – боз ҳам андешае накарда афзуд ӯ.

– Лутфи шумо зиёд, – бо зарда гуфт муҳандиси ҷавон, – ғалат кардаем, ки шумо – «одаме ботарбият»-ро ба қатори худ гирифтаем. Рост мегӯед, мо куҷову одоб куҷо?!

Муҳандис мехост ҳарфи сахт занад, аммо бо як азоб сари ғазаби худро шикаст. Забони мошиннишастагон ба комҳо часпид, он хушҳолие, ки чанд лаҳза пештар фазогир буд, ба куллӣ барҳам хӯрд. Суханҳои бепарда то устухон асар кард.

Пас аз ин гуна бархӯрд номаи шикоятӣ навиштани муҳандиси ҷавон аз эҳтимол холӣ набуд, аммо ӯ боке надошт. Медонист, ки дар ҳар сурат раиси коргоҳ ҷониби вайро хоҳад гирифт, зеро ба ӯ, ба кори ӯ ниёз дорад. Ин гуна ҳолат пештар ҳам чанд бор рух дода буд ва раис бо хайрхоҳӣ ба вай «дил» дода мегуфт, ки ба фикри кори худаш бошад, саъй кунад ба ҳолу шуғли дигарон чашми сарзаниш наафканад. Аммо ангезаи тахайюли ӯ дигар буд. Ҳарчанд пайваста андармони номанигорию тарҷума, мувофиқсозии ҷаласоту вохӯриҳо, таҳия ва ирсоли имейлу паёмакҳо ва исканергирӣ буд, намедонист чӣ гуна аз якравию дағалиҳои худ ҷилавгирӣ кунад. Аз чи бошад, ҳеч наметавонист ба дидани чашмҳои гирду бузург, абруҳои дурушт ва лутфи аз ҳад зиёди ҳамкорони хориҷӣ одат кунад.

Ғайриинтизор, баъд аз воқеаи дохили мошин дӯстони хориҷӣ «ту дидию ман не» карданд. Аз баҳсу даъвои даргирифта дигар касе лом-мим

нагуфт. Ин ҳолат барои ӯ дастаки хуб шуд. Маҳз ин бесарусадой ӯро бештар шердил кард, боз ҳам рӯинтану дағалтар гардид, бехабар аз он ки бо ин нописандиҳо барои худ чоҳ меканд…

Иттифоқан, яке аз муҳандисини тозаомада нигоҳҳои амиқу муассире дошт. Аҳёнан, бехабар аз худ, ба касе чашм дӯхта, ғарқи фикру хаёл бо нигоҳҳои росту теғдор хомӯш мемонд. Ин чашмандозиҳои тӯлониро, ки гӯё сӯрохкунанда буданд, бештар аз ҳама ӯ наметавонист таҳаммул кунад. Вақте ки бо ин ҳолати ғайриодӣ рӯ ба рӯ мешуд, нисбати ҳамкор нафрати бепоёнеро дар вуҷуди худ ҳис мекард. Дандон хоида, ғазабашро базӯр нигаҳ медошт ва дигар гапи гуфтаниро ҳам нагуфта пас мегашт. Ин дафъа натавонист хомӯш аз пешаш дур шавад. Ба маҳзи ин ки ба доми нигоҳҳои теғдору то ҳадде «заҳрбор»-и муҳандис уфтод, инони ихтиёр аз дасташ рафт, коғазҳои гузориши рӯзонаро, ки мебоист ба имзо расонад, рӯйи миз ҳаво доду бо ғазаб гуфт:

– Ваҳшӣ!

Муҳандис ба худ омад. Аз ин таънаи ӯ, ки беибо дар ҳузури ҳамкорон гуфта буд, хиҷолат кашид ва пас аз каме сукут ҷаҳломез ҷавоб дод:

– Худатро нигаҳ дор, духтар, ҳар сухан ҷое дорад!

– Падар ё модаратро накуштаам, ки ин қадар бо теғ дида медӯзӣ, – паст наомада афзуд ӯ, – ин чӣ ваҷоҳат, мисли ин ки одамро хӯрданӣ мешавӣ?!

– Нафасатро каш, беномус! – дигар сабрашро аз даст дода дод зад муҳандис.

Якравӣ ва ғурури ӯ низ рӯ гирифт. Дар ҳоле ки аз ниҳояти ҷаҳл чеҳрааш суп-сурху чашмонаш калонтар боз шуда буданд ва боқимондаи коғазҳои дасташро ғиҷим мекард, бехаёл фарёд зад:

– Беномус модарат, беномус хоҳарат, дарбадари ёғӣ! Ҳоло сабр кун, аз омаданат туро пушаймон накунам, номамро дигар мемонам! Ин гапҳоятро ҳатман пас мегирӣ, маймун!

Ӯ ба куллӣ нороҳат ва сахт асабонӣ шуд. Бе он ки идомаи суханони муҳандисро шунавад, коғазҳои ғиҷимшудаи дасташро беибо ба рӯяш заду бо шитоб ба хонаи кори худ баргашт. Ҳамоно фурӯ дар оташи қаҳр чизҳояшро ҷамъ кард, сумкачаашро ба китф андохт ва дар роҳрав ба самти берун роҳ пеш гирифт. Чанд нафар ҳамкор хостанд пеши ӯро гиранд, «Замира, Замира»-гӯён суханҳои нарму маслиҳатомез гуфтанӣ шуданд, аммо ӯ ба касе гӯш надода, дар толор қадамзанон ҷаҳломез ғирев мекард:

– Дигар ҳераам ин даргоҳро набинад, ҳар чӣ доред ба худатон, ба сурату чеҳраҳои «базебатон» насиб кунад. Ҳоло ба нохунам зор мешавед… – ӯ ин суханҳоро мегуфту дар замири дил меандешид, ки албатта, дунболаш хоҳанд омад, аз ӯ узр пурсида, дубора сари кор хоҳанд овард...

Вале ин дафъа кор ранги дигар гирифт. Ҳамкорони хориҷӣ ба хубӣ дарк карданд, ки дар воқеъ аз ӯ озурда шудаанд, дигар як лаҳза ҳам наметавонанд бо ӯ бошанд, агарчи кордону коршинос буд! Онҳо нағз медонистанд, ки ӯ дар кори худ пухта аст – на дар тарҷума, на дар таҳияи номаю гузоришҳо, на дар интиқоли аснод дасткӯтаҳӣ дорад, матлабу маводи лозимро танҳо ӯ дар

системаи роёна сабту нигаҳдорӣ мекунад, тартиби бойгонии ҳуҷҷатҳо ҳам ба уҳдаи ӯст... Бо вуҷуди ин, барои ҳамкорӣ ва эҷоди муҳити солим ин ҳама кофӣ нест, корманд аз лиҳози маънавӣ низ бояд пухта бошад. Замоне ин маъниро ӯ низ хуб дарк мекард, аммо дер напоид, ӯ ношукрӣ карду бехабар аз худ хароб шуд. Бо ин худбинию ношукрӣ аз муҳити кор, аз муҳите, ки муддатҳо орзуи қаъри дилаш буд, маҳрум гардид. Ӯ аз кор ронда шуд.

## ҲАСРАТИ МУХТОРХОҶА

Нисфирӯз. Офтоб нурҳои гарми худро дуруст ба фарқи сар мепошад. Чӣ гармои роҳатбахше! Он аз мовароп насими диловези поизӣ рад шуда тану ҷонҳоро масҳ мекунад, давое бар кӯфтагию хастагии роҳ аст.

Мухторхоҷа пас аз сафари тӯлонӣ, баъд аз пойи пиёда тай кардани роҳи дуру дароз ба дамгаҳи деҳа расид. Бо насими дилосо нафасе рост карда, аз бағали теппаи баланде, ки дар даромадгоҳ буд, бо як чашмандозии кӯтоҳ ба боло назар афканд. Деҳаи дӯстдоштаашро ба шинохтан шинохту лаҳзае даст дар пешонӣ карахт шуда монд. Ба назар мерасид, ки деҳа дигар он таровату файзи пештараро надорад, гӯё офатҳое ба сараш чира шудаанд, хушку урён менамояд. Мухторхоҷа оҳе сӯзон аз сина баровард ва малулу ноумед ба рӯйи як тахтасанг нишаста монд. Боз ҳам хира-хира ба деҳа зеҳн монда, ба хаёли хотироти сӣ сол пеш фурӯ рафт…

Он солҳо Мухторхоҷа ҳар гоҳ бо яке аз ду бародараш ба сафар мебаромад: ё бо Нуъмонхоҷа, ё бо Мулло Афзал. Ҳамин ки рахти сафар мебаст, ҳангоми ба роҳ баромадан аз Тахти Қубод, бо наздикону ақвоми худ худоҳофизӣ карда кӯтоҳак мегуфт: «Ман ба Нуробод меравам». Азбаски иштиёқи баланде ба ин деҳа дошт, ҳар гуна азияту мушкилии сафар, макону манзилҳои душворгузар ва кӯҳу рӯду даштҳои тулонӣ гӯё ба осонӣ ва бо як чашм пӯшида кушодан паси сар мешуданд. Ӯ ҳамеша бо худ борхалтаи алоҳидае барои нурободиҳо дошт. Дар он ҳатман мумёи Тахти Қубод, чойи хитойӣ, ду-се китоби шеър ва бозичаҳои кӯдакона меовард.

Он солҳо дар ин фасл деҳаи Нуробод хеле ободу хушҳаво менамуд. Чунон табиати сарсабзе дошт, ки дар сояаш хонаҳои деҳа дида намешуданд. Бо расидан ба сари деҳа насими мушкборе мисли ҳавои атромези болооби дарёи Ому ба димоғ мезад, одам аз файзу таровати муҳити кӯҳистонӣ маст мешуд. Он лаҳзаҳо Мухторхоҷа пас аз чандрӯза сафар худро дар зодгоҳи хеш эҳсос мекард, аз ҳавои Нуробод, гӯё дар Тахти Қубод бошад, бо тамоми ҳастӣ нафас мекашид ва азобу азиятҳои роҳро фаромӯш мекард.

Мухторхоҷа ба маҳзи ин ки ба деҳаи Нуробод мерасид, бо Нуъмонхоҷа ё бо Мулло Афзал гоҳе ҷудо ва гоҳе бо як овоз ғазал мехонд. Оҳанги ғазалхонии онҳо чун садои шар-шари рӯди Нуробод, ба сони хониши булбулони марғзору кабкони кӯҳии Нуробод дар фазои деҳа пахш мешуд. Бо шунидани овозу оҳанги соилӣ як-як, ду-ду писарону духтаракон аз хонаҳои гирду атроф ба берун заҳида мебаромаданд. Аз ҳар сӯ бонг мезаданд: «Гадоён омаданд!», «Мухторхоҷа омад!», «Мумё омад, чой омад!»… Бачаҳо

дар ҳавои ғазалхонии гадои дӯстдоштаи худ ва ҳамроҳи ӯ дасту почакзанон медавиданд ва то ҷое, ки меҳмонон барои худ манзилеро барои истироҳат бармегузиданд, онҳоро дунболгирӣ мекарданд.

Мухторхоҷа бо ҳавсала як ба як хонаҳои деҳаро мегашт. Ба дами ҳар дарвозае, ки мерасид, ҳатман ғазалеро бо оҳанги хоси гадоӣ месароид. Хонагиҳо то охир ба суруди ӯ гӯшу ҳуш мешуданд ва фақат пас аз ба итмом расидани ғазал ӯро бо илтифоти зиёд ба дохил даъват мекарданд.

Мухторхоҷа дар ҳалқаи нурободиҳо озод мегашт. Гӯё бародарони ҷониаш бошанд, бе ҳеч гуна таоруфу хиҷолат домани сухбат мегустурд, ғизо мехӯрд, хобухез мекард. Шабона бошад, ҷойи хоби ӯ аксаран манзили Мулло Назар ё Исломака буд. Дар бистару болини онҳо устухонҳояш ба роҳатӣ мечаспид. Ба ин ду хонаводаи серфарзанд аз бисёр ҷиҳат алоқаманд буд, чунончи, бачаҳояшон гирди ӯро ҳалқавор гирифта, ба нақлу ривоятҳояш бо мароқ гӯш медоданд, худи ӯ намозҳояшро ба иттифоқи Мулло Назар ё Исломака пурра мегузошт, деги ин хонаводаҳо ҳамеша меҷӯшид ва як тикка нону як коса обро барояш бе иллату миннат муроот мекарданд.

Мухторхоҷа сахт шефтаи Нуробод буд. Лутфу меҳрабонӣ, меҳмоннавозӣ, бесаброна мунтазири касоне мисли «Мухторхоҷа» будани нурободиҳо ӯро ба ваҷд меовард. Ҳангоми сукунати кӯтоҳмуддати худ пай мебурд, ки ин деҳотиёни сода чӣ қадар дили беолоишу васеъ, виҷдони поку ҳиссиёти гарм доранд! Касе аз пойи касе намекашад, ба якдигар ҳасодату хусумате надоранд, фақат бо ёриву дастгирии ҳамдигар хона обод мекунанд ва тӯю азо, рӯзҳои неку бадро бо ҳам мебинанд…

Мухторхоҷа баъд аз сӣ сол дубора ба деҳаи дӯстдоштааш омад, аммо ин дафъа танҳо буд. Нуъмонхоҷа ва Мулло Афзал даргузаштаанд. Худи ӯ низ мӯйсафед аст, аз қомати рости ҷавонӣ хабаре нест, дар даст ҳамон асои гадоӣ, ки дар ҷавонӣ бо худ дошт. Он солҳо ба сар салла мебаст, риши ғафсу гирди сип-сиёҳ дошт ва бо яктаҳи дарозу кафшу маҳсӣ меомад. Ҳоло ҳам ҳамон сурат, фақат риши ғафсу гирдаш сапед шудааст, қоматаш каме хамида.

Мухторхоҷаи пирамард «ё Аллоҳ» гуфту аз ҷо баланд шуд. Борхалтаи гадоиро ба дӯши худ дуруст кард ва асозанон ба роҳ уфтод. Роҳравон гулу афшонду бо овози баланд ва бо оҳанги хоси гадоӣ ба сурудан пардохт:

*Фикри булбул ҳама он аст, ки гул шуд ёраш,*
*Гул дар андеша, ки чун ишва кунад дар кораш?*
*Дилрабоӣ ҳама он нест, ки ошиқ бикушад,*
*Хоҷа он аст, ки бошад ғами хидматкораш.*
*Булбул аз файзи гул омӯхт сухан, в-арна набуд*
*Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш.*
*Он сафаркарда, ки сад қофила дил ҳамраҳи ӯст,*
*Ҳар куҷо ҳаст, Худоё, ба саломат дораш…*[7]

[7] Абёт аз ғазали Ҳофизи Шерозӣ аст

Мухторхоҷа ғазалхонон мерафту касе ӯро намешунид, мисли пештара ҳеч кас – на кӯдаке, на калоне, ба пешвозаш мебаромад. Аммо ӯ ғазалхониро қатъ накард. Сурудгӯён то назди дарвозае омаду истод, каме сукут кард ва аз нав бо оҳанг овоз хонд:

*Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,*
*Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.*
*Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,*
*Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо, ғариб…*[8]

Ин чор мисраъро хонда буд, ки аз ҳавлии хона зане бо сари бараҳна, фарёдзанону дастакзанон ба берун тохт. Мухторхоҷаро дидан замон, ба чӯбучахсу кулӯхҳои пеши по дарафтид ва ҳар чӣ ба дасташ меомад, бардошта ба сӯйи дарвоза, ба тарафи Мухторхоҷа партофтан гирифт. Дар ҳоли пархош ба сари мӯйсафед, ки аз тарс лолу карахт шуда буд, дод зад: «Ҳе гадои беимон, дафъ шав! Гум кун башараи хунуката! Сурудат ҳам, сохти турушат ҳам аз сарат монад, гум шав! Як ту кам будӣ, ҳе беимон, гум шав!»

Дигар ҳоҷати мондан набуд. Ваҷоҳати зан гурги ба ғазаб омадаеро мемонд, ки ҳозир буд туъмаашро бе истиҳолаву таъхир пора-пора кунад. Мухторхоҷа ба пас нигоҳ накарда, роҳи гурезро пеш гирифт. Каме дуртар рафта дарёфт, ки занак аз дунболаш намеояд, дар ҷо истод ва зери лаб ба илтиҷо даромад: «Ё Парвардигор, дар паноҳат нигаҳ дор! Ё тавба, астағфируллоҳ!»

Ҳаво он қадар гарм набуд, аммо аз дасти доду ситези ногаҳонӣ ва фирор Мухторхоҷа арақшор шуд. Ӯ, дар ҳоле ки поҳояш ҳанӯз ҳам меларзиданд, оҳиста-оҳиста роҳравон шоли ловдони миёнашро кушод ва обу арақи сару гарданашро пок кард. Чанд муддат дар пайроҳаи деҳа қадамзанон ба худ омад ва боз бо овози маҳину ширадори худ, то ҷое, ки шунаво бошад, ба сароидани ғазали нав пардохт:

*Гул шукуфту боз нав шуд ишқи мо бар рӯйи дӯст,*
*Шохи гул, ё Раб, чӣ мемонад ба рангу бӯйи дӯст.*
*Сунбул аз ташвиши бод овард сар дар пойи сарв,*
*Гӯиё зулф аст сар бинҳода бар зонуи дӯст…*[9]

Мухторхоҷа ғазалхонон меомаду ҷуръат намекард дарвозаи дигареро кӯбад. Бо ин ҳол, чанд хонаро паси сар гузошту дар худ неру ҷамъ кард ва ба дами даре наздик шуд. Дар ноомади кор, ин дафъа низ тираш хато хӯрд. Ҳанӯз фурсати дарвоза кӯфтан нарасида буд, ки саги азимҷуссае бар болои девори ҳавлӣ пайдо шуд. Саг ду пойи пеши худро ба санги пахни рӯйи девор тиргак карда, бо чашмони аз ҳадақа баромада ва фуки дарози кафкзада ба

[8] Пора аз ғазали Камоли Хуҷандӣ аст
[9] Мисраъҳо аз ғазали Камоли Хуҷандӣ аст

ғурриш даромад. Омода буд, ҳамин дам, агар мӯйсафед ҳаракати беҷое кунад, худро ба болояш афканад.

Лаҳзае Мухторхоҷаро забон кунҷи ҳалқаш монд. Бо мушкилӣ худро ба даст гирифту бо нигоҳи илтиҷоомез ба саг садо баровард: «боҳ-боҳ, боҳ-боҳ…» Дар ҳолате, ки вуҷудаш чун бед меларзиду ранги рӯяш мисли дока сап-сафед канда буд, пуштнокӣ қадам задан гирифт. Ду чашм ба саги «хунгирифта», пушт-пушт рафту ниҳоят ба худ омад. Саг ҳам аз пӯписаи хеш мамнун, дигар ба меҳмони нохонда кордор нашуд ва думи кӯтоҳашро ба ду ҷониб алвонҷдеҳон худро аз девор ба дохил андохт.

Мухторхоҷа зери лаб «ло-ҳавл»-гӯён аз нав роҳи худро ба самти боло идома дод. Коми дил барнаомада, ба худ аҳд кард, ки дигар дарвозаеро накӯбад. Ғазалхониро ҳам фаромӯш карда, бо умеди ин ки «мусалмоне»-ро вохӯрад, ба сӯйи чойхонаи деҳа роҳ пеш гирифт. Сари роҳ ба лаби чашмаи калони деҳа расид. Дар гирду атрофи он бачаҳои хурду калон бозӣ мекарданд. Ҳамин ки чашмашон ба Мухторхоҷа – ба ин мӯйсафеди ғайриодӣ уфтод, ҳама якбора ба чор сӯ пароканда шуданд. Мухторхоҷа чизе нагуфт, рост ба лаби об рафт, то ҳаври дилашро каме ором кунад. Ба маҳзи ин ки ду кафи дастонашро ба ҳам часпонда об хӯрданӣ шуд, дар пеши чашмаш сангаке шалап ба об уфтод. Бо тааҷҷубу ҳайрат сар боло кард. Ҳамон лаҳза аз ҳар сӯ садои хандаю истеҳзои бачаҳо баланд шуд. Мухторхоҷа дубора ба хӯрдани об ҷазм кард. Ин дафъа низ се-чорто сангаки паҳн шалап-шалапкунон дар наздаш ба об афтиданд. Пирамард сахт нороҳат шуд. Асои ба зиначаи чашма гузоштаашро ба даст гирифту бо ноумедӣ гуфт:

– Ин чӣ коратон, бачаҳом? Одам морро дар об хӯрдан лат намедиҳад, ман ба шумо чӣ бадӣ кардам?

Суханҳои мӯйсафед бачаҳоро бештар ба ханда овард, гӯё қилқилакашон шукуфта бошад, ҳар яке беист лабу лунҷашро калон кушода механдид.

Мухторхоҷа аз об хӯрдан даст кашид. Ба назараш чунин менамуд, ки ин бачаҳои худсар аз саги чанде пеш таҳдидкарда ҳам ҷоҳилтаранд. Ӯ бо умед ба тарафи боғе, ки ҷӯйи оби чашма ба тарафи он ҷорӣ мешуд ва дарахтзор буд, рӯ овард. Мӯйсафед бо хаёли ин, ки боғ хилват ва барои об хӯрдану дасту рӯ шустан ҷойи муносиб аст, ба он ҷониб роҳ пеш гирифт. Ба боғ даромад, вале ҳанӯз чанд қадам напартофта дарёфт, ки аз сел гурехта ба дӯл пеш омадааст. Хашар-хушур помонии ӯро шунида аз паси дарахтону аз таҳи буттаҳо ҷуфт-ҷуфт писару духтарон баланд шудан гирифтанд. Аз он ки ба «боғи ошиқон» афтида мондани меҳмони ноошно барояшон шигифтовар буд, ҳама бо нафрату ғазаб ба мӯйсафед чашм медӯхтанд. Ӯ низ аз дидани ин манзара ба ҳарос омад ва дарҳол «ё алҳазар, ё алҳазар!»-гӯён ба қафо гашт. Ҳар чӣ метавонист тезтар қадамзанон худро аз ҳисори боғ ба берун гирифт.

Мухторхоҷа бинои чойхонаро бузургтару боҳашаматтар дид. Сӣ сол пеш аз ин бино ному нишоне набуд. Ҷойи он айвоне бо ду кати тахтаӣ ва хоначаи Ҳалимакаи чойхоначӣ ҷой хуш мекарду бас. Акнун бошад, баланду боҳаво аст, мизу курсиҳои зиёд ва катҳои чойхӯрии калон дорад. Дар болои дари даромад бо ҳарфҳои дурушту зебо навиштаанд: «Чойхонаи Нуробод».

Деворҳояш низ пур аз нақшу нигор. Ҳарчанд тараддуди одамон дар чойхона зиёд буд, касе ба Мухторхоҷа таваҷҷуҳ намекард, фақат ҳар кӣ аз канораш мегузашт, худро каме дуртар мекашид. Мӯйсафед гурусна буд ва беэътиноии одамон боби муддаои дилаш. Ӯ ба чойхона ворид шуду як лаҳза мизу катҳои онро аз назар гузаронд. Танҳо дар пешгаҳ, бағали кати бузурге як миз бо курсии холӣ ба чашм мехӯрд, ки пушти он ҷавоне нишаста чой мехӯрд. Ӯ низ ба он ҷо рафт. Аз омадани мӯйсафед ҷавон ноҳинҷор шуд магар, ҳамон замон аз ҷо баланд шуду ба берун баромад. Дар кати бағалӣ чор нафар шаробхӯр ғарқи ҳангома буданд, ба ӯ эътиборе надоданд.

Як марди лоғари дароз, ки шогирди чойхоначӣ буд, баъд аз чанд муддат ва шояд пас аз дудилагиҳои зиёд, ба назди мӯйсафед омаду рӯ ба рӯяш мех шуд. Бе он ки ӯ сухане гӯяд, худи Мухторхоҷа бо оҳанги нарму илтиҷоомез хоҳиш кард:

– Бародар, агар хизмат набошад, як чою ду сих кабоб бароям биёр, хеле гушнаам.

Мард дағалона пурсид:

– Пул дорӣ?

Мухторхоҷа нороҳатии худро базӯр ба дарун хӯрда ҷавоб дод:

– Албатта пулам ҳаст, ту ки маҷҷонӣ намедиҳӣ.

Хидматкор чизе нагуфта ба ақиб гашт.

Мӯйсафед паси ҳам чойи пиёлаашро фӯрт мекашиду дар дил умедвор буд, ки ёро, бо нафаре аз куҳансолони деҳа, бо касе, ки аз ошноёни деринааш бошад, мулоқот кунад. Охир, ҷойи суҳбату шинакҳои онҳо аксаран ҳамин чойхонаи Ҳалимака буд! Аммо ин бор ҳар киро мебинад, бегона аст. Инҳо на фақат бегонагии худро нишон медиҳанд, ҳатто соиле мисли Мухторхоҷаро мазоҳ мекунанд, аз ӯ худро канор мегиранд.

Гарчи ҳама оюрави чойхонаро аз зери нигоҳ мегузаронд, ҳушу хаёлаш бештар побанди суҳбати чор нафар марде, ки дар кати бағалӣ ғарқи ҳангома менишастанд, гардид. Ҳар як мард шаклу шамоили босалобате дошт, синну солаш ҳам ба ҷое расида буд, вале мавзуи гуфтугӯяшон ҳайрати мӯйсафедро овард.

– Агар аз ҳоли духтари Ҳошим хабар мегирифтед, мефаҳмидед, ки ҷоду кардан чӣ будааст! – мегуфт яке аз мардони ба рӯйи кат нишаста дар идомаи суҳбати чортан. – Мегӯянд, духтарро янгаи шаҳриаш бо як шиша об ҷоду карда рафтааст. Агар сари вақт ба фолбину табиб нишон намедодаанд, зинда монданаш дар гумон будааст.

Бо шигифт дувумӣ афзуд:

– Одамҳо ҳам бало! Дарҳол аз куҷо донистаанд, ки ҷоду шудааст?!

– Духтари Ҳошима ман ҳам шунидам, янгааш мехостааст дили домодшавандаро ба хоҳари худаш гарм кунад, – илова кард марди севумӣ, ки аз фарбеҳӣ шикамаш ба дасторхон мефуромад. – Аз чӯл фолбин овардаанд. Фолчӣ хоку хасрӯбаҳои ҳавлиро рӯфта дар тағора меандозад ва онҳоро бо об омехта фол мекушояд. Аз обаш чӯбчаи ба тори мӯ печидае мебарояд, ки дақиқан мисли шаклу шамоили янгаи духтар будааст!

Марди аввалӣ билофосила гапро аз даҳони марди фарбеҳ гирифт:

– Мегӯянд, бо ин баҳона табиби аз пушти кӯҳ овардаашон ҳам хуб ҳақ гирифтааст. Ӯ як гӯсфанди қазоқиро кушонда, хунашро дар бадани духтар молонида алас мекунад. Пас аз ин амал гӯшти гӯсфанду пули зиёдеро гирифта меравад.

Марди чорумӣ, ки устухони калонеро ба даст гирифта хоида меистод, ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Ба фолбинҳои чӯл гап не, бало будаанд, шаҳбозон! Мурдани навзодони дугоники Майсахонро ҳам ҳамонҳо гуфтаанд.

– Бечораҳо як ҳафта наистода қазо карданд, – илова намуд марди фарбеҳ, –Майсахон аз амаки худаш домангир.

Марди аввалӣ ҳамоно дар миёни сухан тохт:

– Амакаш дар Маскав-у? Ба рафтанаш ҳам се-чор моҳ шуд, ба ӯ чӣ...

– Охир, ба ҳама маълум – чашми бад дорад, фолбинҳо ҳам «ин кори як хеши худат, лекин дар дур будааст»-гӯён таъбир гуфтаанд, – ба тасдиқи сухани худ илова кард марди фарбеҳ. – Ҳанӯз вақти ҳомила будани Майсахон «ин қадар лӯндаяку ноз шудай»-гуфта чашм расондааст амакаш. Акнун бошад, Майсахон шабу рӯз дар дуои бади ӯ…

Мухторхоҷа гиребон гирифт. Ба ақли худ бовар намекард, ки бо ин ҳама салобату ҳузарбӣ ва каллаву ишкамҳои калон ин мардон чӣ суҳбатҳое доранд! Кош ҳамаашон либоси занона медоштанду ӯ ин суханҳоро намешунид. Ҷоду, фолбин, табиб… Худоё, ба Нуробод чӣ шудааст, чӣ ҷине задааст ин деҳаро?!

Мӯйсафед дигар тавони мондан дар чойхонаро надошт. Ҳис кард, ки андешаҳои сангину харошоваре ба мағзу ҳушаш тазйиқ меоваранд. Пули чойхоначиро доду ба берун баромад ва бо сари хам, ба касе таваҷҷуҳ накарда, бо роҳи омадааш ба пас гашт. Раҳорах, фурӯ дар андешаҳои худӣ зери лаб мегуфт: «Парвардигоро, худат бузургиву раҳим! Тараҳҳуме ба ин деҳаи хароб кун, ки ҳама чашмаҳояш хушк шудаанд – на чашмаи меҳрабонӣ мондаасту на чашмаи фаросат! Ҳама ҷо олудаи касофат асту бетарбиятӣ, пур аз занмизоҷиву афсуну ҷодугарӣ! Худоё, худат мадад кун, ин деҳаи харобу бенурро дар паноҳат нигаҳ дор! Эй Мулло Назари ориятталаб, эй Исломакаи ғазалсаро, эй пирони муътабари Нуробод, куҷоед?! Зодбуми биҳиштии худро ба киҳо супурдед, ба чӣ ҳол гузошта рафтаед?!»

Мухторхоҷа бо ҳасрат ва навмедии беҳад Нурободро тарк кард. Афсӯс мехӯрд, ки дигар пир шудааст, дигар наметавонад Нурободи ободро бубинад…

# ҶОЙИ ЗАН ХОЛӢ

Усто Сафари дуредгар дар деҳаи Нуробод мезист. Ба қавли ҳамдеҳагон, «исту бисташ ҳунар, дасту панҷааш гул» буд. Дару тиреза, мизу курсӣ, гаҳвораю сандуқ, гуппию сандалӣ – ҳар чизеро, ки аз чӯб дуруст мешавад, бо тарҳи зебо ва чорчӯби муҳкам месохт. Тамоми рӯз, ҳатто то нимаҳои шаб садои тиқ-тиқу ғир-ғири олоти наҷҷории ӯ ба гӯш мерасид. Ҳамкору ёвари ҳамешагии усто ҳамсараш Мунавввараапа буд. Ин занаки меҳнатдӯсту меҳрабон як лаҳза ҳам шавҳари худро танҳо намегузошт. Дар бару даври ӯ қимир-қимир ҷунбида меистод ва албатта, ҳавои хӯрду хӯрок ва гарму хунуки вайро дошт. Усто низ бо чунин зани ҳалиму босадоқат меболид, бо илҳому неруи тоза ба кор мечаспид ва ҳар гоҳ саъй мекард «асар»-и ҷолибу зебо ва диданитар офарад.

Усто Сафар ва Мунавввараапа барои худ хонаи дуошёнаи боҳавое сохта буданд. Дар он ҳар кас намунаҳоеро аз ҳунари дуредгарии усто медиду ба ҳавас меомад. Ба хусус, нақшу нигорҳои кандакоришудаи рӯйи дару тирезаҳо ва сутунҳои пешайвон, болору вассаҳои шиёрдор, қарнису узораҳои дастсохти усто, ки давр то даври хонаҳоро зинат медоданд ва қобҳои бо шаклҳои мухталиф орододаи оинадор диққати ҳар бинандаро ба худ ҷазб мекарданд. Зану шавҳар бо зӯри бозувон дар поинтари хонаашон боғи бузургеро низ обод карда буданд. Дар он рад-рад дарахтони гуногун – аз буттаҳои манзаравӣ гирифта то беду сапедор ва дарахтони мевадор ба чашм мехӯрд. Усто Сафар барои дуредгарӣ чӯбро аксаран аз боғи худ мегирифт. Чунончи, гаҳвораҳояшро аз ҷинси чормағзу тут чунон тобовар месохт, ки ба гуфтаи  мардум, ҳар яке ҷавоби се авлодро медод.

Дар давоми зиндагии якҷоя усто ва Мунавввараапа се писару як духтар диданд, ки онҳоро қатори мардум ба камол расонда хонадор карданд, коре карда, қарзи падарӣ ва модарии худро адо намуданд. Ҷойи таассуф буд, ки ҳеҷ кадоме аз фарзандон дасти падарро нагирифт. Яке савдогарӣ, дигаре даллолии мошин, севумӣ ҳам доруфурӯширо пеша карду ҳама ба шаҳр кӯчида рафтанд. Дар пиронсолӣ устою ҳамсараш дубора танҳо монданд, хонаю дарашон бо он бузургӣ барояшон танг менамуд.

Усто Сафар ба синни пайғамбарӣ расид. Бо ҳамсараш аҳд кард, ки зодрӯзашро васеътар ҷашн гирад. Бо ин баҳона ният доштанд аҳли деҳа, хешу ақраборо фаро хонда ош диҳанд ва бо ҳамдастии онҳо яке аз фарзандонро барои омадан ба болосарашон розӣ кунонанд. Дар ҳоле, ки ба ин маърака омодагӣ медиданд, банохост бемор шудани Мунавввараапа ҳар дуро безобита кард. Ӯ зуд-зуд диққи нафас мешуд. Каме агар монда шавад, нафасгириаш мушкилтар мегардид ва баъзан, гӯё нафасаш дар гулу мепечид, муддати зиёд беҳаракату беҳуш мехобид. Дар ин ҳол ранги рӯяш чун суф меканд, чашмонаш нимапӯш мешуданд. Усто ҳар гоҳ бохабар мешуд, ба рӯяш об мепошид, силка дода-силка дода ӯро ба худ меовард. Аз бахти бад, ин бемории кампир рӯз то рӯз авҷ гирифт ва ниҳоят, дар як шаби маҳтобӣ, дар сурате ки ҳамчун кӯдаке бар рӯйи дастони шавҳар ёзида, ба осмони пурситора чашм медӯхт, кӯтоҳ-кӯтоҳ нафасгирон зери лаб «аз ман розӣ

шавед, додош» гуфту ҷон ба Ҷаббор таслим намуд. Дуд аз димоғи Усто Сафар баромад. Бо ҳасрату ғам доду ғирев бардошт ва бо дили реш ҳамсару ҳамрози азизи худро ҷо кард. Таҷлили синни пайғамбарӣ фаромӯш шуд, ҷойи он маъракаҳои ҳамсарашро пушти ҳам гузаронд.

Усто як соли тамом азо гирифт. Тайи ин муддат дасту панҷааш ба кори дуредгарӣ базӯр мерафт, ҳар гоҳ ба даст тешаю арра мегирифт, симои ҳамсараш пеши назар меомад, ӯро дар ҳар сурат медид: гоҳе бо чойнику пиёлаи чой, гоҳе бо бодзанаки порчаияш, ки арақҳои бадани ӯро хушк мекард, гоҳе ҳам бо асбобу абзори устоӣ… Дар ин миён фарзандонаш ӯро соя накарданд. Ба назар мерасид, будану набудани падар барояшон аслан муҳим нест, чӣ расад ба ғизои гарм додану шустани сарулибос! Ҳатто духтари ягонааш, ки дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекард, баъд аз чили модар дигар қадам нагузошт. Усто Сафар сахт дар шигифт буд, аз он, ки фарзандонаш ба ҳолпурсӣ намеомаданд, тааҷҷуб мекард. Ӯ бо ҳамсараш будушудашро барои ҷигарбандҳои худ бахшида, онҳоро фақат барои хубиву некӣ ҳидоят менамуд, аммо акнун акси ҳолро медид. «Афсӯс, он ҳама хизматҳоям ба куҷо рафт? – дар худ меандешид Усто. – Бошад, духтарам моли бегонаҳост, шояд ӯро намегузоранд, аммо писарон-чӣ? Охир ҳар яке мошин дорад, дасти ҳар яке ба даҳанаш мерасад, чаро суроғ намекунанд? Ё аз шарри келинон як қадам онсӯтар рафта наметавонанд? Ё замона ин қадар бемурувват шуда? Намедонам, намефаҳмам, дар ҳар сурат, дар паноҳи Худо бошанд, тану ҷонашон сиҳат бошад шуд».

Хушбахтона, дар давоми ин муддат дӯсти муаллимаш – Раҳимқул ӯро дилбардорӣ мекард. Чандин бор чашмони пуроби худро бо суханони таскинбахши муаллим пок карда буд. Ҳамсояҳо ва ду-се ҳамсолаш низ хабаргирӣ меомаданд. Агар ҳамин ҳамдеҳагони дилсӯз намебуданд, шояд ӯ низ аз дилтангии беҳад пушти сари Мунавввараапа реҳлат мекард. Вале, то реша дар об ҳаст, умеди зиндагӣ мемондааст. Он рӯзе, ки Усто Сафар соли ҳамсарашро гузаронд, Раҳимқули муаллим то бевақтӣ ҳамроҳи ӯ монд. Муаллим баъд аз мулоҳизаҳои зиёд ба гуфтани муддаои дилаш ҷазм кард:

– Устоака, ҳоли шумо, зиндагии шумо чун рӯз равшан. Ҳарчанд мушкилоти худро пинҳон мекунед, мо ҳама медонем. Танҳоию дилтангӣ ана-мана мардони ҳузарбро аз по афтондааст, чӣ расад ба шумо барин солмандон. Дигар ба тақдир тан дода нишастан фоида надорад.

Аз дили ӯ огоҳ будани муаллим ҷойи тааҷҷуб надошт. Воқеан, дарди усто бисёр буд, бо ин ҳол сар бардошт:

– Чӣ кор кун, мегӯйӣ?

– Бояд издивоҷ кунед, – бе тааммул афзуд Раҳимқули муаллим, – агар зан гиред, коратон сабук мешавад, аз тазйиқҳои руҳӣ халос мешавед.

Бадани усто ларзид. Ин ҳарфи муаллим гӯё теғе буд, ки то устухонаш халид. Дар ҳоле, ки наметавонист пир-пир паридани лабонашро нигаҳ дорад ва беист чашмак мезад, дардолуд садо баровард:

– Дӯстам, ман ин хел ният надорам. Бе он ҳам дар марги бемаҳали вай худамро гунаҳкор медонам, бигзор осуда бихобад.

– Устоака, бе ҳазл, ба гапи ман гӯш кунед. Мо ба дунё барои озор дидан наомадаем. Баъд, фикр мекунед Мунавввараапа бо вуҷуди ин ҳама азиятҳои шумо ором мехобад? Магар ӯ ба роҳату осоиши шумо раводор нест?

– Бас кун, дӯстам, ин гапро дигар нашунавам. Духтару писаронам бе он ҳам маро тарк кардаанд, Худо медонад, пас аз зангирӣ чӣ балое ба сарам меоваранд?!

– Ҳо, бале Устоака, онҳо агар меҳрубону дилсӯз мебуданд, ин пешниҳодро худашон мекарданд! Аз барои Худо, ба ҳар гуна гумон наравед. Зангирӣ гуноҳ нест, ба хусус, барои марде мисли шумо, ки рӯзу шаб ба кумак муҳтоҷед.

Он рӯз Раҳимқули муаллим ба нияти худ нарасид, ҳар чӣ мегуфт, усто қабул намекард. Аммо таслим нашуд, аз аҳди худ даст накашид. Рӯзи дигар боз омад, лекин ин дафъа бо ду ҳамсоли усто ва Бобо Шарофи оқсаққол. Ин бор ду поро дар як мӯза карда, Усто Сафарро маҷбур карданд, ки ба зангирӣ розӣ шавад. Баъд аз ин суҳбат Раҳимқули муаллим ва Бобо Шароф миёнро муҳкам бастанд. Онҳо аз деҳаи ҳамсоя бевазанеро ба исми Оқила баргузида, зарфи як моҳ тамоми расму одати ҷориро гузаронданд ва ба никоҳи усто даровrouteанд.

Усто Сафар аз нахустин рӯзе, ки як зани бегона бо писари думовард ба хонааш қадам монда буд, худро ноҳинҷору бесаранҷом медид. Дар мағзи дил ҳис мекард, ки қисмати шуме ӯро интизор аст. Боз дар сафҳаи хотираш симои ҳамсари фавтида равшантар падид омад. Ҳарчанд ӯ бо нимтабассум ва чеҳраи розиманд намудор мешуд, усто дар худ мепечид, худро гунаҳкор медид. Дар дил, гоҳе ҳам садо бароварда мағфират мехост: «Маро бубахш, азизам, нагузоштанд, ки бо ёди ту бимонам. Ба хотири нафсу роҳати худ ба рӯят по гузоштам, маро бубахш…» Аз сӯйи дигар, Оқила бо як ҷаҳон меҳру муҳаббат ва ихлосу алоқамандии баланд ба корубори хонадорӣ часпида буд. Ӯ ҳар лутфу мададе, ки аз дасташ меомад, барои шавҳари худ дареғ намедошт. Аз чӣ бошад, ҳамеша ба усто «Хоҷам»-гуфта муроҷиат мекард. Писарашро ҳам, ки синнаш аз ҳафт гузашта буд, ба «додо» гуфтан одат кунонд. Хеле мехост, ба ҳар навъе бошад, дарди дили шавҳари нави худро сабук кунад, дар он ҷо гирад. Тамоми кори рӯзгор ва ҳатто боғдориро ба уҳда гирифта буд. Намегузошт, ки хоҷааш ғайр аз устоӣ дасташро ба оби ях занад. Меҳмони расидаро, чи мешинохту чи на, бо чеҳраи кушод пешвоз мегирифт ва ҳар сухани хушу марҳамате, ки дошт, арзонӣ мефармуд.

Усто Сафар бо доштани чунин зани меҳрабону кордӯст хушҳол буд, вале аз сӯйи дигар, боз як безобитагие ӯро ором намегузошт. Медонист, ки писаронаш ин ҳолро ба хубӣ қабул нахоҳанд кард. Бешак, онҳо ба зангирии падари пири худ розӣ нестанд, аз ӯ танаффур хоҳанд кард. Дарвоқеъ, кадом фарзанд аз ишғол шудани ҷойи модараш хурсанд мешавад? Ин амал фақат боиси қаҳру ғазаб мегардаду бас. «Дигар он чиро нахоста будам, шуд, – дар худ фикр мекард усто, – ин зану кӯдак айбе надоранд. Агар аз Худо битарсам, бояд ба онҳо саробонӣ кунам. Бева буд, ба пушту паноҳ ниёз дошт, дар пешониаш мани бадбахт будаам. Акнун ки бо умед зиндагӣ месозад, ба

орзуяш бояд бирасад. Дигар ин ҳама ҷою ҷогаҳ ба инҳо мемонад. Писаронам нахостанд, худро дур кашиданд, аз мероси падар ҳазар карданд. Дигар ихтиёрашон, Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад…»

Ҳамон тавре ки усто пиндошта буд, зиндагии орому осудааш дер напоид. Ҳанӯз аз издивоҷи ӯ бо Оқила як сол нагузашта, пушти ҳам се писар ба ҳавлиаш сар халонданд. Кош фақат сар мехалонданд! Онҳо дар ниҳояти рашку ҳасудӣ ба дилу мағзи падари худ нештар халонданд! Иддаои писарҳо он буд, ки набояд ҳавлию дари бобоӣ ба дасти зани бегонае афтад. Падар бояд ё аз зан даст кашад ё ин хонаю боғи қишлоқро ба писарон дода, ба ҷойи дигар равад. Ин қадар нодонӣ ва побанди молу чиз шудани писарон Усто Сафарро сахт ба шигифт овард. Ӯ асабонӣ шуд, бори аввал ҳар се писарро аз хона берун андохт. Писарони усто ором нагирифтанд. Онҳо дафъаи дигар ҳамроҳ бо ҳамсарони худ омаданд, ин бор батамом «мусаллаҳ» буданд. Хостанд ба наҳви худ падари якравро ҷазо диҳанд, ӯро забонкӯтоҳ кунанд. Аз ин рӯ, бе ибо боду борони шадиди бадгӯйӣ ба сару кӯли падар рехтан гирифт:

– Ту модарамонро беҳурмат кардӣ, орзуву умедҳои ӯро ба бод додӣ!

– Пирию хартозӣ, дар куҳансолӣ шарм накарда зан гирифтӣ, ин аст садоқати ту?!

– Натарсидӣ, уболи бачаҳо мегирад? Ё гумон кардӣ ҳеч Худое нест? Ҷойи ин ки аз фарзандонат биёрӣ, зани ғар ба хонаамон овардӣ, ҳатто бо думовард!

– Ку, бубинем, кӣ соҳиби ин дову дастгаҳ мешавад! Фикр кардӣ ба ҳамин осонӣ як бегонае ҳаққи моро мегирад?! Не, хаёли хом дар сар набоф!

Писарон ва аз онҳо бештар занонашон бо садои баланд доду фарёд мезаданд, намегузоштанд падар ҳарфе гӯяд. Усторо дарди сар гирифт. Бо асабоният аз ҷо баланд шуд, дар ҳоле ки гӯё сару рураташ оташ мегирифт ва тамоми баданаш ба ларза меомад, бо ду даст ду ёқаи гиребонашро дошт ва бо ғазаб ба ду самт кашиду куртаашро ду ним кард. Ӯ дод зад:

– Ман ҳанӯз намурдаам! Бизанед, сари синаамро шикоф кунеду ба ин «дову дастгаҳ» соҳиб шавед! То имрӯз дар кадом гӯр будед? Баъди сари модаратон кадоме омада аз ҳолам хабар гирифт? Акнун ин муштипарро, ки бо бачааш овардаам ва беҳтар аз шумо тамоми ҳастиашро ба ман бахшидааст, мехоҳед берун ронед? Не, ин додатонро ба оби ҷӯй, ба санги сиёҳ гӯед! Агар хоҳед, фарзанди ман бошед, ба хубиву хушӣ ба меҳмонӣ омада равед, агар не – чор тарафатон қибла!

Дар ин ҳангом Оқила мисли бузи рамида дир-дир меларзиду ёрои аз ошхона берун омадан надошт. Аммо, чун дид садои доду бедод торафт баланд мешавад, дигар таҳаммулро аз даст дод ва ба хотири он ки аз асабонияти зиёд қалби шавҳараш дарз нахӯрад, бо нигаронӣ худро ба дохили хона зад ва гуфт:

– Хоҷам, ором шавед, худро эҳтиёт кунед!

Ба маҳзи ин ки Оқила дар дами остона пайдо шуд, нахуст се келини ҳамроҳи шавҳарон оташгирифта мисли гург ба ӯ ҳамла карданд. Дар як он

сару сурат ва бадани бечоразан туъмаи хунгирифтаҳо гардид. Агар дар ин асно Раҳимқули муаллиму Бобо Шароф расида намеомаданд, Худо медонад, чӣ қиёмате ба по мешуд…

Пас аз он воқеа Оқила бо писари хурдсол «хоҷа»-ашро тарк карду ба деҳаи худ сар гирифт. Бо ҳазор надомату пушаймонӣ Усто Сафар боз бо сари танҳо ва бо тоси қадима дар хона монд. Дубора барояш ҷойи зан холӣ шуд. Ӯ дигар он марди ботамкину солим набуд. Ба назар мерасид, ки дилу ҷигараш аз дасти гирумонҳои замона об шудааст. Ҳафтае нагузашта сар ба болини беморӣ ниҳод. Як ҳафтаи дигар ҷон канд ва дар ниҳояти залилӣ риштаи ҳаёташ гусаст…

Аз он дам чанд сол сипарӣ шудааст. Ҳар кас аз деҳаи Нурובод мегузарад, дар васати он чашмаш ба харобае меафтад. Он хонаи деворҳояш рехтаю обшуста ва боғи дарахтонаш хушкшудаю урён «дову дастгаҳ»-и Усто Сафари марҳум аст. Баъд аз сари ӯ касе аз тарси фарзандони ҳасуду беурза дили по мондан ба он манзилро надорад.

## НОЛАИ ХАР

Вақте ки мегӯянд, аз ҳама муғамбир ва аблаҳтарин ҳайвон хар аст, ман қабул надорам. Зеро то чашм кушода ҳар гӯшдарозеро, ки дидаам, нисбат ба ҳайвонҳои дигар гапшунаву донотар буд. Воқеан, дар деҳаамон аз хар беҳтар «кола»-и каммасрафу дастёри беминнат надоштем. Нисфи корҳои зиндагиамонро ҳамин ҷонвар анҷом медод ва хонае ҳам набуд, ки як ё дуто хар надошта бошад.

Ёдам ҳаст, ман дар синфи панҷум мехондаму яке аз рӯзҳои сарди зимистон хари хокистариранги дарамон, ки даҳ соли тамом барои мо қуввату хидмати худро дареғ надошта буд, мурда монд. Аз даргузашти он, ба хусус, модарам хеле ғамгин шуд. Ӯ чанд муддат малулу дилозурда фақат оҳ мекашид ва ба касе майли суҳбату гуфтугӯ надошт. Падарам бошад, азбаски ҳеч гоҳ кораш ба хар намеафтид, парво намекард ва ба озурдагии модарам хандааш омада боре гуфт: «Худаш хар будаасту ин қадар мотам?! Баҳор, ки шуд, лӯлиҳо боз меоянд, як курраи дигар мехарем!»

Дар ҳақиқат, гуфтаи падарам шуд. Баҳори он сол як тӯда лӯлӣ ба деҳаи мо низ омаданд ва дар паҳнои гузари Доничак, болотар аз хонаи мо, чодарҳои худро кӯфтанд. Онҳо бо худ чанд хару курраро низ оварда буданд. Падарам ба ваъдаи худ вафо карда, аз лӯлиҳо боз як хари бақуввати тӯсирангро харид. Пеш аз ҳама ман бар он савор шудам ва ба ин тарафу он тараф йӯрғаву кулоч давонда имтиҳон кардам. Аз он пас дар хонаамон маро ба узви нави тавилаамон вобаста карданд ва нигоҳубиниву парвариши онро ба уҳдаам гузоштанд. Барои мо, ба хусус, барои модарам хурсандиҳои аз ёд рафта бо расидани ин боркаши ҷонсахт дубора зинда шуд.

Гӯшдарози мо аз ҳамҷинси қаблиаш ҳам фармонбару зирактар буд. Вақте ки маро медид, ҳар гуна нозу истиғнои худро – аз албонҷ додани гӯшу дум сар карда то ҳик-ҳику ҳангоси баланд, арзонӣ медошт. Ҳангоми бастани полону абзораш оромона дар ҷо меистод ва ҳар гоҳ ба пушташ менишастам,

бо ишоратҳои ман гардан метофт ва ҳаракоти худро бо маромҳои лӯккаву йӯрғаву қулоч якзайл анҷом медод. Коркашиҳоямон аз он аксаран дар се моҳи таътил, ки дар фасли тобистон доир мегардид, сурат мегирифт. Мо ҳанӯз дар фасли тобистон ғами зимистонро мехӯрдем ва аз рӯйи одат, ҳар сол барои молҳои дарамон ҳадди ақал панҷоҳ хар эбудаю робаю карок барин хошоку алафи ёбоӣ ва барои печкаву танӯру оташдон ҳам чил-панҷоҳ хар ҳезуми хушк аз дашту кӯҳ мекашондем. Овардани ин ҳама бор, албатта, ба дӯши «дастёр»-и беминнати мо буд ва он ҳам ҳеч гоҳ гарданшахӣ намекард.

Хеле ҷолиб буд, ки ҳангоми ба чӯлу кӯҳу кӯтал рафтан ҳаргиз ба харамон хатти ҳаракатро нишон намедодем. Ҷонвар беист моро то ба манзил мерасонд. Фақат дар дуроҳаҳо лозим меомад каме роҳбаладӣ кунему бас, бо нихтаи халачӯб ҷонвар ба чап ё ба рост мегашту роҳашро идома медод. Гузашта аз ҷодаҳои мустақими саҳроӣ, дастёри мо ба роҳакҳои каҷукилеби нишебу фарозҳои кӯҳӣ низ бахубӣ хӯ гирифта буд ва алалхусус, ҳангоми бозгашт, вақте ки зери бор буд, аслан коре бо вай надоштем. Медонист бо кадом роҳ ва бо чӣ мароме борашро то мақсад расонад.

Ҳодисаи як рӯзи ҳезумкашонии ману бародарам аз дараи Феҷаки беоб, ки иттифоқан рух дода буд, ҳеч гоҳ аз хотир намеуфтад. Дар он рӯз мо аз ҷарҳои пурпечу хам ва роҳҳои мушкилгузар гузашта, дар кунҷи дара мавзеъ гирифтем. Дар андак вақт як хар ҳезуми хушк, ки фақат тарошаҳои бодом буд, омода сохтем. Бародарам ба ман фармуд, ки дулингаро баста ба хар бор кунам ва худаш ҳам поинтар ба гирдуғун кардани тарошаҳои сарборӣ машғул шуд. Ман ресмонро ду рад гузошта, ҳезумҳои ҳар ду лингаро мураттаб дарчидам. Сипас, ҳамин ки харро ба зери бор оварданӣ шудам, ғайриинтизор, ҷонвар якравикунон гардан даст надод. Маҷбур шудам, ду-се лагад ба кафалу чанд халачӯб ба сару гарданаш фарорам. Аммо ин кӯфтанҳо суде набахшид, харам намехост дулингаи ҳезумро ба пушташ гузорам. Хеле ҷонгирак он буд, ки баъд аз кашида овардани вай ба обу арақ ғӯтида дулингаҳоро мебардоштам ва ҳамин ки мехостам ба болояш гузорам, аз ҷойи худ дуртар мерафт. Охирсар, дар ҳоле ки хун дар сарам меҷӯшид, тарошаҳои бастаро ба замин партофта, бо қаҳл ба ҷонвари «гапнодаро» дарафтидам ва бераҳмона ҳам бо лингу ҳам бо халачӯб, ба ҳар ҷое, ки рост меомад, кӯфтан гирифтам, ҳар ҳақорате, ки медонистам, ба сару димоғаш фурӯ рехтам. Дар он ҳол, доду бедоди ману харро дида, бародарам фарёд зад:

– Ҳой, чӣ кор мекунӣ? Чаро он бечораро мекӯбӣ?

– Ин бечората куштан ҳам кам аст, – бо қаҳр ҷавоб додам ман, – маст шудаст, намемонад лингаҳоро ба пушташ гузорам.

– Бас кун, ман худам бор мекунам, – гуфт бародарам ва ба сӯйи мо омад. Ӯ ба ман теғ кашида суханашро пай гирифт: – Кай дидаӣ, ки хар аз зери бор гурехта бошад? Агар забонашро нафаҳмӣ, чаро азоб медиҳӣ?

Ҳанӯз дар ғазаб будам, аз он ки бародарам гӯшдарози муғамбирро ҷонибдорӣ мекард, тааҷҷубкунон ба ҳаракатҳояш чашм дӯхта мондам. Ӯ куллан абзору полони харро боз карда ба як сӯ гирифт. Бо чӣ забоне гӯям, дар тахтапушти бечора захми калоне намудор шуд, рӯйи он суп-сурх хунолуд

буд. Бародар дигар чизе нагуфта, ба маънии «дидӣ, чӣ хабар?» ба сӯйи ман нигоҳе афканд ва аз пайи муоличa уфтод. Ӯ як мушт хоки нармро дар кафи дастонаш совида-совида ба рӯйи захм пошид ва миёнбанди пахтагини худро чорқад карда ба рӯйи он гузошт. Сипас оромона ҷулу қапталҳову тӯқумро болои ҳам ба пушти хар чида, бо айил маҳкам баст ва думи харро аз зери пордум ба берун кашид. Ду-се бор тӯқумро ба ду ҷониб ҷунбонда аз такмил шудани кораш дилпур шуд ва ба ман амр кард:

– Акнун лингаҳоро бор зан, канӣ бубинем кӣ хар – ту ё вай!

Ин дафъа, дар ҳақиқат, ҷонвар аз ҷояш такон нахӯрд. Ман дар хиҷил шуда, баъди бор задани лингаҳо, чанд бор сару гардани харамро молида, ба таври худ узрамро баён кардам.

Ҳар се ба роҳ баромадем. Аввал хар бо бори худ, ман аз дунболаш ва бародарам ҳам қафотар аз мо, фурӯ дар андешаҳои худӣ, қадам мезадем. Роҳравон то зови миёнҷойи дараи Феҷаки беоб расидем. Партгоҳи баланду касногузаре буд. Ҳар гоҳ ба ин ҷо меомадем, бо роҳи бағалӣ давр зада ба поин мефуромадем. Он рӯз, якравии мани шитобкор рӯ гирифту харро аз ҷодаи дигари наздиктар бурданӣ шудам. Аммо дар сари дуроҳа ҷонвар мех шуда истод. Ҳарчанд зӯр задам, ба амрам гӯш накард, ҳамин ки ман аз лаҷом дошта ба сӯйи роҳи наздик мекашидам, хар ду пойи пешашро тиргаккунон гарданшахӣ мекард. Дидам, ки нашуд, ин ҷо ҳилае ба кор бурдам. Як лаҳза нӯхтаи харро озод гузоштам ва ба маҳзи ин ки поҳояшро суст карда қадам партофтанӣ шуд, як дафъа аз нӯхта ба самти чап кашидам. Ҷонвар дигар илоҷи бо роҳи худ қадам заданро надошт, аз як сӯ, ба самти дигар тоб хӯрдани сараш ва аз ҷониби дигар, сангинии бори пушташ ба ин имкон намедод. Ночор бо роҳаки нишондодаи ман пеш рафт. Ман ҳам давида ба қафо гузаштам ва аз тарошаҳои сарборӣ дошта истода, баланд-баланд садо баровардам: «Ҳо, боракаллоҳ, ҷонавар, хӣ! Ҳо, бохабар бош, ҷонавар, хӣ!...»

Агар мо ҳамин зовро, ки иборат аз харсангҳои яклухти яксараи амудӣ буд, давр зада поин мефуромадем, дигар хавфе дар сари роҳамон вуҷуд надошт. Бо ин ҳадаф тамоми рагу пай ва торҳои аъсобамро таранг карда, гӯшу ҳуш ба хурдтарин ҳаракатҳои хар шуда будам. Ҳамин ки бо роҳаки каҷукилеб сарозер шуда, то нисфи нишеб расидем, харам ногоҳ аз роҳравӣ бозистод. Ман, ба ҷойи ин ки нигоҳ кунам ҷилаваш чӣ иттифоқе рух додааст, «хӣ» гӯён ба пушташ як лагад фуровардам. Ва ҳамин задани ман буд, ки хар мувозинатро гум кард ва пояш бар рӯйи санги паҳну софе, ки дар пешаш буд, лағҷиду бо борубуна чаппа шуд. Ҷонвар дар зери ҳезумҳои муҳкам басташуда то таги зов ғелида рафт. Ҳуш аз сарам парид, беихтиёр «додӣ!» гӯён бародарамро ҷеғ задаму худ бо ҳавлу ҳарос хез зада-хез зада то болосари бечораи ғелида омадам. Фикр мекардам, харам дигар зинда нахоҳад буд, барои ҷон ба саломат бурдан ҳеч гуна имконияте ҳам надошт.

Бародарам низ ҳаҳҳосзанон расида омад. Дукаса ресмонҳои борро кушодем. Ҳама ҳезумро ба ин сӯву он сӯ партофта, харро аз зери бор озод кардем. Ҳамин дам, бар хилофи пиндорҳои ман, хар поҳои пешашро рост карду якбора аз ҷо баланд шуд. Худоро шукр, бо ин ки тану ҷонаш – аз

бучулаки поҳо то думу сару гардан захмиву абгор менамуд, зинда буд. Фақат аз беҳолӣ гӯшҳояш пакар, сараш афтида ва аз чашму бинияш об мешорид. Ба назарам метофт, ки аз сару димоғи ҷонвар то ба поин оби хунолуд мечакад. Ба ин сон ҳоли табоҳу заифии харамро то ба он дам надида будам, раҳмам омад, барои аз вай узрхоҳӣ кардан оҷиз будам…

Каме гузоштем, ки хар дам гирад. Сипас, бо ҳамдастии бародар дубора ҳезумҳоро бор задем ва аз дара ба сӯйи деҳа роҳ пеш гирифтем.

Он рӯз модарам аз дер мондани мо хавотир кашида, дар дами дарвоза чашм ба роҳамон дӯхта менишаст. Ба маҳзи ин ки наздик шудем, хар модарамро аз мо пештар дид ва дардолуд ҳик-ҳиккунон беихтиёр ба ҳангос даромад. Он лаҳза ҳис мекардам, ки ар-ари харам муқаррарӣ нест, вай беист, гӯё аз решаҳои дил нола мекард. Чанде гузашта хомӯш мешуду аз нав бо садои баланд нолаи дардолуд сар медод. Модарам ин ҳоли гӯшдарозро ба хубӣ пай бурда, дақиқан фаҳмида буд, ки мо ҷонварро азоб додаем. Ӯ сару гардани дастёри худро масҳкунон ҳамдардӣ мекард: «Ҳа, ҷонвар, чӣ шуд ба ту? Чаро ин қадар нола мекунӣ? Кӣ ба ту озор дод? Кӣ дардатро нафаҳмид?...» Хари бечора бошад, сарашро беист алвонҷ медод ва бо забони безабонии худ пайваста ҳик-ҳиккунону ҳангосзанон арзи дил карданӣ мешуд.

## ХИҶОЛАТ

То он дам мисли Фотимаапа зани орому фурӯтанеро надида будам. Ҳар гоҳ аз кор бармегаштам, ин занаки сархаму хомӯш низ бо ду дасти пур аз кӯчаи мо мегузашт. Ӯ танҳо бо аломати таъзим сарашро ба поин такон медоду бо тундӣ ба сӯйи хонааш қадам мезад. Ин қадар ситорааш гарм буд, дилам мехост зуд-зуд бо ӯ ҳамсуҳбат шавам, вале аз ниҳояти серкорӣ ин имкон бароям даст намедод. Гумон доштам, камгапӣ ва музтарии Фотимаапа аз он аст, ки нав ба маҳаллаи мо омадааст. Охир, то замоне, ки дар байни одамон роҳ меафтаду одат мекунад, вақт лозим.

Чанд рӯзи дигар аз нақли бобои тухмафурӯш ба шигифт омадам. Ӯ, ки тамоми рӯз дар кӯча менишаст ва аз ҳама гирудори маҳалла огоҳ буд, бароям гуфт, ки Фотима ба хотири бача накардан аз шавҳараш баромадааст. Сипас як писару як духтарро ба фарзандӣ гирифта, ба маҳаллаи мо омада, иҷоранишин шудааст. Ҳар қадар худаш хушмуомила ва орому солеҳа аст, фарзандонаш ҳамон қадар бадхулқу зиёнкоранд. Ҳама ҳамсояҳо аз дасти онҳо шикоят мекунанд.

Як бегоҳӣ бо садои қиюҷуви ҳамсояҳо ба берун паридам. Дидам, дар байни одамон писарбачае сарашро дошта баланд гиря мекард, аз миёни ангуштонаш хун мезаҳид. Яке аз ҷамъомадагон гуфт:

– Боз бачаҳои Фотима!

Дигаре изофа кард:

– Инҳо дарди сар шуданд, одоб чист, намедонанд!

Ман ҳам наздиктар омадаму пурсидам:

– Худаш чӣ гап?

– Ҳеч, бачаҳои Фотима боз қилиқ кардаанд. Ақлашон кай медарояд, Худо медонад!

– Аз рӯзе, ки омад, балои ҷон шуд. Хап гардем намешудагӣ-барин, ё бачаҳояшро саришта кунад, ё барояд, аз ин ҷо дафъ шавад! – таҳдидомез бо садои баланд илова кард нафари дигар.

Ба хубӣ фаҳмидам, ки ҳеч кас аз Фотимаапаю фарзандонаш ризояту дилхушӣ надорад. Дилам ба ӯ сӯхт. Маълум буд, ки худаш зани хубест, аммо бачаҳояш дуто шайтонанд. Онҳоро аз парваришгоҳ гирифтааст, чӣ гузаштаҳое доранд, касе намедонад…

Рӯзҳо сипарӣ мешуду шикояти ҳамсоягон бештар мегардид. Мегуфтанд, бачаҳои Фотима ниҳолҳои боғашонро кандаанд, шишаи тирезаҳояшонро шикастаанд, чӯҷаҳои мурғонашонро куштаанд, бачаҳояшонро дар мактаб озор додаанд… Аз даҳон ба даҳон мегашт, ки Фотима фарзанд гирифта хато кардааст, агар аз уҳдаи тарбия намебарояд, чаро худашро азоб медиҳад? Ё бачаҳояшро пас диҳад, ё аз ин маҳалла ба ҷойи дигар равад! Бо ин ҳол аз роҳ бероҳ шудани бачаҳои мо ҳам ҳеч гап не!

Ниҳоят, сабру қарор аз даст рафт, рӯзе ҳамсояҳо гирди ҳам ҷамъ шуданду ба хонаи Фотимаапа фурӯ рехтанд. Чун маро низ барангехта буданд, ба ҳарфи шавҳарам гӯш надода, ба онҳо ҳамроҳӣ кардам. Ҳар чӣ дилашон мехост, гуфтанд ва баъд аз шикваю сарзанишҳои фаровон Фотимаапаро ба ҳоли худ гузошта бадар рафтанд. Ман бори аввал бо ӯ рӯ ба рӯ шудам. Аз таънаю маломати зиёд ба изтироб омада буд ва аз ғояти дилтангӣ дар чашмонаш ашк ҳалқа мезад. Бо ин ҳол, маро диду гуфт:

– Шумо ҳам бо инҳоед? Омадед, ки маро сарзаниш кунед?

– Охир, бачаҳоятон беинтизом, ҳамеша аз дасти онҳо даъвою干 харҳаша, харобкорӣ…

– Оре, бачаҳоям ҳанӯз сар ба роҳ нестанд, аммо бояд ёрӣ диҳем, онҳоро ба зиндагии дуруст ҳидоят кунем.

Пурсидам:

– Фотимаапа, ман тааҷҷуб мекунам, чаро маҳз ин дуторо ба фарзандӣ гирифтаед? Бачаҳои боодоб, ки ба саробонӣ эҳтиёҷ доранд, бисёр-ку?

Дар ин ҷо ӯ лабханди маънидоре заду гуфт:

– Барои он бачаҳо мисли ману шумо парастори меҳрубон ҳамеша ёфт мешавад. Ин ду нафар бошанд, рӯзҳои талхе аз сар гузарондаанд. Агар ман намегирифтам, Худо медонад, чӣ одамҳое мешуданд! Ғайр аз бадӣ дар ин ду-серӯза ҳаёти худ чизи дигаре надидаанд. Мехоҳам ғамхорӣ кунам, ба он хотир ки, ҳадди ақал, аз зиштиву талхиҳои зиндагӣ дар амон бошанд.

– Охир, бо ин ҳол зиндагии худатон сахт мегузарад, кадом як кори онҳоро назорат мекунед? Мегӯянд, дар мактаб ҳам духтаратон…

– Оре, ин гуна хабарҳо тез паҳн мешавад, аммо ба инҳо бояд фурсат дод. Дилам пур, одамони хуб мешаванд.

Чанд рӯзи дигар Фотимаапа василаҳояшро ҷамъ карду бо ду фарзандхонди худ аз маҳаллаи мо кӯчида рафт. Замоне, ки чизу чораашро гирдуғун мекард, худамро хеле ноҳинҷор ҳис кардам. Дилам мехост ӯ дар

гузари мо бимонад, аммо дигар кор аз кор гузашта буд. Дар он лаҳза шавҳарам низ ба ҷароҳатам гӯё намак мепошид: «Шумо – занҳо ҳама бояд тавба кунед. Ҷойи ин, ки ба бечора дасти ёрӣ дароз кунед, фақат озор расондед. Ин зан олиҳа аст, кори савоб мекунад, савобе, ки аз чандин тоату ибодат беҳтар!»

Аз байн солҳо гузашт. Ҳарчанд фаровон дуди зиндагиро хӯрдаму пиртар шудам, ҳеч аз пеши назарам чеҳраи ғамгину озурдаҳоли Фотимаапа дур намешуд. Пайваста нигоҳҳои ноумедонаи ӯ ба пеши назарам меомад. Ин хаёлҳо буду рӯзе писари хурдиам исҳоли сахт гирифт. Ӯро аз дармонгоҳи маҳалла ба бемористони марказӣ роҳхат доданд. То ба бемористон омадам рӯз аз аср гузаштаву поёни соати корӣ фаро расида буд. Ҳамон лаҳза масъули шуъбаи бемориҳои кӯдакона – духтараки болобаланди хушгиле як хилъати сафед ва сумкачаи мишкирангро ба даст гирифта, дари хонаи кориашро мебаст. Ӯ симои шитобзадаи ман ва беҳолии писарамро пай бурд магар, саволомез ба сӯямон нигоҳ кард.

– Духтарам, аз барои Худо, ба дардамон расед, – хоҳишмандона рӯ овардам ба вай, – тамоми рӯз писарам аз шикамдард морпеч меравад, дилу ҷигарам об шуд.

– Ба чашм, холаҷон, биёед дохил, – бо лаҳни гуворое гуфт духтар ва баргашту дарро боз кард.

Вақте ки ҳамшираи ҷавон писарамро муоина мекарду рӯйи коғазе дорую даво менавишт ва ба ман тавсияҳо медод, дари хонаашро як ҷавони тамизу озодапӯшида кушод. Ӯ низ мисли духтарак қадбаланд ва бо кафшҳои ҷилодору шиму костюми соф утузада ва мӯҳои мураттаби ба як сӯ моил хеле хушсурат ба назар мерасид. Ҷавон бо меҳрабонии ба худ хосе гуфт:

– Салом, хоҳарҷон, монда набошӣ!

– Саломат бошед, бародарҷон, мебинам, ки барои бурдани ман омадед?

– Магар мешавад, ҷигарбандамро ин ҷо монда равам? – ҳар ду мулоим хандиданд ва ҷавон ба суханаш идома дод: – Имрӯз кори фурӯшгоҳамон бобарор омад. Мудир ҳисобу китобамро қабул карда хеле мамнун шуд, аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Баъди кор паридам ин ҷо, модар ҳам дар ҳавлӣ интизори мост.

– Хеле хуб, ман ҳам омодаам, бародар, – гуфт духтар ва ба ман рӯ оварда дар идомаи маслиҳатҳои қаблиаш афзуд: – Холаҷон, ҷойи хавотир нест, ҳамааш нағз мешавад, фақат ба гуфтаҳоям бамавқеъ амал кунед, кофӣ. Дарунаш, ки шуста шуд, писаратон тойча барин ба ҷастухез медарояд.

Ҳама пасу пеш аз роҳрави бемористон гузашта ба берун баромадем. Ҷавону духтар дасти ҳамдигарро гирифта пеш-пеш ва ман бо писарам, дар ҳоле, ки ҳаракатҳо ва шӯхиҳои ҷавонон тамоми ҳушу хаёламро рабуда буд, аз қафо қадам задем. Онҳоро дар назди дарвозаи бемористон занаки ситорагарме пешвоз гирифт. Чеҳраи ӯ бо дидани фарзандонаш шукуфта рафт, гӯё аз сару рӯяш нур меборид. Дар он лаҳза дасти писарамро муҳкам дошта, сари ҷо шах шудам: медидам, ки Фотимаапаи «гумшуда» бачаҳои худро ба оғӯш гирифта мебӯсад, навозиш мекунад...

Вақте ки ҳар се ба роҳ афтиданд, ман чанд муддат аз қафояшон нигарон мондам, ба Фотимаапа, ки он ду кӯдаки шайтонро «одам» карда буд, ҳавасам омад. Ба назар мерасид, даври ӯ ду фаришта мечарханд. Дар он лаҳза ҳис кардам, аз хиҷолат гунаҳоям месӯзад, гӯё ки дар пеши ин занаки вафодор гунаҳкор бошам.

## ДУХТАРИ НОКОМ

Муддати зиёде буд, ки хостгорҳо дари моро мекӯфтанд. Ҳар яке ҷон меканд бо таърифу шеваи дилпазире ба дили падару модарам роҳ ёбад ва маро ба набераашё ба писараш, ё ба хешбачааш сарбанд кунад, аммо ин ба ҳеч кадом муяссар намегардид. Онҳо бо умеду орзуҳои нек вориди манзиламон мешуданду бо димоғи сӯхта ва доманҳои холӣ берун мерафтанд. Ин қадар зуд ба қад расиданамро худам ҳам нафаҳмида будам. Ҳарчанд ба ҷавобҳои ради падару модарам эътино намекардам, ба хостгорҳои омада ҳар гоҳ «ҷо дорад» гуфтани онҳо маро дар ҳайрат меандохт. Боре кунҷковиам рӯ гирифту ҳама шарму иборо ҷамъ кардам ва аз модарам пурсидам:

– Оча, ҷойи ман куҷост?

Аз ин пурсиш модарам ба завқ омад ва хандаомез гуфт:

– Дар айни ҳол беҳтарин баҳонаи пас гардондани хостгорҳо ҳамин аст, духтарам, набошад шилм барин часпида мегиранд.

– Охир, чаро? Масалан, гӯед, ки ҳанӯз хурд аст, зиндагира намедонад ё…

– Не, духтарам, чӣ ҷойи пинҳон, ҳақиқатан ҳам ту ҷой дорӣ. Падарат гуфта буд, ки Ҳосили ҷӯрааш даҳан андохтааст. Писараш бошад, бекор, дар хона аст. Шояд мехоҳанд, ки аввал хондану кораша аниқ карда гирад. Дертар шавад беҳтар, ҷиҳези тура ҳам пур мекардем.

Карахт шудам, лаҳзае оғушта ба хаёл мондам. Хонаи Ҳосилака аз сой он тараф аст, писараш Илҳом – ҳамон ҷавони лӯндаи сиёҳҷурда, ки ӯро нағз мешиносам. Ёдам ҳаст, дар мактаб ҳамеша аз бачаҳо шаллоқ мехӯрд. Боре модараш аз дасти ӯ гирифта ба мактаб омада буд ва муаллими Асрорро, бо баҳонаи ин ки писарашро танбеҳ додааст, миёни хонандаҳою устодон беобрӯ кард. Ҳар гуна ҳақорате, ки медонист, ба сари муаллими бечора рехта рафт. Ҳамон вақт дар назари ману бачаҳо Илҳому модараш хунук тофта буданд, ҳама ба онҳо нафрин мехондем. Ба муаллими Асрор бошад, раҳмамон омад, хомӯшу музтар рост меистод, зоҳиран, намехост бо он зани шаддод баробар шавад. Пас аз ҳамон воқеа Илҳом дар байни бачаҳо бо лақаби «эркатой» машҳур шуд ва ман ҳам чанд бор ӯро бо ин ном мазоҳ кардаам.

– Очаҷон, илтимос, аз ин раъйатон гардед, фақат ба ҳамон эркатой надиҳед, – якбора ба худ омада хоҳиш кардам аз модар.

Ӯ оташин шуда гуфт:

– Хап шав! Ин гапата додот нашунавад, ки аз лингат чаппа ос мекунад! Ҳосилака одами бою бадавлат, хонаю дар, дову дастгаҳ, ҳар чӣ хоҳӣ, дорад.

Бе ин ҳам, дӯсти наздики додот, қудо мешавем гӯён аҳду паймон кардаанд, ту бошӣ…

– Не, не, не! – гӯён таноби гиряро раҳо кардам ва давида ба хона даромадаму дарро сахт бастам.

Ба ин минвол, рафта-рафта думи хостгорҳо канда шуду хаёли падару модарам ҳам роҳат гардид. Мани ошуфтаю даргиршуда бо хаёлоти парешон рӯзу шабро базӯр паси сар мекардам. Дур аз интизор, ин нороҳатии ман дер давом накард. Бо Давлат вохӯрда, ба якдигар унс гирифтанамон ҳама нороҳатиҳоямро аз байн бардошт.

Давлат ҷавоне буд миёнақад, бо мӯҳои мишкии мураттаб шоназада, абрувони баланд, чеҳраи гандумӣ ва лабони ҳамеша табассумдор. Ӯ дар соли чоруми донишкада таҳсил мекард ва барои таҷрибаомӯзӣ ба мактаби мо омада буд. Шиносоии мо дар назди чашма, ҳангоми обгирии ман ба вуқуъ пайваст ва ҳамон вақт нигоҳҳои гарм, суханони латифу меҳрубононаи ӯ ба дилам як олам хурсандӣ ато карда буд. Баъдан мулоқотҳоямон рӯз то рӯз бештар шуд ва ба дараҷае расид, ки модарам ҳам пай бурда монд. Ман маҷбур шудам, ҳар чӣ миёни ману ин ҷавони шаҳрӣ рух дод, барояш ошкор кунам. Иқрор шудам, ки ба ростӣ ман Давлатро дӯст медорам, аллакай шефтаю дилбохтаи ӯ гаштаам. Ҳарчанд медонистам, модарам мухолифи ин қарори ман аст, бо илтиҷо аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба ман ёрӣ диҳад, интихоби маро ҷонибдорӣ намояд, нагузорад, ки нахустин шуълаҳои ишқи ҷавониам хомӯш гардад. Аммо илтимосамро ба оби ҷӯй мегуфтам, модарам ҳатто нахост гапи маро то охир гӯш кунад. Ӯ бо ҷаҳлу асабонии беҳад, ки ҳеч гоҳ ӯро дар ин ҳолат надида будам, ба сарам дод зад:

– Ҷувонимарг, натарсидӣ нону намаки додот мезанад?! Ин беорию рустакӣ ишқбозӣ карданҳо чӣ маънӣ дорад?! Охир, агар гӯлу гаранг набошӣ, магар нагуфтам ту ҷой дорӣ, додот ваъда додааст? Ё қасдан мехоҳӣ шармандагӣ пеш орӣ, мехоҳӣ ба рӯйи ману додот по гузорӣ? Ту беҳаё, мана забонкӯтоҳ кардӣ, дигар аз худат гила кун!

Ин гуфтугузор буду он чиро намехостам, рух дод. Падарам аз қазия воқиф шуда, бо қавоқҳои гирифта ва бо ҷиддият танбеҳамро дод: «Агар гапҳои очаат рост бошад, дигар тура дар хонаам набинам, ман чунин духтаре надорам. Лашу лушата ҷамъ куну дафъ шав!»

Дигар дар хона мондани ман ҳеч маънӣ надошт, мебоист ҳар чӣ зуд аз назари падарам дур шавам. Ба дудила шудан ҳам ҳеч далеле намонда буд, зеро бахшиш пурсидану аз Давлат даст кашидан бароям аз ҳама чиз гаронтар менамуд. Ҳар чӣ бодобод, падару модар ва манзилу макони дӯстдоштаамро тарк кардам ва дар оғӯши фикру хаёлоти мубҳам роҳи хонаи Давлатро пеш гирифтам.

* * *

Давлат маро дар кӯча нагузошт. Ӯ бо қалби саршор аз ишқу муҳаббат маро ба оғӯши гарми худ гирифт. Мо дар хобгоҳи донишҷӯён, дар як хонаи

миёнаҳоли дунафарӣ истиқомат ихтиёр намудем. Рӯзҳои аввал нигаронӣ ва дилтангиҳои зиёд маро азоб медод. Аслан наметавонистам падару модарам, охирин суханҳои хунобкунандаи онҳо ва деҳааму ҳамдеҳагони содаи дилёбамро фаромӯш кунам. Давлат хомӯшию дилтангиҳои маро дида, саъй мекард аз ҳар тариқе бошад, бароям руҳ бахшад, хушҳолӣ ато кунад. Бо суҳбатҳои ширин, бо нақлу ҳикоятҳои ҷолиб хаёлотамро парешон месохт ва ҳар гоҳ вақти фароғат даст медод, маро ба шаҳр мебурд, тамошо медод. Ба хусус, дидани манзараҳои дилфиреби шаҳр, кӯчаҳои серодам, ташвишу дилгармии шаҳриён ба кору зиндагӣ маро дар ҳайрат мегузошт ва кам-кам худамро дар як олами дигар эҳсос мекардам. Аз он ки як ҷавони бегона маро дар оғӯш гирифта буд ва дарду ҳиссиётамро ҳатто беҳтар аз падару модарам дарк мекард, дар шигифт будам. Аз дилу ҷон дӯст доштани ӯ ба ман ҳаловат мебахшид ва омода будам, ҳар гоҳе ки мехоҳад, тамоми ҳастиамро, инону ихтиёрамро ба ӯ эҳдо кунам.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Шабҳои ҳамоғӯшӣ, коми дил гирифтанҳо оғоз гардид. Гӯё эҳсосоти ошиқона ақлҳои моро рабуда буд, на фикри никоҳ доштему на ёди расму оини бобоӣ. Бароямон зиндагии муштарак, гуфтани суханҳои латифу ширин, бӯсаҳои гарму ба ҳам печиданҳо лаззати бемонанде дошт ва танҳо ҳамин ҳиссиёт ҳама дилтангию хастагиро рафъ мекард. Пухтупаз, рӯбучин, шуступартов, назофат ва дигар корҳои хонагӣ ба уҳдаи ман буд ва Давлат ҳам аз сариштакорию саранҷомӣ ва диди ман хушаш меомад. Ҳар гоҳ бо хушҳолӣ иқрор мешуд, ки танҳо дар охирин соли донишҷӯйиаш роҳату фароғатро мебинад, анҷоми корҳояш осон шудааст.

Хобгоҳи донишҷӯён шабу рӯз пурсарусадо буд. Ба он, ки Давлат дар хона ҳаст ё не, эътибор надода, дӯстону ошноёнаш маро танҳо намегузоштанд, бо ҳар хел баҳона ба хонаи мо сар зада ҳолу аҳвол мепурсиданд. Ба хусус, ҷавоне ба исми Қудрат, ки худро наздиктарин дӯсти Давлат мехонд, рӯзе чанд бор худро пеши ман намоиш медод. Ӯ ҷавоне буд қадбаланд, бо китфу бозу ва хеле хушандом. Чеҳрааш бо мӯҳои ҷингилаи қаҳваиранг ва рухсори сап-сафед ҷаззоб буд ва ҳангоми сухан гуфтану хандидан ба ду чаккааш чуқурча ҳосил мешуд. Рост мегӯям, ба ин зебоӣ ҷавононро кам дидаам, ҳатто Давлат бо он ҳама меҳрубониҳояш дар назарам ин қадар базебу шинам натофтааст. Вақте ки Қудрат назди ман меомад, аз тамошояш сер намешудам, саъй мекардам бо баҳонае ӯро бештар нигаҳ дорам, бештар ӯро тамошо кунаму ба суханҳои гарму самимиаш гӯш диҳам. Ин алоқамандӣ буд, ки омадурафти Қудрат ба одати маъмулӣ табдил ёфт. Чӣ гӯям, вобастагӣ то ҷое расид, ки агар як рӯз ҳамдигарро намедидем, беҳолу бекайфият гашта, чун мурғи посӯхтаву парканда ҷойи нишаст намеёфтем.

Иттифоқан, рӯзе Давлат ба донишкада рафту муддате нагузашта Қудрат даромада омад. Ӯ хушнуду сари ҳол менамуд ва худашро хеле оро дода буд, воқеан, ҷавоне буд хушсурату зебо!

– Ин қадар зуд, – баъд аз салому алейк пурсидам аз ӯ, – хурсанд менамоӣ?

– Рост, имрӯз ман бояд хушҳол бошам, имрӯз бисту серо пур мекунам, – бо ҳамон табассуми ҳамешагӣ арз кард Қудрат ва як баста аксро рӯйи миз гузошту ба суханаш идома дод: – Ин аксҳоро аз хурдиам ҷамъ кардаам, овардам, ки бо ҳам тамошо кунем.

– Наход! – ба ваҷд омадам ман, – таваллудат муборак, азизам!

Беихтиёр аз дасти ӯ гирифта ба сӯйи худ кашидам ва аз рухсори сап-сафеди хандонаш бӯса бардоштам. Ҳамин ҳаракати ман буду Қудрат як лаҳза лолу карахт монд, аз хиҷолат ба чеҳрааш сурхӣ дамид. Бо ишораи ман бар рӯйи диван нишаст ва ҳар ду бағали ҳам ҷо хуш карда, ба тамошои аксҳои овардааш пардохтем.

Суратҳоро дида-дида пайи ҳам аз Қудрат чизеро мепурсидам. Пас аз чанд муддат ҳис кардам, ки ӯ ба саволҳоям ҷавоб намедиҳад. Ҷавон дар оғӯши хаёлҳои худ бо як даст мӯҳоямро қабза карда, китфашро ба шонаам часпонда, аз боло нигоҳҳояшро ба сари дилам дӯхта менишаст. Чунон ғарқи тамошои синаҳои дамидаи ман буд, ки гӯё чашмонаш баста мешуданд ва ором-ором нафасҳои чуқур мекашид. Ӯро як силка дода пурсидам:

– Қудрат, чаро хаёлат гурехт?

Ӯ бошад чизе нагуфт, хомӯшона бо ду даст аз китфҳоям дошта муҳкам ба оғӯш кашид. Намедонистам чаро, ба ӯ муқобилат накардам, баръакс худамро дар бағалаш хеле роҳат ҳис намудам ва ман ҳам дастонамро ба камараш ҳалқа задам. Гармии бӯсаҳои пайи ҳам, ки Қудрат аз гардану рухсору лабони ман мебардошт, бароям лаззат мебахшид, ҳаловате ба тамоми вуҷудам давида буд. Ба назар мерасид, ки нахустин бор аз тану роиҳаи занона нашъа мебарад, ҳаракатҳои тез-тези бачагонае дошт. Ӯро болотар, рӯйи диван лағҷондам.

Қудрат гӯё аз ақл бегона шуда буд, маро танг дар оғӯш гирифта, беист, бо ҳар чӣ неруе дошт, худашро дар болоям пасу пеш мекашид. Аз байн чанд дақиқа гузашту базӯр ҷуссаашро бардошт ва бо як беҳолии тасаввурнопазир, бо чашмони нимапӯш ба хоб рафт...

Ин воқеа буду муносибати ману Қудрат низ маънии тоза касб кард. Ба ҳоли худам хандаам меомад, охир, дутоӣ бо ҳам шайдои ман буданд: рӯзона бо Қудрат ҳол мекардаму шабона бо Давлат. Ҳар ду бо сози худ ҳам ранҷ медоданду ҳам ҳаловат мебахшиданд, ҳар ду ба каври худ талабҳое доштанду меҳрабониҳо мекарданд ва танҳо ман миёни ду ҷаҳон овора, намедонистам аз кӣ даст кашаму бо кӣ бимонам. Бо ин оворагӣ се моҳи дигар гузашту бехабар мондам. Дар ин миён тавонистам чанд бор сарторикӣ ва дилбеҳузуриро таҳаммул кунам. Ман дуҷон будам, аммо худам ҳам намедонистам аз кӣ бордор шудаам. Мехостам ҳомилаамро ба Давлат ошкор кунам, аммо...

Давлат ҳамеша дар фикри он буд, ки назди падару модараш рафта муносиботамонро ошкор кунад ва хонадор шуданашро бо ман дар миён гузорад. Ӯ хеле нигарон буд, ки бе никоҳ дар батни ман кӯдак ҳосил мешавад. Агар ин воқеа рӯй диҳад, ҳар ду шармандаем, ҳам падару модар, ҳам хешу ақрабо айб мекунанд. Аз ин хотир, як рӯз тасмим гирифт, ки ин корро анҷом диҳад ва ҳангоми худоҳофизӣ бо таъкид гуфт, ки ба худам аз

духтарони хобгоҳ ҳамраҳ бигирам, ба эҳтимоли зиёд шаб барнамегардад. Вале мани сархуш аз танҳоӣ парвое надоштам. Ба маҳзи гусел кардани Давлат ба суроғи Қудрат афтидам. Ба назарам чунин менамуд, ки аз Қудрат бештар хушам меояд, гӯё ӯ ба қалбам амиқтар роҳ ёфта буд. Дар ҳақиқат, аз меҳрабонӣ ва навозишҳои ӯ мисли мум об мешудам. Вақте ки сарамро ба сандуқи синааш мегузоштам ва ӯ бо дастонаш маро мегирифт, худамро орому осуда ҳис мекардам. Оғӯши ӯ гарму фараҳафзо буд…

Он шаб тақ-тақи нобаҳангоми дар маро бедор кард. Оҳиста дасти Қудратро, ки бехабар аз ҳама чиз масти хоб буд, канор гузоштаму аз ҷо баланд шудам ва хилъатамро пӯшида, ба сӯйи дар қадам задам. Хоболудона ба хаёлам ҳам наомад, ки аввал бипурсам пушти дар кӣ аст. Дарро боз кардам. Оре, дарро кушодаму ҳуш аз сарам парид, рӯ ба рӯям Давлат меистод! Ӯ бетааммул вориди хона шуду чароғро равшан кард ва албатта, аввалин чизе, ки дар хонаи бедаҳлезу бепардаи мо ба назараш хӯрд, тахтхоб буд. Ба маҳзи ин ки рӯйи тахт ҷавонеро дид хобида, авзояш тағйир ёфт ва ҳайратзада як ба тахтхобу як ба ман нигоҳ афканд:

– Ин кист? – бо оҳанги ғазаболуд пурсид ӯ.

Хун ба сарам зад, хостам чизе гӯям, аммо забонам гирифта буд. Лолу гаранг мондам. Садои Давлат Қудратро низ ба по хезонд. Ӯро дида ҳолам бадтар шуд, Қудрат батамом лухту урён сари по меистод. Бо дидани ин манзара ваҷоҳати Давлат андоми ваҳшиеро гирифт, дар як он рагу пайи дастону горданаш варамида, чеҳрааш мисли анор сурх шуд, чашмонаш ҳам гӯё аз ҳадақа берун ҷаста буданд, тез-тез чашмак мезад, пӯсти рӯяш таранг шуда рафт. Нахустин бор ӯро бо ин ҳол асабонӣ медидам, сахт ба хашм омада буд. Ӯ якрост ба сӯйи Қудрат рафт ва бе ҳеч хаёл ба ӯ дарафтид. Қудрат аз зарби лагадҳои пайи ҳам бо рӯ ба замин парчин шуд, ёрои аз ҷо хестан надошт. Хуни Давлат ҷӯшида буд, сару гардан ва тану шиками ҳарифашро беамон мушту лагадкорӣ мекард. Лаҳзае гузашту каме ором гирифт ва ба тарафи мани лол, ки дир-дир ларзида, базӯр сари дузону менишастам, баргашт. Сабук аз гиребонам дошта бардошт ва дасташро зери манаҳам тиргак карда, шӯрангез гуфт:

– Ту қанчиқа ба занӣ гирифтанӣ будам, лекин ифлосӣ кардӣ, ба рӯям по мондӣ, дигар афту башарааата набинам! – ва бо зарб сарамро ба девор заду дасташро раҳо кард. Худамро натавонистам сари по нигаҳ дорам, мисли халтаи пури коҳ лағҷида, якпаҳлу ба замин афтидам. Бо талвосаи ҷон дубора аз ҷо хестанӣ шудам, аммо зарбаи ногаҳонии ӯ, ки бо лагад ба шикамам фуровард, маро ба замин яксон кард. Аз худ бехуд шудам, пеши чашмонамро сиёҳӣ гирифт, пушти пардаҳои луобие медидам, ки суроби Давлат аз болоям дур шуду шамоиле шабеҳи Қудрат рӯ ба рӯям падид омад…

* * *

Чашм кушода худро дар иҳотаи одамони сафедпӯш дидам. Ба зеҳнам омад, баъд аз он воқеаи маъшум бистарӣ шудаам. Тамоми баданам озурда

буд, дарду сӯзишҳои ҷонкоҳеро ҳис мекардам. Хок бар сарам, дарёфтам, ки тифлаки тоза сабзида дар батнам ҷон додааст. Духтурон пас аз талошҳои дурудароз маро амал карда, порагӯшти захмхӯрдаро берун андохтаанд. Ҳолам хуб набуд, гоҳе пеши чашмонам зим-зиё торик мешуду худамро гум мекардам. Аз толеи нек, мани сарсахтро Қудрат танҳо нагузошт, ӯ шабу рӯз болосарам буд ва ҳар чӣ лозим мешуд, муҳайё мекард. Бистариам тул кашид ва расо баъд аз як моҳ духтури мӯйсафед иҷозати рафтан доду таъкид кард:

– Духтарам, ин дардро осон нагир, зинҳор парҳез кун, худатро ба корҳои вазнин назан!

Сипас Қудратро низ ба гӯшае бурдау кимчиҳое ба гӯшаш пичиррос зад…

Дигар, зиндагиамро бо Қудрат идома додам. Ӯ хонаеро иҷора карда буд. Пайваста ҳавои маро дошт, ба ҳолам мерасид. Бо вуҷуди ин, ба худ симои ҷиддӣ гирифта, ҷуз парвариш ба коре даст намезад. Фақат гоҳ-гоҳ бағал карда аз рухсорам мебӯсид ва ҳамоно хавотиромез дастамро раҳо мекарду дунболи кори худ мешуд.

Аз байн чанд вақт гузашт. Як шаб ӯро ба ҷону ҳолаш намонда водор кардам, ки бо ман бихобад. Мехостам худамро имтиҳон кунам, ки ба худ омадаам ё не. Қудрат ҳам натавонист хоҳишу илтимоси маро рад кунад, розӣ шуд танҳо барои як бор. Ин ризоят буду бо ҳам даромехтем, вале... Бо чӣ забоне гӯям, ҳанӯз ҳаракатеончунон анҷом надода дарди сахте баданамро ба ларза даровард, аз қаъри дил фиғон бардоштам. Қудрат як он тарсиду аз ҷо хест ва мани беҳолу аз ним таҳ оғушта ба хунро озод рӯйи даст бардошт…

Дубора бистарӣ шудам. Ба гуфтаи Қудрат, ду шабонарӯз бо таъсири ампулу доруҳои оромбахш хобидаам. Сардухтури мӯйсафед ҳам ӯро хуб танбеҳ додааст, ба гуфтаи ӯ, омехтани ман бо мард тамоман мумкин набудааст. Ба Қудрат раҳмам омад, афсӯс мехӯрдам, ки ӯ барои ман азият мекашад, роҳату оромӣ надорад. Худам ҳам аз дарун об мешудам, аз корҳои кардаам сахт пушаймон будам, вале он пушаймонӣ дигар суде надошт. Ду-се ҳафта гузашту каме ҷон гирифтам ва пас аз андешаҳои дурудароз ба Қудрат суроғаи падару модарамро додам. Аз ӯ хоҳиш кардам ба онҳо пайғом фиристад, то ки омада маро ба деҳа баранд. Бо дили пур аз ғусса ба худаш низ изҳор намудам: «Ҳар коре шуд, гунаҳкор худам ҳастам. Ту ҳанӯз ҷавонӣ, бо ман овора нашав, дунболи бахти худ гард».

* * *

Падару модари мусибатдида ноилоҷ духтари гунаҳкори худро дубора ба оғӯш гирифтанд. Маҷбур буданд, ба ин хостаи Худо бо оҳу нола муросо кунанд. Мани нокому бадбахт низ дигар на Қудратро дидаму на Давлатро ва ҳеч хостгоре ҳам аз он пас остонаи моро зер накард.

# ҚИССАҲО

# ҚИССАҲО

## МАРДИКОР

*Аз ноумедиҳо басе умед аст,*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

### Азми сафар

Муаллим саҳарии барвақт аз хоб хест. Орому бесадо, ба хотири ин ки ҳамсару бачаҳояшро бедор накунад, аз ҷо баланд шуда нӯг-нӯки по ба даҳлез баромад. Дасту рӯ шуст, либосҳои гармашро пӯшид, мӯзаҳои чармини соқбаландашро ба по кард, бо ҳавсала тугмаҳои палтояшро то гиребон гузаронд ва телпаки зарди обшустаашро ба сар кашиду дари даҳлезро ба берун тела дод. Баробари боз шудани дар ҳавои сард ба димоғ зад, дар пеши назараш манзараи маъмулии фасли сармо, ки қабл аз ҳама ҷилои нуқрафоми он чашмҳоро мебурд, ҷилвагар шуд. Азбаски хонаи ӯ дар баландӣ воқеъ буд, ба осонӣ метавонист бештар аз нисфи деҳаро бо як чашм давондан тамошо кунад. Вале ин дафъа деҳаи зебоманзар ҳеч ҷаззобие надошт. Ҳама ҷоро ҷомаи сапеди барф пӯшонда буд, гӯё ки пасту баландиҳо аз байн рафтаанд, деҳа тахту ҳамвор ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин, чошупареш ба чашм хӯрдани шоху навдаҳои сиёҳранги нимаурёни дарахтон, дуди ғализи дудкашҳо ва ба хусус, рӯди пурпечу хами об, ки аз боло то поини деҳа ҷорӣ мешуд ва аз худ ҳаври беохире берун меовард, аз зинда будани деҳа гувоҳӣ медод. Мисли ӯ ҳамсояи рӯ ба рӯ низ дар он тарафи рӯд аз хона берун омада буд. Бели калони чӯбин дар даст дошт, зоҳиран, мехост барфҳои дарупила ва боми оғилхонаашро пок кунад. Муаллим ҳам беихтиёр ба сӯйи айвон, барои гирифтани бели барфпоккунӣ қадам зад. Азбаски зимистони деҳа мудом пурбарф меояд, қариб дар ҳар як оила ду-сетоӣ бели чӯбӣ ҳаст. Ин белҳо нӯки паҳну каме ба боло каҷ ва дастаи баланд доранд ва барои тоза кардани барфи бомҳои коҳгилию ҳавлию роҳакҳои пиёдаравӣ хеле мувофиқанд.

Муаллим то маҳалли танӯру оташдон, то дари оғилхонаю собот ва якрост то лаби чашмаи обгирӣ, ки поинтар аз боғаш, дар бағали ҷӯйи калон воқеъ буд, роҳак дуруст кард. Барфпоккуниро ба поён расонд ва хастаю шалпар, дар ҳоле ки пас аз кори шадид тез-тез нафас мегирифт, белашро ба китф гузошта ба хона баргашт. Пушти остона каме истод, остину домани палто ва пошояшро тап-тап ба ҳам зада барфҳоро афшонд ва вориди хона шуд. Ҳамсараш аллакай аз хоб хеста субҳона дуруст мекард. Ба маҳзи ин ки ӯро дид, бо таъзим салом дод ва бо лаҳни ширину мулоими худ, ки ин оҳанги гуфтораш солиёни зиёд дар мағзи қалби муаллим нишаста буд, изҳор намуд:

– Ба сафар мебароед, лозим набуд ин ҳама барфро тоза кунед, монда шудед.

– Ҳеч гап не, азизам, ин кори ман буд.

– Ноништа кунед, таги дил мешавад, – бо ишора ба дасторхони паҳн суханашро идома дод зан ва як коса шири доғро ҳам рӯйи суфра гузошт.

Муаллим ба хубӣ субҳона хӯрд, равғани зарду шири доғ то мағзи ҷон нишаст. Ҳамсараш рӯ ба рӯ нишаста ба ӯ зеҳн мемонд. Пай бурд, ки дар кунҷи чашмонаш оби дида ҷамъ шудааст, дилтанг менамояд. Аз рахти сафар бастани ӯ, ки номаълум буд то чӣ муддате тул хоҳад кашид, ба риққат омадааст. Муалллим ба одати маъмул дасти чапашро, бо ишораи ин ки паҳлуяш нишинад, боло бардошт. Ҳамсараш ҳам лағжиду худро ба ӯ ҷафс кард. Муаллим сару мӯҳои ҳамсарашро, ки рӯйи шонаҳояш гузошта буд, навозишкунон гуфт:

– Азизам, дигар чорае ҳам надорем. Бубин, Парвизҷон даҳсола шуд, то ҳанӯз поҳояш фалаҷ, ба духтур набарем намешавад. Аҳволи модарам низ хуб нест, ҳар рӯз бояд дорую даво харем. Аз муаллимӣ даст кашидам, фоида надорад. Кор ҳам кунам, бояд қарз бигирам. Беҳтар ин ки дунболи шуғли дигар равам.

– Куҷо меравед, дари киро мекӯбед? – бо хӯрӣ пурсид зан.

– Мисли ҳамқишлоқиҳо ба Русия сар мегирам, Худо бузургу меҳрубон аст.

– Қазоқистон наздиктар нест? Бубинед, ана ҳамин писари ҳамсоя ҳам дар Остона будааст, мегӯянд, кораш хуб, ҳар моҳ пул мефиристад.

– Русия беҳтар. Ман худам ба шаҳраки Вишний-Волочёк дилбастагӣ дорам, шаш моҳи сарбозӣ он ҷо будам. Меваю зироатҳои деҳқонӣ зиёд дорад, вале ба ҷамъ кардан одамаш намерасад. Мо – аскаронро доимо ба кумак мебурданд. Агар Худо ёрӣ диҳад, ба ҳамон маҳалҳои ошно меравам, мардикорӣ мекунам.

Ҳамсараш бо тааҷҷуб пурсид:

– Зимистон бошад, меваю зироат аз куҷо?

– Чаро, ёдам ҳаст, ки мо дар фасли зимистон ҳам ёрӣ мерасондем. Вишний-Волочёк гармхонаҳои бисёр дорад, баъд, одамон меваҳои ҷамъкардаи худро бештар дар зимистон ба фурӯш мебароварданд...

Муаллим намехост завҷааш нороҳату дилтанг бимонад. Ҳама умедаш ба ӯ буд. Вақте ки зан дар хона аст, дилаш пур мегардад, аз модару бачаҳояш хавотир намекашад. Муаллим мефаҳмид, ки ҷудоӣ мушкил аст, вале аз дасти мушкилоти зиндагӣ омода буд ба ҳар гуна азобу фироқ тоқат кунад. Ӯ хомӯшии лаҳзае ба миён омадаро халалдор карда гуфт:

– Азизам, дер нашуда бо модарам ҳам хайрухуш кунам, ту чизучораамро дар кӯлбори сафар андоз, – бо як ҳаракати тез сари по хест ва ба хонаи дигар гузашт.

Модар ҳанӯз хоб буд. Рӯйи тахтхоб чунон паҳлу мезад, ҳатто садои нафасгириаш ба гӯш намерасид. Аз чеҳраи пурожанг ва мӯҳои сапед, ки аз чаккаи пешонӣ ба чашм мехӯрд, гӯё нур меборид. Дар ҳоли хоб ҳам хеле зебо ва нуронӣ менамуд. Муаллим намехост ӯро бедор кунад, вале ба маҳзи ин ки дар гӯшаи тахтхоб нишаста, дасти худро ба рӯйи китфаш гузошт, ӯ чашм кушод.

– Ҳа, писарам, рӯз шуд? – пурсид модар.

– Не, то дамидани субҳ вақт ҳаст, оча, – гуфт муаллим ва афзуд: – хостам дуои шуморо гирам.

Модар бо ёрии муаллим аз ҷо баланд шуд ва рӯйи тахтхоб поҳояшро ба поин овезон карда нишасту ӯро ба оғӯш гирифт ва бо овози паст изҳор намуд:

– Писарам, ҳар ҷо меравӣ сарат дар амон бошад, сиҳат раву саломат баргард. Фақат, ин модари пирата аз ёд набарор, агар ҳаял кунӣ[10] пазмон мешавам.

Модар дигар натавонист ҳарф занад, дар ҳоле, ки гулуяш гирифта буд, бо остини курта оби дидаҳояшро пок кард. Муаллим низ бо чашмони намгирифта аз назди ӯ берун омад. Дар дами дар ҳамсараш мунтазир буд. Вайро низ бо меҳрабонӣ ба оғӯш кашида гуфт:

– Вақти автобус ҳам шуд, азизам, аз худат, аз бачаҳо эҳтиёт шав. Агар тез пул нафиристам, аз амаки осиёбон гирифта ист, вазъиятро ба ӯ фаҳмондаам.

Зан чизе намегуфт. Дар оғӯши шавҳар ҷо шуда фиқ-фиқ гиря мекард. Муаллим афзуд:

– Азизам, бачаҳоро ба ту, туро ба Худо месупорам. Аз ман хавотир накаш, албатта бо дасти пур бармегардам!

Муаллим зиёд маътал нашуда кӯлборашро ба дӯш гирифт ва ба сӯйи истгоҳи автобус ба роҳ баромад. Зан то ғоиб шудани ӯ дар дами дарвоза истода монд. Шамоли сарди зимистонӣ мӯҳои дарозашро, ки бо лағжида афтидани рӯмолаш парешон шуда буданд, алвонҷ медод. Рӯйи гунаҳояшро беист оби дида мешуст...

Аз пушти шишаи мошин замини нуқраӣ, ки бо бистари барф пӯшида шуда буд, чашмҳоро хира мекард. Ҷо-ҷо ҳанӯз ҳам барф меомад. Баъзан борони барфолуд ба шишаи пеш шатаррос мезад ва ҳаракати якмароми милаҳои барфпоккун диққати муаллимро ҷалб мекард. Маълум буд, ки зимистон намехоҳад ба ин осонӣ даст аз зӯрӣ бардорад.

Муаллим баъд аз нисфирӯз ба Тошканд расид. Тавре ки қарор шуда буд, ӯро дар истгоҳи метро амакбачааш Козим пешвоз гирифт. Ин ҷавони лӯндаи қадкӯтоҳ чеҳраи тира, чашмони калони сиёҳ, абрувони дурушт ва манаҳи баланди ба боло хамидае дошт. Аз бархӯрди авввалин пай бурдан мушкил набуд, ки ҷавони чусту чолок ва зарангест. Лаб ба лабаш намерасид, гӯё ба ҷое шитоб дорад, нисфи калимаҳоро хӯрда сухан мегуфт. Ғайри пиндошти муаллим, пас аз ҳолу аҳволпурсии мухтасар гуфт:

– Сабилмонда, келинатон бемор, чанд рӯз аст, ки бедаступо шудаам. Ба хотири ин ки шумо роҳат бошед, дар меҳмонхона ҷой гирифтам. То хариди билет ду-се рӯз мемонед. Ҳеҷ гап не, каме обу ҳавои Тошкандро ҳам нафас мекашед. Сафар намегурезад, вақту соаташ, ки расид, мефиристам.

Муаллим тааҷҷуб кард. Бо ҳайрату шигифте, ки вуҷудашро фаро гирифта буд, базӯр ба сухан омад:

---

[10] **Ҳаял кардан** – дер мондан, таъхир кардан

– Додар, магар поезди Маскав фардо субҳ намеравад?

– Фардо ҳаст, аммо билет аз куҷо? Ҳар қадар давутоз кардам, нашуд, лаънатиҳо пора мехоҳанд, – бо ҳамон шитоб, дар ҳоле ки беист чашмзанон манаҳи каҷашро ба боло ёзонида ҳарф мезад, гуфт Козим.

– Хабар кардӣ, билет тайёр, факат расида биёед бас, аммо...

– Амак, чаро зуд хафа мешавед? Ман бекор нанишастаам-ку? – каме норозиёна сухани муаллимро бурида гуфт Козим. – Пули фиристодаатон кам буд, баробари нисфи билет болосарӣ мехоҳанд, ман чӣ кор кунам?

Муаллим дилтанг шуд. Ҳис кард, ки аз оғоз орзуҳои ширинаш барҳам мехӯранд. Ҷияни шаҳриаш ба ӯ ваъдаи калон дода буд. Ба гуфтаи худаш, нисбат ба нархи билет пули бештар гирифтааст, мебоист билет дар дасташ бошад, имшаб ӯро дар манзилаш меҳмондорӣ кунад, фардо ба поезд барорад, вале...

– Ман пули изофӣ бо худам наовардаам. Каме ҳаст, ки то пайдо кардани кор дар Маскав харҷ карданӣ будам, – базӯр гуфт муаллим.

– Ҳеч қисса не, ҳар чӣ доред ба ман диҳед, амак. Билетро, ки гирифтем, он тарафаш Худо подшост, ҳама кор нағз мешавад, – бо ҳамон оҳанги аввала суханашро идома дод Козим ва муаллимро ба сӯйи метро ҳидоят кард.

Муаллим роҳравон ба фикр фурӯ рафт. Чӣ кор кунад? Ҳарчи бодобод, ба гуфтаи ҷиян амал кунад ё роҳи дигаре ҳаст? Ғайр аз ин куҷо меравад, дардашро ба кӣ мегӯяд, ин ҷо киро мешиносад, ки арзи дил кунад? Ё ба пас баргардаду аз сафар даст кашад? Не, фақат ин корро намекунад, ин шармандагӣ, ҳама ба ҳолаш механданд, дигар ба пушт роҳ нест. Ба ҳар ҳол, ҷиянаш шаҳрӣ, ба ӯ кумак хоҳад кард. Чун аз каси дигаре умед нест, ба ӯ бояд гӯш андохт.

Ғарқи хаёлоти печида, баъд аз вориди меҳмонхона шудан муаллим ба забон омад:

– Бошад, гуфтаи ту шавад, ҷиян, он тарафаш Худо-подшо!

Сипас пулҳои ба хотири «рӯзи фардо» гузоштаашро бароварду бо дасти адаб ба Козим супурд. Бо дидани бастаи пул чашмҳои Козим барқ заданд. Мисли ин ки барояш ҳадяи гаронқимате дода бошанд, бо хушҳолӣ ба муаллим гуфт:

– Шумо парво накунед, ҳамааш хуб мешавад. Ҳамин ки билетро гирифтам, ба шумо хабар медиҳам, – Козим бо дастпочагӣ хайру хушро насия карда аз дар берун рафт.

Муаллим бо тааҷҷуби бештар, дар ҳоле ки хастагии роҳи дарозро аз кӯҳистон то Тошканд дар тану ҷонаш ҳис мекард, ба сӯйи хонаи хоби худ қадам ниҳод ва ба дохил даромада бо беҳолӣ ҷуссаашро ба рӯйи тахтхоб партофт.

Козим дигар пайдо нашуд. Муаллим як ҳафтаи истиқомат дар меҳмонхонаро чӣ тавр гузаронд, худаш медонаду Худо. Рӯзи ҳафтум, вақте ки дигар тоқаташ тоқ шуда мехост берун равад, масъули меҳмонхона ӯро ба назди худ хонд. Коғази паҳни сурхрангеро пешаш гузошта гуфт:

– Ин билети поезд будааст, ҷиянат дода рафт.

Муаллим оҳи сабук кашид. Билетро ба даст гирифта бо хушҳолӣ зери лаб гуфт: «Худоро шукр!» Сипас бо суръат ба номераш баргашт, то чизучораашро ҷамъ кунад.

Салони истгоҳи роҳи оҳан серодам буд. Муаллим дид, ки пушти яке аз даричаҳои билетфурӯшӣ одамон навбати дарозе чидаанд. Онҳо ба мақсади Маскав билет мехариданд. Ҳисси кунҷковиаш афзуду назди дарича омад ва аз билетфурӯш суол кард:

– Бубахшед, хоҳар, танҳо нархи поездро то Маскав донистанӣ будам.

– Ҳаштод ҳазор.

– Билет ҳаст?

– Бале, агар мехоҳед, навбат гиред, одамҳо нороҳат нашаванд.

– Раҳмат, хоҳарам.

Муаллим аз асли қазия воқиф гардид. Аз он ки ҷиянаш дар рӯзи равшан ӯро фиреб дода буд, хеле мутаассир шуд. «Қандата зан, шаҳбоз, амаки қишлоқиатро хуб гӯл задӣ! Агар ба ду-се сӯм пули ман нигарон будӣ, ҳалолат бод!», – дилозурда барои худ пичирросзанон ба сӯйи айвони интизорӣ қадам зад муаллим.

**Дар поезд**

То чанд муддат ҳаракати муназзами поезд ҳамроҳ бо садоҳои якмароми «тақа-тақ, тақа-тақ, тақа-тақ...» дар гӯшҳои муаллим танин андохт. Ӯ дар ҳавои ин оҳанг ба берун, ба манзараҳои ранг ба ранг, ки чун навори филм аз назар рад мешуданд, чашм дӯхта, ба баҳри ёду хотироти гузашта ғӯтавар шуд...

Муаллим хуб медонист, ки аз шуғли ҳамешагӣ даст кашидан ва обу ҳавои дилосои деҳро канор гузошта, ҷониби кишвари бегона рахти сафар бастан барои касе мисли ӯ, ки аз қишри муътабари ҷамъият аст, намезебад. Вале ин бор сангинии рӯзгор ба ҳар навъ, аз чор сӯ ба дӯшаш фишор овард. Ӯ дигар дармони таҳаммули ин сахтиро надошт, маҷбур шуд даст аз муросо бардорад ва танҳо ба хотири рафъи мушкилот талош варзад. Ӯ медид, ки барои аввалин бор мухолифи раъйу пиндоштҳояш амал мекунад. Агар пайваста барои шогирдони худ мақоми илму ҳунар ва шакебоиро волотар аз ҳар гуна сарват талқин мекард, акнун худи ӯ побанди орзуҳоест берун аз ин тасаввур: мехоҳад ғанӣ шавад, зудтар дунболи пул равад. Оре, гоҳе ҳирси сарвату ғанимат мағзу ҳуши инсонро фаро мегирифтааст. Барои муаллим ин ташнагӣ чӣ тавр роҳ ёфт ва то чӣ муддате идома хоҳад дошт, ноаён буд. Ӯ ин гирифториро аслан намехост, вале чӣ кор кунад? Дастмузди омӯзгорӣ ба чӣ дарде мехӯрад? То ба кай худу бачаҳои худро муҳтоҷу дасткӯтаҳ нигаҳ дорад? Модари солхӯрдаи бемор, писари хурдсоли ногиронашро чӣ кор кунад? Агар бо шиками гурусна гардад ё сарутанаш тару тоза набошад боке нест, вале, магар мешавад ҷони дардманди инсонро ба ҳоли худ гузошт? На, ӯ дигар тоқати ин камию костиҳоро надорад, бояд худашро занад ба ҳар ҷое, ки дилаш мехоҳад, ба ҳар ҷое, ки пояш меравад, то замоне, ки тобу тавон дар бозу дорад. Оре, гурусна худашро ба шер задааст.

Азбаски муаллим побанди хаёлот ду чашм ба берун дӯхта менишаст, ногаҳон ғиҷиррос зада кушода шудани дар ва садои баланди занонае ӯро ба худ овард. Соҳиби овоз духтари қадбаланду бокитфу бозуе буд, ки бо арбада вориди купе шуд. «Ба ин шайтонҳо агар камтар рӯ диҳӣ, саворат мешаванд. Ҳайф ки замона намебардорад, валлоҳ чунон лату кӯб мекардам, як умр зарби дастам аз ёдашон намерафт, – бе он ки ба муаллим таваҷҷуҳ кунад, худ ба худ бо овози баланд мегуфт ӯ. – Ҳар гоҳ, ба маҳзи ин ки диданд ба роҳ мебароям, кана барин часпида мегиранд. Розӣ нашаву ҳам бин! Бо ҳазор таваллою зорӣ пеши поят меафтанд, иллоҳ-биллоҳ, бояд раванд, бояд кор кунанд». Муаллим бо дидани ин духтари оташин ва шунидани суханҳои беадреси ӯ моту мабҳут шуд. Духтари шаддод ҳамзамон бо кушодани рӯмолу шоли гардан ва кашидани пӯстини худ аз сухан гуфтан даҳон барнамебаст: «Фикр мекунанд ба курорт мераванд! Бошад, як бор азобии мардикориро бубинанд, баъд мефаҳманд, гап дар куҷост! Ёфтани пул барояшон осон менамояд!»

Муаллим ҳавосашро ҷамъ кард. Бо ангушт рӯйи мизи наҳорхӯрӣ тиқ-тиқ заду диққати духтарро ҷалб намуд:

– Хоҳарам, аз чӣ дар ташвишӣ? Ба ҷойи салому алайк ин ҳама доду фарёд?

– Бубахшед, амакҷон, ҳанӯз ҳам гӯё дар купеи бачаҳоям, – ором шуда бо мулоимат гуфт духтар, – даҳ нафар ҳамраҳ дорам, ҳамаашон навкор. То ба вагон кашида ҷо ба ҷо кардам, хунам ба ҳалқам омад.

– Бачаҳоро куҷо мебарӣ? – бо тааҷҷуб пурсид муаллим.

– Унҳо ҷавонҳои бекоранд, мебарам Маскав, ба мардикорӣ.

– Таваккал?

– Не, амак, панҷ сол аст, ки бо ин кор машғулам. Муштарии чанд корфармо ҳастам, – духтар суханашро қатъ накарда, дар гӯшаи тахтхоб рӯ ба рӯйи муаллим нишаста гирифт, – рӯзам аз пушти ҳамин кор мегузарад. Вазифаи ман то маҳалли кор сиҳату саломат бурдани бачаҳо ва ба дасти корфармо супурдани онҳост.

Муаллим аз ин ҷасорати духтари ношинос ба шигифт омад. Пай бурд, ки дар чеҳраи занонаи ӯ ирода ва талоши мардона нуҳуфта аст. Азбаски худи ӯ низ дунболи кор мерафт, бештар ба суҳбати ҳамсафари зираки худ рағбат зоҳир намуд. Муаллим бо ҳамон оҳанги таҳайюромез афзуд:

– Падару модари бачаҳо хавотир намекашанд?

– Онҳо худашон бо илтиҷо оварда месупоранд. «Мастураҷон, як кор кун»-гӯён ба ҳолу ҷонам намемонанд. Аз бепулию қашшоқӣ безор шудаанд. Баробари ҷойгир шудани фарзандонашон, албатта, хабар медиҳам, адрес, телефон...

Муаллим фаҳмид, ки исми ҳамсафараш Мастура аст. Бо кунҷковии бештар дунболи суҳбатро гирифт:

– Ҳаққатро медиҳанд?

– Ҳар кӣ аз ҳимматаш, лекин дастмуздамро бештар аз корфармо меситонам. Бобати ҳар коргари бурдаам подош медиҳад, – бо изҳори мамнуният афзуд духтар.

Мастура барои муаллим симои тозае буд. Ҳарчанд дар умқи чашмони ӯ лағзишҳои маккоронаеро ҳис мекард, барои худ дарёфт, ки ӯ воқеан оташ аст, ба корҳои зиёде қодир ва як сару гардан болотар аз занҳои маъмулӣ. Ин ҳама роҳро бе тарсу бим тай кардаву бо ҳазору як одам ҷарру баҳс доштан кори занона нест, ҷасорати касест, ки дар ҳақиқат дилу ҷигар дорад! «Эҳ, кош маро низ бо худ мегирифт, – дар замири дил андешид муаллим, – ҳозир будам ба ҳар гуна амру фармонаш итоат кунам. Ман дигар аз хона баромадаам, бароям чӣ фарқ дорад – коргари содаам ё каси дигар? Шояд лутфи Парвардигор аст, ки ман бо ин духтари кордон ҳамсафар шудам, фурсатро бой надода бояд доманашро бигирам». Умедвории шадиде дар вуҷуди муаллим шуъла зад. Ӯ медид, ки сарриштаи шуғли баъдина дар кафи дасташ аст, набояд онро раҳо кард. Агар ҳарфҳое, ки Мастура мегӯяд, рост бошад, пас ҷойи нигаронӣ намонда. Ба ӯ мепайвандад, ба ҳар ҷое, ки мебарад, меравад ва мардикорӣ мекунад. Муаллим бештар мухлиси духтар шуд.

– Кори сахте ба уҳда гирифтаӣ, хоҳар, наметарсӣ, ки иттифоқе рух медиҳад, мушкилӣ пеш меояд? – гуфт ӯ.

– Оре, амак, сад фоиз гапатон дуруст, аммо ман аксаран таваккула меписандам. Гоҳе рӯзҳое аз сарам гузаштааст, ки баъзеҳо дар хоби шаб надидаанд. Дар сафарҳоям сад бор фақат бо милисаҳо даргир мешавем. То даҳонашона мебандаму шӯрашона паст мекунам, хуноб мешавам. Лаънатиҳо – ҳама дарди пул, то доляшона нагиранд, одама намегузоранд роҳат по ёзонаду мижа таҳ кунад.

– Ба чӣ баҳона мегиранд?

– Ба ҳар чиз! Сафари худсарона, табаияти кишвари дигар, набудани қайдҳои лозим дар паспорт, бе гувоҳнома овардани бору пул ва дигар камбудиҳои хурду рез баҳонаҳои ҳамешагии онҳост. Ин ҳам дарди бахайр, бештар воқеаҳои нохуше, ки бо бачаҳо рӯй медиҳад, одама ба ташвиш меорад. Бо ин ки ба ман рабте надорад, аммо ҳис мекунам гӯё ман ҳам шарики он бадбахтиҳоям, – каме озурдаҳол аз сухан бозистод Мастура. Ӯ бо димоғи гирифта сарашро миёни ду панҷааш гузошта ба фикр фурӯ рафт. Чеҳрааш гӯё шаб шуд, маъюсона чашмонашро пӯшонд.

Муаллим бо дидани ин ҳолати духтар пай бурд, ки дар ҳақиқат бархӯрдҳои баде рух додаанд, вагарна бо ин ҳама шаддодӣ сархам шудани ӯ даргумон буд. Дар ҳар сурат, муаллим бо эҳтиёт ва аз рӯйи мулоимат пурсид:

– Духтарам, дигар оташ пушти даст мондан фоида надорад. Акнун ки ба ин роҳ афтидаӣ, бовар кун, ба ҳар гуна нағмаву зарбаҳо  рӯ ба рӯ хоҳӣ шуд. То замоне, ки ин корро мекунӣ, ноумед нашав, ҳамин саъю талош, чобукию зиракиат ба ту мадад мерасонад.

Мастура сарашро бардошт. Дуруст ба чашмони муаллим дида дӯхт. Аз он ки ҳамсафараш «духтарам» гӯён ба ӯ рӯ овард, вуҷудашро ҳиссиёти гуворое фаро гирифт.

– Шумо хеле меҳрубон ҳастед, амак, – гуфт ӯ, – даҳ сол пеш падарам аз олам даргузашта буд, вале баъд аз сари ӯ касе маро духтарам нагуфтааст. Агар донед, ҳамин набудани падар аст, ки ба ин кӯй афтидаам. Аз тангдастӣ хонаю дар, модари муштипар, додару хоҳаронама ба ҳоли худ гузошта, худа ба обу оташ мезанам. Бароям ба кор бурдану ҷойгир кардани ҷавонҳо мушкилӣ надорад, аммо ба хона барнагаштану мубталои дарду фалокат шудани баъзеи онҳо дилама зиқ мекунад. Метарсам, ки як рӯз одамонашон аз гиребонам мегиранду мана гунаҳкор мекунанд.

– Чӣ хел барнагаштаанд?

– Ҷойи кори мардикорҳо бештар маҳалҳои сохтмонист. Кор зиёд, коргар мӯру малах барин. Бо як иштибоҳ бадбахт мешавӣ. Аз бачаҳои бурдаи ман ҳам ду нафар дучори нокомӣ шудаанд, яке дар зери бори кран мондааст, якеи дигар аз балкони ошёнаи чорум афтидааст. Баъди ба Самарқанд бурдани онҳо ва гузарондани ҷанозаашон хабардор шудам. Дутои дигар ҳам ба сахтии кор тоб наоварда ба ҷойи дигар гурехтаанд, то ҳол беному нишон.

Дили муаллим таҳ кашид. Аз гуфтаҳои Мастура барои худ тасаввур мекард, ки мардикорӣ чӣ уқубатҳое дорад. Бо вуҷуди ин, сир бой надод, худро ором нигаҳ дошта, бо камоли ҳамдардӣ гуфт:

– Ту ки онҳоро маҷбур накардаӣ?! Бо ихтиёри худ рафтанд ва ҳар чӣ дар пешонӣ буд, онро дидаанд.

Мастура бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Боз ҳам дастҳояшро ба ду чаккааш часпонда хомӯш монд. Муаллим намедонист ӯ чӣ фикрҳоеро аз сар мегузаронад. Ба ҳар ҳол, пай мебурд, ки қалби духтар нооромаст. Шояд дунболи нуқтаҳои заъфе мегардад, ки аз пайи ҳимматҳои анҷомдодааш ба бор омадааст. Ба эҳтимоли зиёд, дар хусуси он бархӯрдҳое фикр мекунад, ки бо одамони гуногунтабиат, бо хислату ангезаҳои гуногун доштааст. Дар ҳар сурат, ӯ духтари сода наменамояд, андешаҳояш сатҳӣ нахоҳад буд. Ҳарчанд ҷавон аст, то ҳадде танишҳои пасту баланди ҳамраҳони худро дарк кардааст, мехоҳад ба онҳо ёрӣ расонад, ба дарди онҳо шарик бошад. Бо вуҷуди ин, пай мебарад, ки корҳои ғайриқонунӣ низ анҷом медиҳад.

Муаллим дар хусуси портретҳое шабеҳи Мастура борҳо шунида буд ва ҳар замон ба онҳо нафрат мехонд. Фикр мекард, занҳое аз ин тоифа ҳама сабукпоанд, шаттоҳу беимонанд, ҳайсият ва ғурури миллатро ба бод медиҳанд. Вале, ба духтари ҳамсафари худ бо чашми дигар менигарист. Барои худ хулоса кард, ки ӯ як инсонест боандеша, бо дили пур аз муҳаббат ва ҳатто, ғамхору наҷоткор!

Чанд лаҳза хомӯшӣ ба миён омад. Муаллим нахост риштаи хаёлоти духтарро барканад, ҳарчанд хеле моил буд суҳбат идома ёбад. Аммо ин хомӯширо худи Мастура халалдор кард, гӯё он чӣ аз дили муаллим мегузашт, хонда буд:

– Амак, аз худатон ҳеч чиз нагуфтед, ба тамошо меравед? – пурсид ӯ, дар ҳоле ки аз чашмонаш нури меҳрабонӣ меборид ва дар кунҷи лабҳояш низ табасссуме ҳосил шуда буд.

Муаллим аз ин таваҷҷуҳи духтар хушҳол шуд ва бо мамнуният изҳор кард:

– Акнун ки расидем ба ман, то ин ҷойи умрам ба ҳеч ваҷҳ по аз хоки кишвар берун нагузоштаам. Чун худам ҳам ҳасрат карданро дӯст надорам, намехоҳам дарди сари туро низ зиёд кунам. Вақте ки аз Худо пинҳон нест, аз ту ҳам пинҳон набошад, пас аз умре дуди чароғ хӯрдан ба ҳоле афтидам, ки мушкилоти рӯзгор болои ҳам чида шуд. Дигар сабру тоқатро аз даст додам ва ба хотири рӯзгузаронии беҳтар ва дарёфти сармояи бештар рахти сафар бастам.

– Аҷабо, ҳеч фикр намекардам, ки бо ин қиёфа ва сарутани босалобат шумо низ дунболи кор меравед.

– Оре, духтарам, пас аз ҳафдаҳ соли муаллимӣ ба ин қарор омадам. Вале ба куҷо меравам, аз кӣ мадад ҷустаниам, бароям маълум нест, – муаллим каме хомӯш монду дубора афзуд: – Албатта, солҳои сарбозӣ чанд ошное дар Вишний-Волочёк доштам, ба корҳои деҳқонии онҳо кумак мекардем... Аз он замон ҳам бист сол мегузарад, фикр намекунам касе маро шиносад.

Қиёфаи Мастура боз ҳам ҷиддитар шуд. Беихтиёр дастҳои муаллимро гирифту бо қатъият гуфт:

– Амакҷон, таваккул кори хуб аст, аммо на то ин ҳад. Деҳоту шаҳрҳои хурди Русия аз мо ҳам ҳоли бадтар доранд. Агар ҷиддан азми кор карда бошед, ман бо худам мебарам. Аз ошноёни корфармоям хоҳиш мекунам, шумо саркоргар мешавед. Шояд бовар накунед, тамоми роҳ побанди ҳамин фикр будам, намедонистам ба саркоргарӣ киро интихоб намоям. Ин дафъа ҳамраҳонам ҳама ҷавон, толеи нек будааст, ки бо шумо рӯ ба рӯ мешавам.

Муаллим аз ин азму қарори Мастура ба шигифт омад. Дар тасаввураш намеғунҷид, ки ба ин осонӣ мушкилоташ ҳал мешавад. Намедонист ба ин духтари ҳолшинос чӣ тавр арзи сипос кунад, гӯё Худованд ӯро ба суроғаш фиристода буд.

– Дастат дард накунад, духтарам, ҳамеша омад ёр бошад, – дар ҳоле ки хушҳолии худро наметавонист пинҳон кунад, изҳор намуд муаллим, – ту ки ба мо мерасӣ, Худо ба ту муҳаббат кунад. Вале он тарафи кор чӣ мешавад, ман ин некиҳои туро чӣ тавр бармегардонам?

Мастура бо ҳамон оҳанги меҳрабононаи худ афзуд:

– Ман ба як қарор омадам, агар шуморо ба унвони саркоргар гузорам, хотирҷамъ мегардам. Шояд ин охирин сафари ман аст, дилам мехоҳад дар Самарқанди худамон, шабу рӯз паҳлуи модарам бимонам.

– Ман туро чӣ хел пайдо мекунам?

– Ҳозир ғами он рӯзро нахӯред, «кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад» гуфтаанд. Дар воқеъ, шумо куҷоӣ ҳастед?

– Аз Нур.

– Умрамон боқӣ бошад, пас аз шаш моҳ, вақте ки як давраи кора тамом карда ба хона бармегардед, ман худам ба суроғатон меравам, як оши нурӣ дам мекунед.

– Албатта, духтарам! – муаллим дасти Мастураро сахттар фушурд. Аз ғояти хурсандӣ дастонаш каме меларзиданд, аз чашмонаш нури сипос меборид.

Рӯз домани худро ҷамъ карда буд. Аз пушти шишаи купе манзараи берун хира ба чашм мерасид. Мастура бистару болини худро барои хоб рафтан омода кард. Муаллим ҳам бо хаёли хуш рӯйи тахтхоби купеи бедар дароз кашид. Дубора садои якмароми қатор, ки гӯё мусофирони худро алла мегуфт, ба гӯш расидан гирифт: тақа-тақ, тақа-тақ, тақа-тақ...

## Ҳавои мардикорӣ

Маҳалли кор сертараддуд буд. Нафароти машғул то ҳадде зиёд буданд, ки ҷойи қадампартоӣ ёфт намешуд. Нахуст ба гӯши тозаомадагон «тар-тар» садои беохири мошинолоти бузург, ки дар васат майдонеро хокбардорӣ ва софусуф мекарданд, мерасид. Дар атрофи ин майдон, ки зоҳиран барои ҳавз ҷо дуруст мешуд, чанд гурӯҳ саргарми бетонрезӣ, пайвандкорӣ, насби ҷӯякҳои бетонӣ, зерсозии пиёдаравҳо, ҷо ба ҷо кардани дастгоҳолоту абзори амалиёт буданд. Вале даст ба даст санг рӯйи санг гузоштани ҳашарчиён дар сохтмонҳои атроф, ки мувозӣ дар муқобили ҳам қарор мегирифтанд, дилчасптар менамуд. Гузашта аз ин, деворчинӣ, насби панелҳои бетонии пешсохта, ҷогузории болодарию погардҳои хурду бузург, пушти ҳам анҷом додани нозуккорию гаҷкориҳои коргарон аз даҳони бинанда об меовард. Дар қисматҳои мухталиф неруҳои корӣ канори ҳам ва рад-рад қарор гирифта, бо суръат амалиёти сохтмониро анҷом медоданд. Аз ин ҳама тараддуд муҳавватаи корӣ ҳусни ҷаззобе ба бор оварда буд. Дар аввалин фурсате, ки муаллим бо ин гирумони бобаракат рӯ ба рӯ шуд, вуҷудашро ҳисси шигифту ҳаяҷон фаро гирифт ва аз ғояти таҳайюр даҳонаш боз монд. Чунин як манзараи кориро ӯ чанд сол пеш дар зодгоҳи худ мушоҳида карда буд, вале ба гӯшаи хаёлаш намеовард, ки рӯзе дубора бо чунин саргармӣ ба кор дучор хоҳад омад...

Ба ҳукми тақдир, вақте ки фурӯпошии кишвар ба вуқуъ пайваст, аз ҳар сӯ гиреҳи тангдастиҳои мардум боз шуд. Ба хотири дарёфтани нону насиба ба маҳалҳои наздику дур сар гирифтани одамон оғоз ёфт. Хушбахтона, он айём ҷару ҷӯ ва чолаҳои[11] беохири аз салтанати пешин боқимонда ҷилави дарбадарии ҳамдеҳагони ӯро гирифта буд. Ҳама – хурду калон бо белу каланду куланг[12] ва табақу нову чиғҳо ба пастиҳои «сақфбоз», ки мероси боқимонда аз ширкати заршӯйӣ буд, фурӯ рехтанд. Ҳама машғули кор шуданд, бе истироҳат, ба хотири ҳарчи бештар ҷамъ кардани зари нуҳуфта дар хок дасту остин бар заданд. Тило чун оҳанрабо хурду калони деҳаро ба сӯйи худ ҷазб мекард. Муаллим низ метавонист аз қатор намонад, вале

[11] **Чола** – гудол, фурӯрафтагии замин, чуқурӣ
[12] **Куланг** – зоғнӯл, таш

худдорӣ кард. Паҳлуи шогирдон ҷо гирифта, куланг заданро барои худ муносиб надид, ӯ фақат тамошогар шуд. Ҳирси одамон бошад, дар баробари ғун доштани зару пул рӯз ба рӯз меафзуд. Тайи муддати кӯтоҳе хелеҳо ғанию доро шуданд, ҳол он ки аз рустою шаҳракҳои гирду атроф аксаран тафти фақирӣ ва тангдастӣ ба димоғ мезад. Дар деҳаи ӯ одамон хонаҳои боҳашамат сохтанд, пайи ҳам мототсиклсавору мошинсавор шуданд, пушти бомҳо паси ҳам лаълиҳои хурду бузурги моҳвораӣ падид омад, либоспӯшӣ ва зебу зинати занҳо ранги дигар гирифт, арӯсиҳои бесобиқа бо карруфари зиёд баргузор шуд.

Тавре ки мегӯянд, ҳар чӣ зуд ояд дер напояд, он талошҳои шабурӯзӣ, кандану кашондану шустани хоки зардор танҳо то ду-се сол тӯл кашид. Дигар ба оҳистагӣ сафҳои баланди одамон гусаста шуд. Баъд аз он ки хоки ҷару чолаҳоро ба куллӣ «лесиданд», родмардон шуруъ карданд ба чоҳзанӣ ва кандани нақбҳои пурпечухами беохир. Тилошӯйӣ хеле мушкил гардид. Аз бахти бад, маҳз ҳамон рӯзҳо чанд ҳамдеҳаи муаллим зери сангу шағалу хок монданд. Марги нобаҳангом ва маъюбу маслуқ шудани онҳо дасту дили мардумро аз тило сард кард. Одамон аз заминканиҳои хатарнок, аз кулангу каланд задан ба кунгломерою[13] регу хоки рутубатноки нақбҳо, ки намӣ то мағзи устухон менишаст, даст кашиданд. Ба ин нигоҳ накарда, тавре ки ҷуғзи норасоӣ дар ҳама ҷо яксон чуққас мезад, мардуми пурҷунбуҷӯл ором нагирифт. Муаллим бо чашми худ медид, ки тӯдаҳои корҷӯйи диёри ӯ низ ба марзҳои берун аз кишвар по бардоштанд. Ба хусус, сафи ҷавонони деҳа рӯз то рӯз тунуктар мешуд…

Дар ҷойи кор муаллим ва ҳамраҳони ӯ бо роҳбаладии як зани лӯндаи қадкӯтоҳ ва гарданғафсе ба сӯйи хобгоҳ роҳ пеш гирифтанд. Онҳо аз пайроҳаи бетонии борике, ки махсус барои рафтуомади коргарон дуруст шуда буд, қадам мезаданду ҳавосашон беихтиёр ба ҷӯшу хурӯши кор дар объекти сохтмонӣ, ба сертараддудии гурӯҳҳои корӣ банд мешуд. Ҳарчанд шом фаро мерасид ва ҳаво сард буд, коргарон намехостанд корро таътил кунанд. Ҳар як тӯдаи корӣ ба амру фармоиши як нафар саркоргари турк, ки ҳам сураташ ва ҳам либосаш ранги дигаре дошт, гӯш андохта, ба шиддат кор мекарданд ва ҳеч кас аз шуғли худ сар намебардошт. Гузашта аз ҳаракатҳои тезу тунд, чеҳраҳои суп-сурх ва дастҳои шахшӯлу сиёҳшудаи коргарон диққати муаллимро ҷалб намуд. Ӯ роҳравон барои худ хулоса мекард, ки дар ин ҷо ҳақиқатан ҳам ҳавои мардикорӣ ҳукмрон аст. Аз фардо ӯ низ бо ҳамраҳони ҷавони худ вориди ин ҳаво хоҳад шуд. Дигар чорае надорад, ба хотири андӯхтани сармоя дастони нармашро бояд бо заҳматҳои тулонию сахт обутоб диҳад.

Хобгоҳи коргарон ба назари муаллим хеле бузург намуд. Хонаҳои он пайи ҳам дар ду тарафи роҳрав қарор гирифта буданд. Баъд аз айвони даромадгоҳ, рӯ ба рӯйи дари вурудӣ, хонаи бузурге барои шустушӯ ҷудо шуда буд, ки ҳудудан понздаҳ дастурӯшӯйӣ дошт. Ҳоҷатхона низ дар бағали

---

[13] **Кунглумеро** – ҷӯшсанг, навъи хӯласанге, ки дар натиҷаи ба ҳама пайвастан ва ҷӯш хӯрдани сангпораҳо ҳосил мешавад

он буд. Зани роҳбалад муаллим ва ҳамраҳони ӯро то охири роҳрав оварда дари хонаи тарафи ростро боз кард ва бо шеваи ғализи русӣ гуфт:

– Муаллим, хуб шуд, ки хонаи холӣ дорем, вагарна дар кӯча мехобидед. Ҷойгир шуда гиред, саҳарӣ соати ҳафт ноништаи пагоҳиро меоваранд, аз соати ҳашт кор сар мешавад. Бетамизӣ накунед, дар ёдатон дошта бошед, ки бо камтарин бадахлоқӣ аз кор меронанд.

Занак ин суханҳоро тез-тез гуфту дигар ба муаллим, ки бо дидани хонаи беназм ва тангу тор мехост чизе гӯяд, таваҷҷуҳе накарда ба пас гашт. Муаллим пай бурд, ки занак кори худро анҷом додааст, дигар ҳар гуна дархосту пурсиш бемаврид аст. Ноилоҷ, ба дӯстони худ рӯ овард:

– Марҳамат, ин манзили мо!

Бар рӯйи хона ду фарши обшустаро партофта буданд. Чанд болишту кӯрпачаи дарида дар чор сӯ титупит мехобид. Хона як тиреза дошт, дар он ба ҷойи чанд шиша тахта задаанд. Дар бурҷакҳои девор ва сақф пушти ҳам хонаҳои тортанак ба чашм мехӯрд. Маълум буд, ки хона муддати зиёде рӯйи ҷорӯбро надидааст.

Яке аз ҳамраҳони муаллим, ки телпаки пӯсти баррагӣ ба сар дошт ва бо кунҷковӣ тамоми роҳ ба ҳар чизи ба чашм хӯрда назари худро баён мекард, бо норизоӣ ҳарф зад:

– Ин ки манзил нест! Даҳ нафар чӣ хел меғунҷем?

Муаллим дарҳол бо садои баланд гуфт:

– Ҳар чӣ ҳаст, бояд шукр кунем. Аз ин ҷойи беҳтар ёфтани мо даргумон. Чордевор ҳам бошад, болои сарамон пӯшида.

– Охир, хона танг, даст занӣ кафат пури касофат мешавад, тирезааш бо ин ҳол, ҳатто дарича надорад, ба ҷойи истироҳат нафастанг мешавем-ку?!

– Ту, додар, ба кор омадӣ, – каме ғазаболуд афзуд муаллим, – агар истироҳат мехоҳӣ, ҳеч кас дасти туро надоштааст, ҳар ҷо мехоҳӣ сар гир.

Ҷавон қавоққояшро овезон карда дигар сухане нагуфт. Ба дӯстони худ, ки карахт ба гуфтугузори ӯву муаллим гӯшуҳуш шуда буданд, пайравӣ карда, борхалтаашро ба гӯшае гузошт ва кулоҳи пӯсти баррагиашро васати ду дасташ ғиҷим карда сари дузону нишаста монд.

Муаллим ба хубӣ медонист, ки гуфтаҳои ин ҷавони зирак ҷон дорад. Ба ғайр аз ин кулбаи хоб вазъи хонаи дастурӯшӯйӣ, ҳаммом ва ошпазхона низ хеле ташвишовар буд. Ба ростӣ, ин ҷо муҳите нест, ки одам бо доштани тамоми ниёзҳои худ кор кунад. Дар ин ҷо аз мардикорҳои омада кор мекашанд ва фақат ба ивази кори анҷомдодаи онҳо ҳақ медиҳанд. Маҳз ба хотири ҳамин дастмузд мебояд ба ҳар гуна азобӣ тоб овард. Дар нахустин мулоқот, пас аз он ки Мастура ӯро бо номи «муаллим» шинос кард, аз раиси коргоҳ шунида буд: «Муаллим, ман ба хотири ҳамин ҳамкори дӯстдоштаамон туву бачаҳоро ба кор мегирам. Охири ҳар моҳ маош медиҳам, хӯрду хӯрок ва ҷойи истиқомат ҳам ба уҳдаи ман. Фақат касе бе рухсат аз муҳавватаи сохтмонӣ берун намеравад, касе ҳаққи шикоят кардан надорад, ҳеч гуна даъво ё корпартоӣ набояд рух диҳад. Ҳар кас бо изҳори камтарин эътироз аз кор хориҷ мешавад». Ин амру дастурҳои раиси коргоҳ

пайваста дар зеҳни муллим такрор мешуд. Ӯ на фақат барои худ, ҳамчунин дар баробари ҳамраҳони худ, ки «одамони» хоҳархондаш буданд, масъулият ҳис мекард. Аз ин рӯ, қасд дошт шароите созгор созад, ки ҳеч кадоме аз ҷавонҳо қадами ноҷо набардорад, дунболи кори беҳуда наравад ва ҳаққашро ногирифта намонад. Агарчи кори сиёҳ анҷом медиҳанд, ҳарчанд ҳеч қонуне пуштибони онҳо нест, бояд саъй намуд, ки қадри инсонӣ ва арзиши заҳматҳо баровардa шавад. Муаллим аз худ бештар барои дӯстони ҷавони худ андеша мекард. Ӯ ба хубӣ сабаби дарбадарии онҳо ва ба пули ночизе фурӯхтани қувваи бозуяшонро мефаҳмид. Медонист, ки падару модари муҳтоҷе, кӯдакони нимсеру нимгуруснае, бародару хоҳарони ниёзманде мунтазири коркарди ин ҷавонҳо ҳастанд. Онҳоро набояд ноумед кард.

Муаллим бо нуҳ нафар ҳамроҳи ҷавони худ ба дастаи бетонсозон пайваст. Ду дастгоҳи бетонрезиро дар ихтиёри ӯ гузоштанд. Вазифаи асосии онҳо таъмин кардани кори муттасили ин дастгоҳҳо ва беист омода карда супурдани бетони ҳозиршуда буд. Ҳарчанд об бо лӯлае омада меистод, кашондани масолеҳи дигар ва халтаҳои симон аз анбор заҳматталаб буд. Ба ин нигоҳ накарда, муаллим аз ҳамон рӯзҳои аввал неруҳои худро ба мавқеъ ва бо тартиби дақиқ ба кор сафарбар намуд, ба хотири анҷом додани кори босифат аз таҳи дил камар баст.

Рӯзҳои аввал хастагӣ ва нороҳатии ҷавонҳо бармало мушоҳида мешуд. Зуд-зуд саркоргари турк ба корашон эрод мегирифт ва ҳар замон метарсонд, ки агар заъфи кор ба ин мизон идома ёбад, ба раис шикоят хоҳад кард. Аммо муаллим, ба ҳар навъе буд, ӯро бовар мекунонд ва ваъда медод, ки аз ин баъд корро суръат мебахшад ва ба миқдори кофӣ бетон таҳия мекунад. Муаллим хуб медонист, шикоят бурдан ба раиси коргоҳ чӣ оқибате дорад.

Дар оғоз чунин ба назар мерасид, ки рӯзҳо хеле бо кундӣ мегузаранд ва бар замми ин, зимистони Маскав низ бераҳмӣ мекард. Муаллиму гурӯҳи кориаш аз дасти барфу сардиҳои беҳад азоб мекашиданд. Ҳарчанд ҳар субҳгоҳӣ бо дили гарм ба кор мечаспиданд, наметавонистанд азияти боди шадиди сармо ва барфи хунукро, ки бераҳмона ба сару сурату гардан панҷа мезад, таҳаммул кунанд. Ҳанӯз як ҳафтаи корӣ нагузашта бемор шудани ду нафар коргар муаллимро ба ташвиш андохт. Онҳо дар васати кор, вақте ки аз анбор қуму симон меоварданд, дар роҳ афтида монданд. Муаллим дарҳол корро як сӯ гузошта, он дуро бо мадади бачаҳои дигар ба хобгоҳ овард. Бо умед аз сарпарасти коргоҳ хост, ки дунболи духтур одам фиристад. Аммо духтур куҷо?! Ба ҷойи ёрӣ дидан таҳти таънаю маломат монд. Сарпарасти турк беибо ба сараш дод зад: «Аз ҳамон аввал гуфта будам, коргаронат заифу нотавонанд! Фақат лоғарӣ ва нотавонӣ онҳоро аз тоб баровардааст. Дониста мон, ин ҷо касеро ба духтур намебарем, агар касал мешавад, бояд аз кор равад! Ту ҳам ба сари бетонат баргард, агар ҳаҷми корат ҷавоб надиҳад, гиларо аз худат дон!» Муаллим дигар чорае надошт. Танҳо тавонист ба ҳар ду бемор чойи гарм диҳаду дилбардорӣ кунад. Ӯ бо ҳисси ғамхорӣ гуфт: «Ба маҳзи ин ки ҳолатон беҳтар шуд, ба кори худ баргардед, ин ҷо мондани шумо ба касе намефорад». Худи муаллим ба сари кор омад. Он рӯз ҳамраҳонаш

азоби дунёро кашида бетон рехтанд ва бо мушкилӣ пеши сарпарасти коргоҳ рӯсурх гардид.

Ҳаво рӯз то рӯз сард мешуд, аммо коршиносони турк амалиёти сохтмониро бас намекарданд. Дар асл, онҳо намехостанд муддати қарордодӣ ба таъхир афтад. Аз ин рӯ, болои ҳам рехтани коргарон, ба хусус, ҷамъ овардани қувваҳои кории арзон ба одати маъмулӣ даромада буд. Моҳ ба моҳ ба «чӯрӣ»-ҳои худ пул медоданду аз онҳо мисли хар кор мекашиданд. Дасту поҳои шахшӯлу варамида, гӯшу гунаҳои сармозада, вазъи касифу дамгир ва бӯгирифтаи хонаи зисти коргарон заррае онҳоро нигарон намесохт. Дар ҷойи кор низ ҳаво ҳамеша ғуборолуд буд. Ба хотири сармо назадани кафу похсаҳои бетонрезишуда ҳар гуна резину чарму латтаи нолозимро ҷамъ оварда оташ равшан мекарданд. Дуди ғализ ба атроф паҳн шуда то гӯшу бинии коргарон фурӯ менишаст. Дар ду самти объекти сохтмонӣ бурҷҳои скелетоҳанӣ поягузорӣ шуда буд, ки тамоми рӯз нозирони турк аз он ҷо ҷараёни амалиётро наззора мекарданд. Ҳар гуна амру фармоиш ё дархости худро бо баландгӯ мегуфтанд. Агарчи садои нотиқи турк гӯшхарош буд, мутарҷими рус эълонҳои ӯро мулоимтар тарҷума мекард. Аз ахбори онҳо неруҳои корӣ то ҷое бо вазъи мавҷуд, пешрафти кор ва руҳияи ҳамдигар ошно мешуданд. Муаллим низ пайваста ба садоҳое, ки аз баландгӯ пахш мегардид, гӯшу ҳуш буд...

Ба ин минвол, шаш моҳи пешбиникардаи муаллим гоҳе дар объекти сохтмонии пурсарусадо ва гоҳе дар хобгоҳи доимо пурғавғо сипарӣ шуд. Ӯ тайи ин муддат бо чашмони худ медид, ки чӣ қадар машаққатҳои кори тулонӣ тану ҷуссаҳои бе он ҳам заифи коргаронро наҳифу лоғартар мекард. Барояш хеле аламовар буд, вақте ки ҳамраҳонаш аз дасти шиками холӣ саҳариҳои барвақт аз хоб бедор мешуданд ва сарпарасти коргоҳ низ бепарвоёна таъхиру харобии мошини ғизокашӣ ё набудани масъули тақсими хӯроквориро баҳона мекарду бас. Дилаш ба ҳоли коргарон месӯхт, замоне ки онҳо табъи дил ҳаммом намекарданд ва баъзан тамоми бадани онҳо – аз буҷулаки по то сару гардан чирку карра баста, шабҳои дароз аз хоридан даст намебардоштанд. Ӯ низ ба риққат меомад, агар ҷавонҳои навкор эҳсосу ранҷи дурафтодагӣ ва мусофирӣ кашида, гоҳу бегоҳ ашк мерехтанд. Гузашта аз ин, агар байни коргарон даъвою занозанӣ роҳ меуфтод, муаллим зиқ мешуд, аз нофаҳмии онҳо дар худ мепечид. Ӯ медид, ки аз пайи афту дарафтҳои бемаънӣ якеро қошу қавоқаш варам мекард, дигареро таҳи чашму лабу даҳонаш кабуду захмӣ мешуд, севумӣ ҳам дарди ҷонкоҳ аз лату шаллоқ мекашид. Бар замми ин ҳама, ҳарчанд муаллиму дӯстонаш намехостанд, атрофро ҳар гоҳе бӯю тафтҳои ганд фаро мегирифт ва, мутаассифона, ин ҳама бӯйи нафасгир бештар аз ах-туфҳои бемавриди худи коргарон, аз пою тани муддатҳои дароз обнадидаи онҳо ва аксаран аз ҳоҷатхонаи бедари умумӣ пахш мешуд.

Оре, ҳавои мардикорӣ ҷонгирак буду чун сӯзан ба дилҳо мехалид. Хушбахтона, ҳама азият барои муаллим паси сар монд, лаҳзаи деринтизор, охирин рӯзи шаш моҳи мардикорӣ фаро расид. Ӯ бар хилофи аксари

коргарон, ки паймони яксола доштанду бо ҳирси анбоштани пул фикри ба хона баргаштан ба гӯшаи хаёлашон ҳам намеомад, ин лаҳзаро бо ангуштшуморӣ мунтазир буд. Дар ҳар сурат, ӯ низ камубеш пул ҷамъ кард, акнун фурсате расида, ки бояд ба хона равад, бағали модари азиз, паҳлуи зани меҳрабону фарзандони ноз. Воқеан, ӯ тавонист бар ивази таҳаммули мушкилот тайи шаш моҳи мардикорӣ сармояе ба даст оварад, дар ҳоле ки ин пулро бо касби муаллимӣ дар як солу ду сол наметавонист ҷамъ кунад. Худо хоҳад, акнун ба сари оилааш бармегардад, ба дарди модари бемору писари ногиронаш дармон меёбад, шикастурехти хонаашро дуруст мекунад, каме гиребонро кушода нафаси озод мекашад.

Ба одати маъмул, муаллим саҳарии барвақт аз хоб бедор шуд. Дар хобгоҳ ҳанӯз сукунат ҳукмфармо буд. Аз пушти шишаҳои дарздори тиреза дамидани сапедии субҳ равшан ба назар мерасид. Ҳарчанд фасли баҳор поён меёфт, дар берун ҳавои сард замину деворҳоро лесида мегузашт, вале дохили хобгоҳ гарм буд. Муаллим нӯг-нӯки по аз канори коргарон, ки бағали ҳам дароз кашида масти хоб буданд, гузашта ба роҳрави хобгоҳ баромад. Ба хотири он ки нафароти хонаҳои дигарро низ бедор накунад, аз роҳрави бетонӣ ҳам бе садо қадам зада ба айвони даромадгоҳ ва аз он ҷо ба ҳавлӣ хориҷ шуд. Баробари аз зинаҳо поин омадан боди сард, вале хеле форам ба сурату димоғаш зад. Ӯ медонист, ки баҳори Маскав аксаран хунак меояд, вале табиаташ мисли диёри ӯ сабзпӯшу муаттар аст. Насими тозаи баҳорӣ, накҳати гулҳои ранг ба ранг ва бӯйи диловези меваҳо ҳама ҷоро фаро мегирад.

Муаллим ду-се қадам зада дар мобайни ҳавлӣ истод ва ба худ ҳолати варзишкорро гирифт. Сараввал дастҳояшро бо навбат ба пешу болову бағал алвонҷ дод, танашро гирди меҳвари миён ба ду ҷиҳат давр занонд, чанд бор ба ангуштони по фишор оварда шину хез кард ва ниҳоятан, муштҳои гиреҳашро ба замин тиргак карда, ҷуссаи худро аз по то сар дар ҳолати мустақим боло поин бурд ва пас аз ин машқ дар роҳрави сангфарш ба сӯйи объекти сохтмонӣ давид. Ҷойи кор хомӯшу бесадо буд. Ӯ болои теппаи регӣ қарор гирифта, чанд бор дастҳояшро ба боло ёзонда нафаси амиқ кашид ва бо меҳри ба худ хосе ба сохтмону созаҳои атроф чашм дӯхт. Ӯ медонист, ки дастандаркорони турк барои бунёди ин осоишгоҳ кредити зиёде гирифтаанд ва ба хотири сари муддат ҷамъ кардани он тамоми имкониятҳои мавҷудро ба кор мебаранд. Ба хусус, дар ҳар қисмат неруҳои корӣ ва мошину васоили лозимро ба таври фаровон рехтаанд. Муаллим ба хубӣ пай бурда буд, ки туркҳо аз рифоҳу осоиши коргарон, аз шароит ва омилҳои эминии кор, аз беҳдошту шикамсерии коргарони худ аслан хавотир намекашанд. Барои онҳо танҳо ду чиз муҳим аст: натиҷаи кор ва пардохти пул. Муаллим бо чашми худ чандин воқеаи дилхарошро дид. Ҳеч аз ёдаш намеравад, пайвандгаре ҳангоми арматурбандӣ аз табақаи сеюм сарозер афтида, ҷон ба Ҷаббор супурда буд, барққоре низ ҳини бастани кабелҳои истгоҳи трансформатор гирифтори барқ шуда, аз олам гузашта буд, як коргари хиштрез бошад, аз хӯрдани сатили пури симон ба сараш ҷон ба қазо таслим намуда буд... Вале,

касе ба ин фалокатҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ накардааст. Танҳо коре, ки сарпарастии коргоҳ анҷом дод, бо пули пучаке ба зодгоҳ фиристодани ҷасади мусибатдидаҳо буду бас.

Оре, муаллим сари ҳар қадам эҳсос мекард, ки дар ин муҳит ҳеч кас ёрои дархости ҳуқуқи инсониро надорад ва хеле ҷолиб буд, ба ин зиндони озод ҳар кӣ бо ихтиёри худ қадам ранҷа мефармуд ва розӣ буд ҳар гуна бархӯрдеро таҳаммул кунад. Дар назари ҳар касе, ки вориди ин муҳит мегардид, танҳо акси пул муҷассам мешуд. Онҳо мисли афроди кӯре ҳастанд, ки дар олами тор мондаанд ва асояшон қабзаи пул аст. Муаллим ҳамеша ба худ суол дода донистанӣ мешуд, ки ин кӯрӣ аз куҷо сар задааст, аз чӣ маншаъ мегирад, чаро ҳама – пиру ҷавон мубталои ин дарданд?

Муаллим аз теппаи регӣ поин наомада, дар он ҷо чорзону зада нишаст ва кунҷковона ба атроф хира шуд. Диққати ӯро намои зебои биноҳои қоматафрохта, роҳакҳои асфалтӣ, ҳавзу айвонҳои истироҳатии навсохта ва ба хусус, ниҳолакҳои ҷавоназадаю ҷӯю шаршари маснуӣ бо дилфиребии бештар ҷалб намуданд. Ин ҳамаро дида барои худ эҳсоси ғурур кард, ки дар ин сохтмонҳо ӯ низ ҳисса гузоштааст, ҳарчанд ба ивази ранҷҳои фироқ, азиятҳои камхобӣ, заҳматҳои ҷонгудоз, доду ҷеғҳои беҳисоб ба сари коргарон буд...

Муаллим медид, ки ҷойи кор ба куллӣ сокиту ором аст, парандае пар намезанад, дар сурате ки дақиқан ҳамин майдон чӣ қадар доду ғирев, сарусадо ва ҳангомаҳоро аз сар гузарондааст ва боз ҳам гирумонҳои зиёдеро хоҳад дид. Ӯ медонист, маҳз ҳамин объект, ҳамин муҳавватаи сохтмонӣ фаровон обу арақи баданҳоро ҷабидааст, ҳарчанд дар ивази он ба танҳо озуқа низ мебахшид. Оре, ҳамин муҳаввата ҳамроҳ бо амру фармонҳои ҷонгир оҳу нолаҳои хастагонро шунидааст, гарчи аҳёнан бо гирифтани сармоя мавҷи хушҳолӣ низ дар он ба лаппиш меомад. Ин муҳаввата буд, ки тайи шаш моҳ чашмҳои нимабози ӯро калонтар кушод, ҳудуди қадру қимати инсонро барояш возеҳ намуд.

Бо дамидани субҳи содиқ муаллим аз тамошои объекти сохтмонӣ даст бардошт. Бо роҳи сангфарши омадааш, ки шояд ҳазорон бор дар давоми мардикорӣ рӯйи он ин сӯву он сӯ қадам зада буд, ба хобгоҳ баргашт. Коргарон пасу пеш аз хоб бармехестанд ва ҳар яке машғули коре мешуд: дар ҳавои тоза иддае тамрини бадан мекарданду чанд нафар сигор мекашиданд, пароканда коргарони дигар низ машғули дастурӯшӯйӣ ё сарфи ҳоҷат буданд. Феълан охирин бор ҷунбуҷӯли субҳгоҳии мардикоронро медид. Дигар, аз ин ҷо меравад, аз ин пас ё меояд, ё не. Ба эҳтимоли зиёд, хонаводааш намегузоранд ва худаш низ бо ин ҳама шиканҷаи дурӣ дигар орзуи мардикориро нахоҳад кард.

Ба одати маъмул, расо соати ҳафти субҳ тамоми коргарон дар наҳорхӯрӣ ҷамъ шуданд. Сарпарасти коргоҳ низ барои назорати ноништа омада буд. Муаллим ба ин дастандаркори турк эҳтиром мегузошт. Ҳарчанд доимо сергапу сахтгир ва аз кӯчаи одоби сухангӯйӣ нагузашта буд, корро хуб созмон медод ва ба хусус, саркоргарони худ – мисли муаллимро шадидан

пуштибонӣ мекард. Ҳамеша дар назди коргарон ба онҳо бо эҳтироми хос сухан мегуфт ва ҳеч гоҳ сарзаниш намекард. Вақте ки муаллим дар хусуси поёни қарордод ва азми ба хона баргаштани худ хабар дод, сарпараст қиёфаи таассуфомезе гирифт ва баъд аз каме ист изҳори назар намуд: «Ту беҳтарин кумаки ман будӣ, муаллим. Ҳар сахтию сустие, ки буд, мардонавор ба уҳда гирифтӣ ва ҳама вақт кори маро осон кардӣ. Акнун ки салоҳ медонӣ ба пеши бачаҳоят баргардӣ, ман ғайр аз розӣ шудан чораи дигаре надорам. Ҳар хоҳише, ки дорӣ ба ман бигӯ, агар аз дастам омад анҷом медиҳам. Ба ҳисобдор ҳам мегӯям, талабу бедеҳиҳоятро дуруст мекунад. Фақат, хоҳишан, дидаву шунидаҳои худ аз ин ҷоро фаромӯш кун, ин сирри кори мост». Муаллим он вақт ба сарпарасти коргоҳ маънидор чашмак зада, дасти дарозкардаашро фушурд ва бо сипос гуфт: «Лутфи шумо зиёд, бародар, ҳар коре кардем аз сидқи дил буд. Умед аст, аз ин ба баъд коратон пешрафт кунад ва бандаҳои ба хидмати шумо расида низ розӣ баргарданд. Агар иштибоҳе ҳам аз мо гузашта, бубахшед».

Ин дафъа низ дар дами дари наҳорхӯрӣ қоим шудани сарпараст ҳамаро ба хомӯшӣ ва фурӯтанӣ водошт. Касе ҳарфи изофӣ намезад, ҳаракати беҷо намекард. Ҳама ба хубӣ медонистанд, ки як зарра риоят накардани тартибу қоида боиси афрӯхтани оташи ғазаби сарпарасти коргоҳ хоҳад гашт ва бешак, аз даҳони ӯ ҳақоратҳои холамодарӣ фурӯ мерезад. Ин оини «низомӣ» барои муаллим хушоянд набуд, аммо ҳамсанги дигарон ӯ низ таҳаммул мекард. Ин бор чеҳраи ҷиддии сарпарастро ботинан бо ҳиссиёти хуш пазируфт. Ҳамзамон, бо таваҷҷуҳи бештар чашм ба ҳаракатҳои ҳамнишинон дӯхт. Ҳис мекард, гӯё аввалин бор садоҳои номуназзами ҳамкорон аз тановули субҳона ба гӯши ӯ мерасад. Барояш ин лаҳза, ки охирин бор бо дӯстони ҳамкори худ ноништа мекард, хеле аҷиб ва таассурангез менамуд. Муаллим мехост луқмае ба даҳан гирад, аммо аслан иштиҳо надошт, каме карахт ва бо ҳаяҷон сари ҷо менишаст. Ин буд, ки дар поёни субҳона сарпарасти коргоҳ абрувони соф туркии худро, ки хеле дурушту паҳн буданд, ба боло кашида ва бо дасти рост мӯйлаби пурпушти худро совида-совида, бо овози баланд ба сухан омад:

– Имрӯз дӯсти азизи мо, муаллими муҳтарам коре ба дасторхон надорад. Маълум, ки қалбаш пур аз ҳаяҷон ва худаш нороҳат аст. Нороҳат аз он, ки имрӯз бо мову шумо хайру маъзур мекунад. Вале бовар кунед, муаллим дар замири ин нороҳатӣ хушнудие низ дорад, ӯ акнун ба назди оилааш бармегардад, ба диёри маҳбуби худ меравад. Ӯ такягоҳи мо буд, устоди мо буд ва инак маҷбурем рафтани ӯро бо хушҳолӣ қабул кунем, ҳарчанд барои ҳар яки мо сахт аст. Шумо метавонед бо ӯ худоҳофизӣ кунед, дасту пойи ӯро бибӯсед, чаро ки ӯ аз назди мо меравад, – сарпарасти коргоҳ дигар чизе натавонист гӯяд. Гӯё хоре бехи гулуяшро мегирифт, дигар ҳарфе назада аз дар берун омад. Маълум буд, ки ӯ нахустин бор бо ин дилтангӣ аз тобеони худ ҷудо мешуд. Ин ҳолати ӯ барои муаллим хеле муассир ва хотирнишин буд.

Баъдан, аз ҳалқаи нуҳнафараи худ берун омадани муаллим боз ҳам мушкилтар гузашт. Воқеан, ҳама бехабар мондаанд, ки дар давоми ин шаш моҳи ҳамкорӣ чӣ қадр бо ҳам унс гирифтаву вориди эҳсосоти ҳамдигар шудаанд. Ин ҷудоӣ гӯё теғе буд, ки риштаи муҳками ҳамҷойиро мегусаст. Аммо муаллим бо итминон ба пайванди дӯстӣ ба ҳар яке дил дод, як-як ба оғӯш кашида, орзуи умедворӣ ва комёбӣ намуд. Бо меҳрабонӣ ва оҳанги ҳамешагии саркоргарӣ изҳор кард:

– Зиндагӣ ин аст, ки одамро ба пайроҳаҳои тесту озмоиш меандозад. Фақат сабру тоқат ва саъю ҳаракат инсонро наҷот медиҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Шумо аз имтиҳони сахти корӣ гузаштед, акнун бояд бештар заҳмат кашед, то луқмаи бештар гиратон ояд. Шуморо дар диёри маҳбуб интизор мемонам. Ҳар гоҳ баргаштед, ба суроғи ҳам мебароем, дасти дӯстии мо, албатта, моро ба дидор мерасонад...

Аввалин рӯзи тобистон ҳамсози оҳанги қалби муаллим буд. Боди фораме мевазид, дар пушти дарвозаи объекти сохтмонӣ, аз ду бағали кӯчаи асфалтпӯш, ки то истгоҳи автобус тул мекашид, дарахтҳои баланди арча беист мерақсиданд. Осмони обиранги соф гӯё мехост ҳама гарду ғубори ҳиҷрону мусофириро ба интиҳои бепоёни худ бибарад. Навозиши табиат илҳоми муаллимро овард. Ӯ дубора сари ҷо истоду сумкаашро, ки пури либос ва савғотиҳои ҷамъкардааш буд, ба замин гузошту нигоҳе ба пушт афканд. Муҳавватаи корӣ, ки давр то давр деворҳои бетонӣ дошт, сохтмонҳои мураббаъ ва зузанақашаклаш[14] хаёли чашмҳоро мерабуд. Аз манзараҳои ҷолиб мафтун шуда, бо камоли сарафрозӣ зери лаб гуфт: «Ман ҳам дар ин биноҳо саҳм гузоштаам». Дар ин лаҳза беихтиёр дилаш таҳ кашид, даме азоби харошҳои кориро то мағзи устухонҳояш ҳис кард. Бо вуҷуди ин, нигоҳе ба кӯлбори дастадори чармини худ, ки раиси коргоҳ барояш ҳадя карда буд, чашм андохта каме осуда шуд. Ӯ бо кисаи пур, бо рӯйи сурх ба зодгоҳ, ба оғӯши модару бачаҳояш бармегашт.

## Бозгашт

Поезди Маскав бо мақсади Тошканд ба роҳ баромад. Садои ошнои якмаром аз чархҳои қатор ба гӯш мерасид. Шавқуни мусофирон дар фазои вагонҳо баланд буд, вале ҳар қадар поезд фосилаи бештареро тай мекард, ин доду садоҳо торафт кам мешуд. Муаллим бо дили хуш ва сариҳол дар купеи худ ҷойгир шуда гирифт. Аз пушти ду қабат шишаи купе босуръат гузаштани манзараҳои берун хеле ҷолиб ва назаррабо буд. Муаллим саъй мекард аз ин наворфилмҳои табиӣ, ки барояш ошно буданд, ҳеч қитъаеро нодида нагирад. Ӯ ба ҳар ҷузъиёт бо диққат зеҳн мемонду дар умқи хаёл тасвири диданиҳояшро як-як бардошт менамуд.

Муаллим ғарқи тамошо гардида аз ҷойгир шудани ҳамкупеҳои худ бехабар монд. Чунон побанди андеша буд, танҳо пас аз шунидани садоҳои ғайриинтизории «субҳоналлоҳ, алҳамдулиллоҳ, аллоҳу акбар» ба худ омад.

[14] **Зузанақа** – трапетсия

Дид, ки рӯ ба рӯяш мӯйсафеде нишаста, бо чашмҳои нимапӯш тасбеҳ мегардонад ва дуо мехонад. Ӯ дар сар тоқии тозаи бухороӣ, ба тан яктаҳи тунуки баланд дошт ва бо чеҳраи гарм, абрувони дурушту риши сап-сафеди дарозаш хеле поку нуронӣ ба назар мерасид. Муаллим бо дидани мӯйсафед аз ҷо нимхез шуд ва бо таъзим салом гуфт. Пирамард низ аз хондани калимот даст кашида, ба муаллим ҷавоби дуруд дод ва гӯё шиноси деринааш бошад, оромона ба сухан омад:

– Ин қадар ғарқи хаёл шудаӣ, писар, чиро фикр мекунӣ? Ё ба гардани ту ҳам юғи сахтиҳои рӯзгор афтид?

– Не, бобо, баръакс аз кароматй Парвардигор хушҳолам, – бо камоли ризоят ҷавоб дод муаллим, – ба бахти мо, ҳанӯз ҳама чиз аз байн нарафтааст, агар саъю талош кунем, мешавад ба рӯзҳои сафед умед баст.

– Албатта, Худованд ҳамеша бандаҳои худро навозиш мекунад, «ноумед шайтон» гуфтаанд.

– Оре, ман ҳам бо умед аз хона берун омада будам.

– Хушбахтона, луқмаи ноне ёфтӣ-мегӯям?

– Каме ба чангам омад, – ҷавоб дод муаллим ва илова кард: – Акнун назди оилаам меравам, хеле ёд кардам.

– Мефаҳмам, бачаҳоят туро бо дасти пур бинанд, хурсанд мешаванд. Дунё ҳамин, ҷон меканем фақат барои фарзанд. Агар худро ба ин сӯву он сӯ назанем, бечора мешавем. Замона давутозро мехоҳад.

Муаллим ёду хуш ба суханҳои мӯйсафед шуд ва ба маҳзи ин ки каме ором гирифт, кунҷковӣ кард:

– Шумо бухороӣ ҳастед?

– Аз куҷо донистӣ?

– Лаҳҷаи Бухоро ширин.

– Яъне, мисли лаҳҷаи Нур?

Муаллим шох шуд. Бо тааҷҷуб, дар ҳоле ки ба мӯйсафед аз аввала бештар зеҳн мемонд, афзуд:

– Чӣ, Нур? Аз куҷо донистед, ки ман аз диёри Нурам?

– Лаҳҷаи нуриён ҳам ширин аст, – мӯйсафед табассуми малеҳе кард ва бо ҳамон оҳанги салису сабки гуфтори зариф идома дод: – Абрувонат, сурати офтобхӯрдаат айни кӯҳистониҳост. Ба маҳзи даромадан аз дар чашмам ба ту афтиду аз дил гузарондам, ки ин ҳамдиёри ман аст!

– Аҷабо, Худо боз ёди моро кард, лутфи худро дареғ надошт. Дар ин роҳи дароз ҳамсафар доштан чӣ қадр хуб аст! – гуфт муаллим, дар ҳоле ки аз зиракии мӯйсафед ба завқ омада буд.

– Ҳақ асту рост, сояи Худованд ҳамеша болои сари мост, чақ-чақ карда меравем.

– Оре, суҳбат роҳро кӯтоҳ мекунад, – афзуд муаллим ва бо саволе, ки аз аввал дар гӯшаи хаёлаш давр мезад, мурочиат кард: – Бобо, «пурсидан айб нест»-мегӯянд, шумо чӣ хел ба ин маконҳои дур афтида мондед? Ё шуморо ҳам рӯзгор маҷбур кард?

Мӯйсафед боз ҳам хандаи мулоиме кард ва бо як даст риши баланди сап-сафедашро хилолкунон ба шарҳи ҳол пардохт:

– Якуним сол мешавад, ки писарам аз хона баромада буд. «Дили оча ба бача, дили бача ба кӯча»-гуфтагӣ барин, аз рӯзе, ки рафт, фақат як дона хат навишта адресашро гуфту бас! Дар раҳи ӯ бошад, ду чашми модараш чор шуд. Ана меояд, мана меояд гӯён шабро рӯз, рӯзро шаб кардем, лекин аз вай дарак не. Афсӯс ки, хоки пойи мо сабук, дар маҳалла як гап ба даҳони мардум наафтад, обуранг дода овоза мекунанд. Гӯё писари ман гум шудааст, аз мо қаҳр карда гурехтааст, ё тавба!

Муаллим ҳайрон монд. Бо шигифте, ки вуҷудашро фаро мегирифт, базӯр ба сухан омад:

– Яъне, писари шумо гум шуд?

– Оре, писари ман! Лекин ҳеч ҷо гум нашудааст, сиҳату саломат кор мекунад! Ана, ин суратҳояш, мебарам як-як ба номардоне, ки ғайбаташро мекарданд, нишон медиҳам, – мӯйсафед як баста аксро аз борхалтааш берун оварда ба рӯйи мизи дарозрӯяи купе гузошт.

Муаллим бо диққат ба аксҳо чашм давонд. Дар ҳар сурат акси ҷавони қоматбаланде, ки хушҳолу мамнун машғули кор буд, такрор меомад. Ба назар мерасид, ки ӯ хеле ҷавон аст, агар бошад, ҳудудан бист-бисту як сол син дошт. Тааҷҷуби муаллим боз бештар шуд:

– Магар ин писари шумост? – бо ҳайрат пурсид ӯ.

– Бовар намекунӣ? Ана ҳамин ҷавоне, ки сари ҳол устокорӣ мекунад, писари ман аст. Дар қишлоқамон ҳам усто буд, аз чӯб гул месохт. Ин ҷо ҳам усто, бо ду рафиқаш дуредгарӣ мекунад, дару тиреза, мизу курсӣ, ҳар чӣ суфориш диҳанд, месозанд.

– Не, бобо, ба ҳунараш гап нест! Лекин хеле ҷавон менамояд, ӯ куҷо шумо куҷо!

Мӯйсафед тоза фаҳмид, ки муаллим аз чӣ тааҷҷуб мекунад, қоҳ-қоҳ зад зери ханда.

– Ин писари янгаи дуюмат, эркатойи ман, – дар ҳоле ки ҳанӯз механдид, гуфт мӯйсафед, – худаш ҳам чаққон, кор ҷону дилаш, ба модараш задаст. Ҳамин ки фаҳмид тағобачааш дар Маскав устохона кушодааст, ду поро дар як мӯза карду «ман меравам» гуфта якрӯя шуд. Ҳамин, ба Маскав омаду дигар монд. Маҷбур шудам худам ба суроғаш бароям. Худоро шукр, аз рӯйи адресаш тез ёфта гирифтам. Ҳолу аҳволашро дидаму хурсанд шудам. Ду-се сӯм пул ҳам дод, хушҳол шудам. Ду рӯз аз кораш ҷавоб гирифту Маскавро тамошо дод. Худо умрашро диҳад, Маскав ҷоҳои дидании зиёд доштааст, бо шавқ тамошо кардам.

Муаллим дарёфт, ки писари мӯйсафед низ мисли чандин ҷавони дигар мардикорӣ мекунад. Ӯ ҳам тарки ватан кардааст, то пул ҷамъ кунад, рӯзии бештар дарёбад. Чун ба кӯйи анбоштани сармоя афтидааст, дилаш намехоҳад онро тарк кунад. Вале падару модар доиман бо ёди фарзанд зиндаанд, агар ӯ набошад, барои худ ҷойи нишаст намеёбанд. Оворагиҳои ин мӯйсафеди синнаш ба ҷое расида низ аз ин аст. Ин бор барои ӯ саломату сариҳол дидани

писараш давлати бузургест, ба ин қонеъ шуда, бо дили пур ба зодгоҳ бармегардад. Муаллим аз чеҳраи мӯйсафед равшан мехонд, ки ӯ сахтиву сустиҳои зиндагиро фаровон дида, ба гирумонҳои зиёде бархӯрдааст. Бо вуҷуди ин, таҳаммул ва имону эътиқодро аз даст надода, ба зиндагӣ умед мебандад, ояндаи некро дидан мехоҳад. Маълум буд, ки ба одати маъмулӣ даромадани ҳавои мардикорӣ боиси нигаронӣ нест, касоне мисли ин мӯйсафеди нуронӣ низ ба тақдир тан додаанд...

Баногоҳ ҳуштаки баланде сар дода, суръаташро суст кардани поезд хаёлоти муаллимро аз ҳам гусаст. Мӯйсафед сарашро ба шишаи тиреза ҷафс карда ба берун зеҳн монд ва чида-чида гуфт:

– Ба фикрам аз марзҳои Маскав мегузарем. Аз ин ба баъд диду боздидҳо сар мешаванд. Ин ҷоҳо дарди бахайр, мегӯянд, милисаҳои қазоқ хатарнок, лучу лухт карда, даруну берунатро мекобанд.

– Чаро? – беихтиёр пурсид муаллим.

– Ҳамин тавр, касбашон аст. Писарам ба ҷону ҳолам намонда хоҳиш кард, ки бароям ба самолёт билет харад, нагузоштам. Гуфтам аз осмон метарсам, ғайр аз ин, ба мани пир киро кор? Бо поезд роҳат меравам, ду-се сӯм ҳам сарфаҷӯйӣ мешавад.

– Ман ҳам таваккул ба Худо кардам, ба хотири оҷангҳои суратамон безобита накунанд-даркор.

– Намедонам, – каме андешаманд афзуд мӯйсафед, – замона вайрон, ба одамҳо намешавад бовар кард. Аз рӯйи фаҳмидам, мусофиронро азоб медодаанд, ҳар чӣ пулу чиз доранд, бо зӯрӣ мегирифтаанд.

– Худо нишон надиҳад, – гуфт муаллим, дар ҳоле ки хаёлангез бо як даст абрувонашро молида меистод.

Поезд суръаташро равон-равон суст кард ва бо ин ки садои тақ-тақи чархҳояш торафт оромтар ба гӯш мерасид, якдафъа аз сар ба сари ҳам задани вагонҳо мулоим такон хӯрду истод. Рӯ ба рӯйи тирезаи купеи муаллиму мӯйсафед бинои очурии истгоҳи роҳи оҳан ба назар расид. Сохтмони дутабақаи мураббаъшакле буд ва дар гирду атрофаш одамон тараддуд доштанд. Маълум буд, ки истгоҳи он қадар бузурге нест, дар айвони интизории он теъдоди одамон хеле кам буд. Ду-се ҷо хонумҳое мизу сандалӣ гузошта, хурдурез, аз қабили печене, сигор, тухма, санбӯса, пирожки, ҳасиб мефурӯхтанд. Канори роҳи оҳан як нафар корманди истгоҳ тахтачаи гирди қирмизранге ба даст гирифта, гоҳ ба пушту гоҳ ба пеш ишораҳое мекард. Дар даромадгоҳи истгоҳ ду нафар навбатдор, ки ба бозуҳои худ порчаи сурх баста буданд, истода, ҳуҷҷатҳои мусофиронро аз назар мегузаронданд. Ин ҳама барои муаллим манзараҳои ошно буд, аммо тамошо карда нишастан чӣ қадар ҷолиб аст! Ҳар тараддуд дилгармие дорад, тамошогарро ба завқ меоварад.

Аз истодани поезд фурсате нагузашту дари куперо маъмури вагон боз кард ва аз дунболи ӯ ду нафар марди формапӯш ворид шуданд. Баъд аз салому алейки мухтасар милисаи қадбаланд, ки аз рӯйи ситорачаҳои сардӯшиаш мақомаш ҳам болотар менамуд, бо ҷиддият амр кард:

– Пурсуҷӯйи маъмулӣ, паспортҳои худро омода кунед, ҳар кӣ бору василаҳояшро нишон диҳад.

Дар ин лаҳза мӯйсафед ба муаллим чашмакии маънидоре зад ва бо нимтабассум ба навдаромадаҳо рӯ овард:

– Мо ҳам?

– Албатта, отетс, ҳамаро месанҷем.

– Аз мо пирмардҳо чӣ гумон мебаред? Як поямон ин ҷо бошад, дигараш дар он сӯй.

– Хидмат, отетс, ба мо ҳам дастур шудааст! – боз бо ҳамон оҳанги омирона арз намуд милисаи қадбаланд.

Аммо боздиду таҳқиқ ба дарозо накашид. Кормандони ҳуқуқу тартибот шиносномаю борхалтаҳои муаллиму мӯйсафед ва ду нафар ҳамроҳи ҷавони онҳоро рӯякӣ аз назар гузаронда, бе пурсуҷӯйи иловагӣ худоҳофизӣ карданд ва роҳи сафед талабида, аз купе бадар рафтанд. Муаллим бо эҳсоси хушҳолӣ изҳор кард:

– Агар санҷиш ҳамин бошад, ҷойи тарсе нест! Гумон бурдам, ҳама ҷайбу доманро тагурӯ мекунанд.

– Хаёли хом напаз, додар, ҳанӯз ба хурсанд шудан зуд аст. Аз нозирони қазоқ, ки гузаштем, баъд хушҳолӣ кунӣ меарзад.

– Гургҳо дар пешанд, гӯед?

– Бешубҳа. То расидан ба маҳалли онҳо вақт дорем.

Муаллим бо шумханд ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва ба берун назар андохта афзуд:

– Рӯз ҳам торик мешавад, кам-кам фикри шомро бояд хӯрд.

– Шом омода аст, додар, писарам як олам котлету нон гузошта буд.

– Худо хайратонро диҳад, аҳли фаҳмед, бобо!

– Ту, фақат, тартиби чойро диҳӣ, кофист, – бо мамнуният гуфт мӯйсафед, – ин тарафаш бо ман.

– Албатта! – муаллим аз ҷо баланд шуд. Мӯйсафед низ борхалтаашро аз поин бардошта рӯйи нимкат гузошт ва дунболи таҳияи шом шуд.

Поезд дубора бо ҳавои худ ба роҳ уфтод. Садои якнавохти он мисли оҳанги фораме аз ҳар сӯ дар гӯшу ҳуши мусофирон менишаст. Дар ҳама вагонҳо чароғ равшан шуда, пушти шишаҳо зулмати шаб ба куллӣ ҳукмрон гардида буд.

* * *

…Пайроҳае, ки муаллим дар он қадам мезад, беохир ба назар мерасид. Дуродур суроби деҳае ҳувайдо буд, аранг-аранг бо дарахтону теппаҳои ошно. Ба хусус, теғи куллаҳои баланде Кӯҳи Сафеду Пашметанро ба хотир меовард ва болотар доманакӯҳи кӯндаланги дарозе шабеҳи Довон буд. «Эҳ, ин деҳаи ман-ку!», – ба худ гуфт муаллим ва қадаммониашро тезтар кард. Вале ҳарчанд тез роҳ мерафт, деҳа аз ӯ дуртар мешуд, мисли ин ки ӯ ба ақиб қадам мезад. «Ин чӣ гап, ба ман чӣ шуд?» – муаллим дубора ҳай талош кард ва

борхалтаи сангинашро, ки бераҳмона ба ҷуссааш фишор меовард, болотар кашида, ба пеш талвоса намуд. Аслан намефаҳмид, ки ба пеш меравад ё ба қафо, вале ҳис мекард, дашти хокӣ босуръат аз мадди назар мегузарад. Пайроҳа гарчи печутоби зиёде дошт, ба роҳгардии муаллим халал намерасонд. Муаллим хастагиро ҳис намекард, беист медавид. Чӣ қадар давид, худаш намедонад, ногоҳ рӯ ба рӯяш ҷари беохири сип-сиёҳе падид омад. Азбас бо ҳаросу ҳавли ҷон медавид, натавонист худро нигаҳ дорад, бо тамоми неру кулоч кашиду хез зад. Хушбахтона, ба он сӯйи ҷар парид, вале борхалтаи сангин аз китфаш лағжиду ба сиёҳии бетаги ҷар сарозер рафт. Худаш дар он сӯйи ҷар, дар тули пайроҳа базарб ғелида монд. Баробари афтидан гӯё дарди ҷонкоҳеро ҳис кард, бо садои баланд фарёд зад: «Очаҷон!» Бо ин фарёд муаллим аз ҷо парида хест. Болои сар хира-хира мӯйсафедро шинохт.

– Ҳа, додар, хоб дидӣ? – баробари ба худ омадани муаллим  пурсид мӯйсафед, дар ҳоле ки бо як даст китфи ӯро дошта меҷунбонд.

– Намедонам, дар хоб буд ё бедорӣ, саҳл монд ба ҷари бетаге сарозер шавам.

Мӯйсафед бо шумханд афзуд:

– Ҳарчи аз таҳи дил дод задӣ, ҳатто очаатро ба имдод хостӣ!

– Сиёҳӣ пахш кард магар, нафаҳмида мондам.

– Бехаёл бош, пеш-пеши саҳар хоб дидан як амри муқаррарист. Хезу ба дасту рӯят об зада гир, ба худ меойӣ. Фикр мекунам, ба сарҳади Қазоқистон ҳам расидем, – гуфт мӯйсафед ва пешопеш худаш аз ҷо баланд шуда миёнбанди ловдонашро ба китф андохт ва ором қадамзанон дари куперо боз кард. Муаллим низ бо дили хоҳаму нохоҳам аз пайи мӯйсафед сари по хест.

Чанде баъд суръати қатор кам шудан гирифт. Маъмури вагон хабар дод, ки поезд дар истгоҳи Ганюшкина таваққуф мекунад. Ин ҳамон шаҳраки марзиест, ки ду-се соат мусофиронро маътал мекунад. Пурсуҷӯҳои тулонӣ маҳз дар ҳамин истгоҳ сурат мегирад. Муаллимро ваҳме фаро гирифт, худро хеле ноҳинҷор ҳис кард. Гӯё омади талхе ӯро интизор аст, хаёлаш ором набуд. Баръакси ӯ, мӯйсафед бо дили беғам рӯйи нимкати худ нишаста, бо чашмони нимапӯш тасбеҳ мегардонд. Аз бепарвою ором нишастани мӯйсафед нигаронии муаллим бештар шуд, мехост ҳарф занад, нороҳатиашро арз кунад, аммо ҷуръат накард. Дар асл нахост, ки дуою ниёишҳои мӯйсафед қатъ шавад.

Ба маҳзи ин ки поезд аз ҳаракат бозистод, садоҳои берабти шавқуну ҳаёҳу ва тапар-тупур ба ин сӯву он сӯ қадаммонии одамон баланд шуд. Лаҳзае нагузашта буд, ду марди низомипӯш, ки ҳамоил ба китфи худ яктоӣ автомат доштанд, вориди купе шуданд. Аз чеҳраҳои гирд, чашмони танг ва суратҳои камриши онҳо мушаххас буд, ки ҳар ду қазоқанд. Баробари қадам гузоштан ба дохили купе, бе он ки салом диҳанду худро шинос кунанд, ҷавони аввалӣ бо садои чирросӣ амр дод:

– Зуд бошед! Паспорт, бор, чизучора – ҳар чӣ доред ба рӯ бароред!

Аз ин фарёди гӯшхароши ӯ даставвал мӯйсафед норохат шуд ва ӯ низ бе мулоҳиза ба низомипӯшон теғ кашида, бо ҷиддият пурсид:

– Барои чӣ? Шумо кӣ ҳастед, ки мо ҳама чизучораи худро нишон диҳем?

Ҳамон низомии ҷавон, ки хеле асабонӣ менамуд, бо як ҳаракати чолокона силоҳашро аз китф ба даст гирифт ва бе ҳеч андеша милаи онро рост ба синаи мӯйсафед гузошту дод зад:

– Нафасатро каш, чол! Ҳар чӣ мегӯем онро анҷом деҳ, то пушаймон нашавӣ!

Зардиҳои мӯйсафед рӯ гирифт. Муҳкам мили автоматро бо ду даст нигаҳ дошт. Хост ба тарафи муқобил тела диҳад, аммо зӯраш нарасид. Ҷавон аз ӯ пешдастӣ кард ва бо тамоми қувва ба сари дилаш фишор овард. Мӯйсафед худро нигоҳ дошта натавонист ва ба рӯйи нимкат афтид. Сараш ба гираи либосовезӣ бархӯрд. Аз ин ҳол муаллим низ таҳаммулро аз даст дод. Ёзида низомиро аз гиребонаш гирифту ба ақиб кашид ва мушти аллакай гиреҳхӯрдаашро мустақим ба сураташ фуровард. Қариб монда буд, ки ҷавон ба замин биафтад, аммо ҳамроҳаш ӯро нигаҳ дошт ва оғушта дар оташи қаҳру ғазаби аз ҳад беш бо ҳам ба сӯйи муаллим ҳамла карданд. Муаллим дар муқобили ду нафар низомӣ коре наметавонист бикунад. Пас аз он ки ду-се лагаду мушт ба сару гардан ва камари худ хӯрд, маҷбур шуд сари итоат хам кунад. Ду ҷавони мусофири дигар бошанд, дар ду гӯшаи купе ҷо шуда, дир-дир меларзиданд. Равшан ба назар мерасид, ки онҳо аз даргириҳои муаллиму мӯйсафед ва мардҳои низомӣ тарсидаанд.

Аз он пас ҳукумат ба дасти низомиён буд. Ҷавони аввалӣ бо як даст пешонии худро, ки аз зарби мушти муаллим бод карда буд ва зоҳиран, сӯзиши ҷонгире дошт, гирифта, бо ҷаҳл наъра зад:

– Василаҳоят куҷост?!

Муаллим ҷуз итоат чорае надошт. Ба хотири он ки бадбахтии бештаре пеш наояд, хам шуду аз зери миз кӯлборашро бардошт. Ҷавон дубора амр кард:

– Ба пеш даро!

Марди низомии дигар низ ба ӯ пайравӣ карда, бо зарб аз дасти муаллим кашид ва ба сӯйи дар тела дод. Муаллим пеш-пеш, онҳо аз дунболаш аз купе хориҷ шуданд.

Ин тавр сурат гирифтани қазияро ҳеч кас ба хаёл наоварда буд. «Хеле бад шуд, кор расво шуд», – дар худ андешид муаллим. Ӯ чораи дигаре ҳам надошт, наметавонист аз амру пӯписаи силоҳдорони формапӯш сар битобад. Вақте ки ба идораи «посдорон»-и вокзал омаданд, дигар ҳуш аз сараш парид. Идора пур аз одам буд. Дар ҳар гӯшае як-дутоӣ корманд ҳуҷҷату бори мусофирони дастгиршударо баррасӣ ва кофтуков мекарданд. Барои муаллим тааҷҷубовар он буд, ки кормандон либосҳои мухталиф доштанд, дар ин ҷо милисаҳо ва маъмурини гумрук якҷо иқдом менамуданд. Дар воқеъ, боздоштгоҳе буд, ки ба осонӣ метавонистанд пӯсти мусофиронро афшонанд.

Муаллим низ ноумеду малул дар гӯшае, рӯ ба рӯйи марди фарбеҳу туршрӯе қарор гирифт. Ду нафар низомӣ, ки ӯро оварда буданд, бо ҷӯшу хурӯш ба масъули пушти миз дарду ҳасрат карданд. Онҳо ҳарчи тавонистанд дар ҳаққи ӯ баду бероҳ гуфтанд. Ҳар ду таъкидкунон дархост намуданд, ки то имкон ҳаст рӯзро барояш талх кунад. Вақти бадар рафтан ҳам бо мазоҳ ба муаллим рӯ оварда, яке мушташро гиреҳ кард ва дигаре бо даст шакли ҳалқа кашиду ба боло ишора намуд, яъне гуфтан мехост, «туро меовезад!»

Марди фарбеҳ бе таоруф паспорти муаллимро хост. Хомӯшона дар дафтари калоне, ки зери дасташ буд, ба навиштани маълумот пардохт. Пас аз он ки иттилооти кофиро аз шиноснома рӯнавис кард, ба муаллим рӯ овард:

– Мақсади сафар?

– Дар Маскав коргарӣ кардам, ба хона бармегардам, – ҷавоб дод муаллим.

– Чанд моҳ дар Маскав будӣ?

Муаллим тааҷҷуб кард. «Ин савол барои чӣ?»-андешид ба худ ва бо лаҳни норизо гуфт:– Ба шумо чӣ рабте дорад?

Марди фарбеҳ сарашро бардошт. Аз чеҳраю чашмони ӯ хондан мушкил набуд, ки дар шигифт мондааст, гӯё ин гуна ҳолат барояш бори аввал иттифоқ меуфтод. Бо таҳдид гуфт:

– Ин ҷо танҳо ман суол медиҳам!

– Марҳамат, фақат аз мавзуъ дур наравед-шуд, – бе ҳеч хавотир афзуд муаллим.

– Оқсаққол, ҳанӯз чизеро нафаҳмидӣ? Дониста мон, ки мавзуъро ҳам ман таъйин мекунам!

Муаллим низ бо ҷиддият гуфт:

– Медонам, ҳама чиз дар ихтиёри шумост, мо бечораҳо кай ҳуқуқе доштем?

Марди фарбеҳ асабонӣ шуд. Бо ғазаб худкорашро рӯйи миз афканд ва ба маъмури гумрук, ки паҳлуяш мунтазири дастур рост меистод, амр кард:

– Сумкаи ин оқсаққолро холӣ кун, бубинем чӣ мебарад бо худ.

Муаллим мамониат накард. Кӯлборашро, ки пур аз либосу савғотӣ буд, ба сӯйи корманд дароз кард. Маъмури гумрук бо чобукии хосе кӯлборро холӣ карда онро ба марди фарбеҳ дод ва ҳар як василаи муаллимро бо тартиб бар рӯйи миз чидан гирифт. Ба маҳзи ин ки дар байни либосҳо рӯмоли лӯндаи гиреҳхӯрдае ба чашм хӯрд, марди фарбеҳ ҷойи худ ҷунбида монд ва дар ҳоле, ки чашмонаш гӯё барқ мезад, бо ҳарос гуфт:

– Он рӯмоли бастаро бардор, бубинем чӣ дорад.

Дар ин фурсат ҳолати муаллим беҷо шуд. Тоқат накарда як қадам пеш гузошт, хост бастаро аз дасти марди фарбеҳ, ки аллакай гиреҳҳояшро боз мекард, бигирад. Маъмури гумрук ӯро нигаҳ дошт ва бо садои баланд амр кард:

– Аз ҷоят наҷунб!

Тану ҷони муаллимро ҳаяҷони шадиде фаро гирифт, чашмҳояш калон-калон боз монданд, аз он ки бастаи пулҳояш ба дасти нозирон афтида буд, сахт ҳирс хӯрд. Ноилоҷ, ҷуз интизории оқибати кор чорае надошт.

Марди фарбеҳ бошад, бо дидани бастаи пул хушҳол шуд. Чунон табассуме андомашро фаро гирифт, аз қавоқҳои овезонаш ному нишон намонд. Ба хотири ин ки ғазаби муаллимро оварад, намоишкорона пулҳои сабзрангу яксохтро як-як шумурд ва дар охир бо заҳрханд лаб кушод:

– Кам пуле нест, боракаллоҳ! Акнун бигӯ, оқсаққол, ин пулҳоро аз куҷо рӯфтӣ?

– Гуфтам-ку дар Маскав коргарӣ кардам! – дандон ба дандон монда ҷавоб дод муаллим.

– Хеле хуб, ҳуҷҷати пулҳо куҷост?

– Чӣ хел ҳуҷҷат? Магар пул ҳам ҳуҷҷат дорад?

– Худатро ба гӯлӣ назан, оқсаққол, – маккорона суханашро идома дод марди фарбеҳ, – мо аз куҷо донем, ки пулҳоро қонунӣ ҷамъ кардаӣ? Шояд аз ҷое дуздидаӣ ё ки аз касе бо зӯр ситондаӣ?

Муаллим дигар тоқат накард. Бо ҳавли ҷон хез заду худро ба сӯйи марди фарбеҳ андохт. Дар ин лаҳза, бехабар аз зарбаи ногаҳоние, ки ба таҳи буногӯшаш хӯрд, сари ҷо калавида монд ва беихтиёр аз гӯшаи миз дошта гирифт, то ба замин наафтад. Дубора хост ҳамла кунад, аммо ин дафъа корманди гумрук дастҳояшро муҳкам ба ақиб кашида нигаҳ дошт. Ҳамин дам чашми муаллим аз тиреза ба берун уфтод, поезд оҳиста-оҳиста ба ҳаракат медаромад. Ҳамоно дар мағзаш андешид, ки ин ҷо мондан фоида надорад. Пул ҷони ин хунхорҳост, агар монад ҳам, рӯёнида наметавонад. Бо зӯр худро ба даст гирифт, музтарона ба маъмури гумрук рӯ овард:

– Бародар, маро раҳо кун. Мебинӣ, поездам меравад, ман аз роҳ намонам.

Маъмури гумрук ба марди фарбеҳ нигоҳ кард. Ӯ бо пушти даст ба маънии «мон, равад» ишора кард. Муаллим баъд аз раҳо шудан ранҷидахотир сумкаи касифу фарсудаеро, ки ба ҷойи кӯлбори наву чармиаш рӯйи миз гузошта буданд, пештар кашид ва чизҳояшро дар он андохтан гирифт. Дар ин асно охирин бор ба марди фарбеҳ рӯ овард:

– Бародар, ақаллан ба хотири бачаҳоям нисфи пуламро пас деҳ, илтимос!

– Шукр кун, ки дар зиндон намеандозам, – бепарво ҷавоб дод марди фарбеҳ ва заҳрханде карду курсии гардонашро ба сӯйи дигар давр занонд.

Муаллим намедонист чӣ кор кунад, чӣ ҳарфе ба ин номардони ташна гӯяд. Ночор «подоши»-ро ба китф андохт ва зери лаб ҳақорати обдоре гуфта, бо шитоб ба берун давид. Тозон-тозон худро ба зинаҳои вагон расонд ва бо мушкилӣ хез заду ба боло баромад. Бо ҳоли гирифта дари купеашро боз кард. Дар дохил мӯйсафед низ бо ҳоли ғарибонае сари латтапечи худро аз пушт ба дастонаш такя медод ва чашм ба фарш дӯхта менишаст. Муаллим чизе нагуфт, беҳолона, гӯё дилу ҷигарашро гургон тала мекарданд, гавдаашро бо сина рӯйи нимкат партофт...

## Инъоми Худованд

Пас аз се рӯзи афтударафти ҷонгудоз бо худ, муаллим то зодгоҳ расид. Воқеан, ба манзил омад, аммо бо димоғи сӯхта, руҳафтода, хастаю кӯфта. Мехост бо садои баланд, аз мағзи ҷон наъра занад, дод гӯяд, фиғон бардорад. Ба хусус, шабонгаҳ, вақте ки бо оилааш вохӯрд, шушу қалбаш пур аз оҳу алам шуд, наздик ба таркидан расид. Ҳарчанд саъй мекард озурдагиашро ба бачаҳо ошкор накунад, аммо аз дасташ намеомад, худ ба худ ашкҳояш шашқатор мешуданд, забонаш гирифта ва ҳалқаш гӯё қоқ буд. Ба маҳзи ин ки модари бистариашро дид, дигар таҳаммулро аз даст дод. Азбаски гулуяш гирифта буд, бо садои кам уллос кашид, сарашро ба китфи модар гузошта нолиш кард.

Бачаҳо ҳоли ӯро дида баробар мегиристанд. Ҳамсараш низ мадори сабру тоқатро надошт. Чун дид, аз тасалливу дилҷӯйӣ фоидае нест, ӯ низ ба бачаҳояш пайравӣ кард, лаҷоми фиғону гиряро сар дод. Он шаб хонаи муаллим гӯё мотамсаро буд. Ҷойи ин ки аз омадани ӯ хушҳолӣ кунанд, ҳама ғамгину дилгир шуданд. Бо дасти холӣ баргаштани муаллим на фақат тану ҷони худашро сӯрох-сӯрох мекард, ҳамчунин онро мемонд, ки гӯё як сатл оби сард аз сари бачаҳояш рехта бошад.

Модари муаллим ҳамоно рӯйи тахтхоб дароз мекашид, мисли ин ки дар давоми шаш моҳи гузашта аз ҷояш наҷунбида мехобид. Ӯ ба писар чашм дӯхта, сарашро бо кафи дасти нимҷонаш молишдеҳон ашк мерехт. Аммо гиряи модар аз алам, аз хушку холӣ омадани нури дида набуд, балки аз хурсандӣ, аз расидан ба дидори ҷигарбандаш буд. Ӯ парвое надошт, ки писар пул овард ё не, савғотӣ дорад ё не, фақат аз дил мегузаронд: «Худоро шукр, писарҷонам ба сарам омад, акнун осуда мемирам, худаш аз пойи тобутам мегирад, гӯручӯбам мекунад». Модари бечора мехост бачаҳояшро ором кунад, аммо тавони ҳарф задан надошт. Аз он ки пайваста рӯз мешумурду бо орзуи дидори фарзанд мижа таҳ намекард, хастагию нотавонӣ ба тану ҷонаш чира мешуд. Бо ин ҳол, аз он ки иродааш ӯро ба мақсуд расонд, хеле хурсанд буд.

Муаллим рӯзи дигар бо ҳазор фикру хаёл дар хона монд. Нахост худашро ба ҳамқишлоқиҳо нишон диҳад. Аз он ки мактабро ба хотири ёфтани пул тарк карда, вале дастхолӣ баргашта буд, хиҷолат мекашид. Ӯ чунин меандешид, акнун дар пеши дӯсту душман шарманда аст. Бо мудири мактаб, ки соатҳои дароз дар хусуси тарки мактаб баҳсу талош карда буд, чӣ хел рӯ ба рӯ мешавад? Бо кадом рӯ ба раиси маҳалла, ки билкул мухолифи рафтани ӯ ба мардикорӣ буд, нигоҳ мекунад? Ҳамин ҳамсояаш Хуморапа-чи? Сад бор гуфта буд, ки ману ту пир шудем, коргарӣ аз дасти мо намеояд, бачаҳоятро танҳо намон, аммо муаллим розӣ нашуд. Ӯ сухани касеро гӯш накард, он замон ба ирода, ба ақлу таҷрубаи худ бовар дошт. Аслан ба гӯшаи хаёлаш намеомад, ки ин ҳама нокомиҳо ӯро интизор аст. Муаллим худро рӯйи хона партофта, сарашро миёни дастҳояш гирифта, ғарқи фикру андешаҳои мағшуш намедонист чӣ кор кунад. Гоҳ ба пушт, гоҳ ба сурат, гоҳ ба бағал дароз мекашид, меғелид, дар худ мепечид...

Ҳамсари муаллим низ аз гиряи бисёр сардард гирифт. Аммо ӯ наметавонист мисли шавҳар дар хона бимонад. Аз субҳи зуд ба по хеста сару миёнашро бо рӯмол баст ва аз пайи сариштаи зиндагӣ шуд. Ӯ ҳамеша бо коре андармон мешуд, вале он рӯз аз ҳар гоҳ дида бештар машғул гардид. Мехост дарду аламро бо кор ҷуброн кунад. То нисфирӯз нафас рост накард ва охирин коре, ки мебоист анҷом диҳад, шустани либосҳои шавҳараш буд. Ӯ дар лагани ҷомашӯйӣ тамоми либосҳои чиркин ва ҳатто сумкаи сафарии шавҳарро ҷамъ кард. Аз корҳои аслӣ фориғ шуда, нигоҳе ба лаган афканд ва аз дил гузаронд: «Инҳоро ҳам шуста гирам сабук мешавам ё ки баъд...?» Лаҳзае дар фикр монд, аммо ҳисси кордӯстиаш ғолиб омаду дар худ гуфт: «Кори имрӯзро ба фардо нагузор, мешӯям аз ин заҳмат ҳам роҳат мешавам!»

Дасти одаткардаи зан дар дохили тағораи пуркаф беист пасу пеш медавид. Собун мезад, муштмол мекард, меафшурд... Ниҳоят, навбат ба кӯлбор расид. Ҳамсари муаллим қоматашро рост кард, нафаси амиқе кашиду дар дил гуфт: «Эй Худоҷон, чӣ гуноҳ кардем, ки моро азият медиҳӣ? Магар намешуд ин бандаи бечораатро ноумед накунӣ? Охир, муаллим буд, ба касе зиёнаш намерасид. Ақаллан ғами модари беморашу писари нотавонашро мехӯрдӣ чӣ мешуд?» Зан дубора хам шуд, шуруъ кард ба собун задани сумкаи тар. Вақте ки бо ҳавсала собун мезад, баногоҳ лӯлагие дар миёни он ба дасташ хӯрд, ҳайрон шуд. Лӯлагиро даст-даст карда байни ангуштҳояш гирифт. Нигоҳ кард, аз дохил дарбеҳе ба кӯлбор зада, чор тарафашро дӯхтаанд. Оғуштаи хаёлҳои ширине кӯлборро бардошту афшонд ва ба хонаи ҷойи шист даромад. Қайчиашро аз ҳамолияк[15] гирифта бо эҳтиёт дарбеҳро бурид. Кисаи махфиро кушоду ҷойи худ шах шуд. Ба чашмонаш бовар накард – дар киса як баста пул мехобид! Пас аз лаҳзае кадбону ба худ омаду тозон ба хонаи дарун рафт ва шигифтзада, бо садои баланд дод зад:

– Додош, додош, як нигоҳ кунед!

Муаллим ҳанӯз дар оғӯши хаёлоти парешони худ буд. Вақте ки ҳамсараш дафъаи дуюм садо зад, сарашро бардошт. Ба боло назар афканду бастаи пулро дар дасти зан дид. Бовар накарда чашмҳояшро ду-се бор палмосид ва дубора нигоҳ кард. Оре, воқеан дар дасти ҳамсараш пул – доллар буд! Бо шаст аз ҷо баланд шуда сари дузону нишаст. Ҳамсари хандон бо дасти адаб пулро ба ӯ дароз карда гуфт:

– Ин пули шумост, додош, хурсанд шавед, Худо худаш меҳрубонӣ кард. Дар дохили сумкаи овардаатон маҳкам дӯхта будаанд.

Муаллим тоқат накарда занро ба оғӯш кашид. Боз ҳам гиря кард, вале худ намедонист чаро то ин ҳад нозук шудааст. Дар тамоми умри худ мисли ин шабонарӯз нагириста буд. Ҳамсараш бошад, сару сурату дастҳояшро молида, бо меҳрабонӣ арз кард:

– Ин қадар эрка нашавед, пулатона ҳисоб кунед!

Муаллим бо ҳаяҷон коғазҳои ба чашм ошноро як-як шумурда, дар охир зери лаб гуфт:

---

[15] **Ҳамолияк** – халтачаи бандакдоре, ки дар он лавозими дӯхту дӯз нигаҳдорӣ мешавад

– Хеле, хеле ҳаст, қариб баробари пули ҷамъкардаи худам... – пас аз як дам тааммул афзуд: – Лаънатиҳо... ин сумкаи кадом бечорае бошад? Тасодуфа бин, ки чашмашон ба ин наафтидааст.

– Шумо шукри Худо гӯед! Дар ҳар сурат Парвардигор ғами бандаҳои ниёзманди худа мехӯрад.

– Алҳамдулиллоҳ, – аз таҳи дил овоз дод муаллим ва дубора зани меҳрабонашро ба оғӯш кашида гуфт: – Акнун ба ҳама хабар мекунем, зиёфат медиҳем. Модару Парвизҷона ба духтур мебарам, ба шикасту рехти хона мерасем…

– Боз ҳам ман фаромӯш шудам? – бо ноз гуфт ҳамсараш.

– Не, ҷонам, аввал ба ту сарутан мехарам! – дарҳол посух дод муаллим, дар ҳоле ки мӯҳои ҳамсарашро дар миёни ангуштони шахшӯлаш гирифта, бо навозиш ба пушт шона мекард.

– Ҳазл кардам, додош, хурсандии шумо аз ҳазор сарутан авлотар аст, – гуфт зан ва табассуми малеҳи худро арзонӣ дошт.

Муаллим ба куллӣ фирефтаи суханҳои ширину табассуми ҳамсар шуда ӯро аз нав ба оғӯш кашид, дар ҳоле ки бехабар буд ин суҳбату бархӯрдашонро модари азиз бо хушҳолӣ аз рӯйи тахти хоб наззора мекард.

# АЗ САНГ САХТ, АЗ ГУЛ НОЗУК

*Қиссаҳои падарам нахустин манбаи илҳоми ман аст.*
*Руҳи поки қиблагоҳам шод бод!*

## Ҷудоӣ

Пардаи торики шомгоҳӣ ба оҳистагӣ ҳама ҷоро фаро мегирифт. Ҳавлии об зада рӯфташуда ҳанӯз дам дошт. Гирду атроф орому сокит, ҳатто гулҳои бағали ҷӯе, ки аз канори ҳавлӣ ба поин ҷорӣ мешуд ва баргҳои дарахтон сари ҷо шах шуда буданд. Аз насими форами намозшомӣ, ки ҳамеша ба машом мевазид, хабаре набуд. Бар замми ин, аз дили дарахтҳои боғ садои шуми ҷуғзе беист ба гӯш мерасид. Дар ниҳояти дилтангӣ санге гирифтаму сахт ба он сӯ ҳаво додам. Шарақ-шарақ ба ҳам хӯрдани баргу шохаҳои дарахтон баланд шуд ва пирросзанон селаи гунҷишку майнаҳои хобида ба парвоз даромаданд. Садои ҷуғз ҳам қатъ шуд. Падарам мегуфт, чуққас задани бум хосият надорад, парандаи шум аст. Ман аввалин бор ин садои наҳсро мешунидам.

Он рӯз дар хонаамон танҳо ду нафар будем, ману апаам[16] Орзу. Ӯ бо рӯмоли хокиранги шаршарадор ва куртаи чити гулдораш хеле зебо менамуд. Рӯйи зинаи паҳни айвон нишаста, шишаи чароғро пок мекард. Аввал бо нафаси норасои худ дар он медамид ва сипас чӯби борики латтапечеро, ки миёни ангуштони нозукаш нигаҳ медошт, бо фишор аз дохили шиша мегузаронд ва ба пешу пас ҳаракат медод. Апаам шишаро то даме, ки ялт-ялт ҷило медод, тоза мекард. Ман аз назди ӯ гузашта ба сӯйи девори молхонаи бобои Амон, ки бо девори ҳавлии мо муштарак ва ҷойи доимии тамошоям буд, рафтам. Он ҷо аспи сапеди бобо бо виқори ҳамешагии худ ором меистод, аҳёнан думу гӯшҳояшро алвонҷ дода мемонд. Тамошо кардани маро пай бурд магар, ба сӯям нигоҳе афканд ва сарашро боло-поин кард. Бештар ба асп зеҳн мондам, фурӯ дар хаёлҳои бесару нӯк савори он шудам ва шурӯъ кардам ба сайру гардиш…

Бо аспи дӯстдоштаам ба парвоз даромада, аз болои бомҳои гилии гузар мепаридам. Ҳадафам зудтар расидан то майдони бузкашӣ буд. Ниҳоят, майдони гавҷум ба назар мерасад. Аз он ҷо ҳамроҳ бо ҳаёҳуи одамон садои шиҳакашии аспон шунида мешавад. Дар минбаре чеҳраи падарамро мебинам, ки беист даст афшонда, маро ба майдон мехонд. Нидоҳои қувватбахши ӯро шунида, бе мулоҳиза аспамро қамчин мезанам ва худамро ба миёни кӯпкаритозон меандозам. Дар як он танаи маҷруҳу фатилашудаи бузғоларо баланд мекунам ва аз доираҳои ҷафсу ба ҳам часпидаи аспон берун меоям. Саманди худро дубора тозиёна мезанам. Ҷонвар масту сархуш аз пирӯзӣ, чун бод ба сӯйи марра медавад…

Хаёлҳои ширинамро садои ғиҷирросии дарвоза барканд. Овози ғафсу ваҳмноки модарам, ки аз меҳмонӣ меомад, баланд шуд:

---

[16] **Апа** – хоҳари калонӣ

– Орзу, чӣ кор мекунӣ?!

Апаам як қад парида аз ҷо хест ва ду чароғи омодакардаи худро дар назди тирезаи айвон гузошта ба пешвози модарам давид. Табақи ӯро аз сараш гирифта, бо садои пасту маҳини худ гузориш дод:

– Ҳама корҳои фармудаатона анҷом додам, очаҷон. Гандума аз яргучоқ кашидам, нон пухтам, молхонара тоза кардам, ҳавлира рӯфтам. Акнун чароғома шуда, хӯроки шома пухтанӣ будам.

– Ҷувонимарг, торик шуду то ҳол хӯрока сар накардаӣ? Вақти омадани додот ҳам шуд-у?!

– Тез мешавад, очаҷон, – апаам табақи модарро канори хонтахта гузошта ба сӯйи ошхона давид.

Ба модарам одат шуда буд, аввали рӯз тамоми корҳояшро ба апаам фармуда, аз хона берун мерафт. То вақти намози шом дар ба дар мегашту аз меҳмонравӣ сер намешуд. Ҳамин ки сари теғи офтоб мешикаст, ба хона бармегашт ва дубора сар мекард ба амру фармон додан. Маҳз пеш аз омадани падарам худашро чунон вонамуд мекард, ки аз кори зиндагӣ сахт хастаю монда шудаасту бачаҳояш ба ӯ ёрӣ намедиҳанд. Апаҷонам бошад, бо сари хам ҳама таҳқиру ҳақоратҳои ӯро мебардошт. Саъй мекард ба ҳама корҳояш расад, то аз модар гап нашунавад ва як луқма нонро ба ману ба худаш ҳалол кунад. Худро дар хона мисли гунаҳкор медид ва ҳеҷ гоҳ ба падарам аз зӯровариҳои модар шикоят намекард.

Ман ҳам садои қаҳромези модарро шунида бесаранҷом шудам ва аз нав ҷониби аспи дӯстдоштаам сар гардондаму бо ишораи даст хайрухуш кардам. Асп аз рафтани ман гӯё норохат буд, як пояшро беист сари ҷо мезад. Ман дигар наметавонистам он ҷо бимонам, ба хотири он ки модарам ба сари ман ҳам дод назанад, зуд ба ақиб гаштам. Як ангуштамро байни лаб газида, бо сари хам ва аз қирраи чашм ба модарам, ки канори суфача нишаста гирифта буд, нигоҳкунон, бошитоб ба сӯйи ошхона гузашта рафтам. Азбаски саросема будам, вақти дохил шудан ба ошхона баногоҳ ба остонаи дар пешпо хӯрдам ва барӯ ба замин афтидам. Апаам «додарҷон, чӣ шуд?»-гӯён ба сӯям давид. Аз дастпочагӣ шишаи дасти ӯ низ, ки пури равған будааст, ба гӯшаи дар бархӯрду шикаст. Бо баланд шудани садои шикастани шиша оташи қаҳли модарам аланга гирифт. Ӯ ҳамон замон халачӯби бодомии падарамро бардошта, ба сӯйи мо давид. Ба ҷойи ин ки ҳол пурсаду меҳрабонӣ кунад, бо чӯби хушки дасташ яксара сар кард ба кӯфтани апаам. Ба даҳонаш ҳар чӣ меомад, мегуфт, дашном медод. Мани маҷруҳ, ки аз хуни биниам тамоми сурату гарданам лолагун шуда буд, бо як азобӣ ҷусаамро ба болои апаам гирифтам ва… аввалин бор зарбҳои ҷонкоҳи халачӯбро чашидам. Апаам бошад, илоҷи аз ҷо хестан надошт, гӯё беҳуш мехобид. Шояд гавдаи хурду нимҷони ман ба чашмҳои хунгирифтаи модарам афтид, аз задан даст кашид ва халачӯбро як сӯ ҳаво доду бераҳмона ду лагади дигар ба биқини апаам фуровард. Ҳанӯз сари хашмаш нашикаста, бо итоб гуфт:

– Сағири ношуд, ҳамин фардо тура гум мекунам, илоҳӣ дарбадар монию ба як бурда нон зор шавӣ!

Тани абгоршудаи апаҷонамро хорумол мекардаму зор-зор мегиристам. Ӯ бошад, ҳатто наметавонист чашмонашро боз кунад. Бароям дидани нотавонии меҳрубонам хеле аламовар буд. Бо ин ҳол, фикр мекардам модарам ҳақ аст, зеро ӯ ҷазои духтари ношудашро медод. Кай ба гӯшаи хаёлам меомад, ки ӯ модарандар аст?!

Маъмулан, падарам ҳар рӯз вақти намози шом дар хона мешуд. Ҳар гоҳ аз роҳи дур меомад, лаҳзаи ба хона расиданаш барои ман ид буд. Чаро ки ҳеч гоҳ бо дасти холӣ аз дар намедаромад. Ӯ хуб медонист ман чиро дӯст медораму ба апаам чӣ маъқул аст. Ба хотири завқи ман ҳар савғотие, ки меовард, шабеҳи чашмбандӣ нишонам медод. Ҳамин ки дар дами дарвоза намоён мешуд, ба сӯяш медавидам ва ӯ бо меҳрабонии беҳад маро ба оғӯш мегирифт. Дунболи ман апаам низ по чида-по чида наздик мешуд ва падарам сару дӯши ӯро низ навозиш карда аз рухсораш мебӯсид.

Ҳар гоҳ падар ба назди дарвоза мерасид, садои ҳангоси хараш баланд мешуд ва аз омаданашон дарак медод. Хари ӯ қадбаланду бақувват, ба мисли аспи бобои Амон сап-сафеду бовиқор буд. Падарам пас аз салому алейк, ба навбати аввал, нӯхтаи гӯшдарозашро ба дасти апаам дода мефармуд: «Духтарам, ба хар ҷав деҳу аз шӯраҳои лаби сой канда андоз». Сипас бо диққат ба дару пила назар меафканд. Ӯ марде буд бисёр покизакор ва ҳатто дар банди назофат. Мабодо як адад чӯбак ё хасу хошокеро рӯйи ҳавлӣ медид, ё беназмиеро ҳис мекард, аз ҳамон дами дар модарамро садо мезад ва фарёд мекашид: «Ин чӣ гап, фақат чашми ман мебинаду чашми дигарҳо не?!» Модарам бошад, дарҳол баҳонае пеш меовард ва маккорона ҳама айбро ба гардани апаам бор мекард. Маҳз ҳамин айёрии ӯ кор медоду падарам аз аспи ғазаб мефуромад.

Он шабе, ки ману апаам лату озордида, бо ҳоли абгору гирифта монда будем, падар хеле дер аз сафар баргашт. Аранг дар ёдам мондааст, он бегоҳ бору бунаи ӯ нисбат ба рӯзҳои муқаррарӣ зиёдтар буд ва он шаб бо модарам то дервақтӣ суҳбати дурударозе доштанд. Апаам нагузошт, ки ман хеста ба назди падарам равам, маро муҳкам дар оғӯш гирифта, беист гиря мекард. Ба ӯ раҳмам омада буд, гумон мекардам ҳама доду шеван аз тазйиқу азобҳои модарам аст. Аммо дертар аз асли қазия воқиф шудам. Фаҳмидам, ки дарду аламҳои ӯ аз чизи дигар, аз ҷудоӣ будааст. Ӯро бе ҳеч гуна пурсупос, ҳатто наврасиашро рӯйи хотир накарда, ба шавҳар медоданд. Ҳама давуғеҷ ва безобитагиҳои ахири падар ва коркашиҳои беҳадди модар аз ин будааст. Мехостам нағзакак аз модар шикоят кунам, ҳама лату озорҳои додаашро ба падар ифшо намоям, тани захмдидаи апаам ва изҳои халачӯбро дар бадани худам нишон диҳам, вале апаам нагузошт. Аз сӯйи дигар, барпо шудани арӯсӣ, омадурафти меҳмонон ва хеле машғул будани падар ба ин аҳди ман монеъ шуд. Ӯ духтари азиятдидаи худро танҳо зери чодар медид, аз зулмҳои бемавриди зани айёри худ, аз захму кабудиҳои тани апаам хабаре надошт. Рӯзи арӯсӣ, вақте ки апаамро гусел мекарданд, дар пеши дарвоза дастони ӯро дошта меистодам ва зор-зор гириста илтиҷо мекардам, ки маро низ бо худ барад. Ба гапи касе гӯш намеандохтам, намегузоштам, ки касе маро ба қафо

кашаду аз апаам ҷудо кунад. Танҳо замоне, ки падарам омаду маро ба оғӯш гирифт ва бо чашмони пурнам «писарҷон, апаатро ба ҳоли худаш гузор, худам туро ба пешаш мебарам» гуфта буд, дасти ӯро раҳо кардам. Ман дигар дар оғӯши падар мондаму апаам бо фиғон савори аспи ороста шуд...

Ман дигар кӯдаки хурдсол набудам, то ҷое сафедро аз сиёҳ, некро аз бад фарқ мекардам, вале ҳанӯз ҳам модарам аз таҳқиру камшиканӣ даст намебардошт. Ваҷоҳати ӯ ҳамон бетағйир мемонд. Пеш аз он ки худашро бубинам, садои хашму хушунаташро[17] мешунидам. Аз дашному носазо гуфтан ҳеч сер намешуд. Барои ӯ номи ман доиман «ятим» буд ва мебоист ҳама корро барояш бе қилуқол анҷом диҳам. Рӯзҳо чун оби равон мегузашт ва ман аз кор сар набардошта, расидани шабро нафаҳмида мемондам. Ба хусус, аз кӯҳ кашондани ҳезуму аз саҳро овардани ҷорӯб[18] бароям мушкил буд. Вақти бор кардани лингаҳои хар ва сарбории он азоб мекашидам. Аз як сӯ камқувватӣ роҳ намедоду аз сӯйи дигар сари ҷо наистодани хар. Гоҳе маҷбур мешудам, ки ду ё се бор аз сари нав лингаю сарборӣ бандам. Аз маҳалли кор то манзил ҳам хеле дур буд ва то расидан ба хона кӯфтаю шалпар мешудам. Дар воқеъ, на писари ҷоноҷон, балки ятими дари падар будам. Ба роҳату осудагии додару хоҳаронам, ки фарзандони худӣ ва дӯстдоштаи модарандар буданд, ҳавасам меомад, вале гирифтории худам ҳамеша диламро меозурд. Танҳо фаро расидани шаб бароям илҳом мебахшид. Пас аз хастагиҳои рӯзона рӯйи тӯшаки нимдошт дароз кашида, дунёро ба хоби роҳат иваз мекардам.

Падарам доим дар сафар мегашт. Баъзан бевақтиҳои шаб меомаду саҳарии барвақт дунболи кораш мерафт ва ман ӯро надида мемондам. Танҳо рӯзҳои таътил, вақте ки навбати бозор дар деҳаи мо буд ва аз чор сӯ савдогарону меҳмонон меомаданд, падарам дар хона мемонд. Дӯсту ошно ва мухлисони зиёд дошт ва он рӯз думи меҳмонон аз дари мо канда намешуд. Суҳбатҳои падарам ҷаззобу дилнишин буд, дуо ва нафаси гармаш ба муҳтоҷу дардмандон дармон мебахшид.

Рӯзҳои таътил ман ҳам аз наздаш дур намерафтам ва ҳар коре, ки мефармуд, бо чобукӣ анҷом медодам. Аксаран тарафи шом маро ба гардиш мебурд ё ба хонаи яке аз амаконам, ё ҳамсоягон мерафтем. Бо падарам гардиш мекардаму ба хубӣ аз насими шомгоҳӣ, аз атри диловези боғҳои пур аз дарахту гиёҳони ботаровати деҳаамон ва аз замзамаи ҷӯйбораш нашъа мебурдам. Дар канори падар роҳ мерафтам ва ӯ ба ман чун ба марде солдида муносибат мекард. Ӯ дар хусуси таърихи деҳа, гузарҳои он, аҷдоди гузашта нақлҳои аҷоиб мегуфт ва таъкид мекард, ки ман дигар бачаи хурд нестам, бояд ҳама чизро донаму ба ҳар кор қодир бошам.

Барои ману падарам кам иттифоқ уфтодааст, ки бо ҳам ба бозор равем. Ӯ он қадар майли харид надошт, аз дурӯғгӯйӣ ва гаронфурӯшии савдогарон хеле бадаш меомад. Ҳар гоҳ медид, ки фурӯшандае мехоҳад ҷинси номарғуберо ба кас гузаронад ё беҳуда аз ашёи каммасрафи худ таъриф

[17] **Хушунат** – дағалӣ, дурӯштӣ
[18] **Ҷорӯб** – гиёҳи қадкӯтоҳи дағал, ки ҳам барои сӯзишворӣ ва ҳам ҷиҳати ғизои чорво истифода мешавад

кунад, асабонӣ мешуд ва дар ин мавриd ба ҷойи ҳар гуна эътироз бо чеҳраи барафрӯхта нигоҳе ба савдогар меандохт ва норизо сар ҷунбонда мемонд. Баъд, дар ҳоле ки дасти маро бо шиддат мекашид, хашмнок аз дӯкон берун мерафт. Дар ин миён он чӣ барои ман ҷолиб буд – қиёфаи дар шигифтмонда ва тарсолуди фурӯшанда. Ӯ бо нигоҳҳои хира ва ҳайратзада падарамро то беруни дӯкон гусел мекард.

Падарам шабҳо муноҷот мекард ва бо овози ҳазин ба Худованд рози дил мегуфт, гӯё аз ранҷҳои рӯз ба даргоҳи Ӯ паноҳ мебурд ва пешонии саҷда ба остони Ӯ мегузошт. Дар дили шаб ё саҳаргоҳон, ки муноҷот мекард, ҳама дар хоб буданд, ҷуз ман. Фақат ман аз садои ғамину ҳазинаш бедор мешудам ва ваҳме диламро фаро мегирифт. Кӯрпачаро рӯйи сар мекашидам ва дар оғӯши худ паноҳ меҷустам, вале садои ӯ дубора дар гӯшҳоям мепечид ва дар он ҳол дилам месӯхт – намедонам барои чӣ: барои танҳоии падар, барои ҳоли ятимонаи худам, намедонам… Бо мурури вақт кам-кам тарсам мерехт ва дилам сабук мешуд. Дар он ҳол ҳис мекардам, ки ҳамчун коҳе ҳастаму бо насими овози падар дар сапедии субҳгоҳӣ парвоз мекунам. Гӯё мусиқии муноҷоти ӯ малоики осмониро ба хонаи мо меовард ва ман парҳои сапеду оҳориашонро аз васати мавҷҳои нолаи ӯ медидам, ки ҳамчун чодаре аз абрҳои абрешимӣ болои ҳавлии мо густурда мешуд. Оре, ҳар вақт ба ёди маснавӣ хондани падарам меуфтам, хаёлан тасаввур мекунам, ки тамоми сӯзҳои зиндагӣ дар овози ӯ нуҳуфта аст. Баъдҳо ҳеч оҳанге нашунидам, ки ба андозаи он овози ғамангези падар дар ман асар карда бошад.

Аммо модарам дунёи дигар буд. Аз он ҷозибае, ки падарам дошт, дар ӯ асаре набуд. Он айём ҳеч гоҳ дуруст ба чашмонаш нигоҳ накардаам, дар чеҳрааш низ осори меҳрабониро надидаам. Ҳамеша қавоқҳояш гирифта ва хашму ғазабаш дар нӯки биниаш буд. Аз дӯстдориҳое, ки ҳар замон падарам ба ман арзонӣ медошт, хушаш намеомад, гӯё ҳасад мебурд. Пас аз он, ки падарам аз хона берун мерафт, ҳар кинаю кудуррате, ки дошт, ба рӯям мерехт ё бо баҳонае шаллоқ мезад, ё борони ҳарфҳои носазояш аз сару дӯшам meборид.

Рӯзҳо пайи ҳам мегузашту ман бузургтар мешудам ва дағалиҳои модарандарро бештар дарк мекардам. Ӯ ҳар қадар маро озор медод, ҳамон қадар ба бачаҳои худ ғамхорӣ мекард ва аз ҳар ҷиҳат ба онҳо мерасид. Ниҳояти нописандӣ ва беадолатиҳои модар буд, ки ғазабу ҳарфҳои сӯзонаш то ба устухон расид ва боре ҳам сабру таҳаммулро аз даст додаму воқеае пеш омад дилхарош, нохуш…

Яке аз рӯзҳои тафсони тобистон буд. Нафаси доғи гармсел ба сару димоғ мезад. Ман дуртар аз деҳа дар саҳрои ҷорӯбзор бо шитоб каланд мезадам. Ҷорӯб мекандаму тамоми баданам арақшор мешуд ва аз ғояти гармии ҳаво тез-тез лабу даҳонам хушк мемонд. Дамои баланд харамро низ пакар карда буд, гӯшҳояшро поин андохта, дар як ҷо шах шуда меистод. Аҳадҷони додарам ҳам маро фаромӯш карда, беғаму ғарқи хаёлоти худ дар сояи хар менишаст. Ҳар гоҳ аз хӯрҷин мешии обро гирифта ташнагиамро мешикастам, ҳамоно додарам низ то сер шудан об мехӯрд. Ӯ барои ман коре

анҷом намедод, танҳо вақти бор задан харамро нигаҳ медошту борҳои аввалиро ба хона мебурд ва дубора харро ба маҳалли кор меовард. Он рӯз низ як хар ҷорӯбро бор зада ба Аҳадҷон додам ва таъйин кардам, ки тез рафта баргардад ва ҳангоми бозгашт бо худаш об биёрад. Ӯ ба роҳ афтиду ман ҷорӯбзаниро давом додам. Пас аз муддате корам тамом шуд, барои лингаҳою сарборӣ ба қадри кофӣ ҷорӯб омода кардам, аммо аз додар дарак нест. Ҳар замон як дастамро ба болои пешонӣ гузошта, бо умед ба роҳи деҳа чашм медӯхтам, вале суроби Аҳадҷонро надида хастагиам меафзуд. Теғи офтоб то болои сар омада, бераҳмона ба сару гарданам сӯзан мезад. Аз фарти ташнагӣ ва гуруснагӣ мадорам намонда, комҳоям ба якдигар мечаспиданд, ҳалқам қоқ мешуд. Ниҳоят, аз интизорӣ ҳавсалаам сар рафт, чун пай бурдам аз хару Аҳадҷон хабаре нест, ноилоҷ роҳи деҳаро пеш гирифтам. Шояд як соат бештар роҳ гаштам, вақте ки ба дами дарвозаамон расидам, аз ниҳояти кӯфтагӣ ҷуссаамро базӯр сари по нигаҳ медоштам. Ба ҳавлӣ даромадан замон, чашмам ба айвон афтид, ки он ҷо модарам ва бачаҳояш бо майли хотир гирди суфраи наҳор менишастанд. Аҳадҷон низ, гӯё дар олам гапе нест, бо иштиҳо хӯрок мехӯрд. Ба маҳзи ин ки модар маро дид, чинҳои пешониаш заҳида баромад, чашмонаш калон боз шуданд, бо итоб дод зад:

– Ҳе ятим, куҷо гум шудӣ?!

Ҳарчанд ин гуна итобҳоро бисёр шунидаам, он лаҳза гӯё теғе вуҷудамро сӯрох кард, хӯриам омад, худамро хеле хору залил дидам. Бо ин ҳол, ҷуръате дар танам ҳосил шуд ва ба модар чизе нагуфта, бо қаҳр ба Аҳадҷон рӯ овардам:

– Додар, чаро хара набурдӣ?

– Оча намонд, – гуфту сарашро поин андохт.

– Оча…

Бо азоб қаҳрамро ба дарун хӯрда, кору дарунсӯзиамро ба модар тавзеҳ доданӣ шудам, ки ӯ имкон надод. Хам шуда урчуқашро[19] ба даст гирифт ва суханамро бурида бо ҷаҳл, «гум шав а назарам, ҳе ятими бехосият!»-гӯён, бо шаст урчуқашро ба самти ман ҳаво дод. Алвонҷи дасташро дидаму билофосила сарамро ба поин хам кардам. Нӯки урчуқ ба китфам бархӯрд ва сангаки он аз дастааш ҷудо шуда, тиқ-тиқкунон онсӯтар ғелида рафт. Ман ҳам асабонӣ шудам. Аз муомилаи сарди модар хунам ба ҷӯш омад, дигар инони ихтиёрро аз даст додам. Ҳамон лаҳза лобалои ҳалқаҳои ҳарранг ба чашмам дастагии табар уфтод, ки дар бағали сутуни айвон мехобид. Одатан, падарам дастагиҳои белу ташу каландро аз навдаи бед дуруст мекард, аммо дастагии табарро аз чӯби бодом. Ӯ мегуфт, сахттарину пурдошттарин чӯб чӯби бодом аст. Мани ғӯтида дар оташи хашм, ҳама фикру андешаро фаромӯш карда беихтиёр дастагии табарро ба даст гирифтам ва бе ҳеч гуна мулоҳиза онро ба тарафи модар ҳаво додам. Дастагӣ ду-се бор тоб хӯрду рост ба фарқи сари ӯ бархӯрд.

– Вой мурдам! – аз таҳи дил фарёд зад модарам ва сарашро дошта, дар ҷойи нишаст худро ба як паҳлу афканд.

---

[19] **Урчуқ** – асбоби дастии нахресӣ, дуки дастӣ

Ҳамон лаҳза доду фиғони додару хоҳаронам баланд шуд. Вақте ки дидам ҷўяки хун аз пешонии модар заҳида ба поин мешорад, тарсу таҳлука вуҷудамро фаро гирифт. Ёзида аз гиребони Аҳадҷон кашидам ва гуфтам:

– Додар, дав, янгаи Равзара ҷеғ зан!

Аз он ки модарамро сахт маҷруҳ карда будам, ҳолам беҷо шуд ва тамоми хастагию гуруснагиам ба тарс табдил ёфт ва ягона изи наҷотро дар роҳи гурез дидам. Бо шитоб аз дарвоза ба берун давида, дуртар аз хонаамон, дар паси харсанги бузурге, ки дар кўдакӣ ҳамеша маҳалли «рустшавакон»-и мо буд, паноҳ бурдам. Дар ҳамон ҷо қиюҷуви додарону хоҳаронам, омадани янгаи Равза, оҳувойи беохири модарро наззора карда, то вақти шом, то расидани падарам аз сафар нишаста мондам.

Ҳар гоҳ қиблагоҳам аз сафар бармегашт, аввалин шуда ман ба пешвозаш медавидам. Пас аз вохўрӣ ва ҳолпурсии мухтасар харашро савор шуда, йўрға давонда ба архона мебурдам. Нигаҳбонии хар низ, пас аз рафтани апаам, ба зиммаи ман буд ва обу алафашро ҳамеша омода мекардам. Падар ҳар замон ба ёдам мерасонд, ки зоти хар муғамбир меояд, ҳамон вақт нағз кор мекунад, агар аз соҳибаш парвариши хуб бинад. Аз ин рў, барои харҳои дарамон на аз алаф, на аз ҷав сарфаҷўйӣ мекардам. Аз он рўзҳо тўрбаи ҷавро дар дастам дида, бетоқатона ҳик-ҳиккунон ҳангос задани харҳоямон равшан дар ёдам мондааст.

Он шомгоҳӣ, ки аз хона гурехта будам, падарам вақти говгум ба хона баргашт. Ўро хоҳаронам пешвоз гирифтанд, бешак, бо доду фиғон. Намедонам он дам падарам ба чӣ ҳол афтида буд, тозон ба ҳавлӣ даромад ва муддати зиёде нагузашту бо ишораи Аҳадҷон рост ба сўйи ман омадан гирифт. Мисли бед меларзидам, аз тарс дигар сари ҷоям намонда, қабат-қабати кўҳи доманадори самти офтобнишин ба тарафи қабристон гурехтам. Пушти сар садои падарам шунида мешуд, ки мегуфт: «Писарам, нагурез, ист гап дорам!» Ман бошам, бо ҳавли ҷон, рў-рўйи гўрҳо ҷаҳидаю хеззанон фирор кардам. Ғазаби падарамро медонистам, фикр мекардам, агар дарёбад, маро сахт танбеҳ медиҳад. Он дам ў нофармониамро дида, бо суръати бештар аз пасам дунбол мекард. Фурсате нагузашта ё давиданам тезтар шуд, ё торикӣ ғализтар гардид, ки пеши поямро надида, баногоҳ гурсӣ ба даруни қабри рўбозе афтида мондам. Лаҳзае нагузашта падарам низ расиду аз болои қабр хез зада гузашт ва бехабар аз ман дунболкуниашро идома дод. Ман бо як азоб аз чолаи гўр берун омадам ва ба пас, ба тарафи деҳа гурехтам. Падарам тап-тупи поямро шунида, ба қафо гашт. Дигар аз боло ба поин медавидам, гўё чун бод мепаридам. Сари роҳ аз чанд девору ҷўйча паридаму аз миёни боғҳои ҳамсоягон ба самти осиёби Бобокабир тохтам. Падар ҳанўз аз пуштам медавид. Ба осиёб расидан замон худро ба зери шаршараи он гирифтам. Ҳар чӣ, бодобод, агар дастгир ҳам кунад, дигар чорае надоштам, дар вуҷудам неруи давидан ҳам намонда буд. Падарам омаду канори санги паҳне, ки болотар аз шаршара қарор дошт, истод. Лаҳзае он ҷо монда, ким-чиҳоеро бо худ ғур-ғур кард, вале аз дасти овози об садояш ношунаво буд. Сипас миёнбандашро аз камар кушода, арақҳои сару гарданашро пок кард.

Дар ҳоле, ки аз ғоиб шудани ман ноpоҳат менамуд, миёнбандашро дар гардан ҳамоил карда ба қафо баргашт.

Вақте ки аз зери шаршараи осиёб берун омадам, бо тамоми вуҷуд дир-дир меларзидам. Аз хунакхӯрии беҳад арақи баданам ба оби сард бадал шуда, куртаам ба танам часпида буд. Анголакамро нигаҳ дошта наметавонистам, аз ғояти сардӣ шарақ-шарақ дандон ба дандон мезадам. Бо вуҷуди ин, то ҷое, ки имкон доштам, починон ба ҳаракат даромадам ва беихтиёр ба хонаи амаки Самак роҳ пеш гирифтам. Амакам савдогарӣ мекард ва бо шарикони худ тез-тез ба Ҷӯшу Карминаю Миёнкол рафта меистод. Агар толеъ ёр гардад, шояд ман ҳам ба ӯ ҳамроҳ шуда то Бурган равам. Коре карда, дар он ҷо апаамро ёфта мегирифтам ва бо ин мусофират аз шарри модарандар наҷот меёфтам.

Бо ин гуна хаёлот ба дари хонаи амаки Самак расиданамро нафаҳмида мондам. Маро янгаи Равза пешвоз гирифт. Аз ҳолати ноҷӯрам ба изтироб афтид ва дарҳол як ҷомаи куҳнаи амакро бароварда ба китфам андохт ва маро ба хоначаи худ даровард. Дар мобайни хонааш сандалии чоргӯшае меистод ва бар рӯйи он як чароғи керосинӣ хира равшан буд. Зуд маро дар бағали сандалӣ нишонд, аз болои ҷома боз як кӯрпачаро печонд. Янгаи Равза чун аз корномаи ман огоҳ буд ва сабаби нороҳатиамро медонист, гӯё воқеае нашудааст, беист меҳрабонӣ мекард. Ӯ дарҳол нону чой гузошта, як коса мошоба низ бароям дод. Бо чойи гарму мошоба зуд ба худ омадам, сардии баданам рафъ шуд, ҳушёр шудам. Худамро роҳат дида, хомӯширо халалдор кардам:

– Раҳмат, янга, дастатон дард накунад.

– Ош шавад, додарҷон, мебинам, ки аз хонаатон гурехтӣ?

– Ҳа, – сарамро поин андохтам.

– Хафа нашав, ҳамааш нағз мешавад. Ҷароҳати очата бастам, ҷойи хавотир нест.

– Рост? – хурсанд шудам ман, – фикр кардам очама куштаам.

– Не, чиҳо мегӯӣ? – лабханд зад янгаи Равза ва афзуд: – Лекин қаҳри додот омад, сабил, ҷаҳлаш тез.

– Акнун чӣ мешавад, янга?

– Ҳар чӣ гузашт ба додот росташа гӯ, узр пурс.

– Не, додом намебахшад, ман гуноҳи азим кардам.

– Тура нағз мебинад, албатта, мебахшад, – гуфт янгаи Равза.

Каме сукут кардаму дубора пурсидам:

– Амаки Самакам кай ба сафар мераванд?

– Ҳамин фардо.

– Наход?! – хушҳол шудам ман ва бо хурсандӣ гуфтам: – Ман ҳам меравам. То Бурган расам шуд, он ҷо апаама меёбам.

– Додарҷон, моёна ба бало намонон, – ба изтироб афтид янгаи Равза, – додот фаҳмад чӣ мегӯяд? Баъд, роҳ ҳам мушкил, ту бошӣ ҳанӯз бача.

– Янгаҷон, илтимос, амакама розӣ кунонед, наравам намешавад. Медонед, ки аз пушти ин ҳама гап очам мана рӯз намедиҳад, – гуфтам ман ва андуҳгин сарамро ба поин афкандам.

Ёдам ҳаст, он лаҳза янгаи Равза ба фикр фурӯ рафт. Ӯ илоҷи наҷот додани маро аз чигилии пешомада меандешид. Янгаи Равза муомилаҳои дағалонаи модарамро нағз медонист. Аз лату озорҳои беохир, аз фармудани корҳои вазнин ҳам хабар дошт. Чандин бор аз дасти модарам гурехта дар хонаи ӯ паноҳ ҷуста будам. Янга медонист, ки модар ҳамеша дар ҳаққи ман ба падарам бадгӯйӣ мекард, аммо падар ҳеч гоҳ аз асли қазия воқиф набуд. Бо вуҷуди ин, бо шунидани он ҳама бадгӯйиҳо аз ман меҳрабониашро дареғ намедошт. Падарам маро нағз медид. Шояд ҳамин нукта янгаи Равзаро ба андеша водор карда буд ва шояд ба ҳамин далел намехост, ки ман аз падарам ҷудо шавам. Дар ҳар сурат, он шаб ӯ ваъда дод, ки то имкон ҳаст, ҳаракат мекунад маро бо амакам ба сафар фиристад.

Саҳарии барвақт бо садои тақу туқи зиёд аз хоб бедор шудам. Кулба торик буд, танҳо аз даричаи хурдаке равшании субҳи козиб ба дарун мезад. Аз берун овози амаки Самакро шунидам, ки зоҳиран ба янгаи Равза мегуфт: «Мон, хоб равад, раҳи моёна намебардорад. Рӯз даромадан замон бару ба додиям супор». Дарҳол ба сарам зад, ки сухан дар ҳаққи ман меравад. Дарҳол по шуда либосҳоямро пӯшидам ва ҳамин ки хостам ба берун бароям, дарёфтам, ки дар аз қафо баста аст. Онро сахт кӯфтам. Янгаи Равза ба пушти дар омад:

– Додарҷон, амакат розӣ нашуд, онҳо баромада рафтанд, – гуфт ӯ.

– Не, ман бояд равам, илтимос дарро кушоед, – хоҳиш кардам ман.

– Додарҷон, гӯш кун, агар тура сар диҳам, амакат мана мекушад. Ба ғайр аз ин, аз куҳу пуштаҳо гузаштан кори осон нест. Раҳ дур, пиёда рафтан амри муҳол. Ин ҷо ба додот чӣ мегӯям?

Он лаҳза аз як сӯ хоҳишу илтиҷоҳои ман ва аз сӯйи дигар фаҳмондану маслиҳатҳои янгаи Равза хеле тул кашид. Аммо, дар ниҳоят, раҳми янгаам омад магар, дарро боз кард. Ӯ маро бо чашмони гирён ва дар ҳолати муҳтоҷӣ диду ба оғӯш гирифт. Аз раъйаш гашт ва як нонро ба рӯмолчае печонда ба миёнам баст. Аз пешониам бӯсида бароям дуои сафар хонд ва ҳангоми худоҳофизӣ таъкид кард, ки аз худам эҳтиёт шавам. Бо ӯ хайрухуш гуфта, чун бод аз пайи амаки Самак ва ҳамраҳонаш ба самти кӯҳи Ағба давидам.

Ҳанӯз ҳам равшан дар ёдам ҳаст, он рӯз офтоб ба қадди найза баланд шуда буд ва ман ба амаконам, ки аз кӯҳи баланди Довон аз харҳои худ пиёда шуда мегузаштанд, расидам. Ҳаққас зада омадани маро аввалин шуда амакам дид. Ӯ дар охир нӯхтаи харашро дошта мерафт. Амак рӯяшро турш кард, бо қаҳр гуфт: «Чаро омадӣ? Аз ҷонат безор шудӣ?» Ман бо сари хам илтиҷо кардам: «Амакҷон, то Бурган баред шуд». Ӯ лаҳзае ба ҳолу суратам зеҳн монду дигар чизе нагуфт ва харашро нигаҳ дошта бо сар ишора кард, ки савор шавам…

## Аз пайи луқмаи нон

Меғ торафт ғализтар мешуд. Ғубори хокистарии он, гӯё аз таъқибе фирор мекунад, бо суръат ба атроф паҳн мегардид ва ба оҳистагӣ рӯз ҳам домани худро аз миён мебардошт. Дигар даҳ-понздаҳ қадам дуртарро дидан мушкил буд. Шутурҳои ман хираю аранг ба назар мерасиданд. Онҳо ба майли хотир мечариданду дили маро ваҳму нигаронӣ зер мекард. Таёқамро боло-поин албонҷ дода бо тезӣ қадам задам ва «ҳайт, ҳайт»-гӯён шутурҳоро наздиктар ҷамъ карда ба пеш рондам. Муддати зиёде нагузашта, чанд теппаю дӯнгӣ пушти сар монд. Баъд аз каме таваққуф ба атроф зеҳн мондам, ҳеч нишонае аз маҳалҳои ошно ба назар намерасид. «Эй Худо, наход раҳгум занам? – бо хавотир андешидам ба худ, – бояд тезтар ҳаракат кард». Боз ҳам бо садои баландтар «ҳайт, чу!»-гӯён галаро ба пеш рондам. Дигар, инони ихтиёрро аз даст медодам, ба ростӣ, ба куҷо меравам ба худам ноаён буд. Бо ҳамин таваккулӣ, ғайри интизор, галаи шутурҳоро дар бағали ҷарии бетаҳе дида мондам. Бештар ба таҳлука уфтодам, тарси раҳгумзанӣ ва тазйиқи танҳоӣ ба руҳу мағзам фишор овард. Бо эҳтиёт аз канори ҷар ба пеш давидам ва шутурҳоро як-як ба самти рост, ба ҷониби ҳамворӣ рондам. Осеб надидану гум нашудани шутурҳо шарти асосӣ буд ва хаёлан танҳо ҳамин нуктаро меандешидам. Охир, маҳз бо ҳамин шарт пеши хӯҷаин қасам хӯрдаам!

Аз ғояти давидану қулочкашиҳои пайиҳам ва боридани меғрезаи шадид тамоми баданам тар шуда рафт. Чакмани танам об гирифта, торафт вазнинтар мегардид. Ба куҷо роҳ гузидани худро надониста сахт асабонӣ мешудам ва аз сӯйи дигар, ба поён расидани рӯз нигарониамро бештар мекард. «Худо накарда, ба торикии шаб монам, тамом, дигар шутурҳоро ҳам нахоҳам дид, овораю сарсон мешавам, – меандешидам ба худ, – апаам, бечора, хавотир мекашад».

Рӯзҳои дар Бурган будан апаам намехост ба коре машғул шавам, вале худам ба ҷону ҳолаш намонда хоҳиш кардам, ки бароям шуғле пайдо кунад. Мехостам луқмаи нон бароям ҳалол шавад ва ман ҳам ба зиндагиашон ёрӣ расонам. Охир, медидам, ки бо шавҳараш хеле азият мекашиданд, аз субҳ то шом банд буданд, аз деҳқонӣ, молдорӣ, корубори рӯзгор сар намебардоштанд. Шавҳари апаам сахт алоқаманди замин буд. Аз омадани ман хеле хушҳол шуд. Ӯ ҳамон шаби аввал, ки ҳамроҳи амаки Самак дар хонаашон пиёда шудем, бо изҳори хушнудӣ гуфта буд: «Ниҳоят, дастёрам омад, дигар аз кори замин ғам нахӯрам ҳам мешавад». Аммо рӯзҳо мегузашту ба ман коре дурусттар намефармуданд. Танҳо амалҳои пешпоуфтода, мисли белу каланд овардан, чою нон додан, об кашондан шуғлҳои ман буду бас. Ба заҳматҳои ҷонкоҳи апааму шавҳараш тоқат наоварда ҳар рӯз илтиҷо мекардам, ки ба ман низ коре ёфта диҳанд. Апаам бошад, бо дилгармӣ ва изҳори қаноат маро ба оғӯш гирифта мегуфт: «Додарҷон, бе он ҳам ту азоб кашидаӣ, дар қишлоқ ба ҳолат нарасидаанд. Акнун дам гир, қувват гир, аз ману додият парво накун. Дар пешам буданат бас, дилам пур мегардам». Бо вуҷуди ин, якравиҳои ман кор дод. Як рӯз акаи Кӯчар – шавҳари апаам хабар овард, ки Азимбой дунболи мардикор мегардад. Ӯ ба шутурҳояш, ки аз яйлоқ

овардааст, шутурбон мехостааст. Ман беҳад хурсанд шудам ва ҳарчанд апаам он қадар розӣ набуд, аз ҳамон рӯз ба поидани шутурҳои Азимбой миён бастам…

Он рӯз, ки дар зери меғи анбӯҳе монда будам ва ҳавои шом равшании бударо низ дар худ фурӯ мебурд, намедонистам ба куҷо меравам. Ба маҳзи ин ки пай бурдам роҳгум задаам ва дигар чораи раҳоӣ намондааст, беихтиёр аз дунболи шутурҳо рафтан гирифтам, ба ҳар самте ҷилав мекашиданд, ман ҳам аз қафои онҳо қадам мезадам. Вақте ки шаб чодари торики худро ба атроф андохт, умедамро аз ёфтани роҳи манзил кандам. Ҳис кардам, ки ҷуз интизор шудани оқибати ҳол дигар илоҷе нест. Руҳафтодаву хаста саъй намудам, ки ҳадди ақал суроби шутурҳоро аз назар дур накунам, аз онҳо ақиб намонам.

Намедонам чӣ қадар вақт гузашта буд, баногоҳ овози ошное шунида шуд, аз ҳамон наздикиҳо садои шилдирроси об ба гӯш омад. Дар танам мадори тозаеро ҳис кардам ва беҳавсала ба он сӯ давидам. Бо ин саъй ба рӯде, ки мустақиман ба самти деҳаи Бурган ҷорӣ мешуд, даст додам. Гӯё як бори вазнин аз дӯшам барканор шуд, нафаси амиқ кашида, бо хушҳолӣ галаи шутуронро лаб-лаби рӯд ба пеш рондам.

Вақте ки ба манзили хӯҷаин расидам, аз бемадорӣ базӯр сари по меистодам. Аз ниҳояти роҳгардиҳои номуназзами шабона ба обу арақ ғӯтида будам, аз танам ҳаври сӯзон мебаромад. Хӯҷаину ҳамсараш баробари дидан ба сӯям шитофтанд. Онҳо, зоҳиран, роҳи маро мепоиданд, ки хеле нороҳату мушавваш менамуданд.

– Куҷоӣ, писарам, ин қадар ҳаял кардӣ? – дарҳол бо мулоимату меҳрабонӣ пурсид хӯчаин ва пушти ҳам саволборон кард: – Дур рафтӣ, хоб мондӣ, раҳгум задӣ, чӣ шуд?

Ман бошам, ёрои ҳарф задан надоштам. Гулуям месӯхт, аз бемадорӣ тану ҷонам меларзид. Ин ҳоли маро ҳамсари соҳибкор пай бурда дарҳол пӯстинамро дар овард ва ҷомаи пахтагини худашро ба китфам андохта печонд ва бо ҷадал «зуд бош, зуд бош»-гӯён маро ба хона бурд. Аз гиреҳи худ як шалвору куртаро, ки аз либосҳои писараш буд, берун оварда ба ман дод ва гуфт:

– Писарам, либосҳота тез иваз кун, бо ин ҳол дар салқинии шаб арақи баданат яхча мебандад, сармо хӯрданат ҳеч гап не, – ва худаш пас гашта дарро аз берун пӯшид.

Бори аввал буд, ки ман он шаб машаққати шутурпоиро кашида, хӯҷаину ҳамсараш ва апааму акаи Кӯчарро дар хавотир гузошта будам. Ба хусус, апаам оромию роҳати худро аз даст дода буд. Ӯ дар ниҳояти ошуфтагӣ ҳатто он шаб аҳд кард, ки дигар маро ба кор нахоҳад гузошт. Бо ин ҳол, акаи Кӯчар воқеаи шударо чун ҳодисаи маъмулӣ арзёбӣ кард. Ӯ бо ҷонибдорӣ аз майлу ҳавасҳои ман гуфта буд: «Бо ҳамин сахтиҳо одам ба мақсад мерасад. Агар додарам аз кор даст кашад, дигар ба худаш бовар намекунад». Ӯ апаамро розӣ кунонд, ки шутурбониро идома диҳам. Ба ин тариқ, боз бештар аз як сол дунболи уштурони Азимбой гаштам. Ёдам ҳаст, соҳибкор марди сахӣ ва дасткушод буд. Ҳеч гоҳ маро ба хонаи апаам дастхолӣ намефиристод.

Аз гандуму шолӣ, мавизу чормағз, қоқи себу шафтолу, ғӯлинг, умуман, ҳар чизе, ки барои худашу бачаҳояш меовард, ҳиссае низ ба ман медод. Ҳамсари соҳибкор – апаи Хазина ҳам зани дилҷӯе буд. Ӯ бароям аз пашми шутур чакману кулоҳ ва кӯрпаю болин дӯхта буд.

Он солҳо роҳи савдогарон аз деҳаи Бурган низ мегузашт. Хару аспу шутур воситаҳои асосӣ барои кашондани бор буданд ва хатсайри савдо аз Порашту Синтабу Эҷ сар шуда то Ҷӯшу Карминаю Миёнкол идома меёфт. Савдогарони кӯҳистонӣ дар кӯлбори худ бештар меваи хушк, пашму пӯст, ғалладона ва дигар маҳсулоти хомро мекашонданд ва дар бозгашт низ холӣ нарафта, василаҳои рӯзгор, бозичаҳои кӯдакона, либосворӣ, қанду парвардаю ҳалво, матоъҳои ранг ба ранг мебурданд. Аҳён-аҳён бо онҳо мулоқот мекардам ва ҳар гоҳ касеро аз Эҷи азизам медидам, хурсандиам ҳадду канор надошт. Ӯро ба хонаи апаам бурда, сари як пиёла чой суҳбат меоростем, бисёр чизро пурсида мегирифтам. Аз нақлу хабарҳои онҳо камокон набзи деҳаамро ҳис мекардам.

Он рӯзҳо ёди падарам маро азоб медод. Ӯро бо ҳама салобату қудрат, тақводорию парҳезкорӣ ва меҳрабонию суҳбатҳои ширинаш ёд мекардам. Чеҳраи нуронии ӯ аз назарам дур намешуд. Падарам маро нағз медид ва аз занаш ҳам умед мекард, ки нисбат ба ман дилгарму дилсӯз бошад. Аммо якравию бадфеълиҳои ӯро дида, дар худ мепечид, аз дасти чигилиҳои рӯзгор наметавонист модарамро ба доштани лутфу марҳамат маҷбур кунад. Падарам баъзан аз ҳамсари аввали худ – аз модари аслии ман бо хорию афсӯс ёдовар мешуд. Боре бо ҳасрат гуфта буд: «Дар Ғиждувон муллоӣ мекардам, раҳматӣ очаат будушудашро ба ман бахшида буд. Бечора аз дасти беморӣ бармаҳал аз олам гузашт. Ду бачаам низ мубталои сурхак шуда вафот карданд. Як духтарам гум шуд, бе ному нишон. Дигар тоқати он зиндагии талхро надоштам, борубунаамро ҷамъ карда, тую апаата гирифта ба деҳа омадам».

Равшан медонам, падарам на танҳо барои ман, балки пеши аҳли кӯҳпоя азизу муътабар буд. Аз он ки бо хислатҳои неку доноии худ ба дили одамон роҳ меёфт, фахр мекардам ва паҳн шудани ибороте, мисли «илми Бобои Мулло», «нафаси Бобои Мулло», «боғи Бобои Мулло», «хари Бобои Мулло», «гурбаи Бобои Мулло», ки аз эътибори хоссаи мардум ба падарам гувоҳӣ медод, хеле ҷолиб буд. Ҳар яке аз ин иборот дар мағзи худ маъние, муъҷизае дошт. Ёдам ҳаст, гурбаи мо ҳамеша бо зиракӣ ва ҳушёрии худ маро лол мекард. Дар хона падар ба ҳар ҷое, ки мерафт, Мошон дунболи ӯ буд. Ҳамин ки нишаста китоб мехонд ё ноништа мекард, бағали ӯро Мошон ба касе намедод. Вақте ки падарам таҳорат мегирифт, Мошон ҳам дуртар аз ӯ бо дастҳояш сару гардан ва пӯзаашро «мешуст». Ҳангоми намозхонӣ низ то охир паҳлуи падарам, сари поҳои пушташ нишаста мемонд ва дар ҳавои саҷдаҳои соҳиби худ пинак мерафт. Мошон мӯҳои доим фахшудае дошт ва бо ранги сап-сафеди худ гӯё ҷило медод. Ҳарчанд ҷуссааш калону фарбеҳ буд, бо чобукӣ ва ҷаҳишҳои баланди худ маро қоил мекард. Гурба даруну беруни хона, таҳхона ва анборамонро пос медошт ва аҷали воқеии мушҳо буд. Ба «душманон»-и хурдаки думдарози худ чун уқоб ҳамла мекард, вале

монанди калхотҳои мурдорхор набуд, ҳеч гоҳ ба «туъма»-и беҷон даҳан намезад. Дӯст медошт, мушаки ба дом афтида зери панҷаҳояш талвоса кунад, ҷон канад…

Дар Бурган ҳаёти осудае ба сар мебурдам. Аз таҳи дил, бо мароқ шутурбонӣ мекардам. То аз дастам меомад, ба хӯҷаин ва апааму акаи Кӯчар ёрӣ мерасондам. Онҳо меҳнаткашии маро дида хурсанд мешуданд, аз корам розӣ буданд. Бо вуҷуди ин, ёди деҳа, хумори тамошои чашмаю ҷӯйборҳои сероб ва дарахтзори он, эҳсоси ангезаҳои овони кӯдакӣ маро ором намегузошт. Бо ин ки ҳавои дардноки тарс маро аз хона дур ронда буд, умед мебастам ба Худо, ки дубора ба зодгоҳи азизам баргардам. Апаам низ ин орзуро дошт. Ӯ борҳо гуфта буд, ки аз мондани ман хурсанд аст, аммо бо падару модар будан гапи дигар. «Табиати инсон аст, ки доим ба васвасаи шайтон гирифтор мешавад. Гоҳе хато мекунад, кина мегирад, ба ғазаб меояд, вале рафта-рафта гузашти айём ӯро ба худ меорад. Шояд оча ҳам аз кардаҳои худ пушаймон бошад, бачагии тура ҳам, албатта, мебахшад» – гуфта буд ӯ. Аммо барои ман муҳимтар фикри падарам буд, бовар доштам, ки ӯ аз гуноҳи ман мегузарад. Шояд аз фироқи ҷигаргӯшаи худ дар азоб ҳам бошад, шояд орзу ҳам мекунад, ки ба дидори ятими дурдасти худ бирасад.

Тобистони Бурган он қадар гарм набуд. Дар талу теппаҳое, ки шутурбонӣ мекардам, ҳамеша боди фораме вазида меистод. Ман аксаран куртаамро кашида, то нисф лухт, тани ба шалвор мегаштам. Боди маҳину дилосо ба тану ҷонам ҳаловат мебахшид, то охир нафас кашида, дастҳоямро ба ду ҷониб меёзондам, ғубори дил мебаровардам. Ҳар ҷое сабзаву замини нарм буд, беист ҷасту хез мекардам, ба сарам рост меистодам, рӯйи дастонам қоим шуда роҳ мерафтам. Уштурон ба ҳама қиликҳоям одат карда буданд, ҳеч гоҳ намеҳаросиданд. Гоҳ-гоҳ ду-се шутурбача маро ҳамроҳӣ мекарданд, аз ҷастухези ман ба «завқ» омада, лик-лик медавиданд, бо сару гардан бозӣ мекарданд ва он лаҳза ба ду ҷониб беист лаппидани куҳони хурдаки онҳо хеле дилангез буд.

Аз он даме, ки хонаамонро тарк карда ба Бурган омадам, як сол сипарӣ шуд. Аҷаб, бовари кас намеояд, гӯё дирӯзакак буд, ки миёни ману модарам даъво роҳ уфтода, ман аз шарри ӯ фирор карда будам. Рӯзҳои доғи тобистони деҳа, шиканҷаи ҷорӯбу ҳезумкашиҳои бетанаффус, дӯғу пӯписа ва дағалиҳои модари ӯгайро ҳанӯз ҳам дар тану руҳам эҳсос мекунам. Ҳатто беэътиноӣ ва камгирии додару хоҳаронам аз ёд нарафтааст. Дар тули муддате, ки гузашт, суроғи маро нагирифтани онҳо ҷойи тааҷҷуб надошт, аммо дар дил аз падарам гиламанд будам ва дар худ меандешидам: «Чаро дунболи ман намеояд? Наход ӯ низ аз баҳри ман баромадааст? Ё кору ҳоле пеш омада бошад?»

Ҳамон айёми тобистон буду ману акаи Кӯчар як бегоҳӣ паҳлуи ҳам нишаста тӯқуми хар дуруст мекардем. Акаи Кӯчар бо ангуштони дурушту бақуввати худ наххои муҳками аз қили асп бофташударо аз сӯроххои қош ва тахтаҳои ҷонибии тӯқум мегузаронд ва дунафарӣ аз ду нӯки нах гирифта сахт мекашидем. Баъди ба якдигар бастани наххо ду-се бор қоши тӯқумро ба пешу

пас такон медод, ба churi худ натиҷаи корашро, ки табъи дил анҷом шудааст ё не, имтиҳон мекард. Апаам бошад, дар шафати айвон, бағали оташдон истода, деги ширакро[20] бод мекашид. Ӯ барои мо аз мағзи бодоми талх ширак омода мекард. Ин хӯроки апаам хеле хушмаза мешуд, ман бо иштиҳо мехӯрдам. Ҳис мекардам, ки шираи шираки бодом то мағзи устухонҳоям меравад.

Дар он ҳангом ногоҳ аз берун садои тақ-туқ ва «иш, иш»-гӯйии касе шунида шуд. Акаи Кӯчар нигоҳе ба ман афканд, аз чашмҳояш хондам, ки гуфтанӣ буд, «дар ин бевақтии шаб кӣ бошад?» Аз ҷо хестам ва давида ба сӯйи дарвоза рафтам. Апаам низ маро ҳамроҳӣ кард. Мо ҳанӯз берун наомада, меҳмони нохонда садо дод: «Хоҳар, ҳой хоҳар!» Овози шиносро шунида ҳар ду баробар дарвозаро боз кардем. Рӯ ба рӯямон тағои Муҳибро дидем, ки ба як даст асо ва бо дасти дигар хӯрҷини китфашро дошта меистод. Ҳар ду худро ба бағали ӯ андохтем. Аз тарафи модари раҳматиам наздиктарин одами мо ҳамин тағои Муҳиб буд. Танҳо ӯ аз ҳоли мо хабар мегирифт ва инак, пас аз ҷудоии тулонӣ ба суроғи мо омада буд.

Тағои Муҳиб дар деҳа дастгоҳи газворбофӣ дошт, дӯзандагӣ ҳам мекард. Карбосҳои бофтаи ӯ хеле маъруф буданд. Ба хусус, онҳое, ки пулу доройӣ камтар доштанд, аз матоъҳои ранг ба ранги савдогарон дида бештар ба карбосҳои ӯ тарҷеҳ медоданд. Арзонӣ ва мустаҳкамии газворҳои ӯ табъи дили харидорон буд. Тағои Муҳиб баъди шавҳар кардани апаам зуд-зуд ба хонаи мо меомад, мехост ба ман ғамхорӣ кунад. Корҳои вазнини маро дида, боре ҳам хоста буд, ки ба хонааш барад. Бо баҳонаи ин, ки ба ёрии ман муҳтоҷ аст, мехост маро аз дасти модарандари шаддод озод кунад. Аммо падарам розӣ нашуд, ҳатто бо итоб гуфта буд: «Ёрдами писарам ба худам ҳам даркор, аз наздам дур намекунам».

Модарам аз омадурафти ӯ ба хонаи мо хушаш намеомад. Баъзан миёнашон баҳсу ҷанҷол роҳ меафтод. Тағои Муҳиб модарамро сарзаниш мекард, ки маро аз ҳад зиёд азоб медиҳад, хурдии маро нодида гирифта корҳои вазнин мефармояд. Модарам бошад, аслан намехост ин ҳарфҳоро қабул кунад, ҳатто бе ҳеч гуна андеша, бо итоб мегуфт: «Ятим шудаст, мекунад-дия! Кӣ аз кор мурдас, ки вай мурад!» Ин гуна бархӯрдҳои модарам ғазаби тағои Муҳибро меовард, аммо ӯ маҷбур буд ғазабашро фурӯ бурда ҳавлиро тарк кунад…

Он шаби тобистонӣ тағои Муҳиб аз Миёнкол меомад. Ӯ дар хонаи апаам монд ва тамоми шаб аз сафарҳои худ, аз дидаю шунидаҳояш нақлҳои аҷоиб кард. Ӯ хабар дод, ки дигар ҷавононро ба ҷабҳа намебурдаанд, ҷанги Олмон ба охир расидааст. Худо хоҳад, мардҳои мо бармегарданд, аз ин пас давлат ҷон мегирад, фаровонӣ мешавад, халқ дигар қашшоқ намемонад. Ӯ гуфт, ки дар хонаи апаам будани маро аз амаки Самак фаҳмидааст. Аммо дар ин хусус ҳанӯз ба падарам лом-мим нагуфтаанд. Амаки Самаку янгаи Равза нахостаанд, ки ман дубора ба чанголи модари ӯгай гирифтор шавам. Лекин худи падарам, ба хотири овоза нашудани гапҳои беҳуда дар нишасту

[20] **Ширак** – ширaи бодоми талх, ки дар натиҷаи дурудароз ҷӯшонидан ширин мешавад

суҳбатҳо мегуфтааст, ки «писарам ба хонаи апааш рафт. Ҳамин ки фурсат даст дод, ба дидани онҳо меравам, писарамро бо худам меорам».

Он шаб охирин бор дар Бурган бо апааму акаи Кӯчар даври дасторхон нишастем. Аз пушти нурҳои чароғи овезон чеҳраи онҳо ба назарам ғамгину хаёлолуд менамуд. Ба хусус, апаам нороҳат буд, бо хӯрӣ базӯр ҳарф мезад. Аз он, ки қарор шуд ман бо тағои Муҳиб ба деҳа баргардам, ҳар ду дилтанг буданд. Ҳарчанд тағоям ваъда дод, маро дар манзили худаш нигаҳ медорад ва пайваста аз ман ғамхорӣ мекунад, дилашон ором намегирифт.

Воқеан, баъд аз як соли будубоши осуда ва ба якдигар унс гирифтан, ҷудоӣ барои мо хеле сангину аламовар буд. Мебоист ба хотири даст бардоштани ман аз мардикорӣ ва баргаштан ба доираи одамҳои худӣ ин фироқро таҳаммул кунем. Саҳарии рӯзи дигар дар дами дарвоза ҷамъ шудем. Акаи Кӯчар ба даҳонаш нос гирифта хомӯш меистод, мехост буғзу алами ҷудоиро бо заҳри нос фурӯ барад. Апаам бошад, бо чашмони ашколуд сарамро рӯйи китфаш нигаҳ медошт ва оромона насиҳат мекард. «Додарҷон, ҳар ҷо бошӣ, худатро эҳтиёт кун. Ҳар вақт дастат расид, ба суроғи мо биё, туро пазмон мешавем. Агар дидӣ ба ҳолат намерасанд, пеши худам баргард. Дигар намехоҳам зери азоб монӣ, муҳтоҷ шавӣ» – мегуфт ӯ.

Ҳанӯз ба роҳ наафтида будем, ки хӯҷаину ҳамсараш ҳам расида омаданд. Якдигарро ба оғӯш гирифта хайрухуш кардем. Аз муомилаю чеҳраи онҳо пай бурдан мушкил набуд, ки аз кору ҳамдастиҳои ман миннатдоранд. Хӯҷаин ошкоро эътироф мекард, ки аз дастёру мададкори босадоқати худ ҷудо мешавад. Худам ҳам аз ҳалол шудани луқмаи даҳонам хурсанд будам.

Вақте ки бо тағои Муҳиб ба роҳ баромадем, апааму акаи Кӯчар ва хӯҷаину ҳамсараш бо чашмони пур аз оби дида, андуҳгин дар зери тути бағали дарвоза меистоданд. Апаам то панаҳ шудани мо даст меафшонд.

* * *

Ман хеле зуд вориди зиндагии тағои Муҳиб шудам. Муҳити гарму самимии оилаи ӯ маро руҳбаланд мекард, аслан худамро танҳоюю бегона ҳис намекардам. Ба хусус, дӯстии Даврон – писари тағоям ва меҳрубониҳои момои Норин ба ман қувват мебахшид, дилам ба ҳаёт бештар гарм мешуд. Ҳамвора Худоро шукр мекардам, ки дар он солҳои қаҳтию қиматӣ, дар айёме, ки одамон базӯр нони хӯрданӣ меёфтанд ва боди наҳси гуруснагию бенавоӣ бераҳмона дари бисёриҳоро мекӯфт, мани ятим дастгиру пуштибон доштам. Момои Норин ҳамеша ғамхори ману Даврон буд, пайваста саъй мекард шиками моро сер нигаҳ дорад. Ӯ сари ширу қатиқ[21], фаллаи[22] бузу гӯсфандҳо, равғани зарди тозагирифтаро аввал ба мо медод. Вақте ки нон мепухт, барои мо ҳатман кулчаҳои алоҳида дуруст мекард. Ғамхорию навозишҳои момои Норин ва тағоям буд, ки бо дили пур, аз субҳ то шом дар

[21] **Қатиқ** – ҷурғот, мост
[22] **Фалла** – шири ғафсе, ки ҳангоми зодани ҳайвонҳои хонагӣ (гов, буз, гӯсфанд) дӯшида мешавад ва баъд аз пухтан дар ҳолати каме сахтшуда (мисли панир) онро тановул мекунанд

хонаашон машғул мешудам, аз ҳеч гуна мушкилӣ намеҳаросидам. Ба чарогоҳ бурдани молҳо, тоза кардани кӯтону оғилхона, нарм кардани заминҳои зери кишт, кашондани обу алаф ва ҳезум, рахт задану ҷо ба ҷо кардани карбосҳои омодашуда ва ҳар коре, ки ба назар мушкилтар менамуд, дар хонаи тағоям ба уҳдаи ману Даврон буд.

Ёдам ҳаст, он солҳо бенавоии мардум ба ҷое расида буд, ки одамон, ҳатто хешу ақрабо, моли худ ё хӯроки худро аз якдигар пинҳон мехӯрданд. Бо баҳонаи бартараф кардани оқибатҳои ҷанг вакилони давлат низ «фаъол» буданд. Онҳо бераҳмона ҳама дороии мардумро кашида мегирифтанд. Аҳли кӯҳпоя ба тақдир тан дода, бо зағоранон, пистаю бодом, туту мавиз, талқону татарон рӯзи худро мегузаронданд. Аз нақлҳои момои Норин дар ёдам мондааст, ду нафар – апаю хоҳар ҳамрозу ҳамдарди ҳам будаанд, доиман якдигарро ҳолпурсӣ мекардаанд. Солҳои бенавоӣ оғоз шуда, рафтуомади онҳо низ кам мешавад ва аз байн муддати зиёде мегузараду апаи меҳрабон ёди хоҳар мекунад. Ӯ нону кулча гирифта, ба меҳмонӣ ба хонаи хоҳар меравад. Хоҳар дар лахчаи танӯр татарон мепухт. Ба маҳзи ин ки мебинад, апааш аз он бари сой меояд, бо шитоб татаронҳои нимпухтаи доғро гирифта, зери поҳояш пинҳон мекунад. Апа расида, ба ҷойи ҷавоби салом хоҳарашро дар ҳоли музтариб ва нолон мебинад. Бечора наметавонист ором нишинад, худашро бетоқатона гоҳ ба росту гоҳ ба чап меандохт. Апа ба асли қазия воқиф шуда, бо ҳасрат мехонад: «Бигзарад ин рӯзи сахту монад ин к..сӯзиҳо».

Омадурафти одамон ба хонаи тағои Муҳиб бисёр буд. Миёни онҳо ҳар рӯз падарамро меҷустам, ҳарчи зуд ба дидораш расиданро орзу мекардам. Аммо наомадани ӯ маро ба ташвиш меандохт, ба худ меандешидам: «Наход хабари ман ба гӯши падарам нарасидааст? Чаро намеояд? Чаро маро ба хонаамон намебарад? Ё аз ман ранҷидааст, намехоҳад маро бубинад? Эй Худо, кош ин тавр набошад…»

Бо гузашти ду моҳ, ки дар назари ман гӯё ду сол менамуд, бар хилофи хаёлҳои печида, лаҳзаи деринтизор фаро расид. Ман бо падарам, ки аз сафари дарозмуддати худ баргашта, бетаваққуф ба суроғам шитофта буд, мулоқот кардам. Он рӯз ҳамроҳи Даврон барои овардани об ба чашмаи Гулибоғ рафта будам. Агар ҳар дафъа сатилҳоро пури об карда зуд ба хона бармегаштем, ин бор ғарқи тамошои чашма ва манзараи атрофи он монда будем. Чашмаи Гулибоғ он қадар бузург нест, лекин бо сардӣ ва серобии худ аз дигар чашмаҳо фарқ мекунад. Даври он бо сангҳои паҳни сиёҳ деворчинӣ шудааст ва пайроҳаи дастрасӣ аз паҳлуи чапи чашма бо зинаҳои пастаки яксохт ба охир мерасад. Ҳар касе, ки ба рӯйи ин зинаҳо истода об мегирад, беихтиёр ҳушу хаёли ӯро оби зулолу ороми чашма, бозии моҳичаҳои мишкию қаҳваиранг, қумрезаҳоро беист пош дода аз бағали сангчаҳо берун задани оби шаффоф мерабояд. Оби чашма ҷамъ шуда ҳавзчаеро ҳосил мекунад ва аз ҷӯяки борике, ки онро низ бо пайи ҳам чидани сангҳои паҳну дарозрӯя дуруст кардаанд, ба поён ҷорӣ мешавад. Дар канори чашма, дар сояи ғафси дарахти маҷнунбед, ки шохаҳои овезон ва пурбарге дорад, нишаста манзараи

атрофро тамошо кардан ба кас ҳаловат мебахшид. Он рӯз ману Даврон ҳам асири ин зебоиҳои табиат гашта будем. Бехабар аз ҳама гапи олам, шапараку сӯзанакҳоро, ки рӯ-рӯйи сангчаю буттаҳои харраю[23] мармиҷон ҷо иваз мекарданд, дунболгирӣ мекардем. Ҳамин вақт давида омадани хоҳари Даврон риштаи хаёлбофиҳои моро барканд. Ӯ дастпоча «додӣ, зуд ба хона равед, меҳмон омад»-гуфту ба қафо гашт ва «шапарак» шуд.

Ба маҳзи даромадан ба ҳавлии тағои Муҳиб сари ҷо шах шудам. Ба чашмони худ бовар намекардам, чаро ки рӯ ба рӯям падарам меистод, бо ҳамон қиёфаи ҳамешагӣ, бо ҳамон салобату чеҳраи гарм, нуронӣ… Оре, меҳмони омада падарам буд, рӯйи хараки назди дарвоза нишаста бо тағои Муҳиб суҳбат мекард. Ӯ маро диду ҳамоно аз ҷо баланд шуд ва дастҳояшро ба ду ҷониб боз карда ба сӯям шитофт. Ман ҳам бетоқатона ба оғӯши ӯ давидам.

Гуфтугузори мо тул кашид. Ҳар чӣ аз сар гузашта буд, ба падар нақл кардам. Ӯ маро сари ҳол ва мамнун дида хурсанд шуд ва изҳор дошт, ки маро ба хона мебараду ҳама гапҳои кухна фаромӯш мешавад. Ман ҳам ғарқи меҳрабониҳои ӯ омода будам зудтар дасту поямро ҷамъ кунаму равам ба хонаи худамон. Аммо тағои Муҳиб ба ин қарори мо монеъ шуд, ӯ ба падарам рӯ оварда гуфт:

– Ҷиянам писари туст, имрӯз ё фардо ӯро ба ту месупорам, аммо завҷаат чӣ мегӯяд?

– Тӯйгул аз кардаи худ пушаймон аст, омадани писарамро мехоҳад.

– Шояд ҳамин тавр, лекин ту ҳамеша дар ёбон мегардӣ, писар боз ба дасти очаи ӯгай мемонад. Худо медонад, боз чӣ балоҳое ба сараш меорад.

– Аз ин парво накун, Муҳибҷон, худам ҳастам, ба ҳолаш мерасам.

– Дар ҳар сурат, омадани завҷаатро мепоям. То бо забони худаш ваъда намедиҳад, ҷиянамро орзу накун, – гуфт бо қатъият тағоям.

– Ин чӣ гап, магар омадани ман маънӣ надорад? Охир, ҳар коре шуда як сол пеш буд, он ҷангу даъвоҳо дар гузашта монд, рафт! – каме оташин шуд падарам ва афзуд: – Янгата ба ман супор, бинам як бори дигар азият медиҳад, дасту поша мешиканам, агар ҳарфи бад мезанад, забонаша мебурам!

Аммо тағои Муҳиб якравӣ кард, нахост маро осонакак ба пеши падару модарам фиристад. Маълум буд, ки аз тақдири ман дар хавотир аст, мехост ҳама кор табъи дил анҷом шавад. Маҳз аз ин хотир ҳам нагузошт, ки ҳатто падарам ба ман даст ёбад. Ин гуна қатъият ва истодагарии тағоямро сари иддаою суханҳояш борҳо мушоҳида кардаам. Ин хислати ӯ ба ман маъқул буд.

Аз баҳсу талошҳои падараму тағои Муҳиб вақти зиёде нагузашта, модарам як рӯз дунболи ман омад. Ӯ ба назарам хеле озурда ва ғамгин менамуд. Маълум набуд, ки аз фироқ ва пазмонӣ маъюс аст ё аз рафтани ман ба хонаамон. Ба ҳар ҳол, ҳама шартҳои тағои Муҳибро қабул кард, ваъда дод «очаи дилсӯзу ғамхор» хоҳад шуд. Ман дубора ба доираи оилаамон пайвастам. Он рӯзҳо равшан ҳис мекардам, ки модарам на ба хотири дарки

[23] **Харра** – буттаи настаран

иштибоҳу пушаймонӣ аз кардаҳои худ маро ба хонаамон бурда буд, балки намехост ҷавоне мисли ман кордӯсту дастёри тайёрро аз даст диҳад. Аз сӯйи дигар ҳам, таҳаммули таънаҳои одамон, ки мегуфтанд писари мулло хидматкори дигарон аст, барои падару модарам мушкил буд. Онҳо ориятталаб буданд.

* * *

Ҳамин ки фасли тирамоҳ фаро мерасид, деҳаи мо ҳусну ҷамолашро аз даст медод. Саросар ба ҷойи фазои сабзу рангини мафтункунанда рад-рад дарахтони лухту урён, ки гӯё ходаҳои бешумореро ба замин кӯфтаанд, ба назар мерасид. Хазонрезӣ ҳукми худро меронд, ҳама пайроҳаю ҳавлию палакҳо пури барг мешуд. Дар ин айём танҳо аз зардгуну қаҳваӣ шудани атроф ва аз ғирҷ-ғирҷ садо додани баргҳои зери по хушам меомад. Падарам мегуфт, фасли пурбаракати сол тирмаҳ аст. Дар ҳамин фасл кисаи деҳқон, хонаю анбори деҳқон пур мешавад. Деҳқон аз тангдастӣ фориғ гашта, ба зиндагӣ бештар умед мебандад.

Ҳамроҳ бо хазонрезӣ киштзори ғалла дар ҳарами офтоб хӯша мебаст, даравгарӣ шуруъ шуда, дашт дари худро ба рӯйи мардум боз мекард. Рӯзи чоруми дарав буд ва ману Аҳадҷони додарам низ қатори одамони деҳа, ки бо камарҳои муҳкамбаста ба дашту дала рехта буданд, ба гандумдаравӣ рафтем. Аллакай тамоми киштзор аз ғалла сабук шуда буд. Вақте ки ману додарам гандумҳои даравидаи худро баста-баста ҷамъ оварда дар як ҷо хирман кардем, торикии шом ҳама ҷоро фаро гирифт. Кори хирманкӯбиро ба рӯзи дигар вогузошта ба хона баргаштем.

Он шаб яке аз шогирдони падарам – амаки Ҷӯрабой меҳмони мо буд. Ӯ ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, тану бозуи барҷаста ва дастҳои дурушту шахшӯле дошт ва ранги чеҳрааш аз офтобхӯрдагӣ сиёҳҷурда менамуд. Ба назар мерасид, марди кор аст, аллакай бо мушкилоти зиндагӣ дасту гиребон шудааст.

– Ҳозир бозори Миёнкол гарм, – мегуфт амаки Ҷӯрабой ба падарам, – савдогарон чун мӯру малах рехтаанд. Ҳар чӣ дилат хоҳад, он ҷо пайдо мекунӣ. Корди одамҳои маҳаллӣ дар таҳи равған мондааст, бештар мардикоронро кироя карда даромади калон мегиранд.

– Моли савдогарони аз берун омада-чи, тез ба фурӯш меравад? – пурсид падарам.

– Шумо бинеду ҳавас кунед! Дар бозорҳои кӯтара даст ба даст намерасад. Як шутур бора дар як чашмзанӣ обу лой мекунанд. Тоҷирони маҳаллӣ се-чортоӣ ёрдамчӣ доранд, ҳамин ки диданд боре ба бозор наздик шуд, чун ору дармеафтанд.

– Тарзи зисти одамон хуб будагист? – бештар ҷӯё шуд падарам.

– Бад нест, ҳатто ба ҳоли мусофирон ҳам сари вақт мерасанд, чойхонаю корвонсаройҳо гавҷум. Ман худам як ҳафта дар пеши дӯсти даббоғам мондам, ба кору зиндагиаш ҳавасам омад. Қатори бачаҳош як даста

мардикора сер мекунад. Пӯсту пашм ба ҳавлиаш чун об мерезад. Харидораш аз мӯйи сар бисёр. Пӯсту пашми қабулшударо каме ба тартиб меоранд, оҳор медиҳанд ва пушташро ғарам накарда тез мефурӯшанд.

– Ту ба Миёнкол тез-тез рафта меистӣ?

– Моҳе ду-се бор меравам, – гуфт амаки Ҷӯрабой, – охирин бор, вақте ки аз пеши дӯстам бармегаштам, таъйин кард, ки пашму пӯст бисёртар барам. «Моли ту марғубият дорад, харидоргир»-гуфта буд ӯ. Инак, бори зиёд ҷамъ кардааму бурданаш бароям мушкил. Назди шумо омаданам ҳам аз ин боис буд. Агар розӣ шавед, Исломро бо худам барам. Агар хоҳед, ҳамон ҷо ба кор ҳам мемонам. Паҳлуи дӯстам машғул мешавад, мардикорӣ мекунад. Мебинед, вақти зиёде нагузашта худашро мегирад.

– Не, Ҷӯрабой, бе он ҳам писарам аз хона дур бисёр гашт. Намехоҳам аз наздам биравад, дар хавотир мешавам, – гуфт падарам ва лаҳзае сукут карду афзуд: – Агар ба бурдани молат ёрдамаш расад, ҷойи гап не, як ҳафта-ду ҳафта мефиристам. Забони аспу шутура мефаҳмад, ба ту ёрдамчии хуб мешавад.

– Раҳмат, устод, маро хурсанд кардед, – бо мамнуният гуфт амаки Ҷӯрабой ва нимхез шуда бо тамаллуқ сар хам карду ба суханаш идома дод: – Медонистам розӣ мешавед, сарам ба осмон расид, раҳмат!

Он шаб хобам набурда буд. Рӯйи кӯрпа гоҳ ба паҳлуи чап, гоҳ ба паҳлуи рост ва гоҳе рӯ ба боло дароз кашида, сафари Миёнколро дар худ тасаввур мекардам. Шаҳраки пурғалаёни Миёнкол дар он солҳо беш аз пеш аҳли кӯҳпояро ба худ ҷазб мекард, вале расидан ба ин макони обод, ки гӯё дар фарози дастнорасе қарор дошт, на ба ҳар кас муяссар мешуд. Пиру ҷавон барои расидан ба рӯзгори хуб ва дарёфтани дастмоя ин шаҳракро орзу мекарданд ва ҳар киро даст медод, ба ҳар гуна ранҷу азобӣ тан дода, саре ба он ҷо мезад. Баъзеҳо моҳҳою солҳо дар он шаҳр мемонданд ва касоне ҳам буданд, ки ба куллӣ кӯч баста муқими доимӣ мешуданд. Шаҳраки Миёнкол ҳамзамон бо доштани бозорҳои гавҷум макони нашъунамои косибону ҳунармандон низ буд. Муҳити созгори он бештар одамони камбизоату ночорро аз чор тараф чун оҳанрабо ҷазб мекард. Аз он ки амаки Ҷӯрабой маро ба ҳамроҳӣ қабул карда буд, хеле хурсанд шудам. Бо худ фахр мекардам, ки дигар бача нестам, калон шудаам, аз дастам коре меояд, ба дигарон ёриам мерасад. Гузашта аз ин ҳам, ҳамеша дар дилам дидани Миёнколро орзу мекардам. Мехостам одами бисёрро бубинам, кӯчаю хиёбонҳои васеъ ва рад-рад имороту хонаҳои шаҳриро тамошо кунам. Ҳатто ҳозир будам, ба муддати зиёде он ҷо бимонам, кор кунам, ба падарам пулу молу матоъ фиристам.

Саҳарии барвақт хурӯсҳо бонг заданд. Чашми субҳ накафида садои амаки Ҷӯрабой аз беруни дарвоза шунида шуд, ӯ падарамро ҷеғ мезад. Ман бо шитоб аз ҷо хеста либосҳоямро пӯшидам ва кӯлборамро, ки шабона модарам бо куртаю шалвор ва нону кашк[24] пур карда буд, ба китф гирифтаму

---

[24] **Кашк** – дӯғи хушккарда, ки ба шакли лӯнда медароранд, курут

тозон ба ҳавлӣ баромадам. Падарам низ ҷомаашро ба бар карда аз хонааш берун омад ва амаки Ҷӯрабойро ба дохили ҳавлӣ хонд.

Суҳбати онҳо зиёд тул накашид. Падарам, дар ҳоле ки аз дасти ман гирифта буд, бо оҳанги омирона ба амаки Ҷӯрабой гуфт:

– Писарамро ба ту месупорам, додар, туро ба Худо. Сиҳат рафта саломат баргардед. Миёнкол шаҳри бегона, аз якдигар бохабар шавед. Агар коре ҳам пайдо шуд, писарам машғул шавад, ман розиам. Одам дар кор мепазад, ба қадри зиндагӣ мерасад. Шаби дароз фикр кардам, ин ҷо монад чӣ кор ҳам мекунад? Дар дашту чӯл ангишт барин сӯхтанаш мемонаду бас. Аз хона дуртар рафтанаш беҳтар, оламу одамро мебинад, ба сахтию сустиҳои ҳаёт одат мекунад.

Падарам сухан мегуфту ману амаки Ҷӯрабой гоҳ ба ӯ гоҳ ба ҳамдигар тааҷҷубомез нигоҳ мекардем, аз тасмими ногаҳониаш ба шигифт омада будем. Воқеан, аз таҳи дил шод будам, ки дар шаҳраки Миёнкол мемонам, мустақилона кор мекунам, пул меёбам. Ба иродаи худ боварӣ доштам, худамро ба ҳар гуна пешомад омода ҳис мекардам. Он субҳи тирамоҳӣ ману амаки Ҷӯрабой, баъд аз хайру маъзур бо падару модарам, се хару як шутур борро пеш андохта, аспакӣ ба роҳ баромадем.

* * *

Даббоғхонаи[25] дӯсти амаки Ҷӯрабой хеле калон буд. Дар ҳар сурат, ман аввалин бор коргоҳеро ба ин бузургӣ медидам. Ба ҳавлии васеи он аз дарвозаи баланди дутабақа ворид мешуданд. Давр то даври ҳавлӣ ёздаҳ хонача бо дару дарчаҳои яксохт ба ҳам часпида буданд. Ҳар як хонача ба кори алоҳидае ихтисос дошт ва дар интиҳо толори дарозе вазифаи анборро адо мекард. Аз ду ҷониб, дар хоначаҳои аввал тарозуву чӯбҳои андозагирӣ, халтаю доманҳои зиёдеро гузошта буданд ва он ҷо сенафарӣ тамоми пашму пӯсти расидаро қабул мекарданд. Дар хоначаҳои баъдӣ пайи ҳам амалиёти даббоғӣ сурат мегирифт. Коргарони чолоку чирадаст бо ҳавсалаи тамом молҳоро ба сараю носара ҷудо карда, шона мезаданд, ош медоданд[26], соба мекарданд[27]… ва ниҳоят, қат-қат рахт зада, пӯстҳоро дар як тараф, пашмҳои омодаро дар тарафи дигари анбор ғарам мекарданд.

Раҳбари даббоғхона марди болобаланди шонапаҳне буд. Ҳама коргарони зердасташ ба ӯ «Устоака» мегуфтанд. Аввалҳо фикр мекардам, «Усто» номи ӯст, аммо баъдтар фаҳмидам, ки номи аслиаш Қудрат будааст. Ҳанӯз дар айёми шогирдӣ аз устодаш ош додани пӯстро хуб ёд гирифта, он корро бо маҳорат анҷом медодааст ва устодаш ӯро «усто» гӯён садо мезадааст. Ҳар гоҳ касе аз устодаш асрори коркарди пӯстро ҷӯё шавад, мегуфтааст: «Пеши усто рав, усто ёд медиҳад». Ҳамон эътирофи устодаш буда, ки баъдан Қудрат бо номи «Устоака» маъруф мешавад.

---

[25] **Даббоғхона** – коргоҳи коркарди пӯсту пашм
[26] **Ош додан** – омода кардани пӯст барои коркарди дубора, ки аз тариқи молидани ҷурғот ба он сурат мегирад
[27] **Соба кардан** – кӯфта маҳин кардани пашм ба воситаи химчаҳои махсус

Устоака шиками калон, абрувони дурушт ва мӯйлабҳои ғафси ба боло хамидае дошт. Ӯ бо ин симои худ хеле босалобат ба назар мерасид. Ҳар гоҳ ӯро медидам, ба хотирам Хуррамака – шикорчии ҳамдеҳаам меомад, ки ӯ низ қавиҳайкал буду мӯйлабҳои дурушти дарозе дошт. Хуррам-шикорчӣ аҷали воқеии гургу шағолон буд. Дар кӯҳпоя мерганҳое мисли ӯ ангуштшумор буданд.

Устоака маро дар коргоҳи пашмсобакунӣ ба кор монд. Дар хоначаи шафатӣ пашмҳои гузиндашударо[28] ба ду навъ ҷудо мекарданд. Як қисм боби ресидан буду қисми дигар бобати соба кардан. Мегуфтанд, пашмҳои аз гӯсфанд гирифташуда аксаран барои қолинбофӣ истифода мешавад ва пашмҳои баррагӣ бошад, намадбоб аст. Ҳамин навъи дуюмро пас аз гузинда тит кардан ба коргоҳи мо мекашонданд ва дар васати хона, рӯйи суфраи чоргӯшаи калоне ғарам мекарданд. Ману ду мардикори дигар сари дузону нишаста, пашмҳои расидаро аз се ҷониб соба мекардем. Воситаи собакунӣ дутоӣ химчаи муҳками қайишӣ буд. Амалиёт бояд тавре сурат мегирифт, ки рафтуомади химчаҳо якзайл, зарбҳо ба ҳар як нуқта яксон бошад. То замоне, ки фах-фахӣ ва маҳинии пашмҳои кӯфта ба назар намерасид, химчакориро қатъ намекардем. Кор чунон босуръат ва бетанаффус идома меёфт, ки аз сару гардан беист обу арақ мешорид, мушакҳо ва рагу пайи бадан таранг мешуд. Аз сӯйи дигар, бар замми вазнинии кор, маҷбур будем гарду ғубори тунд ва гулугири аз пашмҳо хестаро таҳаммул кунем. Гарду чанги ҳосилшуда тамоми хонаро фаро мегирифт ва танҳо аз як тирезаи хурду як адад мӯрии шифт иваз шудани он бо ҳавои тоза ғайриимкон буд.

Баъд аз он ки амаки Ҷӯрабой ҳисобу китоби худро дуруст карда бо аспу шутуру харҳояш ба пас гашт, ман ду моҳи расо дар даббоғхонаи Устоака машғул шудам. Агарчи ҳангоми рафтан ба худ қавл дода будам, ки ҳар кор бошад анҷом медиҳаму аз мушкилие наменолам, аммо собакунии пашм, ба ростӣ, тоқатфарсо ва ҷонзанак буд. Ба хусус, рӯзҳои аввал, баъд аз химчакориҳои дурудароз, тамоми баданам «гӯшт канда» ёрои роҳ гаштану нишасту хест надоштам. Бӯйи тунду нафасгири пашм низ ба куллӣ иштиҳоямро баста буд. Вақти наҳору шом ҳама ба серӣ хӯрок хӯрда истироҳат мекарданд, аммо мани «бечора» як-ду обхӯрӣ об мехӯрдаму базӯр як тика нон мехоидам. Кӯфтаю шалпар, бо шиками гурусна, нимхобу нимбедор шабҳоро рӯз мекардам. Вақт мегузашту касе ҳоли маро намепурсид ва дар замони кӯтоҳе чунон лоғару нимҷон шудам, ки устухонҳоямро бо даст мешуд шумурд. Азбаски имрӯзу фардо гуфта иҷозати ҳаммом рафтан ҳам намедоданд, аз мӯйи сар то нохуни по чирк баста будам. Ба либосҳоям намешуд нигоҳ кард. Чирку карра то ҷое расида буд, ки ба ҳар ҷойи баданам даст мезадам, як қабза шабуш дохили панҷаам берун меомад. Худо он рӯзро ба касе нишон надиҳад, худам аз худам ҳазар мекардам.

Устоака бо сахтгирӣ ва дағалии худ коргаронашро зиндонӣ карда буд. Ба ивази ин, ки ба онҳо ғизову андаке пул медод, ҳар чӣ дилаш мехост талаб мекард. Нозири коргоҳаш як марди паканаи лӯндае буд ва чеҳрааш бо чину

[28] **Гузиндан** – титу маҳин кардани пашм бо даст

шиканҳои зиёд зишт ба назар мерасид. Ӯ тамоми рӯз бо қамчини тасмагини худ ба соқии мӯзааш тап-тапзанон дунболи коргарон «тортанак» мешуд. Туршрӯ буд, аз даҳонаш пайваста ҳақорату кинояву пичинг пош мехӯрд. Ҳар кӣ лаҳзае бекор меистод ё корашро пештар аз вақти муқарраршуда қатъ мекард, ба доми ӯ гирифтор мешуд, ҳатто зарбҳои ҷонкоҳи қамчинашро низ ба хубӣ мечашид. Касе ҷуръат намекард ҳарфи зиёдатӣ занад, аз истироҳату мушкилот забон кушояд. Бо гирифторӣ ба ин касофату залилӣ сахт пушаймон будам, ки ҳарфи амаки Ҷӯрабойро қабул кардам. Бо мурури замон косаи сабрам лабрез шуд ва пас аз андешаҳои зиёд ба худ аҳд бастам, ки ҳарчи зуд аз кор даст кашида, аз «марҳамат»-и Устоака фирор кунам. Бо дилтангӣ такроран ба худ мегуфтам: «Агар ба ивази ин ҳол нону пул медиҳад, аз сараш монад, дигар маҷоли пашмсобакунӣ надорам. Коре карда мегурезам, Худо меҳрабон аст, шояд коре дурусттар пайдо кунам».

Ниҳоят, рӯзе ба шарофати як пиразан, ки ҳар саҳарӣ бо баҳонаи ширфурӯшӣ саре ба корхонаи мо мехалонд, ба нияти худ расидам. Ҳамон лаҳзае, ки тақ-тақи дарвоза баланд шуд, ғайр аз ман касе дар ҳавлии даббоғхона набуд. Дарро боз кардам. Аз чӣ бошад, пиразан дар муқобили худ маро диду фурсате нигарон монд ва ба ҷойи ин ки даббаи ширашро дароз кунад, ҳайратомез суол кард:

– Писарам, ту кай ба кор омадӣ?

– Ду моҳ мешавад.

– Наход? Ман бори аввал мебинамат.

– Рост мегӯям, аммо ман шуморо ғоибона мешиносам.

Пиразан лаҳзае сукут карда, синчакорона ба сару рӯ ва тамоми баданам чашм давонд. Дубора бо ҳамон оҳанги нарму навозишӣ афзуд:

– Корат вазнин мегӯям?

– Э, напурсед, хола, – бо маъюсӣ ҷавоб додам ман, – ба хотири як бурда нон аз субҳ то шом ҷон меканем. Аз тафту заҳри даббоғхона кор ба ҷону корд ба устухон расидааст.

– Маълум, нагӯйӣ ҳам аз аҳволат мехонам, – гуфт пиразан ва амиқтар ба чашмонам зеҳн монда пурсид: – Миёнколӣ нестӣ, аз куҷо омадӣ?

– Аз Нурато.

– Аз кӯҳ?

– Ҳа.

– Деҳқониро медонӣ?

– Ҷону дилам замин аст, хола!

– Мехоҳӣ бо худам барам?

Ман дигар худамро гум мекардам. Аз хурсандӣ ба ваҷд омада, дар куртаам намеғунҷидам. Наздик буд дасту пойи пиразанро бӯса занам, ӯро ба оғӯш гирам. Базӯр шодиамро фурӯ бурда гуфтам:

– Кош аз ин зиндон халос мекардед, як умр аз шумо розӣ мешудам, холаҷон!

– Ин хел бошад, чизучората ҷамъ кун, аз раисат ҷавоб пурс, ҳозир бо худам мебарам.

– Холаҷон, ҳеч чиз надорам, иҷозати раисам ҳам лозим нест, аз ҳамин паси дарвоза меравем, фақат зудтар…

Ҳамон рӯз ба ҳиммати пиразан, ки худашро ба исми Ойгул шиносонда раҳораҳ номи маро ҳам пурсида буд, мардикории ман ранги дигар гирифт. Даббоғхонаро тарк карда, мустақиман роҳи ҳавлии Ойгулапаро пеш гирифтам. Ҳамроҳам ҳарчанд калонсол менамуд, аммо хеле чобук буд. Бо тезгардиаш занони деҳаро ба хотир меовард. Дар кӯҳпоя аксари занон бақуввату чаққонанд. Онҳоро кори бисёру сангин обутоб медиҳад, аз субҳ то шом ҷунбуҷӯлашон тамом намешавад. Агар бекор монанд, тамом, гӯё касалу беҳоланд. Ҳар гоҳ чеҳраи занони деҳотӣ пеши назарам ҷилвагар мешавад, фикр мекунам, Худо онҳоро танҳо барои заҳмат кашидан офаридааст.

Боғи Ойгулапа он қадар калон набуд, аммо хеле титу пит ва «алғов-далғов» ба назар мерасид. Маълум буд, ки баъд аз бардоштани ҳосил касе ба он даст назадааст. Ҳар ҷо-ҳар ҷо навдаю виёраҳои нимахушки помидору каду, сабзиву карам, чӯбучахс ва партовҳои ғуншуда ба чашм мехӯрд.

– Имсол ҳосили нағз гирифтам, – аз лаби ҳавлӣ ба боғ ишора карда гуфт Ойгулапа. – Худо хоҳад, картошкаю пиёз ва сабзиам то баҳор мерасад. Акнун замина тайёр карда гандум кориданиам. Аз дасти танҳоӣ ҳар сол мардикор мегирам, туро ёфтанам хуб шуд.

– Хоки заминатон ҳосилхез менамояд, аз рангаш маълум, – як қабза хокро байни ангуштонам соида гуфтам ман ва дарҳол корҳои карданиеро, ки барқосо ба зеҳнам мезад, бароияш бозгӯ кардам: – Ба ман даҳ рӯз муҳлат диҳед кофист, Ойгулапа, боғатонро ба тартиб медарорам. Аввал девору чиғҳои атрофашро дуруст мекунам, баъд ҳама навдаю чӯбу хасу хошокро мебардорам, аз он пас заминро побел карда гандум мекорем. Албатта, сари вақт ҷӯякҳоро ҳам кашидан лозим…

Ман гап мезадаму Ойгулапа аз хурсандӣ дар худ намеғунҷид. Дар ҳоле ки аз хурсандӣ сураташ чин хӯрда буд, бо як даст сарамро силакунон дуо кард:

– Умри дароз бин, писарам, Ҳазрати Хизр мададкор бошад, хока гирӣ зар шавад! Аз ман ҳеч хавотир накаш, ба ҳолат мерасам, ҳаққатро пурра медиҳам.

Ёдам ҳаст, ҳамон рӯзи аввал то бевақтӣ дар боғи Ойгулапа кор кардам. Баъд аз кор бо ҳам шом хӯрдем. Азбаски хеле монда шуда будам, зуд ба рӯйи бистари пиразан, ки бароям дар меҳмонхонааш андохта буд, дароз кашидам. Он шаб дар болин гузоштани сарамро медонаму бас. Вақте ки аз хоб бедор шудам, аллакай ҳама ҷо равшан шуда буд, офтоб бо анвори заррини худ муҳобот мекард. Баробари аз ҷо хестан манзараи аҷибу ғариберо дидаму ҳуш аз сарам парид. Малофаи[29] сап-сафеде, ки Ойгулапа ба рӯйи бистару болинам кашида буд, куллан хираю тирагун ба назар мерасид. Он аз ғояти чирку карра ва давуғеҷи беинтиҳои кайку шабуш, ки аз тани ман рехта буд, саросар сиёҳу алобуло метофт. «Э Худо, ин чӣ аҳвол аст?! – бо таассуф андешидам ба худ. – Чаро аз пиразан пинҳон кардам, чаро росташро нагуфтам, ки ман шабуш

---

[29] **Малофа** – рӯкаши порчаии рӯйи кӯрпаю тӯшак

кардаам? Акнун чӣ мешавад?» Он лаҳза ба зеҳнам фақат як чиз меомад: Ойгулапаи дарғазаб... Ҳатман аз мани кирмин ҳазар мекунаду поямро аз остонааш мебурад. Ба назди дарича омада ба берун чашм дӯхтам. Пиразан дар канори суфачаи ҳавлиаш нишаста сабад мебофт. Ба ӯ нигарон мондаму ҳар гуна хаёл ба мағзам фишор овард. Аз як сӯ, дилам мегуфт, ҳар чӣ гузашта ба Ойгулапа ошкор кунам, аз ӯ бахшиш пурсам, вале аз ҷониби дигар поям маро ба роҳи фирор мекашид. Дилу бедилон дари меҳмонхонаро боз карда, нӯг-нӯки по ба сӯйи дарвоза қадам ниҳодам. Тасмим гирифта будам тезтар худамро аз шармандагӣ раҳо созам. Ҳамин ки мехостам як лингаи дарвозаро кушоям, садои Ойгулапа аз пушти сар маро сари ҷо шах кард:

– Писарам, куҷо меравӣ? – овоз дод ӯ.

– … – дандон хоидам ман.

– Дастшӯйӣ дар ин тараф, – гуфт Ойгулапа ва бо даст самти боғро нишон дод.

– Мебахшед, ман… – боз ҳам забонам дар даҳон печид. Ҳис мекардам тамоми рӯям то буногӯш ҷиззас мезанад.

Пиразан ин ҳоли маро дида тааҷҷуб ҳам накард. Наздиктар омада аз дастам гирифт ва дар сурате ки лабханде чеҳраашро оро медод, афзуд:

– Писарам, ту хиҷолат накаш. Ман ҳамон дирӯз медонистам, ки бадану либосҳоят чиркин аст, аз гарду тафти даббоғхона ҳама ҳам ба ин ҳол гирифтор мешавад...

Он рӯз Ойгулапа дар тағораи калоне лахча омода карду бо ҳам малофаҳо ва либосҳои маро рӯйи он нағзакак афшондем. Ҳар гоҳ тап-тап мезадем, аз касрати кайку шабуш оташи лахча ҷиз-ҷиз овоз мебаровард ва наздик ба хомӯш шудан мерасид. Лахчаро дубора тагурӯ мекардем... Ойгулапа ҳаммомашро низ гарм кард. Баъд аз муддати мадиди об надидан ҳаммом бароям хеле хуб часпид. Чунон роҳат кардам, ба дараҷае сабук шудам, ки гӯё як тонна бор аз дӯшам афтида бошад. Аз хурсандии беҳад намедонистам бо чӣ ҳарфе ба пиразан арзи сипос гӯям. Аз он пас бо дилгармӣ ва муҳаббати зиёд ба кори деҳқонӣ часпидам.

## Ёди ватан

Дар он солҳои навхатӣ, вақте ки ҳавои мардикорӣ маро то Миёнкол бурда буд, фикр мекардам ин шаҳрак аз деҳаи мо дар фосилаи хеле дур қарор дорад. Охир, чанд кӯҳу пушта ва дашту дала маро аз зодгоҳам ҷудо мекард! Агарчи ин дурӣ буду дар мағзи дилам насиму накҳати ҳамешагӣ ва бӯйи муаттари деҳаамонро хумор мекардам, маҷбур будам ба ҳар гуна ранҷи мусофирӣ низ тоқат кунам. Он рӯзҳо танҳо будам, вале як гӯшаи хаёлам доиман бо чеҳраҳои шинос, бо нигоҳҳои наздиконам, ки гоҳе маъюс менамуданду гоҳе хушҳол, пур мешуд. Бештар аз ҳама, ҳамроҳ бо симои нурониаш, ҳикматҳои падарам, панду насиҳатҳояш ба ёд меомад. «Ҳар ҷо бошӣ, бо ҳар кӣ бошӣ, нонатро ҳалол карда хӯр», – мегуфт ӯ. Падарам дар ҳама ҷо, ба ҳар кас кордӯстию вафодорӣ, ҳалолкорию нектинатиро талқин мекард.

Ман дар хонаи Ойгулапа озоду сариҳол мегаштам. Ӯ маро чун фарзанди худ дӯст медошт. Ҳамеша дар хусуси падару модарам, аҳли кӯҳистон ва одобу муоширати онҳо донистанӣ мешуд, пурсишҳо мекард. Ман бо ақли кӯтоҳи худ ҳар чиро дидаву шунида будам ва бештар аз ҳама, дар бораи доноӣ, дарёдилӣ ва сахтгириҳои падарам сухан мегуфтам. Ойгулапа низ ғоибона ба падарам эҳтиром варзида, эътимоди худро нисбати ман пинҳон намекард. Ӯ дар омади гап гуфта буд, ки тифли ҳалолзода ба асли худ мезанад, ту ҳам, албатта, мисли падарат мешавӣ. Ӯ мехост маро дар назди худ нигаҳ дорад, ҳамеша дастёраш бошам. Аммо, ҳамин ки медид ман ҳамвора ёди ватан мекунам, аз раъйи худ мегашт ва бо дилгармӣ ба ман дил медод: «Ҳар вақт савдогарони Нурато омаданд, туро ба онҳо ҳамроҳ карда мефиристам. Бояд зимистон нарасида ба қишлоқ равӣ, вагарна аз кӯҳу пуштаҳо гузаштан мушкил мешавад».

Агар дар даббоғхонаи Устоака аз ғояти дилтангӣ рӯз мешумурдам, дар хонаи Ойгулапа ҳаш-паш нагуфта гузаштани ду моҳро нафаҳмида мондам. Азбаски фасли зимистон даромада буд, рӯзҳо торафт сард мешуд. Ман аллакай корҳои заминро тамом карда, бо хоҳиши Ойгулапа самти офтоббарои боғашро, ки ба заҳкаши бадбӯе рафта мерасид, девор задам. Девори похсагӣ буд ва ҳар рӯз панҷ-шаш қолабӣ лой мерехтам. Дар ҳавои сард ба кор андармон шуда хунукиро ҳис намекардам. Ба ростӣ, Ойгулапа пиразани меҳрубоне буд, ба ҳолам нағз мерасид. Ду маҳал хӯрок ва барои ноништаи пагоҳӣ низ ширчою равғани зард ё асал ва ё тухми мурғ медод. Ӯ саҳариҳои барвақт хеста, бо дучархаи дастии худ ба маҳалҳои атрофи Миёнкол мебаромад ва даҳ-понздаҳ дабба шир ҷамъ карда, дар кӯчаҳои шаҳр дар ба дар мегашт ва то вақти субҳона ширҳояшро фурӯхта меомад. Каме истироҳат карда боз ба бозор мерафт. Дар бозор ҳам хариду фурӯшҳое дошт ва ҳар рӯз бо як миқдор пул ё хӯрокворӣ ба хона бармегашт. Ором нагирифтану доиман дар ҷунбуҷӯл будани ӯ маро ба ваҷд меовард, вале ҳар гоҳ тасаввур мекардам, ки ӯ танҳо асту фақат барои худ заҳмат мекашад, дилам ба ҳолаш месӯхт. Шавҳараш барвақт даргузаштааст, фарзанд надидаанд, дасттанҳо буд Ойгулапа.

Баъд аз он ки деворзаниро ҳам ба итмом расондам, дигар дар хонаи пиразан коре барои ман намонда буд. Дақиқан ҳамон рӯзҳо, вақте ки худам ҳам мехостам аз Ойгулапа ба кӯҳпоя рафтанро хоҳиш кунам, ӯ хабар овард, ки чанд савдогари нуратоиро дар бозор дидааст. Онҳо молҳояшонро фурӯхта шудаанд, фардо тараддуди баргаштан доштаанд. Ба онҳо суроғи хонаашро дода таъйин кардааст, ки омада маро низ ҳамроҳи худ баранд. Аз ин пайғоми ӯ хеле хушҳол шудам. Ниҳоят, ба ватан бармегардам, ба оғӯши падару аҳли пайванд, ба доираи ҳамдиёрони азиз. Он лаҳза бештар аз ҳар вақт эҳсос мекардам, ки одамони худиро хеле ёд кардаам. Ҳарчанд ин пиразани ҳалимро танҳо мегузоштам, аммо меҳри диёр маро чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашид.

* * *

Ман ва чаҳор нафар савдогари кӯҳистонӣ ба роҳ баромадем. Раҳбари мо марди қоқинаи болобаланде ба исми Ботурбой ҳамдеҳаи ман буд. Онҳо ду хари изофӣ ҳам доштанд ва якеро дар ихтиёри ман гузоштанд. Борубунаашон зиёд буд: бештар матоъ, биринҷ, қанду қурс, ҳалво ва асбоббозиҳои бачагона. Ойгулапа низ ба ивази корҳоям як халта мавиз ва як кӯлбор пистаю ҳалвою нонро дар харам бор кард. Як баста пулро ҳам доданӣ шуд, ман нагирифтам. «Аз шумо ҳазор бор розиам, – гуфтам ҳангоми хайрухуш, – меҳрубониҳоятонро аслан фаромӯш намекунам!» Ӯ дар навбати худ аз пешониам бӯсида, бо овози маҳин арзи дил кард: «Замин гирд аст, писарам, Худо хоҳад боз вомехӯрем. Агар камию костие гузашта буд, маро бубахш. Худатро эҳтиёт кун».

Ҳарчанд ҳавои зимистонӣ ҳукмрон буду пайваста боди сард ба сару гардан мезад, бе ҳеч мушкилӣ то теппаҳои Ҷӯш расида омадем. Ҳамраҳонам қарор карда буданд, аз Ҷӯш гузашта дар Ҷадир истироҳат кунанд. Аммо давоми роҳамон пурпечутоб буд, ба куллӣ аз ағбаю дараҳо мегузашт. Барф кам-кам меборид, вале то ба кӯҳ наздиктар мешудем, ба суръати худ меафзуд. Маълум буд, ки дар кӯҳ чанд рӯз пайи ҳам барф боридааст. Баъзан маҷбур мешудем ба сабаби пеш омадани барфтӯдаҳо роҳамонро иваз кунем. Гоҳе аз харҳо пиёда шуда, печу хам ва чарҳоро бо эҳтиёт мегузаштем. Ман аз ҳама охир, аз ақиби қофилаи харсаворон мерафтам. Намедонам харам заиф буд ё худам, зуд-зуд аз қофила ҷудо шуда қафо мемондам ва ҳамон замон садои «қофиласолор» баланд мешуд: «Ҳой ҷавонмарг, пас намон, сахттар почак зан!» ва ба дигарҳо низ мурочиат карда меафзуд: «Аз хоричӯбҳо, аз харсангҳо эҳтиёт шавед, мувозиби харҳо бошед, ки мабодо лағчида наравconfigured!» Садои Ботурбой дағал ва хирросӣ буд. Ӯ ҳаракат мекард қофилаи худро солим ба манзил расонад.

Дар доманаҳои кӯҳӣ барф беист меборид, боди сард шиддат мегирифт. Ҳар қадар ба фарози кӯҳ болотар мерафтем, роҳгардиамон мушкилтар мешуд. Рафта-рафта ба ағбае расидем, даҳшатовар! На поини ағба ба чашм мерасид, на қуллаи кӯҳ. Мо аз миёни ағба, аз пайроҳаи борике қадам шумурда пеш мерафтем. Боди хунук тадриҷан ба бӯрон бадал мешуд, тундбоди сахте омехта бо барфу борон бардошта шуда бераҳмона ба сару кӯламон мезад. Маҷбур мешудем сари дузону нишаста монем ва дубора бо садои роҳбалад ба худ меомадем: «Аз ман канда нашавед, зуд-зуд ҳаракат кунед!» – дод мезад ӯ. Аммо куҷо! Вақти зиёде нагузашта аз шиддати барфу бӯрон ман билкул аз роҳ мондам. Аслан намешуд чашмҳоямро боз кунам, чӣ ҷойи қадамзанӣ! Харам низ сарашро васати ду пойи пешаш халонда шах шуда буд. Пас аз фурсате базӯр сарамро бардоштам ва ба пеш нигоҳ кардам. Ботурбой ва ду ҳамроҳаш аз чари миёнаҷойи кӯҳ гузашта буданд ва бо сарҳои хам банди харҳоро муҳкам дошта ҳаракат мекарданд. Яке аз гӯшаи чашм дидам, ки ҳамроҳи чорумашон бо хари худ дар васати чар, дар миёни барфтӯдае дармонда аст. Ӯ саъй мекард аз ҷо баланд шавад, вале натавониста дубора ба рӯйи барф меуфтод. Ба ӯ раҳмам омад, тамоми қувватамро ҷамъ

карда харамро «хӣ, хӣ»-гӯён ба пеш тела додам. Натиҷае набахшид. Шамоли қаҳратун шуввос зада гардану буногӯшро лесида мегузашт. Чун пай бурдам ҳаракатҳоям зоеъ меравад, кӯлборамро аз болои хар гирифтам, халтаи мавизро бо як азобӣ боз карда, як қисми мавизро дар он рехтам ва кӯлборро ба китфи худам бастам. Сипас, ҳар чи неруе доштам, бо зарб як лагади «обдор» ба зери думи хар кӯфтам. Ҷонвари муғамбир ҳаминро мехост магар, якбора силкав хӯрду ба пеш қадам зад.

Замоне, ки ба ҷар расидам, дигар дер шуда буд. Савдогари ҷавони аз дӯстонаш ақибмонда дар барфтӯда ғӯтида, беҳаракат мехобид. Танҳо сараш берун аз барф ба чашм мехӯрд, лабу лунҷаш пури кафи яхзада. Хараш ҳам поинтар беҷон мехобид, аз нисф поин дар зери барф. Талвосакунон бо тамоми ҷон барфҳои пасу пеши ҷавонро бо панҷаҳоям ба ҳар сӯ рондам. Бо як азобӣ танашро берун овардам. Хеле дер шуда буд: чашмҳояш нимабоз, забонаш берун аз даҳон ва дасту поҳояш аз хунукӣ карахту беҳис... Ҳар қадар ба сару сураташ кӯфтам, танашро афшондам, ба худ наомад. Ӯ беҷон буд.

Ҳис кардам, аз шиддати сармо худам ҳам сари ҷо меларзам, беист анголак мезанам. Ба ёдам мавизу ҳалвои борхалта омад. Бо мушкилӣ як бари кӯлборамро боз карда, дар муштам мавиз бардоштам. Дар ҳоле, ки дастҳоям меларзиданд, бо шитоб мавиз хӯрдан гирифтам. Муштамро пур карда ба харам низ додам. Бори аввал медидам, ки хар ҳам бо иштиҳо мавиз мехӯрад. Фикр мекунам, дар он сармои қаҳратун ҷони ману харамро ҳамон мавизҳои Ойгулапа наҷот дода буд. Дубора қувват гирифтам ва ноилоҷ савдогари ҷавонмаргро ба ҳоли худ гузошта ба пеш ҳаракат кардам. Агар он ҷо мемондам, бешубҳа, ҳоли ман ҳам монанди он бечора мешуд.

Сад афсӯс, ҳама талошҳоям вақти гузаштан аз доманаи дигари ағба бар абас рафт. Вақте ки аз ҷилавомадагии кӯҳ ба синаи дигар тоб мехӯрдам, тундбоди сахте вазиду ману харамро якрост бардошта ба поин ҳаво дод. Аслан натавонистам ҷуссаамро нигаҳ дорам, гӯё як лахт наъше будам беҷон ва рӯ-рӯйи барф ғелида рафтам. Ҳарчанд саъй кардам аз чизе даст гирам, поҳоямро ба чизе андармон кунам, суде надошт. Фурсате гузашту худро озод рӯйи ҳаво муаллақ дидам, шабеҳи санге будам, ки ангор аз боло партофта бошанд. Ман аз партгоҳе парида будам ва бо ҳамон суръате, ки доштам, ба поин сарозер шудам. Аз баландӣ бо зарб ба тӯдабарфе уфтодам ва манаҳам ба зонуҳоям бархӯрду аз димоғам шараққос зада садое баромад. Дарди ҷонкоҳе тамоми вуҷудамро ба раъша овард ва дигар чизеро ҳис накардам.

…Дашти бекароне холӣ ва хилват аст. Ман савори аспи сафеди урёне шудаам ва он дар канори рӯде маҳмез мезанад. Ҳама ҷо орому сокит, аммо ҷониби дигари рӯд пур аз садо ва қиючув. Он сӯ манзараҳои дилфиреб ба назар мерасанд. Аспи ман лаб-лаби рӯд, дар замини хушку сӯзоне йӯрға меравад, лекин ёду ҳуши маро фазои сабзу гулзори он бари рӯд рабудааст. Дар он ҷо дарахтҳо дар иҳотаи сипоҳи мурғон мондаанд, садоҳои беохири «чириқ-чириқ» равшан ба гӯш мерасад. Ман амиқтар назар меафканам, мехоҳам он манзараи зеборо бо тамоми ҷузъиёташ тамошо кунам. Фурсате нагузашта, духтаре париваш, бо либосҳои сапеду луобӣ васати гулзор падид

меояд. Ӯро дида ба шигифт меоям, чашмҳоямро калонтар кушода зеҳн мемонам. Бале, он фариштa модари ман буд, модари ҳақиқиам! «Э Худо, аз қудратат гардам, – бо хурсандӣ ниёиш мекунам, – чӣ хуш аст, ки маро ба дидори модарам мушарраф кардӣ!» Модарам лабханд мезад, либосҳои оҳорӣ ва мӯҳои шабгунашро насими марғзор якрост ба қафо тела медод. Ӯ хурсанд буду бо дастони фарбеҳи сап-сафедаш маро ба сӯйи худ мехонд. Ба назарам, мегуфт: «Биё, писарам, биё ба оғӯши худам». Дар ҳамин асно садои помонии касе аз пушт шунида шуд. Нигоҳ кардам, падарам бо шитоб ба сӯйи ман давида меояд. Ӯро дидан замон аспамро сахттар қамчин задам. Садои падарам баланд шуд: «Писарҷон, ист! Ба он сӯ нарав, ист!» Аспи ман бошад шитоб дошт, чун бод мепарид, мехост маро ҳарчи зуд ба оғӯши модарам расонад. Падарам низ аз дунболгирӣ даст накашид. Ӯ хеле қавиҳайкал ба назар метофт ва калон-калон қадам гузошта, босуръат медавид. Ба ман наздик шуду фарёд зад: «Писарҷон, дастатро ба ман деҳ, ба оғӯши худам биё!» Ман сухани ӯро қабул накарда, бо ишора ба марғзори он сӯйи рӯд гуфтам: «Не, ман ба пеши очаам меравам, маро ба ҳоли худам гузор!» Падар ҳам якравӣ кард. Ӯ ба ман расидан замон, ёзида аз миёнам дошт ва бо як ҳаракати чобукона маро ба оғӯши худ гирифт. Ман дар бағали ӯ мондаму аз тарс дастҳоямро зич ба гарданаш печондам ва дар як он ҳама чиз аз назарам ғоиб шуд. Дилам мехост, ки як бори дигар модарамро бубинам, вале ҳарчанд ба мағзам фишор овардам, сураташ дигар падидор нашуд. Аз қаъри дил дод задам: «Оча! Оча!!»…

Шояд фарёде аз дилу ҷигарам баромад, ки бо он ба худ омадам. Чашмҳоямро кушода худро дар васати ҷар дидам. Аз ду ҷониб синаи кӯҳ ба боло мерафт, ҳама ҷоро ҷомаи чашмхиракуни барф мепӯшонд. Атроф хилват буд, сокиту гирифта. Тоза сапедии субҳ медамид. Ман то бехи поҳоям ба барфтӯда фурӯ рафта будам ва кӯлборамро танг дар оғӯш медоштам. Пай бурдам, ки саҳарӣ сиёҳӣ зер кардааст, пас аз хоби гарон ё баъд аз беҳушӣ хоб дидаам, хоби даҳшатнок! Хушбахтона, падарам ба имдодам расид ва маро аз он дунё баргардонд.

Бо як азобӣ, ҷон канда-ҷон канда худамро аз барф берун кашидам. Ҳис мекардам тамоми баданам бадард аст. Ҷо-ҷойи танам аз касрати харошидагӣ ва зарбу лат месӯхт, ба хусус, лаби поинам сӯзиши ҷонкоҳе дошт. Даст бурдам, лабам дарида ва аз дандонҳоям низ яке шикастааст. Ба ёдам омад, вақти сарозер шудан ба ин ҷар манаҳам ба зонуҳоям бархӯрда садое баромада буд, ки он садои шикастани дандонам будааст. Бори дигар ба боло назар афкандам, воқеан, партгоҳе буд баланду ваҳмовар! Чӣ тавр аз ин иртифоъ афтида зинда мондаам, танҳо ба Парвардигор аён.

Вақте ки аз ҷо хестам, пай бурдам, ки як тарафам кашол, пойи чапам лат хӯрдааст. Бо вуҷуди ин, маҷбур будам ба ҳар гуна азобӣ тоқат кунам ва лангон-лангон аз бағали кӯҳ ба поин роҳ пеш гирифтам. Ман роҳ мерафтаму ёду хаёлам ба ҳамсафаронам банд буд. «Чаро аз ҳам ҷудо шудем? – меандешидам ба худ. – Чаро Ботурбой номардӣ кард? Чаро дӯсташро ба ҳоли худ гузошту рафт? Ё дар он барфу бӯрон илоҷи мадад расондан надошт?

Магар метавонист моро наҷот диҳад?...» Дар ҳар сурат, фикр мекардаму аз хулосаҳои худ қонеъ намешудам, наметавонистам рафтори худаму ҳамсафаронамро дар мизони ақл баркашам. Шояд дар ин гуна ҳолат ҳар кӣ ҳарфи худашро дорад? Вале асли қазия ин аст, ки касе ҷабр мебинад ва дигаре ҷони худро аз ранҷу заҳмат раҳо месозад. Одам шири хомхӯрда аст, фардо чӣ мешавад, барояш аён нест. Гоҳе мехоҳад некӣ кунад, аммо бехабар мемонад, ки акси ҳол рух додааст. Одам ҳамеша хатокор аст.

Барф намеборид, боду бӯрон ҳам набуд, аммо ҳаво сард. Сардӣ мисли сӯзан мехалид. Гӯшу бинӣ, лабу лунҷамро сармо зада буд. Аз хунукӣ дасту поҳоям низ ҷиззас мезад. Афтону хезон аз чанд пушта гузаштам ва ба бахти ман, талошҳоям зоеъ нарафт. Ҳамин ки рӯз аз ним гузашта буд, деҳкадае рӯ ба рӯям намудор шуд. Ҷон гирифтам, бо ҳавлу шитоб тундтар қадам задам.

Дарвозаи аввалин хонаро, ки сари роҳ буд, кӯфтам. Занаке бо қиёфаи қазоқӣ – рафидарӯ, тангчашму абруборик дарро боз кард. Аз ҳавлиаш бӯйи нони навпухта ба димоғ зад. Маълум буд, ки машғули нонпазӣ аст, нонҳояшро аз танӯр меканд. Бӯйи лазизи нони гарм дар ҳафт мағзи ҷонам нишаст. Ба хотирам нонҳои модарам омад. Ӯ ҳар гоҳ нони тоза мепухт, аз он дар табақе ба оби сард тар мекард ва қатори додаронам маро ҳам садо мезад. Нони навпухтаи ба оби сард таршуда чӣ қадар хушмаза аст!

Гуруснагиам бештар хуруҷ кард. Аз он занак хоҳиш намудам, ки нон диҳад, ҳадди ақал як пора, як тикка. Ӯ сар то по маро аз назар гузаронд ва шояд фикр кард, ки ман гадое ё безорие ҳастам, бо абрувони гирифта гуфт:

– Нони зиёдатӣ надорам, ки ба ту диҳам, аз роҳат намон! – сипас дари ҳавлиашро бастанӣ буд, ки ман ҳам паст наомада дарро доштам ва илтиҷо кардам:

– Холаҷон, хеле гуруснаам, ба ивазаш аз кӯлборам мавиз гиред.

Занак бештар асабонӣ шуд:

– Ба ту нон диҳам, бачаҳоям чӣ мехӯранд? – гуфт ӯ ва бо ангушт ба сӯйи хонаи дигаре, ки он тарафи ҷӯйи об воқеъ буд, ишора карда афзуд: – Ҳар чӣ мехоҳӣ аз Гулсунапа хоҳиш кун, вазъаш хуб аст, молу ҳол дорад.

Занак дарашро пӯшид. Ман бо ҳоли гирифта, хастаю абгор сари кӯча мондам. Худамро базӯр сари по нигаҳ медоштам, аз дарду гуруснагӣ баданам меларзид. Бо умед ҷониби хонаи дигарӣ хира шудам, бештар ба як по такя карда, ба роҳ даромадам. Назди дарвозаи Гулсунапа омадаму дигар мадорам намонд. Ду-се мушт ба дарвозааш кӯфтам ва аз беҳолӣ мувозинатро гум кардаму рӯйи барф лағжида, якпаҳлу ба замин уфтодам…

«Ҷони одам аз санг сахту аз гул нозук»-мегӯянд, рост будааст. Вақте ки ба худ омадам, худамро рӯйи тӯшаки нарм, бағали сандалии гарм ва дар хонаи равшани боҳавое дидам. Зани солхӯрдае бо чашмони меҳрогин ба ман нигоҳ мекард, бо як даст аз пешониам дошта меистод ва бо порчаи докае ҳар замон арақҳои гардану суратамро пок мекард. Чашм кушодани маро дида бо меҳрубонӣ гуфт:

– Ба хуш омадӣ, писари хуб, ҳолат чӣ хел?

– Раҳмат, бад нестам, – ҷавоб додам ман, – ба ман чӣ шуд?

– Бо шунидани тақ-тақи дарвоза ба берун баромадам, ба рӯйи барф беҳуш афтида будӣ, хеле тарсидам.

– Раҳмат, хола, шумо Гулсунапа ҳастед?

– Ҳа, аз куҷо медонӣ? – бо тааҷҷуб пурсид ӯ.

– Ҳамсояатон гуфт. Аввал он ҷо омадам, нон мепухт. Хоҳиш кардам, ки як бурда аз нонаш диҳад, надод. Занаки хасис будааст.

– Аз Гулсарӣ хафа нашав, – гуфт Гулсунапа, – бечора зиндагиаша базӯр мегузаронад, як хона бача дорад.

Ҳамин тавр, бо ӯ дуру дароз суҳбат кардем. Ҳар чӣ аз сарам гузашта буд, барояш нақл кардам. Ӯ, воқеан, занаке буд дарёдил, дасткушод, ҳалиму ғамхор. Офаридгорро ҳазор бор шукр мекардам, ки дар мушкилтарин айём дастгиру мададкори ман шудааст, ба воситаи одамони меҳрабон ба ман қуввату ҷон бахшидааст.

Азбаски аз сармо дасту поям бод карда буд ва дар танам ҷароҳатҳое доштам, маҷбур шудам чанд муддат дар хонаи Гулсунапа монам. Ӯ ҳар имдоде аз дасташ меомад, барои ман арзонӣ медошт. Шабу рӯз лахчаи гарми сандалиро канда намекард, марҳамҳое ба дасту поҳоям мемолид. Ҳамеша хӯроки гарм, бештар шӯрбо ва шираки бодом медод. Гулсунапа моли бисёр дошт, ду писараш чӯпонӣ мекарданд. Шавҳараш қурбони ҷанги Олмон шудааст. Як дона акси ӯ дар гилеми девораш овезон буд ва рӯмолчаи дастбофтеро рӯйи он андохта буданд. Гулсунапа ду сол боз хати сиёҳи шавҳарашро дар як гӯшаи рӯмолаш нигаҳ медошт.

Ниҳоят, ман сиҳат шуда ба по хестам. Аз дилу ҷон ба Гулсунапа ва писаронаш ёрӣ мерасондам, гоҳ-гоҳ дунболи молашон низ мерафтам. Иттифоқан, рӯзе дар хонаи ӯ машғули тароша кардан будам, ки дарвозаашро аз берун кӯфтанд. Давида рафтаму онро боз кардам. Дарвозаро кушодаму аз ҳайрату шигифт сари ҷо шах шудам: рӯ ба рӯям падарам ва дунболи ӯ амаки Ризвон ба асо такя зада меистоданд. Падарам низ маро диду чеҳрааш боз шуд, чашмонаш гӯё медурахшиданд. Ӯ бо ҳаяҷон «писарҷон!»-гӯён маро ба оғӯш кашид. Ӯ маро дар бағал зер карда, аз сару рӯям мебӯсид, аз хурсандӣ ба чашмонаш ашк ҳалқа зада буд. Аз ин вохӯрии ғайричашмдошт ҳар дуямон бениҳоят хушҳол будем.

Маълум шуд, ки он рӯз падараму амаки Ризвон ба тӯйи яке аз дӯстонашон омадаанд. Дар тӯй, ҳангома-ҳангома гуфтаанд, ки ҷавоне ғариб аз кӯҳпоя чанд вақт боз муқими хонаи Гулсун аст. Бо шунидани ин хабар падарам ёди маро мекунад. Ҳарчанд ӯ аз Ботурбой дар зери барфу бӯрон мондани маро мефаҳмад, аммо ба ҷавонмарг шудани ман билкул бовар накардааст. Аз ин рӯ, бо шунидани пайғоми аҳли тӯй ба суроғи «ҷавони ғариб» мешитобад...

Мо он шаб дар хонаи Гулсунапа мондем. Падарам изҳори миннатдорӣ кард ва хост ба ивази ғамхориҳояш ӯро розӣ кунад. Аммо Гулсунапа пул нагирифт, танҳо хоҳиш кард, ки ҳар гоҳ имкон даст дод, аз кӯҳпоя барояш панҷ-шаш кило арзан фиристам. Мехост ҷохоби набераашро дар гаҳвора бо

арзан пур кунад. Субҳи рӯзи дигар бо ҳамдигар худоҳофизӣ кардем ва ману падарам ва амаки Ризвон роҳи деҳаамонро пеш гирифтем.

Ман дубора ба зодгоҳи азизам, ба оғӯши оилаамон, ба доираи дӯстони деҳотиам баргаштам. Аз он чиз бениҳоят хушҳол шудам, ки модарандарам ба куллӣ тағйир ёфта буд. Аз дағалӣ ва сахтгуфториҳои ӯ нишоне надидам, баръакс, аз ман ҳар гуна лутфу меҳрабониро дареғ намедошт...

## Дар сарбозӣ

Ҳавои Калининград сарду салқин буд. Азбаски аёсу бодҳои хунук ҳамвора аз ҷониби баҳрҳои атрофи он вазида меистод, ҳатто дар чилаи тобистон намешуд тани бакурта гашт. Ба хусус, шабҳое, ки ба посбонӣ мерафтем, тану тӯшамонро муҳкам печонда, аз зери мӯза ду қабат пойтоба мебастем. Тайи ду соати навбатдорӣ дар як ҷо истодан амри муҳол буд. Пайваста атрофи посгоҳро дар пайроҳаи борике қадам зада мебаромадем. Он чӣ дар маҳалли нигаҳбонии мо, васати анбӯҳи дарахтони булуту коҷу тӯс ба чашм мехӯрд, теппаҳои сабзпӯше буданд, ки ду-сетоӣ дудкашҳои филизӣ доштанд. Мегуфтанд, ин теппаҳо анборҳои махфии силоҳ ва олоти низомист. Дар фосилаи панҷ-шашметрӣ аз пайроҳаи роҳгардии мо ба дарозо ҳифози симхордор кашида шуда буд ва берун аз он саросар буттазору ҷангали бепоён ба назар мерасид.

Ҳар гоҳ навбати ман меомад, саъй мекардам ду соати посдориро бо ҳушёрӣ ва бе дилтангӣ сипарӣ кунам. Бештар, вақте ки медидам аз қадамзанӣ ҳавсалаам сар меравад, корди сари автоматамро дар оварда, аз дарахтҳои ғафстари канори пайроҳа фосила мегирифтам ва дурудароз машғул мешудам ба кордпартоӣ. Бо партобҳои аввалӣ кордам ба «нишон» намерасид, вале оҳиста-оҳиста дастам роҳ меуфтод. Ҳамин ки корди партофтаам пайи ҳам ба дарахт мехалид, фосиларо дуртар мегирифтам. Ба ин минвол, дар ҳар навбати посбонӣ усулҳои нави кордзаниро меомӯхтам, аз ҳар ҳолат – рост истода, хоб рафта, давр зада, пуштнокӣ... корд мезадам. Ҳар гоҳ ин машғулият низ ба дилам мезад, дубора оғоз мекардам ба қадамзанӣ ва фурӯ мерафтам ба ёди «обу ҳаво»-и ватан. Ҳарчанд Калининград аз диёри мо дар фосилаи даҳҳо фарсах воқеъ буд, аммо боре ҳам эҳсоси ғарибӣ ва ҷудоӣ накардаам. Танҳо хумори рангу навоҳои зодгоҳам, навозишҳои одамони дилсӯз, мисли янгаи Равза, Ойгулапа, Гулсунапа, ширин-ширин торҳои мағзамро навозиш мекарданд.

Дар овони наврасӣ аз либоси сарбозӣ хушам меомад. Ҳар гоҳ марди ҳарбиеро медидам, нигоҳам дурудароз ба ӯ дӯхта мешуд, ба назарам, ин тоифа аз ҳама афроди дигар фарқ мекарданд. Алалхусус, тозагӣ ва сари ҷо хуб нишастани формаи низомӣ, барҷастагии пагонҳо, медалу нишонҳои сарисинагӣ ва хат-хатиҳои изофагӣ дар шалвори ҳарбиён ҷолиби диққат буд. Роҳгардӣ ва муоширату муомилаи онҳо низ шеваи худро дошт. Ҳар қадар бузургтар мешудам, дар дилам орзуи аскар шудан бештар ҷавона мезад. Сарбозӣ, ба назари ман, мактаби ҳақиқии ҳаёт буд. Чунин эҳсос мекардам, ки марду зани деҳаамон ва ҳатто духтарон ба ҷавонҳои аз хидмат омада бо

чашми дигар менигаристанд. Дар тасаввури онҳо танҳо касе, ки давраи сарбозиро мегузашт, солиму бенуқсон ҳисоб мешуд. Ҳатто мӯд шуда буд, волидон духтарони худро танҳо ба ҷавонҳое медоданд, ки аз аскарӣ баргаштаанд ва нахустин саволи онҳо ба хостгорони омада низ чунин буд: «Ҷавон аскарӣ рафтааст ё не?» Фикр мекунам, ин ҳама эътиқод на фақат ба хотири он буда, ки домод обутобёфта ва ҷасуру «мард» бошад, ҳамчунин ишора ба он буда, ки ҳимояти ватан қарзи муқаддаси ҳар як ҷавон аст!

Фасли тирамоҳи Калининград серборон меомад. Баъзан ҳангомаи борон канда нашуда то ду-се ҳафта идома меёфт. Мо боронихои доманбаланди худро аз даст намегузоштем. Ба хусус, ҳангоми посбонӣ боронӣ роҳати ҷон буд.

Аз рӯйи тартиб, дар яке аз шабҳои боронӣ навбати нигаҳбонии ман ба соати дуи шаб рост омад. Сержанти мутасаддӣ гурӯҳи чорнафараи моро дар чор посгоҳ пахш намуда ба хобгоҳ баргашт. Ман баробари шуруи кор бандаки кулоҳи барониамро муҳкамтар бастам ва милаи автоматро таҳи доман пинҳон карда, аз пайроҳаи ошно пардохтам ба қадамзанӣ. Борон бо шиддат меборид. Чароғҳои посгоҳ аз ғояти резиши борон тирагии атрофро он қадар равшан намекарданд. Садоҳои шабеҳи «хишир-хишир», «шарақ-шарақ» аз байни дарахтону буттазор он қадар зиёд буд, ки аслан фаҳмида намешуд ин ҳама таниши садо аз куҷосту аз чӣ дармеояд.

Вақте ки посгоҳро як бор давр задам, итминон ҳосил кардам, ки ҳама ҷо амну амон аст. Сипас, ба хотири каме истироҳат кардан, рӯйи кундаи дарахте нишаста гирифтам. Нишаста будаму ногоҳ садои ғурриши ноошное аз беруни ҳифози симхордор риштаи хаёлотамро барканд. Дарҳол аз ҷо хеста ба сӯйи овоз хира шудам. Аз васати дарахтҳо сиёҳие монанди одам ба сӯйи посгоҳ меомад. Ҳарчанд дар фосилаи дуртар буд, бо садои баланд фарёд задам: «Исто сари ҷо! Кӣ меояд?!» Аммо ҷонвари «сиёҳ» ба фармони ман итоат накарда наздиктар омадан гирифт. Вақте ки бағали симхор расид, дубора дод задам: «Исто! Мепарронам!» Вале он хӯсаи ҷондори сиёҳ ба суханҳоям эътиноe ҳам надод ва ғайри интизор, хез заду худашро ба симхорҳо зад. Дигар ҳуш аз сарам парид. Бе он ки фармоне диҳам, дарҳол зомини автоматро аз ҳолати сифр озод кардам ва бе ҳеч гуна тирандозии ҳушдордеҳӣ мустақиман ба «душман» тир холӣ кардам. Бо ҳарос зоминро ба ҳолати автоматӣ гузошта будаам, ки дар як он нисфи тирдон холӣ шуд. Ҷонвари «гапношунав» ҳеч муқобилате накарда, ба ҳифоз часпиду лағжида ба замин уфтод ва садои шалаппосие ба гӯш омад. Агарчи ангуштамро аз куланг бардошта будам, ҳанӯз сари ҷо карахт меистодам ва ҷуръати наздик шудан ба ҳадафи худро надоштам. Шояд аз тарс буд, дастҳоям кам-кам меларзиданд, автоматро бо фишор зери оринҷ нигаҳ медоштам. Лаҳзае нагузашта, аз пайроҳаи посгоҳ давида омадани се нафарро дида мондам. Бе истиҳола, ба сари онҳо низ дод задам: «Исто! Кӣ меояд!» «Ин ман, сержант Глобус!»-баланд шуд садои ошно. Ба тану ҷонам хун давид, худамро ба даст гирифтам, автоматро ба китфам ҳамоил карда, ба сӯйи сержант қадам задам ва роҷеъ ба воқеаи содиршуда гузориш додам. Танҳо пас аз ин бо ҳам рафта

ҷасади дар обу гил ғӯтидаро нигоҳ кардем: хирсе буд, бадҳайбат, бо пӯзаи ғафсу шиками калон ва поҳои кулуфт. Аз кори кардаам хиҷолат кашидам, пеши сержанту ҳамраҳонаш замин намекафид, ки дароям. Вале онҳо бо завқ механдиданд ва сержант, дар ҳоле ки аз забонаш «молодетс»-гӯйӣ канда намешуд, амр кард, ки гавдаи хирсро кашида ба канори пайроҳа гузорем...

Баъд аз он воқеа «қаҳрамонӣ»-и ман дар тамоми воҳиди низомӣ овоза шуд. Ҷолиб ин буд, ки сарвари взводамон ҳушёрии маро назди сарбозони даста таъриф карда пуле ба миқдори як моҳонаи аскарӣ подош дод ва як рӯз ҳам ба хотири тамошои шаҳр аз хидмат озод кард.

* * *

Дар фосилаи яккилометрии сарбозхонаи мо деҳае буд ба номи Майский ва ин русто дар гирду атрофи Калининград бо асалпарварони худ шуҳрат дошт. Дар хусуси марғубият ва харидоргир будани асалҳои ин деҳа ҳангомаҳои зиёд аз даҳон ба даҳон мегашт. Аз он даме, ки таърифи Майскийро шунида будам, дар дилам орзуи дидани он ва бештар аз ҳама, чашидани таъми асалҳои нобаш туғён мезад. Мехостам ҳарчи зуд кандуҳои занбӯри асал, усул ва ҷойи парвариши он ва асали тару тозаро бо чашмони худ бубинам. Ҳанӯз дар овони кӯдакӣ иштиёқи ман ба асал бедор шуда буд. Вақте ки падарам аз сафарҳояш бармегашт, гоҳе бо худ асал низ меовард. Агар асали овардааш тоза мебуд, бо хушҳолӣ «баҳ, баҳ»-гӯён таматтуъ мекард ва ба ҳафт пушти асалфурӯш дуои нек мефиристод. Ӯ мегуфт, гирифтани асал машаққатҳои зиёд дорад, на ҳар кас аз уҳдаи ин кор мебарояд. Асалпарварон маҷбур мешаванд чор фасли сол ҷо иваз карда истанд. Онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯйи марғзору гулзори нав мегарданд…

Баъд аз интизориҳои тӯлонӣ, дар як шаби маҳтобӣ сарбозхонаро бо мақсади Майский тарк кардам. Ҳарчанд то он дам боре ҳам бе иҷозат аз ҳудуди воҳиди низомӣ берун нарафта будам, он шаб бо умеди дарёфтани асал гирифтори васвасае шудам ва аз пайроҳаҳои пинҳонӣ чанд чиғу деворро гузашта, ба «самоволка» баромадам. Масофаи як километр барои ман чизе набуд ва бе он ки касе аз рафтани ман хабар ёбад, пас аз андак муддат худамро ба соҳили рӯдхонаи хурдаке расондам. Он тарафи рӯдхона шаҳраки чароғони Майский бо равшании маҳтоб хеле зебо ба назар мерасид. Тамоми хонаҳо яксохт буданд ва бомҳои шиферии онҳо он қадар нишеби баланд доштанд, ки дар интиҳо дами ханҷарро мемонданд. Шояд ба хотири тез шорида фуромадани боронҳои ҳамешагӣ шиферҳоро чунин насб мекарданд. Он тавре ки тасаввур мекардам, ҷойгиршавии иморати Майский мисли хонаҳои деҳаи ман набуд, балки пайиҳам дар як хат қарор доштанд ва дарахтҳояш низ рад-раду муназзам ба чашм мехӯрд.

Аз пули борики овезоне, ки вазифаи пиёдагузарро адо мекард, дохили Майский шудам. Он ҷо таваккул аз аввалин кӯча ба роҳ афтидам. Ба назар мерасид, ки аҳли ин шаҳрак ба ободкардани қитъаҳои наздиҳавлигии худ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Боғчаҳои онҳо бо ҳифозҳои оҳании на он қадар

баланд иҳота шуда буд ва дохили ҳавлиҳо аз кӯча дида мешуд. Каме роҳ гаштаму чашмам ба боғчае афтид, ки пур аз қуттиҳои болои ҳам чидашуда буд. Каме дуртар кафиҳои чархдоре низ меистоданд, ки бар рӯйи онҳо бағали ҳам дарчида қафасаҳои оҳаниро гузошта буданд. Дарҳол нақлҳои падарам ба ёдам омад, ки чандин бор дар қуттиҳои махсус парвариш кардани занбӯри асалро гуфта буд. Бо дидани ин манзара гӯё ҷон гирифтам, зудтар қадам зада худро ба канори он ҳавлӣ расондам. Тавре ки ҳушу хаёлам ба дарёфтани асал банд буд ва куллан сокитӣ ва оромии атроф низ аз набудани хавфу хатаре дарак медод, оҳиста дарвозаи он боғчаро боз кардам ва қадамзанон ба назди қуттиҳо омадам. Вақте ки сарамро рӯйи ду-се қуттӣ гузошта гӯш андохтам, равшан «ҷиззас» зада садо баровардани занбӯрҳо шунида шуд. Бо шитобе, ки дар вуҷудам ҷӯш мезад ва бо иштиёқу ҳаваси ҳарчи тез дидани асал, бетоқатона яке аз қуттиҳоро боз кардам. Даричаи қуттиро кушодаму аз лашкари беҳисоби занбӯри асал ба ваҳшат омадам. Тамошои ман як чашмандозии кӯтоҳе буду бас. Ба маҳзи ин ки занбӯрҳо дар остонаи худ пайдо шудани бегонаеро пай бурданд, бе истиҳола чун мавҷи пурталотум ба сару рӯям фурӯ рехтанд. Дар як он тамоми сару сурат ва дасту поҳоям туъмаи занбӯрҳо гардид ва мани бечора беист дасту почакзанон фарёд задам: «Вой дод, ёрдам диҳед!!» Лаҳзае нагузашта худамро гум кардам, бе ҳеч гуна муқобилате ба замин уфтодам ва пеши чашмонам зим-зиё торик шуда рафт…

Дар ёд дорам, бо дамидани гармие дар тану ҷонам чашмҳоям боз шуданд. Ба ҳуш омада худро дар бемористон, дар иҳотаи ҳамшираи тиббӣ, сарвари взводамон ва як пирамарди ношинос, ки ба эҳтимоли зиёд «duздӣ»-и ман дар боғи ӯ сурат гирифта буд, дидам. Онҳо ба ман нигоҳкунон хомӯш менишастанд, маълум буд, ки мунтазири ҳушёр шудани ман ҳастанд. Чашм кушодани маро дида, ба навбати аввал, ҳамшираи тиббӣ хушҳол гардид, аз хурсандӣ ба лабонаш табассуми малеҳе дамид ва бетоқатона ба ҳамраҳони худ рӯ оварда гуфт:

– Бубинед, ба ҳуш омад!

– Худоро шукр, – оҳи сабук кашид пирамард.

Сарвари взводамон ҳам курсиашро наздиктар кашида аз дастам гирифт ва бо оҳанги омиронаи худ, вале бо мулоимат пурсид:

– Ҳолат чӣ тавр, қаҳрамон? Гурехтанат то ҳамин ҷо буд?

Ман хиҷолат кашидам ва базӯр зери лаб пичиррос задам:

– Маро бубахшед, ғалат кардам.

– Омадаш будааст, – риши сапеди пурпушту гирди худро масҳкунон гуфт пирамард, – агар овозашро намешунидам, зинда монданаш дар гумон буд.

– Давои худсарӣ ҳамин! Каме азоб кашад, дигар ҳаваси асал намекунад, – афзуд сарвари взвод.

– «Ҷони нодон дар азоб»-гуфтаанд, бечора аз куҷо донад, ки занбӯри асал ҳам заҳрнок аст, – илова кард ҳамшираи тиббӣ, – агар занбӯр доштани қуттиҳоро медонист, шояд даст ҳам намезад.

Дар ҳоле ки ҳарфҳои онҳоро мешунидам, саъй кардам дасту поҳоямро ба ҳаракат дарорам. Ҳар қадар зӯр мезадам, бефоида буд. Гӯё тамоми баданам бод дошт, сартопо пӯсти танам, мисли ин ки аз зераш кайк роҳ меравад, «пир-пир» мепарид. Ба хусус, сару суратам пуфаки боддодаеро мемонд ва ҳис мекардам, ки гӯшу чашму лабонам гӯё сари ҷойи худ нестанд.

Баъд аз чордаҳ рӯзи бистарӣ ба по хестам ва ба воҳиди низомӣ баргаштам. Ҳарчанд ҷазое ба ман муқаррар накарда буданд, аммо дар ҳама маҷлису дарсҳои тарбиявӣ ман мавриди мисолу интиқоди сарварон қарор мегирифтам. Азбаски худам айбдор будам, ҳама сарзанишу танқидро бо сари хам қабул мекардам. Ҳамхидматонам низ шӯхиомез «амалиёти шабона»-и маро бо обуранг ва тахайюлоти бофтаи худ зуд-зуд ёдовар мешуданд.

Дуруст, ки он замон ман худро дар хатар монда будам ва ҳазлу шӯхиҳо низ ба ҷонам расида буд, лекин аз сӯйи дигар суде бардоштам, фавқулода бебаҳо! Бо заҳри занбӯри асал ба дарди деринае, ки дар мағзи устухонҳоям хона карда буд, дармон бахшидам. Азбаски дар айёми ятимиву мардикориҳо чандин бор зери боду борон ва сармоҳои ҷонгир мондаам, камару мафосилу поҳоям нам бардошта дарднок шуда буданд ва гоҳу бегоҳ сӯзишҳои ҷонкоҳе азиятам медод. Баъд аз «туъма»-и занбӯрҳои асал гардидан билкул аз ин дард фориғ шудам!

Ҳамин тавр, пас аз он ки аз Ҷадир омадам, баъд аз муддати кӯтоҳе маро ба хидмат фиристоданд, се соли сарбозӣ низ чун бод гузашта рафт. Баробари ба деҳа омадан вазифаи муҳимтар кӯндаланг дар пеш меистод – мебоист касбе ёд бигирам. Бо ин мақсад падарам маро ба Самарқанд фиристод. Ман шуғли духтуриро пеша кардам.

## Дарсҳои зиндагӣ

Шиносоии ман бо Алиоқо дар чойхонаи Сиёб сурат гирифта буд. Ҳар гоҳ бо дӯсти ҳамкурсам Мавлон барои шом хӯрдан вориди чойхона мешудем, сараввал ин марди ботакаббур, ки ҳайкали бузург, чашмони дурушти обиранг ва қавоқҳои овезон дошт, ба назар мерасид. Ҷойи ӯ фақат як ҷо – рӯйи кати пешгаҳи чойхона буд, ки оринҷи худро ба лӯлаболишт такя дода менишаст. Муштариён ғизоҳои мухталиф тановул мекарданд, аммо дар пеши Алиоқо ҳамеша як лаълича салату як шиша арақ меистод. Зоҳиран чунин менамуд, ки ӯ ба касе эътиное надорад ва побанди хаёлоти худ аст, аммо дар асл ин тавр набуд. Алиоқо ҳар фарди воридшударо кунҷковона аз зери чашм мегузаронд. Ба касоне, ки ӯро дидан замон дасташонро рӯйи сина гузошта, бо тамаллуқ салом мегуфтанд, сарашро ба унвони «алейк» ҷунбонда мемонд.

Боре Мавлон дар назди санбӯсафурӯшӣ навбат истоду ман як чойник чой гирифта дохили чойхона шудам. Пушти мизе нишаста ҳанӯз як пиёла чой нахӯрда будам, ки аз ҷониби санбӯсафурӯшӣ садои ғалоғула баланд шуд. Нигоҳ кунам, чор нафар ҷавони ношинос ба Мавлон дарафтидаанд. Хунам ба ҷӯш омад, бе таваққуф аз ҷо баланд шуда ба ёрии дӯстам шитофтам. Аввалин коре, ки кардам, ду ҷавони аз гиребони Мавлон гирифтаро ба ду ҷониб тела дода, дӯстамро берун кашидам. Ӯ аз нигоҳҳои ҳайратомези ман, ки гуфтанӣ

будам «чӣ хабар, чаро ба ту часпиданд?», дарҳол рамуз фаҳмида бо овози баланд арз кард:

– Лаънатиҳо навбатамро гирифтанӣ шуданд! Фикр карданд ман гӯлу гаранг ҳастам!

Ғайримунтазир, дар ҳамин асно муште сахт ба буни гардани дӯстам нишаст. Бо дидани ин ҳол инони ихтиёри ман низ аз даст рафт. Ҳамоно худамро дар ҳолати омодагӣ ба задухӯрд гирифтам ва бо ҳар усуле, ки медонистам, шуруъ кардам ба кӯфтани авбошҳо. Чӣ ҷойи пӯшидан, ин гуна дарсҳои ҷанги тан ба танро дар сарбозӣ омӯхта будам. Он лаҳза ёдгирифтаҳоям кор доду он чор нафарро ба танг овардам. Ҳамаашон ҷавонҳои қадбаланду тануманд буданд, аммо, бе муболиға, ҳеч кадоме дар баробари зарбаҳои ман тоқат наовард. Дар андак фурсат ҳар чорторо ба замин хобондам. Вақте ки бовар ҳосил кардам, дигар маҷоли муқобилат надоранд, дубора бо дӯстам вориди чойхона шудем. Одамҳои атроф аз талошҳои мо ба завқ омада буданд ва бо нигоҳҳои худ гӯё ба ман «аҳсант» мехонданд. Ҳамин ки дохили чойхона шудем, садои баланди кафкӯбии касе шунида шуд. Ин Алиоқо буд, ки аз ҷо хеста ба пешвози мо меомад. Дасти маро фушурд ва бо дасти дигар ба китфам тап-тапзанон гуфт:

– Офарин, бародар, то ба ҳол инчунин манзараро тамошо накардаам! Ана, ин гапи дигар, ҳоло мешавад гуфт, бо кӣ месазад ҳавои дӯстӣ гирифт...

Ҳамон ҷо бо Алиоқо аз наздик ошно шудем. Ӯ марди паҳлавоне буд аз тоифаи эрониҳои Самарқанд. Дар байни мардум бо хислатҳои наҷиби худ маъруфият дошт. Гурӯҳҳои харобкору авбош, ки он солҳо лак-лак буданд, аз ӯ мурданивор метарсиданд. Касе ҳарфашро дуто намекард. Хонаю ҷо ва зиндагии Алиоқо хеле одӣ ва ҳатто фақирона буд. Агарчи дӯстону ҳаводоронаш майл доштанд ҳар лаҳза аз ӯ пуштибонӣ кунанд ва ҳар чӣ мехоҳад барояш муҳайё созанд, ӯ қабул намекард, дӯст надошт зери бори миннати касе монад.

Аз он муштзанӣ ба баъд ман ҳамчун «дасти рост»-и Алиоқо шинохта шудам. Бо мурури замон чунон алоқаманди якдигар гардидем, ки қариб ҳар рӯз, бо даст додани вақти фароғат, ба дидори ҳамдигар мешитофтем. Аз он ки бо марде мисли Алиоқо дӯстӣ доштам, ифтихор мекардам. Мо аксаран пиёда гаштанро меписандидем. Ҳар гоҳ аз дарсҳоям озод мешудам, дарҳол роҳи манзили ӯро пеш мегирифтам ва бо ҳам бештар то боғи истироҳат қадам мезадем. Роҳравон аз насими шомгоҳӣ, аз накҳати диловези чаманзори канори хиёбон ва аз шаббодаи фавтораҳои об роҳат мебурдему суҳбатҳоямон дар ҳар хусус қӯр мегирифт. Азбаски ман дар омӯзишгоҳи тиббӣ дарс мехондам, Алиоқо аксаран аз бахши бемориҳову дармонҳо маро саволборон мекард. Ман аз бозгӯ кардани мавзуи нав ё навгониҳои соҳаи тиб монда намешудам. Алалхусус, аз нақлҳои ман роҷеъ ба гиёҳони шифобахши кӯҳистон хушаш меомад. Ӯ низ он қадар кунҷков буд, ки дам нагирифта пурсишу бозҷӯйӣ мекард.

Ҳар гоҳ бо Алиоқо ба чойхона ё ресторан мерафтам, Мавлони дӯстам низ ба мо ҳамроҳ мешуд. Агар Алиоқо барои худ арақ мефармуд, Мавлон ҳам

ба ӯ пайравӣ карда шароб суфориш медод. Дӯстам ба шаробнӯшӣ хеле алоқа дошт ва каме хуморӣ мешуду сар мекард ба манаҳзанӣ, ба таърифу тавсиф. Аз сергапии ӯ Алиоқо ғаш намекард, баръакс хушҳол мешуд. Ҳар ду бо бода мағзи худро гиҷ карда, аксаран перомуни духтарҳои замонавӣ ва занҳои ҳангоматалаб суҳбат меоростанд ва кайфияти худро чоқ мекарданд.

Боре сенафарӣ дар ресторани «Ғунча» ғизо мехӯрдем. Алиоқо ва Мавлон ширакайф буданду гарм машғули суҳбат.

– Фақат пинҳон накун, то имрӯз бо чанд зан ҳол кардаӣ? – нимҳазлу нимҷиддӣ пурсид Мавлон.

– Номард, ман фақат бо духтарон ҳол мекунам, – шумханд зада гуфт Алиоқо, – аммо ҳисобаш аз даст рафта.

– Ту як марди баобрӯ ҳастӣ, агар ба чашми дигарҳо биафтӣ, хиҷолат намекашӣ?

– Аҷаб содаӣ, магар ман аҳмақам пеши мардум ҳол кунам?

– Ҳеч боварам намеояд, ба назарам ту аҳли ин корҳо нестӣ, – афзуд Мавлон.

– Шояд аз назари ту чунин аст, аммо ман ҳам бадкорам. Ин арақ аст, ки маро хароб мекунад, – гуфт Алиоқо ва идома дод: – Вақте ки одам маст шуд, дигар намедонад чӣ кор мекунад. Ҳамин ҳозир ҳам бубин чӣ қадар арақ хӯрдам, як шишаро тамом кардам-а!

– Бо ин ҳайкалат як шиша кам, – хандида гуфт Мавлон.

– Воқеан, ин чизе нест, як вақтҳо шишаҳоро пайи ҳам боло мекашидам. Дӯстонам мегуфтанд: «Алӣ чӣ кор мекунӣ?». Ҷавоб медодам, ки «дасти худам нест, чӣ кор кунам?» Боз мегуфтанд: «Ҳар чиз ба меъёраш хуб аст». Ман бошам, панди онҳоро гӯш намекардам ва нах мезадам: «Шумо зиндагиро намефаҳмед. Бо ҳамин гумроҳӣ умр дида, рӯзе мебинед, ки хушку холӣ афтидаед, фартут ҳастеду коре аз дастатон намеояд».

– Акнун чӣ, зуд маст мешавӣ? Қувватат рафта?

– Не, ин тавр фикр накун, ҳанӯз дармонам хушк нашудааст. Агар хоҳӣ, ҳоло ҳам тартиби чандтоаша медиҳам.

– Қоил ба ту! – хушҳолона хандиду гуфт Мавлон. – Аз дарсҳоят ба мо ҳам омӯзон! Ислом-ку аҳли ин корҳо нест, аммо ман иштиёқ дорам, хеле мехоҳам, ки бо духтарон ҳамнишин бошам. Охир, синну соли мо ҳам рафта, бояд зан гирем!

– Ту ҳанӯз бачаӣ, Мавлон, таҷриба надорӣ.

– Хуб, чашми маро кушо! Ё метарсӣ, ки дӯстдухтарони туро аз роҳ мезанам?

– Ин кор аз дасти ту намеояд.

Алиоқо ва Мавлон ба ин зайл машғули суҳбат буданду ман ғарқи хаёлоти худ. Бо ин ки як гӯш ба гапҳои дӯстонам буд, пеши назар чеҳраи падарам ҷилвагар мешуд. Вақте ки аз сарбозӣ омада будам, ӯ ҷойи нишаст намеёфт, ин қадар хурсанду сари ҳол менамуд, гӯё дурри гумкардаашро пайдо карда бошад. Ӯ ба ман зеҳн мемонду шодмониашро пинҳон карда наметавонист, гӯё аз мағзи чашмони фурӯрафтааш нур меборид. Падарамро

пас аз се соли сарбозӣ солманду солортар медидам. Маълум буд, ки аз ниҳояти камхобӣ ва китобхониҳои беохир дидаҳояш хастаю камнур шудаанд ва чину ожангҳои пешониаш низ аз пиртар шудани ӯ дарак медод. Ӯ бо меҳр гуфта буд: «Акнун, писарам, вақти зангириат ҳам расид, бояд саратро ҷуфт кунам». Ман бошам, дар ҳоле ки аз хиҷолат сурх шудани худро ҳис мекардам, ҷавоб додам: «Ҳанӯз вақт ҳаст, додо, зан намегурезад. Аввал бояд ба хондан равам». Ӯ каме фикр карда, нигоҳе ҷиддӣ ба ман андохт ва бо изҳори ризоят аз гуфтаи ман, афзуда буд: «Ин гапат ҳам ҷон дорад, худам низ даст дар бағал карда нишастанро дӯст намедорам. Ба куҷо рафтанӣ?» «Мехоҳам духтур шавам, бо Мавлон ба Самарқанд меравем», – ҷавоб додам ман. Ин тасмимам ба ӯ маъқул омад магар, бо меҳр дасташро рӯйи шонаам гузошта изҳор намуд: «Бале, писарам, он чиро дилам мехост, гуфтӣ! Ба дарди мардум дармон бахшида савоб мегирӣ, дар ин ду-серӯза ҳаёт фақат нағзӣ мемонаду бас. Агар солҳои пеш ҳам духтур мебуд, раҳматӣ модарат, бародару хоҳаронат барвақт аз дунё намегузаштанд. Касалиро пешгирӣ накунӣ, оҳиста-оҳиста одамро хароб мекунад, мехӯрад, аз по меафтонад...» Падарам дард дошт, дар мағзи ҷонаш дарди ҷудоӣ, дарди дасткӯтаҳиро, ки натавонистааст сари вақт ба доди азизони худ бирасад, ҳис мекард. Ӯ ба ман итминон дошт ва азояндаам аслан хавотир намекашид, бо дилпурӣ маро ба хондан гусел кард.

Аз ғиреви Алиоқову Мавлон ба худ омадам. Ҳазлу шӯхиҳои онҳо ба ҷарру баҳс расида буд. Алиоқо ба Мавлон шарт мегузошт ва бо назари ҷиддӣ мегуфт:

– Агар, ҳамин пешхидмати ресторана ба гап бигирӣ ва бо ӯ қарори мулоқот кунӣ, чокарат ҳастам, ҳар чӣ хоҳӣ омода месозам.

Мавлон ҳам паст наомада ҷавоб дод:

– Агар ин тавр аст, тамошо кун! Баъдан нашавад, ки аз навкарӣ фирор кунӣ?

Онҳо ба ҳам даст доданд ва ба ман рӯ оварданд, ки шарташонро бибурам, доварӣ кунам. Ман бе ҳеч фикру хаёл дастамро бо як ҳаракат ба васати дастҳояшон задам ва аз ҳам ҷудо кардам. Мавлон бо виқор аз ҷо баланд шуду ба сӯйи духтари пешхидмат, ки дуртар аз мо мизи аз муштариён холишудаеро тоза мекард, қадам зад. Духтар хеле зебо буд: рухсори гирд, синаҳои дамида ва поҳои ғафс дошт. Мӯҳои мишкини худро бофта, як қабза карда ба пушт партофта буд ва аз болои пероҳани ба тан часпидааш пешдомани сафеде дошт. Мавлон назди духтар расида пушти мизи мураттабкардааш нишаст ва ӯро ба сӯйи худ хонд. Духтар фикр кард, ки Мавлон шом мехоҳад, дафтари ғизоро дар пеши ӯ гузошта дар назди курсиаш мех шуд. Мавлон бошад, дафтарро онсӯтар лағҷонд ва ишора кард, ки ӯ низ бишинад. Духтар аз асли қазия бехабар, паҳлуи ӯ нишаста гирифт. Ба чеҳраи Мавлон табассум давид ва ба сӯйи мо як нигоҳ андохту хушҳолона шуруъ кард ба суҳбат. Лаҳзае гузашту абрувони духтар гиреҳ хӯрд, ба дӯстам бо теғ нигоҳкунон суханҳое гуфт ва хост аз ҷо баланд шавад. Аммо Мавлон аз дасташ доштy дубора сари ҷояш нишонд ва дубора ба таърифу манаҳ задан

идома дод. Гуфтугузори онҳо барои мо ношунаво буд, аммо аз ҳаракатҳояшон ҳолати ҳар дуро мушоҳида карда хулоса баровардан мушкил набуд. Ба хусус, авзои духтар манзараро равшан бозгӯ мекард. Алиоқо зери лаб пичиррос зад: «Ҳоло бубин чӣ маҳшаре барпо мешавад». Духтар боз каме ба суханҳои Мавлон гӯш андохту дигар ҳавсалаааш сар рафт магар, аз ҷо хестанӣ шуд. Ин дафъа дӯстам аз бозуи ӯ дошта ба сӯйи худ кашид. Дигар тоқати пешхидмат тоқ шуд, оташ гирифт, бо ғазаб қулоч кашида як торсакии обдор ба рӯйи Мавлон фуровард ва дасти ӯро бо зарб тела дода аз пайи кори худ рафт. Дӯсти мо сари ҷо нишаста монд, бо як даст чакаки шаппотихӯрдаашро дошта меистод. Аз хиҷолат афту андомаш қирмизранг шуда рафт, гӯё хунаш ба рӯ дамида буд. Ин ҳолат барои Алиоқо дастаки хубе шуду бо тамоми овоз қоҳ-қоҳзанон хандида фиристод. Садои хандааш дар тамоми ресторан танин андохт. Мавлон бошад, бештар дар хиҷил шуд ва мисли пишаки дар об зада пакару овезон гавдаашро аз курсӣ бардошта на ба сӯйи мо, балки мустақиман ба самти дари баромад қадам ниҳод. Ӯ шартро бохта буд. Алиоқо аз хурсандӣ худашро дошта наметавонист, дастонашро рӯйи шиками гундааш гузошта, беист механдид. Агарчи ботинан ба ҳоли дӯстам раҳмам меомад, наметавонистам ба хушҳолии Алиоқо низ ҳамроҳӣ накунам. Содагии Мавлон маро низ ба завқ оварда буд. Алиоқо базӯр хандаашро фурӯ нишонда, ашки чашмонашро поккунон гуфт:

– Шон зангир шудаанд, шон духтар мехостаанд! Боз ҳам худситойӣ кун Мавлон, Худо бигирад камақлии туро! – боз ҳик-ҳиккунон зад зери ханда…

* * *

Вақте ки ман дар Самарқанд машғули таҳсилу омӯзиш будам, апаам Орзу бо шавҳари худ дар Миёнкол иқомат дошт. Азбаски то Миёнкол роҳи дуре набуд, зуд-зуд аз онҳо хабар мегирифтам. Баъзан бори таҳсилоту машғулиятҳо аз ҳолати муқаррарӣ бештар мешуду дертар ба дидорбинӣ мерафтам. Онҳо чунон ба ман хӯ гирифта буданд, дар ин мавридҳо нигарон мешуданд ва ҳамин ки ба хонаашон мерасидам, аввал банди гилагузориро раҳо мекарданд. Ба хусус, акаи Кӯчар норозиёна ва каме қаҳролуд мегуфт: «Моро фаромӯш кардӣ? Ё акнун бачаи калон шудӣ?» Апаам низ бо дилсӯзӣ меафзуд: «Дер накун, додарҷон, ҳавосамон парешон мешавад. Шаҳри бегона, аздусар нимсеру нимгурусна мегардӣ. Моҳе як бор биёӣ ҳам, сарамон ба осмон мерасад, бароят аз будааш майда-чуйда тайёр мекунам».

Воқеан, дар солҳои донишҷӯйӣ апаам ёрирасону ғамхори ман буд. Ҳар гоҳ ба дидани ӯ меомадам, либосҳоямро мешуст, нағзакак меҳмон мекард ва ҳангоми рафтан пул медоду кӯлборамро бо нону биринҷу қанду курс пур мекард.

Мегӯянд, «тарс бародари марг аст» ва ҳаёт нишон додааст, ки ҳатто мардони ҳузарбу ҷасур ҳам вақти гирифтор шудан ба доми тарсу ваҳм сари калобаи худро гум мекунанд. Боре ман низ дар яке аз сафарҳои худ ба Миёнкол мубталои ин балои ногаҳонӣ шуда будам. Ҳанӯз ҳам, агар он воқеа

ба хотирам расад, мӯҳои сарам сих мешаваду вуҷудамро вараҷа фаро мегирад.

Яке аз рӯзҳои таътилоти тобистона буд ва ман ба хотири дидорбинӣ ба сӯйи манзили апаам рахти сафар бастам. Азбаски ҳеч гоҳ ба хонааш дасти холӣ намеомадам, аз истгоҳи автобусҳо сараввал роҳи бозорро пеш гирифтам, мехостам ду-се кило меваи тар харид кунам. Бозори деҳқонӣ бо растаҳои пур аз нозу неъмат ва гавҷуми одамон, ки гӯё ба сару дӯши ҳам мезаданд, маро ба оғӯш гирифт. Ҳамон лаҳзае, ки дар васати растаҳо қадам мезадаму навъҳои гуногуни меваҷоти тозаву ноб, ки бо салиқаи хосе рӯйи растаҳо чида шуда буданд, ёду ҳушамро рабуда буд, занаке пеши роҳамро гирифт ва табассумкунон ишора кард, ки аз дунболаш равам. Он занак, ки бо либоспӯшии аҷиби худ, бо кулӯта ва ҷамолаку шилшилаҳои гесувони худ аз дигарон фарқ мекард, маро ба як гӯшаи бозор бурд ва рӯйи санги паҳне нишаста як дастамро рӯйи кафи худ гирифт ва бо ҳамон табассуми ҷаззоби худ ба сухан пардохт:

– Ҷавони зебо, аз кухпоя омадӣ-мегӯям?

– Наёфтӣ, хола, агарчи куҳистониам ҳоло аз шаҳр меоям, – бе хавотир ҷавоб додам ман.

– Аз чашму абруҳоят хондам, китфу бозувонат низ туро куҳистонӣ мегӯянд. Номат кист, ҷавони зебо?

– Ислом.

– Аҷабо, гуфтам аз сару суратат нур меборад! Махсумзодаӣ?

– Ҳа, аз куҷо донистӣ?

– Бо як дидан туро хондам, ҷавони зебо, биё бо ман. – Ӯ бе он ки ба хоҳиши ман эътиборе диҳад, аз дастам кашиду дунболи худ аз бозор берун бурд ва аз паскӯчаи тангу торе рафтан гирифт ва суханашро қатъ намекард:

– Ҳафт пушти ту пеши ман аён шуд, инак гӯш куну гап назан, фолатро мекушоям. Ба ман маълум шуд, ки ту дарс мехонӣ, ҳанӯз ҳам зан нагирифтаӣ, ба хизмат рафта омадаӣ. Лекин, ҷавони зебо, пешониат шӯр будаст, зиёд ба сахтиҳои ҳаёт дастбагиребон шудаӣ, боз ҳам мешавӣ. Душманонат кам не, дӯстонат бисёр. Ба ту ҳаваси духтарон меояд, аммо нодида мегирӣ, мағрурӣ, ҷавони зебо!

– Хола, маро куҷо мебарӣ? – ҳарчанд ба фолкушоиҳои ӯ қоил мешудам, ҳавосамро ҷамъ карда пурсидам ман, – охир кор дорам, бояд ба хонаи апаам равам.

– Ту меравӣ, меравӣ ба хонаи апаат. Аҷала кори шайтон аст, аввал ба тақдират назар кун, бубин чӣ зиндагие дар пеш дорӣ, – боз ҳам беист гап мезад ӯ. – Ин муамморо ба ман бигузор, ман ба ту кумак мекунам, ба қалбат нур, ба димоғат сур, ба танат зӯр мебахшам. Ту писари покзодаӣ, падарат маърифат дорад, модарат аз олам гузашта, ҳамшаҳриҳоят одамони хоксору сода будаанд…

Он занаки лӯлимонанд аз дасти ман кашолакунон беист гап мезаду тааҷҷуби ман бештар мешуд, лолу гаранг монда будам. Ниҳоят, назди дарвозае расида табақаи хурди онро боз кард ва бо ҳам дохили ҳавлӣ шудем.

Он ҷо ба хонае, ки боми пасту дару тирезаҳои хурд дошт, даромадем. Пас аз он, ки дарун ба дарун аз ду дар гузаштем, маро дар хоначае гузошта бо садои гиро ва каме дағалона гуфт:

– Ту ин ҷо бош, ман зуд бармегардам, – ва бе он ки ҳарфи маро гӯш кунад, ба қафо гашту дарро аз берун баст ва садои ба ҳам андохтани занҷиру зулфин баланд шуд.

Нафасам дар кунҷи ҳалқам монд, саропо ғарқи шигифту ҳайрат шудам. Лолу гаранг васати утоқ, ки аз даричаи хурде базӯр равшан мешуд, рост мондам. «Ба ман чӣ шуд, – меандешидам ба худ, – чаро ба ёваҳои ин занак гӯш кардам? Маро куҷо овард?» Бо ҳамон ҳолате, ки ҳайратзада сари по меистодам, ба хона чашм давондам. Дар он ҷо ҷуз як мизи чоргӯша ва кати оҳание чизи дигар ба назар намерасид. Дар рӯйи кат кӯрпаеро андохта буданд, ки як лабаш аз пеш ба поин овезон буд. Хона, ки нимторик буд, дар зери кат, поинтар аз лабаи овезони кӯрпа сапедие равшан ба чашм мехӯрд. Бо ҳисси кунҷковӣ оҳиста по мондаму лаби кӯрпаро бардоштам. Бардоштаму ҳуш аз сарам парид: зери кат пур аз устухон буд! Ҳамон лаҳза бо дидани тӯдаи устухон як нақли Алиоқо, ки дар хусуси ҷуҳутони Самарқанд ҳикоят карда буд, ба хотирам зад. Бештар ба ҳаяҷон омадам, саропо вуҷудам ғарқи ваҳшат шуд.

Ба гуфтаи Алиоқо, боре худи ӯ ҷасади хушку қоқиштаки писари ҳамсояашро аз хонаи ҷуҳутон берун овардааст. Вақте ки мефаҳманд, писарак дар маҳаллаи ҷуҳутон гум шудааст, ҳамсоязан бо доду шеван назди Алиоқо меояд ва аз ӯ илтиҷо мекунад, ки писарашро ёфта гирад. Ӯ ба занак дил дода, бо ду нафар ҳамтабақи худ ба суроғи бача мебароянд. Ҳақиқатан ҳам, писари ҳамсояро дар хонаи яке аз ҷуҳутон пайдо мекунанд, аммо беҷону бо сурати ваҳмангез. Поҳои ӯро ба сақфи хона баста, ба поин овезон карда будаанд. Азбаски дар тамоми баданаш чандин сӯзани ҷуволдӯзӣ фурӯ кардаанд, як қатра хун ҳам дар тану ҷонаш намонда будааст…

Бо ин ки тарсу ваҳм ба руҳу майнаам фишор меовард, саъй кардам худамро ба даст гирам. Бо як ҳаракати тез ба ақиб гаштаму дари хоначаро сахт кӯфтам. Дар муҳкам буд. Барои худ хулоса кардам, ки он лӯлизан ҷуҳут аст ва мехоҳад маро туъмаи худу шарикони худ созад. Ман бошам, ҳанӯз вақт дорам, қабл аз ин бедодӣ бояд роҳи гурезро пеш гирам, аммо чӣ тавр? Нигоҳ кардам, ҷуссаам ба даричаи хона мегунҷад. Ба он наздик шудаму муште ба шишааш задам. Шишаи нозук реза-реза шуда ба поин рехт. Чолокона ба боло хез задам ва бо сар худро ба берун гирифтам. Дигар ба сӯйи дарвоза ҳам нарафта, аз девори ҳавлӣ хез зада худро дар тангкӯчаи пурпечухаме афкандам. Бо ҳамон ваҳшати ниҳоние, ки вуҷудамро фаро гирифта буд, ба қафоям нигоҳ накарда бо шитоб фирор кардам. Беист медавидаму хастагиро ҳис намекардам ва пас аз муддате, дар ҳоле ки ранги рӯям паридаву дар тану ҷонам дармон намонда буд ва наистода аз даҳону бинӣ нафас мегирифтам, худро ба хонаи апаам расондам…

Ҳамин тавр, рӯзҳову моҳҳо гузашту солҳои донишҷӯйӣ низ ба поён расид. Ману Мавлон бо дипломи омӯзишгоҳ ба деҳа баргаштем. Ман дар

деҳаи худамон ва Мавлон дар қишлоқи ҳамсоя ба шуғли духтурӣ камар бастем. Маро падарам хонадор кард. Фарзанддор ҳам шудам. Ин дам ба он рӯзҳо назар меафканаму мебинам, ки ҳарчанд одам барои хубиву зебоӣ талош кунад, лекин зиндагӣ тахту ҳамвор ва осуда намегузаштааст. Одам, бехабар аз пешомади фардо, ба гирдбодҳои ғайриинтизорӣ дучор меомадааст, тавре ки ин ҳолатҳо бо ман чандин бор рух дод.

## Неши туҳмат

Баъд аз як ҳафтаи содир шудани ҳукми додгоҳ маро низ ба гурӯҳи нуҳнафараи маҳбусон ҳамроҳ карданд. Марди ҳарбии силоҳдоре, ки бо лоғарӣ ва андоми борику гӯшҳои калони худ дар либосу кулоҳи афсарӣ хеле зишт ба назар мерасид, ба мо фармон медод. Мо низ итоаткорона дунболи амрҳои ӯ мерафтем ва ҳар чӣ мефармуд ба ҷо меовардем. Бо амри ин марди низомӣ охирин бор дар ҳавлии идораи милитсия саф кашидем. Ӯ исмҳои моро бо тартиби алифбо ва бо овози баланд хонда баромад. Баъд аз он ки сад дарсад ба сари ҷо будани мутеони худ бовар ҳосил намуд, фармон дод, ки савори мошин шавем. Дар мошини оҳании болопӯшида дастҳои моро як-як бо занҷире ба ҳамдигар бастанд ва охири занҷирро ба милаҳои канори борт қуфл заданд. Ҳамин ки дари бортро бастанд, ҷойи нишасти мо зим-зиё торик шуд, гӯё дар чоҳи бетаҳе афтида будем. Тақар-тақаркунон мошин ба роҳ уфтод.

Он рӯз моро аз Нурато ба ҳабсхонаи Каттақӯрғон мебурданд. Шояд чор-панҷ соат аз байн гузашта буд, баъд аз бардорузанҳои беохир, аз мошин пиёда шудем. Ҳоли ман беҷо буд. Аз ғояти хастагӣ базӯр сари по рост меистодам, гӯё сарам чарх мезад, дилам беҳузур мешуд. Бар замми ин, ҳавои Каттақӯрғон тираву гирифта буд, осмон ба назар намерасид, атрофро меғи парокандае фаро мегирифт, замин мунтазири бороне буд, ки намеомад. Ҳаво на гарм буду на сард, аммо намнок менамуд. Ёд дорам, чунин ҳаворо падарам намеписандид. Ӯ мегуфт, ки аз ҳавои тираву намгирифта дилам тез-тез мезанад, сарам гиҷ меравад, гӯё нафасгир мешавам. Он рӯз ҳолати падарамро равшан дар худ эҳсос мекардам. Бо вуҷуди ин нороҳатӣ, маҷбур будам ба фармонҳои афсари масъул итоат кунам. Кашол-кашол дунболи ҳамраҳони маҳкумшудаи худ қадам задам.

Мо аз дарвозаи калони нигаҳбонӣ гузашта, мустақиман ба қароргоҳи раиси маҳбас рафтем. Ман он чиро дар хусуси «қабахонаҳо» тасаввур мекардам, возеҳан дар ҳабсхонаи Каттақӯрғон низ медидам. Деворҳои баланди атрофи он бо симхорҳои печдарпеч, биноҳои хиштини яксохт, тирезаҳои баланди панҷарадор, дарҳои оҳанӣ ва ҳатто тамоми хидматгузорони зиндон – аз нигаҳбони дами дарвоза сар карда то раиси маҳбас ба назар бенуру зишт ва то ҷое тарсовар ҷилвагар мешуданд. Вақте ки гурӯҳи мо дар хонаи пазироии раис ҳозир шуд, ӯ аз зери абрувони паҳну пурмӯйи худ чашмҳояшро калон кушода, дар ҳоле ки пӯшаҳои ҷиноиро дар даст қабза мекард, лабони ғафсу кашоли худро ёзонида ба афсари масъул, ки расидани моро эълон карда буд, рӯ овард:

– Ҳама ҳозиранд?

– Оре, рафиқ майор!

– Роҳ мушкил набуд?

– Не, рафиқ майор! Аз Нурато то ин ҷо ҳеч гуна воқеаи ғайриодӣ рух надодааст!

Раис бо каме таваққуф афзуд:

– Ба шарофати шумо?

– Фикр мекунам, дастуроти ҷаноби олӣ дуруст буд, – бо тамаллуқ даҳони худро инҷ карда ҷавоб дод афсар ва афзуд: – Албатта, худи маҳбусон ҳам боодоб буданд!

Қавоқҳои раис бештар овезон шуд ва норозиёна бо садои хиратар гуфт:

– Агар боодоб мебуданд, ба ин ҷо намеомаданд, рафиқ лейтенант!

Афсари масъул сурх шуд, сарашро поин андохта хомӯш монд. Раиси маҳбас парвандаҳои ҷиноиро рӯйи миз гузошта якеро боз кард ва бо диққат ба хондан шуруъ намуд. Зоҳиран, пай бурд, ки ошноӣ бо матлаби санадҳои ҷиноӣ вақти зиёдро мебарад, дубора ба афсар рӯ овард:

– Феълан ҳамаро дар хонаи интизорӣ нигаҳ доред. Баъд аз як соат маҳалли адои ҷазоро эълон мекунам.

– Хуб шудааст, рафиқ майор, бо иҷозати шумо!

Ҳама пушти ҳам аз дунболи лейтенант берун омадем ва мунтазири қабули «ҷазо» дар хонаи интизорӣ нишаста мондем.

* * *

Ҳамин ки ба хонаи умумии маҳбусон дохил шудем, ғайриинтизор, манзараи аҷибе диққати маро ҷалб намуд – дар канори зиндониён шогирди падарам Асилака низ қадам мезад! Ӯ бо чашмони дар мағок нишаста, ришҳои ғулуи расида ва чеҳраи заҳираш мондаву руҳафтода ба назар мерасид. Яктаҳи нимдошти бекасаб ва шалвори обшустаи сапед ба тан дошт, ба нӯки поҳои устухонӣ ва чиркини худ дампойии даридаеро пӯшида буд. Ҳарчанд аз зиндонӣ шудани Асилака хабар доштам, ҳеч ба гӯшаи хаёлам наомада буд, ки ӯро низ ба ҳабсхонаи Каттақӯрғон оварда бошанд.

Асилака ба маҳзи ин ки маро дид, бетоқатона ба сӯям шитофт ва беҳавсала маро танг ба оғӯш кашид. Дар ҳоле ки ашк мерехту аз ғояти пазмонӣ ва аламзадагӣ гулуяш гирифта буд, наметавонист сухан гӯяд. Мушоҳида мешуд, ки дурӣ аз ёру диёр ва гирифторию азиятҳои маҳбас ба ҷонаш расидааст. Гӯё ки дурри ноёбе ба тӯраш омада бошад, маро аз оғӯши худ раҳо намекард, гаштаю баргашта ба чашмону суратам зеҳн мемонд ва дубора дар бағал мегирифт, бо дастони дурушту сахти худ аз шонаҳоям пахш мекард. Ба назар мерасид, ки аз тану тӯши ман эҳсоси бӯйи ватан, бӯйи зодгоҳ мекунад. Наметавонист ҳаяҷону хурсандии худро фурӯ барад.

Дар воқеъ, Асилака маро нағз мешинохт. Азбаски дар назди падарам дарс хонда буд ва ҳаққи устодии ӯро эътироф мекард, бештар ба ман дилбастагӣ дошт. Ҳамон шаби нахустин, ки ман бори аввал ба зиндон по

мениҳодам, суҳбати мо то дервақт давом кард. Ӯ сари ҳол менамуд, вале наметавонист ҳайрату тааҷҷуби ботиниашро аз бобати ин, ки чаро ман ба ҳабс афтидаам, пинҳон кунад.

– Ба ман, лаънатиҳо, туҳмат заданд. Кореро, ки дар хоби шабам надида будам, ба гарданам бор карданд. Пиларо дигарҳо дуздиданд, роҳаташро дигарон диданд, аммо ҷабрашро мо мекашем. Агар пуштибону мададкорат набошад, ҳолат ҳамин будааст, – мегуфт Асилака. – Маро-ку бо айби пилаҷаллобӣ маҳкум карданд, аммо бо ту чӣ иттифоқ пеш омад, чаро ту ин ҷо омадӣ? Ба ту чӣ гуноҳеро бор карданд? Магар мешавад писари касе, мисли Бобои Мулло, ба ҷиноят даст занад?

– Чӣ илоҷ?! Ҳар чӣ дар пешониамон навишта, онро мебинем. Ба ман ҳам ноҳақ туҳмат заданд. Неши бадгӯйиҳое буд, ки то дилу ҷигарам фурӯ нишаст, асабҳоям хароб шуд, сабру таҳаммулро аз даст додам. Дар натиҷа, даргирие пеш омад, бемаҳал, беҷо, ки қариб буд одам бикушам.

Асилака аз ҳоли ман мутаассиф шуд. Азбаски наметавонист маъюсӣ ва андуҳи худро пинҳон кунад, насиҳатомез гуфт:

– Он чӣ ба сарат омадааст, ҳис мекунам, додар, мо ҳар ду бандаҳои бегуноҳи гунаҳкор ҳастем. Агар замона бо мо насохта, мебояд мо бо он бисозем. Ту зиёд дилшикаста нашав. Бо умед, бо дили пур ба ояндаат нигоҳ кун, рӯзҳои равшани зиндагӣ дар пеш аст. Агар дилатро ба ман холӣ кунӣ, сабук мешавӣ. Нақл кун, додар, чиҳо ба сарат омад?

Дигар ҷойи истиҳола намонда буд. Рӯйи нимкати симин поҳоямро ҷамъ карда чорзону нишастам ва оғоз кардам ба ҳикояти бархӯрдҳое, ки аввалин бор дар ҳаёти худ мазаи талхи онҳоро чашида будам…

* * *

Бо фаро расидани мавсими дарав хурду калони деҳа ба заминҳои совхоз рехта буданд. Аз бисёрии кор одамҳо фурсати ҳавохӯрӣ надоштанд. Даст ба даст намерасид, алафдаравӣ ва банду баст кардани ҳосил беш аз пеш авҷ мегирифт. Ман низ ҳамроҳи оилаам, ки ҳанӯз аввалҳои тирмаҳ дар майдони худ хайма зада будем, бо камарҳои баста вориди ин гирудор шуда, аз як сар юнучқаву алафҳои бегонаи се майдони дар ихтиёрамон будаpo даравида гирифтем. Ҳарчанд бо машғулӣ ба касби духтурӣ наметавонистам барои бачаҳоям вақти зиёд ҷудо кунам, мекӯшидам онҳоро танҳо нагузорам.

Он рӯзи наҳсе, ки боиси ҳангомаҳои талх гардид, дар ҳамин мавсими дарав иттифоқ уфтод. Ба маҳзи ин ки писари Қазоқ аз аҳволи сахти Амина хабар овард, ҳама корро як сӯ гузошта ба суроғи бемор шитофтам. Дар чунин мавридҳо ҷуз шитоб кардану худро ба аёдати бемор расондан фикри дигаре надоштам. Аммо, чун расидам, кор аз кор гузашта буд. Амина рӯ ба осмон дар васати хона беҳаракат мехобид. Ранги рӯяш парида, чун дока сап-сафед ба назар мерасид. Ҳанӯз ҳам шиёри хуни шоридаеро аз димоғаш тоза накарда буданд. Шавҳараш Азимқул пушташро ба дар карда, дар пойгаҳи хона чорзону зада менишаст. Бо сари хам сахт нороҳат менамуд, аммо гиря

намекард. Ӯ ё аз марги бемаҳали ҳамсараш, ё ки аз нафрати ниҳоние карахт буд. Ба навҳаю доду фарёди атрофиён коре надошт. Чашмам ба муштҳои гиреҳхӯрдааш афтид: рагу пайи барҷастаи дастонаш аз ғазаби нуҳуфта дар ниҳоди ӯ дарак медод, шери дар камин истодаеро мемонд, ки омода буд ҳар дақиқа ба сайди худ ҳамла кунад.

Ман баробари расидан ба назди бемор гузаштам. Ҳарчанд донистам, ки ӯ мурдааст, ба одати маъмул ду ангушт ба зери биниаш гузоштам, бо сари ангушт набзи шоҳраги гулуяшро санҷидам. Ноумед ба қафо баргаштам ва ба назди Азимқул лағжида, бо изҳори ҳамдардӣ даст ба рӯйи китфонаш гузоштам. «Худо сабр диҳад, додар, аз тақдир ҷойи гурез нест, қисматаш ҳамин будааст», – гуфтам ва аз ҷо баланд шудам. Он лаҳза ба по рост истоданамро медонам, ки ногоҳ мушти сахте ба пушти сарам, гӯё ки бо як путки сангин зада бошанд, фуромад. Базӯр худро нигаҳ доштам, вале медидам, ки Азимқул чун ҳайвони дарғазаб бо чашмҳои хунгирифта дубора ба сӯям ҳамла мекунад. Ҳамон дам ӯро нигаҳ доштанд ва маро ҳам ду-се кас аз дар ба берун кашида бароварданд. Аз пушти сар садои ҷиғғокии Азимқул баланд мешуд: «Ту, лаънатӣ, занамро куштӣ, хонаамро сӯзондӣ! – дод мезад ӯ. – Агар сари вақт меомадӣ, ба ин ҳол намеафтид. Нахостӣ, наомадӣ, ҳоло тура зората нишон медиҳам, аз духтуриат пушаймон мекунам!»

Ҳуш аз сарам парид. Бо ҳайрату шигифт муҳкам дасти тағобачаам Давронро, ки маро кашида ба берун мебурд, гирифтам. Лолу карахт ба ӯ дида дӯхтам, мунтазир будам зудтар шарҳи ҳол гӯяд. Даврон ба ман дил дода гуфт: «Ту ба гапҳояш гӯш накун, ҳозир аз алам ба кӣ дарафтиданашро намедонад. Мегӯянд, ба ту хабар карда будаанду ту дер мондаӣ. Ҳеч гап не, ҳамааш мегузарад, вақту соаташ меояду мефаҳманд, ки дар ин ҳеч гуна айби ту нест...»

Оре, Амина аз олам даргузашт, аммо марги ӯ фақат аз бетаваҷҷуҳии худашон буд. Агар тақсири ман пешаи духтуриам бошад, чандин бор ҳам худаш ва ҳам хонагиҳояшро огоҳ карда будам, фишори хун доштанаш ба ҳама аёну равшан буд. Ӯ намебоист асабонӣ шавад, намебоист чизеро бихӯрад, ки фишори хунаш равад боло. Аммо он рӯз дубора даргир шудани Амина бо дағечи девордармиёнаш – Ҳосила ҳама корро ҳал кардааст. Ин ду зани шалақӣ мунтазам бо якдигар мушу гурба буданд, аз девор сояи ҳамдигарро метарошиданд. Ба мағзу ҳуши онҳо на гапи шавҳар медаромаду на насиҳати амаку тағо. Аз дасташон хонаводаи амаки Самак ва тамоми авлод безор буд. Марги бемаҳали Амина бошад, омада-омада ба ман дарди сар шуд, аз ҳар сӯ ангушти тавҳинро ба сӯйи ман нигаронданд. То обу обчӯчаҳои амаки Самак ба ман зид шуданд. Ба гумони онҳо, ман дидаю дониста нашитофтаам, ман кори боғамро аз ӯ бартар дидаам, марги ӯро хостаам, ба онҳо хусумат доштаам ва боз чаранду парандҳои дигар...

Яке аз шабҳои тирафоми тирамоҳ буду ману Озод – шавҳари хоҳарам аз тӯй бармегаштем, аз тӯйи Норбой, ки бачаҳояшро суннатӣ карда буд. Раҳораҳ ҳис кардам Озод каме парешонхотир аст. Ӯ бо изҳори нигаронӣ гуфт:

– Ислом, биё аз кӯчаи майда меравем. Авзои авлоди Самак беҷо менамуд, як кор мекардагӣ барин.

– Чиро дар назар дорӣ? – бо тааҷҷуб пурсидам ман, ки аз таҳи гап бехабар будам.

– Дар тӯй пичир-пичир гап заданҳояшон бисёр буд, метарсам, ки ба ту дармеафтанд.

– Ба хотири ғайбату туҳматҳои занонашон?

– Ҳа.

– Ҳар чӣ бодобод! – шердилона афзудам ман. – То ин овозаҳо якторафа нашавад, худам ҳам ором намегирам. Аз замоне, ки як гӯшвор шунидам маро низ ба ҷанҷолҳои худ ҳамроҳ кардаанд, роҳатам гум шуд. Ҳарчанд кори хилофе накардаам, пеши ёру дӯстон ким-чи хел худамро ноҳинҷор ҳис мекунам.

– Ба ҳар ҳол, эҳтиёт нашавем, намешудагӣ барин, – бо хавотири бештар изҳор намуд Озод.

Бар замми торикии рӯз ҳаво меғолуд буд. Ману Озод ҳанӯз роҳи бисёреро тай накарда будем, ки аз ақибамон «тап-тап» садои босуръат қадаммонии касе шунида шуд. Ҳар ду дар ҷо истода, ба сӯйи суроби одамӣ, ки ба мо наздик мешуд, зеҳн мондем. Зоҳиран, Озод дуруст тахмин карда буд. Аз байни торикии меғу шаб сару сурати Ёсин – бародари Азимқул ба чашм хӯрд. Вақте ки рӯ ба рӯйи мо мех шуд, равшан ба назар мерасид, ки хеле дар изтироб аст ва гирифтори хашму ғазаб. Ӯ ба маҳзи расидан, бе ҳушдорӣ ба ман даровехт, бо ду даст аз гиребонам гирифт. Ба ман ҳатто фурсати гап задан надода, бо зарда ва итоб як андоз дод зад:

– Қадамата дониста мон, ятимча! Агар донам, ки касе ба авлоди мо душманӣ мекунад, чашмҳоша канда мегирам!

Агарчи амакбачаам асабӣ буду дар ниҳояти ғазаб ин суханҳоро мегуфт, ман аз ӯ, ки марде буд таҳсилкардаву ботамкин, аслан ин гуна бархӯрдро интизор набудам, сахт ранҷидам. Ба хусус, «ятимча» гуфта тавҳин кардани ӯ нештари заҳролудеро мемонд, ки соф бар қалбам нишаст. Бароям аламовар он буд, ки ин ҳақоратро дубора аз одами худӣ мешунидам. Оре, дар байни амакбачаҳо фақат ман будам, ки дар хурдсолӣ аз модар ятим мондаву машаққату азобиҳои танҳоиро фаровон чашидаам. Вале он айём, ки ба ман чун ба «ятим» менигаристанд, хеле-хеле дур монда буд. Чандин сол ин таҳқирро аз касе нашунида будам, охир, ман дигар хурдсол ҳам набудам! Худоро шукр, фақат бо қуввати худам тавонистам ҳама зинаҳои зиндагиро тай кунам, тавонистаам ба касе муҳтоҷ нашуда мушкилоти пешомадаро якторафа созам. Мардикориҳо, се соли сарбозӣ, чор соли касбомӯзӣ, ташкили оила ва ба хусус, анҷоми кори пурзаҳмати духтуриву дӯстдори дигарон шудан танҳо маҳсули саъю талошҳои ҳамешагии худам буду бас. Бо ин ҳол, вақте ки ба касе қарздор нестиву аз касе забонкӯтаҳӣ надорӣ, шунидани миннату ҳақорат хеле аламовар будааст! Ҳеч намефаҳмам, оё барои Ёсин – ҳамчун як нафар одами бафаҳми авлодамон лозим буд дубора захми куҳнаро

рӯ кунад, тавҳини беҷо занад? Ҳамин як калима, ки аз даҳонаш баромад, гӯё як кӯҳ, як искирт[30] ҳарфу фаҳше буд бар дӯши ман.

Банда натавонистам ҳолати пешомадаро таҳаммул кунам. Чун асабонияти шадид ба вуҷудам чира мешуд, бо тамоми неру дастони Ёсинро аз гиребонам ҷудо ва ӯро бо зарб аз худ дур кардам. Ҳамзамон фурсати наздик шудан надода, мушти обдоре ба зери манаҳаш фуровардам. Маълум буд, ки Ёсин аслан ин гуна бархӯрдро интизорӣ надошт, ӯ як дам гаранг шуда монд. Ба ҷойи ин ки ҳавосашро ҷамъ кунад, бо бехудӣ хам шуду аз соқи мӯзааш кордчаеро берун овард, ки рӯяи он дар шаби тор ҷило медод. Ӯ дастҳояшро алвонҷ дода, дубора ба сӯям ҳамла кард. Ман аллакай вориди талош шуда будам, идомаи даргириро ба хубӣ контрол мекардам. Ба маҳзи ин ки дидам, дасти ӯ бо корди барроқ рост ба сари дилам меояд, бо чобукӣ ҷуссаамро канор гирифтам ва ҳамоно дудаста аз банди дасту оринҷаш дошта ба пушт қат кардам. Бо ин ҳаракат тани Ёсин ором чархиду пуштнокӣ пеши ман қарор гирифт. Сипас хеле осон кордчаро аз мушташ берун кашидам. Возеҳан дар ёд дорам, он лаҳза ман раҳму шафқатро билкул фаромӯш карда будам. Бароям чунин менамуд, ки авлоди амаки Самак маро куштанианд. Ҳушдордиҳиҳои Озод ҳам дар сафҳаи хаёлам такрор мешуд. «Агар қасди онҳо яктарафа кардани ман бошад, – меандешидам барои худ, – ман бояд пештар илоҷи воқеаро дарёбам». Бо ин хаёл, бехудона кордчаро, ки дар дасти ман монда буд, кашидаю кушода ба тахтапушти Ёсин задам. Дубора корд кашидам, бори сеюм, бори чорум ҳаракатҳоям такрор шуд. Агар Озод ҷуссаи лӯндаи худро васати мо намеандохт, бешубҳа кордзаниро қатъ намекардам, Ёсинро куштанам ҳам аҷаб набуд. Ба бахти ман, Озод ҳар қуввате дошт, ба харҷ доду дудаста ба корди ман часпид. Ҳамон лаҳзае, ки кордчаро кашида гирифт, ҳам ангушти худу ҳам нармии мушти маро бурида фиристод. Ҷароҳати ҳар ду амиқ буд магар, хун тиррас зада баромадан гирифт. Ёсин бошад, ҷуссаашро нигаҳ дошта натавониста чорпо шуда буд ва бо беҳолӣ дуртар хазида рафт. Садои доду ҷеғҳои мо ба гӯши одамоне, ки аз тӯй бармегаштанд, расида буд. Дар як он чанд нафар гирду пешамон ҷамъ шуданд. Аз қазия воқиф шуда, якеро дубора ба тӯйхона, барои овардани мошини Савор фиристоданд.

Ҳаёҳуи беохир ба гӯш мерасид, аранг-аранг медидам, ки ҳалқаи одамон дар атрофи Озоду Ёсин ғализтар мешавад. Мошини боркаши Савор ҳам расида омад. Он дуро ба мошин бор карданд. Ман, ки аз ҳалқаи ҷамъомадаҳо берун монда будам, бо мушкилӣ қадамзанон ба роҳ даромадам. Гӯё ки ба поҳоям вазнаҳое баста буданд, наметавонистам пеш равам. Ҳис мекардам, қалбам фишурда мешавад, роҳи нафасамро чизе мегирад. Бо вуҷуди ин, муқовиматкунон по мебардоштам, дар ҳоле ки ба чашмам ҷуз торикӣ чизе наменамуд. Чунон дар худам фурӯ рафта будам, мисли ин ки дар биёбони бекасу хушке мондаам. Он лаҳза аз зери болҳоям гирифтани дасти бақуввате маро ба ҳуш овард…

---

[30] **Искирт** – шакли вайроншудаи вожаи русии «скирд», хирман

Падарарӯсам, ки ҳамроҳи ҳамсару духтари хурдиаш аз тӯй бармегаштанд, ба мавқеъ ба мадади ман расиданд. Он шаб маро на ба хонаи худам, балки якрост ба манзили падарам оварданд. Шояд падарарӯсам нахоста буд, ки бачаҳоям ҳоли маро дида ба ваҳм биафтанд. Азбаски аз ҷойи буридаи корд хуни бисёр талаф дода будам, тез-тез ҳолам баҳам мехӯрд. Он шаб падарам ноилоҷ монда, ҳамсарамро низ садо зад. Дунафарӣ то субҳ болосари ман буданд.

Пас аз ин воқеа Озоду Ёсин се-чор рӯз дар бемористон хобида баромаданд. Ҳарчанд ҳоли Ёсин вазнинтар буд, ба хотири пешгирии овозаҳо ӯро низ ба хона оварданд. Мо ҳама хешу табор будем ва падараму падарарӯсам нуфузи бештаре дар авлоди мо доштанд. Аз ин рӯ, нагузоштанд, ки ҳангомаи ҷанҷоли мо дунболадор шавад. То ҷое, ки имкон доштанд, ҷонибҳои даъвогарро ба ифоқа оварданд. Вале офтобро магар мешавад бо доман пӯшонд? Нововбаста аз ҳар талоше кори мо ба додгоҳ кашида шуд. Ман аз он ба баъд роҳатамро гум кардам. Маҷбур шудам чандин бор аз паси даъватномаи вакили додгоҳ равам ва ба пурсишҳояш ҷавоб диҳам.

Бо вуҷуди он ҳама гуфтугузор, касе даъво надошт. Азбаски бархӯрдҳои мо назди додгоҳ маълум шуда буд, фақат ба хотири риояти талаботи қонун маро ба муддати шаш моҳ буриданд. Агар росташро гӯям, ман аз ин маҳбусӣ ноҳоҳат нестам, ба гуфтаи падарам, бо як чашм пӯшида кушодан ин муддат мегузарад, меравад. Зеро мумкин буд аз ин ҳам бадтар шавад, агар пеши ғазабамро намегирифтам, худдорӣ намекардам, одам куштанам ҳеч гап набуд!

Он рӯз дар охирин маҷлиси додгоҳ медидам, ки амакбачаам Ёсин аз кори кардаи худ пушаймон аст. Ӯ бо маъюсӣ дасти маро дошта мегуфт: «Ман бо ақли худ амал накардам, ба сухани дигарон гӯш андохтам. Бадбинӣ маро кӯр карду дӯстӣ ва садоқати туро нодида гирифтам. Кош он рӯз маро мекуштию бо ин шармандагӣ дар наздат намеистодам. Агар тавонӣ, маро бубахш, хоҳиш мекунам».

* * *

Он рӯзҳо аз пайи туҳмату тавҳинҳои беҷо ба даҳони мардум афтидани номи ман хеле аламовар буд. Эҳсос мекардам руҳиям хаставу дилам сакта гирифтааст. Ба хусус, бардоштани ин ҳол дар ҷамъияте, ки кордӯстию орият дар он муқаддас дониста мешавад, хеле дилхарошу азияткунанда аст. Шояд дар ҳаққи ман гуфтаанд, ки «ятима аз сари шутур ҳам саг мегазад».

Ҳарчанд ин алам маро азоб медод, аз сӯйи дигар, ламъаи муҳаббате қалбамро равшан месохт. Ин меҳрабонӣ ва дастгирии одамони олиҳиммате буд, ки ба ман ёрӣ расонда нагузоштаанд аз зиндагӣ ноумед шавам. Нахуст, ҷонибдорӣ ва насиҳатҳои падару падарарӯсам ва дар рӯзҳои маҳбусӣ оилаамро саробонӣ ва нигаҳбонӣ кардани онҳо маро руҳбаланд месохт. Дар ҳабсхонаи Каттақӯрғон бошад, апаи меҳрабонам Орзу ба ман ғамхорӣ мекард. Ӯ он вақт бо акаи Кӯчар муқими Миёнкол буданд ва қариб ҳар рӯз ба

хабаргирӣ меомад. Ба ҳиммати апаам ҳамеша ғизои гарму либоси тоза доштам ва худро чун дар муҳити хона ҳис мекардам. Ҷолиб он буд, ки апаам ҳар гоҳе маро пайдо намекард, нигаҳбонҳои ҳабсхонаро водор месохт дар хусуси чизҳои додааш дастхати маро гиранд.

Оре, дилгармӣ ва муҳаббат аст, ки одамҳо ба ҳамдигар қарину ҳалим мегарданд. Бо тобиши нурҳои меҳр дилҳои афсурдаю сард гарм ва ҳастии имрӯзаи мо, ки онро зиндагӣ меномем, равшан боқӣ мемонад. Ба қавли файласуфон, ин зиндагӣ танҳо як бор ба мо даст медиҳад ва агар дуруст зиндагӣ кунем, ҳамон як бор кофист.

## Лутфи модар

Он рӯз дар деҳаамон саҳар гӯё ки аз дамидан ҳарос дошт. Нолаи пиру ҷавон, шевани занону духтарон ва ҳатто гиряву лобаи кӯдакон ба фалак печида буд. Табиати деҳа дамсарду дилгирифта ба назар мерасид, мисли ин ки дар ҳама ҷо гарди ғам афшондаву базри яъс пошида бошанд. Бори аввал медидам, ки модарам беҳад ғамгину ҳазин аст. Ӯ мубталои дарду ноҳинҷорие буд, ки дармони он чандон осон наменамуд. Ба назар мерасид, аз фавҷи ҷамъият, ки торафт ғализтар мешуд, сараш гиҷ меравад, намедонист худро ба куҷо занад. Ҳолати ӯ раҳмамро овард, барои ҳамдардӣ наздик шудаму аз бозувонаш доштам. Ба маҳзи ин ки маро дид, бо алам баландтар фиғон сар дод. Лобалои фарёду шеван ҳасрат мекард: «Ин чӣ бадбахтие буд, ки ба сарамон омад, писарам? Охир, одами Худо буд, шабу рӯз сарашро аз саҷда намебардошт, чаро ба ин зудӣ Парвардигор ҷонашро гирифт? Эй вой, мани сарсахт чӣ кор мекунам, ҳолам чӣ мешавад?...» Чун сари худро ба сандуқи дилам часпонда сӯгворӣ мекард, наметавонистам ҳарфе барои тасаллӣ гӯям. Аз ғаму ғубори ятимӣ гулуи ман ҳам гирифта буд, фақат дар пайравии модарам ашк мерехтам.

Бо вуҷуди ин, дар он лаҳза тавонистам ғамбоди гулуямро фурӯ барам ва модарамро дилбардорӣ кунам: «Умри рӯзҳои сахт кӯтоҳ аст, оча, ба руҳи падарам қасам, худам дастёру мададкори шумо хоҳам шуд. Худатро ба даст гир, тоқат кун». Ба назар мерасид, аз суханони ман ғаму изтиробаш коҳиш меёфт, вале бо нороҳатӣ ором намегирифт: «Охир, ин бадбахтиро чӣ хел таҳаммул кунам? Агар падарат набошад, ман ин ҷо чикораам? Эй вой!!»

Он рӯз, ба Худо, аввалин бор дар чеҳраи модарам он қадар яъсу ноумедиро медидам, ки барои ором карданаш оҷиз будам. Росташро гӯям, аз даргузашти ногаҳонии падар пару боли худам низ шикаставу қалбам аз ҷудоӣ гӯё тикка-тикка мешуд. Он рӯз падарамро мегуселондему осмону замин ҳам ҳамрайъи мо буд. Ҳамроҳи ҷамъияти ба фиғон омада фалак ошӯб мекард, оби дидаи абрҳо беист ба замин мерехт...

Баъд аз даргузашти қиблагоҳ табиати модарам ба куллӣ ранги дигар гирифт. Аз он чеҳраи хашмолуд осор намонда буд. Ба хусус, муносибати ӯ нисбат ба оилаи ман рӯз то рӯз беҳтар мешуд. Аксаран ҷойи дарду ҷойи ҳасрати модар ману ҳамсарам будем. Ҳар гоҳ аз кор бармегаштам, ҳамроҳи бачаҳоям ӯ низ ба пешвозам мебаромад. Медидам, ки дидаҳояш пур аз меҳру

муҳаббат аст, аз рухсораш, аз дастону пешонии ожангиаш, аз мӯҳои сап-сафедаш, ки аз бари рӯмоли сиёҳи гулдор медурахшиданд, ба димоғам атри гулҳои меҳрабонӣ ва садоқат мерасад. Ӯ, дар назарам, на чун модарандар, балки мисли модари ҳақиқӣ намоён мешуд.

Яке аз рӯзҳои аввали баҳор буд. Гармии офтоб он қадар эҳсос намешуд, вале маълум буд, ки омода аст ба ҳама чиз гармию ҳаёт бахшад. Ман зудтар аз кор баргашта, ба ёрии ҳамсарам шитофтам. Ӯ қитъаи заминамонро аз сангчаву алафҳои ҳарза тоза мекард. Қарор буд заминро ба шудгор омода кунем. Ҳамин ки ман ҳам вориди кор шудам, аз тарафи рӯди борики зери боғ модарам ба назар расид. Ӯ табақи бузурге ба сар дошт ва оҳиста-оҳиста бо эҳтиёт қадам зада меомад. Ҳарчанд қоматаш хамидаву тавонаш заиф шуда буд ва аз ниҳояти пирӣ дастону сараш пайваста меларзиданд, ҳеч аз кор даст намекашид. Ин дафъа низ ба хотири ману наберахояш ҷон канда, чизеро бардошта меомад. Ҳамсарам баробари дидани ӯ сатилҳои корашро канор гузошта ба сӯяш шитофт.

– Имрӯз охирин қуттии себҳои додота кушодам. Агар монам, бачаҳои хоҳарат дар як зум хӯрда тамом мекунанд. Андаке аз он гирифта овардам, гуфтам набераҳом ҳам чашанд, – ба ман наздик шуда, аз ниҳояти хастагӣ ҳаҳҳасзанон гуфт модарам. – Раҳматӣ падарат мегуфт, ниҳоли ин себҳоро хӯҷаини Исломҷон дар пушти куҳ дода буд. Соли дароз меистаду ягон ҷояш хатча намехӯрад. Баъди хӯрдан ҳам дерваҳт таъмаш аз даҳан намеравад, аҷаб шакарсебҳое!

– Рост мегӯйӣ, оча, ман аз ин себҳо бисёр хӯрдаам, – гуфтам ба тасдиқи каломаш ва аз рафтораш эътироз кардам: – Охир, чаро худата ба азоб мондӣ, рафта ҳам мехӯрдем?!

– Не, писарам, ман ҳеч азоб накашидаам. Агар ба умеди шумоҳо шинам, аз ҳолам хабар намегиред, – гилаомез афзуд модарам. – Аз кор сар намебардоред. Ёду хаёли додот фақат шумоён будед. Мегуфт, ба писараму келинам дилам пур, ризқашона аз зери хок ҳам бошад ёфта мегиранд. Худо хоҳад, ҳама рӯзҳои хушашон ҳанӯз дар пеш аст.

– Очаҷон, мои беғама бубахш, ин дафъа дер шуд. Дилам мехоҳад тез-тез аз ҳолат хабар гирам, лекин чӣ илоҷ, кору зиндагӣ раҳ намедиҳад. Росташа гӯям, аз пайи духтурӣ фақат дар давуғеҷам, ба ҳоли чор деҳаи атроф ва фермаҳои қазоқон мерасам. Кола надорам, гоҳ савора, гоҳ пиёда саъй мекунам сари вақт худама ба дардмандон расонам. Бароям шабу рӯз як шуда мондааст. Ба хусус, дар дили шаб агар дарама кӯбанд, оромиши оилаам барҳам мехӯрад. Лекин дигар чорае ҳам надорем, маҷбурем ҳар гуна ҳолата тоқат кунем, охир корам ҳамин аст! Худо накарда, ҳоли бемор бад шудаву ба мушкилӣ гирифтор шавад, худама намебахшам. Намехоҳам касе ба корам эрод гирад ё ба нобарорӣ бо ангушт ишора кунад. Бори рӯзгори хона бошад, дар давоми умр ба дӯши келинат аст. Бечора аз ниҳояти кордӯстӣ ва муҳаббате, ки ба ману зиндагиаш дорад, боре ҳам аз тазйиқҳои рӯзгор нанолидааст. Вай ҳам баробари ман талош мекунад, ҷон меканад, сари вақт ба гарму хунуки бачаҳо мерасад. Ғайр аз ин, молу ҳол дорад, обу алаф ва

ҳезуму чизҳои даркори зиндагира худаш фароҳам месозад. Аз кори бисёр доим кафи дастҳояш пахолию пуробила аст, пошнаҳояш аз тарак хӯрдан дам намегиранд. Талошҳои шабонарӯзӣ ва зиндагии одию хоксоронаи ману келината падарам ҳар рӯз медид. Ёдам ҳаст, боре ҳангоми дидорбинӣ ба мо зеҳн монда, бо андеша ва итминони ба худ хосе гуфта буд: «Як рӯз ба шумоён ҳаст, намедонам кай бошад! Он вақт мефаҳмед, ки беҳуда азоб накашидаед». Бо ин нукта падарам гуфтанӣ буд, ки ба оилаи ман айёми бонишоте даст хоҳад дод. Худо бандаҳои росткори худа навозиш мекунад. Агарчи моён сангиниҳои ҳаёта фаровон дидаем ва ҳозирем ба ҳар гуна талотум тоб оварем, намехоҳам бачаҳоям ин гуна сарнавишт дошта бошанд. Таҳсилкардаю беозор, пуру шодоб дидани онҳо орзуи ман аст.

Модарам аҳёнан сарашро ба аломати тасдиқ такон дода, ба суханҳои ман гӯш медод ва ноаён аз чашмони таршудааш бари рӯмолашро мекашид. Маълум буд, ки рӯзҳои гузашта ба хотираш меомаданд, аламӣ ҳаҷру пушаймонӣ хӯриашро меовард. Ниҳоят, базӯр худашро ба даст гирифт ва ба сухан даромад:

– Додот одами Худо буд, писарам, ҳар чӣ мегуфт, мустаҷоб мешуд. Шумо, албатта, рӯз мебинед, ҳама ба шумоён ҳавас мекунанд.

Модарам хомӯш шуд ва бо чашмони пуроб ба ман нигоҳ кард. Аз нигоҳаш пай бурдан мушкил набуд, ки аз чизе нороҳат аст, дар умқи дидагонаш суроби илтиҷоомезе барқ мезад. Ӯ каме пештар лағжида дасти маро гирифт ва бо ҳамон руҳияи хастаолуд афзуд:

– Силаҳои тақдир кам буд магар, ман ҳам туро азоб додам, писарам. Мӯйи зан дарозу ақлаш кӯтоҳ мегӯянд, ҳамин будааст. Кошки он замон ба насиҳатҳои додот гӯш меандохтаму ба ҳоли шумоён ҳам мерасидам, шояд имрӯз азоби Худора намекашидам. Афсӯс, дер шуд, ин алама бо худам ба гӯр мебарам, – дубора хӯриаш боло гирифт.

– Осуда бош, оча, ин суханҳо чӣ лозим? – модарамро танг ба оғӯш кашидаму бо мулоимат ва дили пур гуфтам ман, – ҳама кору гап аз ёдам рафтааст, муҳим ин ки имрӯз ҳамдигара мефаҳмем!

Оре, чӣ ҷойи пӯшондан, дар ҳақиқат модарам ману апаам ва ҳамин келини ҳамеша сархами худро хеле азият додааст. Аз дасти ӯ тану ҷони апаам доиман абгору захмӣ буд. Фақат ба сабаби дашному сахтгириҳои ӯ ман ба кӯйи оворагӣ афтида, сахтиҳои мардикорӣ ва талхиҳои фироқро чашидаам. Ҳамсарам бошад, ҳеч гоҳ келини «нағз» набуд, аз ҳақорату дуоҳои бад фориғ намешуд. Он воқеае, ки пас аз ба дунё омадани писари калониам дар яке аз рӯзҳои аввали зимистон рух дода буд, ҳеч аз хотир намеравад. Қисса ин, ки ҳамсарам дар назди гаҳвора бо макондани кӯдак андармон будааст. Иттифоқан, ин «бекорӣ» ба модаршӯй хуш намеояд. Ӯ, бе он ки мулоҳиза кунад, фурӯ дар оташи ҷаҳлу ғазаб, ба сӯйи келини танбал ҳамла мекунад. Ҳамсарам аз ваҷоҳати вай ба ларза омада, беихтиёр аз ҷо баланд мешавад ва намерасад, ки синаи аз даҳони кӯдак ҷудошударо дохили курта пинҳон кунад. Модаршӯй бошад, бо хашм ба синаи овезон чангол мезанад ва бо тамоми қувва тоб медиҳад. Аз дарди ногаҳонии ҷонкоҳу сӯзонанда

ҳамсарам ба фиғон меояд, пеши чашмонаш сиёҳӣ мезанад, сараш гиҷ меравад ва беҳолона ба замин меуфтаду худро гум мекунад. Дар паҳлуи ӯ садои чирросии кӯдак баланд мешавад...

Аз пайи ҳамон номеҳрабонӣ синаи ҷабрдидаи ҳамсарам маълулу хушк шуд ва бақия нуҳ фарзандашро бо як сина бузург кард. Аммо Худо гувоҳ, бо вуҷуди ин ҳама азиятҳо нисбат ба модарам заррае ҳам дар дил кина надоштам. Бароям ҳар як азобу шиканҷаи додаи ӯ дарси ҳаёт буд, дарси тоқату таҳаммул дар баробари тазйиқҳои сарнавишт.

Вақте ки ману модарам ҳамоғӯши якдигар нишаста, ба ҳам дарду ҳасрат мекардем, писари хурдиам омада дар бағали модараш ҷо шуд. Медидам, ки ҳамсарам бо ангуштони зарифи худ мӯҳои тиллоиранги ӯро аз пешонӣ канор мезанад ва бо навозиши модарона пайи ҳам гунаҳояшро ғарқи бӯсаҳои гарм месозад. Модару писар хеле зебо ба назар мерасиданд, фикр намекунам, дар рӯйи замин аз ин зеботар манзарае ба чашм хӯрад.

# АРӮСИ ХОНА

*Талошҳои бачагона оғози обутоби ҳар кас*
*дар кӯраи ҳаёт аст.*

Маҳтоб саҳарии барвақт аз хоб бедор шуд. Сари ҷо нишасту хамёза кашид. Дар ҳоле ки пилкҳои вазнин чашмонашро нимапӯш нигаҳ медоштанд, сари ҷо таконе хӯрд ва китфу бозувонашро ду-се бор ба чапу рост алвонҷ дод. Рӯмоли сарашро дуруст кард ва аз болои курта нимчаи пахтагини худро пӯшид. Хам шуда кӯрпаи ба як сӯ лағжидаро ба рӯйи духтараш кашид. Шабнам масти хоб буд. Лаҳзае ба чеҳраи нозу беолоиши ӯ дида дӯхта аз ҷо баланд шуд. Ба назди тиреза омад ва ғубори тари рӯйи шишаҳои онро бо остини куртааш пок карда, ба одати маъмул, ба берун чашм давонд. Барфи ду-се рӯз пештар борида ҳанӯз ҳам дар гургу меши саҳарӣ худнамоӣ мекард ва кӯрпаи он аз нури тозаи пагоҳӣ ҷо-ҷо ялтос зада ҷило медод. Ба назар мерасид, ки барф ях задааст, ҳаво ҳам сард хоҳад буд. Сармои баъд аз барф ҷонгирак меояд.

Маҳтоб чароғи пилтагиро, ки бар лабаи тиреза меистод, равшан кард. Сипас ором қадам монда ба сӯйи дар омад, аз мехи болои печкаи оҳанӣ пойтобаҳои худ ва аз гӯшаи дигари хона мӯзаҳои кирзаи шавҳарашро гирифта дар пойгаҳ, рӯйи пӯстаки дами дар нишаст. Пойтобаҳоро бо ҳавсала аз нӯки ангуштон сар карда то соқи по муҳкаму зич печонд ва мӯзаҳоро бо як силка ба по андохт. Ӯ ин мӯзаҳоро чандин бор пӯшидааст. Аз рӯзе, ки шавҳараш ба мардикорӣ рафта буд, бар замми корҳои рӯзгор ҳезумкашӣ низ ба уҳдаи ӯст.

Маҳтоб аз кори бисёр наменолид, баръакс, ҳар қадар бо шуғле бештар андармон мешуд, худро роҳату сабуктар ҳис мекард. Ҳар гуна ҳангома, баҳсу бадгӯйӣ ва ғайбат барояш бегона буд. Барои ӯ фарқе надошт, ки модаршӯ ё Алиму Салим – додарони шавҳараш, ки бо ҳам мезистанд, бо коре андармон ҳастанд ё не. Агар муомилаи хуш доштанду таърифу хушгӯйӣ мекарданд, хушҳол мешуд ва дуруштиву носазогӯйии онҳоро низ бо сари хам, хомӯшу мулзам қабул мекард. Ин одати ӯ ба модаршӯяш хуш омада буд, аз ин рӯ, ҳар гоҳ ӯро дар давру бари худ медид, албатта, коре барояш ҷӯр мекард. Маҳтоб низ ҳар як дастури фармударо бечуну чаро анҷом медод, намехост сурхиҳои модаршӯ рӯ гирад.

Аз сӯйи дигар, ду бародар ба куллӣ аз ҳам фарқ мекарданд ва бо бархӯрдҳои худ аслан бо ҳам намехонданд. Алим бо қадди дарозу чеҳраи устухонӣ ва чашмони танге, ки дар зери абруҳои ғафс ҳарисона бозӣ мекарданд, ваҳмноку ғазабдор ба назар мерасид. Ӯ бо тааддӣ ва дағалона муомила мекард. Маҳтоб боре ҳам аз Алим сухани хуб нашунида буд, гузашта аз ин, аҳёнан аз дасти ӯ рӯзи хуш низ надошт. Бар хилофи Алим, бародари хурдӣ дунёи дигар буд. Салим аз Худо мехост, ки ҳамсари бародар дасташро ба оби ях назанад. Ҳар гоҳ медид, модару бародар нисбат ба Маҳтоб зиёдравӣ ва зӯргӯйӣ мекунанд, дар худ мепечид, асабонӣ мешуд. Ба

ҳар тарикe норозигии худро нисбат ба муомилаи зишти онҳо нишон медод ва аз янгаи азизаш пуштибонӣ мекард. Агарчи Салим қадди кӯтоҳу ҷуссаи лӯндае дошт, назар ба бародари худ чусту чолоктар буд. Дар чеҳрааш гармию тароват, дар нигоҳҳояш ҷаззобии меҳрабононае эҳсос мешуд. Бинии пасти кӯтоҳ ва чашмони байзовӣ ба сурати паҳни гандумгун хеле муносиб афтида буд.

Ду сол пештар, вақте ки дар канори Маҳтоб шавҳараш Ҳалим низ дар хона мегашт, ҳезуми яксола ҳанӯз дар рӯзҳои аввали тобистон омода мешуд. Ҳалим ё бо хар, ё бо трактори ҳамсоя ҳам ҳезуми печкаю оташдон ва низ ҳезуми танӯрро ғарам карда мемонд. Одаташ ин буд, ки ҳеч гоҳ кореро ба рӯзи фардо намегузошт. Акнун Ҳалим дар хона нест, ӯ ба мардикорӣ рафту арӯси «балои ҷон» ва «хӯрандаи зиёдӣ» дар асорати модаршӯ монд. Маҳтоб маҷбур буд барои сер кардани худашу духтарчаи хурдсолаш ҳама фармудаҳои «хӯҷаин»-ро бамавқеъ анҷом диҳад, бар ивази даву тозҳои беохир луқмаи нонашро ҳалол кунад. Худо нахоста, агар кореро аз гуфтаҳои модаршӯ анҷом намедод ё нима мегузошт, ҳамоно дучори ҳақорат ва сахтгирӣ мешуд. Вале Маҳтоб ёрои таҳаммули ин гуна бархӯрдро надошт, пайваста, бо сари хам аз пайи кор мерафт. Ӯ барои худ аҳд карда буд, то даъвати шавҳараш тоқат кунад. Охир, Ҳалим ваъдаи сахт дода буд! Мебоист бо даст додани аввалин фурсат дунболи зану духтараш ояд. Аз он ваъда чанд моҳ мегузараду аз ӯ дараке нест, на хат ҳасту на хабар.

Маҳтоб, бо вуҷуди ин ки лафзи шавҳарро ҳалол намедид, аз будани духтари нозаш дар паҳлу Худоро шукр мекард. Ҳар гоҳ дилтанг мешуд, ӯро ба оғӯш гирифта гарм-гарм мебӯсид, дар сари дил мефушурд, бо ӯ суҳбат мекард. Бӯйи нози духтараш ҳама хастагию нороҳатиро аз байн мебурд ва ёди ширини падарашро ба хотир меовард: «Дадаи Шабнам ҳам мисли хелеҳо ба кор рафтааст ва бешубҳа, имрӯз не фардо бармегардад. Ҳамаи мардҳо сафар мекунанд, кори онҳо аз хона берун аст». Вақте ки бо духтараш гарми суҳбат мешуд, ба ӯ таъриф мекард, ки падарат беҳтарин марди дунёст! Имрӯзҳо кори бисёр дорад, хеле машғул аст, аммо, албатта, барои бурдани мо меояд.

Маҳтоб медонист, ки Шабнам суханҳои ӯро намефаҳмад ва худаш ҳам дурӯғ мегӯяд, лекин беихтиёр дар хусуси Ҳалим ҳарф мезад. На фақат ба духтараш, ба дигарон низ дурӯғҳое мегуфт. «Дар шаҳри калоне кор мекардааст, ба чанд нафар саркоргар будааст, вақти холӣ надоштааст. Ҳамин рӯзҳо ба мо пул фиристод, ба духтарам кафшу ҷуроб харидам. Хат гирифтам, гуфтааст, ки ҳарчи зуд корҳояшро ҷамъу ҷӯр карда, барои бурдани мо меояд. Албатта, меояд…» Маҳтоб ин суханҳоро мегуфту худро таскин медод. Барояш аҳамияте надошт, ки дигарон ӯро чӣ хел қабул мекунанд. Дар асл бошад, аз Ҳалим ранҷур буд, бадқавлии ӯ вуҷудашро месӯзонд. Баъзан ба таҳлука меафтид, тарси дуриву ҷудоӣ ба руҳаш фишор меовард…

Маҳтоб аз бурҷаки даҳлез ресмони ҳезумро гирифту аз зери ҷомаи корӣ ба даври камараш печонд ва ҳамон ҷо табарро низ ба китф гузошта, дари хонаро ором аз берун баст. Ӯ ин дафъа ба Кӯҳи Сиёҳ набаромад, ҳарчанд то

Қушхона, ки маҳалли ҳезумкании ӯст, пайроҳаи наздиктарин боло-болои ин кӯҳ меравад. Маҳтоб медонист, ки дар чунин ҳавои сармо боди хунуки болои кӯҳ азиятовар аст. Ӯ аз бағали Хондон гузашту дар роҳи ноҳамвори новаи Ҷуғҷояк ҳаракат кард. Охири ҷарии Ҷуғҷояк теппаи Қушхона аст. Боди сарди зимистонӣ пешонӣ ва ду рухи аз рӯмол берун мондаи Маҳтобро бурида мегузашт, бо ин ҳол, ҳавои ҷар нисбат ба шамолрави болои Кӯҳи Сиёҳ сокиту оромтар буд.

Маҳтоб бардам қадам мезад, фақат садои ғарч-ғарч помонии ӯ бар рӯйи барф шунида мешуд. Ҳар ҷо бар рӯйи санге ё буттачаи ҷорӯбу сапалҳои шутур[31] по мегузошт, хеле эҳтиёт мешуд, хавфи лағжида рафтан аз эҳтимол дур набуд. Як бор, зимистони соли гузашта ин иттифоқ барояш рух дода буд. Вақте ки сар-сари Кӯҳи Сиёҳ ба тундбоди сахти барфолуд муқобилат карда пеш мерафт, баногоҳ пояш ба сапали шутуре дармонда афтида рафт. Он лаҳза дар нишеби кӯҳ чизе набуд, ки поҳояшро тиргак кунад ё бо даст нигаҳ дорад. Мувозинатро гум карда то таҳи кӯҳ сарозер шуд. Ба бахти ӯ, он маҳал теппаи хокие буд, ки рӯ-рӯйи барф ғелида рафт ва фақат чанд ҷойи дасту по ва баданаш харошида шуду бас.

Қушхона теппагии баланде буд ва то як фарсах аз деҳа фосила дошт. На ҳар касе бо хару хингил метавонист ба болои он барояд. Дар ин теппагӣ дарахтҳои ҳезумӣ, ба хусус, хорчӯбҳои хушк фаровон буд. Маҳтоб ба мушкилии роҳаш нигоҳ накарда, ҳар гоҳ барои ҳезумканӣ фақат ба ин ҷо меомад. Аз он хушҳол мешуд, ки пуштаи ҳезум дар як дам ҳозир мегардид. Ӯ аз ҳезумшиканӣ хаста намешуд, балки роҳи байни Қушхона ва деҳа ӯро азоб медод.

Маҳтоб ба арши теппа расид. Пушти он зови баланде, ки иборат аз шаххҳои яклухти сиёҳранги сӯрох-сӯрох буд, яксара ба дараи Пиргирӯд мепайваст. Кас метавонист аз ин теппагӣ тамоми дараи тӯлонии Пиргирӯдро то вартаи Пашкан тамошо кунад. Маҳз шаххҳои яклухти сӯрох-сӯрох маҳалли сукунати қушҳо – уқобу калхотҳои азимҷусса будаанд, вале солҳои охир онҳо хеле кам ба чашм мехӯранд. Бо вуҷуди ин, теппагии мазкур бо номи «Қушхона» маъруф аст. Ҳоло дар ин ҷо боди хунаки шадиде Маҳтобро пешвоз гирифт. Шамоли ҷонгир на фақат дастону рухсори ӯро чун алмос бурида мегузашт, ҳатто дар як он гӯё ҳазору як сих ба баданаш фурӯ мекард.

Маҳтоб табарро ба даст гирифта, пушт ба боди сарду барфолуд гардонд ва ба ҳезумканӣ пардохт. Ӯ дар назди ҳар буттаи хорчӯбе, ки меистод, аввал бо нӯки табар шохаку хорҳои тезашро буридаю шикаста барои худ роҳ мекушод ва сипас аз дохили бутта танҳо навдаҳои хушкро муҳкам ба даст мегирифту меканд ё бо по зер карда дармеовард. Агар навдаи хорчӯб ғафсу сахттар буд, онро бо пушти табар мезаду мешикаст.

Маҳтоб ҳезум мекарду на хастагиро пай мебурд, на ба сару димоғаш бархӯрдани боди сарди барфолудро. Дар дили кор хаёлаш фақат ба Ҳалим банд буд: «Ду сол боз ғоиб аст. Куҷо рафт, чӣ кор мекунад, ба чӣ ҳолест, касе

[31] **Сапали шутур** – номи гиёҳи кӯҳиест, ки буттаи он гирду лӯла ва хордор мешавад ва қадди ниҳоят паст (ҳудудан 20-30 см) дорад

намедонад. Чаро пайғоме намефиристад? Ҳатто суроғи Шабнамро ҳам намегирад-е! Беғаму ба майли хотири худ гаштан ҳам ба эбаш-дия. Ё, воқеан, кору ҳоле пеш омада? Худаш зинда бошад? Ё, астағфируллоҳ, набояд ба хаёли бад рафт. Ӯ марди бақувват аст, бо ирода аст, ба ҳар азобӣ ба осонӣ тан намедиҳад. Ӯ худашро ҳимоя мекунад!»

Маҳтоб қоматашро рост кард, нафаси амиқ кашида дубора ба навдаҳои хушк дарафтид. Ҳамоно аз пеши назараш суроби Ҳалим дур намешуд. Ҳамон тану бозу, шонаҳои паҳн, поҳои баланд… Ана, Ҳалими ӯ дар маърака аст, куштӣ мегирад. Рақибаш ҳам чакана не. Ӯро ба ин сӯву ба он сӯ мекашад, мехоҳад хастаю шалпар кунад, ӯро аз по дарорад. Вале Ҳалим фурсати часпидан ба ӯ намедиҳад. Бо як даст аз бехи остини дасти чап ва бо дасти дигар аз камарбанди рақиб дошта, бо як силка ба пеш мекашад. Дар як вақт пойи ростро аз пеш гузаронда ба хушкии пойи рости рақиб мепечонад ва билофосила пушти биқини ростро ба шиками рақиб гузошта ӯро пуштора мекунад. Рақиби ноумед бо танаи боҳайбати худ лаҳзае дар ҳаво муаллақ мемонад ва дар як чашмзанӣ бо тахти пушт ба замин меуфтад. Ҳалим аз пирӯзии худ дилпур шуда дасту по ҷудо мекунад ва аз болои рақиб мехезад. Маъракаро як бор давр зада, бо изҳори хушнудӣ ба атрофиён, ба кафкӯбию аҳсантгӯйии мухлисони худ қуллуқ мегӯяд…

Маҳтоб як дам аз ҳезумканӣ даст кашид. Чашмону пешонӣ ва рухсори таршудаашро бо лаби остин пок кард. Суроби Ҳалим аз назараш ғоиб шуд. Боди барфолуди сард шуввос зада ба сару гарданаш бархӯрдан гирифт. Дид, ки ҳанӯз ҳезумаш такмил нашудааст, дубора ба буттаи хорчӯб часпид.

* * *

Вақте ки Гулсун – модаршӯйи Маҳтоб аз хоб хест, аллакай рӯз даромада, ҳама ҷо равшан шуда буд. Чун ба саҳархезӣ одат дошт, ин дафъа аз хоб мондани худ нороҳат шуд. Дар канораш Алиму Салим низ бехабар аз олам, лӯла шуда, дар кӯрпаҳои худ печида масти хоб буданд. Алим бо даҳони нимабоз кӯтоҳ-кӯтоҳ хур-пуф мекард. Салим бошад, ором мехобид, гӯё ки нафасаш ба дарун афтида бошад.

Гулсун аз ҷо хеста, даставвал мӯҳои парешонашро ҷамъ карда ба пушт кашид ва рӯмоли ловдони гулдори худро, ки поин омада ба сари китфонаш ҳамоил шуда буд, боз кард ва дубора ба даври сараш баст. Ҷомаи баланди беқасаби худро аз болои курта пӯшид ва бандакҳои пӯпилакдори онро ба ҳам гиреҳ зад. Ӯ, бе он ки коре кунад, рост ба хонаи Маҳтоб гузашт. Келин сари ҷо набуд, фақат Шабнам рӯ ба боло пинак мерафт. Духтар бо чашмҳои нимабоз ва лабони ба табассум моил хеле дилкаш менамуд. Гулсун лаҳзае ба набераи худ чашм дӯхта истод ва ҳамон дам ба хотираш омад, ки имрӯз навбати хамири нав аст, келин ҳатман ба ҳезум рафтагист.

Гулсун бекор наистода бо ҷорӯби ҳавлирӯбӣ роҳаки рафтуомад то оғилхонаро, ки аз шаб то субҳ бо пардаи тунуки барф пӯшида шуда буд, тоза кард. Сипас сатили ширро гирифту ба оғилхона даромад. Ӯ ду гови ҷӯшоӣ

дошт. Аз ин рӯ, ҳеч гоҳ хонааш аз ширу чурғот канда намешуд. Агарчи ҳар рӯз говдӯшӣ ва тоза кардани оғилхона ба уҳдаи Маҳтоб буд, ин дам ӯ нигарон намонд. Медонист, ки келин дер мекунад, тори инсоф барояш даст доду худ ба сабук кардани корҳои зиндагӣ пардохт. Ӯ низ корро дӯст медошт, ба хусус, вақте ки медид дасттанҳост, ҳама заҳматро ба дӯш мегирифт. Бо вуҷуди ин, аз кор кардани арӯсони худ лаззат мебурд. Дилаш мехост онҳо шабу рӯз машғул бошанд, дам нагирифта кор кунанд. Ду келини калонашро хонаҷудо кардааст. Онҳо акнун бо зиндагии худ овораанд. Ҳоло дар дасташ ҳамин Маҳтоб – «бачаҳои» Ҳалим. Писараш ду сол боз зану кӯдакашро партофта рафтааст. Зоҳиран, аслан парвое надорад, ки инҳо чӣ кор мекунанду ба чӣ аҳволанд. Балои ҷони модар, нонхӯрони зиёдӣ. Маҳтоб ҳаққи гила кардан надорад, акнун ки шӯяш нест, худаш бояд ҷон канад. Дар ин замон кӣ нони муфт медиҳад?

Гулсун ҳар ду говро сабук карда гӯсолаҳоро сар дод. Сатили пури ширро оварду дар деги болои печка холӣ кард. Пеш аз он ки дар зери деги шир алов монад, ду сатили холии обро гирифта ба дами дари хонаи бачаҳо омад ва бо садои баланд дод зад:

– Алим! Салим! Зуд хезед, рӯз шуд! Говона ба пода расонед, сатилҳора пури об кунед. Бас ҳамин қадар хоб рафтед, хезед тезтар, аз пайи корҳо шавед!

Садои модар гӯё ба гӯши Алим нарасид. Ӯ поҳояшро ба зери шикам ҷамъ карда кӯрпаи болоиро дар гирду бараш муҳкамтар печонд. Салим бошад, ҷаста аз ҷо хест ва бо итоат, дар ҳолати нимхобу нимбедор, ҷавоб дод:

– Хуб шудаст, оча, ҳозир либосҳома пӯшида мебуроям.

– Акаи ландаҳурат ҳам хоб намонад, бедор кун.

– Бедор мекунам!

Салим нағз медонист, ки агар, Худо накарда, дунафарӣ кори фармудаи модарро анҷом надиҳанд, дигар дар бало мемонданд. Модар раҳм намекард, ҳам забони ҳақораташ мешукуфту ҳам химчаи адабро бар сари писаронаш мешикаст. Алимро бошад, парвои фалак набуд. Ҳилае пеш оварда, аз дасти модар дармерафт. Дашном ё дӯғу пӯписаҳои оча аз як гӯш даромада аз дигараш баромада мерафт.

Имрӯз ҳам аз таҳи кӯрпа хезондани ӯ барои додар осон нагузашт. Вақте ки Салим сару китфони ӯро ҷунбонида бедор кард, аз хоби ширин сар набардошта, ду-се ҳақорати обдор аз даҳон андохт. Лекин дар кӯрпа зиёд напечид, ба маҳзи ин ки даъвоҳои модар ба зеҳнаш зад, парида аз ҷо хест. Пилкҳои чашмонашро базӯр аз ҳам ҷудокунон аз Салим пурсид:

– Оча куҷост?

– Намедонам, дар берунҳо мегардад.

– Чӣ кор фармуд?

– Ту молҳора ба пода расон, ман сатилҳора пури об мекунам.

– Ҳамааш кори худат, додарҷон, – Алим нафаси роҳат кашид ва афзуд: – Ростӣ, янга дар кадом гӯр будаст, зиндагиаша худаш кунад намешавад?

– Янга-янга! – асабонӣ шуд Салим. – Бе янга рӯзат намегузарад, агар намебуд, чӣ кор мекардӣ?

– Боз тарафаша мегирӣ-а, гаранг, янга шудаст, мекунад-дия.

– Янга зани бародар аст, на чӯрии ту!

– Агар надонӣ, гапама ба ду гӯшат ҳалқа кун, гаранг, келини хона канизи хона аст! – бо итоб сар боло кард Алим. – Дар ин замон ҳеч кас ба ҳеч кӣ пули муфт намедиҳад.

– Ҳо, гӯё ки ҳама пула ту кор карда меёбӣ! – бо зарда ҷавоб дод Салим. – Ақаллан, рӯйи хотири додӣ кун, имрӯз ё фардо бармегардад, он вақт чӣ мегӯйӣ?

– Агар бармегашт, то имрӯз меомад, гаранг. Худо медонад, ду сол боз дар кадом қабристон аст, сояаша ҳам намебинем. Бачаҳои одамон ҳар рӯз пул мефиристанд, додии мо бошад – мурдаи гӯр!

– Гапи наҳсата шамол барад, ту чӣ хел одами пастӣ, Алим! Бароят фақат пул бошад бас, – аламомез гуфт Салим ва дигар баҳсу талошро беҳуда дониста, аз хона берун баромад. Рост ба айвон рафта, ду сатили холии обро ба даст гирифт.

Ҳарчанд ҳаво сард буду боди хунак ба машом мезад, Салим бетафовут, чизеро ҳис намекард, ҳушу хаёлаш побанди бародари калонӣ ба об мерафт. Ӯ низ Ҳалимро ёд мекард, пазмонӣ дар сару барги баданаш хона карда буд. Охир, ду сол фурсати каме нест! Магар мумкин аст як ҷигарбанд ду сол бе ному нишон ғоиб шавад?! Духтари шашмоҳааш инак дуюю нимсола, пешонии ҳамсари ҷавонаш хат-хатӣ шудааст, модари бечора, ҳарчанд ба рӯ намеорад, чандин бор бо остин оби дида пок кардааст. Ин ҳол то кай давом мекунад? Худо медонад, агар вай намебуд, ҳоли зану духтари бародараш чӣ мешуд. Бе шубҳа, Алими баттол дар сари ҳар ду чормағз мешикаст, аз дасти ин дилсиёҳ ҳар чӣ меояд.

Алим бошад, баъд аз монда рафтани Салим хоболуд хамёзае кашида ба назди тиреза омад. Як лаби пардаи тирезаро боло кард, хира-хира ба берун чашм давонд. Ҳама ҷо сап-сафед барф буд. Поинтар шохаҳои ду дарахти себ ва як ниҳоли олуча, ки дар лаби ҷӯ қомат афрохта буданд, алвонҷ хӯрда, мисли гарди фаввора барфрезаҳоро ба чор сӯ пош медоданд. Маълум буд, ки бод мевазад, ҳаво сард аст. Аз наззораи ин манзара ё аз сардии хона буд, ки раъшае бадани Алимро ларзонд. Ӯ ба пас гашта аз нав худро дар ҷойгаҳи хоб печонд. «Магар ман аҳмақам, ки дар ин ҳаво ҷона ба азоб монам? – ба худ пичиррос зад Алим. – Бе ман ҳам корашон буд мешавад».

Салим сатилҳои холии хонаро бо оби чашма пур кард. Ҳаво ба куллӣ равшан шуда буд. Ба ҷойи шири субҳ аз сари теппаҳои самти офтоббарои деҳа нурҳои тиллоиранги хуршед ламъа мезад. Вақте ки Салим дарвозаи ҳавлиро мебаст, аз оғилхона садои баоси гову гӯсолаҳо баланд шуд. Дарёфт, ки бародари ландаҳур корашро анҷом надодааст. Тез ба оғилхона баргашт ва гӯсолаҳои мастро як-як ба меххои охурча баста, ду гову як ғуноҷин ва аз паси онҳо наргови чорсоларо сар дода ҳамаро ба берун ронд. Молҳоро ба ҷониби подаи гузар, ки дар камари Кӯҳи Сафед ҷамъ мешуд, равона карда, беихтиёр

сари наргови баланд ва тану тӯшдор ба фикр фурӯ рафт. Ӯ медонист, ки ин тойин ҷони модараш аст. Орзу дорад, ба маҳзи пайдо шудани сару думи Ҳалим арӯсии Алимро барпо хоҳад кард. Агар Худо ёрӣ диҳад, ба Салим низ номзад ёфта ҷуфткелин мефурорад. Модар ин нияти худро чандин бор гуфта буд. Дар ҳақиқат, тойин худаш як тӯйро бозӣ медоронад, гӯшташ комилан барои як маросими калон мерасад, камӣ намекунад. Коре карда, обу алаф то охири зимистон монад-шуд, он тарафаш Худо-подшо. Баҳор, ки даромад, молҳо шиками худро аз дашту дала сер мекунанд…

Салим молҳоро ба пода расонда зуд ба хона баргашт. Ҳамин вақт Маҳтоб низ бо як пушта хорчӯб даромада омад. Ӯ по чида-по чида то назди танӯрхона расид ва бар рӯйи тахтасанги ҷувозӣ, пушт ба девор такя дода нишаста монд. Маълум буд, ки дигар қуввати ҳаракат надорад. Салим беирода барои ёрӣ ба ҷониби Маҳтоб шитофт. Дастҳои бечоразан аз сардӣ чангак шуда, ба бандҳои пуштаи ҳезум часпида буданд. Ҳарчанд зӯр мезад, ҳаракате аз панҷаҳояш барнамеомад, наметавонист ангуштонашро аз ҳалқаи ресмон ҷудо кунад. Салим дарҳол кафи дастҳояшро бо навбат рӯйи ду дасти Маҳтоб, ки аз сармо шах шуда кабудранг ба назар метофтанд, гузошту бо суръат молидан гирифт. Ҳангоми молидан дилсӯзона ба сухан омад:

– Нигоҳ кун, янга, сармо ба сарат чӣ рӯзе овардааст! Магар шарт буд дар яхбандони саҳарӣ ба ҳезум равӣ? Охир камтар ба ҷонат раҳм кунӣ, намешавад?!

Маҳтобро сару сураташ низ яхча баста буд. Ду чашми пури об аз сардӣ ялт-ялт ҷило медоданд. Донаҳои яхбастаи оби дида ба гунаҳояш шорида буд. Сурати хунакзада бо ранги кабуди сиёҳча ба назар мерасид. Хастагӣ тану ҷони ӯро гирифта буд ва дар ин ҳол сахт ба мадади Салим муҳтоҷ буд. Ҳарфе намезад, фақат бо чашми имдод нигарон менишаст.

Салим панҷаҳои Маҳтобро ба ҳаракат даровард ва ҳамзамон ҳалқаи ресмонро боз кард. Пуштораи ҳезум оҳиста лағжида ба замин нишаст. Салим бандҳои пуштораро, ки ҳанӯз дар китфони Маҳтоб ҳамоил буданд, ба ду тараф фуровард. Бе таваққуф бо як даст аз бозу ва бо дасти дигар аз тахтапушти янга гирифта, ӯро озод бардошт. Онҳо ба тарафи хонаи Маҳтоб, ки он ҷо Шабнам хоб буд ва Гулсун низ шир мепухт, қадам заданд. Маҳтоб роҳравон ба сухан даромад:

– Раҳ…мат…, до…дар…ҷон…

– Ҳеч гап не, худата азоб надеҳ, лабонат аз дасти сармо намеҷунбанд, – гуфт Салим, – ба пушти сандалӣ шиста гир, зуд ба худ меойӣ.

Гулсун, дар ҳоле ки шири дегашро бод мекашид, аз дасти Маҳтоб гирифта даромадани писарашро дида норозиёна хитоб кард:

– Натарс, бало намезанад! Агар ин хел меҳрубонӣ кардан гирӣ, аз худ меравад. Ина мону рафта додията ҷеғ зан, ширчой мехӯрем.

– Ин чӣ гап, оча? Магар намебинӣ бечорара сармо задаст? Лоақал ба хотири додиям камтар иззат кунед, осмон омада ба замин намечаспад. Дағалӣ ҳам ин қадар не-дия!

– Ман гуфтам, ки бало намезанад, нафаҳмидӣ, ҷувонимарг! Корҳое, ки мо мекардем, аз ин ҳам сахттар буд, лекин намурдем!

Гулсун бо дуруштӣ ҳарф мезад, аммо дар дил эҳсоси дигар дошт. Ба ростӣ, дили ӯ низ ба Маҳтоб месӯхт, аммо намехост ба рӯ оварад. Фикр мекард, агар ба арӯсони худ каме меҳрабонӣ кунаду ҳарфи хуш занад, ба болои сараш мебароянд. Зоти келин ҳамин, ҳеч гоҳ ба модаршӯ дилсӯз намешавад. Шӯраш паст нашуда, ба сари Салим дубора дод зад:

– Додии ҷувонмаргат куҷост? Садо зан, ду-се луқма нона ба заҳру маргатон хӯред.

Салим медонист, ки бо модар тую ман рафтан фоида надорад, Маҳтобро ба ҳоли худаш гузошта ба ақиб баргашт, то бародарро хабар кунаду аз шарри модар роҳат шавад.

Дар носазогӯйӣ Алим ҳам ба мисли модар дасти тамом дошт. Вақте ки Салими дар байни обу оташ монда омаду ӯро бедор карданӣ шуд, бо овози баланд доду ғирев роҳ андохт:

– Агар хестанӣ шавам, аз ту намепурсам, хар! Гӯшу думата ҷамъ куну аз ин ҷо дафъ шав!

– Ноз мекунӣ, ландаҳур? Мебинам, ки зӯрат фақат ба ман мерасад, лекин наравӣ, садқаи сарам. Ба нағзӣ ҷавобат ҳамин бошад, аз худат гила кун. Канӣ бубинам, ба оча чӣ мегӯйӣ.

– Эй хари аблаҳ, мемонӣ каме нафас гирам ё не? Ҳеч гоҳ ғами мана нахур! – бо қаҳр ҷавоб дод Алим ва илова кард: – Мисли ту тарсу нестам, ба ҳар кӣ ҷавобаша худам медиҳам.

Дигар ин сухани охири Алим ба гӯши модар низ расид. Салим, ки дер кард, Гулсун аз қафояш омада буд. Дӯғу пӯписаи писари калониро шунида тоқаташ тоқ шуд. Бо хашм пушаки гуппиашро аз гӯшаи даҳлез ба даст гирифт ва ҳамоно ба сари Алим омада, бе овоз ғазабашро бо калтакзанӣ нишондан гирифт. Аз ниҳояти ошуфтагӣ чашмонаш хун гирифта буданд. Рӯйи кӯрпа – ба ҳар ҷое, ки рост меомад, пушак[32] мезад. Аз лабу лунҷаш ҳам беист оби ҳақорату бадгӯйӣ мерехт:

– Ту ландаҳури ҷувонимарг аз кай боз худбину худсар шудӣ?! Ҳоли, гапи мана дута мекунӣ? Канӣ, бинам, кӣ дар ин хона ба ман гӯш намедодаст! Агар хуната набарорам, ту ятими ҷувонимарга, одам нашавам. Додои гӯрсӯхтаат мурда рафт, ун додии ҷувонмаргат ҳам беному нишон, болои ин ҳама ту чӣ мехоҳӣ? Ё фикр кардӣ аз қилиқот метарсам? Дасту поҳота мешиканаму маъюб бонӣ мекунам. Нагӯ, ки ҳама кор ба ин содагӣ аст, мо ҷон канему ту хоб равӣ?! Агар сағири гапношунав набошӣ, чаро қатори додарат нахестӣ?!..

Аз қаҳру ғазаби модар тану ҷони Салим ба ларза омад. Ҳар пушаке, ки ба сари бародараш мефуромад, дилашро таҳ мекашонд. Чунин ҳис мекард, ки гӯё модар ӯро мекӯбаду ба ӯ бад мегӯяд. Лаҳзае ин манзараи пурошӯбро тамошо кард, вале косаи сабраш лабрез шуд. Бе тааммул худро ба пеши пойи модар андохт ва бо лобаву зорӣ илтиҷо кард:

---

[32] **Пушак** – гуппичӯб *(чӯби баланди паррадор)*

– Очаҷон, бас кун, ӯро мекушӣ-охир! Дигар бехуд гап намезанад, тура хафа намекунад…

Вале суханҳои Салим ба гӯши модар намедаромад. Теғи ғазаб пардаи раҳму шафқатро дарида буд. Ба назар мерасид, ки фурсате надошт сари бетараҳҳумии худ фикр кунад. Ӯ, бехабар аз худ, бо як даст аз гиребони Салим ҳам гирифта ба қафо мекашид ва нохунҳои тезаш ҷо-ҷо пушти гардани ӯро харошида хунобча карда буданд. Салим ҳамчунин паст наомад. Бо ҳар қуввате, ки дошт, ба модар часпид ва дастаи пушаки гуппиро аз нӯки дигар миёни панҷааш нигаҳ дошт. Алими дар ғафлатмонда бо азоб аз зери кӯрпа ба по хест ва бо доду фиғон ҷойҳои дардгирифтаи баданашро молида-молида, аз чанголи модар берун ҷаст. Ӯ ба қафо нигоҳ накарда, аз дар париду ба ҳавлӣ баромад ва ба тарафи боғ гурехта рафт. Гулсун низ оғушта дар чанги ғазаб аз паси ӯ ба берун давид. Дид, ки дунболгирӣ фоида надорад, бо қаҳр пушакро ба як сӯ ҳаво дод ва ба хонаи ҷойи нишаст баргашт. Дар ниҳояти ғазаб зери лаб ба такрор ғур-ғур мекард: «Ҷувонимарг, ятими бехосият…» Ба маҳзи ин ки омада ба хона даромад, худашро дошта натавонист, аламомез бо овози баланд дами гиряро сар дод. Маҳтоб низ, чун гиряаш дар остин буд, ба ӯ ҳамовоз шуд. Салим бошад, аз пушти модар омада, бо дидани ин ҳол шах шуда монд, намедонист ба кӣ дил диҳаду чӣ коре барои осуда шуданашон кунад.

Алим аз дасти модар раҳо ёфта, бо ҳавли ҷон боғро миёнбур кард ва рӯ-рӯйи барф ба самти чашмаи Миёнбоғ гурехт. Ҳарчанд чор тараф бо домани барф пӯшида шуда буд ва боди сарди зимистонӣ вазида меистод, аз оби чашмаю ҷӯйчаи он, то ҷое, ки ба чашм менамуд, ҳавре заҳида меистод ва он тасмаи ғубории каҷукилеберо ба назар ҷилва медод. Маълум буд, ки оби чашма нисбат ба ҳавои берун гармтар аст, дар сурате ки сардии он дар фасли тобистон дандонҳоро мезанад.

Алим ба назди чашма омада нафасашро рост кард. Дилаш аз асабӣ шудани модар ноҳорат буд. Ин ҷанҷолро намехост, аммо чӣ кор кунад? Табиати ӯ чунин сохта шудааст, амру хоҳишеро бамавқеъ анҷом додан барои ӯ чун кӯҳи азим вазнинӣ мекард. Сахтгириҳои модар, дар воқеъ, аламашро меовард. Ба назараш чунин менамуд, ки модар роҳату осудагии бачаҳои худро дидан намехоҳад, ӯ меҳрабонӣ ва навозишҳои модаронаро бо дағалию носазогӯйӣ иваз кардааст.

Дар асл, Алим намедонист, ки аз дили модар чиҳо мегузарад, чӣ гуна ранҷҳои равонӣ ӯро азият мекунад. Бо ин ноошноӣ, гирифтори андешаҳои рӯякии худ поҳояшро ба ду канори ҷӯяки оби чашма гузошт ва хам шуда дасту рӯ шуст. Оби гарми чашма бар сару рӯяш нишаст, ором гирифт. Дигар, бо хаёли ин, ки агар ба хона баргардад, дубора оташи қаҳри модарро меафрӯзад, беихтиёр аз васати боғҳо, лаб-лаби ҷӯ ба самти поёноб ба роҳ даромад.

Боғи мобайн дар ихтиёри Йӯлдоши Бобокалон буд. Азбаски модари пири ӯ – Майсахола пас аз вафоти шавҳари худ солҳои зиёд зиндаю саломат мондааст, ин ҷо бештар ба унвони «боғи Майсамомо» вирди забонҳо мегашт.

Дар ду ҷониби рӯди об дарахтони муреду ношпӯттӣ ва болотар – дар самти рост токзори Йӯлдошака ҳамеша ҳосили фаровон медод. Ба хусус, ангурҳои сиёҳи кишмишӣ бо мазаи шаҳдбори худ ба ҷонҳо роҳат мебахшиданд. Аз сӯйи дигар, токзор барои бачаҳое мисли Алим, ки гоҳу бегоҳ зери он гавак кашида, ангур медуздиданд, чӣ неъмате буд! Ҳанӯз аз ёди Алим нарафтааст, ки боре холабачаи шаҳриаш ба меҳмонӣ омаду онҳо дунафарӣ ба сайди ангур баромада буданд…

Дар як гӯшаи токзор, онсӯтар аз танӯрхонаи Йӯлдошака як нимкати тахтагин қарор дошт. Майсахола ҳамеша бар рӯйи он менишаст ва боғу ангурзорро синчакунон наззора мекард. Гоҳ-гоҳ таноби силсиласимҳоеро, ки ба чор тарафи токзор кашида буданд, бо даст такон медод ва «ҳей-ҳо!»-гӯён сели гунҷишку майнаву акка ва дигар парандаҳоро киш мегуфт. Он рӯзе, ки Алиму холабачааш камин гирифта буданд, ҳавои гарму дим ба атроф тасаллут дошт. Онҳо дар пушти девори боғи худӣ истода, тамоми ҳаракатҳои Майсахоларо дар зеҳн мехонданд ва ба «шикор» омодагӣ медиданд. Кампир бошад, рӯмоли чити гулдори худро болои сар андохта, ба ангурзор ду чашм монда буд. Баъзан лабаҳои рӯмолашро алвонҷ дода, ба сару рӯ шамол мезад ва бо бари остин арақҳои сурату гарданашро пок карда мемонд. Ду «шикорчӣ» мунтазири он буданд, ки Майсахола аз нишастан хаста шаваду рӯйи ҷояш дароз кашад ва ба хоб равад. Аммо ин ҳолат ба осонӣ даст намедод. Наздик буд, худи «шикорчиҳо» аз интизории тӯлонӣ ба ғанаб раванд. Ниҳоят, холабача Алимро нихта кард: «Ана-ана, момо дароз кашид. Акнун навбати мо». Онҳо чанд лаҳзаи дигар мунтазир шуданд, то ки Майсахола бе хавотир «хоб монад». Аз камингоҳ ба чор тараф чашм давонда боварӣ ҳосил карданд, ки касе дар ин гирду барҳо нест. Пасу пеш аз рӯйи девор хез зада, худро ба рӯйи сабзаҳо партофтанд. Ҳар кӣ дар хатти худ гаваккашон то таҳи шоху баргҳои ангур омад. Дар зери воишҳои паст сарҳои ангур чун хӯшаҳои дурру марворид овезон буданд. Аҷаб тамошое доштанд он хӯшаҳо!

Ба маҳзи ин ки доманҳо аз саракҳои ангур пур шуд, Алим бо садои кам эълони ақибнишинӣ кард. Ҳар ду аз зери воишҳои ток ба пас хазиданд. Он замон, дар ҳоле ки бо як даст доманҳои пур аз ангурро медоштанду бо дасти дигар ба замин такякунон ба пушт гавак мекашиданд, ногоҳ аз болои сар овозе баланд шуд: «Боракалло, қаҳрамонҳои худам, насибаи имрӯзамон ҳам омода шуд, акнун дар куҷо бо ҳам мебинем?» Садои ошно рагу пайи Алимро шах кард. Ноилоҷ ба сӯйи овоз сар гардонд. Йӯлдошака бо лабони нимханд мӯйлабҳои дарози худро тоб дода, чӯби баландеро дар даст бозӣ доронда меистод. Ба назар мерасид, ки аз амалиёти бачаҳо ва дастгир шуданашон хеле хушҳол аст. Забони Алим гирифта буд, наметавонист чизе гӯяд. Аз хиҷолат сарашро поин афканд, замин намекафид, ки даромада равад. Холабачааш бошад, то он лаҳза думашро хода кард, ӯ баробари шунидани овози бегона домани пури ангурро сар дода, ба самти номаълум гурехта буд...

Аз ин гуна сайдҳо бебарор ҳамон яке равшан дар хотири Алим мондааст. Ӯ то ҳол намефаҳмад, ки чаро он вақт Йӯлдошака пеши холабачаашро нагирифта, ӯро ҷазо надода буд. Фақат суханҳои насиҳатомези марди ҳамсоя ҳанӯз дар пушти гӯшҳояш садо медиҳад: «Писарам, агар ангур хоҳӣ, ба худам ишора кунӣ бас. Бо ҳам мечинему маза карда мехӯрем. Ба ин зайл танҳо шохаку виёраҳои токро мешиканеду поймол мекунед ва ангур ҳам ҳайф мешавад». Эҳ Йӯлдошака, шумо аз куҷо медонистед, ки мо аз ангурдуздӣ чӣ кайфе доштем!..

Алим хаёломез то таҳи боғи Ашӯрамак расидани худро нафаҳмида монд. Садои гур-гури осиёби амак ҳавоси ӯро парешон сохт. Ҳис кард, ки баданаш ях мекунад. Як шалвори тунуки хонагӣ ва куртаи нимдошти синтетик дар муқобили сармои зимистонӣ чизе набуд. Аллакай гӯшҳои паҳну баланд ва сурати қоқу дастони нозукаш сурх шуда, кам-кам месӯхтанд. Хунукӣ ба тану ҷонаш чира мешуд.

Алим лаҳзае дар назди осиёб истод ва ба даврубари Ашӯрамак домани хаёл зад. Медонист, ки амаки осиёбон ба хонаводаи онҳо алоқаи хосе дорад. Ӯ дӯсти қарини падараш буд. Равшан дар ёд дорад, ҳангоми рӯйиҷойӣ шудани падар танҳо нафаре, ки мудом пурсида меистод ва лутфу меҳрабониҳои худро дареғ намедошт, ҳамин Ашӯрамак буд. Қариб ҳар рӯз ба аёдат меомад ва бо суҳбатҳои гарму шӯхиҳои ҷонфизои худ дили хастаи дӯсташро ба зиндагӣ гарм месохт. Аммо, вақте ки барои банда соати ҷон супурдан фаро мерасад, ҷуз таслим шудан чораи дигаре нест. Даргузашти муфоҷои падар ғайр аз аҳли байташ дили Ашӯрамакро низ реш-реш кард. Дар ҳоле ки наметавонист чеҳраи пур аз ғаму ғуссаи худро пинҳон кунад, ба ҳама кори ташйиъи ҷаноза ва маросими худоӣ сарвар шуд.

Ашӯрамак осиёб дошт, ҳам бо об мегашт ва ҳам бо гардонаи барқӣ. Бештар дар тирамоҳу зимистон бо об фаъол мешуд, аммо фаслҳои баҳору тобистон, вақте ки обёрии заминҳо ба таври дастаҷамъӣ авҷ мегирифт, бо гардона, яъне бо неруи барқ давр мезад. Алим дар ёд дорад, чанд сол пеш аз осиёб ному нишон набуд. Он замон дар мағозаи деҳа думи орд канда намешуд. Ҳар кӣ ҳар қадар мехост, ордҳои навъи дуюм, якум ва ҳатто олиро харид мекард. Фаровонии орд то ҷое расида буд, ки одамон барои молҳои худ низ ба ҷойи ему хошок нони гандумиву атола пухта медоданд. Шояд аз пайи ин ношукриҳо бошад, занҷираҳои ҳокими ҷамъият аз ҳам гусасту мағозаҳои давлатӣ аз байн рафт ва дар рӯзи равшан камбуди маводи хӯрокворӣ, пеш аз ҳама орд, дар зиндагии одамон ба миён омад. Бо мурури замон, ба хотири ёфтани орду гандум дарбадарӣ оғоз гардид. Рӯзҳову моҳҳо гузашту овардани ин неъмати зиндагӣ аз маҳалҳои болои кӯҳӣ ва шаҳрҳои дурдаст ба ҷон расид. Аҳли деҳа маҷбур шуд дар ҳар пора замини худ гандум корад ва аз пайи осиёбҳои бобоӣ биафтад. Он айёми сахт буд, ки Ашӯрамак низ осиёби чордеворшудаи худро ба роҳ андохт ва рӯзгори сахти ҳамдеҳагонро то ҷое осон кард…

Ҳавои хунак аз ҷони Алим гузашт, баданаш ларзидан гирифт. Беихтиёр, девори сангинро дудаста дошта, хез зада ба даруни боғ ҷаҳид. Аз бағали

девори осиёб гузашта ба назди дари вурудӣ омад. Дари осиёбро бо занҷиру зулфини оҳанин баста, дар сӯрохи зулфину ҳалқаи дар як тикка чӯбро гузаронда буданд. Алим бе хавотир тиккаи чӯбро аз ҳалқа берун оварда ба замин гузошт ва зулфинро кашида дарро ба ақиб тела дод. Даҳлези осиёб тип-торик буд. Лаҳзае дар дами остона рост истод, то чашмонаш ба торикӣ одат кунад. Камубеш, ҳар чӣ дар дохил буд, ба назар аён мешуд. Симкате дар ростии даромадгоҳ қарор дошт ва бар рӯйи он кӯрпачаеро паҳн карда буданд. Ба ҷойи болишт як бушлати чорқадшуда ба назар мерасид. Дар бехи девор, аз тарафи дасти чап, се-чор халтаи пур аз орд ва чанд сатилу тағораи холӣ рӯйи ҳам меистоданд.

Алим, дар ҳоле ки ба даҳлез хира мешуд, дар мағзу ҳуши худ садои баландтари осиёбро ҳис кард. Равшан ба гӯш мерасид, ки оби тунде бо шӯру мағал поин мерезад, сангҳои сангин ғаж-ғаж рӯйи ҳам давр мезананд ва ҳамзамон гулдурроси баланде дару девори осиёбро меларзонад. Ӯ дигар нахост дар берун бимонад. Чун сардии ҳаво тоқаташро тоқ карда буд, бе дудилагӣ ба дохил даромад ва дарро аз дарун баст. Ба рӯйи симкат дароз кашид, бушлати ғафси пахтагиро ба ҷойи кӯрпа ба болои худ кашид. Бо дили пур ба Ашӯрамак, ки аз худсарона ворид шудани ӯ ба осиёбаш ҳеч гоҳ нороҳат намешуд, ҳама гапу корро як сӯ ғундошт ва якпаҳлу зад. Оҳиста-оҳиста пилкҳояш вазнин шуда, ғанаб ба ӯ зӯрӣ кард…

Маҳтоб низ баъд аз пухта гирифтани як танӯр нону кулча ва саранҷом додани корҳои хурду рези рӯзгор барои гузиндани бузмӯй ба даври модаршӯяшу Салим пайваст. Гулсун тамоми бузу гӯсфандони дарашро бо ҳамдастии писаронаш қайчӣ зада, як ҷувол лаб ба лаб пашм гирифта буд. Акнун, ба маҳзи ин ки бекор мемонд, то бевақтиҳои шаб бо сарубасар кардани бузмӯйҳо машғул мешуд.

Он рӯз сенафарӣ то вақти хуфтан пашм тарит карданд. Маҳтобу Салим аксаран бо сари хам, хомӯшона дасту ангушт мезаданд, аммо Гулсун аҳёнан аламашро ба берун мерехт: «Ин ҷувонимарг наомад, аз афташ омаданӣ ҳам нест, – мегуфт ӯ бо қаҳру хафагӣ, – сару почаша гирифту гум шуд. Ба кадом гӯри торик рафт, Худо медонад».

Гулсун инро мегуфту чеҳраю дастонаш ба маънии дигар аломат медоданд. Аз ҳаври бетоқатие, ки дар сандуқи дилаш дамида буд, рухсораш лолагун ва ҳаракати панҷаю ангуштонаш торафт тезтар мешуд. Гӯё ҳама хашми ӯ дар муштҳояш ҷамъ шуда буд, ҳар қабзаи бузмӯеро, ки ба даст мегирифт, сахт-сахт тарит карда бо зарб ба рӯйи бӯқча мепартофт. Маҳтоб ҳама ҳаракоти ӯро аз зери чашм мехонд, вале ҳарфе намезад, ҷуръати ҳарф задан ҳам надошт. Салим бошад, натавонист ин ҳолро то охир таҳаммул кунад:

– Оча, чӣ кор мекунӣ? Ин чӣ гузиндан? – ниҳоят кафид ӯ бетоқатона.

Гулсун ба ҷойи ҷавоб хам шуда бӯқчаи пашмҳои таритшударо ҷамъ кард ва бо зарб ба бағали Маҳтоб андохту итобомез дод зад:

– Ҳамаат ба ҷонам задед! Вид-видӣ накарда хезед, дасторхону нон биёред! Хӯрока мехӯрему мехобем. Наояд, ба гӯри падараш, ин сағири бехосият…

Маҳтобу Салим сухане нагуфта, ҳамроҳи Гулсун аз ҷо баланд шуданд. Ҳоли модар барояшон чун моҳ равшан буд: бо изтироби ботинӣ ҳоли саги сӯзанзадаро дошт, дилаш барои Алими якрав месӯхт. Ҳарчанд бо нӯки забон ба ӯ лаънат мехонд, дар дил хавотир мекашид: «Куҷо рафт, чӣ ҳол дорад, чизе хӯрда бошад ё не?»

Маҳтоб бӯқчаи бузмӯйиро ба хонаи миёна, ки кулбаи хурде буду вазифаи анборро адо мекард, гузаронд. Сипас аз болои печка обдастаро гирифта обашро гармухунук кард. Дар навбати худ, Гулсуну Салим дар даҳлез либосҳояшонро афшонда, омодаи дастурӯшӯйӣ меистоданд. Гарду бӯйи бузмӯй он қадар хуб нест, гӯё то мағзи чашму бинӣ менишаст. Аз ин рӯ, то бо собун дасту рӯ намешустанд, хотирашон ҷамъ намешуд.

Маҳтоб аз дасти ҳар яке об рехт ва худаш низ дастуපанҷа шуста дунболи дасторхон рафт. Маълум буд, ки он рӯз ҳам баркро қатъ кардаанд. Вақтҳои охир ин ба одати маъмулии коркунони идораи барқ табдил ёфта буд. Агар шохаки дарахт ҷунбад, бо баҳонаи шамол калиди тронсро мебастанд. Хонаро чароғи керосинӣ, ки бо сими дарозе дар васат ба болор овезон буд, равшан мекард. Ҳарчанд нури чароғ тобонии лампаҳои барқиро надошт, барои равшан кардани хона, то ҷое, ки пеши чашму поҳо дида шавад, кофӣ буд. Аммо торикии хона дилтангии Гулсунро бештар мекард. Ӯ иштиҳои хӯрокхӯрӣ надошт, шӯрбои косаашро тагурӯкунон бо қошуқ бод мекашид. Хомӯшии Салим ва Маҳтобу духтараш, ки саргарми ғизохӯрӣ буданд, ғаши ӯро меовард. Дилаш мехост баланд дод занад, ҳар чизеро, ки ба назараш менамуд, титу пора кунад. Ҳеч симои Алим аз назараш дур намешуд, аз набудани ӯ парешонхотир менишаст. Мехост ин писари ҷувонмаргаш, ҳар қадар баду бадкор аст, паҳлуяш бошад, то як луқма нон аз гулуи ӯ низ гузарад.

Дар ҳамин асно, вақте ки Гулсун то ҳолати таркидан расида буд, садои тақ-тақи дарвоза баланд шуд. Ҳар се баробар ба якдигар нигоҳ карданд. Дар чеҳраи ҳар кадом як маънӣ буд: «Алим омад!»

– Ман худам, – гӯён Гулсун ҷасту аз ҷо хест ва бо шитоб ба берун баромад.

Модар дар ҳоле буд, ки мехост дидан замон ба писари худсару гапнодарои худ дарафтад, ҳисобӣ лату кӯб кунад. Агар маҷруҳ ҳам шавад, боке нест, дар хона бошад шуд, маъюб бонӣ мекунад. Ин ҷавонмарги гапнодаро бояд адабашро гирад, вагарна бо бесариҳои худ дилҳоро хун карданаш аҷаб не…

Боди хунак ба сару тани Гулсун зад. Ҳама ҷо торик буд. Аз пушти дарвоза овози шинос баланд шуд, садои Ашӯрамак меомад:

– Хоҳарам, дар хона ҳастӣ? Мебахшӣ, ки дар бевақтӣ беҳузур кардам. Агар намеомадам ҳам, намешуд.

Гулсун дарҳол дарвозаро боз кард. Ба дӯсти шавҳараш бо илтифот салом дод, барои даромадан ба хона муроот намуд ва аз қирраи чашм ба пушти ӯ зеҳн монд. Нигоҳҳояш Алимро меҷустанд, вале Ашӯрамак танҳо буд.

Маҳтоб дуқабат кӯрпача андохт. Амаки осиёбон чорзону нишаста дуои расиданро хонд ва ҳама даст ба рӯ кашиданд. Шабнам бо нозу карашма ба тарафи амак моил шуд. Амак низ аз ин лутфи духтарак хушҳол шуд, ёзида ӯро ба бағал гирифт ва мӯҳои ҷингилаашро миёни ангуштони худ шонида ба сухан даромад:

– Худоро шукр, ки ҳамаатон сиҳату саломат ҳастед. Руҳу хотири дӯстам шод бод, дар ин ними шаб барои маслиҳат омадам, хоҳар.

Гулсун нафаҳмид ва бо тааҷҷуб ба ӯ дида дӯхт. Салиму Маҳтоб низ гӯшу ҳуш ба суханҳои амак шуданд.

– Омадам ба шумоён хабар диҳам, ки Алим бо ман аст. Ман вая дар осиёб нигаҳ доштам, – гуфт Ашӯрамак ва бо ҳамон оҳанги мулоим афзуд: – Агар розӣ бошед, бо ман монад, кумакам шавад.

Аз хурсандӣ дар чашмони Гулсун ашк ҳалқа зад. Бо ҳаяҷон, дар ҳоле ки наметавонист хушҳолии худро пинҳон кунад, гуфт:

– Додӣ, аз наомадани ин ҷувонимарг бо дили хуноб менишастам. Умри дароз бинед, як кӯҳ бора аз китфам дур кардед. Шумо ба кор гиреду ман не гӯям? Раҳмат, додӣ, нағзиҳоятон аз Худо гардад.

– Худам дар фикри ёфтани ёрдамчӣ будам. Саҳарӣ бо ҳамин хаёл ба осиёб омадаму Алимҷона масти хоб дар он ҷо дидам. Ба фоли нек донистам ва ҳамон лаҳза барои худам нақша кашидам, ки ин кора ба таъхир наандозам. Тамоми рӯз корҳои осиёба бо ҳам анҷом додем, дасту панҷааш мепечад, тез роҳ афтид. Вақтҳои охир рафтуомади одамон зиёд шудааст, як худам дасттанҳоӣ кардам, ба корҳоям намерасам…

Ашӯрамак дар хусуси корҳои осиёб ва чолокии Алим гап мезад, Гулсун ва Салиму Маҳтоб ғарқи суханҳои ӯ менишастанд, хурсандиашон ҳадду канор надошт. Дар чунин як замоне, ки хелеҳо муҳтоҷи луқмаи нон ҳастанд, соҳиби кор шудани Алим омади калоне буд. Ҳадди ақал, аз орд дасткӯтаҳӣ намекашанд, нонашон бутун мешавад. Гузашта аз ин, Алими якрав дигар сака-сака намегардад, дар дасти Ашӯрамак одам мешавад. Агар гуфтаи касеро гӯш накунад ҳам, ба амак меҳри хосса дорад, ӯро ҳурмат мекунад.

* * *

Маҳтоб дар оғилхона охирин бор ду сатили дасташро бо пору пур карда ба кӯтон – молхонаи бузу гӯсфандон бурд. Сатилҳояшро ба рӯйи теппачае, ки бо гузаштани зимистон дар васати молхонаи бесақф аз поруи гову бузу гӯсфандони дараш ҳосил шуда буд, холӣ кард. Як дам қоматро бардошта нафасашро рост кард ва сарутани худро ба тартиб даровард. Сипас сатилҳоро гирифту ба лаби об шитофт. Чанд бор ба лаби ҷӯй рафта омад ва тамоми ҷогаҳҳоеро, ки дар кӯтон буданд, бо об пур кард. Дид, ки ҳама чиз – об,

тағораи қолабӣ, каланду бел барои рехтани таппӣ омода аст, пешдомани сиёҳашро ба миён ва як порча матои докагиро аз болои даҳону бинӣ ба рӯйи худ баст. Он гоҳ «ё бисмиллоҳ»-гӯён ба кор сар кард. Аз як гӯша теппачаи поруиро бо каланд кандаю кашида «ҳавзак» сохт, ба он каме об рехт ва тез-тез омехта кардан гирифт. Бӯйи тунду бади пору ба атроф паҳн шуд. Аммо аз он ғаши Маҳтоб наомад, бо бел аз махлути мулоимшуда ба тағораи қолабӣ андохт. Тағораи пурро бардошта аз дари қӯтон берун баромад ва онро дар бехи девор холӣ кард. Ин амали Маҳтоб беист такрор шудан гирифт. Ӯ бо завқ кор мекард ва чун медид, таппиҳои рехтааш рад-рад падид меоянд, боз иштиёқаш меафзуд ва бо неруи бештар ба кор мечаспид.

Фурсати зиёде нагузашта Салим низ ба имдоди Маҳтоб расид. Ӯ ҳеч гоҳ зани бародарашро танҳо намегузошт ва саъй мекард ҳар гуна заҳматро бо ҳам бикашанд. Агар медид, Маҳтоб хаста менамояд ё аз чизе нороҳат аст, дар худ мепечид ва бо ҳар роҳ барояш дил медоду дасти ёрӣ дароз мекард. Ҳар ду чун бородару хоҳар бо ҳам унс гирифта, ҳамеша дар фикри якдигар буданд. Имрӯз саҳарии барвақт Салим молҳои хонаро ба подаю рамаи маҳалла ҳамроҳ карда шитобон ба манзил баргашт ва каланди дасти Маҳтобро гирифт. Ӯ поруи аз «теппача» кандаи худро баҳамзанон ба сухан даромад:

– Таппии имсолаатон бобарака барин. Агар бо ҳамин шаст равад, ҳезум ҳам даркор нашуда мемонад.

– Чун таппӣ хушк шуд, чалма мешавад ва чалма ҳам ангишти тапа-тайёр, – ба тасдиқи ҳарфҳои Салим илова кард Маҳтоб, дар ҳоле ки тағораи таппидорро барои холӣ кардан мебурд, – зим-зим лахча шуда месӯзад ва албатта, ба ҳезум дарора аст. Барои печкаю оташдонҳои берун ҳамин чалма бас, ҳезумҳора фақат ба танӯру сандалӣ мегузорем.

– Рост, имрӯз заҳмат кашем, фардо ба роҳаташ мерасем, – гуфт Салим ва пас аз андаке сукут афзуд: – Аммо, янга, ҳеч дар майнаам намеғунҷад, барои чӣ мо аз гази табиӣ, ки неъмати фаровон аст, то ба ҳол маҳрумем? Имрӯз то гӯшаҳои дурдасти мамлакат, ҳатто то Кегейлию Чимбой ва аз он ҳам дуртар газ кашидаанд, қубурҳо аз чапу рост мегузаранд, ба тарафи мо бошад, гардан хам карданӣ нестанд.

– Ина ҳама орзу мекунад, додар. Ба он орзу падаронамон нарасиданд, мо бенасибем ва шояд фарзандонамон ҳам муяссар нагарданд. Аз ҳамин чӯбучахсу чалмаи бобоӣ намонем! – тағораи навбатиро бардошта истода гуфт Маҳтоб.

– Шунида будам, ки агар раҳбарон дар солҳои пеш ҳаракат мекарданд, ин кор ҳал мешудааст. Акнун бошад, кӣ ҳам фикри ин чор қишлоқи куҳистона, ки чорта одам дорад, мехӯрад? – ноумедии янгаашро тақвият дода гуфт Салим. – Газ бошад, дар ҳақиқат, роҳати ҷон аст, чӣ қадар кори одамҳора осон мекунад! Як моҳ дар Миёнкол ба хонаи тағои Ҳаким меҳмон шудаму ба зиндагиашон ҳавасам омад. Ҳар чӣ мехоҳанд дар учоқи газ дуруст мекунанд, аз обгармкуни газӣ хонаҳояшон гармак, ҳаммомашон шабу рӯз даргард, ҳатто ба зери танӯр лӯлачаи газ кашидаанд. Нияти ман ҳам ин аст,

ки агар акаи Ҳалимам меомад, ҳамаамон кӯчида ба шаҳр мерафтем, аз ин ҳама дардисарҳо роҳат мешудем – на фикри молу ҳол доштем, на ҳезумкашӣ мекардем, на дар зери ин гуна бӯю тафт дастҳоямона ба таппӣ меолудем…

Маҳтоб исми шавҳарашро шуниду лаҳзае карахт шуд, ба девор такя зада, ду чашм ба ҳаракоти дастони Салим нигарон монд. Дар пеши назараш чеҳраи ҷиддии Ҳалим ҳувайдо гардид. Ӯ бо нигоҳҳои маънидоре ба Маҳтоб дида медӯхт, гӯё гуфтанӣ буд, ки «додарам рост мегӯяд, зудтар сару сомонатро ҷамъ кун, ман бо худам пули бисёр меоварам, дар шаҳр хона мехарем, дигар намехоҳам туву духтарам азоби фироқу ташвиши рӯзгорро кашед…» Дар ҳоле ки аз шодиёнаи ниҳонӣ лабони Маҳтоб ба табассум моил шуда буд, бо садои Салим ба худ омад.

– Янга, рост мегӯям? Агар ба шаҳр равем, доду бедоди очаам низ камтар мешавад. Ку бубинем, он вақт сари чӣ эрод мегирад.

– Э додар, зиндагӣ дар ҳама ҷо мушкилиҳо дорад, – ба сухан омад Маҳтоб. – Одама ҷонсабил мегӯянд, аз ҷойи набуда барои худ кор месозад, лекин ба ҳама гирумон одат мекунад. Кай медонистем, ки Алим коргари осиёб мешавад? Ҳамон бачаи танбал имрӯзҳо ба сархорӣ вақт надорад.

– Оре, ин ҷо кораш фақат дасту гиребон шудан буд. Аз хархашаҳои ваю очаам оромӣ надоштем.

– Вале ҷояш холист. Бо он ҳама шайтониҳош одама пазмон кард, шаш моҳ чӣ хел гузашт, нафаҳмида мондем, – гуфт Маҳтоб ва охирин тағораи таппиро, ки Салим рехта, дар як гӯшаи қӯтон дастҳояшро рӯйи зонуҳояш ҳамоил гузошта менишаст, бардошта ба берун бурд.

Маҳтоб дарёфт, ки Салим монда шудааст ва то ин ҷо дар дасту пойи худ низ беҳолиро ҳис кард. Тағораи холиро канори теппачаи нимбуридаи пору гузошта ба Салим рӯ овард:

– Кор намегурезад, додар, биё равему нонушта кунем. Шабнам ҳам бедор шудагист.

Салим гӯё мунтазири ин ишора буд, ҷаста аз ҷо баланд шуд ва гуфт:

– Рафтем.

Ба ҳавлӣ, ки даромаданд, Маҳтоб офтобаро бо об пур карда овард ва ҳар ду аз дасти ҳамдигар об рехта, бо собун нағзакак дасту рӯ шустанд. Гулсун дар пешайвон менишаст. Аз қирраи чашм ба келину писараш нигоҳкунон чойи пиёлаашро ҳӯрт мекашид. Маҳтоб авзои ӯро дидан замон пай бурд, ки ҳанӯз кайфияти хуб надорад. Аз дишаб, ки дервақт ба хона омада буд, то ҳол як калима аз ӯ нашунидааст. Ҳис мекард, дами даруни модаршӯ аз оқибати баде дарак медиҳад. Маҳтоб мазаи ин гуна ҳолатҳоро чандин бор чашида буд.

Маҳтобу Салим пасу пеш дар канори дасторхон нишастанд. Ҳанӯз ба нону чой даст назада, Гулсун нигоҳи ҳар дуро ба сӯйи худ гардонд:

– Ба ту нағзӣ кардагӣ одам – худаш аҳмақ! Хонаю дари падарат аз сараш монад, мемурдӣ, рост рафта рост ба лаҳадат биёӣ? Ё аз лақомаки даҳани мардум шудан хушат меояд? Аз дасти шумоён ҳеч рӯзи хуш надидам-ки надидам! Охир, ба пасу пешат нигоҳ карда қадам монӣ, намешавад?! Ба

зане, ки дую ним сол болои сар шавҳар надорад, аз ин дар ба он дар дайдугӣ кардан мезебад? Ё шумо тарзи ҷудо? Ё очат фармуд, ки дарбадарӣ кунӣ? Дониста мон, ту келини ҳамин хонадонӣ, агар шаъни ин оиларо зери по кунӣ, аз ман раҳму шафқат намебинӣ! Коре мекунам, ки ҳам худату ҳам очаю додот пушаймон мешавед, ҳа, пушаймон мешавед, ки ба ин дунё омадаед!

Аз қаҳру итоб ва беохир доду ғирев кардани Гулсун Маҳтобу Салим – ҳарду ҳайрон шуданд. Маҳтоб ҳарчанд медид сарзаниш ба сари ӯст, аммо имкони лаб кушодан надошт. Ӯ метарсид, ки банохост ҳарфе бемаврид мегӯяду оташи ғазаби модаршӯ бештар забона мезанад. Вале Салим, чун одати ҳамешагӣ, ба ин ҳол тоб наовард ва бо овози гирои худ ба даҳони модар зад:

– Оча, худаш чӣ гап? Чаро саҳар-катӣ ба ҷойи «мондаҳо» гуфтан доду бедод мекунӣ? Охир, айби ин бечора чист? Шабу рӯз ғулом барин дар дарат кор кунаду подошаш ҳамин?

– Ту ҳанӯз кӯдакӣ, Салим, ҳеч чиза намефаҳмӣ! – бо ҳамон садои баланд гуфт Гулсун ва афзуд: – Агар калонтар мебудӣ, медонистӣ, ки зани муддатҳои зиёд бе шавҳар буда намебоист ба хонае равад, ки фақат мард дорад!

– Хуб, бе шавҳар будани ӯ айби кист? – оташин шуд Салим ва бештар ба шӯр омад: – Агар писари эркаат монда гум намешуд, ин бечора ҳам бе шавҳар намемонд! Ҷойи ин ки набудани акаамро маълум накунем, мо баръакс: ба захмаш намак пошиданамон пошидан. Ҳамин ҳам аз рӯйи одамгарӣ шуд, оча?!

Гулсун бошад, тоқати шунидани ин суханҳоро надошт, фикру зеҳни ӯ побанди хаёлоти дигар буд. Ҳанӯз ҳам пичингҳои Шарбати ҳамсояаш, ки дар вақти ғӯзачинӣ дар миёни як хона зан зада буд, аз хотираш намерафт: «Келини нозанинат дар ба дар мегаштагӣ шудааст, ба худаш шавҳар мекобад, чӣ бало?» Он лаҳза Гулсун аз хандаю истеҳзои ҷамъи занон хиҷолат кашид. Касе пайдо намешуд, ки пеши ин ғайбату таҳқири беҷоро бигирад, ҳарчанд худи ӯ паст наомада буд: «Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, Шарбат, агар донам, ки келини ман ҳамин г..хӯриро кардааст, сангсораш накунам одам набошам! Ба кадом гӯр рафта буд, ки ту дида мондӣ?» Шарбат аз гӯшу ҳуш шудан ва чашму даҳони бози ҳозирин қувват гирифта афзуда буд: «Дирӯз Маҳтоб аз хонаи Усто Шариф баромадаст. Охир, ҳама медонанд, ки усто ғайр аз чанд бӯзбала каси дигаре дар хона надорад!» Он ҷо Гулсун пай бурда буд, ки кашол додани домани баҳс дар иҳотаи занони ҳангоматалаб ва ба хусус, бо зани кинагиру шаттоҳе мисли Шарбат, фоида надорад. Аз ин баҳсу талош фақат ҳавзхонаи манаҳдорону ғайбатчиён сероб мешаваду бас. Аз ин рӯ, лаб фурӯ бастанро афзал дониста, сар-сарӣ бо ғӯзачинон хайрухуш кард ва аз хона берун омад. То ба ҳол ҳис мекунад, ки он лаҳза, ҳангоми баромадан хандаи баланду ҷонгири Шарбат мисли як тири заҳрдор аз пушт ба ӯ халида буд.

Вақте ки Гулсун ба хона баргашт, бачаҳояш ҳама ба хоб рафта буданд. Агар ҳамон дишаб арӯси «аз пеши худ шуда»-ашро медид, ҳатман ҷазо

медод, тикка-пора карданаш ҳам аҷаб набуд. Инак, дар атрофи дасторхон бо «мулоиматӣ» ғазабашро ба сару кӯли Маҳтоб мерехт ва бетоқатона мунтазири як луқма ҷавоби ӯ буд, ки чаро ба манзили Усто Шариф рафтааст. Аммо об дар даҳон нишастани Маҳтоб ӯро бештар асабонӣ мекард ва эътирозу нороҳатии Салим асаре ончунон ба руҳияаш надошт. Ӯ дубора ба Маҳтоб теғ кашида фарёд зад:

– Чӣ шуд, ки аз пеши очаат рост наомадӣ? Дар хонаи Шарифино чира гум карда будӣ?!

Маҳтоб ин ҷо ба асли қазия воқиф шуд. Дарҳол ба хотираш омад, ки парерӯз, ҳангоми баргаштан аз хонаи падарӣ, сари роҳ ғалбери ба амонат гирифтаро ба зани Усто Шариф дода гузашта буд. Дар ёд дорад, он рӯз аз дами дарвоза ҳамсари усто – апаи Умсунро ҷеғ зада, баъд аз ҳолу аҳволпурсии мухтасар ва изҳори сипос аз ҷониби падараш ғалберро пас дода буд. Маълум мешавад, ки ин ҳаракати ӯ ба чашми нокасон афтида, дастаке барои чарбзабонии занони суханчин шудааст. Ӯ сар бардошт:

– Янгаҷон, он рӯз падарам хоҳиш карда буданд, ки ғалбери Усто Шарифа ба хонаашон дода гузарам. Ва ман ҳам аз дарвоза ба дохил қадам намондаам, ҳамон ҷо ба апаи Умсун супурдаму ба роҳам омадам. Ба ҷон зорӣ карданд, ки даме бо ҳам нишинем, суҳбат кунем, аммо Худора шукр, ман ин тавр накардам, худи апа гувоҳ!

Аз ин шарҳи ҳоли Маҳтоб Салим шердилтар шуд ва бо симои ҷиддӣ ба модар эрод гирифт:

– Мебинӣ, оча, бадтинатии одамон то куҷо рафтааст?! То кай мо ба гапи ҳар гуна баду бероҳ шуда дили якдигара мехарошем? Агар ҳеч кас надонад ҳам, ту ки янгаама хуб мешиносӣ! Медонӣ, ҷойи вай каси дигаре мебуд чӣ кор мекард? Аллакай сар мегирифт, мерафт ба хонаи падару модараш. Лекин янгаам ин кора накард, ана дую ним сол мегӯйӣ – тамоми ин муддат бо ману туст, ҳама буду шудаша ба мо бахшидааст. Ношукрӣ ҳам меъёре доштагист?!

Бо вуҷуди ин, Гулсун паст омадан намехост. Беихтиёр рӯмоли сарашро боз карда, мӯҳои фалламонандашро аз болои сар то нӯки ҷамолакҳояш ба тартиб даровард ва дубора рӯмолашро баста истода ба Салим рӯ овард:

– Одамони мо маътали ишораанд, аз паша фил месозанд. Ҳамин як қадами Маҳтоб барои занони маккачин кофист. Ман-ку вая мефаҳмам, лекин даҳони ҳар як ғайбатчира чӣ хел ҷамъ мекунӣ? То ба ҳар кадомаш будушуди гапа мегӯйӣ, хунат аз ҳалқат меояду натиҷае ҳам намегирӣ.

Маҳтоб оромтар шудани модаршӯяшро ҳис карда бо ҳамон сари хам гуфт:

– Маро бубахшед, ҳеч фикр намекардам, ки ин қадар хоки пойи мо сабук аст.

Салим низ пушташро ба сутуни айвон такя дода, мисли як пирамарди солхӯрда бо симои андешаманд дунболи сухани Маҳтобро гирифт:

– Мардум ҳар чӣ гӯяд, бало ба пасаш, мо кори худамона мекунему ғами зиндагии худамона мехӯрем. Ба ростӣ, оча, дигар намешавад ба тақдир тан

дода нишаст. Шумо розӣ шавед, ман ба ҷустуҷӯйи бародарам мебароям. Агар пайдо мекардам, ҳама корамон дуруст мешуд, лоақал янгааму Шабнамҷон нафаси осуда мекашиданд.

Гулсун ин хоҳиши писарашро чандин бор шунида буд. Ҳар гоҳ, аз тарси ин ки ӯро низ аз даст медиҳад, ризоят намедод. Ин бори дуюм аст, ки ба арӯсаш туҳмат заданӣ мешаванд. Дафъаи аввал ба хостгорӣ омадани Зарифи кӯпкаритоз ҳамаро ба шигифт оварда буд. Он ҷавони занмурда гӯшворе шунидааст, ки Ҳалим дар мардикориҳо ба фалокат гирифтор шуда аз дунё гузаштааст. Бо ин хабар дуд аз димоғи Гулсуну оилааш баромада буд. Лекин пас аз пурсуҷӯю расидани хабарҳои баъдӣ маълум шуд, ки овозаҳо дурӯғ будааст... Ҳанӯз доғи он рӯзҳо аз байн нарафта, занони бекор аз нав доманҳои покро олуда карданианд. Шояд Салим рост мегӯяд, таваккул ба Худо, агар бародарашро пайдо мекард, нафаси ҳамаро гирифтагӣ мешуд.

– Шумоён аз пайи коратон шавед, – хаёломез ба сухан омад Гулсун ва аз ҷо хеста истода изофа кард: – Ман ба хонаи амаки Ашӯр меравам, гапи гуфтанӣ бисёр дорам.

* * *

Маъмулан сокинони деҳаҳои кӯҳистонӣ заминҳои тахту ҳамвор надоранд. Онҳо хонаю дар ва боғу киштзори худро дар нишебиҳои кӯҳ ё теппагиҳо бунёд мекунанд ва бештар дар синаи кӯҳ ҷоеро бармегузинанд, ки хавфи омадани селу тарма ё обхезиҳои мавсимиро надошта бошад. Атрофи хонаро то ҷое, ки имкони дастрасӣ ҳаст, ҳисор мегиранд ва ин ҳотаи худро ба арзи ҳавлии ҳосилшуда то поён – то ҳамон хатте, ки синаи кӯҳ ба рӯд ё ҷару ҷӯҳои васатӣ бармехӯрад, идома медиҳанд.

Хонаи Ашӯрамаки осиёбон дар нишебии кӯҳи Пашметан воқеъ буд. Он бо як таҳхонаи дароз ва айвони тобистона дар қисми болотари ҳота қарор дошт. Аз айвон то таҳхона ва аз он ҷо то лаби рӯд, дуруст то дами дари осиёб, пайроҳае боғи Ашӯрамакро бурида мегузашт. Маҳз ҳамин пайроҳа хатти асосии ҳаракатҳои амак буд, ки бо кашондани ғалладона осиёби худро гардон мекард. Аз сӯйи дигар, оби ҷӯйи калон низ бо андаке каҷ кардани роҳи ҷараёни худ дар ҳолати худҷорӣ бар рӯйи сангҳои осиёб меафтид.

Ғалладонае, ки барои орд кардан оварда мешуд, софу тоза набуд. Вақтҳои аввал Ашӯрамак бо ранҷи зиёд онҳоро бод медоду ғалбер мекард. Баъд аз он, ки бо омадани Алим дар шафати хонааш айвони тобистона сохт, ин мушкилаш осон гардид. Айвон аз чор сӯ боз буд ва сақфи мудаввари нишебдори он танҳо бар рӯйи ҳашт сутуни чӯбии яктикка устувор мехобид. Амак барои бод додан ё ғалбер кардани ғалладона аз рӯйи вазидани бод ҷойи дилхоҳро метавонист интихоб кунад.

Бо мурури замон, вақте ки Ашӯрамак ҳис кард, ҳатто дунафарӣ ба кори осиёб намерасанд, тоза кардани гандуми қабулшударо ба ҳамсараш – Шукрияхола супурд ва духтари ҳамсояи девордармиён – Ҷамиларо низ ба дастёрии ӯ хонд. Худи амак бори расидаро дар таҳхона қабул мекард. Ба

хотири омехта ё гум нашудани ҳар як халта исми соҳиби онро дар барчасп ё картонаке навишта ба гарданааш медӯхт. Дигар ба айвон бурдан ва тоза карда ба дӯли осиёб омода сохтани ғалладона ба уҳдаи бонуҳо буд. Халтаҳои ғаллаи тозашударо бошад, бо тартиб, Алим пуштора мекард ва дар анбораки осиёб бағали ҳам дармечид.

Алим дар тӯли шаш моҳ чунон вориди корҳои Ашӯрамак шуда рафт, ки ҳатто бо ин вобастагӣ хонагиҳояшро фаромӯш карда буд ва агар худи онҳо омада аз ӯ хабар намегирифтанд, шояд аслан ба суроғашон намебаромад. Бо амаки осиёбон даст ба даст дода шабу рӯз андармони кор мешуд. Ҳар гоҳ аз номи вай ба хонаашон халтаи орде мерафт, бо худ мефахрид ва ҳис мекард, ки баъд аз танбалиҳои пешин акнун то ҳадде устухон сабук мекунад.

Аз ҳамон рӯзҳои аввале, ки Ҷамила ба ёрдами Шукрияхола омад, дилгармии Алим ба коргоҳ дучанд шуд. Ин духтараки қадраси ситорагарм бо нозу ибоҳои ҳамешагӣ ва бо иштиёқи баланде, ки нисбат ба кору зиндагӣ дошт, дили ҷавонро тасхир карда буд. Баъзан Алимро ҳиссиёте фаро мегирифт, ки бе ихтиёр ба сӯйи таҳхона ё айвон қадам мениҳод ва ду чашмаш дунболи пайкарае мегашт, ки бо чеҳраи дилрабои худ беш аз пеш дар мағз-мағзи ҷонаш хона мекард. Ҳар як ҳаракати Ҷамила дар назари Алим зебо менамуд, ба хусус, вақте ки ӯ бо табақи чӯбин гандумро бод медод, алвонҷ хӯрдани пероҳани гулдораш ва ҳамроҳ бо он дар пушти шонаҳояш бозӣ кардани гесувони аз зери рӯмолак берун омада диққати ҷавонро ба худ мекашид. Алим баъзан ин «рақс»-и духтарро дар лобалои нурҳои офтоб медиду бештар ба ҳаяҷон меомад, тасаввур мекард, ки дар пеши назараш фариштае бол мезанад.

Бо гузашти айём Ҷамила низ ба нигоҳҳои пинҳонии Алим пай бурд ва дар дили ӯ низ ҳисси гуворое ламъа зад. Бо ин ки Алимро орому фурӯтан ва ҳамеша машғули кор медид, дилаш мехост бо ӯ дар сухбат ояд, ҳазлу шӯхӣ кунад. Алим бошад, бо вуҷуди ҳар гуна шайтониаш, наметавонист ба духтар чизе гӯяд. Вақте ки рӯ ба рӯ мешуданд, то буногӯш сурх шуда сар мехорид ва бо баҳонае дуртар мерафт. Ҷамила ин шармгинии ҷавонро дида аз дарун ба завқ меомад ва бо нозу карашмаи бештар даргири кор мешуд...

Он рӯз Ашӯрамак бо ҳамсари худ дар суфаи бағали таҳхона, ки он ғарқ дар сояи ғафси шохаҳои паҳну баланди тути садсола монда буд, нишаста чой мехӯрданд. Ҷамила гандумҳои ба айвон кашондаро бод медоду Алим ҳам худро дар атрофи ӯ бо бастану ҷо ба ҷо кардани халтаҳои гандум банд мекард. Ба таъбири «офтобро бо доман пӯшонда намешавад», Шукрияхола ба амак рӯ овард:

– Ҳис мекунед, додош, ин ҷавонҳо хеле ба якдигар унс гирифтаанд.

– Гуфтанӣ ҳастӣ, ки ошиқи якдигаранд?

– Оре, ба ин монанд ҳаракатҳое доранд.

– Дар синну соли онҳо ин чизи табиист, – бо хушҳолӣ гуфт амак дар идомаи суҳбат, – кош мо ҳам ҷавон мешудему аз нав ошиқӣ мекардем. Он вақт…

– Он вақт-чӣ? – бо кунҷкобӣ миёни гапро гирифт Шукрияхола.

– Он вақт туро рӯз намедодам, занак!

– Э, намуред, шумо! – ҳар ду заданд зери ханда.

Чолу кампир фурӯ дар шӯхиҳои худ аз самти боғ омадани Гулсунро нафаҳмида монданд. Чун ӯ низ хушҳолии ин дуро дида ба завқ омада буд, шӯхиомез ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Ба чӣ ин қадар дилакатон меравад ё солҳои ҷавонира ёд кардед?

Зану шавҳар модари Алимро рӯ ба рӯйи худ диданду бештар қилқилакашон омад. Бо хушнудӣ хандакунон аз ҷо хестанд ва ҳар ду баробар ӯро ба гирди дасторхон муроот карданд. Ҳанӯз тафси ҳангомаро нагардонда, Ашӯрамак бо ишора ба сӯйи айвон изҳор намуд:

– Бачаҳора бубин, хоҳар, чунон зери тоқӣ гарми суҳбатанд, ки на хандаҳои моёна мешунаванду на омадани тура пай бурданд. Қариниҳошора дидему ба гуфтаи худат, ёшиамон ба эс омад.

– Алимҷона синнаш расидаст, сараша ҷуфт ҳам кунем мешавад, – ба сухан ҳамроҳ шуд Шукрияхола.

Аз ин бархӯрду пешниҳоди амаку хола Гулсун ба ваҷд омад. Бо он ки дар дил мегуфт, «ман дар чӣ хаёл, фалакам дар чӣ хаёл» бо пайравӣ ба суханҳои онҳо афзуд:

– Ҳар чӣ шумоён мефармоед. Алима одам кардед, акнун, ба назарам, писари шумо шудаст, агар гӯед сараша ҷуфт мекунем, ман аз Худо мехоҳам.

Ҳар як ҳаракату ҳолати равонии Гулсун барои Ашӯрамак ошно буд. Ӯ дар ҳар маврид, вақте ки ба чеҳраю чашмони ҳамсари дӯсташ дида медӯхт, дарҳол пай мебурд, ки авзоаш чӣ гуна аст: аз ҳаяҷон нооором аст ё майлу иштиёқе дорад, ё изтиробе ӯро нигарон сохтааст... Ин дам низ ҳис мекард, ки дар аввали рӯз ва андешанок омаданаш бесабаб нест. Баъд, Гулсун ба хонаи ӯ кам андар кам меомад, фақат дар сурати зарурате пеш омадан. Вай Гулсунро хеле дӯст медошт, мисли хоҳари худ нағз медид ва ҳеч гоҳ шаддодию қаҳрҳои ӯро ба рӯяш назадааст. Ба ҳурмати дӯсти худ ба Гулсун эҳтиром мегузошт. То аз дасташ меомад, ёрӣ мерасонд ва ҳиммати худро ба дарё меандохт.

– Сарам ба осмон расид, хоҳар, дер боз наомада будӣ, – бо илтифот ва мулоимати ҳамешагӣ сухан оғоз кард Ашӯрамак. – Имрӯзу фардо Салимро ҷеғ заданӣ будам, халтаи ордаш истодааст.

– Барака ёбед, амак.

– Ба писарат кори худам ҳам буд, мисли дафъаи пеш пӯстлохи бедҳои Йӯлдош лозим шуд. Янгат як заҳмат мекашиду дуди тамоку мехӯрд!

– Ҳо, ман заҳр хӯраму шумо кайф кунед, носатон аз саратон монад, – бо якравии худ ноз кард Шукрияхола.

Қариб ҳама мардони деҳа нос мекашиданд ва ҷолиб он буд, ки барои онҳо ҳамсаронашон ин тарёки рафъи хуморро месохтанд. Шукрияхола низ барои шавҳари худ ҳамеша барги хушки тамокуро захира мекард ва ҳар гоҳ фурсат даст медод аз он нос месохт. Барои таҳияи нос фақат хокистари пӯсти бедро написандид. Гӯё худаш таъми носро чашида бошад, ба ҳар каси

алоқаманд таъриф мекард, ки бо хокистари бед носи мулоим дармеояд ва таҳи забонро ҳам аслан намесӯзонад…

Он рӯз шӯхиҳои чолу кампир буду аз пайи он ҷомаи маслиҳат хостани Гулсун аз Ашӯрамак. Суҳбаташон хеле тӯл кашид. Гулсун лучу пӯстканда вазъияти пешомадаро ба амак таъриф кард ва ҳозир буд ҳар чӣ ӯ гӯяд бетаъхир анҷом диҳад. Он лаҳза Ашӯрамак ба андешаи амиқ фурӯ рафт. Танҳо пас аз сукути тулонӣ, дар ҳоле ки риши сафедча ва пурпушти худро беохир масҳ мекард, ба Гулсун рӯ овард:

– Хоҳарам, хавотир накаш, ту аз пайи корат шав, ман фардо ба хонаат мегузарам, – дигар ҳарфе нагуфта, бо ишораи «шумо – ду нафар бону суҳбати худро кунед», аз ҷо баланд шуд ва ба сӯйи осиёб роҳ пеш гирифт.

Дар хусуси Маҳтоб паҳн шудани туҳмату иғвоҳо Ашӯрамакро озурда сохта буд. Ӯ ҳис мекард, ки гӯё сангеро ба гӯшаи қалбаш овехтаанд ва дар баробари нигоҳҳои маънидори дӯсташ, ки зуд-зуд дар лавҳи хотираш падид меомад, хиҷолат мекашид. Гӯиё дӯсташ ба сӯйи ӯ ангушти тавҳин нишон медод: «Чаро бачаҳои маро ба ҳоли худашон гузоштӣ? Маҳтоб арӯси худат ҳам ҳаст, наход ту ҳам тамошобин бошӣ? Чаро дунболи Ҳалим намеравӣ? Дӯстам, ба ту бепарвоӣ намезебад, ту медонӣ чӣ кор кунӣ, кори имрӯзро ба фардо нагузор!..»

Се рӯзи дигар Ашӯрамак тамоми корҳояшро ба Алим супурд ва саҳарии рӯзи чорум, ҳанӯз равшании субҳ надамида, ба хонаи дӯсташ омад. Тавре ки бо Салим қарор гузошта буданд, ҳамроҳ бо ӯ ба сафар баромад. Умеди Ашӯрамак бештар ба Амони каллапӯсткан буд. Ин марди «аз зери дор гурехта» чанд сол пеш аз деҳаи ҳамсоя бадар рафта, дар ноҳияи Қора-Қамиши Тошканд сокин шудааст. Ӯ фаҳмида буд, ки Амон дар овони наврасӣ бо писари амаки худ даргир шуда, бо қайчии мол мӯҳои сари вайро метарошад ва ҳамдеҳагон «сари амакбачаашро пӯст кандааст»-гӯён ба ӯ лақаби «каллапӯсткан» мениҳанд. Ашӯрамак як гӯшвор шунида буд, ки дақиқан хамин Амон бо писари дӯсташ якҷоя мардикорӣ кардааст ва аз забони ӯ овозаи ё дар Самара, ё дар Уфа будани Ҳалим паҳн шудааст…

Он рӯз субҳи барвақт Ашӯрамак ва Салимро Гулсуну Маҳтоб дар дами дарвоза, бо дилҳои умедвор ва чашмони ашколуд гусел карданд.

* * *

Офтоб болои сар омада буд. Дамои гармӣ ба сару димоғ мезад. Гулсуну Маҳтоб аз айвони болопӯшида гилему кӯрпачаҳои тагипойиро бардошта, ба суфаи миёни боғ кӯчиданд. Суфа ғарқи сояи дарахти тути бузурге буд, ки бо шоху баргҳои баланду паҳни худ муҳобот мекард. Дар миёни дарахтони боғ ҳамин тути балхӣ аз ҳама соли бештар дошт. Шавҳари Гулсун ниҳоли онро ҳанӯз панҷоҳ сол пеш, вақте ки дар замини сахту санглохи гузари Доничак барои дуруст кардани боғ дасту остин бар зада буд, шинондааст. Ҳар сол, ба маҳзи ин ки мавсими кирмакпарварӣ фаро мерасид, аз бебаргӣ чанд бор бо табар ба тут наздик мешуданд, лекин, аз як сӯ, азамат ва аз сӯйи дигар, ба

навъе сеҳрангез ҷилва кардани он баргзанонро наздик шудан намемонд. Касе ҷуръат надошт ба шохаҳояш табар занад. Дар ҳамин мавсим тут ҳосили фаровон медод. Меваҳои сапеду зардгуни ширадори он, ки ҳар яке аз ангушти калон калонтар мешуд, хеле бомаза ва иштиҳоовар буд. Гулсун ҳар сол аз меваи тут ширинӣ ва тутмавиз дуруст мекард. Ба хусус, шириниҳояш чунон болаззат ва кешдор мешуданд, ки сад хел конфету набот дар пеши онҳо арзише надоштанд.

Бо ин ки ҳавои нисфирӯзӣ дамгир буд, то ба суфа аз поини боғ, ки дар он ҷо ҷӯйи калон, на, рӯди пуробе мегузашт, насими форам вазида меистод. Гулсун рӯмоли паҳну шаршарадори худро набаста, аз болои сар партофта буд ва дар зери сояи тут бар рӯйи кӯрпачаи густурдаи Маҳтоб менишаст. Ӯ як лаган лӯбиёро аз пӯст ҷудо мекард. Маҳтоб бошад, гулдӯзии сӯзании худро ба поён мерасонид. Дасту ангуштони ӯ мисли духтарони дигар он қадар наҳифу нозук набуданд, аммо сӯзани кашидадӯзиро моҳирона бозӣ медоронд. Воқеан, гулдӯзии ӯ ҳамто надошт, дар деҳа бо ин ҳунари худ аллакай шинохта шуда буд. Духтаракон, ба хусус, наварӯсон нақшдӯзии рӯйи болишту тӯшакҳо, сӯзанию таҳмонҳо, рӯмолакҳои арӯсӣ, зеҳу узораҳо ё пардагиҳои худро бештар ба ӯ мефармуданд. Маҳтоб саъй мекард ҳама дархострο пазируфта ба мавқеъ онро анҷом диҳад. Ӯ ба ивази заҳмати худ чизеро тамаъ намекард, аз ҳар гуна ҳиммати муштариёнаш розӣ ва мамнун мешуд. Барои Маҳтоб муҳимтар аз ҳама он буд, ки модаршӯяш ба ин шуғли ӯ коре надошт ва худаш бо дилгармӣ ҳунари дастиашро сайқал медод. Ҳар гоҳ ба даст кашидаю курҷук мегирифт, дар чеҳраи модаршӯ хушҳолиеро пай мебурд ва бо майли тамом ба кор мечаспид.

Худи Гулсун ҳам дар овони ҷавонӣ кашидаю гулдӯзӣ мекард. Вақте ки синнаш ба ҷое расиду чашмонаш неши сӯзану риштаро намедидагӣ шуд, ин пешаро ҷамъ кард. Ҳар гоҳ ба гулдӯзиҳои арӯс чашмаш меуфтод, бо ҳавас ба кори ӯ диққат медод, ба ҳаракоти ангуштон ва гулу нақшҳои ҳосилшуда нигоҳкунон, хаёлан ба овони ҷавонӣ сафар мекард.

Маҳтоб охирин нахро аз рӯйи боли кабӯтар гузаронд. Сипас сари дузону нишасту сӯзаниро аз ду гӯшааш гирифта алвонҷ дод ва онро дар назди Гулсун паҳн карда бо маънии «чӣ хел шудааст?» ба модаршӯ рӯ овард. Гулсун хам шуда аз бари сӯзанӣ дошт ва бо иштиёқи баланд ба нақшу нигор ва аксҳои он зеҳн монд. Нахуст нақши бузурги ҳаштдоирай, ки дар васати сӯзанӣ бофта шуда буд ва дар миёнҷойи худ акси Хуршеди нурафшонро дошт, ба чашм мехӯрд. Дар чор ҷониби он нақшҳои ҳаштдоиравии майдатар ба назар мерасид, ки мутаносибан бо нақши марказӣ ҳамхонӣ мекарданд. Давр то даври сӯзанӣ бошад, ба арзи яку ним ваҷаб хатҳои мустатилӣ кашида шуда буд, ки дар дохили худ хатҳои мавҷдор ва шохаку баргҳои хурду бузургро фаро мегирифтанд. Охири хатҳои росту мавҷнок дар чор гӯшаи сӯзанӣ ба акси чор кабӯтар, ки рӯйи шохакҳои бед менишастанд, бармехӯрданд. Зернамои кабӯтарҳо бо ранги обии равшан, ки гӯё осмони софе бошад, кашидадӯзӣ шудааст. Аз ин ҳама дар паҳнои сӯзании қирмизранг намои мунаққаш ва ҷолибе ҷилва медод.

Гулсун ба дастдӯхти келинаш дуру дароз зеҳн монд. Ниҳоят, дар ҳоле ки маълум буд аз тамошои он наметавонад сер шавад, бо мамнуният изҳор кард:

– Ин ҳамон сӯзание, ки холаи Мусалламат фармудааст?

– Оре, мегӯянд ҷиҳези арӯсӣ ҳама чиз дораду фақат сӯзанӣ не. Имрӯз худи холаам омаданӣ буд, лекин даракаш нест.

– Бинад, хурсанд мешавад, – Гулсун пештар лағжида бо даст рӯйи сӯзаниро чанд бор палмосид ва афзуд: – Корат нағз баромадаст, маҳин дӯхтаӣ, ҳама рангҳоят пушти ҳам ба якдигар соз омадаанд.

Маҳтоб дарун-дарун хушҳол шуд, дар чеҳрааш табассум давид. Бо ин болидагӣ келину модаршӯй ба ҳам дида дӯхтанд, ин гуна ҳолат барои онҳо кам андар кам иттифоқ меуфтод. Гулсун ба сухани худ идома дод:

– Пеш аз тӯй одам аз кори зиёд саргаранг мешавад. Холата дасташ нарасидагист ё аз ёдаш рафта бошад ҳам аҷаб нест. Худат бару те, савоб мегирӣ.

Аз муомилаи ширини модаршӯ Маҳтоб бештар ба ваҷд омад. Аз ҷо хеста истода сӯзаниро ҷамъ кард ва гуфт:

– Хуб шудаст, янга, ман тез бармегардам. Фақат аз Шабнам бохабар шуда истед.

– Хавотир накаш.

Гулсун дубора ба лӯбиёи тағорааш часпид. Лӯбиёро аз пӯст ҷудокунон мурғи хаёлаш ба даври Ҳалим парвоз кард. Ба гум шудани писар аслан бовараш намеомад, беному нишон ғоиб шудани ӯ барояш мавҳум буд. Медонист, ки маҳз ҳамин писараш хеле чусту чолок ва дар кори худ «пишшиқ» буд. Ӯ аз онҳое нест, ки ба осонӣ ба тақдир тан диҳад. Азбаски дидадаро буд ва корҳояшро пухта анҷом медод, ҳар замон дар ҳаққи ӯ таъриф мешунид. Занҳои деҳа ба Ҳалимаш бо ҳавас менигаристанд, «мисли додояш ба ҳама меҳрубон, – мегуфтанд онҳо, – аз кор сар намебардорад. Ҳар кӣ ба ҳашар гӯяд ё хоҳише кунад, бо сар медавад…» Вале дую ним сол мешавад, ки аз ин ҷигаргӯшааш дарак нест. Болои сӯхта намакоб, аз даҳони Амони каллапӯсткан хабари вафоти ӯ, агарчи дурӯғ буд, паҳн шуду ҳанӯз ҳам дилу ҷигараш ғулғула дорад. Аз Худо мехост Ашӯрамаку Салим бо хабари хуш баргарданд, ҳарчи зуд деги иғвою ғайбатҳо пӯшида мешуд. «Кош намемондам ба мардикорӣ равад, решаи ин касбу кор хушк шавад! Ба дигарон ҳавас карду худаша ба обу оташ зад. Ҳамин ҷо бо нони қоқу об ҳам рӯзамон мегузашт. Якравию дӯғу пӯписаҳои худам ҳам бисёр шуд, нагузоштам ором сари бачаҳояш бошад, ба ҳар кораш хӯрдагирӣ кардам…» – Гулсун оҳ кашида, ҳасрати дилашро зери лаб ба худ холӣ мекард.

Бо ёди Ҳалим дили модар об мешуд. Тоза мефаҳмид, ки ҷудоӣ аз фарзанд чӣ қадар дардовар аст. Ҳавоси кас парту парешон мешавад, буғзу хиррок гулуро мегирад, оҳи сӯзон аз сина берун меояд. «Эҳ, Худоё, худат қодиру меҳрубонӣ, Ҳалимҷонама ба оғӯшам баргардон!» – бо нола илтиҷо мекард модар.

– Оча, дар хонаӣ? – садои Алим Гулсунро ба худ овард. Ӯ аз тарафи ҷӯйи калон як халта ордро пуштора карда меомад. Маълум буд, вазнинии орд аз ҳад гузаштааст, бо мушкилӣ қадам мебардошт.

Гулсун ҳеч гоҳ Алими худро дар ин ҳол надида буд. Орди хонаро фақат Салим мекашонд. Дар айни ҳол коргарии ин писари «якраву гапнодаро» ӯро хушҳол кард. Беихтиёр аз ҷо баланд шуд ва ба имдоди писар шитофт. Дар сурате ки чашмони аз ашкҳои ҳасрат пуршудааш ҷило медоданд, ба Алим наздик шуда бо мамнуният ва дилгармӣ изҳор кард:

– Писарам, худата дар азоб мондаӣ, бо харамон ҳам меовардем, – ӯ хост аз як гӯшаи халта бигирад, аммо Алим бо ин ки аз хастагӣ базӯр нафас мекашид, гуфт:

– Ист, оча, то ошхона ду қадам монд, худам мебарам.

Гулсун дар ҳамон суфаи зери тут барои Алим дасторхон паҳн кард. Очаю бача бо дилгармӣ ба пурсупоси якдигар пардохтанд…

Алим баъд аз оғози кори осиёб чандин бор бо модараш вохӯрдаву ҳамсуҳбат шуда буд, аммо ҳамааш дар хонаи Ашӯрамак. Шояд бори аввал буд, ки бемалол дар хонаи худӣ менишастанд. Ӯ дигар он бачаи хому сабук набуд. Шонаҳояш паҳнтар, бозувонаш қавитар ва нигоҳу чеҳрааш низ ҷиддитар ба назар мерасид. Гулсун дар симои писари худ як марди дар кору заҳмат пухташудаеро медид. Аз андоми устухонӣ ва лабу лунҷи нозуки ӯ осоре намонда буд. Алим оромона, мисли мардони калонсол бо андеша ҳарф мезад. Ҳар як суханаш ҷон дошт, маълум буд, ки аз сахтию сустиҳои рӯзгор то ҷое бархурдор шудааст. Вақте ки аз кору шуғлҳояш таъриф мекард, модар гӯшу ҳуш ба ӯ шуда, ҳар замон бо мамнуният дасташро аз рӯйи китфҳояш мекашид.

– Кори осиёб тамом намешавад, секаса ҳам шабу рӯз ҷон канем, намерасем. Ҷойи Ашӯрамак холӣ, ҳама кора худаш саришта мекардасу мо бехабар, – мегуфт Алим. – Талабгори орд рӯз ба рӯз зиёд мешавад, аллакай рӯйи як коғаз аз номи одамони навбатгирифта пур шуд. Ба Шукрияхола таъйин кардам, ки дигар ба касе ваъда надиҳад. Аз гандуми овардаи амак як ҷуволаш мондасу бас. Дирӯз пеши раиси колхуз рафтам, мегӯяд, агар гандум дошта бошӣ, ту ба ман қарз дода ист. Колхуз ҳам ба кунаш шишта будасу мо бехабар. Худо накунад, ки дубора норасоии орд ба сари одамон афтад. То дарав се-чор моҳи дигар ҳаст. Бечора оилаҳои серфарзанд азоб мекашанд. Аз мондаву рондаи осиёб камтар ҷамъ карда бо Ҷамила ба хонаи Наимаапаю Фирӯзахола дода фиристодам. Ҳанӯз қарзҳояшона накандаанд, боз аз омада пурсидан хиҷолат мекашанд.

– Худо умри Ашӯрамака дароз кунад, тура ба кор гирифту оилара аз чанд ташвиш озод кард. Ҳамин ҳар моҳ орд дода истоданаш як давлати калон, – аз писараш чашм наканда гап андохт Гулсун.

Алим ба тасдиқи суханони модар афзуд:

– Рост мегӯйӣ, оча, мана ҳам ба як дунёи дигар баргардонд амакамон. Гоҳ-гоҳ инҷиқиҳои бачагира ба ёд меораму аз худам шарм медорам. Дар воқеъ, оча, аз пулҳои додаи Ашӯрамак пасандоз кардам, – ӯ як бастаи

латтапечеро бароварда ба модар дароз кард ва гуфт: – Инҳоро дар сандуқат саришта кун, ба маҳзи расидани додиям ба халқ ош медиҳем. Таҳи дилам кушод, Ашӯрамак албатта ӯро меёбад.

Гулсун чунин ҳиммати писарашро умедвор набуд. Аз дасти дарозкардаи Алим бастаи пулро гирифта истода, беихтиёр ашки шодӣ рехт. Ӯ наздиктар шуд ва аз пешонии писар бӯсиду ӯро як дам дар оғӯши гарми худ нигаҳ дошт ва дуо кард:

– Барака ёбӣ, писарам, ту хеле калон шудаию ман нафаҳмида мондаам. Илоҳӣ, дастакот дарда набинад, хока гирӣ зар шавад, умри дароз бин, писарҷон!

Алим аз хурсандии модар боз ҳам хушҳолтар шуд ва гӯё чизеро гум карда бошад, ба ин тараф он тараф чашм давонд. Ӯ аз набудани Маҳтоб ба тааҷҷуб омада пурсид:

– Янгам куҷост, наменамояд?

– Келин сӯзании холаша тайёр карда буд, ҳамона бурд. Ҳамин-замон пайдо мешавад.

– Аз нӯки маошам куртагӣ харидам, – Алим бастаи дигари коғазпечеро, ки бо худ оварда буд, ба модар дод, – агар ба янгаам маъқул шавад, хурсанд мешудам. Бечора, аз ман дилаш сахт мондагист, намедонам чӣ хел гуноҳҳоямро бишӯям.

– Ин тавр нагӯ, писарам, он рӯзҳо гузашту рафт. Мо ҳамаамон туро бахшидаем, дар бачагӣ чиҳо намешавад, мегӯйӣ?!

Алим дигар мунтазири Маҳтоб намонда, тараддуди хестан кард ва гуфт:

– Ман ба корам меравам, оча, ба янгам гап доштам, агар дасташ расад, як ба хонаи Ашӯрамак гузарад.

– Ба чӣ шитоб дорӣ, як коса дӯғ хӯрда мерафтӣ, мешуд, янгат ҳам омада мемонд.

– Эҳ, кош нишаста метавонистам! Як қадам дуртар равам, Шукрияхолаю Ҷамила худашона гум мекунанд.

– Ба янгат чӣ кор доштӣ?

Ба рухсори Алим каме сурхӣ дамид, дар ҳоле ки лабханд мезад, гуфт:

– Ин сир, оча, – ва аз ҷо баланд шуд.

* * *

Пайдо кардани манзили Амони каллапӯсткан барои Ашӯрамак ва Салим мушкил нагузашт. Гарчи шаби аввалро дар меҳмонхона сипарӣ карданд, рӯзи дигар, бо дамидани субҳ аз пайи суроғи гирифтаи худ мустақиман ба Қора-Қамиш омаданд. Ба бахти онҳо, Амони каллапӯсткан дар хона буд. Оре, ӯ дар хона буд, вале ҳоли бетобу мискинонааш дили касро ба изтироб меовард. Ӯ рӯ ба сақф рӯйи тахт хобида, базӯр нафас мегирифт ва поҳояш мисли машк варам карда буданд. Дар чеҳрааш рангу нуре ба назар намерасид, чашмонаш ба косахона фурӯ рафта, тамоми сурати

заҳиргаштаашро риши мошубиринҷ пахш карда буд. Аҳёнан аз решаҳои дил месурфид ва базӯр худро ба даст гирифта, нафасашро рост мекард. Ӯ бо дидани Ашӯрамаку Салим хушҳол шуд. Талвоса кард аз ҷо баланд шавад, вале камдармонӣ ва шояд дарди ҷонкоҳи вуҷудаш ба ин имкон надод, ки дубора сару китфони худро ба болин партофт.

Ашӯрамак бо дидани ин гуна дармондагии Амони каллапӯсткан дастпоча шуд. Ҳамин ки бо муроати зани ӯ дар бағали тахт, бар рӯйи кӯрпача нишаста гирифт, базӯр ҳисси раҳмдилиро дар худ хӯрда ба сухан омад:

– Додар, моро бубахш, намехостем туро нороҳат кунем. Аз Худоям фақат саломатӣ мехоҳам, фикр намекардам ин ҳама азоб ба сарат омадааст.

Амони каллапӯсткан ба оҳистагӣ ва бо овози хирросии худ лаб ба сухан кушод:

– Маро хурсанд кардӣ, Ашӯрамак, хуш омадӣ. Дер боз аз ҳамқишлоқиҳо касеро надида будам.

– Чӣ шуд, додар, чаро ба ин ҳол афтидӣ?

– Худам ҳам нафаҳмида мондам, – Амони каллапӯсткан даст ба сурат кашид ва бемадорона афзуд: – Қариб ду моҳ аст, ки рӯйиҷойӣ шудаам, тамоми баданам бод карда, сари дилам месӯзад. Ба гумонам, хунукиҳои Русия корамро кардааст.

– Худо шифо диҳад, ноумед нашав, додар, – гуфт Ашӯрамак, дар ҳоле ки намедонист чӣ ҳарфе барои дилбардорӣ гӯяд.

– Кошки.

– Хӯрду хӯрокат чӣ тавр, кӣ ба ҳолат менигарад?

– Ман, ки ғайр аз ҳамин келинат дигар касе надорам. Худо умраша дароз кунад, шабу рӯз болои сарам, – Амони каллапӯсткан каме сукут кард. Чун дилашро барои меҳмонони худ мекушод, аз ғояти хурсандӣ шушаш пур мешуд ва беихтиёр даст рӯйи чашмони обгирифтааш мекашид. Ӯ дубора ба сухани худ идома дод: – Пур гуноҳ кардам, Парвардигорам ҳатто як фарзандро бароям раво надид. Акнун бошад, дар бистари беморӣ мехам кардааст, намедонам ба кӣ арзу дод кунам.

Матлаби аслӣ аз ёди Ашӯрамак бардошта шуда буд. Дар ҳушу хаёли ӯ ҳисси ҳамдардӣ хона карда, бо тамоми вуҷуд дарди Амони каллапӯстканро сабук карданӣ мешуд.

– Тавба кун, додар, Худо бузургу меҳрубон аст, – гуфт ӯ, – албатта мушкилат осон мешавад.

– Кош ҷонамро мегирифт, душманат ба ин ҳол наафтад, Ашӯрамак. Агар медонистам ба ин бадбахтӣ гирифтор мешавам, ҳамон рӯз ҳамроҳи Ҳалим ман ҳам худамро аз мошин ҳаво медодам. Намедонам ба сари додарам баъдан чӣ рӯзҳое омад, лекин ҷонашро наҷот дод. Ҳамон рӯзҳои аввал ба қишлоқ хабар карданӣ будам, аммо аз дастам наомад. Агар дубора Садрӣ-баззозро намедидам, шояд то имрӯз ҳам касе хабар намеёфт…

Ба тану пайкари Ашӯрамак ҷон дамид. Хеле мехост тезтар суроғи писари дӯсташро бигирад, аммо ҳоли сангини Амони каллапӯстканро дида,

намедонист чӣ тавр манзурашро баён кунад. Дар ин хусус гап кушодани худи ҳамсуҳбаташ ӯро шердил кард ва бо алоқамандии бештар ба ӯ гӯшу ҳуш шуд.

– Шаш моҳ мегузарад, дар Тошкандам, лекин ягон рӯзи Худо дарду ранҷ тану ҷонамро тарк накардааст, – ба суханаш идома дод Амони каллапӯсткан, – дар қишлоқ додаронамро озор медодам, аз дасти мани густоху ҷангара модари бечораам зери гап монда буд. Ба хурду калон дод мезадам, як худобезор ва мардумозори гузаро будам. Охир корам ба ҷое расид, ки ҳамдеҳагон ба ман дарафтиданд. Аз тарси онҳо гурехта дар ин ҷо паноҳ бурдам. Келинатон бошад, ба ҳама зарбу лату бадгӯйиҳоям нигоҳ накарда аз думболам омад. Лекин обуҳавои шаҳр мисли деҳа нест, ин ҷо ҳеч кас эркагии туро намебардорад. Аз дасти ночорӣ ба сафи мардикорон пайвастам. Бо Ҳалим низ ҳамон ҷо, дар бозори мардикорӣ вохӯрдам. Шаҳриёни пулдор аз мо то диққи нафас шудан кор мекашиданд. Ба ивази машаққатҳои беохир пули ночизе мегирифтем, фақат ба шикамсерӣ мерасид.

Амони каллапӯстканро сурфаи сахте гулугир шуд. Ӯ беист ва тулонӣ сурфакунон аз ҳол рафт. Чеҳрааш суп-сурх шуда чашмонаш гӯё аз ҳадақа берун ҷастанд. Ашӯрамак ҳеч коре наметавонист бикунад, фақат ду-се дастмоли коғазӣ ба дасти ӯ доду мунтазир монд, то ба худ ояд. Ниҳоят, лаҳзае чанд гузашту ором шуд ва Ашӯрамак бо дилкашолӣ ба суҳбати ӯ гуфт:

– Ту сахт шамол хӯрдаӣ, додар, бояд ба духтур равӣ. Ҳар мушкилиро илоҷе ҳаст, албатта сиҳат мешавӣ.

– Кошки…

– Амак баъд чӣ шуд? – бетоқатона ва дар ҳоле ки ба вазъи Амони каллапӯсткан дилаш месӯхт, ба суҳбат ҳамроҳ шуд Салим. Ӯ хеле мехост аз пешомадҳои бародараш ҳарчи зуд воқиф шавад.

Амони каллапӯсткан оромона ба нақли худ идома дод:

– Як рӯз, ба одати маъмул, саҳарии барвақт дар бағали бозори Чорсу ҷамъ омада будем. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, он замон як зане пушти фармони «Нексия» омаду рост дар рӯ ба рӯйи ман қарор гирифт. Бе он ки пиёда шавад, шишаи пешро поин оварда маро бо ишораи даст ба сӯйи худ хонд. Ман, ки мисли дигар мардикорон ҳамеша чашм ба роҳи ин гуна корфармоён будам, давида ба мошин часпида гирифтам. Ғайричашмдошт, хоҳиши зан аз талаби корфармоёни дигар билкул фарқ мекард. Барои ӯ се-чор мардикоре лозим буданд, ки барои кор ба Русия рафта тавонанд. Он лаҳза, ба шумо дурӯғу ба Худо рост, он зани фармонбадаст ба назарам чун як фаришта ҷилва мекард. Гӯё ки аз муддаои дили ман огоҳ бошад, мустақиман маро хонданаш хеле ҷолиб буд. Росташро гӯям, он рӯзҳо пинҳонӣ аз пайи ҳамин гуна нафаре мегаштам, ки дар хориҷа бароям коре дуруст кунад. Ҳамроҳам Ҳалим низ доим ин орзуро дошт.

Он рӯз дарҳол ду нафари дигарро пайдо кардам ва чорнафарӣ сар ба итоати зани корфармо ниҳодем. Ӯ моро ба хонааш бурд ва тамоми шаб бо як нафар ҳамкори худ ба исми Никита, ки дар шаҳри Самара машғули корҳои сохтмонӣ будааст, телефонӣ суҳбатҳое анҷом дод. Ниҳоят, қарор шуд рӯзи

дигар моро бо поезд ба Русия фиристад. Мебоист, ба маҳзи ин ки ба Самара расидем, ба он ҳамкораш телефон кунем…

Амони каллапӯсткан ором шуд. Маълум буд, ки хаста шудааст, аммо ба рӯй овардан намехост. Омадани Ашӯрамаку Салим ва нигоҳҳои кунҷковонаи онҳо, ки ҳарисона будушуди воқеаро донистан мехостанд, ӯро водор менамуд, ки худро ба даст гирад ва ба андозае, ки воқеаҳои гузашта дар зеҳнаш ҳаст, барояшон таъриф кунад. Ӯ дубора худро ҷамъ кард ва ба суханаш идома дод:

– Баъд аз чор рӯзи бардорузанҳои роҳ мо чор нафар шӯрпешонӣ дар вокзали шаҳри Самара пиёда шудем. Шаб торик буд, ҳаво сард. Сели одамони аз қатор фуромада дар як зум пароканда шуда, истгоҳи роҳи оҳанро дар ихтиёри даҳ-понздаҳ нафар мусофири мисли мо «бехонаҳо» гузоштанд. Ману Ҳалим дарҳол ба хонаи навбатдори вокзал шитофтем. Бо сад илтимосу зорӣ аз он ҷо ба суроғи Никита сим задем. Аммо ба телефонҳои мо касе ҷавоб надод. Ноилоҷ, чун гурбаҳои дар об зада, ба ҳавлии назди истгоҳ баромадем, намедонистем чӣ кор кунем, ба куҷо равем. Дар он ҳолате, ки сари калобаамонро гум карда бесарпаноҳ монда будем, милисаҳои посбон ба суроғи мо омаданд. Онҳо на як нафару ду нафар, балки як гурӯҳ буданд. Ҳамин ки аз миниавтобуси худ пиёда шуданд, дар як чашм пӯшида кушодан ба гӯшаву канори вокзал пахш шуданд ва ҳар кӣ ба назарашон бегона метофт, бепурсуҷӯ кашолкунону теладеҳон ба мошини болопӯшидае бор карданд. Дар қатори «асирон» ману Ҳалим низ ба тӯри милисаҳо, ки ба қавли худашон «рейд» мегузарониданд, афтидем. Шояд ним соат дар роҳ будем, моро бо миниавтобус ба ҷое оварданд ва дар як таҳхона, ки ҷуз роҳрав ягон ҳуҷрааш чароғ надошт, зиндонӣ карданд, - Амон аз таҳи дил оҳ кашид. – Ҳамин... Ба умеди фардои нек як соли умрамон дар зери тазйиқоти формапӯшону азобҳои ҷонкоҳи бардагӣ гузашт. Шояд бовар накунед, аз ману Ҳалими аввалӣ суробе боқӣ намонд, чун чӯбҳои хушк қоқиштак шуда рафтем…

Амони каллапӯсткан даст ба рӯйи чашмонаш кашиду дубора хомӯш монд. Мехост бо фурӯ бурдани оби даҳон буғзи гулуяшро бишканад ва дидаҳои пуробшудаашро пинҳон кунад. Аён буд, ки он лаҳза шиканҷаҳои айёми наҳси аз сар гузарондаашро дар тану ҷони худ ҳис мекард. Ашӯрамаку Салим бошанд, ҳанӯз аз нақлҳои ӯ қонеъ набуданд. Ҳарчанд ба ҳоли заифонаи ҳамдеҳаи худ раҳмашон меомад, боз ҳам мехостанд ӯ ҳарф занад, тезтар дар хусуси Ҳалиму маҳалли сукунати ӯ хабар диҳад. Бештар ҳавсалаи Салим сар рафта буд, ӯ бетоқатона пурсид:

– Яъне худи милисаҳо шуморо зери кор гирифтанд? Пинҳонӣ, ба касе нагуфта зиндонӣ карданд?

Амони каллапӯсткан оромона ба гап даромад:

– Ҳамон таҳхона ҷойи зиндагии мо буд, аммо ҷойи корамон… Аз гуфтан ҳам хиҷолат мекашам, аммо чаро пинҳон кунам, ману Ҳалими сарсахт як соли дароз зери пойи хуконро тоза кардем. Дар ҳақиқат, як хукхонаи дурафтода аз шаҳр маҳалли кори мо буд. Он ҷо як марди тотор ба исми Ринат

хукбонӣ ва ба мо корфармоӣ мекард. Ба русӣ бо лаҳҷаи ғализ ҳарф мезад, аз баду бероҳ гуфтан хаста намешуд. Ӯро чашми дидан надоштем, вале аз тарси милисаҳои маъмур маҷбур будем ба ҳама фармонаш итоат кунем. Ӯ моро ночор медиду ҳар чӣ дилаш мехост, анҷом медод, бо мазоҳу масхаракуниҳои беохир аз болоямон механдид. Агар, мабодо, аз бинӣ боло сухане мегуфтем, зери лату кӯб мемондем. Гӯё зиндагии мо дар мамлакати кӯрон буд, ки ба он якчашма подшоҳӣ мекард.

Дар давоми як соли бардагӣ рӯйи пулро надидем. Милисаҳои навбатдор намегузоштанд, ки як қадам дуртар аз коргоҳ ё хобгоҳ равем. Ҳар гуна илтимосу илтиҷои мо чун бод аз буногӯши онҳо гузашта мерафт. Рӯзҳо пайи ҳам сипарӣ мешуду ҳисси нафрату адовати мо бар корфармоён бештар мешуд ва мудом интизори фурсати муносибе будем, ки аз дасти ғосибон фирор кунем. Ниҳоят, дар як шаби зимистон, вақте ки бо мошини «Газел»-и соҳибкор аз хукхона бармегаштем, Ҳалимҷон таваккул кард. Дар ёдам ҳаст, он шаб мошини мо аз канори роҳи оҳан ба пеш мерафт ва аз самти чап ҳам ба дарозои роҳи мошингард нишебие буд, ки охираш ба чашм намерасид. Ҳамин ки то нисфи роҳ расидем, ламъидани чароғакҳое аз самти деҳаҳои атрофи Самара ба чашм хӯрдан гирифт. Ҳалими аз сахтиҳо ба танг омада аз банди дастам дошт ва бо овози расо гуфт: «Додӣ, агар Худо меҳрубонӣ кунаду зинда монем, боз бо ҳам вомехӯрем. Агар на, хости тақдирамон. Маро бубахшед, ман дигар таҳаммули ин ғуломиҳоро надорам». Он лаҳза тамоми вуҷудамро ваҳм зер кард, сахт аз банди дасташ дошта хоҳиш кардам, ки ба худ ояд, аз раъйи худкушӣ баргардад. Аммо Ҳалими мо ба гапам гӯш надод. Ӯ мисли як бабри ба ғазаб омада ҷуссаашро бо як ҷаҳиши баланд аз канораи мошин ба поин афканд. Дар миёни шуввоси боду гур-гури мошин ҳеч садое дигар аз Ҳалим ва бархӯрдани ӯ ба замини доманнишеб нашунидам. Дар торикии шаб ҳам ҳеч суробе дигар ба чашмам нанамуд. Ман он рӯз аз ҳамраҳу ҳамрози азизам ҷудо шудам, аз ӯ умедамро кандам. Фикр намекунам, ки касе баъд аз бархӯрдани ончунон ба замин ва сарозер шудан ба ҷари бетаг, тавре ки Ҳалим карда буд, ҷон ба саломат бибарад.

Баъд аз ғоиб шудани Ҳалим корфармоёни ғаддор як ҳафтаи тамом маро зери истинтоқ гирифтанд. Обу нон надода, то замоне, ки аз ҳуш нарафтам, калтаккорӣ карданд. Вақте ки ба худ омадам, донистам, ки дар бемористон хобидаам. Аз тарси милисаҳо, ки дубора омада набаранд, комилан сиҳат нашуда аз бемористон гурехтам. Бо сад мушкилӣ дар бозору сару куни роҳҳо мардикорӣ карда, пули роҳамро андӯхтам ва дар аввалин фурсат ба ватан баргаштам. Омадаму бистарӣ шудам. Фақат келинатон болосарам буд, ба ӯ рӯзҳои дидаамро гуфта додам. Боре ҳамин келинатон дар бозори Чорсу Садрӣ-баззозро дида, дар хусуси Ҳалим хабар додааст. Ҳатто гуфтааст, ки Ҳалим шояд дар қайди ҳаёт набошад. Аз он ба баъд хоб бароям ҳаром шуд. Аз тариқи занам дубора суроғи ҳамқишлоқиёнро гирифтам. Намехостам ба Ҳалим, ки ҳанӯз будану набуданаш маълум нест, азо гиранд. Худоро шукр, дуоҳоям мустаҷоб шуду хабари зинда будани ӯро расондам ва инак мебинам, ки шумо бо пойи худ омадед.

Ашӯрамак ва қатори ӯ Салим ҳам ба андеша фурӯ рафт. Дар мағзи амак чанд «манзара» аёну ноаён ҷилва мекард: ҷодаи мошингарди канори роҳи оҳан, нишебии бетаг, маҳалҳои тобони атрофи Самара…

* * *

Инсон ранҷу азияти корро чӣ қадар метавонад таҳаммул кунад? Ба хусус, кореро, ки суде надошта бошад ва ҷону ҷигари одамро хуноб созад. Вой бар ҳоли касоне, ки дасту пойи худро победи дигарон мекунанд ва дар кӯйи асорат афтида, аз ҳосили заҳматҳои худ баҳрае намебаранд ва бо ин бенасибӣ ба тақдир тан додаву аз пушти панҷа ба ҳаёти мармузи атроф нигоҳ мекунанд. Ба ҳикмат, зиндагӣ дунёест, ки дар он умри инсонӣ чун дарё равон аст ва ҳар мавҷи пасту болошуда дигар ба ҳолати қаблӣ рӯ намедиҳад. Дар ин дунё одамро фақат талоше мебояд, то қирраҳои тобнокаш бо муҳтавои пурбор ҷило диҳад. Ва фақат бо ҳамин саъю талош мағзи инсон беҳтару самарбахш кор мекунад ва расидан ба умеду орзуҳои нуҳуфта, ки армони доимии қалбҳост, осонтар мешавад.

Наздик буд ҳама туғёни ботинии Ҳалим ҳамроҳ бо ҷисми наҳифу лоғаршудаи ӯ дар ботлоқи бардадориҳои беохир ғарқ шавад ва дар замоне, ки инсонҳо бо ҳавои озодболӣ барои доштани имконоти бештар талош мекунанд ва барояшон асорату зӯроварӣ билкул бегона шудааст, орзуҳои беолоиши қаъри дилашро фаромӯш кунад. Ҳалим дигар ёрои дасту панҷа задан бо хукхонаю хукҳоро надошт. Ҷони ӯ ҳам аз бӯю тафти гулугиру иштиҳобанд ва ҳам аз таҳхонаи намноку тазйиқи милисаҳои бадхӯ ба сер омада буд. Ӯ омодагӣ дошт дар аввалин фурсат ин ҳаёти пуразобро, ки бар сараш бор шудааст, тарк кунад ва ба сӯйи пайвандони худ болу пар кушояд. Ӯ шабу рӯз азизони худро ёд мекард, вале чун медид коре аз дасташ намеояд ва ҳатто як пора коғазро ба нишонии онҳо фиристода наметавонад, дар худ мепечид, ба сару тани хеш мушти таассуф мезад. Ӯ пайваста меандешид, ки чӣ тавр бехабар монду дар як таҳхонаи заҳкашида ва хукхонаи бӯйгирифта бе ресмон баста шуд, наход роҳе барои наҷот набошад? Аз сӯйи дигар, Ҳалим медид, ки ҳоли Амони каллапӯсткан аз ӯ бадтар аст. Ин рафиқи солманду дар ҳасрат мондааш низ дар доми пушаймонӣ афтида, ҳар соату ҳар лаҳза тарҳи фирорро барои худ мекашид.

Ниҳоят, он шаби зимистонӣ, вақте ки аз кор ба таҳхонаи худ бармегаштанд ва мошини «Газел» дар роҳи асфалтӣ чун бод пеш мерафт, Ҳалим, бе он ки оқибати муҳликоварро биандешад, таваккул ба Худо кард. Ӯ кайҳо фаҳмида буд, ки бе ҳеч пурсупоси қонунӣ зиндонӣ шудаанд ва ҳеч касеву ҳеч санаде пуштибони онҳо нест. Агар дар ин асорат ҷон ба Ҷаббор таслим ҳам кунанд, касе ҳаққи эътироз карданро надошт. Фақат беному нишон, дар шароити дамгир ва зери бору машаққатҳои сангин мурда рафтани ӯву ҳамроҳаш мемонду бас. Азбаски назорату дунболгирии милисаҳои нигаҳбон рӯз ба рӯз сахттар мешуд, Ҳалим дар пеши худ ҷуз фирор кардан дигар чораеро намедид. Ба хусус, вақтҳои охир ба қатори онҳо ҳамроҳ

шудани даҳ нафар «асир»-и беҳуқуқи дигар рӯзгорро барояшон бештар сиёҳ кард. Ҳалим дар фарҷоми андешаҳои бесару нӯкаш, ҳангоми бо мошин рафтан, ба таври қатъӣ тасмим гирифт. Пас аз худоҳофизӣ бо Амони каллапӯсткан дудаста аз канораҳои мошин дошт ва чашмони худро муҳкам баста, бо тамоми қувват ба самти нишебии беохире, ки дар канори роҳи асфалтӣ ба дарозо хобида буд, худро ҳаво дод. Ӯ мисли як сангпорае, ки аз болои кӯҳ ба зер партофта бошанд, сараввал сахт ба замин бархӯрд ва бо суръати сарсомовар гоҳ ба пешу гоҳ ба пушту гоҳе ҳам ба бағал ғелида-ғелида аз дӯнгӣ ба поён сарозер шуд. Ҳанӯз ба охири нишеб нарасида дар миёнҷойи он худро бо зарб ба буттаи ғафсе зада гирифт. Шохаҳои зичу кешдори бутта чун пружине гавдаи ӯро бардоштанду аз нав ба замин парчин карданд. Ҳалим талвосаи ҷон карда хост аз ҷо баланд шавад, вале ба маҳзи ин ки сари ду по нимхез шуд, худро бевазн ва муаллақу беҷон ҳис кард. Бо ин ки поҳояш аз дарди ҷонкоҳ месӯхтанд, замину осмон дар гирди сараш бо суръати баланд мечархиданд. Ӯ натавонист худро нигаҳ дорад, дубора сар ба поин шуд ва ғелида то зери нишеб рафту дигар аз ҷо барнахест…

Дар асл, он лаҳза ҳама умеди Ҳалим ба ҳамон шаҳраке банд буд, ки бо чароғҳои бешумор ва тобони худ дар наздикиҳои роҳи мошингард ба назар мерасид. Ӯ медонист, ки бо ин амали номуносиб ҷони худро дар хатар мениҳад, вале аз таҳи дил умедвор буд, шояд роҳгузаре ба додаш бирасад. Агар лат хӯрад, маъюб ҳам шавад боке нест, фақат зинда монад шуд. Зинда мондани ӯ идомаи ҳаёт гуфтан аст.

Қазоро, ба Ҳалими бадбахт толеъ ёр гардид. Дар ҳоле ки ӯ то субҳи рӯзи дигар танҳо ва шикастхӯрдаву беҳуш мехобид, подабони шаҳраки ноошно он рӯз, аз рӯйи одат, подаи худро аз чарогоҳе, ки наздик ба ҳамон нишебиҳо буд, мегузаронд. Вай аз қафои гову гӯсолаҳои худ аспакӣ меомад ва баногоҳ хӯсидаву шиҳаи пасте кашидани асп ӯро ба худ овард. Ҷонвар бо дидани наъши одамӣ дар ҷойи худ мех шуд. Подабон низ, чун аз ҳаракати ғайриодии асп як қад парида буд, ба маҳзи дидани ҷасади хӯсавор хобида худро поин андохт ва ба сӯйи он шитофт. Ӯ Ҳалимро бо сару сурати харошидаву хуншор ва либосҳои тиккаю порашуда дарёфт. Дарҳол, нахустин коре, ки кард, ду ангушташро рӯйи раги гардан ва ҳамзамон гӯшашро ҷафс карда бар рӯйи қалби Ҳалим гузошт. Чӯпон фаҳмид, ки марди бегона ҳанӯз зинда аст, зарабони қалбаш оҳиста-оҳиста ба гӯш мерасад. Бе мулоҳиза боронии баланди худро аз тан дароварду дар бару китфи Ҳалим партофт ва бо ҳарчи қувват дошт, ӯро ба дӯш бардошта, ба рӯйи зин гузошт. Сипас бо як ҷаҳиш худаш низ савори асп шуд ва беист самандашро маҳмез занонда ба тарафи шаҳрак шитофт. Ӯ Ҳалимро мустақиман ба хонаи духтури ошнояш бурд...

Аз миён як моҳ сипарӣ шуд. Сари кору охири кор духтур ба давру бари Ҳалим гашт ва тавонист ӯро ба забон овараду ба по хезонад. Чӯпон низ рӯз дар миён аз ҳоли «наъш»-и пайдокардаи худ хабар мегирифт ва ҳар чӣ духтур мефармуд, муҳайё мекард. Кӣ будану чӣ шудани Ҳалим барои ҳар ду аҳамияте надошт, онҳо фақат медиданд, ки ғарибе ба ҳоли бад гирифтор

шудааст ва наҷот додани ин мустаманд аз беҳолию ноумедӣ қарзи инсонии онҳост.

Вақте ки Ҳалим сари ҳол омад, худро дар иҳотаи одамони ҳалиму меҳрабон дид. Ӯ дарёфт, ки пас аз якравӣ ва амали таваккули худ ба яке аз маҳалҳои атрофи Самара – шаҳраки Нарече афтидааст ва дар он ҷо Николайи духтур, ки дар шаҳрак бо номи «профессор» машҳур буд, ӯро аз марг наҷот додааст. Ҳиммати Сашаамаки подабон бошад, барои Ҳалим чун баҳри беохир менамуд ва намедонист бо чӣ забон аз ӯ сипосгузорӣ кунаду оташи хушнудиро дар қалби худ фурӯ созад. Баъд аз ба по хестан ҳам ӯро ба хонаи худ овардани Сашаамак аз дилгармӣ ва ҷасорати беҳамтое гувоҳӣ медод, алахусус, дар замоне, ки сокинони он манзилҳо бо азобу даву този зиёд чархи рӯзгор мегардонданд.

Ҳалим дар муҳити ноошно, вале хеле гарму самимии бегонагон ҳис мекард, ки қадру қимати инсонӣ болотар аз ҳама чиз аст ва сар мондан ба зонуи дӯстону бародархондҳои ғамхор чӣ қадар лаззат ва роиҳаи гуворо дорад. Ӯ бо майлу иштиёқи тамом тасмим гирифт, бо ҳар чӣ дар қудрату тавонаш ҳаст, ба Сашаамаку профессор ёрӣ диҳад ва ба хотири ҷуброни нағзиҳои онҳо ҳар коре аз дасташ меояд, анҷом диҳад. Воқеан, Ҳалим шабу рӯз дар фикри он буд, ки чӣ хел ин ду марди бегона ҷавони бекасу кӯй ва билкул ноошное мисли ӯро дастгирӣ намуда, инояту шафқат воҷиб дидаанд? Охир, ҳамин ҷо, ҳамшаҳриҳои ҳамин одамҳо то имрӯз чӣ қадр азобу кулфат ба сари ӯву Ҳасани каллапӯсткан оварда буданд! Мегӯянд, панҷ ангушт баробар нест, дар як замину дар як ҳаво одамҳо ба ҳар навъ вомехӯрдаанд.

Фурсати зиёде нагузашта, Ҳалим ба риволи зиндагии Сашаамак хӯ гирифт. Даставвал, ба корҳои хурдурези хонагӣ ва подабонӣ ёрӣ мерасонд, вале дере нагузашта, баъд аз куллан шифо ёфтан, ба кори хеле муҳим ва судманд дасту остин бар зад. Дар дили зимистон ба фурӯш баровардани картошкаҳои Сашаамак, ки аз ҳосили тирамоҳӣ нигаҳ медошт, хеле бамавқеъ ва айни муддао буд. Ҳалим барои ин кор пӯсту устухон надошт, ба хусус, дар бозори марказии шаҳраки Нарече харидуфурӯш кардан барои Ҳалим барин ҷавонҳои аллакай бозоршинохта хеле осон ва роҳат буд. Сашаамак ҳар рӯз субҳи барвақт се-чор халтагӣ ба ароба бор мекард ва Ҳалимро ба бозор мефиристод. Ҳалим бошад, то вақти шом тамоми картошкаҳоро якто намонда мефурӯхт ва бегоҳӣ бо дастаи пул ба хона бармегашт. Вақти зиёде нагузашта муштариёни бешумор пайдо кард ва бо хушзабонию чолокии худ зуд ба дили аҳли бозор ва харидорон роҳ ёфт.

Ба тезӣ худро гирифтани Ҳалим ва пешрафти кораш Сашаамак ва ҳамсари ӯ – Лудаапаро (онҳоро Ҳалим чунин ном мегирифт) хурсанд месохт. Пас аз унс гирифтан ва қарин шудан бо якдигар, зану шавҳар ба писархонди худ қавл доданд, ки бо расидани баҳор ӯро ба диёри худ, ба пеши модару бачаҳояш мефиристанд. Ҳалим низ ба онҳо эътимод дошт, тамоми вуҷудашро барояшон бахшида, аз чизе намеҳаросид ва бо дилу ҷон даст ба кор мешуд.

Бозори деҳқонии Нарече хурд набуд. Он дувоздаҳ раста ба дарозии бистметрӣ дошт. Сақфи баландашро бо варақҳои голвониза пӯшонда буданд. Давр то даври бозорро, баъд аз роҳравҳои васеъ, хонаҳои ба ҳам часпида иҳота мекарданд, ки аксаран ба сифати анбор, идораи коргузорӣ ва расондани хидматҳои маишатию беҳдоштиро истифода мешуданд. Агарчи равуойи одамон дар бозор қатъ намегардид, фақат панҷ-шаш растаи он рӯзонаҳо аз маводи деҳқонӣ ва меваҷот пур мешуд. Ҳалим низ барои худ ҷойи муносибе интихоб карда, картошкаҳояшро рад-рад бо намои зебою диданӣ дармечид. Ҳар рӯз, вақте ки субҳи барвақт ба бозор мерасид, аз дасти савдогарони хурдафурӯш тамоми сабзиҷот ва баъзан помидору бодирингу меваҳояшонро низ харида мегирифт ва бо нархи гаронтар ҳамроҳ бо картошкаҳои худ мефурӯхт. Ин навъ корҳои Ҳалимро Сашаамак медиду хушҳол мешуд ва бештар ба ӯ меҳр мебаст.

Зимистон дар пасу пеши Нарече ҳукми худро меронд. Ҳарчанд барфи ончунонӣ ҳанӯз наомада буд, ҳаво рӯз ба рӯз сардтар мешуд. Ҳалим бошад, ба сардиву хунукиҳо нигоҳ накарда, кори бозорро канор намегузошт. Ҳар рӯз ба по мӯзаҳои кӯҳнаи намадин, аз болои ҷемпери дастбофти Лудаапа бушлати пахтагин ва ба сараш ҳам телпаки сарбозии соҳибкорро пӯшида, бо аспу ароба ба роҳ мебаромад. Дар бозор савдогарони ҷонсахт мисли ӯ бисёр буданд. Ҳеч кас намехост бо баҳонаи сармои зимистон аз луқмапони ҳаррӯзаи худ маҳрум монад.

Бозориён наҳорро ҳамеша дар ҷойи кор мехӯрданд. Чанд русзани маҳаллӣ бо салиқаи худ санбӯсаю пирожкаҳои гӯштӣ ва картошкаӣ, лағмон, пилмен ва дигар ғизоҳои гармро дуруст карда, дар бозор ва растаҳои он давр мезаданд. Ҳалим ва ду нафар ошнои доғистониаш, ки себу анор мефурӯхтанд, ошиқи санбӯсаҳои онҳо буданд. Қариб ҳар рӯз як термос чойро бо чор-панҷтоӣ санбӯса холӣ мекарданд. Боре дар дили яке аз чунин наҳорҳои ширини секаса болосарашон пайдо шудани ду нафар маъмури формапӯшро нафаҳмида монданд. Ҳалим дар тули бештар аз ду моҳи кори худ нахустин бор ба чунин ҳолат афтида буд. Ӯ каме ҷо хӯрд. Медид, ки ҳамраҳонаш низ то буногӯш сурх шуда, нафасашон гирифта буд. Милисаи аввалӣ, ки сардӯшии ситорадор дошт ва синнаш ҳам бузургтар менамуд, худро шиносонд ва бе он ки ба Ҳалим таваҷҷуҳе кунад, аз ду нафар доғистонӣ ҳуҷҷат хост. Яке аз савдогарони ҷавон дарҳол худро ба даст гирифт, лабу лунҷашро инҷкунон бо лаҳҷаи ба худ хос ба сухан даромад:

– Бубахшед, командир, чӣ хабар, мо хилофе кардаем?

– Ҳеч гап нашудааст, – оромона гуфт милиса, – бо тақозои вазифа санҷидани тамоми мусофирони аз берун омадаро ба дӯшамон гузоштаанд.

– Месанҷед, албатта, месанҷед, – гуфт ҳамон доғистонӣ ва бо лаҳни хушомадомез афзуд: – Марҳамат, аввал лутф кунед, себ, анор…

Аммо милисаи афсар паст наомад, бо ҳамон оҳанги аввала амр кард:

– Ҳуҷҷат!

Шарикони Ҳалим ноилоҷ дастҳои ларзони худро ба кисаи сари дил бурданд. Милиса бо мутолиаи паспортҳо дарёфт, ки муддати қайди ҳар ду гузаштааст ва бе он ки гузаште кунад, амр дод:

– Бо мо биёед! – ва худаш рафтан гирифт. Ҳамроҳи ӯ – милисаи дувумӣ бошад, бо даст ба ҷавонҳои савдогар ишора кард, ки ба роҳ дароянд.

Бо рафтани дӯстони ҳамкораш дили Ҳалим сиёҳ шуд. Аз ниҳояти ноороми худро наметавонист ба даст гирад, гӯё чун симоб дар ҷо меларзид. Дар ёд дошт, боре профессору Сашаамак аз бобати ӯ дар идораи милитсия ёддошт дода, барои кор карданаш дар бозор рухсат гирифта буданд. Акнун медид, ки он муҳаббати ду бародархонд кор медиҳад ва маъмурини тартибот ӯро нодида мегузаранд. Бо вуҷуди ин, аз дастгир шудани ҳамкорон сахт ноpоҳат шуд. Ҳирс мехӯрд, ки ҳар дуро ҷарима хоҳанд кард ва ин гуна ҷаримаҳо андак-мундак нест.

Ҳалим аз дер кардани ҳамраҳони худ бетоқат шуд, ҳавсалааш сар рафт. Муддати зиёде нагузашта ӯ бозорро канор гузошт ва бе дудилагӣ аз пайи шарикони доғистонӣ ба сӯйи посгоҳи милисаҳо роҳ пеш гирифт. Вақте ки ба дами дари милисахона расид, садои баланди шавқуну доду бедод хаёлашро парешон кард. Беист дарро кушод ва манзараи дохилро диду лаҳзае бо даҳони бозу чашмони алошудаи худ сари по шах шуд. Маълум набуд барои чӣ, маъмурони посгоҳ ду ошнояшро бо навбат лату кӯб мекарданд ва ҳар фаҳшу носазое, ки медонистанд, ба сари онҳо фурӯ мерехтанд. Ғарибони зери калтак монда бошанд, имдодталабона доду фарёд мезаданд. Аз ин бархӯрди бераҳмонаи формапӯшон хуни Ҳалим ба ҷӯш омад, дуд аз димоғаш баромад ва бо оташи ғазабе, ки вуҷудашро фаро гирифта буд, ба тарафи милисаҳо хез зад. Ӯ ҷилави онҳоро гирифт, мехост аз занозанӣ даст нигаҳ доранд. Вале формапӯшон ба ӯ низ раҳм накарданд, пушти ҳам ба сару танаш чанд мушту лагад фуроварданд. Ҳалим бадтар асабонӣ шуд, дигар сабру бардоштро аз даст дода, бехаёл ба ҳимоя гузашт. Доғистониҳо низ аз ҷонибдории ӯ шердил шуда ба милисаҳо даст бардоштанд. Чанд муддат афту дарафти сахт ба миён омад ва ҳамин аксуламали беҷо ҳама корро хароб кард…

Тавре ки мегӯянд, усул ба дасти нақорачӣ аст, баъд аз он даргирӣ маъмурони формапӯш аз коҳ кӯҳ сохтанд. Аз болои Ҳалим ва ду рафиқи доғистониаш парвандаи ҷиноӣ боз шуд. Воқеа чун тир ба гӯши Сашаамаку профессор расид. Ҳар ду ба мадади бародархонди худ шитофтанд. Бо вуҷуди ин ки пеши чандин милисаи ошнною ноошно сар хам карда, илтимосу илтиҷоҳо намуданд, ҳама саъю талошашон бар абас рафт. Дар давоми яку ним ҳафта ду ҷаласаи додгоҳ баргузор шуд ва дар муҳокимаи ниҳоӣ ҳукми додгоҳ эълон гардид. Пайрави он ҳукм Ҳалиму ҳамраҳони доғистониаш ба муддати якунимсолӣ аз озодӣ маҳрум шуданд. Бо ин қазоват ҳама умеду орзуҳои Ҳалим чилпарчин гардид. Ӯ на фақат худро, балки оилаҳои Сашаамаку профессорро ҳам дар сояи ғаму андуҳ гузошт. Ҳама аз нобарории кор ва бахти бади пешомада ангушти таассуф газиданд, дилҳо хун шуду дидаҳо ашкбор. Ишкели қонуниҳо дасти Ҳалимро гирифт. Ӯ бошад, бо дили

пурхун аз бародархондҳои худ хоҳиш кард, ки ба наздиконаш дар ин хусус чизе нагӯянд. Ӯ ваъда дод, баъд аз маҳбусӣ аввал ба Нарече хоҳад омад. Ба ин тариқа, ҷудоӣ барои ҳар яке сахту ҷонгудоз буд, таҳдиди ғурбату фироқ чун сӯзан ба устухон мехалид.

* * *

Нарече яке аз зеботарин шаҳристонҳои атрофи Самара буд ва мисли як рустои бузурги типи шаҳрӣ ба назар мерасид. Ин шаҳрак ҳамагуна сохтори ҳукуматӣ ва сервисҳои мухталифро барои аҳолӣ фаро мегирифт. Ду кӯчаи калоне дошт, ки бо ҳошияҳои чаманиву дарахтзоршуда куллан сарсабз ҷилва мекарданд ва дар миёнҷойи ҳар кӯча бо фалака чорроҳа эҷод мешуд. Даври яке аз фалакаҳоро идораи шаҳрдорӣ, милитсия, андоз ва шуъбаи бонки марказӣ печонида, фалакаи дигар сартосар бо мағозаю фурӯшгоҳҳои хурду бузург ва бозори калон иҳота шуда буд.

Аз самти рости шаҳраки Нарече рӯдхонаи борику дарозе ҷорӣ мешуд ва аз рӯд он сӯ ҷангали анбӯҳе имтидод дошт. Аз самти чапи шаҳрак бошад, заминҳои паҳну холие идома меёфт, ки дар он ғайр аз алафҳои ҳарзаву ҷо-ҷо буттаҳои хурду калон чизи дигар намерӯийд. Сокинони шаҳрак ин қисматро бештар ба унвони чарогоҳ истифода мебурданд ва Сашаамак низ подаи худро маҳз дар ҳамин бахш мепоид.

Сашаамак ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ба аспдорию асптозӣ шавқу иштиёқи беҳад дошт. Аз ин рӯ, пас аз бузургтар шудан ҳеч гоҳ хонаашро бе бӯю тафти ин ҷонвар нагузоштааст. Агар ҳангоми деҳқонӣ дар заминҳои колхоз аз аспи худ фақат барои рафтуомад истифода мебурд, пас аз бознишаста шудан рӯзҳои дароз аз он пиёда намешуд. Бо оғози шуғли подабонӣ ба асп боз ҳам бештар алоқаманд гардид ва баҳору зимистон бо ин «кола»-и безабону бематори худ ба нигаҳбонии молҳои калони ҳаммаҳаллаҳо камари ҳиммат баст.

Сашаамак аз рӯзе, ки Ҳалимро ёфта ба ӯ ҳаёти дубора бахшида буд, худро хеле осуда ва болидахотир ҳис мекард. Дар ҳавои ниёишҳои худ ба Парвардигор, пайваста шукр мегузошт ва мағфирати ҳама гуноҳу иштибоҳоти доштаю надоштаи хешро аз Худо мехост. Ӯ Ҳалимро ба ҳаёт баргардонда аз вай як одами нав месохт, ҷисму ҷони ӯро ба урфу оинҳои поку беғараз одат мекунонд. Мехост ин ҷавони ғариб, то замоне ки пеши ваю ҳамшаҳриҳояш аст, як нафар инсони некбину худогоҳ ва орому аз ҳама касофатҳо дар канор бошад. Афсӯс ки, видоату осудаҳолӣ дер давом накард. Ҳамин ки бо Ҳалим унс гирифта, аз ӯ барои худ бародархонди самимие сохта буд, тақдир орзуву умедҳояшро бар бод дод. Барояш хеле алам мекард, ки бо ин ҳама беолоишӣ ва садоқат як ҷавони бегуноҳ бо баҳонаи ночизе маҳкум мешуд. Ӯ бо дили пуралам мехост ба рӯйи ҳар коғазе, ки ончунон қонунҳои сарсариро дошт, туф кунад, аз Худо мехост, дасти ин тоифа қонуннависон каҷ шавад.

Бо вуҷуди ин, Сашаамак тоқат кард. Ҳарчанд яку ним соли маҳбусӣ сипарӣ мешуд, ӯ наметавонист ба худ ояд. Ҳар рӯзи Худоро бо ёди бародархонд мегузаронд. Ба иттифоқи профессор чанд бор аз ҳоли Ҳалим хабар гирифта омад, вале ҳаври дилу ноороми хаёлоташ коҳиш намеёфт. Ӯ рӯз мешумурд, поёни маҳбусии бародархондро бо чашми чор интизор буд.

Ниҳоят, барои Сашаамак лаҳзаҳое фаро расид, ки дигар неруи фурӯ бурдани аламу ҳасрати ҷудоиро надошт ва наздик буд косаи сабру тоқаташ лабрез шавад. Ба инояти Худованд, дар ҳамин ҳолат дӯсти профессораш ба ҷароҳати ҷонаш марҳам молид. Вақте ки аз дари ҳавлӣ сар халонд, мисли боғ мешукуфт, аз чеҳрааш нури хурсандӣ меборид. Ӯ даромадан замон, Сашаамакро ба оғӯш гирифта хушҳолона арз кард:

– Дӯстам, шириниро барор, бароят хабари хуш овардам!

– Шодиёна дар кафи дастат, азизам, ҳар чӣ ҳаст зудтар бигӯ! – гуфт бетоқатона Сашаамак, дар ҳоле ки ӯ низ дӯсти худро муҳкам ба оғӯш мегирифт.

– Ҳалими моро ҷавоб додаанд!

– Рост?!

– Бале, имрӯз телегромаш расид, хоҳиш кардааст, ки фардо дунболаш равам.

– Наход?!

– Оре, рост мегӯям.

Сашаамак аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Ӯ аз оринҷи профессор дошта истода гуфт:

– Росташа гӯям, маро аз дард халос кардӣ, азизам, агар ин тавр, фардо бо ҳам меравем.

– Аммо беҳтар ки ту ин ҷо бошӣ, – андешамандона ҳарф зад профессор, – Ҳалим, ки расид, одамҳо ба дидорбинӣ меоянд, ту бояд ин ҷо омодагӣ бубинӣ. Фақат, агар либосҳои тозааш ҳаст, ман бо худам мебарам.

– Ҳар тавре ки салоҳ медонӣ, дӯстам, аз ин ҷо нигарон набош, ҳама чизро худам тахт мекунам. Барои Ҳалимҷон ҳам як сарутан гирифта мондаам, бо худат бар, – гуфт Сашаамак ва духтурро ба дохил мушояат карду худаш пеш-пеш қадам партофт. Мехост зудтар хабари хушро ба ҳамсараш низ расонад…

Оре, отифаи инсонӣ аз майлу иштиёқи қалби ӯ маншаъ мегирад, ба хусус, вақте ки қалби вай аз нафосату покизагӣ ва хуни тоза ангеза дошта бошад. Инсони боотифа бештар ғами дигаронро мехӯрад ва дарди онҳоро дар дилу ҷони худ эҳсос мекунад. Шояд Ҳалими сарсахт дигар дар қатори одамон намемонд, агар Сашаамаку Николайи духтур дар паноҳи худ намегирифтанд. Ин ду тан ба ҳар гуна садди роҳ ва ноошноию бегонагии Ҳалим нигоҳ накарда, ӯро ба манзил ва ба дили худ роҳ доданд, ба ӯ мувозибат ва ғамхорӣ карданд. Агар ончунон даъвое дар бозор пеш намеомад, шояд ба бисёр чиз муваффақ мешуданд. Аммо, дигар пушаймонӣ суд надорад, ҳама корро аз нав бояд сар кард.

Дар ҳақиқат, бештар аз ҳама Сашаамаку профессор мунтазири ин соат буданд. Агарчи дар зиндонӣ шудани Ҳалим ҳеч кадом тақсире надошт, аммо отифаи ботинии онҳо намегузошт, ки дар канор бошанд. Ҳар ду баробар ҳис мекарданд, ки як нафар ҷигаргӯшаашон дар кӯйи номуродӣ афтидааст. Ҳар ду пас аз руҳафтодагиҳои дурудароз ва бехобиҳои зиёд муштоқи дидори бародархонди худ буданд.

Ниҳоятан, ҳама ноумедиҳо, тазйиқҳои равонии шабонарӯзӣ, ҳавру ҳаяҷонҳои ботинӣ дар ақиб монд ва Ҳалими зиндонишуда, пайрави қавли додаи худ, пас аз таҳаммули азобу азиятҳои танозори дунёи пушти симхор ба назди бародарони қиёматӣ баргашт. Он рӯз дар манзили Сашаамак ба истиқболи ӯ зиёфати дидорбинӣ доир гардид. Ду радиф мизу курсии дар ҳавлӣ чидашударо бо қанду қурс, салату меваҳои хушку тар ва нӯшобаву обмеваҳои ранг ба ранг оро дода буданд. Лудаапа аз болои хилъати қирмизии худ миёнашро муҳкам баста, барои ороиши дасторхону таҳияи ғизову хӯрданиҳо тараддуду ҷунбуҷӯл мекард. Ҳамсари профессор низ ба ӯ ёрӣ мерасонд. Ба ҳар ду чорқадҳои бузурги гули анорӣ, ки ба сари худ кашида, лабаҳои чорқадро то камар овезон карда буданд, мезебид. Ҳалим дар ин сурати онҳо ҳамеша модари худ ва занони деҳаашро медид.

Мардони хона бошанд, меҳмононро қабул мекарданд. Дӯстону ошноёни ҳар ду бародархонди Ҳалим пушти ҳам бо чеҳраи шод даромада меомаданд ва ӯро ба оғӯш гирифта табрику расидан ба хайр мегуфтанд. Дар ин зиёфат аз ҳама бештар Сашаамаку профессор хушҳолӣ мекарданд, дар зеҳни онҳо заррае аз бегонагии Ҳалим намонда буд.

Дар дили сухбат, вақте ки ҳама сари ҷойи худ нишаста, тоза пиёлаҳоро барои шунидани тости аввалин бардоштанӣ буданд, ногаҳон, дар дами дарвоза пайдо шудани ду тан ғариб диққати ҳамаро ба сӯйи худ кашид. Яке марди баландқомати лоғаре буд, ки аз зери яктаҳи дарозаш тану тӯши васеи ӯ ба назар мерасид. Ӯ дар як даст таёқи чӯбини кӯтоҳ ва дар дасти дигар борхалтаи калоне дошт. Нафари дувум бошад, хеле ҷавон менамуд. Аз чеҳраи гандумгуни гирду лоғар ва дастони рагу пайдораш ҳувайдо буд, ки тану ҷони ӯ низ то ҷое дар кӯраи зиндагӣ обутоб ёфтааст. Ба маҳзи аз дарвоза даромадан, ҳар ду сари ҷо мех шуданд – барои онҳо ҷамъшавии одамони ноошно дар ҳавлие, ки пас аз бардорузанҳои сафари тулонӣ суроғашро гирифта омада буданд, хеле тааҷҷубовар менамуд. Дар он лаҳза садои баланди ногаҳонии Ҳалим ҳамаро ба шигифт овард. Ӯ «додарҷон!»- гӯён ба сӯйи дарвоза тохт.

Чанд муддат гаштаю баргашта, гарм-гарм ба оғӯш гирифта, бо чашмони аллакай серобшуда якдигарро бӯсидани Ҳалиму Салим ва Ашӯрамак аҳли нишастро ба риққат овард. Ба қавли «дӯст болои таом» ҳозир шудани ҷигарбандҳои Ҳалим ба зиёфати дидорбинӣ ҳусну тароватӣ нав ато кард. Ин вохӯрии тасодуфӣ, ки ба гӯшаи хаёли касе наомада буд, ба якояки ҷамъомадагон руҳу фараҳи тоза бахшид ва беихтиёр аз чашмони бисёриҳо ашки шодиву ҳаяҷон рехтан гирифт.

* * *

Маҳтоб пай мебурд, ки беш аз пеш пардаи қаҳру итоб аз чеҳраи модаршӯ бардошта мешавад ва ҷойи онро нуру намои лутфу меҳрабонӣ фаро мегирад. Агар аввалҳо келинро чун хари дар меҳисобиду ҳар қадар дилаш мехост аз ӯ кор мекашид ва аз гаронии бор то манзил нарасидани ӯро фикр ҳам намекард, ҳол билкул одами дигар шудааст. Ба ӯ акнун бо лақабу кинояҳои ҷонгир гап намезад, балки дар ҳавои дӯстдорӣ доимо «духтарам» мегуфт. Ба хусус, баъд аз ба суроғи Ҳалим баромадани Салиму Ашӯрамак бархӯрдҳои модарарӯс тамоман тағйир ёфт, ба назар мерасид, ки акнун ба ёриву дилбардориҳои келин хеле ниёз дорад. Ҳар гоҳ аз кору машғулиятҳои худ фориғ мешуд, муддатҳо ба дуою ниёиш менишаст, дар сурате ки аввалҳо ин одатро надошт. Дар поёни саҷдаҳояш бо садои нимшунаво мегуфт: «Парвардигорам, худат бузургу ёрирасон ҳастӣ, бандаҳои гунаҳкоратро биёмурз, писари азизамро ба оғӯшам баргардон. Илоҳӣ, чор буғунаш бутун, сараш дар амон бошад, ҳама умедам ба туст, Худоҷон!» Дар ин ҳолатҳо Маҳтоб низ дар пайравии ӯ даст ба дуо мебардошт.

Маҳтоб ҳис мекард, ки модаршӯ аз нооромие безобита аст. Модар бошад, агарчи аз тақдири Ҳалим дар хавотир буд, ба сафари Ашӯрамаку Салим бо хушбинии беҳад умед мебаст. Ӯ ба зинда будани писари худ итминон дошт, зеро агар Ҳалим ба мусибате гирифтор мешуд, қалби модариаш ҳиз мекард, бар ҷисму ҷонаш пардаи сиёҳӣ менишаст. Қаъри дили Гулсун бошад, боз буд, бо нияти дидорбинӣ ва аз ниҳояти ҳаяҷон тез-тез зада меистод.

Маҳтоб даъвати Алимро ба таъхир нагузошт. Дар ҳоле ки хурсандии худро дар изои ҳадяҳои додарарӯс наметавонист пинҳон кунад, барои мулоқот ва шунидани арзи дили ӯ чун бод бедасту по шитофт. Вақте ки ба манзили Ашӯрамак расид, Алиму Шукрияхола дар таҳхона саргарми тақсими халтаҳои орд буданд. Охирин нафарҳои дар навбат истода дастмузди осиёбонро ё бо пул, ё бо гандум пардохта, орди худро мебурданд. Ҷамила дару пила ва роҳравҳоро то дами осиёб ҷорӯб мезад. Ӯ Маҳтоброро дидан замон, тозон ба истиқболаш баромад ва бо лаҳни равони духтаронааш арз кард:

– Янгаҷон, хуш омадед, биёед рост ба меҳмонхона мегузарем. Алимакаю янга ҳозир аз кор мебароянд. Ман бароятон чой дам мекунам.

Маҳтоб аз лутфу пазироии Ҷамила шод шуд. Медид, ки ин духтари хушгилу зебо хеле чобуку кордӯст аст. Ӯ низ нахост ба Алиму зани Ашӯрамак халал расонад, мустақим аз назди таҳхона ва айвони тобистона гузашту ба хонаи пазироӣ даромад. Ҷамила аллакай кӯрпача паҳн карда, дасторхон густурда буд. Лаҳзае нагузашта бо чойники чой баргашт ва бо ҳамон нози духтарона ва табассуме, ки чеҳраашро мунаввар месохт, афзуд:

– Алимака мунтазири шумо буданд, ҳоло чой хӯрда шинед, ман садо мезанам.

– Раҳмат, хоҳар, ман шитоб надорам. Бигузор корашона ба охир расонанд.

– Ҳеч гап не, ба Шукрияхола худам ёрдам медиҳам. Шумову Алимака бемалол суҳбат кунед, – гуфт Ҷамила ва бо чеҳраи шукуфон тозон ба ақиб баргашт. «Чӣ хел духтари хуб, исмаш ба ҷисмаш монанд, – ба худ андешид Маҳтоб, – кош мисли ӯ дағече медоштам, ҳама ҷаҳониён ба мо ҳавас мекарданд! Дасту пояш бақувват, духтари меҳнатӣ менамояд. Агар Алим розӣ мешуд, дасти ҳамин духтарро мегирифтем. Худо кунад, ки номзаде надошта бошад…»

Маҳтоб дар ҳоли ба таври худ бурида дӯхтани орзуҳо буд, ки Алим ҳам даромада омад. Бо дидани якдигар ҳар ду хушҳол шуданд. Ба маҳзи салому ҳолпурсии мухтасар Алим дарҳол риштаи суханро ба даст гирифт:

– Мегӯянд, янгаи мо нақшдӯзу кашидадӯз шудааст, ҳунарҳои нав муборак!

– Ин ки бароям тозагӣ надорад, лекин устодкории худат ҳам бад не, аз мо бештар ба сархорӣ вақтат намерасад!

– Оре, бе муҳобо, аз он Алими ландаҳур дигар ному нишон намонд.

Ҳар ду хандиданд. Маҳтоб бо меҳру мамнуният ба чашмони Алим нигоҳ карда гуфт:

– Додар, мана хеле хурсанд кардӣ, тухфата гирифтам. Ба ҳама кору борат Худо файзу барака диҳад, дар тӯят хизмат кунем, рӯзҳои хуш бин.

– Лутфат зиёд, барои ту ҳар чӣ кунем, кам аст, янга. Аз он чӣ гузашт, пеши ту шармандаам, фикр намекунам ҷуброни беадабиҳои айёми бачагӣ аз дастам ояд.

– Ин тавр нагӯ, додар, мо ҳама як хонавода ҳастем. Дар зиндагӣ каму костӣ мешавад, ҳамаамон бандаҳои гунаҳкорем. Лекин ислоҳ шудан камоли мардонагист, мо бо ту мефахрем, додарҷон!

– Забони ширин дорӣ, янга, ту ҷони одамӣ!

Маҳтоб табассум кард ва сипас бо нигоҳи ҷиддитар ба Алим зеҳн монда гуфт: – Оча пешат фиристод, бо ман коре доштӣ?

Ин ҷо Алим чашмонашро гурезонд. Худаш бехабар, ба чаккаҳои гандумгунаш сурхӣ дамид. Ӯ ҳанӯз гапҳои дилашро ба касе нагуфта буд ва дар пеши Маҳтоб низ каме дасту по хӯрд, ҳарчанд ба худ аҳд карда буд ҳама муддаои дилашро лучу пӯстканда ба янга гӯяд. Маҳтоб ҳам, дар ҳоле ки ба ӯ синча карда менишаст, забон хоиданашро пай бурда афзуд:

– Додар, мебинам, ки дарде дорию аз гуфтан истиҳола мекунӣ. Ё аз ман ҳам хиҷолат мекашӣ? Миёни мо ки ин гапҳо набуд?!

Алим худро ба даст гирифт. Ҳаяҷонашро фурӯ бурда, бо нимтабассум ба Маҳтоб рӯ овард:

– Росташа гӯям, оча чанд бор розигии мана хост, то сарама дуто кунад. Мехоҳад ба ину ба он даҳан андозад, ба хостгорӣ равад. Аммо, чӣ ҷойи пинҳон кардан, дилам фақат ба ҳамин ҳамкорам моил. Бо ӯ хеле унс гирифтаам, шабу рӯз аз мадди назарам дур намешавад.

– Ошиқ шудам-гӯй, – ба завқ омада гуфт Маҳтоб, – ҳамин арзат будаст, зудтар намегӯйӣ?! Худам кора мепазонам, аслан ғам нахӯр! Мо – янгаҳо пас барои чӣ пеши шумоем? Фақат ба ман камтар фурсат диҳӣ-шуд.

– Раҳмат, янгаҷон, барои ҳамин ҳам тура нағз мебинам, ту ба ростӣ ҷони одамӣ!

– Зиёд таъриф накун, аз хурсандӣ кафида наравам? Лекин, маро бениҳоят хушҳол кардӣ, медонӣ аз чӣ боис? Ин ҷо омада, ба маҳзи ин ки Ҷамилара дидам, дилам ба ғулғула афтод, худам ҳам нияти дағеч кардани вая доштам.

Чеҳраи Алим бештар шукуфт, ӯ бетоқатона, дар ҳоле ки дигар ҳама шарму хиҷолатро фаромӯш карда буд, пурсид:

– Аз чӣ сар мекунӣ?

– Ин тарафаш кори ман. Дон, ки додарҷон, янгаат аз ҳозир миёнаша маҳкам баст! – Маҳтоб як зум ба андеша фурӯ рафт, ӯ барои худ тарҳу нақшаҳоеро аз тасаввур мегузаронд: суҳбати наздик бо духтар, ба модаршӯ расондани хушхабар, пайгирии корҳои хостгорӣ ҳамроҳи ӯ, ошноӣ бо обуҳавои хонаводаи духтар, омодагӣ ба тӯйи арӯсӣ то замоне, ки Ашӯрамаку Салим бо Ҳалими ӯ бармегарданд…

* * *

Вақте ки Маҳтоб аз пеши Алим баргашт, рӯз аллакай симои нуронии худро аз даст дода буд. Аз ҷамоли офтоб нишоне намонда, рӯ-рӯйи охирин теппаҳои қабристон нурҳои хираи он яксара чодари зардгуне, ки ҷо-ҷо хунолуд ба назар мерасид, ҳосил мекарданд. Ин ҳолат ба Маҳтоб ҳушдор медод, ки вақти говдӯшӣ ва сару басар кардани бузу бузғолаҳо расидааст. Ӯ ду-се боғро – аз ҳаёти Ашӯрамак то боғи худӣ миёнбур карда гузашт. Бедаступо буд, мехост ҳарчи зуд хабари навро ба Гулсун расонад. Охир, ҳар рӯз модаршӯ ин мавридро ёдовар мешуд, намедонист чӣ тавр ризояти Алимро бигирад. Маҳтоб ҳам ба ҷуз гуфтани «ҳанӯз ҷавон аст, вақту соаташ меомадагист» дигар сухане барои дилбардорӣ намеёфт. Акнун бошад, дили худро кушода додани додарарӯс ба ӯ болу пар мебахшид, ба хусус, аз интихоби ӯ хушаш омад. Ҷамила чун як духтаре, ки дасту панҷаи худро дар гарму хунуки зиндагӣ обутоб додааст, аз ҳар ҷиҳат ба Маҳтоб мақбул буд. Мехост бедаранг домани ин духтарро бигирад ва гесувонашро ба занҷири дари Алим бибандад.

Чун Маҳтоб ба наздикии ҳавлӣ расид, шӯру ғавғое ҳавосашро парешон кард. Дар лаби ҷӯйи об, аз як сӯ Гулсун, ки миёнашро бо рӯмоли калоне баста, бо ду даст аз он дошта меистод ва аз сӯйи дигар, Арзиакаи мироб, ки каланди паҳнеро бо дастагии дароз дар китф гузошта, бо як даст ба танаи зардолу такя дода меистод, бо садои баланд ҷарру баҳс мекарданд. Бештар овози гирои Гулсун бо ҳаяҷону зӯргӯйӣ ба гӯш мерасид:

– Ту, бинипучуқи камнур, илоҳӣ мироб нашуда монӣ, кай ба инсоф меойӣ, ки кори мо ҳам осон шавад? – мегуфт ӯ ба Арзиака имкони ҳарф задан

надода. – Охир, дар хонаи ман мард нест, дар торикии шаб кӣ об медорад? Соат-поата намедонам, ҳар коре мекунӣ, туву мурдашӯят медонед, ба ман фардо – рӯзона об медиҳӣ!

– Ҳар гоҳ навбат мерасид, шаб об мегирифтед, – базӯр дар миёни сухани Гулсун даҳан андохт мироб ва бо овози баландтар идома дод: – Ҳамин худат набудӣ, ки мегуфтӣ шаб об «дӯрҷа» меояд, ба ман як соат-ду соат бештар, вале навбатамро ба шаб дуруст кун?

– Он замон писаронам буданд, мани аҳмақ ҳам ҳар чӣ мегуфтӣ қабул мекардам. Акнун мебинам, ки мазахӯрак шудаӣ, беимон!

– Ин нозу нузата ба ман намекунӣ, занак, соати обат, ки омад, гиру боғата об дор. Агар вақтат гузарад, айби ман не, ман тура огоҳ мекунам! – аз беибо гапзаниҳои Гулсун ошуфта шуда гуфт Арзиака.

– Гап задаӣ, бинипучуқи беимон, ман миробам гуфта аз ҳад нагузар! Садто ту баринҳора дидаем, аз мурданат натарсӣ, навбатама фақат ба рӯз дуруст мекунӣ! Миробиат ба худат, шукр кун, ки бо ҳамон каландат каллапоча карда ба сари даҳна гӯр намекунам.

– Яке туву яке Шарбати шаттоҳ хунама ба ҳалқ овардед. Агар намебудам, рӯйи оба намедидӣ. Биваи бечораам гуфта аз худ нарав!

– Илоҳӣ, зани шумшукат бива монад, бе ту ҳам боғамон сероб буд. Ба дасти гадо мансаб нарасад, аз осмон истора гирифтанӣ мешавад. Доштагиаш як каланд ҳам бошад, дағдағааш як хирман!

Арзиака паст наомад:

– Ҳамин каланд бас, агар хоҳам куҳа талқон мекунам, ҳоло-ку ту. Нафасата кашу гуфтама кун!

Маҳтоб медонист, ки модаршӯяшу мироби деҳа ҳамсоли ҳаманд ва ҳар гоҳ якдигарро медиданд, гулуяшон хоридан мегирифт ва баду бероҳ гуфтан ба арши аъло мерасид. Дар ин ҳол то касе миёнҷигар намешуд, ҳеҷ кадом паст намеомад. Аз ин хотир, дарҳол хост сари баҳсро шиканад:

– Янгаҷон, ба ҷанҷол кардан намеарзад, монед гуфтаи амаки мироб шавад. Шаб ҳам бошад ман худам об медорам, ҳеҷ гап не.

– Ту ҳам тарафи ин беимона мегирӣ? – бо оҳанги норизо гуфт Гулсун ва ба мироб нигоҳкунон афзуд: – Вая бин, даррав лабутонаш инҷ шуда рафт.

Арзиака баланд хандид. Мехост бо ин истеҳзои худ ба ҷони Гулсун неш занад. Ӯ аз ҷонибдории Маҳтоб хушҳол шуда, бепарво ба сухан омад:

– Духтарам, соати ёздаҳи шаб ба ҷӯят об меояд, даҳанаҳои боға дуруст карда мон. То саҳарӣ об дар ихтиёри худат мешавад.

– Хеле хуб, то саҳар боға даҳ бор об дода гирем ҳам мешавад, чӣ гуфтед, янга?

Гулсун аз қаҳраш фуромада буд. Ба маънии «худат медонӣ» лабу абрувонашро боло кашид ва ба ақиб гашта истода, ба Арзиака гуфт:

– Оби даҳната ҷамъ куну биё хона, чойи гарм хӯрда рав, – ва худ ба сӯйи оташдон роҳ пеш гирифт.

Арзиакаи мироб аз қафои ӯ ба Маҳтоб маънидор чашмак зад ва мамнунона изҳор кард:

– Фурсати чойхӯрӣ ҳам мерасад, дафъаи дигар, ҳоло кори бисёр дорам.

Баъд аз хайрухуш Маҳтоб тозон аз ҳавлӣ ба берун баромад. Аллакай гову бузу гӯсфандон дар пешу бари оғилу кӯтон ҷамъ омада, бо баосу маосҳои беохир замину замонро ба дод меоварданд. Ӯ дарҳол сатилу тағораҳоро бо обу чолоб пур кард, дар новдонҳои гирду дароз ему хошок андохт ва бо тартиб ду гови дӯшоиро ба оғил ва бузу гӯсфандонро ба кӯтон ронда даровард. Сатилчаи ширро ба даст гирифта аввал бузонро сабук кард ва бузғолаҳои ба шӯр омадаро барои «оча-бача» шудан сар дод. Онҳо чун лашкари мӯру малах аз хонача берун омада, ба сӯйи модарони худ ҳамла оварданд. Маҳтоб ин манзараи дӯстдоштаи худро каме тамошо карда истод ва дар ниҳояти завқу хушҳолӣ бо сатилчаи пури шир ба хона баргашт. Ӯ аз нав бо сатили дигари бузургтар ба сӯйи оғилхона роҳ пеш гирифт, акнун мебоист ба доди гову гӯсолаҳояш расад.

* * *

…Борон наистода меборид. Ба ин нигоҳ накарда, Маҳтоб сари лухт ва бо як пероҳани тунук дар лаби арз ду чашм ба сӯйи боғ дӯхта меистод. Аз шиддати борон дарахтони боғ хира ба назар мерасиданд ва роҳи борике, ки манзили Маҳтобиноро то он тарафи ҷӯйи калон мепайваст, аслан ба чашм намехӯрд. Маҳтоб ҳис мекард, ки борон сард нест, балки хеле форам ва дилнавоз ба сару кӯлаш мерезад. Борон мебориду куртаи ӯ зич ба танаш часпида буд ва тамоми манзараи зери он омехта бо шиёру чакраҳои оби борон намудор мешуд. Поинтар аз шиками сап-сафед эзори қирмизранг ва болотар ҳам синаҳои барҷаста дар зери корсетҳои қирмизӣ мисли ду дона анори суп-сурх ба назар метофтанд. Мӯҳои дарози сардодаи Маҳтоб бо оби борон то пушти шонаҳояш ва аз пеш то сари дил шорида мефуромаданд. Гарчи ҳаво тирагун буд, сару бадани ӯ ҷо-ҷо медурахшид, чун як парӣ ҷило медод ва чашмонаш барқ зада, аз моварои души осмонӣ Ҳазрати Хизрашро меҷустанд.

Оре, Маҳтоб аз лобалои пардаи тираву меғолуд синчакунон ба васати дарахтони боғ дида медӯхт. Дар мағзи дидаҳояш пай мебурд, ки пардаи меғолуд оҳиста-оҳиста бардошта шуда дар он сару сурати азизаш сохта мешавад, шаклу шамоиле монанди Ҳалими ӯ дақиқтару возеҳтар падид меояд. Бале, Маҳтоби дида ба роҳ зиёд мунтазир намонд, азизаш бо сарутани таршуда қадамҳои баланд партофта ба ӯ наздик шудан гирифт. Дигар тоқати ҳар ду тоқ шуд, беихтиёр башаст ба сӯйи ҳам давиданд ва бағал кушода якдигарро ба оғӯш кашиданд. Ҳалим Маҳтобро танг дар оғӯш гирифт, мӯҳояшро силакунон рӯйи худро ба гунаҳои маҳини ӯ часпонд. Маҳтоб ихтиёри худро аз даст дода буд, нафаси гарми азизаш ҳамроҳ бо намии борон ба ӯ лаззат мебахшид. Лабони ташна ба бӯсаҳои ҷонбахш ба ҳам хӯрданд, роҳату масаррати беинтиҳое тору пуди ҳар дуро фаро гирифт. Борон беист меборид ва ду тан дилдодаи ба дидор расидаро бо қатраҳои рагбору форами худ сар то по навозиш мекард.

Қазоро, ин роҳату навозиш зиёд давом накард, борони нарму форам ногаҳон сард шуд. Ҳамон лаҳза Ҳалим ҳам дасту тани худро аз Маҳтоб бардошт, ба саъю талоши Маҳтоб, ки бо дастони ба пеш дарозкардааш мехост ӯро нигаҳ дорад, таваҷҷуҳ накарда дур шудан гирифт. Ӯ дар як зум нопадид шуд, дар васати дарахтон, ки ҳанӯз ғӯтавар дар оғӯши меғи тира буданд, ғоиб гардид. Ҳамроҳи борон оби тани Маҳтоб низ сард шуд, баданаш ях кард. Аз хунакӣ сахт ларзиду худро таконе дод ва ба худ омад…

Маҳтоб чашмонашро кушода болои сар додарарӯсони худ – Алиму Салимро дид. Ҳар ду бо завқ ӯро тамошо мекарданд. Дар дасти Алим обхӯрии филизӣ буд, ки мехост аз он дубора ба чаккаи Маҳтоб об резад. Ҷаста аз ҷо баланд шуд ва рӯйи тӯшаки хоб сари дузону нишаст.

– Ин қадар хоби ширин дорӣ, янга, – гуфт бо табассум Алим.

– Дунёро об барад ҳам, ба парвоят нест, – илова кард Салим.

Маҳтоб худро ҷамъу ҷӯр кард ва бо тааҷҷубу шигифте, ки аз дидани Салим ба танаш роҳ уфтода буд, нобоварона лаб ба сухан кушод:

– Салимҷон, ин туӣ?

– Оре, нашинохтӣ?

– Не, не, чаро нашиносам, сабил, хобам бурдааст, – Маҳтоб ба по хест, рӯсариашро дурусткунон афзуд: – Тамоми шаб мижа таҳ накардаам, навбати обамон буд.

– Гуфтам, янга одати дерхезӣ надошт, бечора кори ману тура карда будааст, – бо эътироф ҳарф зад Алим.

Салим китф дарҳам кашид ва бетоқатона барои зани бародар бағал кушод. Маҳтоб ӯро ба сари дил пахш карда, ба рӯйи китфонаш тап-тап зада гуфт:

– Омадӣ, додарҷон, шерӣ ё рӯбоҳ?

– Албатта, шер! – бо хушҳолӣ арз кард Салим. – Кай дидаӣ, ки ману Ашӯрамак корро нимкора монда бошем?

– Медонам, дасти холӣ баргаштан ба шумо намезебад.

Дар ин ҳол аз дами остона садои Шабнам баланд шуд. Ӯ бо ҳаяҷон ва овози баланд дод зад:

– Оча, очаҷон, додом омаданд, додом!

Маҳтоб ба сӯйи дар назар афканда ба чашмонаш бовар накард: рӯ ба рӯяш Ҳалим духтарашро дар бағал гирифта меистод. Ин ҷо Алиму Салим ба якдигар маънидорона чашмак зада, оҳиста хонаро тарк карданд. Маҳтоб аз таги дил гиря карда фиристод ва дар ҳоле ки рӯйи рухсораш сели ашк равон буд, худро ба оғӯши шавҳар андохт. Шабнам гоҳе ба модари гирён ва гоҳе ба падараш, ки чашмони ӯ низ лиқ-лиқи об мешуд, нигоҳкунон дар ҳайрат монд. Намедонист чӣ гӯяд ва чӣ кор кунад, дар сурате ки беихтиёр аз косачаҳои ҷилодори ҳосилшуда дар зери мижгонҳои кӯтоҳи ӯ донаҳои марворидии гарм ба рӯйи дасти Ҳалим чакиданд...

# ОЧЕРКҲО, МАҚОЛАҲО

# ОЧЕРКҲО, МАҚОЛАҲО

## СОҲИБИ ҚАЛАМИ НАВИШТАНӢ ВА СУХАНИ ГУФТАНӢ

Ҳикояву қисса ва навиштаҳои дар ин маҷмуа гирдовардашударо мутолиа намуда, ба хулосае расидам, ки қаламу сухани дӯсти ҷавони мо – Юнуси Имомназар бурротару расотар шудааст. Ман бесабаб таркиби «дӯсти ҷавони мо»-ро ба забон набурдам. Юнуси Имомназарро ҳанӯз аз овоне, ки дар мактаби миёнаи зодгоҳаш – деҳаи Эҷи хоҷагии ҷамоавии «Нурато»-и ноҳияи Нурато ба ҳайси омӯзгор кор мекард, мешиносам. Ӯ баробари ҷавони қобилу муаллими хуб будан, ровии хушсухан ва сухангӯйи моҳиру ҳозирҷавоби маъракаҳои нишоти на фақат зодгоҳаш, балки мардуми деҳоти тоҷикнишини ноҳияи номбурдаи вилояти Навоӣ ҳам ба шумор мерафт.

«Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд» гуфтагӣ барин, баъдтар ӯро, чун аз қобилияташ огоҳӣ ёфтанд, барои кор ба таҳририяти тоҷикии радиои Ӯзбекистон даъват намуданд. Дар ин ҷо, ба қавле, шабу рӯз кор карда, донишу ҷаҳонбинӣ ва савияи саводи худро хеле такмил дод. Азбаски ҷавони хушзеҳну зирак ва нисбати худ сахтгир буд, аз кормандони собиқадору тавонои ин даргоҳи бонуфуз сабақ гирифт, таҷриба андӯхт, ба такмилу танзими қобилияту маҳорати хеш сахт камар баст.

Гоҳан ба идораи «Овози тоҷик» ҳам меомад ва лавҳаю мақола, очерку ёддоштҳояшро ба салоҳдиди муҳаррирони бахшҳои рӯзнома вогузор менамуд. Аҳёнан шеър ҳам мегуфт. Ва бояд мутазаккир шуд, ки аксари онҳо бо андак таҳрир, баъзан бидуни таҳрир ба чоп мерасиданд ва хонандаи худро пайдо мекарданд.

Ҳамкории мо бо Юнуси Имомназар дар солҳое, ки камина муҳаррири ҳафтаномаи «Фарҳанги Осиёи Марказӣ» будам, хеле густариш ёфт. Ман аз ӯ бино бар ин ё он мавзуъ навиштани матлаберо хоҳиш мекардам. Вай он матолибро пештар аз муҳлати фармуда ва беҳтар аз дархосте, ки банда доштам, омода менамуд. Он солҳо қариб дар ҳар як шумораи ҳафтавори зикршуда маводе ё матлабе бо имзои Юнуси Имомназар ба чоп мерасид, ки ғолибан рӯзмарра ва хонданӣ буданд. Охири солҳои навадум «Фарҳанги Осиёи Марказӣ» аз байн рафту банда Юнуси Имомназарро «гум» кардам. Вале ин «гумшавӣ»-и дӯсти ҷавони ман, хушбахтона, дер напоид. Дигар, ӯро ба сифати нависандаи ҳикояву қиссаҳо аз нав кашф намудам.

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» пайи ҳам ҳикояҳои намакини ӯ, пасон, ёддошту қиссаҳояш ба чоп мерасиданд. Аз онҳо бурду барор ва пешрафти эҷодии мавсуф зуд ба чашм мехӯрд. Азбаски акнун корманди як ширкати эронӣ буду бо ҳамкорони ҳамзабон бештар ҳамсуҳбат мешуд, забони навиштаҳояш низ фасеҳтар ва пуробурангтар мегардиданд.

Соли 2008 аввалин китоби мавсуф таҳти унвони «Аз гулгашти Мусалло то Нақши ҷаҳон» дар Тошканд ба чоп расид. Дар он Юнуси Имомназар

дидаю шунидаҳояшро  аз сафари кӯтоҳе, ки ба Эрон доштааст, бо забони фасеҳу дилнишин нақл мекунад. Бояд махсус қайд намоям, ки сафарномаи мазкур хеле муҷаз ва хонданист. Муаллиф тавонистааст, ки хонандаро дар сафарҳояш ба ҷойҳои диданиву тамошобоби шаҳрҳои маълуму машҳури Шероз, Исфаҳон ва Теҳрони Эрони бузург ҳамроҳу ҳамсафари худ дорад, то эшон низ баробари ӯ он ҷойҳоро бубинанду эҳсос кунанд.

Он чӣ гуфтем шаҳодати маҳорати хуби нигорандагии Юнуси Имомназар аст. Маҳз ҳамин маҳоратро хонандаи гиромӣ метавонад имрӯз аз китобе, ки дар айни ҳол рӯйи даст дорад, идрок намояд. Оре, Юнуси Имомназар қалами навиштанӣ ва сухани гуфтанӣ дорад. Умед аст, ки аз бору самари ин қаламу сухан дилҳои дӯстдорони каломи бадеъ шодобтар хоҳад шуд.

Алъон бо ҳамин умеди қавӣ ба адиби ҷавон дар роҳи эҷод тавфиқи мудом ва ба хонандаи вай дар мутолиаи китоби ҳозир ва осори баъдии ӯ завқи тамом мехоҳем.

**ПАЙМОН,**<br>
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ИН Ӯзбекистон,**<br>
**шоир**

## «ҲАР КИ Ӯ АЗ ҲАМЗАБОНЕ ШУД ҶУДО... »

Ҳар гоҳ ба шаҳри Каттақӯрғон равам, рост ба хонаи Курангбобо мешитобам. Мӯсафеди нуронӣ, ки синнаш аз ҳаштод гузашта, чунон ситорагарму ҷаззоб аст, ки ба ҳар кас бо суҳбату гуфтугузори дилнишинаш олам-олам фараҳ мебахшад. Ӯ мисли китобест, ки аз таҷрубаҳои рӯзгору бурду бохти одамону диёр нақл мекунад. Сад афсӯс, чунин «китобҳои гаронбаҳо» дар байни мо торафт кам мешаванд.

Ин дафъа Курангбоборо хастаҳолу бемадор дидам. Дармону неруи пешинаро надошт, қувваи равонаш костааст. То бевақтии шаб суҳбат кардем. Бобо аз ҳар хусус ҳарф мезад. Аён буд, ки ӯро беш аз ҳама вазъи тоҷикони Каттақӯрғон ба танг овардааст. Афсӯс мехӯрд, ки садҳо оила бо гузашти айём, тадриҷан забони модарии худро гум кардаанд. «Аз ягон ҷо дасти ёрӣ надидем. Рӯзамон гузарад гуфта, бо забони дигар гап задем, бо забони дигар хондем, – мегуфт ӯ бо надомат, – дар ҳуҷҷатҳоямон миллатамонро дигар навиштанд».

Дарду ҳасрати мӯйсафед аз ғамхонаи ҳаёт буд, аз зиндагие, ки дар он риштаи умеду орзу гусастааст, дарҳои дӯстиву мурувват ва омӯзишу парвариши асил баста шудаанд. Дар ин рӯзгор сабуи маърифат дарҳам шикаста, ҳама кору ҳама одат фақат барои қонеъ сохтани нафс, баҳри сариштаи ҷон пиёда мешавад. Агар як идда калонсол ба тоҷикӣ ҳарф зананд ва аз русуми тоҷикӣ балад бошанд, аксарият ҳисси ифтихори миллии худро гум кардаанд. Онҳо бо мурури замон то ҷое бегона шудаанд, ки ҳатто тақозо доранд момо ё волидони мусинашон низ аз гуфтугӯ ба забони модарӣ худдорӣ кунанд. Ин гуна оқибати нангин боиси ошуфтагии Курангбобою ҳамтоёни ӯст, намедонанд аз ин вартаи ҷаҳолат чӣ гуна роҳи наҷот ҷӯянд.

Курангбобо хотироти худро варақ мезанад ва пеши назар садҳо симою манзара ба ҷилва меояд. Ӯ медонист, ки солҳои пеш як гурӯҳ ба номи «шуроӣ» ба сари мардум кулфатҳои зиёд оварда буданд. Онҳо аҳли ҳунарманду равшанфикрро чашми дидан надоштанд. Аз рӯинтании ин аҳл хашмгин шуда, бо тамғаҳои «унсури бегона», «душмани Шуро» туҳмат мезаданд ва «қулоқ» мекарданд. Ба онҳо ва аҳли оилаашон молу чиз намедоданд, гоҳан рӯйирост аз деҳаю шаҳр ба берун меронданд. Шояд вазъи ноҳинҷори кунунӣ аз ҳамон «замонасозӣ»-и сарварони аввала ибтидо гирифтааст?

«Кӣ Мулло Нурназарро намешинохт? – оби дида пок карда мегӯяд Курангбобо. – Ҳама медонистанд. Ӯ мулло буд – муллои бузург, табиб буд – табиби ҳамадон... Вақте ки ба масҷид медаромад, ҳама гуррӣ аз ҷо мехест, эҳтиромашро хурду калон ба ҷо меовард. Ҳар кас орзу дошт, ки ба суҳбаташ мушарраф шавад, аз ӯ чизе гирад, чизеро омӯзад. Аммо замонро бинед, ки ҳамин доною азизи мардумро ба душмани аввали Шуроҳо баровmarданд ва маҷбур карданд, ки аз зодгоҳ фирор кунад, аз деҳа ба деҳа сарсону саргардон шавад. Қатор-қатор китобҳояш несту нобуд шуданд...»

Хотираи бобо ҳақиқати ҳаёт аст, ҳақиқатест бисёр талх, риққатовар. «Одамони гуреза ба чор тараф мерафтанд, вазнинии зиёдро ба дӯш

мегирифтанд. Худамон дар Бургану Ҷадир ҳафтаҳо гурусна мемондем. Аз хунукӣ пою бадан варам мекард, каб-кабуд мешудем. Дар ин вақти нобасомонӣ ду ҷигарпораамро гӯрондам», – мегӯяд Курангбобо бо ҳасрату алам.

Аён мегардад, ки нахустин вазифаи Шуроҳо ба давлати «нав», ба тарзи «тоза»-и ҳаёт ҷалб кардани мардум будааст ва бо ин ҳадаф аз ҳеч кор (ҳатто агар зишту марговар бошад!) рӯ намегардондаанд. Он замон бештари сокинони деҳаҳо ҷойи зистро паси сар гузошта, яке маҷбурӣ, дигаре ихтиёрӣ ба чор сӯ рахти сафар бастаанд.

Акнун ки ба тоҷикони Каттақӯрғон барин шаҳру шаҳристонҳо, ки дубора аз ҳар тараф гирди ҳам омадаанд, назар афканем, беэътибории онҳо ба забону расму оинҳои миллӣ равшан эҳсос мегардад. Онҳо ба забони модарии худ на кор мекунанду на таълим мегиранд. «Бачаҳомо на танҳо забонашона гум мекунанд, метарсам, ки рафта-рафта аз хешони тоҷики худ ҳам ҷудо мешаванд», – бо надомат илова мекунад Курангбобо.

Шояд Мавлонои Балхӣ ҳам ҳамин гуна рӯзгорро пешгӯйӣ карда:

***Ҳар кӣ ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,***
***Бенаво шуд, гарки дорад сад наво.***

**Рӯзномаи «Овози Самарқанд»,**
**8-уми сентябри соли 1992**

## «АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ»

***Вақте ки рӯзнома масъалаҳои мубрами ҳаётиро баррасӣ ва ҳалли онҳоро ба муштариёни худ ҳавола мекунад, кас як ҷаҳон лаззати руҳӣ мегирад ва бо арзи сипос мекӯшад ҳиссае дар кори хайр гузорад. Аз ин ҷост, ки чанд пиндошти камина бо хондани мақолаи «Бачаҳо хондан намехоҳанд! Барои чӣ?» («Овози Самарқанд», 29-уми сентябри соли 1992) падид омадааст.***

Инсон ба хотири беҳбуди зиндагии худ саъю талош мекунад. Ба он мекӯшад, ки ҳаёташ мудом бофайзу пур аз шодӣ гузарад, барояш ҳама имконоти рӯзгор муҳайё бошад. Аз ин рӯ, худро ба ҳар сӯ мезанад: медавад, то насими тозаеро дарёб кунад; мехазад, то ба қуллаи осоиш бирасад; метапад, то ки босаводу баору баномус дар колбади[33] худ ором бимонад...

Аҷаб сарнавиште! Чӣ қадр танбалу беҳавсалаанд мардуми мо! Чӣ одамоне сохта замони пурасрори ахир! Ҳама дурафтода аз роҳи илманду аз олами покизагию офият бебаҳра. Медаванду мепаранд фақат ба хотири сарзаниши касе, ба ғайбати нафаре, ба таҳқири бечорае. Бехабар аз он, ки худ

[33] **Колбад** – қолиб, вуҷуд

ба вартаи ҷаҳолат фурӯ рафтаанд, худ таҳқиру мазамматшудаи замон гаштаанд. Аз ҳама охир, гӯё бо таёқе лангон-лангон мераванд...

Ин бесарусомонӣ аз дасти насли аршадест, ки давроне сохтаанд ва наврасону ҷавононро ба чорроҳаи бунбаст дучор кардаанд ва худ бо мазоҳ аҳволи ноҳинҷори замонаро тамошо мекунанду беш аз пеш ҷор мезананд: «Мо фалон будем, мо бисмадон будем, мо ину он мекардем...» Дар асл, марду зани ин давр содалавҳу содакор будаанд, вагарна дурандеш мешуданд, зомини оқибатҳои наҳсу аламзо намегаштанд. Онҳо – аз поин то ба боло, аз деҳқону коргари одӣ то вазиру подшо решаҳои хушомадгӯйӣ, ҳасудхӯрӣ, порагирӣ, савлату шайтанатпарастӣ, фиребкорию коғазбозӣ ва дар охир, ҷамъияти карахту бебунёд ва беоқибатро «сабзондаанд».

Он насли аршад буд, ки зери парчами дӯстиву бародарӣ ба «шаҳду шакар» фирефта шуданд, шираи якдигар макиданд. Баланд-баланд «то гузаштаро надонӣ, имрӯзро намефаҳмӣ» гуфтанду худ як лаҳза ба гузаштаи нек назар наафканданд, ҳама маводи муфидро нодида гирифтанд.

Ҳамон насли аршад олами бедину диёнат, беэътиқоду урён аз имон сохтанӣ шуданд, ба коммунисми хаёлӣ бо чашми умед нигаристанд. Аз Худо рӯ гардонданд, дар асл, ҳазар карданд! Акнун, мисли ин ки бо дасту пойи лухт дар биёбони «сӯзон»-и бидъату даҳригарӣ сарсону саргардонанд.

Ҳатто модарон, ки ба таъбир, биҳишт зери пойи онҳост, муҳимтарин вазифаи хешро ба дасти фаромӯшӣ супурда, дарк накарданд, ки ғайр аз шикамсерии кӯдак тарбияти маънавии ӯ низ амри зарурист. Занони замонасоз аз пайи шавҳарони пулпарасту молбозу айёш давиданд, ба худ гаронтарин либосҳоро, хоҳ ҷопонию амрикоӣ, хоҳ ҳиндию чинӣ, пайдо карданд, аммо ба ҳоли табоҳи фарзанди худ назари нек наандӯхтанд. Бехабар монданд, ки зодаи онҳо одитарин чизро – чун либосовезаку либоси утузада, мизи кориву амволи ороиш, хамиру чӯткаи дандон надорад. чӣ ҷойи сухан аз китоби бадеӣ, рӯзномаю маҷалла ва асбобу дастгоҳҳои, масалан, дуредгарию фаннӣ[34]!

Саъдии бузургвор гуфта:

***Подшоҳе писар ба мактаб дод,***
***Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод.***
***Ба рӯйи он лавҳ набишта ба зар:***
***«Ҷабри устод беҳ, ки меҳри падар!»***

Мутаассифона, волидони имрӯз ҷабри устодро ба таври ғалат пазируфтанд. Пеши кӯдаки худ омӯзгорро таҳқир карда, эркагиашро даҳчанд афзуданд. Шогирд дарёфт, ки ҳомии пурзӯре дорад ва ҳеч гоҳ аз устод кам наомад, гоҳан ӯро дашном ҳам дод! Ё Худо, бо ин сифлагӣ волидону фарзандон аз тирагии рӯзгор ҳам ёде накарданд, ки аз набудани омӯзгор падид ояд:

[34] **Фаннӣ** – техникӣ

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*
*(Ҷомӣ)*

Дар ҷамъияти навсохта доираи муаллимон васеъ гардид. Ҳар касу «нокас» ба дипломи омӯзгорӣ даст ёфт, ки ин боиси коҳиши рӯзафзуни обрӯи муаллим шуд.

Ҳамин тавр, бо рақобати якдигар ва аз беэҳтиромии мардуму бепарвоии мақомоти боло омӯзгор худро таҳқиру наҳзада дарёфт ва хоҳу нохоҳ кори худро дилу бедил ба сомон расонд. Аксаран шиори онҳо чунин шуда монд: «Хонад ба худаш мехонад, нахонад мана чӣ кор?»

Ин аст, ки дарёи зиндагӣ лойолуд гардид, аз он моҳии хубе гирифтан амри муҳол ва ба нақле, аз мост, ки бар мост...

Бо ин ҳол, дунё ба умед гуфтаанд, шояд дидаи ҳақбине ба тангнои зиндагӣ назар афканад, ҳама бо ваҳдату тифоқӣ, бо сабуриву хирад ҳадисҳои рӯзгорро дарёбанд. Шояд ин шеъри Мавлавӣ низ чун калиди ганҷинаи осоиш ва роҳату фароғат хидмат кунад:

***Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,***
***Ҳар ҷо, ки равӣ азизу маҳрам бошӣ.***
***Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,***
***То тоҷи наберагони Одам бошӣ.***

**Рӯзномаи «Овози Самарқанд»**
**21-уми ноябри соли 1992**

## МЕҲМОН АТОИ ХУДО

Борҳо бо ифтихор, бо дили гарму саршор аз меҳру муҳаббат, бо ишора ба оинҳои ҳамидаи одамшиносӣ гуфтаем, ки тоҷикон аз қадимулайём меҳмоннавозанд. Ин халқи куҳантаърихи бо амри тақдир парешоншуда, ки ҳазорон бунбасту алангаи рӯзгор, сардиҳои тоқатфарсою оташҳои ҷонсӯзи зиндагӣ, бори гарони ғаму андуҳ ва аламҳои дилхарошро сипарӣ кардааст, ҳамеша меҳмони худро ҳабибу атои Худо хонда, ба ӯ эҳтиром гузоштааст. Меҳмондӯстӣ одати ба шираи ҷисму ҷон часпидаи тоҷикон мебошад, ки ҳеҷ гуна азобӣ ин хӯйи неку писандидаро аз байн набурдааст.

Халқи мо ба хубӣ дарк карда, ки одам дубора ба дунё намеояд, аз ин рӯ, ҳар лаҳза донистани қадру қимат ва манзалати инсонӣ азизтар аз ҳама кори дунявист. Одамшиносӣ аз рафтуомад, аз муносиботи тарафайн, аз суҳбату ҳамнишинӣ сар мезанад, ки маънии меҳмонӣ дар ин гуфтаҳо нуҳуфтааст. Ҳамчунин дар боби меҳмоннавозӣ мақолу зарбулмасалҳои фаровоне гуфта шудааст, ки онҳо чун дурдонаҳои нодир аз дарёи хаёлоту эҷоди мардум падид омада, мамлу аз пандҳои ҳакимонаю дилангез ҳастанд ва аз насл ба насл мегузаранд.

Мегӯянд, сарбаландӣ аз одамшиносӣ маншаъ мегирад. Ба хайру эҳсон саъю ҷадал кардани афроди сахӣ оқибати нек дорад. Ҳар гуна кори хайр беҷавоб нахоҳад монд. Вақте ки одамият дар ниҳоди кас устувор аст, фирефтагӣ ба молу дунё аз байн меравад ва обрӯю ҳайсияти аз ин роҳ ба даст омада аз ҳар гуна давлату доройӣ бартар аст, ба қавле, «одам пулро меёбад, на пул одамро!»

Инсонро шинохтан, касеро пазируфтан нишонаи адаб аст. Набояд ба он гумон рафт, ки меҳмон балои ҷон бошад, баръакс бояд дар хотир дошт, ки «меҳмон рӯзии худро бо худ меоварад» ё «меҳмон аз дар дароядриз, ризқаш аз токча медарояд». Меҳмон касеро озор намедиҳад, ӯ ризқи худро мехӯрад ва доиман мутеи соҳибхона аст. Ба шӯхӣ гуфтаанд, ки «меҳмон хари соҳибхона аст». Тавре ки, ҳар чӣ мизбон ҳозир намояд, бар он ризоят диҳад ва қонеъ шавад.

Меҳмон зирак аст. Ӯ медонад, ки ба куҷо меравад, дари киро мекӯбад. Аз ин рӯ, агар меҳмон омад, ҳар ҳунареро, ки дар одоби пазироӣ ҳаст, бояд ба кор бурд. «Нон пушти шиша молидан», яъне хасисиву лаимӣ кардан кори оқилона нест ё нашавад, ки тарсу ваҳм ба дил роҳ ёбад. Ба касе шак доштан, бадбин будан, ба гуфтае, «аз сояи худ тарсидан», одамро ба доми ҷаҳолат мекашад. Дар ин маврид Қоонии ҳассос гуфта:

***Нохуни хеш ҳаме бинаду пиндорад тег,***
***Даст бар миҷа ҳаме моладу ангорад мор.***

Равшан аст, ки меҳмоннавозии ҳар кас бояд бо лутфу марҳамат, бо хурсандию эҳтиром ва бо дасти кушод сурат гирад. Забони нарму суханҳои дилнишин ба меҳмон писанд меояд. Гуфтаанд: «Бо забони хуш мор аз сӯрох дармеояд». Ҳатман дар назди меҳмон аз дашному носазо гуфтан ва аз амали ноҷо худдорӣ бояд кард, зеро «ҳар сухан вақтеву ҳар нукта макone дорад».

Ба хелеҳо одат шудааст, ки будани меҳмонро нодида мегиранд ва ҳар сухани пасту баландро бо қаҳру итоб, бо зардаву ғазаб ба ҳамдигар фурӯ мерезанд. Ба хусус, ин гуна рафтор аз сӯйи зану шавҳари камандеше падид меояд, ки мехоҳанд «оқилӣ ва тавоноӣ»-и худро дар назди меҳмон нишон диҳанд. Онҳо ҳис намекунанд, ки дили меҳмон аз ин ҷаҳолат ба танг омада, аз омадани худ пушаймон мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, «дар хонаат меҳмон бошад, пишакатро пишт магӯй», ё ки «дар хона кас ҳаст, як ҳарф бас аст».

Мардуми мо қадри меҳмонро баланд бардоштаанд. Ӯро атои Худо хонда, аз падар ҳам бузург ҳисобидаанд. Аз ин хотир, барои пешвозгирии меҳмон, ки аз дур меояд ё аз наздик, хеш аст ё дарвеш, бузург аст ё кӯчак, ҳамеша омода мебояд буд. Дар ин вақт ба нозуктарин нуктаҳо бояд таваҷҷуҳ намуд. Ҳамеша ҳис кардан лозим аст, ки ана-ана меҳмон меояд. Барои ин хонаю дар ва худи мизбону ҷогаҳаш бояд тамизу озода бошад. Агар ин корро накунем, мақоли «ба хонаи норӯфта меҳмон меояд» ҳеҷ гоҳ маънии худро аз даст намедиҳад. Дар идома, рӯйи кушоду лабханди мизбон ва илтифоти самимонаи пазироӣ ба дили меҳмон фараҳу нишот мебахшад. Дасторхони

густурда ва суҳбати гарм қалби меҳмони накӯорзуро тасхир мекунад. Камоли Хуҷандӣ басо хуб фармуда:

***Ба хони ошиқи мискин, агар меҳмон расад, ҷонон,***
***Кабоб аз сина, об аз дида, ширинӣ зи ҷон бошад.***

Бояд дар хотир дошт, ки меҳмондории дуруст ва куллан, хушиҳои рӯзгор аз саҳархезӣ сар мешавад ва беҳуда нагуфтаанд: «Саҳархез бош, то комраво бошӣ».

Ба меҳмонӣ рафтан низ тақозоҳои муайян дорад. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» овардааст: «Агар меҳмон шавӣ, меҳмони ҳар кас машав, ки чашматро зиён дорад ва чун шавӣ, сахт гурусна машав ва сер низ машав, ки агар нон натавонӣ хӯрдан, мизбон озурда шавад ва агар ба ифрот хӯрӣ, зишт бошад».

Дар меҳмонӣ нишастани одам ба давраи одоб кашида шудани ӯст. Сар ба ҳар сӯ задан, чашм андохтан ва аз ҳама қабеҳтар, гуруснагӣ нишон додан, камоли беақлист. «Одами гурусна имон надорад», мегӯянд. Пас, меҳмон бояд ба навбати аввал барги гурусначашмиро хазон кунад!

Муҳлати меҳмонӣ тулонӣ нест, ҳарчанд мегӯянд, «омадан бо иродат рафтан бо иҷозат». «Меҳмон то се рӯз азиз аст», набояд заҳмати соҳибхонаро зиёд кард ва асбоби дарди сари ӯ гардид. Меҳмон агарчи азиз аст, агар дер бимонад, иззаташ мекоҳад. «Об, ки як ҷо бимонад, мегандад». Бамавқеъ хайрухуш кардан дар ҳар як сафар ба ҳурмати кас меафзояд.

Дар меҳмонӣ лутфу эҳтиром, меҳру адолат роҳ меёбад. Меҳмон шарики заҳмату эҳсони мизбон мегардад, аз неъмати хонавода баҳра мебарад. Ҳамин лаҳзаи дилхушӣ бояд меҳмонро қонеъ кунад ва нашавад, ки пас аз рафтан ғайбати ин хонадон ба забон ояд, «намакро хӯрдаву намакдонро бишканад».

«Холаи хушваъда будан» ҳам аз рӯйи одоб нест. Зеро «меҳмони нохонда иззат надорад», бе даъват ба ҷое рафтан, ҳатто ба хонаи дӯстону хешони худ, боиси ноҳинҷорӣ ва бесаранҷомӣ хоҳад шуд.

Пас аз меҳмон шудан одоби меҳмониро нигаҳ доштан зарур аст. Тамоми муроотy пешниҳод ва дархости мизбонро мебояд қабул кард. Ҳар лаҳзаи меҳмониро бо ширингуфторӣ, бо дилхушӣ ва бо ҳамдигарфаҳмӣ бояд сипарӣ кард. Аз ҳама рафтору гуфтори бад парҳез намудан камоли оқилӣ бошад. «Он чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон написанд».

Ҳам меҳмон ва ҳам мизбон мехоҳад аз муҳити баду одами баддаҳан ва муоширати зиёновар дурӣ ҷӯяд. Беҳуда халқи нозукандеш нафармуда: «Аз devори шикаставу саги даррандаву зани салита бояд тарсид».

Чун ҳама қоидаи меҳмонравӣ ва меҳмоннавозӣ риоят шуд, иншоаллоҳ, кор дуруст анҷом мепазирад ва «об аз осиёб меафтад».

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**19-уми феврали соли 1994**

# ҲИКМАТИ ПАЙҒАМБАРОН

## (Таҳти рукни «Ганҷи ороста»)

Агар ба гузаштаи ислом назар афканем, воқифи ду мафҳуми ба ҳам мухолиф мешавем, ки ҳамеша дар канори ҳам таваҷҷуҳро ҷалб намудаанд. Яке таълимоти исломӣ аст, ки фақат дурусткорӣ ва маърифати некро талқин мекунад. Дигар, истилокорӣ дар ислом буда, ба он шайтонсиратон сарварӣ мекунанд ва ғорату дуздӣ, қаллобию найрангбозиҳои онҳо дар зери ниқоби ислом одамонро ба шакку тардид меоварад ва боиси афрӯхтани ҳисси бадбинӣ мешавад.

Бино ба гувоҳии таърих, то ҳол таълимоте чун ислом падид наомадааст, ки ахлоқи инсониро ба муддати тулонӣ ва ба ниҳояти пуррагӣ фаро гирифта бошад. Бо вуҷуди ин, чандин сол талқин кардаанд, ки фармудаҳои ислом нодаркор ва беманфиат аст ва ҳама гузаштагон, тайи бештар аз ҳазор сол, аз ҷаҳолат ба ин таълимот печидаанд. Бо ин дуриҷӯйӣ ва худобадбинӣ ҷамъияте сохта шуд, ки дар он ҳусни ахлоқ коҳида, маънавиёти инсонҳо ба дами футур расид.

Агар холисона ва бо чашми ҳақиқат ба таълимоти исломӣ, ки дар китобҳои муқаддаси «Қуръон», «Қасас-ул-анбиё», «Дурр-ул-маҷолис», «Чоркитоб», «Фарзу айн» ва ғайра баён гардида ва дар умқи ҷони мо реша гирифтааст, назар кунем, шоҳиди он мешавем, ки дин ақл аст, донистани таълимоти динӣ асоси хирад, зебоӣ ва покиҳост. Мо метавонем аз он дар зиндагии худ либоси гарму роҳати ахлоқиро таҳия кунем ва аз нури он зулмати маънавиётро равшан созем. Ин ҷо, ба таъйиди гуфтаҳои худ, назаре кӯтоҳ ба ривоёт меандозем.

Тибқи асотири динӣ Одам-алайҳиссалом аввалин инсон аст. Ӯ ҳамроҳ бо Момо Ҳавво аз биҳишт берун шуд. Ин буда, ки то ба ҳол шарораи ҳасрати мо хомӯш нашудааст. Ба Худо дарди дил мекунем, ки кош эшонро аз лаззати биҳишт маҳрум намесохт ва имрӯз гаронии рӯзгор ба сари одам намеомад. Чӣ илоҷ? Одам(а) ба фармони Ҳақтаоло нашуд, аз ақл бегона гардида ду дона гандум хӯрд ва аз дунёи ҷаннатӣ барканор шуд. Чун ба замин омад, бештар аз дусад сол навҳаю зорӣ кард, аммо пушаймонӣ суде надошт.

Чаро Одам(а) аз роҳ бероҳ шуд?

Бо зикри саргузашти Азозил-алайҳилаъна дар «Қасас-ул-анбиё» овардаанд, ки Одам ба васвасаи Иблис фирефта гардид ва хамр[35] хӯрд. Ин амал ӯро бероҳа сохту дар сармастӣ ба кори манъшуда даст зад. Аз ҳамон дам шаробро модари бадиҳо хондаанд. Зинҳор, аз он парҳез бояд кард.

Дар қиссаи Солеҳ-пайғамбар низ омада, ки ашрофзодае ба номи Қайдор дар мадҳушӣ шутури муъҷизавиро, ки шираш қавми Солеҳ(а)-ро сер мекард, ба ҳалокат расонд. Саид ибн ал-Мусайяб гӯяд: «Қавми Солеҳ(а) агар шароб намехӯрдандӣ, ноқаро ҳаргиз намекуштандӣ. Он гуноҳи кабира, ки дар вуҷуд омада аст, аз шароб хӯрдан будааст».

---

[35] **Хамр** – шароб, май

Омӯхтани илму дониш баробари ибодат дар ҳамаи қиссаву ҳадисҳо ёдрас мешавад. Аҳли илмро Худо дӯст медорад. Дар назди Худо олиме, ки кашфиёт кардааст, аз обиде, ки чил сол тоату ибодат доштааст, пештар ва мақбултар аст. Ҳар хирадманду оқил ба доноӣ пирӯз гардида, шуҳрат пайдо карда, расолати пайғамбарӣ гирифтааст. Чунончи, дар симои Юсуф(а) аз аҳли нубувват будани ӯ ва таҷаллии мунаҷҷимӣ ошкор мегардад. Ӯ таъбири хоби малик мегӯяд ва худ ба мартабаи маликӣ мерасад.

Ё дар қиссаи дигар нақл кунанд, ки умри Довуд(а) ба охир мерасад. Пеш аз марг ӯ фарзандони худро ҷамъ карда пурсиш мегузаронад, то ҷонишини хешро муайян созад. Маълум мешавад, ки аз ҳама донотар писари хурдӣ – Сулаймон аст. Чунончи, ба суоли «мақоми имон, муҳаббат, ақл ва шарму қувват дар тан куҷост?» Ӯ чунин посух медиҳад: «Мақоми имону муҳаббат дар дил, мақоми ақл дар сар, мақоми шарм дар чашм ва мақоми қувват дар устухон аст».

Ба тасдиқи пажӯҳиш ва омӯзиши илм ин ҳадиси маъруф доиман вирди забонҳост: «Аз гаҳвора то гӯр илм омӯз».

Борҳо ахлоқи Луқмони Ҳаким дар ривоёти динӣ зикр шудааст. Аз навиштаҳои «Қасас-ул-анбиё» бармеояд, ки Худованд Луқмонро ҳикмат арзонӣ фармуда. Луқмони Ҳаким дар насиҳати фарзанд мегӯяд: «Бар хубӣ ҳукм кун, манъ кун аз бадӣ ва сабр кун бар он чӣ, ки туро расад. Аз такаббур парҳез кун, ки Аллоҳ мутакаббир ва мутафаххирро дӯст надорад».

Вақте ки ҳикояти аҷиберо дар хусуси сафари писари Луқмони Ҳаким мехонем, ҳисси эҳтиром гузоштан ба падару пирони рӯзгордида дар вуҷуди мо ҷӯш мезанад. Писар ҳангоми сафар дар ҳама ҷо ба гуфтаи пирон итоат мекунад ва дар охир соҳиби зани зебову моли фаровон мегардад.

Баръакси ин, дар қиссаи Одам(а) аз гуфтаи падар саркашӣ кардани Қобил зикр шудааст. Ӯ падарро итоат накарда ба бародари худ ҳасад мебарад ва аз намоиши Иблис омӯхта, бо ҷаҳл бародарро ба қатл мерасонад. Ин фарзанди ноқобили Одам(а), ки бераҳмӣ кард ва хуни одам рехт, ба бадӣ дар ёд монд ва тамоми бадкору бадкирдорон ва ҳасуду мунофиқон аз доираи ӯ ҳастанд.

Ё дар ҷойи дигар зикр шуда, ки Канъон ба гуфтаи падари худ – Нӯҳ(а) нашуд ва дар киштӣ наомад. Дар натиҷа тӯфону об ӯро бурд.

Бо ин ки қиссаҳои мазкур зарурати эҳтироми волидонро талқин мекунанд, дар ҳадисҳо низ омада: «Дарҳои биҳишт барои касе боз аст, ки падару модар аз ӯ розӣ бошанд».

Дар муқобили ҷабру ҷафо, ғаму андуҳ, ноомади кор сабру тоқат кардан аз нишонаҳои мардигарӣ ва омили тавоноӣ аст. Аз мазмуни қиссаҳо бармеояд, ки ҳар як пайғамбар барои доштани чунин хислати ҳамида саъю талош кардааст ва аксаран сабуриву шакебоии худро собит сохтааст. Чунончи, Нӯҳ(а) аз тӯфони абарқудрат наҳаросид ва киштии бузурге сохта, тамоми парандаю сутурону муъминонро наҷот дод. Ё Иброҳим Халилуллоҳ як сари мӯе аз оташи Намруди лаин натарсид ва андаруни он мӯе аз тани ӯ наёзурд. Ин ҷо Ҷабраил(а) бо тааҷҷуб гуфт: «Маро аз қудрати Ҳақтаоло аҷаб

омад, лекин бар сабри ту аҷабтар аст, ки дар инчунин ҷой ба ғайри Худои аззаву ҷалла ба касе ҳоҷат нахостӣ, то Худованд ин каромат ба ту арзонӣ дошт...»

Васфи сабурии Иброҳим(а), Ҳоҷара(раз) ва Исмоил(а) аҷибу дилангез аст. Инро аз қиссаи «Қурбон кардани Исмоил(а)», ки маъруф аст, фаҳмида метавонем. Эшон бо сабру тоқати ҳайратангез эътиқоди худро нисбат ба Худованд собит кардаанд. Дар ивази ин сабри ҷамил қурбонии Исмоил бекор мешавад ва гӯсфанде фиристода шуда, ки забҳи он раво бошад.

Ҳамчунин дар яке аз марғубтарин қиссаҳои анбиё, ки аз рӯзгори Ҳазрати Юсуф нақл мекунад, тасвири сабру таҳаммули Яъқуб(а) дар фироқи писар хеле муассир ва ибратангез аст.

Чун аз пайғамбарон тоқату устуворӣ омӯхта шавад, бо итминон метавон «пас аз сабр худро ба пирӯзӣ башорат дод». Ва дар ҳадиси дигар омада: «Сабр калиди гушоишҳост».

Аз мундариҷаи ривоёт бармеояд, ки онҳо аз панду ҳикмат, васфи ахлоқи ҳамида ва талошҳои парҳез намудан аз хисоли бад саршоранд. Аз ҷумла, қиссаи Юсуф(а) сар то по бо либоси ахлоқӣ пӯшида шудааст. Аз он хоксориву олиҳимматӣ, ҷасуриву тавоноӣ, авфи гуноҳ, ситоиши хирад ва шакебоӣ, одамдӯстӣ, ҳисси эҳтиром, дарки гуноҳ ва амсоли ин одобро метавон омӯхт.

Овардаанд, ки Юсуф худро дар оина дида ба ҷамоли хеш мағрур мешавад ва мегӯяд: «Агар ғулом будаме, ҳеч кас дар ҷаҳон баҳои ман наметавонистӣ кард». Ва ин мағрурӣ ба Худованд писанд наомад ва Юсуф бандии Малик ибни Зағр гашт. Пас, баҳо додан ба зебоии худ камоли оқилӣ нест, бигзор дигарон аз он арзёбӣ кунанд. Набояд фаромӯш кард, ки «офати зебоӣ худписандӣ ва кибр аст».

Ҳақтаоло пайғамбаронро дар пероҳани саховат оростааст. Гуруснаро сер кардан, бараҳнаро пӯшонидан ва бе меҳмон хӯрок нахӯрдан шиори онҳо будааст.

Овардаанд, ки Иброҳим(а) ғами рӯзӣ намехӯрд, хӯроке бе меҳмон пеши худ намегирифт, кори охиратро аз кори дунё муқаддам меҳисобид ва Худо бо ин ҳиммат ӯро хилофату каромат арзонӣ доштааст.

Аз рӯзгори Яъқуб(а) нақл мекунанд, ки рӯзе дарвешеро ваъдаи таом доду бо машғулӣ ба коре ғофил монд. Дарвеш аз ин дилхиҷил шуда дуо кард: «Ҳақтаоло орзуи ту аз ту дур гардонад». Ва ин дуо мустаҷоб шуда, Яъқуб(а) чил сол азоби фироқ кашид, аз дидори писари азизи худ маҳрум монд.

Пас, манзури ҳикмат ин аст, ки яке аз хислатҳои шоиста навохтани бенавою бечорагон, ба доди муҳтоҷон расидан будааст. Дар ҳадисҳо омада, ки сарватманди бесаховат монанди дарахти бебарг аст ва додраси туҳидастон навозидаи Худост. Ё «тавонгари бахил аз мустаманди саховатпеша дарвештар аст».

Аҳли муъмин дар роҳи эътиқод ба Худо аз ҳар гуна зиштӣ ва бадкорӣ, аз ҳар фиску фасод ва ҳаромӣ эмин ҳастанд. Ин хулқи ҳамидае бошад, ки ботини зебои тақводорро ошкор созад. Агар ба қиссаи Қорун (алайҳилаъна)

таваҷҷуҳ кунем, ба ҳарисӣ ва тамаъкории ӯ воқиф мегардем ва чун ба Мусо(а) ва Худои ӯ имон наоварда ҳасад хӯрд, аз қабили осиён гашт, бо тамоми молу ҳишмату кӯшк бар замин фурӯ рафт.

Ё дар қиссаи «Зикри гов» овардаанд, ки дар бани Исроил писаре буд зодаи яке аз солеҳин. Ӯ бағоят накукор ва порсо буд. Аз гуфтаи модар ҳеч берун намерафт ва фақат шукру ибодати Худо карда, бо меҳнат ва некӣ машғул мешуд. Дар поён ба ивази ин ҳама аъмоли нек сазовори пӯсти пур аз зар гардид.

Афзудани ҳисси шаҳват ва машғулӣ бо фисқу фуҷур дур аст аз ахлоқи инсонӣ. Инро кутуби анбиё ҳама ҷо манъ кардаанд. Чун дар қиссае омада, як зани зебо бо бегонагон ба айшу нӯш машғул шуд. Дуои Балъами Боур қабул шуда, ӯ ба саги сиёҳ табдил ёфт.

Нақле дигар аст, ки «дар шаҳристони Лут мардон бо мардон ҷамъ оянд ва занон бо занон. Онҳо роҳзанонанд ва моли мардум рубоянд». Он вақт Иброҳим(а) гуфта буд: «Ҳар киро ин феъли бад бувад, ҳалок шавад». Барҳақ, ин олитарин ҷазост.

Дар қиссаи Ҳазрати Довуд низ омадааст, ки ӯ дар пайи ҳавои нафс ва шаҳват рафт. Ба Батшоъ ном зане, ки мебоист бо Авриё ақди никоҳ бандад, бо чашми шаҳвонӣ нигарист. Аз ин сабаб ба бало мубтало гашт. Фақат пас аз ҳафтод соли тавбаю зорӣ ӯро Худо пазируфт ва гуноҳашро авф кард.

Дар ҳадисҳо баён шуда, ки зинокор беҳисоб ба дӯзах дарояд. Пайғамбарон ҳамеша аз ин кори зишт худдорӣ кардаанд. Чунончи, Юсуф(а) исрори Зулайхоро беэътибор карда ба ӯ даст назад ва бо ин покӣ шаҳир гардид. Зани зинокор дар оташи дӯзах месӯзад ва марде, ки ба ин гуна зани худ кордор нест, даюс аст.

Тибқи ҳикматҳои динӣ, барои зан марди ӯ (шавҳараш) чун пайғамбар аст. Агар зан саркашӣ кунад, лоиқи ҳар гуна ҷазо аз тарафи мард аст.

Зани нодон ва фирефтаи молу ҳавасҳо боиси ба бало печидани шавҳар мегардад, тавре ки Сулаймон(а) ва Шамъун(а) ин азобро дидаанд.

Дар ҳадисҳо зикр шуда: «Оташ бадани се касро насӯзонад: зане, ки ба фармони шавҳар бошад; зане, ки ба ҳангоми сахтиву гирифтории шавҳар сабр кунад; касе, ки ба падару модар некӣ кунад».

Худо афроди бедину диёнат, беэътиқоду бемаслак ва ҷаббору каҷниҳодро намепазирад ва онҳоро ба азобу уқубати алим гирифтор месозад. Ин шиканҷаҳо дар дӯзах аст, ки тавсифи он дар ривоёт пайваста таъкид мешавад. Дар ҳафт табақаи дӯзах бар аҳли гунаҳкор хашми Худо сахт аст. Ҳар тарафи онҳо оташ буда, дасту по мезананд, гуруснагӣ азоб медиҳад, ғаму шодӣ нафаҳманд, ҳаргиз роҳат наёбанд, дарунҳо сиёҳ, чашмҳо нобино ва дар зиллат муқим шудаанд. Ҳарчанд тавба кунанд, иҷобат нашавад.

Вақте Ҷумҷума бо дами Исо(а) қолаб мегирад, аз азобу уқубати хеш, ки дар дӯзах дидааст, нақл мекунад. Ӯ, ки ба куфру бехудоӣ омехта шуда буд, ҳазор-ҳазор шиканҷаро дидааст. Чуноне ки нақл кунад, хӯроки дӯзахиён оташ аст, мору каждуми бисёр неш мезананд, оби сӯзони наҳр ва чоҳи пуроташи дардовар аз ҳама ҷонсӯзтар аст. Соҳибони дӯзах мегуфтанд: «Эй

бадбахт, туро ҷазо бояд ёфт, ки Худои таолоро нашинохтӣ, шукри Парвардигор нагузоридӣ ва даст ба моли мусалмонон дароз кардӣ, аз ҳаром натарсидӣ ва бо он шикамро пур кардӣ, аҳли муслимро ранҷонда, тапонча ба рӯйи эшон задӣ, аз корҳои бад парҳез накардӣ...»

Дар радифи пайғамбарон зиндагӣ ва одоби Муҳаммад(с.а.в) низ намунаи ибрат аст. Ӯ инсони бо сабру қонеъ буда, ба касе озор нарасондааст. Мардумро дилдорӣ мефармуд, хайру офият мепурсид. Дар ростгӯйиву ифои ваъда ва шафқату меҳрабонӣ аз ҳама фоиқ[36] буд. Ҳадяи мардум қабул карда, ба ивазаш чизе мисли он ё беҳтар аз он медод. Ба бемор ё сафаркунанда дуои хайр мефармуд. Ба ҷанозаи мусалмонон ҳозир мешуд ва «инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиун» мегуфт. Узри мардумро ҳарчи зуд қабул мекард, меҳмонро менавохт. Худ пиёда шуда ҳамроҳашро савор мекард. Баробари худ дигаронро низ мехӯронду мепӯшонд. Ғарибону фақиронро дӯстар медошт, ба касе бо чашми ҳақорат наменигарист. Кафшу порчаи (пероҳан) худро бо дасти худ медӯхт. Шукри Худо мекард, бештар ва ба мавқеъ намоз мехонд. Ҳар кореро бо бисмиллоҳ ва аз тарафи рост шуруъ мекард...

Бо ин гуфтаҳо иктифо намуда, феълан аз таҳлили қиссаҳои марбут ба пайғамбари охируззамон худдорӣ мекунем. Дар ин хусус китобу рисолаҳои фаровон иншо шудааст, ки ҳар мусалмон бидуни истиҳола бояд аз онҳо баҳра гирад. Ба вижа, ҳадисҳои монда аз паёмбар басе ҷолиб ва дардхури инсонҳо ҳастанд. Ҳар кӣ онҳоро нахондааст, бе шакку тардид, бояд камар бибандад ва ба омӯхтани онҳо эҳтимом кунад, вагарна аз як ҷаҳон роҳати индунёӣ маҳрум мемонад. Дар ҳадисҳо хираду ҳикмат, эътиқоду эҳтиром, давлату шуҳрат, баракати рӯзгор ва ботину зоҳири зебо ороста шудааст ва ҳар яке чашмаи афзояндаи офият аст.

Ин буд як бардошти мухтасар аз қиссаҳои анбиё, валлоҳу аълам биссавоб!

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**19-уми июли соли 1995**

---

[36] **Фоиқ** – бартар, афзал

# ОЛИҲАИ РАВШАНЗАМИР

***Нигиндори ин чархи фирӯзафом,***
***Пайи номи некӯ бувад, вассалом!***
***(Ҷомӣ)***

Ҳар гоҳ дар шаҳристони Нурато сухан роҷеъ ба одамони шуҳратманду овозадор меравад, ҳар кас номи момои Сафияро низ бо эҳтиром ба забон мегирад. Ин момои ҳалиму меҳрабон симои нуронӣ дорад, дилаш саршори меҳру муҳаббат ва пур аз ишқу ормони зиндагист. Мӯйҳои чун барф сапсафед, чашмони фурӯрафта, рухсори пурожанг ва қомати хамидааш аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ пастиву баландиҳои зиндагиро бисёр дидааст, таъми неку бади рӯзгорро хеле чашидааст.

Момои Сафия аз шаҷараи дар кӯҳпояи Нурато маъруфи «Абдуназарӣ» аст ва аз авлоди «Қозӣ-Тоҳирӣ». Аксари наслҳои гузаштаву имрӯзаи ин шаҷара одамони оқилу хирадманд, аҳли илму маърифат ва порсову озодандешанд. Намояндаи маъруфи он Мулло Нурназар, ки дар замони худ дар мадрасаҳои машҳури Бухоро – Хоҷа Порсо ва Мири Араб таълим гирифтааст, на танҳо дар саросари кӯҳистони Нурато, ҳатто берун аз он обрӯю нуфуз дошт. Сеҳри ақлу заковат, нафаси гарму наҷотбахш ва усулҳои экстрасенсии табобати ӯ мардуми зиёдро аз ранҷу азобҳои руҳиву ҷисмонӣ фориғ сохтааст. Кӯҳистониён ин марди худогоҳ, табиб ва муллои ҳикматшиносро ба некӣ ёд мекунанд.

Вакили дигари шаҷараи «Абдуназарӣ» омӯзгори асилу шуҳратманд Абдунабӣ Назаров аст, ки ӯ низ дар сафҳаи хотироти аҳли диёр нақши босазо гузоштааст. Ӯ созмондеҳи мактабҳои нав буд ва бештар аз сӣ сол вазифаи директории мактаби зодгоҳи худро ба уҳда дошт. Баъд аз даргузашти ин марди ҷонсупори халқу миллат мактаби миёнаи деҳаи Эҷ ба номаш гузошта шудааст.

Момои Сафия дар ин гуна муҳити илмдӯсту маърифатпарвар ба дунё омадааст. Вақте ки падару модараш ба шаҳри Каттақӯрғон (ин шаҳр дар забони омма бо номи Миёнкол маъруф аст – Ю.И.) кӯч мебанданд, ӯ соли 1909 дар маҳаллаи Сӯфигузар таваллуд меёбад. Таълими ибтидоиро дар ҳамон ҷо мегирад. Ба гуфтаи худи момо, падараш марди порсову эътиқодманд буд. Лаёқату истеъдод ва дилгармии ӯро ба дарсхонӣ пай бурда, дар синни нуҳсолагӣ ба мактаби махсус мегузорад. «Ман се сол дар назди зани мударрис – Бибӣ Мунаввара дарси Қуръону аҳкоми шариат, «Фарзу айн»-у «Чор китоб», девони Хоҷа Ҳофизу Бедилро хондаам. Худоба шукр, аз он дам то ҳозир намозхониро тарк накардаам», – мегӯяд омирона ӯ.

Дар ҳақиқат, момои Сафия илми, ба гуфтае, «куҳна»-ро хеле хуб андӯхтааст. Агар дар ин хусус бо ӯ мусоҳиб шавед, аз даҳонаш шаҳду шакар мерезад. Ӯ бо лафзи равону шево «Чор китоб»-и шарифро аз ёд қироат мекунад. Қувваи ҳофизааш ба андозае қавӣ аст, ки то ҳол чандин ояти раббонӣ, ғазалҳои Ҳофизу Бедил ва абёти халқиро фаромӯш накардааст. Ӯ ба пирии худ нигоҳ накарда, рӯзе панҷ вақт намоз мехонад. Мояи осудагии

ҳаётро, ба қавли худаш, дар «панҷ маҳал намозу панҷ вақт таҳорат ва покизагии ахлоқу ҳусни гуфтор» мебинад.

Момои Сафия дар синни дувоздаҳсолагӣ ба макони бобоӣ – деҳаи Эҷ меояд. Он ҷо дар гузари Дарифеҷак зиндагиро давом медиҳад. Солҳои бистум мактабҳои маҳви бесаводӣ амал мекарданд ва момои Сафия низ дар чунин мактаби занона, ки дар хонаи Ҳайдарбой ташкил шуда буд, дарс мехонад. Соли 1931 ба маркази ноҳияи Нурато рафта, фаъолияти худро дар мактаб-боғча давом медиҳад. Соли 1933 дар ин ҷо курси шашмоҳаи тарбияти муаллимро хатм мекунад. Баъд ба деҳа баргашта, ҳафт сол ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кор мекунад. Ин аст, ки дар солҳои душвори сиюм шогирдони зиёдеро омӯзишу парвариш додааст. Якҷоя бо ҳамкасбони худ – Деҳқон Шомуродов, Нурназар Қазоқов, Абдунабӣ Назаров (бародари ӯ), Чинорапа, Бахтигул, Хадича ва дигарон барои саводнок кардани фарзандони халқ ва омӯзондани асрори таълиму тарбияи мактабҳои нав заҳмат кашидааст. Шогирдон момои Сафияро ҳамчун устоди ҳалиму ғамхор ҳурмат мекунанд. Момо на фақат дасти каҷи онҳоро рост намуда сабақ додааст, ҳамчунин дар замони пур аз муаммо дарсҳои зиндагӣ ва роҳҳои раҳо шудан аз банди ҷаҳолатро омӯзондааст.

Момои Сафия ранҷу азиятҳои даври ҷангро низ аз сар мегузаронад. Ба таъбири ӯ, ҷанги хонумонсӯз, ки онро Олмони фашистӣ ба сари мардуми мо бор карда буд, ба ҳар як ҷабҳаи ҳаёт латмаи сахт ворид намуд. Шаҳру деҳот аз қувваи мард холӣ шуда, дар ҳар ҷо, ба ҳама кор занону духтарон ҷалб мешуданд. Момои Сафия дар ин давра вазифаи котибии шурои қишлоқро ба уҳда гирифтааст. Ӯ ҳам дар саҳро ба ғаллакорон ёрӣ мерасонд ва ҳам корҳои расмиро иҷро мекард. Дар он замон ҷисму ҷони момои Сафия беш аз пеш обутоб меёбад. Мардонавор қадам мезад, фикру андеша меронд ва ба афтидаву бечорагон дасти ёрӣ дароз мекард.

Момои Сафия баъд аз ҷанг низ фаъолияти худро дар идораҳои давлатӣ идома медиҳад. Аз сабаби набудани мутахассис ду моҳ курси ҳисобдориро дар Боғдон (Фориши имрӯза) хатм карда, дар шурои қишлоқ ҳисобдор шуда кор мекунад. Ӯ, рӯйиҳамрафта, сӣ соли ҳаёти худро ба хидмати халқу ватан бахшида, барои беҳбуди зиндагӣ ва аҳволи мардум саъю талош варзидааст. Сахттарин рӯзҳои зиндагиро бо таҳаммул паси сар менамояд, барои фаровонӣ ва осудагӣ мубориза мебарад. Кам андар кам занон пайдо мешаванд, ки мисли момои Сафия дар муасссисаҳои давлатӣ ба муддати дурудароз кор карда ё фаъолияти ташкилотию ҷамъиятии ҳамешагӣ дошта бошанд.

Момои Сафия модари панҷ фарзанд аст. Ӯ нозуктарин ҷузъиёти ҳаётро ҳис карда, бо нафаси тозаи модарона кӯдакони худро ба камол мерасонад. Ба онҳо беҳтарин хислатҳои инсонӣ, чун хоксорӣ, олиҳимматӣ, сабру тоқат, саъю талош, кордонию одамшиносиро ёд медиҳад ва чашми ҳар якеро барои хубтар дидани муаммою нозукиҳои ҳаёт боз кардааст.

Сад афсӯс, ки хеле барвақт, соли 1946 шавҳари момо – бобои Тилаб зиндагиро падруд мегӯяд. Аз он дам бори рӯзгорро танҳо худаш мекашад.

Санъати тақдир чунин аст, ки инсон пай дар пай бо азобу душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад, ба гуфтаи Бедил:

*Зиндагӣ нақди ҳазор озор аст,*
*Ҳар қадар кам шуморӣ, бисёр аст.*

Момои Сафия бошад, бо бурдборию истодагарӣ ба ин гуна азобиҳо ҳамеша пирӯз омадааст.

Дар айёми пирӣ сарпарасти момо писари хурдиаш Кӯчум Тилабов мебошад. Ӯ низ яке аз мардони шуҳратманди кӯҳпояи Нурато буда, бисту панҷ сол сарварии Комиссариати ҳарбии ноҳияро ба уҳда дошт. Инак ба унвони сарҳанги мустаъфӣ бознишаста аст. Момои Сафия беҳтарин хислатҳои худ, чун инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ ва кордониро бештар дар симои ҳамин фарзандаш мебинад. Ин марди баландқомати тануманд, ба гуфтаи ҳамдиёрон, «ҷони одам» аст.

Имрӯзҳо ҳар касе, ки ба дидорбинии момои Сафия меравад, ба нақлҳову гуфтори аҷоиби ӯ комёб мешавад, барои худ як ҷаҳон лаззати маънавӣ мегирад, аз панду насиҳатҳои ӯ бархурдор мегардад. Момо ҳамеша дар ҳалқаи набераю абераҳои худ аст. Ӯ чилу ҳашт набера, қариб шаст абера ва панҷ чабера дорад. Ин давлати гаронбаҳо барояш шодиву сурур мебахшад. Хурсандии кӯдакон, шӯхию бозии онҳоро дида оҳи сабук мекашад ва фахр мекунад, ки барои офаридани чунин зиндагии зебою ором ҳиссаи ӯ кам нест.

Барҳақ, момои Сафия яке аз фидоиёни ватан ва омӯзгори ҳаёту модари ҷонсупор аст. Ӯ тавонистааст, ки ба дили мардуми диёри худ ҳамчун инсони накӯкору ҳунарманд роҳ ёбад. Ба гумон аст, ки зинаҳои пурпечутоби тайкардаи ӯро касе азхуд намояд. Момои Сафия дар зиндагӣ роҳи дуруст интихоб кард ва аз ин ҷост, ки ба мақоми олӣ – дӯстдоштаи халқи худ соҳиб гардид. Ба гуфтаи худаш: «Дар ҳаёт худхоҳӣ, худписандӣ ва шуҳратталабӣ бузургтарин офат аст. Ҳар кас аввал бояд худашро бисозад, баъд ба ҷамъият метавонад таъсиргузор бошад. Шуҳрати инсон он аст, ки дигарон ба ӯ баҳои мусбат диҳанд». Ва хушбахтии момои Сафия ҳам дар ин аст: дигарон ба ӯ лутфу эҳсон меварзанд, ҳаёти ибратомӯзи ӯро ситоиш мекунанд, бо доштани чунин як симои нуронӣ ифтихор доранд.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**12-уми июни соли 1996**

***Замима:***

***Вақте ки ин мақола ба табъ расида буд, момои Сафия Қазоқова 87 сол дошт. Ин олиҳаи равшанзамир соли 2000 дар синни 91-солагӣ аз олам даргузашт. Қабри ӯ дар гӯристони деҳаи Эҷ, дар хокҷойи авлоди Қозӣ-Тоҳирӣ қарор дорад. Бар рӯйи санги гӯраш ин мисраъҳо ҳаккокӣ шудааст:***

***Аё модар, ба марги ту замину осмон гиряд,***
***Ҳама марду зану ҳар кӯдаку пиру ҷавон гиряд.***

## САРЧАШМАДОРИ ДУНЁИ ОБОД

### (Мавзуи озод ба озмуни «Қадамҳои истиқлол»)

Вақте ки ҳусну ҷамоли беҳамтои боғу бӯстон моро чун оҳанрабо ба худ ҷазб мекунад ва насими бонакҳату атри диловези он ба машом мезанад, беихтиёр ба зеботарин гулҳо ва шохаҳои мунаққашу рангоранг назар меафканем.

Агар шаби маҳтобӣ аз осмони пурситора, ки гӯё дар умқи торикӣ чароғҳои равшан чашмакзанон медурахшанд ва аз ҳаёту зиндагие дарак медиҳанд, дидан кунем, хоҳу ноҳоҳ назарамон пеш аз ҳама ба дурахшонтарин ситора меуфтад, ки он бо нуру партави худ ҳушу хаёли моро рабуда нозу истиғно мекунад.

Ҳамеша тайи рӯзгор, дар гузаштаву имрӯз гулҳои зеботарину бонакҳат ва ситораҳои тобону дурахшони ҳаёти мо устодони азизу муътабар, омӯзгорони асилу хирадманд, муаллимони поктинату покизарӯзгор будаанду ҳастанд, ки бо санъату маҳорат ва панду алфози шифобахши худ ба ҷумла дардҳо дармон бахшида, дилҳоямонро тасхир кардаанд. Онҳо нахустин симоҳое ҳастанд, ки дар байни тӯдаи мардум бо шаҳомату зебоӣ ва бо ҳусни нуронӣ ба назар мерасанд. Шояд ҳамин посдорони маърифат ва илму одоби инсонӣ арзи вуҷуд доранд, ки ҷомеа рушд мекунаду ба ҳусни зиндагӣ ҳусну таровати нав зам мешавад. Вагарна, дар сурати набудани ин мояи ҳастӣ мегуфтем: «Ҷаҳли бебок ба олам лагади хар задааст».

Дар ҳақиқат, омӯзгорон аҳли ҷомеаро аз ҷаҳолат ва муфлисӣ раҳо месозанд. Онҳо ҳамеша тарғибгари омӯзиши ростӣ, покизагӣ, ваҳдат ва орзуву матолиби нек ҳастанд. Аз ин ҷост, ки бузургтарин алломаву донишмандон ва малику сарлашкарон низ пеши устод сари таъзим фуруд овардаанд, ба омӯзгорони асил эҳтироми самимӣ варзидаанд:

***Ҳамебуд доим фарҳангу рой,***
***Ба таъзими устоз кӯшиш намой.***
***(Ҷомӣ)***

Шогирди хурдсол, ки акнун ба дарки зиндагӣ оғоз мекунад, нахуст ба назди устод меояд. Ӯ бояд саводи хондану навиштан, дурдонаҳои одобу муоширатро фаро гирад ва ҳастиаш аз партави илму маърифат, касбу ҳунари пазиро мунаввар гардад. Аз ин рӯ, маҳз устод бори вазнину масъулияти муҳимро ба дӯш мегирад. Ӯ сабру тоқат дорад, ба ҳар нозу нузи кӯдак таҳаммул мекунад ва бо дидаи нек ба ӯ назар меафканад. Мақсад якест: раҳосозии кӯдак аз банди ҷаҳолат ва раҳнамун кардани ӯ ба ҷодаи илму маърифат, барои андӯхтани ҳунар ва ниёзу дархостҳои дилхоҳ. Дар ин роҳ устод азият мекашад, хуни дил мехӯрад, сӯзонтарин лаҳзаҳоро сипарӣ мекунад. Ба гуфтаи шоир:

***Зи гиря кор ба ҷое расондаам, Ҳайрат,***
***Ки сӯхт аз ғами шогирдии ман устодам.***

Аз ин ҷост, ки бо саъю талоши устод, бо амру фармоиш ва талабу тақозои ӯ олами маънавиёти донишомӯз рӯшан мегардад ва чашмаи илҳомаш ба ҷӯш меояд. Устод, яъне омӯзгори асилу нуктадон, муаллими ҳалиму ғамхор ва серталаб шогирди худро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, ӯро савод мебахшад, илми ростини ҳаёт ва дарси ахлоқу муносибатро таълим медиҳад ва инсоне навро бо ҷилои тозаву муҳтавои ҷадид ба пайроҳаи ҷомеа раҳнамун месозад. Ин аст, ки устодро аз падар пеш гузоштаанд, саҳми ӯро дар рушду камоли инсон бештар донистаанд. Дар ин хусус бузургон такрор ба такрор сухан гӯянд, чунончи:

***…Ҷабри устод беҳ ки меҳри падар  (Саъдӣ)***

* * *

***Ҳаққи устод аз падар беш аст,***
***В-аз падар устод дар пеш аст (Биноӣ)***

* * *

***Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар (Дониш)***

Ин гуфтаҳо далели қотеъ бар он аст, ки эҳтироми касби омӯзгорӣ, фароҳам овардани имконият ва шароити мусоид барои омӯзгор, баланд бардоштани обрӯю мақоми ӯ бояд рукни асосии ҷомеаи мо бошад. Имрӯз, ки мамлакат мустақил асту дар роҳи пешрафти ҳамаҷониба қарор дорад ва сохтмони тозаи давлатиро ба ухда гирифтааст, бешубҳа, ба мутахассисони оқилу кордон ва соҳибкор ниёз дорад. Аз ин хотир, омӯзгоронро бояд ҳукумату давлат ба ҳимояи худ гирад ва аз онҳо чун силоҳи рушди ҷамъияти нав истифода барад. Дар акси ҳол, ҷамъият моломоли дузду ҳарис, порахӯру фиребгар, риёкору ҷаллоб, дурӯяву заиф ва нодону беимон мегардад.

***Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,***
***Шавад тира аз бехирад рӯзгор.***
***(Ҷомӣ)***

Аз ин рӯ, нисбат ба табаддулоти иқтисодӣ тарбияи маънавии аҳли ҷомеа вазифаи аввал ва мушкилтар аст. Фақат омӯзгори воқеӣ ҳис мекунад, ки ӯ дар сохтори ҷомеа мутасаддии нахустин мебошад. Агар ба касби худ лоқайдӣ намояд, илму донишро ба манфиати хеш, ба хотири нафсу худситоӣ ба кор барад, ҳеч гоҳ мавриди писанду эътироф қарор намегирад. Ва ин ҷо панди Шайх Саъдиро дастак мекунем:

***Нигаҳ дор аз омӯзгори бадаш,***
***Ки бадбахту бадраҳ кунад чун худаш.***

Омӯзгор ҳамон вақт маҳбуби халқ гардида, шуҳрат пайдо мекунад, агар ҳамчун инсони ростин ва поквиҷдон ба пешаи худ дил баста бошад, агар кори худро на барои чашми дигарон, балки аз рӯйи марому майли ҳастии худ анҷом диҳад.

Ҳусни кори муаллим асосан ҳангоми тадрис ошкор мешавад. Қабл аз ҳама, ба муайян кардани дастурҳои синфдорӣ ва амалӣ кардани иддаоҳои худ камар мебандад. Дар ҳар синф мумкин аст руҳияҳои моҷароҷӯ вуҷуд дошта бошад, вале кайфиятҳои поку ором, рафтори муътадил, андешаҳои дуруст бештаранд. Дар ин замина муаллим рафтори худро бар асоси ниёзи синф бояд тавре татбиқ намояд, ки қоидаҳову талаботи инсонӣ ва равиши эътидол дар шуғли омӯзгорӣ иҷро гардад.

Барои ҳарчи зуд расидан ба мақсадҳои омӯзишӣ, муаллимро лозим аст, ки дар синф дастёр дошта бошад. Ин дастёрҳо шогирдоне бошанд, ки сад дарсад мавриди бовари устод ҳастанд. Бо кумаки онҳо муаллим зуд-зуд хулосабарорӣ мекунад, сиёҳро аз сафед ҷудо месозад. Он шогирдон метавонанд дар муайян кардани мушкилоти супоришҳои хонагӣ, ташкили суҳбату мубоҳисаҳо, арзёбӣ намудани омодагии хонандаҳо ба дарс ва ғайра масъулият нишон диҳанд. Умуман, истифода аз неруи шогирдон барои назм бахшидан ба кори синф, мураттаб сохтани воситаҳои аёнӣ ва омода кардани онҳо, нигаҳдории тозагӣ ва ороиши синф ва ин гуна корҳои дигар бисёр муҳим аст.

Дар нигаҳдории дарсхона холисона ва аз рӯйи муҳаббат ба хонандаҳо бояд фаҳмонид, ки албатта, беҳтар аст ба ҷойи як хонаи дарҳаму барҳам хонаи муназзаме дошта бошем. Бо ин мақсад шогирдонро мутобиқи шавқу завқашон ҳидоят намудан лозим меояд. Аз истеъдод ва фаъолияти онҳо истифода бурдан судманд аст. Фаъолиятҳои изофии шогирдон як хидмати шарофатмандона барои синф ва омӯзиш маҳсуб мешавад.

Дар ин маврид аз додани туҳфа, ҷоиза ва ташвиқ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд дареғ кард. Бисёр ташаббус ва салиқаро аз фикри худи шогирдон метавон касб намуд. Ба он иҷозат додан даркор аст, ки истеъдоду неруи вуҷуди шогирдон озод бошад. Онҳо метавонанд тибқи лаззати худ тарҳу нақшаҳо созанд, китобу маҷалла ва рӯзномаю мусавваваҳои заруриро гирд оваранд. Агар шогирдон ҳис кунанд, ки устод аз самими қалб мехоҳад ба онҳо ёрӣ диҳад ва роҳбарии лозимро дар синф ба кор бастааст, бешубҳа, аз дилу ҷон ба ӯ мадад мерасонанд.

Бояд омӯзгор эҳтирому муносиботи неки худро дар байни шогирдон ба таври мусовӣ тақсим намояд, ки ин боиси руҳияи неки синф мегардад. Гоҳе мумкин аст ҳолатҳои асабонӣ ва буҳронӣ пайдо шавад. Дар ин сурат хулқу хӯйи тунд зоҳир мегардад, ки шояд шогирдон таҳқир ё сарзаниш шаванд, вале омӯзгор набояд таслими эҳсосот гардад. Маҳз ҳангоми хашм арзиши эҳтиёт ва сабру тоқат маълум мешавад. Дар ҳақиқат, эҳтиёт ва сабр боиси ҷилавгирӣ аз шикаст аст.

*Агар сабрат ба дил чун ёр гардад,*
*Зафар охир туро дилдор гардад.*
***(Носири Хисрав)***

Ҳамеша шогирдонро ба хотири корҳои хубашон ташвиқу руҳбаланд кардан лозим аст. Аз шикасту нокомиҳои онҳо ба оромӣ бояд гузашт кард. Ташвиқ ва гузашти огоҳонаю баҷо шеваи матлубест, ки дар ҳар замон ба кор меояд. Ба хусус, ҳангоми тадрис яке аз омилҳои пешрафт аст.

Ба гуфтаи бузургон, танбеҳ бояд мутаносиб бо гуноҳ бошад. Аз ин рӯ, оқилӣ, донистани мантиқ, хулосабарории зуд барои омӯзгор аз омилҳои муҳим ба шумор меравад. Масалан, ҳангоми дарс хонандае ҳарф мезанад ё бо кори нописанд машғул мешавад. Ӯро ба назди тахтаи синф бароварда талаб кардан мумкин аст, ки дар бораи ҳар мавзуи дилхоҳе ду-се дақиқа суҳбат кунад ё қитъаи шеъреро аз ёд қироат намояд. Чунин аксуламали мантиқӣ дигаронро низ ҳушёр месозад.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҷойи ҳассос дар замони пайдоиши нороҳатиҳо бештар ақиби синф аст. Маъмулан, қатори охири синф бояд таҳти назорат бошад. Гоҳе дар ақиби синф қадам задан лозим меояд. Шогирдон ин амалро дида, на танҳо сар барнамегардонанд, балки ба кори худ машғул шуда, бовар ҳосил мекунанд, ки онҳо зери назорат ҳастанд.

Танбеҳи ҷисмонӣ манъ аст. Ҳамеша бояд аз ҳаракати дастони худ бохабар буд. Дар хотир дорам, боре яке аз ҳамкорони мо шогирдашро барои беинтизомӣ як торсакӣ зада буд. Хонанда қаҳр карда, аз синф баромада меравад. Он рӯз, пас аз тамом шудани дарсҳо, дар хонаи муаллимон ҷамъ шуда будем. Ҳамон лаҳза занаке вориди идора шуд ва рост ба сӯйи он муаллим рафту як торсакӣ ба сураташ фуровард. Вақте ки дид ҳама суоломез ба сӯяш менигаранд, гуфт: «Мехостам бидонед, ки шаппотӣ задан ба рӯйи як нафар дар назди дӯстонаш чӣ мазае дорад». Ҳамкори мо сурх шуд, сафед шуд, аз шарм натавонист ҳарфе гӯяд.

Ҳамеша мудири мактаб, раҳбари синф, хонанда ва падар ё модари вай аз як таҷрибаи ғайриодӣ ранҷ бурдаанд. Агар миз, курсӣ ё партаи синф бар сари хонанда бишканад боке нест. Ин амал беҳтар аз он аст, ки шахсияти хонанда шикаст хӯрад. Аз ин рӯ, бемаврид таҳқир кардан, дашном додан ва фарёд кашидани омӯзгор аз одоб берун аст. Донистани иззати нафс ва эътимод ба нафс дар кору зиндагӣ муҳим мебошад.

Ҳар як нофаҳмӣ ва рафтори номуносибро ба нафъи хонанда бояд ҳал кард. Агар шогирд устодро тамоман гӯш накунад, ба ӯ эҳтиром нагузорад, дар синф ҳолати ногувор ба амал меояд, ки дар ин хусус фавран ба мудири мактаб бояд хабар дод. Зеро бисёр мушкилотро танҳо мутахассисон ҳал мекунанд. Аммо, агар беинтизомӣ ё беодобии хонанда як лаҳза бошад ва имкони ислоҳи он дида шавад, зарурат надорад, ки дарҳол рафтори ӯро овоза карда, ба чандин кас гӯшрас намуд. Муаллим метавонад худаш ӯро аз амалкарди нодуруст нигаҳ дорад, ки бо ин гуна бархӯрд ҳақиқатан чун кордону нуктафаҳм ва масъули асосӣ ба назар мерасад. Ин ҳам яке аз

воситаҳои афзун шудани обрӯю нуфуз ва эҳтироми устод дар назди шогирд аст.

Аз эҳтимол дур нест, ки ҳар замон дар синфу дар мактаб вазъияти ноҳинҷор, ҷанҷол ё пешомади талхе рух диҳад. Аз ин хотир, муаллим бояд ҳассос бошад ва пешакӣ барои ҷилавгирӣ кардан аз нокомии рухдиҳанда чораю тадбирҳои зарурӣ андешад. Дар ин гуна лаҳзаҳо шогирдони бовариноки ӯ мададкори асосӣ шуда метавонанд.

Дар ҷараёни таълим мумкин аст бисёр касон аз мактаб дидан кунанд, зеро ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандаҳо дар ҷамъият бо доираи васеъ иртибот доранд. Ҳар касе, ки ба мактаб меояд, мехоҳад аз кори омӯзгор, синфи ӯ, шогирдонаш боздид кунад. Аз ин рӯ, ҳамеша дар интизори гурӯҳе ё касе будан лозим аст ва бояд ба пешвози боздидкунанда ҳамаҷониба омодагӣ дида шавад. Агар мулоқоткунандагон дуруст ва самимӣ истиқбол нашаванд, ин худ як омили номуназзамӣ ва белаёқатӣ дар таълимгоҳ аст.

Муаллим на танҳо худро, балки шогирдонро ҳам бояд ба истиқболи боздидкунандаҳо омода созад. Агар муносибати онҳо низ боадабона ва аз рӯйи эҳтиром бошад, дар қадамҳои аввал ҳусни таваҷҷуҳи меҳмон бештар мегардад ва як лаззати фараҳбахш ӯро фаро мегирад. Чунончи, кадбону барои меҳмонони азизи худ анвои шириниву хӯрокҳои хос дорад ва муаллим низ боздидкунандаҳоро бо «хӯрок»-и фикрию амалии лаззатбахш мебояд пешвоз гирад. Пеш аз ҳама, волидайн муштоқи дидани амали фарзандони худ ҳастанд. Барои ҳамин, муаллими огоҳ ҳамаи корҳои шогирд – нақшаву тарҳҳои сохтаи ӯ, варақаҳои тест, натиҷаи санҷиш ва баҳоҳои ӯро нишон дода, бо камоли ризоят дар бораааш нақл мекунад. Агар дар омӯзгор фурсати пешвозгирӣ набошад, бояд муаддабона аз меҳмон маъзарат хоста, вонамуд кунад, ки ба таври ҷиддӣ машғули фаъолиятҳои омӯзгорӣ аст.

Боздидкунанда мумкин аст мудир, корманди шуъбаи маорифи ноҳия ё вилоят бошад. Аслан мақсади ӯ он аст, ки ба кори омӯзгор аз ҷиҳате ёрӣ расонида тавонад. Аз ин рӯ, бо фаъолияти мактабиён шинос мешавад ва ҳар гуна нуқсону камбудиро ошкоро гуфта, аз дастовардҳои хуб, пешрафти фаъолияти омӯзгорӣ ва омӯзишӣ арзёбӣ мекунад. Ӯ метавонад симои зоҳирии муаллим, вазъи саломатӣ ва эҳсосоти ӯ, тавоноӣ дар ҷавоб додан ба саволҳои шогирдон, дараҷаи дарки хислатҳои ҳамдигар ва мисли инҳо фаъолияти омӯзгорро баррасӣ намояд. Ба ҳар пурсиши ӯ бояд бо эҳтиром ва равшан ҷавоб дод. Хиҷолат кашидан, аз ҳад зиёд хоксорӣ кардан, ба ғазаб омадан, шӯру валвала роҳ андохтан дуруст нест. Бояд ҳушмандона ҳақиқатро баён кард. Ҳар як коршинос низ кӯшиш мекунад, ки омӯзгор ба муваффақияте ноил бошад. Барои ҳамин, ба ӯ эҳтироми самимӣ зоҳир намуда, ҳар як фикру пешниҳодашро дар ҷараёни таълиму тадрис ба эътибор гирифтан лозим аст.

Умуман, фаъолияти омӯзгор, ҷараёни таълим, муҳтавои омӯзиш бениҳоят доманадор аст. Гуфтаҳои боло аз баҳр қатрае асту бас. Дар ҳар сурат, мақому нуфузи устодон, омӯзгорон дар ҷамъият баланд аст ва онҳо ҳамчун сутуне дар пойдевори давлати мустақил хидмат мекунанд. Бе

муаллим ҳаёти инсон ваҳшиёна аст ва бунёди давлати наву сохти тозаи иҷтимоӣ амри муҳол. Маҳз омӯзгор ҳушёргари ғафлати ҷомеа ва сарчашмадори дунёи обод аст. Шоир Камолиддин Биноӣ барҳақ фармудааст:

*Ҳурмати илму устоду китоб,*
*Лозими ин раҳ аст аз ҳама боб.*
*Ҳар кӣ ӯ тарки ин се ҳурмат кард,*
*Азми идбору майли зиллат кард.*
*Пой аз ҳурмат он касе, ки кашид,*
*Андар ин роҳ ба ҳеҷ ҷо нарасид.*

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**31-уми августи соли 1996**

## ДАР АМАЛ КӮШ ВА ҲАР ЧӢ ХОҲӢ ПӮШ

*Эй порсӣ, имрӯзи ман, ояндаи ман,*
*Эй дар ду ҷаҳон забони пояндаи ман.*
*Аз олами фонии ман уммеде нест.*
*Уммеди абад туӣ, абадзиндаи ман.*
*(Низом Қосим)*

Бешубҳа, бузургии миллат, зиндаю ҷовид будани халқ ба пойдории забони модарӣ вобаста аст. Забон воситаи асосиест, ки имрӯзро бо гузаштаву оянда мепайвандад. Забон танинандози ниёиш, расму оин ва баёнгари осори гаронбаҳою ахлоқи инсонҳост. Ҳифзу нигаҳдории забони мардум ва ҳуқуқи соҳибзабонон яке аз нуктаҳои асосии дастуруламали ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ба шумор меравад. Ҷомеаеро пайдо кардан мушкил аст, ки ин мавридро нодида гирифта бошад. Аз ҷумла, агар Қонуни асосии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро варақ занем, ба ин сатрҳо мувоҷеҳ мешавем: «...Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибати боэҳтиромонаро ба забонҳо, расму оинҳо ва анъанаҳои миллату халқиятҳои сокини қаламрави худ, ба вуҷуд овардани шароитҳоро барои пешрафти онҳо таъмин менамояд» (Қонуни асосӣ, модаи 4). Ё дар ҷойи дигар омадааст: «Ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, дин, вазъи иҷтимоӣ, эътиқод, аҳволи шахсӣ ва ҷамъиятиашон ба ҳуқуқу озодиҳои яксон соҳиб ва дар назди қонун баробар мебошанд» (Қонуни асосӣ, модаи 18).

Пас, мо – мардуми тоҷик низ дар ватани худ Ӯзбекистон ба таври воқеӣ аз ҳимояти қонуну давлат бархурдорем. Ба шарофати доштани озодии ҳуқуқи миллӣ дар гӯшаю канори кишварамон мактабҳои тоҷикӣ пойдор ҳастанд (ҳарчанд ба қадри кофӣ нестанд), рӯзномаю осори илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ ба забони тоҷикӣ интишор меёбанд (ҳарчанд бо теъдоди кам), маҳфилҳо ва марказҳои Бунёди забони тоҷикӣ (форсӣ) фаъолият доранд (ҳарчанд хеле суст ва муҳофизакорона). Минбари назаррас ва боифтихори

хонандагони тоҷик рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» аст. Хушбахтона, ин минбар, ки дар тули даҳҳо сол дар назди халқи тоҷик ба мисоли дурри гаронбаҳо ҷилва кардааст, пурра аз ҷониби Олий Маҷлис ва Девони Вазирони ҷумҳурӣ пуштибонӣ мешавад.

Аз ҷониби дигар, дар пешбурди оини забон, нигаҳдошти муҳтавои ғанӣ ва пурасрори он шуъбаҳои тоҷикии радиои вилоятҳо ва ҷумҳурӣ саҳми арзанда доранд. Ба хусус, шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ҳар рӯз тавассути шабакаи «Дӯстлик» садо медиҳад, мухлисони бешумор дорад. Кормандони он пайваста барои ҷаззобу рангин сохтани барномаҳои худ саъю кӯшиш мекунанд. Барои шунавандагон амвоҷи оҳангу сурудҳои дилнишин, силсилаи гуфторҳои адабӣ, суҳбату муколамаҳои афроди равшанзамир, ахбор ва дигар матолиби ҷолиби диққат пахш мешаванд. Ҳар рӯз ҳаводорони забони ноби тоҷикӣ (форсӣ) гуфторҳои радиоро бесаброна интизорӣ мекашанд. Ин маркази таблиғотию забон низ (ҳарчанд бо камии вақт ба эҳтиёҷу талаби халқ ҷавобгӯ нест) аз ҷониби давлат ҳимоят мешавад.

Пас, мардуми тоҷики Ӯзбекистон мисли дигар миллатҳои қаламрави он имконият доранд, ки ба андозае бо забони модарии худ таҳсил гиранд, нависанд ва гӯш кунанд. Ин лоиқи гуфтан аст, аммо Симои тоҷик дар куҷо ва ба чӣ аҳвол аст? Оё мо метавонем ба андозаи кофӣ аз телевизиони ҷумҳурӣ баҳра бардорем?

Чӣ тавре ки аён аст, дар шароити имрӯз таблиғи расму оини миллӣ, беҳтарсозии тарзи гуфтори забони модарӣ, зинда сохтани симоҳои бузургу намоён, бардоштани лаззати руҳию маънавӣ, дидани воқеоту навгониҳо ба оинаи нилгун сахт вобаста аст. Бо ин мақсад дар назди Ширкати давлатии радио ва телевизиони Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахши тоҷикӣ низ ба унвони «Рангинкамон» фаъолият дорад. Масъули ин шуъба рӯзноманигори босалиқа Шарофат Эрматова мебошад, ки барои ҷаззоб сохтани барномаҳои таҳиякардаи худ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ҳарчанд муҳтавои барномаҳои тоҷикии телевизион ҷолиби диққатанд, асосан аз ду ҷиҳат он ба талабу тақозои бинандаҳо ҷавобгӯ нест. Аввал ин, ки миқдори барномаҳо хеле кам аст (дар як моҳ фақат ду маротиба) ва дувум, барномаҳо тавассути шабакаи чоруми телевизион намоиш дода мешаванд (дар ҳоле, ки намоишҳои ин шабакаро на ҳама мардуми ҷумҳурӣ дида метавонад).

Мо медонем, ки чанд сол пештар барномаҳои «Рангинкамон» ҳафтае як бор пахш мешуданд. Имконият буд, ки матолиби мухталиф ба онҳо дохил карда шавад. Аммо имрӯз, ба ҷойи ин ки теъдоди намоишҳо бештар гардаду вақти бисёртарро фаро гирад, баръакс, онҳо мухтасар мешаванд. Ҳатто ба дараҷае, ки моҳе танҳо ду маротиба ва ба ҷойи чилу панҷ дақиқаи аввал фақат сӣ дақиқа намоиш дода мешавад. Худ мулоҳиза фармоед, магар ин миқдори намоиш моро, ки расман бештар аз якуним миллион нафар ҳастем (агар тоҷикони кишвари ҳамсояро ба инобат нагирем) қонеъ месозад? Ҳеч гоҳ!

Аз сӯйи дигар, намоишҳои «Рангинкамон» тавассути шабакаи чорум фиристода мешаванд. Мо агар ба шаҳру ноҳияҳои дигар, ба хусус, ба деҳоти дурдаст равем, воқеан мебинем, ки мардум аз дидани барномаҳои ин шабака маҳруманд. Дар аксари маҳалҳо танҳо шабакаи якуми телевизионро мебинанду бас. Бар замми ин, «Рангинкамон» ба таркиби барномаҳои видеоканали «Чинор» дохил карда шудааст, ки ин боиси маҳдуд шудани фаъолияти озодаш мегардад. Дар сурате ки, тоҷикон ҳамчун яке аз сернуфустарин халқи ҷумҳурӣ баъд аз ӯзбекон ба доштани шабакаи мустақили телевизионӣ сазовор ҳастанд.

Бузургвор Камоли Хуҷандӣ гуфтааст:

***Бикӯш то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд,***
***Ки беталаб натавон ёфт гавҳари мақсуд.***

Имрӯз даврест, ки давлату ҳукумат, сарварону раисон саъю талоши одамонро мехоҳанд, беш аз пеш навгонию аъмоли некро орзу мекунанд. Дар ин росто мо низ бояд барои васеъ кардани доираи барномаҳои тоҷикӣ талаботи мушаххас пеш гузорем, нақшаи корро ба таври дақиқ муайян созем.

Пӯшида нест, ки халқҳои тоҷику ӯзбек аз қадимулайём решаҳои фарҳангию маънавии ба ҳам печида доранд. Дӯстию ҳамдигарфаҳмии онҳо дар пояи баланд қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, агар мо тавонем, ки барномаҳои рангину ҷолиби диққат таҳия созем, халқҳои бародар аз он хурсанд мешаванду бас. Зеро барномаҳои мо ба онҳо на зарар, балки дар дарки таъриху фарҳанги миллӣ, омӯзиши осори гуногуни илмию санъатӣ ва ҳунарӣ кумак мерасонанд.

Чӣ тавре ки аён аст, намоишҳои тоҷикии телевизиони ҷумҳурӣ моҳи майи соли 1989 бо саъю кӯшиши шоири шодравон Ҷонибеки Қувноқ ташкил ёфта буд. Шоири маҳбуб бо усули хоссаи дилпазир барномаҳои оинаи нилгунро таҳия мекард. Ӯ дертар ин кори заҳматталаб ва масъулиятнокро ба зиммаи духтари ҳассосу оқил, хабарнигори ҷавон Шарофат Ҷӯразода месупорад. Шарофатбону Донишкадаи маданияти Тошкандро хатм кардааст. Ӯ қаблан дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва шуъбаи тоҷикии Радиои ҷумҳурӣ низ фаъолият дошт. Инак, тамоми фикру хаёл, орзуву омол ва ҳастии хешро ба «Рангинкамон» бахшидааст. Бо вуҷуди ин, аз корҳои кардааш дилпур нашуда мегӯяд: «Ҳарчанд бо ёрию дастгирии баъзе дӯстон барномаҳои тоҷикии телевизионро ба роҳ мемонем, аз маводи омодашуда комилан қаноатманд нестам. Бисёр вақт дасткӯтаҳӣ маро азоб медиҳад. Ин аст, ки ба ҷойи рӯз то рӯз васеътар шудани доираи барномаҳо, онҳо торафт тангтар мешаванд. Мухлисони «Рангинкамон» гарчи бисёранд, аммо хомӯш меистанд, талабу дархосте ба хотири беҳбуди барномаҳо надоранд. Барои бештар шудани замони намоиш ва миқдори онҳо ҳеч гуна саъю дархост намекунанд. «Болои сӯхта – намакоб», барномаҳои мо рӯзона, вақте ки ҳама аз пайи кору зиндагиянд, намоиш дода мешаванд. Бо фикру пешниҳодоти мушаххас чандин бор ба мудирияти барномаҳои байналмилалӣ муроҷиат

кардем, аммо гуфтаҳои моро ба инобат нагирифтанд. Ба назар мерасад, барояшон гуфтору намоишҳои инглисию фаронсаӣ аз тоҷикию қазоқӣ афзалтар аст...»

Мо шоҳиди он ҳастем, ки сол то сол сафи обуначиёни рӯзномаи «Овози тоҷик» кам мешавад. Илоҳӣ, нашавад, ки мардум нисбат ба телевизион ҳам бефарқ гарданд. Охири ин бефарқӣ фақат ҷаҳолат ва харобии маънавиётро ба бор меоварад. Ҳақ ба ҷониби Шарофатбону аст, ки бештару беҳтар ва ҷозибтар шудани барномаҳои тоҷикии телевизион аслан аз худи бинандаҳо, аз дарки мавзуъ ва дархосту талабҳои ҳамзабонон вобаста аст.[37]

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**28-уми сентябри соли 1996**

## ПОСДОРИ ҲИММАТ ВА ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ

***(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзи шоири шодравон Ҷонибеки Қувноқ)***

Порашт дараи фараҳбахшу хушбаҳор ва файзбору хуррами кӯҳсори Нурато аст. Ин диёри руҳнавозу афсонавӣ чӣ бас дилфиребу назаррабост ва ҳар касе, ки ба ин дара меояд, аз тафарруҷи кӯҳҳои серфарозу сабзпӯш, замини босаховат, чашмаҳои зулолу мусаффо бо обҳои ширин, аз иқлими рангрезу фараҳангез ва насими диловезу анбарбез, аз ҳавои дилкашу ҳаловатбахши он сармасту сархуш гашта, хештанро дар олами дигар тасаввур мекунад. Ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, ки аз ин гуна маскани гаронмоя ва фусунгар дил кандану дар ҷудоӣ зистан амрест муҳол. Вале бо тақозои замон, аз пайи доду ситади зиндагӣ, барои зинат бахшидан ба рӯзгори хеш гоҳан лозим меояд, ки кас худро ба мулки дигар, андаруни мардуми дигар биандозад.

Ҷонибеки ҷавон пас аз хатми мактаби миёна то охири умр ин зодбуми пурнафосати хешро хайрбод гуфта буд. Ӯ ҳам рангорангиву назофат ва лаззату фараҳи диёри худро бо гулистони шеъру адаб, бо диёри дӯстиву одамшиносӣ, бо нашъунамои боғи тозаи маърифатӣ иваз кард. Бо вуҷуди ин, пайваста месарояд:

***Ман – форишӣ, дар мағзи кӯҳ***
***Кӯю дари аҷдоди ман.***
***Аз чашмаву кӯҳи баланд***
***Чор унсури бунёди ман.***

Ҷонибек дар доираи илму фарҳанги тоҷик ҷойи муносиб ёфта, дар расани каломи мавзун дурдонаҳои рангини шеъри дариро кашид.

[37] Ҷойи гуфтан аст, ки то ба ҳол вазъи «Рангинкамон» ҳамоно ба шакли пештара аст, танҳо аз тариқи шабакаи аввали телевизион пахш шудани барномаҳояш қобили таваҷҷуҳ аст. Масъули он Шарофат Ҷӯразода бар замми кори журналистӣ чанд сол раёсати Ҷамъияти тоҷикони ҷумҳурӣ – «Ориёно»-ро низ ба уҳда дошт. Ӯ соҳиби нишони «Дӯстӣ» шудааст.

Ангоштаҳояш чаҳони дидаи ӯро, фаҳму идроки ҳушмандонаи ӯро тараннум кардаанд. Ӯ худро ба ҳамзамононаш бо шеъри дарӣ шиносонд:

***Шукро, ки аз кӯю дарам,***
***Пар мезанад лафзи дарӣ.***
***Танҳо наям, ман – мардуме,***
***Кӯю дари ман – кишваре.***

Ва бо таъкид афзуда:

***Бо ин забон ман тоҷикам,***
***Бе ин забон ман безабон.***
***Маҳруми мардум – марҳуме,***
***Маҳрум чӣ? Бадтар аз он!***

Шоири шодравон Ҷонибеки Қувноқ қисмати асосии умрашро дар шаҳри дӯстиву бародарии Тошканд гузарондааст. Ӯ солҳои дароз дар манзили маънавии худ – идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» адои вазифа карда, дар тарбияти шогирдони зиёд саҳми бориз гузоштааст. Аз пайи меҳнатдӯстӣ ва корбарии дуруст вазифаи ҷонишинии сармуҳаррирро бо муваффақият анҷом медод. Ӯ ҳар лаҳза худро шарики шодиву хурсандӣ ва ғаму андуҳи одамони гуногунмиллат ҳис мекард. Ба хусус, бахшида ба бародарони ӯзбек суханони самимӣ дорад. Аз ҷумла:

***Духтари ӯзбек арӯси нозанини тоҷик аст,***
***Дар замири ин русум бас маъниҳои борик аст.***
***Муддаои ман фақат шояд ба аъмо торик аст,***
***Қалби моён аз азал наздик буду наздик аст.***
***Ҳамдаму ҳамсояи ман – қадрдонам, тоҷикам…***

Ҷонибек чун пуле буд мустаҳкаму боэътимод, ки мардуми равшанзамири ду кишвари ба ҳам ҳамсояву қарин – Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро мепайваст. Тавассути ӯ рӯдҳои маънавӣ бо ҳам даромехта, баҳри илму фарҳанг ва худшиносии халқҳо серобтар мегашт. Ӯ ба дӯстии одамон эътиқод дошт ва пайваста ин маъниро ситоиш мекард:

***Каломи дӯстиро сабт бар тоқи замон созам,***
***Чароғи нурфишоне дар дили ҳар хонадон созам,***
***Барои корвони чархи олам сорбон созам,***
***Чу муҳре баҳри ҳар як кору омоли ҷаҳон созам,***
***Чу ҳарфи душманӣ боқист, хотир ҷамъ намегардад…***

Аз Ҷонибеки Қувноқ мероси назарраси адабӣ боқӣ мондааст. Маҷмуаҳои ашъори ӯ, тарҷумаҳо ва осори публитсистиаш дар китобхонаю

бойгониҳои мардум ҳифз мешаванд. Қабл аз ҳама, ӯ шоири маҳбуби мост. Асосан шеърҳояш дар маҷмуаҳои «Қарз» (1973), «Арзи дил» (1977), «Ифтихор» (1982), «Розҳо» (1987), «Зангӯла» (1990) ва «Юрак тӯлқинлари» (ба забони ӯзбекӣ, 1977) гирд оварда шуда, ба табъ расидаанд. Бисёр шеъру достонҳои шуарои муосиру классикии тоҷикро ба забони ӯзбекӣ ва ашъори шоирони ӯзбекро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Умуман, таҳқиқи осори шоир кори доманадорест ва баррасии махсусро талаб мекунад.

Шоир ҳамеша хислатҳои ҳамидаи инсониро тарғиб намуда, одамонро ба роҳи росту рафтори нек ҳидоят мекард. Ӯ аз дидани афроди нек ба завқ меояд ва маҳз некиро ғуссабари фарзанди башар меҳисобад:

***Бисёр некӣ дидаам,***
***Умре зи одамҳои нек.***
***Қурбонашон гардад кам аст,***
***Гар беки ҷонҳо – Ҷонибек.***

***Бигзор некӣ дар ҷаҳон,***
***Муҳри ҳама фармон шавад.***
***Он гоҳ фарзанди башар,***
***Орӣ зи ҳар армон шавад.***

Сурудаҳои шоири ширинсухан басо равону суфтаанд. Ӯ моҳирона вожаҳоро чунон бо ҳам меомезад, ки фикраш содаву аён, бо муҳтавои маъниҳои дақиқу сербор ифода меёбад. Шоир марди фозилу рӯзгордидаест, ки ҳар каломаш панд аст барои насли ҷавон, ба аҳли зиндагии равон. Ӯ ҳусни зебою ҳарфи шево, дӯстдори миҳану худогоҳи миллат, ҷавонмарду олиҳиммат ва ҷилодеҳи рӯзгорро васфу ситоиш мекунад. Шоир сахт парҳез дорад аз ҷамиъи бадиву бадкориҳо, аз ҳасуду кинаварон, аз лаину безориҳои зиндагӣ. Орзу дорад:

***Аз ин замон то он замон,***
***Аз ин макон то он макон,***
***Ёбем то ки роҳи рост,***
***Гӯем то ки роҳи мост.***

Муҳаббати модар ва меҳри ватан дар ашъори шоир тавъам часпидаанд. Ӯ даъват дорад ба ҳифзу сариштаи хоки ниёкон, нигаҳдории лафзи поки модарон. Вайронаҳои ватан ва камхобию азиятҳои модар доиман ӯро ба риққат меоваранд. Мехоҳад замини падаронро пайваста ободу зебо бинад ва модарон хандону шукуфон ба дилҳо сурур бахшанд. Шоири худогоҳ мефармояд:

***Хоки аҷдодони худро посбонӣ мардумист,***
***То нагӯяд нокасе, худ соҳиби ин хок кист?***

***Зиндаву поянда тар аз одамӣ ҷуз кӯҳ нест,
Кӯҳро чун одамӣ дидӣ, магар бе роҳ зист?
Хокро мебӯсаму чун тоҷ бар сар мекунам,
Хокро дар зери тоҷи хеш ман зар мекунам.***

Ё ба модар чунин муроҷиате дорад:

***Пеши поят сар ниҳодан сарфарозӣ будааст,
Пораи нон бо ту хӯрдан бениёзӣ будааст.
Бо ту ҳар як дам чу як умри дарозе будааст,
Буд гӯё дар кафам оби бақое, модарам,
Он ту будӣ, бе туям обу адое, модарам!***

Мутаассифона, аз он ки умри шоир кӯтоҳ будааст, ӯ асрори қалби худро комилан изҳор накарда, дар синни 49-солагӣ ҷаҳонро падруд гуфт. Бо вуҷуди ин, алоқамандони каломи ширинаш эътироф доранд, ки Ҷонибеки Қувноқ инсоне буд посдори ҳиммат, сарбаланду сабур, ёри меҳрабону ҷонфидои миллат ва ба гуфтаи худи шоир:

***Ман посдори ҳиммат, бо ин нишон шиносед!
Ҳиммат матои қимат, бо ин нишон шиносед!
Дар рӯзи сахт ҳаргиз ман пеши сахтрӯён,
Қадро намекунам қат, бо ин нишон шиносед!
Ман – душмани хушомад, аммо ба ёри хушрӯ,
Гӯям фақат хушомад, бо ин нишон шиносед!
Ман – ҳадшинос, аммо нокас чу садди раҳ шуд,
Талқони по шавад ҳад, бо ин нишон шиносед!
Ман – бехсӯзи иллат, барбоддеҳи иллат,
Як ҷонфидои миллат, бо ин нишон шиносед!***

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,
13-уми ноябри соли 1996**

## СУДАИ РӮЗГОР

Мо дар рӯзгори равон шоҳиди он ҳастем, ки одамон идда-идда барои дарёфтани илму ҳунар, мақому мансаб, хазоину ҷавоҳир... талош меварзанд. Таърихи рӯзгор собит месозад, ки бештари мансабдорону соҳибони хазоин ахиран бемақому фақир гаштаанд, аммо аҳли ҳунар зиндагие бе залилӣ, бе таҳлука ва дилписанд доштаанд. Ҳаким Фирдавсӣ мефармояд:

***Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.
Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,***

*Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.*

Дар ҳақиқат, ҳунар барои инсон ҳамчун дурру гавҳар аст, ки вуҷуди ӯ, зиндагии ӯро муҷалло месозад. Осоиши одам, шодию нишоти рӯзгор – ҳама аз пайи ҳунар аст. Ҳунарманд метавонад ризқу рӯзии худро ба осонӣ пайдо кунад. Барояш ҳама дарҳои нозу неъмат ва шукуҳу нуфуз боз аст.

Дар урфият мегӯянд: «Барои мард чил ҳунар кам аст». Ин таъбири халқ табиатан аз шуғли ҳамаҷонибаи одамон падид омадааст ва ин ҷо дар хусуси одамони одии ҳунарманд сухан рондан ба кас кайфияти хуш мебахшад. Чӣ қадр фараҳбахш аст, агар мардонеро, ки панҷ ангушташон пури ҳунар бошад, ситоиш кунем, аз таҷруба ва шуғли онҳо, ки ибратангез аст, ҳарф занем.

Кӯҳистони зебоманзар ва пурсаховати Нурато ҳазорон аҳли ҳунарро дар оғӯши худ парваридааст. Андаруни ин кӯҳсор, дар деҳаҳои қадимиву гавҳарзо мардони ҳунарманд, олимону пажӯҳишгарон ва аҳли шеъру адаб ба камол расидаанд. Дар ин ҷо номи яке аз мардони ҳалиму олиҳиммат, сухандону накутинат, ба истилоҳи эҷиён, до-Хидир дар байни хосу ом шинохта аст. Ӯ мардест шарифу поксиришт ва шуҳраташ бо деҳқонию ҳунармандӣ ва кордонӣ дар тамоми Нурато танин андохта. Доираи фаъолияташ доманадор мебошад, вале ӯро бештар бо исмҳои «Хидир-деҳқон», «Хидир-усто», «Хидир-паҳлавон» ба забон мегиранд.

Писари Худойназарбобои кишоварз Хидирака низ пеш аз ҳама деҳқони асил аст. Ӯ ба замин сидқан меҳр баста, чун як деҳқону боғбони чирадаст ифтихори ҳамдиёрони худ мебошад. Асрори кори деҳқониро на ҳама балад ҳастанд. Барои пешбарии ин шуғли пурзаҳмат таҷрубаи бой, муносибати оқилона ба замин ва таҳаммули беандоза лозим аст. Худи Хидирака дар ин хусус чунин андеша меронад: «Аввалан ба деҳқонӣ меҳр бастан лозим. Агар кас ба пешаи интихобкардааш меҳр дода, аз сидқи дил кор кунад, албатта, ба мақсади худ мерасад. Яке аз талабҳои аввали кор бо замин, доиман нарм нигаҳ доштани он аст. «Мулло бошӣ такрор кун, деҳқон бошӣ шудгор кун» гуфтаанд мардуми мо. Аз нақлҳои падарам дар хотир дорам, ки боре он кас бо як рафиқи худ дар Миёнкол тамокузамини марди дороеро каланд мекунанд. Баъд аз нарм кардан соҳиби замин омада, барои имтиҳон кулӯхеро ба рӯйи хок мепартояд. Кулӯх ба зери хок намеравад. Ӯ амр медиҳад, ки дубора каланд зананд. Пас аз такроран нарм кардан кулӯхи озмоишӣ ба зери хок фурӯ меравад ва соҳиби замин қаноатмандона мегӯяд: «Акнун шуд». Бубин, ки то ҳамин андоза нарм кардани замин зарур аст».

Аз таҷрубаи деҳқонии Хидирака хурду калон меомӯзад. Ӯ меафзояд: «Меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ. Дар заминҳои хароб бештар кор кардан лозим. Хоки ин гуна заминҳоро иваз намудан, бо пору ғизо додан ба мақсад мувофиқ аст. Дар тирамоҳ аз нав шудгор карда яхоб мондан ба серҳосил шудани замин меорад, хок серғизо шуда, кирму ҳашароти зараррасон аз байн меравад».

Фикру андешаҳои Хидирака дар мавриди деҳқонӣ соф аз таҷрубаҳои худаш аст. Ӯ парвариши ниҳолу гиёҳонро ба тарбияи одам монанд мекунад:

«Агар одам оби бисёр хӯрад, ланҷ мешавад, равғани бисёр дилашро беҳузур мекунад. Ба мисли ин, оби зиёдатӣ зироату растаниро зард мекунад ва поруи аз ҳад зиёд ҳам заминро месӯзонад. Беҳуда нагуфтаанд, ки бардорад зам кун, набардорад кам кун. Алалхусус, дар истифодаи пору бояд эҳтиёт шуд. поруи гову гӯсфанд афзал аст. Поруи аспу хар бошад, зарпечаки заминро пур мекунад. Зарпечак ҳам як балои азим аст. Агар сари вақт тоза накунӣ, пур шудан мегирад...»

Хидирака дар парвариши токи ангур таҷрубаи беқиёс дорад. Ба таъбири ӯ, «ангур мегӯяд, ки ба ман одами бераҳм даркор. Одами «бераҳм» навдаҳои зиёдатии токро мебурад, онро тунук мекунад. Дар натиҷа, ангур бақувват шуда, ба беморӣ дучор намегардад, меваи калон-калон ва болаззат медиҳад. Ба ангур соя ҳам даркор несту ҳамсоя ҳам. Ҳавои тоза ва шамолравӣ мехоҳад».

Дар ибтидо ба Хидирака падараш ва Хӯҷадеҳқон устодӣ кардаанд. Ин ду марди кордон, ки тамоми умр бо замин сарукор доштаанд, Хидири ҷавонро чусту чолок ва ҳушманд дарёфта, тамоми нозукиҳои деҳқонӣ ва боғдориро омӯзондаанд.

Хидирака ба ғайр аз боғи назди дарича, чанд қитъазамину киштзори дигарро низ поя гузошта обод кардааст. Имрӯз ҳар касе аз деҳаи ҳамешасабзи Эҷ дидан мекунад, нахуст таваҷҷуҳашро боғи зебою дилкаше бо манзараи аҷоиб ва дарахтони мухталифу муназзам ҷалб месозад. Ин боғро Хидирака бо ангезаи сарвари Ширкати маъданшиносии Қизилқум Сергей Аксионов, ки он ширкат дар поёноби деҳаи Эҷ шуъбаи заршӯйии худро дошт, бунёд кардааст.

Боре раиси собиқ Иттиҳодияи умумииттифоқии маъданшиносӣ Бандаренко ба меҳмонӣ меояд. Қабл аз ҳама ӯ фирефтаи боғи дилкушои Хидирака мегардад. Меҳмони олиқадр дар базми дӯстона дасти марди корро гирифта, бо изҳори хушнудӣ мегӯяд: «Дастони шумо тилост, бародари азиз, шумо замини санглохро ба гӯшаи биҳиштӣ табдил додаед!» Хидирака он замон, ба қавли худаш, «як қабат гӯшт гирифта», ҷавоб додааст: «Дастони ман тило аз он аст, ки забони шумо тилост!» Дар ҳақиқат, аз қадршиносии раҳбарони ширкати маъданшиносӣ Хидирака розӣ аст. Ӯ бо қаноат изҳор медорад, ки чунин одамони ҳалиму меҳрабон ва инсонпарварро дар ҳаёт кам дидааст.

Акнун боғи бунёдкардаи Хидирдеҳқон дар ихтиёри соҳибкори ҷавони эҷӣ Тағоймуроди Тоҷӣ аст. Ӯ ният дорад дар биноҳои бекорхобидаи ин маҳдуда корхонаи хурди сангшиканӣ ва маркази фарҳангию маишатӣ таъсис диҳад. Дар ин ҷо дарахтҳои нишондаи Хидирака ҳар сол ҳосили фаровон медиҳанд. Сокинони деҳа аз себу шафтолу, ангуру анор ва дигар меваҳояш баҳра мебаранд.

Хидири Худойназар аз меҳнат сар намебардорад. Ба калонсолии худ нигоҳ накарда, панҷ сол боз дар қисмати болоии деҳа боғи наверо обод мекунад. Ӯ дар он гузар низ замини сахту сангиро аз элак гузаронда ба боғи ҳосилхез табдил додааст. Аллакай ниҳолҳои чормағз, бодом, зардолу ва

сапедорҳои он қомат афрохтаанд. Бо меҳр сухан гуфтани ин марди сахӣ дили касро ба ваҷд меоварад: «Он чиз маро хурсанд мекунад, ки аз маҳсули корам одамони бисёр баҳраманд мешаванд. Ба қадри ҳол эҳтиёҷоти одамонро бароварда, худамро сабук ҳис мекунам ва шукр мегузорам аз Парвардигори меҳрабону бахшоянда».

Воқеан, маҳсули дастранҷҳои Хидирака назаррас аст. Ҳамеша ниёзмандон барои гирифтани сабзӣ, картошка, помидор, карам, ангуру анор, тухмиҳо ва дигар неъматҳои деҳқонӣ дари ӯро мекӯбанд.

Хидирака дар овони ҷавонӣ бо касбҳои дигар, чунончи, дуредгарӣ, деворзанӣ, косибӣ машғул шудааст. То он даме, ки ба Ширкати маъданшиносии Қизилқум чун боғбон ба кор медароянд, ӯ дар колхози «Нурато» коргари риштаи сохтмон буд. Шуғлварзӣ бо ҳамин кори сангин қариб ки ӯро аз тоб баровардааст. Пас аз бемории кӯтоҳмуддат аз корҳои сохтмонӣ даст мекашад.

Ба ҷуз ҳунармандӣ, Хидири ҷавон куштигир ва асптози моҳире буд. Ҳатто бо номҳои ифтихории «Хидир-паҳлавон», «Хидир-купкаритоз» шуҳрат касб кардааст. Дар хусуси пешаҳои дуредгарӣ, либосбофӣ, бинокорӣ ва варзишкории ӯ мешавад доманадор суҳбат кард.

Хидирака аз соли 1990 бознишаста мешавад. Бо ин ҳол, аз кор худро сабукдӯш намекунад. Бо ибтикори ӯ ягона масҷиди куҳна дубора таъмир мешавад. Дарвоқеъ, Хидирака марди парҳезкор ва тақводорест. Намоз мехонад, расму русуми диниро ба ҷо меоварад.

Қаҳрамони мо тамоми умр дар байни мардум гашта, забону маънавиёти хешро бо дурдонаҳои ахлоқии мардумӣ зинат додааст. Ӯ сари ҳар сухани худ мақолеро, ибораи рехтаеро чун далел баён мекунад, фикрашро бо лаҳни равону дилангез ифроз медорад. Ӯ на аз онҳоест, ки дар сухан сакта кунад, балки устодест дар санъати сухан. Ҳамин ки ба суҳбат мепардозад, навозанда ё дамандозеро ба хотир меоварад, ки ҳар як ҳарфи ӯ андар пардаи нафис шевою таъсиргар ба истимоъ мерасад.

Мо аз лаззати гуфтори Хидирака бархурдорем, аммо худи ӯ гӯё ин лаззатро ҳис намекунад. Бузургии эшон низ дар ҳамин аст, ки дигарон суханвариашро эътироф мекунанд. Ӯ аз ҳар гуна падидаи манманӣ парҳез мекунад.

Аз Хидирака мепурсам:

– Ба шумо ишорае бас аст, ки фикратонро озоду равон баён кунед, дар шарҳу тафсири пурсише аслан дарнамемонед.

– Ин таҷрубаи ҳаёт аст, додарам, – бо лабханд посух медиҳад ӯ, – мо аллакай кундаи табархӯрдаю гурги борондидаем. Замоне мо ҳам хом мегуфтему хом андеша мекардем. Ин рӯзгори ғор аст, ки моро пухта карда.

Бе муболиға, Хидири Худойназар мардест обутобёфта дар пасту баландиҳои рӯзгор, ба гуфтаи Фирдавсии бузург:

***Касе, к-ӯ бувад судаи рӯзгор,***
***Набояд ба ҳар кораш омӯзгор.***

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**20-уми ноябри соли 1996**

## ТАҒОЙМУРОДИ РАССОМ

Тағоймурод дар курсӣ нишастааст. Ҷилави ӯ, болои миз қутичаву картонпораҳои бешумор бо рангҳои гуногун ва мӯқаламҳои хурду бузург дар як сӯ беназм хобидаанд.

Тағоймурод ангушти ишораро ба пешонӣ рост карда, хаёлангез ба нуқтае номаълум чашм дӯхта менишинад. Ӯ чиро фикр мекунад? Мурғи тахайюлаш дар чӣ гуна осмоне парвоз дорад? Барои бинанда маълум нест, фақат худаш медонаду Худо. Шояд манзараи тозаеро дар лавҳи хотир акс месозад ё моҷароеро тасвир карданист, ё…

Баъд аз чанд муддат оҳиста хам мешавад, мӯқалами хурдтаринро ба даст гирифта, ба ду-се ранг омезиш медиҳад ва чашмонашро хира карда, бо таваҷҷуҳи зиёд онро рӯйи коғази ғафси сапед медавонад. Аз пайи ҳаракоти ангуштони Тағоймурод рангҳо паёпай бо ҳам ҷанг мекунанд, болои ҳам хатҳои нозуку ғафс ҳамдигарро ҷо иваз мекунанд ва… кам-кам симои нуронӣ падид меояд. Бале, акнун аён шуд, хаёлоту оромии мутлақи рассом бар рӯйи коғаз мунъакис мешавад. Ӯ сурати момои Олиҳаро, ки бо чашмони фурӯрафтаи боумед менигарад, дар сар шоли сапеди шилшиладор партофтааст ва дастони хароби ожангдори худро бар сари дил нигаҳ медорад, ба сафҳаи коғаз фуровард. Аҷабо, гӯё момои Олиҳа зинда аст! Мисли ин ки мехоҳад бо симои ба табассум моил ба набераи ҳунарманди худ сипос гӯяд.

Рассоми нуратоӣ – Тағоймуроди эҷӣ асарҳои зиёд офаридааст. Онҳо бар рӯйи коғазу картонҳо, тахтачаҳо ва девору сақфи хонаҳо ба назар мерасанд. Ҳар як асари рассом баёнгари воқеае ё лаҳзаҳое аз рӯзгори одамон аст. Ҳар чизе, ки Тағоймуродро ба эҳсос оварда, таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намуда, бо таъсиргарӣ дилашро тасхир мекунад, тавассути мӯқалам дар сафҳаҳо акси худро меёбад. Осорхонаи рассомии ӯ пур аз манозири табиат, чеҳраҳои гуногун, симои зебои ҷонварону парандагон аст. Ҳар як тасвир хусусияти ба худ хосе дорад ва аз ҷиҳате диққатро сахт ҷалб мекунад.

Ана, манзарае аз поини боғ рӯйи тахтача акс ёфта. Он ҷо ҳама чиз муқаррарӣ ба назар мерасад: рӯди мавҷноки равон, шаршараи зери дарахти тут, чанд маҷнунбеди ҷилвагар дар канораҳои рӯд, ҳавзи начандон калон, ки шохае аз рӯд оби худро ба он мерезад, дар дури дур қатори кӯҳҳо ва болотар осмони нилгун. Аммо диққатро дар мусаввара, қабл аз ҳама, ду лаклак ба худ ҷалб месозанд ва маҳз нуқтаи марказии таваҷҷуҳ ҳам онҳоанд. Лаклакҳои тасвир назар ба сӯйи рӯду дарахтон ва ҳавз меафкананд ва мехоҳанд бо болҳои нимабоз ба он ҷониб парвоз кунанд. Мусаввир орзуи лаклакҳоро бо симои дилнишину ҷаззобе офаридааст…

Ҳангоми мусоҳиба Тағоймурод Тоҷиев воқеаи аҷиберо нақл кард. Ӯ боре дар хонаи як рафиқаш машғули кор будааст. Баногоҳ аз хонаи дигар садои баҳсу талош ва доду ғирев баланд мешавад. Тағоймурод як қад парида,

бедиранг мӯқаламро рӯйи миз партофта, давида ба даҳлез мебарояд. Аз тирезаи хонаи шафатӣ чашмаш ба рафиқаш меуфтад, ки бо ҳамсараш даъво мекард. Ӯ дастонашро бо виқор ба қафо гирифта, дод мезад: «Нафасатро каш!» Зан бошад, дастафшон ба шавҳар дарафтиданӣ мешуд ва ҳар сухани беҷо, ки медонист, ба сари ӯ фурӯ мерехт. Дар ҳамин лаҳза дар пешгаҳи хона кӯдаки лоуболи дохили гаҳвора дастакзанон гиря мекард…

Тағоймурод каме ба сукут меравад, аз манзараи дидааш мутаассир шуда хаёломез ба хонаи кораш бармегардад. Ҳама кори рассомиро канор гузошта, ба тасвири он чӣ дида буд мепардозад. Ғайри чашмдошт, ин мусаввараи ӯ хеле ҷолиб дармеояд. Дар он нуктаи асосӣ дастакзанон гиря кардани кӯдак буд. Ҳар як бинанда ин тасвирро дида, равшан беэътибории волидайн ва маъсумияту ба ғамхорӣ ниёз доштани кӯдакро ҳис мекунад.

Тағоймурод дар охири нақли худ баён дошт, ки он рафиқаш бо ҳамсари худ баъд аз дидани тасвири офаридаи ӯ хеле афсӯс мехӯранд ва бо тавба аҳд мекунанд, ки дигар хархаша накунанд, то дар уболи кӯдаки бегуноҳ намонанд.

Тағоймурод маҳз бо табиӣ баровардани тасвирҳои худ диққати дигаронро ҷалб мекунад. Ӯ ҳар як манзараву воқеа ва ашёи дидаву ҳискардаашро зиндаву дилкаш ва ҳассосона ба килки рассомӣ мекашад. Дар расмҳои офаридаи Тағоймурод гӯё одамон бо ҳам дар иртиботанд: сари як пиёла чой, ҳангоми муколама, вақти китобхонӣ, дар аснои изҳори муҳаббат… Мӯқалами ӯ тараннумгари зебоии табиат, таҷассумгари эҳсоси мухталифи одамону ҷонварон аст. Гӯё ҳастии олам бо ҳастии эъҷозофари Тағоймурод тавъам часпидааст.

Имрӯз Тағоймурод бо ҳунари худ ба эҳтироми самимии ҳамдиёрон сазовор гаштааст. Ӯро мудом ба сӯйи худ мекашанд, то мусаввараe зебо бարояшон эҷод кунад, сурати модару падар, момою бобо ё наздиконашонро офарад, хонаашонро хушрӯву диданӣ созад, то аз харидани қолиҳои девории геронбаҳо раҳоӣ ёбанд…

Ва ин аст, ки ҳама мегӯянд: «Дастонаш гул аст, Тағоймуроди рассомро!»

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**7-уми декабри соли 1996**

## МАРДИ ХЕШТАНШИНОС

Бештар дар замони сарварии Шароф Рашидов заминҳои нави вилояти Дизах азхуд шуда, дар ин минтақа корҳои гуногуни хоҷагии халқ тавсиа ёфт. Ба хусус, густариши кори кишоварзӣ қариб тамоми ноҳияҳои навташкилро фаро гирифт. Баробари пайдо шудани ҷойҳои тозаи корӣ даста-даста одамон аз шаҳру масканҳои дигар ва аксаран аз деҳаҳои кӯҳистон ба ин ҷо омада сукунат ихтиёр карданд. Ҳамзамон аҳолии маскуншуда  аз хадамоти маданию маишатӣ ба таври муназзам бархурдор гардиданд.

Байни ҷамъияте, ки дар хоҷагиҳои навбунёд зиндагӣ доранд ва кор мекунанд, нуфуси тоҷикон низ зиёд аст. Бояд гуфт, ки онҳо ҳарчанд ба мисли мардуми дигар бо васоили рӯзгор таъмин ҳастанд, аммо бисёриашон аз муҳимтарин воситаҳои равшангарой маҳруманд. Пӯшида нест, ки дар ин минтақа густариши забони модарӣ эҳсос намешавад, ҳифзи сарватҳои маънавии тоҷикон дар сатҳи паст қарор дорад. Нахуст, парокандагии аҳолӣ ва дувум, бетаваҷҷуҳии падару модарон боиси он шудааст, ки фарзандонашон дар мактабҳои ӯзбекию русӣ таҳсил бигиранд. Илова бар ин, аксари тоҷикони минтақаи мазкур ба ягона рӯзномаи ҷумҳурӣ – «Овози тоҷик» обуна намешаванд, гуфторҳои тоҷикии радиои ҷумҳуриро гӯш намекунанд, барномаҳои «Рангинкамон»-ро аз тариқи телевизион намебинанд. Аз ҳама даҳшатбор ин аст, ки ба такаллуми тоҷикӣ ва омӯзиши таърихи халқи худ бефарқ нигоҳ мекунанд.

Дар ин гуна муҳит зиста, синфҳои тоҷикӣ кушодан, расонаҳои фарҳангию иттилоотиро тарғиб кардан аз ҷумлаи аъмоли нек дар роҳи худшиносии миллӣ ва доштани меҳру муҳаббати фарзандони баору номус ба миллату забони хеш ба шумор меравад. Алалхусус, фаъол будани мактабҳои тоҷикӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон аз хурдӣ нишебу фарозҳои забони модариро тай карда, дурдонаҳои каломи аҷдоди худро сайқал диҳанд ва барои ояндаи пурифтихор таҳкурсии бомуътамад поягузорӣ кунанд.

15-уми июли соли 1989. Ин сана барои тоҷикони хоҷагии ҷамоавии ба номи Бобо Файзиеви ноҳияи Арнасой рӯзи фаромӯшнопазир аст. Он рӯз амвоҷи шодию хурсандии аҳли хештаншинос ба фалак мепечид. Марди худогоҳ Тӯра Фахриев қарори тасдиққардаи шуъбаи маорифи халқи вилоятро дар бораи кушодани синфҳои тоҷикӣ дар мактаби миёнаи рақами 14-и ба номи Садриддин Айнӣ эълон кард. Ҳар як падару модар табли шодӣ мезад аз он, ки хоҳишу дархосташон ҷомаи амал пӯшидааст.

Имрӯзҳо дар мактаби ёдшуда таҳсили омехта ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ ҷорӣ аст. Тадриси тоҷикӣ аллакай ҳашт синфро фаро мегирад ва нахустин самари боғи дониш бардошта шудааст. Таълиму тарбияи донишомӯзони тоҷик ва кори омӯзгорон таҳти раҳбарии мудири бахши илмии мактаб – Тunion Ҷӯраев қарор дорад. Шоистаи зикр аст, ки ин марди ҳушманду болаёқат ҳастии хеш, тамоми фаъолияти худро ба хотири рушду нумуи мактаб бахшидааст. Бо ҳамкории Салим Турдиев, Ҳанифа Восилова (ҳамсараш), Раъно Милтиқова ва дигарон омӯзиши фарзандони тоҷикро мутобиқи талаби замон, эътимодбахш ба роҳ мондааст.

Дар бораи чунин инсонҳои ҷонсупор ҳарф задан бас массарратбахш аст. Ин қабил одамони худшинос ба монанди гулҳое ҳастанд, ки ба гулистони илму маърифат бӯю атри диловези хешро мепароканан.

Туроб Ҷӯраев 8-уми феврали соли 1966 дар деҳаи Ӯхми ноҳияи Фориш зода шуда, мактаби миёнаи зодгоҳи худро соли 1983 хатм кардааст. Ҳамон вақт, ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна таҳти роҳнамоии устодон Ҳоҷимурод Элмуродов, Нусратуллоҳ Ҳикматов, Толиб Қазоқов нисбат ба илмандӯзӣ шавқи беандоза пайдо мекунад. Ба вижа, барои омӯхтани фанни

забону адабиёти тоҷик меҳру алоқаи хосса зоҳир менамояд. Бо ин бастагӣ ба забони модарӣ ва каломи бадеъ, ҳамон сол донишҷӯйи бахши тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд мегардад. Солҳои 1984 – 1986 дар шаҳри Астрахан давраи сарбозиро мегузарад. Сипас соли 1990 донишгоҳро хатм мекунад. Бо дарёфти диплом Туроби ҷавон дарк мекунад, ки дигар ӯ ба ҳаводиси рӯзгор бетафовут нест. Рӯ ба рӯяш даричае боз шудааст, ки аз он шуълаи гулхани фарҳангу таърихи ниёкон ва анвори гарми Хуршеди каломи модарӣ медурахшад. Ӯ равшан дармеёбад, ки бояд дар яке аз гӯшаҳои дурмонда ба фарзандони миллати худ аз чашмаи донишу фаросат об диҳад...

Иттифоқан, Туроб Ҷӯраев меҳмони шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ гардид. Доир ба фаъолияти омӯзгорӣ, шароиту имконоти омӯзишу парвариш дар мактаб ва роҷеъ ба тарзи зисти ҳамкорону ҳамдеҳагони эшон суҳбат ороста шуд. Аз ӯ пурсидем:

***– Вақте ки бо ҳамзабонон ҳамсуҳбат мешавем, иддао мекунанд, ки ба забони модарӣ таҳсил гирифтани фарзандонашон бефоида аст. Бачаҳо пас аз хатми мактаб намедонанд таҳсили худро дар куҷо идома диҳанд. Бахшҳои тоҷикӣ дар донишкадаҳои кишвари мо ба қадри кофӣ нест. Аввалҳо ба Тоҷикистон мерафтанд, имрӯз бошад, аҳволи он ҷо низ вазнин ва рафтуомад мушкилиҳо дорад. Шумо дар ин бора чӣ назар доред?***

– Ошкоро мегӯям, ин андеша ғалат аст, – бо таъкид посух дод Туроби муаллим. – Аввал ин ки, ба гуфтаи шоир:

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон-ш осон гардад.

Ман медонам, ки аксари бачаҳои мо то хатми мактаби миёна забони ӯзбекиро ёд мегиранд. Зеро барои донистани он имкониятҳо фаровон аст: аз як сӯ, забони давлатӣ дар тамоми мактабҳои тоҷикӣ омӯзонида мешавад ва аз ҷониби дигар, муҳити мо, васоити ахбори оммавӣ барои омӯхтани забони ӯзбекӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Дувум, набояд аз воқеаҳои рӯзгор руҳафтода шуд. Вазъияти кунунии Тоҷикистон даргузар аст. Иншоаллоҳ, аз пайи сулҳу салоҳ он кишвар бо роҳи мустақили худ меравад ва ба хотири пешрафти забону фарҳанг низ иқдомоти нек ба амал меояд. Ба ғайр аз ин, дар худи ҷумҳурии мо ҳам саъю ҳаракатҳо барои кушодани факултаҳои тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Чунончи, дар айни ҳол литсею коллеҷҳо ва донишгоҳҳои Самарқанд ба ин кор миён бастаанд.

***– Шумо китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва дигар маводи омӯзиширо чӣ гуна дастрас менамоед?***

– Бояд гӯям, ки пеш аз ҳама, мо бо мактабҳои ҳамсоя, масалан, бо мактаби миёнаи хоҷагии ҷамоавии 13-и ноҳияи Дӯстлик, ки сардари синфҳои тоҷикии он устод Саъдуллоҳ Расулов мебошад, ва ҳамчунин мактабҳои тоҷикии кӯҳпояи Нурато ҳамкориҳои зич дорем. Дар мубодилаи китобу дастурҳо ва дигар маводи лозим ба ҳамдигар ёрӣ мерасонем. Ҳамчунин моро

аҳолии тоҷикзабони хоҷагиамон ва шуъбаи маорифи халқи ноҳия, ки раҳбараш Ботур Азизов аст, ҳамеша дастгирӣ мекунанд. Маҳз бо кумакҳои моддии онҳо дар соли гузашта ба миқдори кофӣ китобу дастурҳои лозимро аз шаҳрҳои Самарқанду Тошканд дастрас кардем.

***– Оё шудааст, ки ба коратон халал расонанд ё ба муаммо рӯ ба рӯ омада бошед?***

– Албатта, дар зиндагӣ ин гуна ҳолатҳо рух медиҳад. Ҳангоми кушодани синфҳо, тақдир намудани хонандагон, гузарондани ҷашнҳо, обунашавӣ мушкилот пеш меояд. Азбаски мо бо падару модарон ва шуъбаҳои таълим робитаи муҳкам дорем, ҳар гуна муаммо роҳи ҳалли худро меёбад, дар пешорӯйи ин иттиҳодамон касе ҷуръат намекунад ба мо пешпо занад...

Мушоҳида гардид, ки ҳар як гуфта ва иродаи қавии Туроб Ҷӯраев далел бар худогоҳии ӯст. Ҳамчун фарзанди баорияти халқ талош мекунад забон ва расму оини миллӣ пойдор бимонад. Ӯ бо садоқат ва кордӯстӣ ва хештаншиносии худ дар қалби мардум ҷо гирифтааст.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**8-уми феврали соли 1997**

## ПАЁМНИГОРИ АСЛҶӮ ВА ВОҚЕЪБИН

Дар байни мо касони бисёре ҳастанд, ки бо яъсу ноумедӣ наметавонандояндаи неки худро тасаввур кунанд. Онҳо, ҳатто, барои раҳоӣ ҷустан аз бунбастҳо ва рӯшансозии руҳияи тори хеш саъю талош намеварзанд. Ба пиндорашон, гӯё аллакай дар гирдбоди сарнавишти талх гирифтор шудаанд. Хеле аламовар аст, ки ба коми ин гирдбод наслҳои хешро низ чун «хасак»-ҳои наҳифу нимҷон меафкананд. Ин ноумеду руҳафтодагон хаёл доранд, ки дигар ниҳолакони боғи умрашон наметавонанд аз чашмаи лисони аҷдодӣ об бихӯранд, дигар аз пайи ҷустани ҷӯяку чашмаҳои нав рафтан суде надорад ва агар обе ҳам ёфтанд, шӯр асту талх...

Шоири ҳассос Гулрухсор мегӯяд:

***Бенасибе аз насиби ризқи худ,***
***Мисли ман дар олами савдо маҷӯ.***
***Аз фиреби воизонам шиква нест,***
***Худфиребе мисли ман асло маҷӯ.***
***Шеваи шевои алфози дарӣ,***
***Аз забони сактадори ман маҷӯ.***
***Хешро бо панҷаи худ куштаам,***
***Аз мани дӣ куштае фардо маҷӯ.***

Бар хилофи гуфтаҳои боло, зиндагии равон касонеро низ фаро гирифта, ки ноумед нестанд, ниҳолакони боғи худро аз хӯрдани обҳои шӯру талх нигаҳ доштаанд ва ба онҳо аз чашмаҳои асилу тамиз оби ҷонбахш хӯрондаанд. Маҳз ҳамин ниҳолакони ҷавоназадаи сербор имрӯз бояд ба ҳама ниҳолони сиёҳбаргу рӯ ба хазонӣ оварда намунаи ибрат бошанд.

Юсуфи Мирзозод дар овони кӯдакию наврасӣ аз ин мактаб ба он мактаб, аз ин муаллим ба он муаллим мегашт ва гоҳ ба ин забону гоҳе ба забони дигар таълим мегирифт. Мисли ин ки гоҳе оби шӯр мехӯрду баъзан оби талх. Ниҳоят, бо роҳнамоии падари некбину дурандеш ва дӯстон ӯ соли 1957 дар мактаби тоҷикии рақами 10-и ба номи Фирдавсии шаҳри Ангрен дар синфи нуҳ ба таҳсили худ идома медиҳад. Бо худомӯзӣ ва саъю ҳаракатҳои беандоза забони модариашро (қаблан ба забонҳои дигар таҳсил мегирифт) ҳамаҷониба меомӯзад. Бо ин ҳадаф шабу рӯз луғоти гуногунро варақ мезад, асарҳои бадеӣ мехонд, чунончи, китобҳои устод Айниро аз даст канор намегузошт. Дар ин роҳ дастгирии мудири мактаб Расулзода хеле судманд буд.

Дертар рӯ овардани Юсуфи ҷавон ба дурдонаҳои мероси ниёкон, ҳарчи бештар омӯхтани адабиёти Машриқзамин дар дилаш шуълаи муҳаббатро нисбат ба забону адабиёт ва фарҳанги форсизабонҳо меафрӯзад. Ӯ аҳд мекунад, ки таҳсилро дар Донишгоҳи шарқшиносӣ идома диҳад, дар сурате ки он замон донишҷӯйи ин донишгоҳ шудан кори осон набуд. Ҳарчанд Юсуфалӣ остонаи донишгоҳро ду соли тамом, ба қавле, охурча мекунад, ниҳоят соли сеюм ба муроди хеш мерасад. Декани бахши Филологияи эрони донишгоҳ Шоислом Шомуҳаммадов тайи се соли имтиҳонсупорӣ бо Юсуфалӣ ошно шуда буд, ки дар поён ба иродаи қавии ӯ қоил омада изҳор медорад: «Ба мо чунин бачаҳои боматонат лозиманд. Маҳз чунин донишҷӯён таҳсилро то охир мебаранд».

Дар ҳақиқат, Юсуфалӣ Мирзоев донишҷӯйи пешқадам гашт. Ӯ дар байни ҳамсолони худ ва устодон аз чеҳраҳои намоён буд. Ба хусус, сатҳи баланди забондониашро ҳама эътироф мекарданд. Донишҷӯён дар омӯхтани хат ва матни классикӣ азоб мекашиданд, ӯ бошад, ҳар гуна сахтию мушкилиро нодида мегирифт. Бо ёрии устодаш Муҳаммадҷонов на танҳо асрори хатти ниёкон ҳамчунин нозукиҳои назму насри форсиро омӯхт. Дар ин бора худаш мегӯяд: «Дар ин замина донистани забони модариам ба ман кумак мекард. Ҳамкурсони ӯзбекам ба иллати надонистани забони форсӣ дар фаҳмиши матнҳо душворӣ мекашиданд, саъй мекардам ҳар гоҳи даст додани фурсат ба имдодашон бирасам. Азбаски дар донишгоҳ форсиро амиқтар омӯхтам, ба ин васила маҳдудият ва сактагиҳои кӯдакиамро дар лафзи модарӣ барҳам додам».

Пас аз соли чоруми донишгоҳ Юсуфалӣ ба унвони донишҷӯйи аълохон ва пешқадам ба сифати мутарҷим ба Афғонистон фиристода мешавад. Ӯ дар ҳайати Департаменти заминшиносии он кишвар кор мекунад. Он рӯзҳоро чунин ба хотир меоварад: «Ҳангоми кор аз деҳа ба деҳа, аз кӯҳ ба кӯҳ мегаштем. Шуғли ҳамкорони ман бештар бо кашфи сангҳои қиматбаҳо ва

ҷинсҳои нодири кӯҳӣ, канданиҳои фоиданоки қисми шимолии Афғонистон алоқаманд буд. Анвои мухталифи сангҳои нодиру холис, ки кӯҳсори афғон моломоли онҳост, чун лаълу ёқут, марҷону алмос, турмалину берил, бариту топаз то ҳол дар назарам ҷилва мекунанд. Дар замони иҷрои кор ба хонаҳои афғониён медаромадем, аксаран худашон ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Мардуми содаю одӣ ва аҷаб шеърдӯсту адабпарвар буданд онҳо! Мусоҳибаҳои шавқангезу шеъргӯйиҳои ману бародарони афғон ба ҳамкорони русзабонам хуш меомад, аз гуфтугузори мо завқ мебурданд. То ҳол ба назарам чунин менамояд, ки дар он ҷо чашми ман ба дунёи дигаре, ба рӯзгори дигаре бо ранги нав, боз шуда буд».

Юсуфи Мирзозод мебоист соли 1963 ҳамчун донишҷӯйи забондон ва корозмуда дар Кобул идомаи таҳсил намояд. Ба амри тақдир он сол хонадор мешавад ва бо маслиҳати падар хондани амалиро мавқуф мегузорад. Таҳсилашро дар Донишгоҳи ховаршиносии Тошканд идома дода, соли 1964 онро хатм мекунад. Сипас ҳамчун корманди хурди илмӣ дар Донишкадаи ҳуқуқу фалсафаи ба номи Абурайҳон Берунӣ ба кор медарояд.

Он солҳо шаҳри Душанбе дар назари Юсуфалии ҷавон ба мисли як гӯшаи биҳиштӣ зоҳир мешуд. Хеле мехост ба он ҷо раваду муқим шавад ва сарнавишти ояндаашро ба он шаҳр бипайвандад. Аммо бо сабаби бемории падар аз раъяш мегардад ва қиблагоҳаш низ дур шудани ӯро аз наздаш намехоҳад. «То ба ҳол суханони дар он лаҳза гуфтаи падарам пушти гӯшҳоям садо медиҳад, – ба ёд меоварад Юсуфалӣ, – ӯ таъкид карда буд, ки дарахт бояд дар як ҷо бисабзад. Мо акнун тошкандӣ ҳастем, ту дар ҳамин ҷо таваллуд шуда таҳсил гирифтӣ. Акнун ки аз дастат кор меояд, бояд дар ҳамин ҷо, ба мардуми ҳамин сарзамин хидмат кунӣ. Ман имкон надоштам ба забони модариамон хонаму эҷод кунам, вале ин имконият дар дасти ту ҳаст. Ба дониши ту ҳазор-ҳазор ҳамдиёрони тоҷикамон ниёзманданд. Ман насиҳати падарамро қабул кардам, зеро аз ҳар ҷиҳат ба ӯ бовар доштам ва бидуни қиблагоҳ гӯё чун колбади беҷоне будам».

Ҷойи зикр аст, ки падари Юсуфалӣ – Мавлон Мирзоев дар синни ҳаштсолагӣ ба Тошканд омада буд. Гузаштагони ӯ аз понғозиёни Ашт мебошанд. Дар таърих муҳоҷирати понғозиён як саҳифаи махсус аст ва муқимшавии онҳо дар шаҳри Тошканд дусаду панҷоҳ-сесад солро фаро мегирад. Ба хусус, дар ибтидои асри бист гурӯҳ-гурӯҳ омадани аҳли Понғоз ба Тошканд мушоҳида мешавад. Онҳо дар ин ҷо ҳатто маҳаллаҳои алоҳида таъсис додаанд. Чунончи, яке аз маҳаллаҳояшон Ҳамдамобод ном дорад.

Мавлон Мирзоев ба сифати корманди масъули давлатӣ фаъолияти босамар дошт. Ӯ бештар дар Комиссариати халқии воҳидҳои умури дохила кор карда, бо тақозои шуғли худ борҳо ба шаҳрҳои гуногун сафарҳои хидматӣ анҷом медод. Дар ниҳоди ӯ сифатҳои сабру тоқат, мардонагӣ, қатъияти ирода беш аз пеш мустаҳкам шудаанд. Ҳамин хислатҳои воло ба писараш низ интиқол меёбад. Баъдтар воқиф мешавем, ки Юсуфалӣ бо алоқа ба касби падар, дар ҷараёни фаъолияти худ ба умури муассисаҳои ҳифозати ҳуқуқ, шаҳрбонҳо (милитсия), кумитаи амният таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Падари Юсуфалӣ Мирзоев бо унвони ҳарбии подполковник бознишаста мешавад ва дар синни 75 солагӣ олами равшанро падруд мегӯяд.

Модари Юсуфалиро Холбибӣ ном буд. Ӯ тамоми меҳрабониҳои модаронаи худро ба ҷигарбандаш эъто намуда, писарро дар руҳияи одамдӯстӣ, олиҳимматӣ ва меҳанпарастӣ тарбият додааст. Вақте ки Юсуфалӣ 57 сол дошт, модари 87 солааш аз олам чашм мепӯшад.

***

Имрӯз дар ҷумҳурии мо Юсуфи Мирзозодро ҳамчун паёмнигори чирадасти рӯзномаи «Овози тоҷик» мешиносанд. Ӯ 28-уми феврали соли 1967 фаъолияти худро ҳамчун корманди хурди адабӣ оғоз кардааст. Вақте ки ба ин даргоҳи маърифатӣ қадам ниҳода буд, тайи имтиҳони кӯтоҳу ҷиддӣ аз сӯйи устод Ҳамидҷон Қиличзода, сатҳи донишу кордониаш ба таври шоиста арзёбӣ шуд. Юсуфалӣ бо донистани дарёи вожаҳо ва бархурдор будан аз салосати забони форсӣ мавриди писанди кормандони рӯзнома қарор гирифт.

Агар саҳафоти кории ӯро дар идораи рӯзнома варақ занем, ба тобишҳои гуногуни фаъолияташ рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҳама навъи риштаи паёмнигорӣ – мақола, очерк, репортаж, сафарноманигорӣ, шарҳу тафсир, тарҷума, лавҳа, мусоҳиба... қувва озмудааст.

Мирзоев ҳамчун таблиғгари навгониҳои Вазорати умури дохила ва фаъолияти шаҳрбонҳо шуҳрат дорад. Ӯ зери рукнҳои «Милитсияи ман – посбони ман», «Ғавғои кӯчаҳо», «02 хабар медиҳад», «Хабарҳои умури дохила», «Амалиёти доруи сиёҳ», «Заҳри гиёҳ» ва ғайра даҳҳо мақолаю хабар ва гузоришу мусоҳибаи худро ба табъ расондааст. Дар ин замина чандин бор бо подошу грамотаҳои фахрии Вазорати умури дохила сарфароз шудааст.

Ба туфайли саъю кӯшишҳои Юсуфалии ҷӯяндаю кордӯст шуъбаи таблиғотию ташвиқотии рӯзнома ҷоннок мешавад. Ӯ ҳамчун мухбири калон ва мудири шуъбаи мазкур рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон»-ро дар назари хонандаи тоҷик ба сифати мунъакисгари айнии воқеаю рӯйдодҳо нишон медиҳад. Аз меҳнати босамар ва маслиҳату машваратҳои ӯ шогирдони зиёд баҳра бурдаанд, чунончи, рӯзноманигор ва шоир Ӯғулой Ҷӯрабоева, рӯзноманигор Эҳсон Турдиқулов аз ӯ миннатдоранд. Ба гуфтаи эшон, хабарнигорон ба мисли Юсуфи Мирзозод ангуштшуморанд.

Барҳақ, Юсуфалии журналист аз зумраи эҷодгаронест, ки бо ҷаҳонбинии фарох, иродаи устувор ва дониши пухта матолиби хонданӣ менависад. Чунончи, таърихи сафарноманигории ӯ саҳифаи ҷолиби диққатест, ки хонандаро ба роҳи бепоёне мебарад ва бо маҳалҳои мухталифи ватанию хориҷ аз он ошно мекунад. Азбаски ба аксари шаҳру навоҳии мамлакат, кишварҳои дигар, чун Афғонистон, Эрон, Тоиланд, Фаронса, Белжик, Маҷористон, Румониё, ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сафарҳо кардааст, аз наздик шоҳиди зиндагии мардуми гуногунзабону гуногунфарҳанг мегардад ва дидаю шунидаҳои хешро дар чандин саҳифа ба қалам медиҳад. Ӯ бо шавқу завқи беинтиҳо доир ба ҳаёт, тарзи муошират,

рушди илму фан, расму оини мардумӣ, ранги хоси сиёсатҳо, шароити таълиму тарбия ва ғайра нақлҳои ҷолиб мекунад.

Ба вижа, хотироти Юсуфалии зебоипараст перомуни одоби эрониён, алоқаи онҳо ба шеъру адабиёт, ҳифзи суннатҳои мардумӣ рангину ҷаззоб аст. Ӯ аз покдомании бонувони эронӣ, виҷдони софи халқи форс ва боварашон ба якдигар ба ваҷд омадааст. Хабарнигор дар Урупо гашта, бо чашми кунҷковона ба ҳар чиз, ба одоби урупоиён диққат медиҳад. Дар хусуси рушди илму фарҳанги ҳӯландиҳо бо эҳсос сухан мегӯяд. Аз дучархасавории онҳо, мошинҳои ҳисоббарори электронӣ бо завқ ёдовар мешавад. Нигоштаҳои ӯ доир ба ҳаёти халқи афғон, алалхусус заршӯйии онҳо, муошират ва тарзи хоксоронаи зиндагиашон таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб мекунад.

Дар кул, хотироти аз сафарҳояш бардоштаи Юсуфи Мирзозод бепоён аст ва шояд таҳқиқи сафарноманигории ӯ як кори илмӣ ва шарҳу тафсириро тақозо кунад.

Очеркҳои адиб низ ҷолиби диққатанд. Онҳо дар муҳтавои худ рӯзгору фаъолияти одамони ҷудогона, аҳли ҷамоаҳо ва мавзуъҳои мухталифи ҳаётиро мунъакис мекунанд. Ҳар гоҳ муаллиф роҷеъ ба ҳаёту кор ва доираи шуғли касе очерк менависад, саъй мекунад, ки ҷонибҳои таъсирангез ва тарбияомези мавсуфро ошкор созад. Барои такмилу таъйиди сухан аз мақолу зарбулмасалҳо, суханони одамони шинос, аз тасвири манзараҳои дахлдор истифода мекунад. Ин гуфтаҳоро охирин очерки Мирзоалӣ, ки дар бораи инсони равшанзамир Тӯхтамурод Набиев иншо кардааст, собит месозад. Боре аз худи устод Тӯхтамурод пурсидем, ки оё аз навиштаҳои эшон хушаш омадааст? Ӯ гуфт: «Ман, рости гап, дар ҳайрат мондам, ки чӣ қадар рӯзгори мана равшан нишон додаанд. Навиштаҳояшона мехонаму ҳаётама гӯё дар навори филм мебинам...»

Юсуфи Мирзозод аз кӯдакӣ ба ҳунари аккосӣ алоқаи махсус дошт. Ӯ ба ёд меоварад: «Дар овони бачагӣ асбоби суратгираки падарамро тамошо карда ба завқ меомадам. Ҳар гоҳ ба даст мегирифтам, онро беист паҳлугардон мекардам. Аз чирик-чирик суратгириҳои он лаззат мебурдам. Ҳатто орзу доштам, агар калон шавам, суратгир мешавам». Бо тақозои сарнавишт касби хабарнигорӣ ба Юсуфи Мирзозод насиб гардид. Дар натиҷа, паҳлуи коғазу қалам ва дастгоҳи сабти овоз, дурбини аккосӣ низ ба яке аз асбобҳои дӯстдоштаи ӯ мубаддал шуд. Имрӯз дар бойгонии паёмнигор садҳо сурат ҷамъ омадаанд, ки лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа – вохӯриҳо, замони амалиёт, ҳунармандӣ, ҷараёни тадрис, кори корхонаҳо, зебоиҳои табиат, сурати одамон ва ҳоказоро «бозгӯйӣ» мекунанд.

Юсуфи Мирзозод аввалин мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Тошканд аст. Ин корро босамар пеш мебарад. Азбаски марди дилёбу хушсуҳбат аст, дар ҳама ҷо аз ӯ бо мамнуният истиқбол мекунанд.

Ҷойи зикр аст, ки Юсуфалии журналист бо овози ширадору дилнишини худ низ ба дили сомеон роҳ ёфтааст. Ӯ чанд муддат дар шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ гӯяндагӣ карда буд. Бо ҳамкории Хӯҷамурод Қӯлдошев,

Султонбой Ҷиянбоев гуфторҳои радиоиро таҳия ва пахш кардааст. Дар давоми ин фаъолияти худ чандин радиоочерк, радиорепортаж, гуфтори адабӣ ва мусоҳибаҳои ҷолиброэҷод ва ташкил додааст.

Юсуфи Мирзозод соҳиби шаш фарзанд – се писару се духтар аст. Ӯ бо ҳамсараш Ҳалима Ғанизода чархи рӯзгорро гардонда, фарзандони хешро барои дарёфти беҳтарин хислатҳои инсонӣ раҳнамун месозанд. Адиб, ба хусус, бо писари калониаш Алишер мефахрад. Ҷидду ҷаҳд, ҷӯяндагӣ, омӯзиши муттасил ва сари ҳар қадам барои кори хубе талош кардани фарзанд мавриди писанди ӯст. Алишер дар айни ҳол ёвари раиси Намояндагии ширкати «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» дар Шоҳигарии Нидерлонд аст.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**18-уми июни соли 1997**
**(бо ҳаммуаллифии устоди рӯзноманигорӣ Тоҳир Олимбоев)**

## «СИРРИ МАН АЗ НОЛАИ МАН ДУР НЕСТ…»

***Забонат даркаш, эй Ҳофиз, замоне,***
***Ҳадиси безабонон бишнав аз най.***
***(Ҳофизи Шерозӣ)***

Най ҳикоят мекунад…

Ҳикояти он кӯтоҳу мухтасар нест, ҳикоятест дорои қисса андар қисса, пур аз таронаҳои ҳаёт, баёнгари лаҳзаҳои дилангези зиндагӣ. Нақли най аз сururу шодмониҳои ҷавонӣ, аз авзои ногуфтании ҳастии инсонист.

Най суруди шодӣ месарояд…

Суруде, ки аз чашмаи дилҳои хурсанду хуррам об хӯрдааст ва дар шарёни вуҷуди одамон равон аст, ки ба ҳавои даҳан, бо дамидани нафас дар муҳраю сӯроххои най мелаппад ва берун меояд. Суруди дилангезу лаззатбор масаррате ба қалбҳои хуфтаву муҳтоҷ ато мекунад.

Най нола мекунад…

Нолаи он муқаррарӣ набуда, як ҷаҳон дарду ғам дорад ва он ҳама аз ғамбоди қалбҳои шикаставу озордида дарак медиҳад. Муҳраю сӯроххои най охирин умедгоҳи диланд, ки аз худ садои таскиндиҳанда берун месозанд ва андаке ҳам бошад, ба дардҳои дил дармон мебахшанд.

Вақте ки най ҳикоят дорад, суруд мехонад ва нола мекунад, қалби найнавоз сабук мешавад, ба рагу пояш неруи тозатаре зам мегардад, руҳаш меболад ва… шукр мекунад аз ҳукми таскин. Ва ин таскин мунҳасир ба фард нест, садои най роҳату лаззат мебахшад инчунин ба танҳои дигар, ба қалбҳои дигар.

Насриддин бо навохтани як най қонеъ нест. Ӯ ҳамзамон ду най, ба гуфтаи худаш, «қӯшнай» менавозад. Қӯшнай дар фароварди мусиқии имрӯз яке аз муҳимтарин асбобҳои нафасӣ аст. Онро аз пояҳои ниҳоят мустаҳками гиёҳи най устои чирадаст ё худ найнавози ҳақиқӣ месозад: ба найчӯб сайқал

медиҳад, мухраҳо мебарорад, сӯроххо меандозад, ба пардаҳои нафас мутобиқ мегардонад. Чун Насриддин хулоса кардааст, «ҳар касе, ки бо дасти худ най месозад, ҳатман ба қадри он мерасад. Навохтани қӯшнай назар ба найи маъмулӣ, мантиқан, ду баробар мушкилтар аст. Агар най овози маҳину мулоим барорад, қӯшнай бар замми ин боз оҳанги борику нозук меофарад. Мумкин аст найро бисёр касон навозанд, аммо қӯшнайро на ҳар кас. Омӯхтани навохтани он як мактаб аст».

Насриддин Рӯзиев асосан қӯшнайнавоз аст, вале ҳама шиносу дӯстон ӯро «найнавоз» мехонанд. Ӯ дар ҳайати оркестри созҳои халқии ба номи Донӣ Зокиров, ки як сутуне дар мавҷудияти Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, фаъолият дорад. Бо ин ҳунар Насриддин бисту як сол собиқаи корӣ дорад, аммо мусиқорест бе унвон ва соҳиби тухфаю коғазҳои ифтихории башумор, ҳарчанд баъд аз чаҳор сол, ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, дари бознишастагиро мекӯбад, зеро навозандагони асбобҳои мусиқӣ ҳам чун кормандони низомӣ имтиёз доранд дар барвақт баромадан ба айёми нафақа.

Ба ҳар ҳол, Насриддин ҳазор бор шукр мекунад аз ҳунари омӯхтааш, аз ҳунаре, ки метавонад бо он ба дардҳои мардум марҳам бахшад. Ӯ бо хоксорию фурӯтанӣ, бо дилбастагии комил ба касби худ ба инъому тақдирномаҳо умед набастааст ва аз унвону узвияте низ ёдовар нашудааст. Хурсандии сомеон, ашкҳои равону анвори рахшидаи чашмони мардуми боҳуш, даст фушурдану ба оғӯш гирифтани мухлисони ба ҳаяҷону ба эҳсос омада бузургтарину беҳтарин инъомест барои Насриддин.

Насриддин Рӯзиев зодаи хоки бостонии Бухорост ва соли тавлидаш 1954. Ӯ ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна ба шунидани оҳангҳои дилнишин, ба доиразанӣ шавқи беандоза дошт. Сурудаҳои ҳофизонро пайваста замзама мекард ва бештари оҳангҳоро бо як шунидан ёд мегирифт. Аз ҳама пештар ин қобилияти Насриддинро тағояш Собирҷон Собиров пай мебарад. Ӯ ҳар гоҳ ба хонаи хоҳараш меомад, ба Насриддин мегуфт: «Канӣ, ҷиян, «Раъно ту гулам»-ро хон». Ва Насриддин ҳамоно бо овози ширадори худ ба сурудан мепардохт. Тағо ба завқ омада меафзуд: «Акнун «Индамади». Насриддин боз мехонд. Тағо дубора амр мекард: «Ҳоло доира бизан»…

Дар замони мактабхонӣ ҳам бештар бо таҳрики тағояш таваҷҷуҳи Насриддини ҷавон ба илми мусиқӣ меафзояд. Муттасил дар маҳфилҳои мусиқии мактаб иштирок мекунад ва ба як симои ҳақиқӣ дар ҷамъомадҳои тантанавию ҷашнҳои мактаб табдил меёбад.

Тағояш мехост ӯро пас аз хатми синфи ҳаштум ба омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Бухоро барад, аммо падар – Садриака ба ин раъйи ӯ мухолиф мебарояд. Он вақт дар ҳузури Собирҷон ба писараш гуфта буд: «Дар гузаштаҳои мо санъаткор нест. Ту дигар касбро ёд гир, инженер шав, муаллим шав…»

Ҳамин тавр, бо талабу хоҳиши падар Насриддин пас аз итмоми мактаби миёна, бо мақсади муҳандис шудан, ба донишкадаи политехникӣ ҳуҷҷат супорид. Шояд ба сабаби ин ки шавқу завқи ӯ чизи дигарро мехост, ёду

ҳушаш ба сурудхониву доиразанӣ, ба ғижаку найнавозӣ банд буд, натавонист донишҷӯйи донишкадаи мазкур гардад. Соли дигар бошад, бо қатъият роҳи омӯзишгоҳи мусиқии Бухороро пеш гирифт. Имтиҳоноти дохилшавиро бо баҳоҳои баланд супорид ва донишҷӯ гардид. Дар ин хусус мегӯяд: «Вақте ки моро ба шуъбаҳо ҷудо мекарданд, аз ман пурсиданд, ки кадом бахшро интихоб карданиам. Ман мехостам ғижакнавоз шавам. Он замон устодамон Ҳикматҷон Неъматов синчакорона симои ман ва бештар ангуштони маро муоина карда гуфта буданд: «Ба ғижакнавозӣ дастони нозук лозим аст. Панҷаю ангуштони ту боби доира». Ман, ки бе он ҳам доиразаниро хуб омӯхта будам, орзу доштам ягон асбоби дигарро пурра ёд гирам. Ва норозигии маро устод пай бурд магар, бори дигар афзуд: «Набошад, ба шуъбаи найнавозӣ даро». Ҳамин тавр, аз соли 1971 таҳсили ибтидоии ҳунари худро оғоз намудам».

Насриддин Рӯзиев баъд аз хатми омӯзишгоҳ бо роҳхат ба Консерваторияи мусиқии Тошканд дохил шуд. Аз соли 1976 сар карда ба навохтани қӯшнай пардохтааст. Аллакай дар соли дуюми омӯзиш ӯ чун найнавози бомаҳорат шинохта мешавад ва бо даъвати раёсати Филармонияи давлатии ба номи Қорӣ Ёқубов, мувозӣ бо донишҷӯйӣ, чун навозандаи қӯшнай ба кор медарояд. Даҳ сол дар ҳайати оркестри созҳои халқии ба номи Тӯхтасин Ҷалилов, ки дар таркиби филармония таҳти раҳбарии Фаррух Содиқов амал мекард, бо навохтани қӯшнай ва дар мавридҳои зарурӣ бо доиразанӣ шуғл варзид.

Соли 1986 буд. Боре тағояш Собирҷон Собиров ва устоди аввалинаш Ҳикматҷон Неъматов ба Тошканд омада, аз Насриддин, ки аллакай дар олами санъат мастур гашта, як ҳунарманди баркамол шуда буд, дидан карданд. Хостанд ӯро ба Бухоро баранд. Аммо Насриддинро рухсати рафтан надоданд. Ӯ ҳунарманде буд чун обу ҳаво зарур. Соли 1988 дар ҳайати Оркестри созҳои халқии ба номи Донӣ Зокиров, ки таҳти раҳбарии оҳангсози номӣ – Мустафо Бафоев дар назди Кумитаи давлатии радио ва телевизиони ҷумҳурӣ кушода шуда буд, ба кор идома дод. Аз ҷониби ҳамин коргоҳ бо навбат соҳиби хона шуд, пайваста маҳорати касбии худро сайқал дод.

Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ки понздаҳ ҷумҳурӣ узви он буданд, Насриддин Рӯзиев чандин бор дар сафарҳои эҷодии оҳангсароёну ҳунарпешагон ширкат варзидааст. Ӯ паҳлуи муғанниён ба шаҳрҳои Маскав, Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург), Киев, Боку, Алмаато, Душанбе ва ғайра рафта, дар гастролҳои ҳунарӣ иштирок намудааст.

Боре филмбардорони Юнон меҳмони кишвари мо мешаванд. Онҳо аз найнавозии Насриддин низ иттилоъ ёфта, бо ӯ мулоқот мекунанд. Ҳангоми навохтани қӯшнай ба сурат мегиранд ва дар яке аз нақшҳои асосии филми мустанади «Шаҳри пурситора» ҳунари Насриддинро ҳам рӯйи навор мебардоранд.

Насриддин Рӯзиев пайваста дар ҷустуҷӯйи усулҳои нави эҷодӣ аст. Аллакай дар бойгонии мусиқии тоҷику ӯзбек чандин оҳанги навохтаи ӯ маҳфузанд. Чунончи: «Зулола», «Шароб-1», «Оҳиста», «Сели ишқ», «Ҷӯл

ороми», «Навои қалби ман», «Қӯшнай қӯшиғи», «Чапандози наво», «Дилхироҷ», «Фасли гул», «Сен бӯлмасанг», «Самои дугоҳ», «Фирӯз-2», «Маҳбуби ман шав», «Ҳадя». Бештар садои дилнавози қӯшнайи Насриддин бар оҳангҳои халқӣ, мусиқаҳои Сайфӣ Ҷалил, Тӯхтасин Ҷалилов, Ҳалим Ҷӯраев ва Мустафо Бафоев ҳамнаво гардидааст.

Нолаи қӯшнай ба таври алоҳида ё бо чӯр шудани доира, ё дар таркиби созҳои халқӣ садо медиҳад ва бояд хотирнишон сохт, ки Насриддин на ба ҳар як оҳанги навохтаи худ ном гузоштааст. Аксаран бар сурудҳои классикӣ ва халқӣ оҳанг мебандад, зеро маҳз лаззати он сурудҳо мағз андар мағзи найнавоз нақш бастааст.

Насриддин иброз медорад, ки дар омӯзиши нозукиҳои ҳунари найнавозӣ ба ӯ устодон Абдусамад Маҷидов, Йӯлдош Тоҷиев, Ҳалимҷон Ҷӯраев, Мустафо Бафоев кумакҳои зиёд кардаанд. Мирзошариф Мирбаротов сохтани найро ёд додааст. Қаблан пояҳои най аз шаҳри Кировободи Озарбойҷон дастрас мешуд, вале имрӯз бошад, аз Тоҷикистон, бештар аз Кӯлоб оварда мешавад.

Насриддин танҳоиро хеле дӯст дорад. Танҳоӣ аз он лиҳоз ӯро хуш аст, ки шоҳини илҳомаш бол мезанад. Бо дили пурэҳсос қӯшнай менавозад, оҳанге тоза, оҳанге салису дилнишин эҷод мекунад. Аз лобалои садрангиҳои хаёл навое меҷӯяд, бо кашишҳои муносиби пардаи гулу ҳаво медамад, бо алоқамандии тахайюл бар олудаю полудаҳои рӯзгор оҳанге менавозад. Ӯ мегӯяд: «Най овоздеҳи ҳастии ман, баёнгари орзуҳои дили ман аст. Шӯри диламро наю доира ба забон меоваранд ва ба ин васила қалбам шарики хурсандиҳову дардҳост. Ба гуфтаи Мавлонои Балхӣ:

***Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам.***
***Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.***
***Ҳар касе аз шарри худ шуд ёри ман,***
***В-аз даруни ман наҷуст асрори ман.***
***Сирри ман аз нолаи ман дур нест,***
***Лек чашму гӯшро он нур нест…»***

Боре ба хонаи Насриддин меҳмон шудем. Дар хонаи ин ҳунарманд он чиз вуҷуди моро тасхир кард, ки аҳли хонаводаи ӯ саросар як ҷаҳон лаззати мусиқӣ доштанд. Дарёфтем, ки на танҳо худи Насриддин, балки тамоми оилааш дилбохтаи мусиқианд. Духтари калониаш Нилуфар, ки донишҷӯйи бахши инглисии Донишкадаи омӯзгории Тошканд аст, фортепиано ва дуторро дӯст медорад ва ин асбобҳои мусиқиро бо маҳорати вижа менавозад. Писараш Фахриддин окардеонро бозӣ медоронад ва оҳангҳои форам дуруст мекунад. Духтараш Лобар бошад, синфи дуторнавозиро гузаштааст. Нуриддин навохтани скрипка (ғижак)-ро меомӯзад. Ба писари хурдиаш Фазлиддин асрори доиразаниро ёд медиҳад. Билкул, хонаи эшон чун як мактаби мусиқӣ аст ва аз шавқу завқи фарзандонаш нисбат ба илму ҳунари мусиқӣ, Насриддин ба ваҷд меояд. Хеле хурсанд асту оҳи сабук мекашад ва шукр мегузорад ба Парвардигори пурэҳсон.

Ҳамсараш Адолат Раҳимова ҳамеша дастёри ӯ ва пуштибони ҳунари фарзандон аст. Ӯ аз машғулиятҳои аҳли оилааш доиман лаззат мебарад ва мегӯяд: «Кош мусиқӣ ҳеҷ гоҳ аз ҳавои хонадоне дур нашавад. Зеро мусиқӣ ҳам ҳавоест, ки тани одам ба он муҳтоҷ аст».

Дар офаридани оҳангҳои дилнишину марғуб қӯшнай накши муҳим мебозад. Ҳар гоҳ ҳунарпешае оҳанге бар суруди худ офариданист, саъй мекунад аз қӯшнай баҳра барад. Бо кумаки ин сози мусиқӣ боз ҳам бештар овозхонҳои боҳунару раққосаҳои боистеъдод ба саҳнаи ҳунар ҷалб мешаванд. Насриддин Рӯзиев низ ҳамроҳи офарандагони оҳангҳо дар чандин озмунҳои ҳунарӣ ширкат варзидааст. Мо аминем, ки заҳмати ҳунарманди асил дер ё зуд қадршиносӣ меёбад. Мисли ин ки ҳунари асил чун пораи зар аст, рӯзе аз зери хоку гард ҷило медиҳад.

Най нола мекунад…

Нолаи он баёнгари оташи ишқ аст, дӯстдори ёри мувофиқ аст, дамсозу муштоқи меҳрабонҳост. Най қиссагӯ аст…

***Оташи ишқ аст, к-андар най фитод,***
***Ҷӯшиши ишқ аст, к-андар май фитод.***
***Най ҳарифи ҳар кӣ аз ёре бурид,***
***Пардаҳояш пардаҳои мо дарид.***
***Ҳамчу най захреву тарёке кӣ дид?***
***Ҳамчу най дамсозу муштоқе кӣ дид?***
***Най ҳадиси роҳи пурхун мекунад,***
***Қиссаҳои ишқи пурхун мекунад.***

Қӯшнай дар дасти Насриддин нола мекунад…

Кош нолаи ӯро ҳамагон бишнаванд ва аз ҳунари найнавоз арзёбӣ кунанд. Зеро ба ибораи мардумӣ «мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд».

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**12-уми июли соли 1997**

## ГӮЯНДАИ МАҲБУБ

Ин занаки ситорагарму кушодачеҳра, ки доим лабонаш ба табассум моил асту чашмони ҷаззобаш ҳам гӯё механданд, синни шасту ҳафтро пур мекунад. Аммо ҳар кас бори аввал ӯро мебинад ва садои маҳину дилнавозашро мешунавад, ӯро аз ин синну сол ҷавонтар мепиндорад. Бале, Шавкатхонум чеҳраи ҷавонона ва бештар аз ин, дили ҷавон дорад. Ӯ қалби пурэҳсоси худро бо ибрози самимитарин суханҳо, орзуву умедҳои нек ва арзи паёму матолиби дилнишин доиман ҷавон нигаҳ медорад.

Шавкатхонум Алиева, маъруф бо номи хонаводагии Гударзӣ, панҷоҳ сол гӯянда аст, гӯяндаи радио. Бе шак, ин гуна собиқаи корӣ баробари амри қаҳрамонист. Ӯ бо забони фасеҳи форсӣ тайи солҳои зиёд дили

шунавандагони бешумори худро дар кишварҳои гуногун тасхир ва бо салосату латофати калом ба онҳо ҷаҳони зебоӣ, масаррати бепоён эҳдо кардааст.

«...Аввали баҳор буд ва ман ҳамроҳ бо насими тозаи баҳорӣ ба канори рӯди саркашу пурпечутоб, ки бо карашмаю шаршари худ ба ҳусни табиат ҳусни тоза зам мекард, расидам. Ҳама ҷо зебо – чаманзору дарахтзори атроф, обу осмони нилуфарӣ ва гулҳои баҳорӣ, ки латофати бештар доштанд. Вале дар миёни ин манзараи дилфиреб ёду ҳуши маро зебоии дигар рабуда буд. Он замон аввалин бор садои чаҳ-чаҳи булбулро мешунидам, баҳ-баҳ... қашангии овози ин мурғи хушхон чӣ қадр ҳамоҳангӣ бо нозҳои табиат дошт!

Бегоҳии он рӯз сари эҷод нишастам ва чун родю наздам буд, бо алоқа гӯшии онро тофтам. Иттифоқан, овози маҳину фараҳбахше маро ба худ ҷазб кард. Ҳама корро як сӯ гузошта, гӯшу ҳуш ба он садои гарму руҳбахш, ки ингор мисли булбули баҳорӣ месуруд, гаштам. Гӯянда аз ғазалҳои Зебуннисо шоири маъруфи Ҳинд қироат мекард. Дар поёни барнома «Ушшоқ»-и Самарқанд бо садои Матлуба Дадабоева пахш шуд. Ниҳоят, гӯяндаи ширинсухан Шавкатхонум аз поёни барнома иттилоъ дод. Масаррати банда ҳадду канор надошт, мехостам Шавкатхонум боз чизе гӯяд, дубора ғазале бихонад...

Он дам аз пайи булбули соҳили рӯд маро булбули родю низ роҳати ҷонбахш ато карда буд».

Ин пораматни кӯтоҳ аз мактуби як нафар шунавандаи доимии бахши форсии радио – оқои Саид Муҳаммад Шафиист, ки аз шаҳри Машҳади Эрон, ба маҳорати ҳирфаии Шавкатхонуми Гударзӣ қоил омада навиштааст.

Вақте ки китоби рӯзгори Шавкат Алиеваро варақ мезанем, бо воқеоти ранг ба ранг мувоҷеҳ меоем. Ӯ ҳунари гӯяндагиро ҳанӯз дар Хуросон оғоз карда, дар он ҷо мубаллиғи баргузидаи пирӯзиҳои Иттиҳоди Шуравӣ будааст. Пас аз пирӯзӣ дар ҷанги дувуми ҷаҳонӣ бар фашизми олмонӣ, аз пайи таъқиботи сиёсӣ Шавкатхонум ба Маскав фирор мекунад ва дертар аз он ҷо ба Тошканд меояд. Ва соли 1947, ҳамзамон бо таъсис ёфтани бахши форсии барномаҳои берунмарзии радиои Тошканд, ӯ аввалин гӯяндаи он мегардад.

Дар давоми кор муттасил ҳунари гӯяндагиро сайқал медиҳад. Ӯзбекистонро бо ҳама пешрафту иқтидор, зебоиҳои табиӣ, амокини таърихию диданиаш ба ҷаҳониён ошно месозад. Дар таблиғи расму оини миллӣ саҳми худро мегузорад. Маҳз садои ширадору асарбахши ӯ буда, ки шунавандагони бешумор ба суроғаи бахши форсӣ номаҳо навишта, аз афзалият ва дилнишинии барномаҳо таъриф кардаанд.

Шавкат Алиева бо амри сарнавишт соли 1987 ба Тоҷикистон меравад ва ба муддати нуҳ сол дар Душанбе зиндагӣ мекунад. Дар ин солҳо бо рӯйдодҳои гуногун рӯ ба рӯ меояд. Аҳёнан аз дӯстону бародарон ва ҳамкорони худ чунин ёд мекунад: «Ба ёди он рӯзҳо меафтаму чашмонам пур аз ашк мешавад, қалбамро чизе мефишурад. Дар Варзоб аз байни тоҷикон писаре пайдо карда будам, ба номи Бобомурод. Арӯсе доштам – Зирагул ва

наберахоям бо исмҳои Алишер, Фирӯза, Маъруф. Онҳо маро бо ҷону дил дӯст медоштанд ва ман ҳам ба онҳо бениҳоят алоқаманд будам. Чӣ шабҳою рӯзҳоеро дар канори ҳам, дар доманаи кӯҳҳои босафои соҳили Варзоб нагузарондем! Ман дар Варзоб худамро варзобӣ ҳис мекардам, либоси миллии тоҷикӣ ба тан карда, дар он муҳити зебо, дар миёни он инсонҳои шарифу шод, дар арӯсию ҷашнҳои онҳо ширкат намуда, то сапедадамҳо рақсу бозиҳо мекардем. Ман бо тааҷҷубу ҳайрат ба он миллат, ки бениҳоят шоду зиндадил буданд, нигоҳ мекардам... Ҳавлие доштем дар канори рӯди Варзоб. Тамоми эрониёни муқими Душанбе, ки ватани дуюми худро дар Тоҷикистон ёфта буданд, дар он ҷо ҷамъ меомадем ва худро дар байни тоҷикон чун бародару хоҳар ҳис мекардем...»

Дар воқеъ, Шавкатхонум бо тамоми ҳастӣ ба тоҷикони Тоҷикистон дил дода, зарфи нуҳ соли иқомати худ дар он ҷо бо ғаму шодӣ, бо розу ниёз ва орзуву армони онҳо шарик мешавад. Ӯ дар шуъбаи форсии радиои Тоҷикистон гӯянда буд ва дар телевизион ҳам шеъру қиссаҳо мехонд. Ба вижа, бо маҳорати волои шоҳномахонӣ дили мухлисони беададро тасхир кардааст. Гузашта аз ин, як симои намоён ва овозгӯйи бомаҳорат дар ҷашнҳои мардумӣ буд.

Қалби ин бонуи хушном мамлу аз меҳру муҳаббати инсонӣ, саршор аз эҳсоси муруввату эҳсон аст. Ӯ ба унвони узви Созмони байналмилалии Салиби Сурх ба ниёзмандону кулфатзадаҳои Шарораи Ҳисор, ки аз дасти офати ногаҳонии табиӣ наҷот ёфта буданд, дасти мадад дароз кардааст. Аз он рӯзҳо ба ёд меоварад: «Дар маҳаллаи Гулбутта, дар он рӯзҳои фаромӯшнашуданӣ миёни занону кӯдакони кулфатдида, он инсонҳои шарифу беолоиш ман худро хеле озод ҳис мекардам, дар ғами онҳо шарик будам, бар сари суфраи онҳо нишаста, ҳамроҳ чою фатир мехӯрдам. Ман саъй мекардам барояшон дарс диҳам ва онҳо низ ба ман овозҳо ва гӯйиши тоҷикиро ёд медоданд. Ман онҳоро дӯст медоштам ва онҳо низ ба ман эҳтиром мегузоштанд».

Ниҳоят, ҳодисаҳои мудҳиши солҳои навади Тоҷикистон ба хонаводаи Шавкатхонум ҳам латмаи сахт зад. Ӯ дар он ҷо шавҳарашро ба хок супурд ва дар охир аз дасти як нафар нобакор, ки ҳама молу манолашро ба яғмо бурда буд, он сарзамини дӯстдоштаашро ба қасди Тошканд тарк гуфт. Бо ҳасрат мегӯяд: «Яке аз эрониёни муқими Душанбе ба номи Шаҳроми Юсуф (албатта, ин номи ҳақиқии ӯ нест) аз он шароити сахту ҳарҷумарҷ истифода карда, хонаамро тороҷ ва зиндагиамро доғун кард ва тамоми дору надорамро аз байн бурд. Чӣ кунам, илоҷе надорам, ӯро ба Худо месупорам». Ва аз он пас дар Тошканд касби гӯяндагиашро идома медиҳад.

Шавкат Алиева шогирдони зиёд дорад. Донишҷӯёни солҳои гуногуни Донишкадаи шарқшиносии Тошканд аз ӯ сабақ омӯхтаанд. Яке аз шогирдони ӯ, номзади илми филологӣ Файзулло Аймоқ ҳунари гӯяндагиро аз ӯ ёд гирифтааст ва корманди собиқадори шуъбаи дарии радиои ҷумҳурӣ аст. Ӯ бо хушнудӣ иброз медорад: «Маро аз Афғонистон ба Тошканд овози дилрубои Шавкатхонум овард. Чун соли 1979 барандаи мусобиқаи барномаҳои

берунмарзии радиои Тошканд шудам ва ба тамошои даҳрӯзаи шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро ва Фарғона мушарраф гардидам, хурсандиам ҳадду канор надошт. Бар замми ин, ман дар шаҳри Фарғона хешовандони аҷдодии худро пайдо кардам ва имрӯз ҳам рафтуомад дорем. Соли ҳаштодум садои гарми Шавкатхонум завҷаи ман – Инобатбонуро низ ба Тошканд хонд. Ӯ ҳам барандаи мусобиқаи радиоӣ шуда буд. Худоро шукр, акнун ману аҳли оилаам дар Тошканд зиндагии осуда дорем. Бинобар ин, аз устоди меҳрабон Шавкатхонуми Гударзӣ, ки ба ҳаёти мо шукуҳ бахшида, пасту баландиҳои гӯяндагиро бароямон омӯзондааст, сипосгузорем».

Шавкат Алиева (Гударзӣ) аз рӯзгори пешини худ хотираҳои рангин дорад. Ӯ суханшиноси асилест, ки дар тули фаъолияти хеш бо чандин устоди сухан ва суруду мусиқӣ ҳамкору ҳамнишин шудааст. Нақлҳои ӯ доир ба мулоқоту суҳбатҳояш бо устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Юнус Раҷабӣ, Аброр Ҳидоятов, Ғафур Ғулом, Мирзо Турсунзода, Мухтор Ашрафӣ, Мутаваккил Бурҳонов, Ҳанифа Мавлонова, Туҳфа Фозилова, Шоиста Муллоҷонова, Комуна Исмоилова ва даҳҳо бузургони илму фарҳангу ҳунар хеле ҷолибу хотирнишин аст. Дар ин робита таърифи саргузаштҳояш баррасии алоҳидаро тақозо мекунад. Он донандагони шеъру адаб ва суруду оҳанг дар барномаҳои бахши форсии радио ширкат меварзидаанд...

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**4-уми феврали соли 1998**

## «МУТРИБЕ, К-АЗ ВАЙ ҶАҲОН ШУД ПУРТАРАБ»

***То нагардӣ ошно з-ин парда рамзе нашнавӣ,***
***Гӯши номаҳрам набошад ҷойи пайғоми суруш.***
***(Ҳофиз)***

Табиатан ҳар як миллат созу овози хоси худро дорад. Савту садо чун забони дил ва мутарҷими эҳсос аз ҳастии ҷон дарак медиҳад. Ғанои ҳар миллат мутаносиб бо табиату ҳиссиёту ангезаҳояш рӯйи кор меояд.

Ҳамин замина аст, ки ҳар як оҳангсоз ё овозхон, ё ҳунарманди дигаре бо мурур пешаи худро такмил ва ба хотири ҳарчи мақбултар сохтани он шароит ва имконоти мусоидро ҷустуҷӯ мекунад. Бе шак, маҳз бо ҳамин ҳадаф тамоми маҳорат ва дониши худро ба харҷ медиҳад.

Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ, зодаи деҳаи Варзики вилояти Намангон Матлуба Дадабоева ба хурду бузурги Ӯзбекистон шинос аст. Ӯ тайи фаъолияти беш аз бистсолаи хеш барои равнақу густариш ва тарғибу ташвиқи сурудҳои классикиву мардумӣ ва шод заҳмати зиёд кашидааст. Ин овозхони маҳбуби халқ ҳаёташро ба соҳаи ҳунар бахшида, доираи алоқамандонашро аз ҳудуди кишвар то манотиқи берун аз он густариш додааст. Матлубабону бар замми овози дилнишину фараҳбахш суханрони моҳире низ мебошад, ки суханшиносии ӯ аз забондониаш маншаъ мегирад. Ӯ

на фақат мазмуну муҳтавои шеъри тоҷик, ҳамчунин назми ӯзбекро комилан мефаҳмад. Ба ин ду забон баробар оҳанг мебандад ва тарона мехонад.

Матлуба Дадабоева саъй мекунад фаъолияти халлоқонаи худро ба хотири тарғибу тарвиҷи осори ниёкон сафарбар намояд. Беш аз пеш ба фарогирии оҳангҳои «Шашмақом» ҳаракат мекунад ва мактаби мақомҳои миллиро ҳамаҷониба меомӯзад. Ӯ дар оғози кор дарк намуда, ки барои омӯхтани «Шашмақом», барои дурусту бекамукост иҷро кардани оҳангҳои мардумӣ як умри инсон камӣ мекунад.

«Дарунмояи «Шашмақом» чун баҳри бекарон аст ва сурудани таронаҳои суннатӣ низ омодагиҳои ҷиддиро талаб мекунад, – мегӯяд Матлубабонуи ҳунарманд. – Камина бисёр мехоҳам, ки услуби таълиму тадриси ин ганҷинаҳои мардумӣ бо таваҷҷуҳ ба талаби замон ва дархости мухлисон сурат бигирад. Агар ҳангоми офаридани оҳангу таронаҳои нав оҳангсозони мо аз унсурҳои осори халқӣ, фолкор ва этнографияи мардумӣ истифода баранд, асари онҳо табиӣ ва ҷаззоб мебарояд. Мо дар ин самт устодони зиёд дорем. Ҳамзамон эҷодиёти даҳанакии халқ, ба хусус, роҳу равиши сарояндагони Самарқанд, Бухоро, Фарғона чун дурдонаҳои дурахшони олами ҳунар метобанд, ки онҳоро бояд ҳифз кунем ва ба наслҳои оянда гузаронем».

Суруду оҳангҳои баргузидаи Матлубабону ифодагари розҳои дили мардуманд. Дар эҷодиёташ таронаҳое ҳастанд, ки аксари онҳо касро ба хаёлҳои дуродур мебаранд. Ҳангоми сурудхонии эшон кас ба андеша меравад, ҷавҳари сурудаҳояшро дарёфтанӣ мешавад. Он чӣ, ки самимӣ аст, ба дилҳо сурур бахшад. Интихоби ҳунармандонаи матни суруд, ҳамзамон бастани оҳанги мутобиқ ба он сарояндаро ба мақсад мерасонад. Таронаҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Ироқи Бухоро», «Куҷо рафтӣ?», «Муҳаббат», «Интизор ҳастам», «Қашқарчаи савти ушшоқ», «Тарони ду дил», «Насри баёт», «Таронаи субҳидам», «Насри ушшоқ», «Фирӯз», «Қалби ман», «Модарам», «Ба гулзор омада», «Ӯзбекистони ман», «Наёмадӣ», «Ёрам будӣ» ва ғайраро ҳаводорони санъати ӯ бо мароқ шунида, лаззати маънавӣ мебаранд. Барои худи ӯ низ ҳар як асараш азизу мукаррам аст. Охир, танҳо ҳунарманди асил медонад барои офаридани як асар чӣ қадр заҳмат бояд кашид. Мебояд ашъори шуароро мутолиа кард, оҳангҳои мухталифро дар ҳоли муқоиса омӯхт, созу асбоби мусиқиро фаҳмид ва бешак, бо сабру тоқат шабҳои бехобиро сипарӣ кард.

Матлубабону маҳз ба туфайли ин гуна кӯшишҳо ба марраи мурод расид, ба дили мардум роҳ ёфт. Ӯ бо садои маҳину дилрабои худ қалби муштоқони бешумори шеъру сурудро тасхир кард. Ба гуфтаи шоир Абдулло Субҳон, «вақте ки Матлуба месарояд, модарони тоҷику ӯзбек аз аллагӯйӣ бозмеистанд, зеро овози ширадору дилнавози ӯ худ суруди Алла аст... вақте ки Матлуба месарояд, ошиқони беқарор бо дастони ҳамоил ба гардани ҳамдигар розӣ таскинбахши қалбҳои пурҳарорати худро ҳис мекунанд».

Оре, ин устодкории Матлуба аст, ки марзи ҳунарнамоии ӯ то гӯшаҳои дурдаст густариш ёфтааст. Чандин бор ба кишварҳои хориҷа, мисли

Ҳиндустон, Алҷазоир, Арабистони Саудӣ, Индонезия, Фаронса, Белжик, Испониё, Шветсия, Швейтсария сафарҳои ҳунарӣ анҷом дод. Билхосса, ҷонибдории мардуми Урупо аз сарояндагони чирадасти Машриқзамин, ба монанди Матлубабону, шигифтангез аст. Он мардуми мусиқипарвару таронадӯст ба маротиб аз чашмаи ҳунари ҳунарпешаи мумтоз об хӯрдаву ташнагии илҳом ва фароғат шикастаанд.

Дар Теҳрон – пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон намоиш додани барномаи ҳунарӣ барои Матлуба Дадабоева муваффақияти беназир буд. Ӯ ҳамроҳ бо ҳунарпешагони маъруфи кишвар – Исмоилҷону Исроилҷон Ваҳҳобовҳо, Абдунабӣ Зиёев, Маҳбуба Ҳасанова дар ҷашнвораи байналмилалии мусиқии таронаҳои суннатӣ ширкат варзид. Дар ин ҷашнвора ҳунармандони чандин кишвари Машриқзамин, чунончи аз Озарбойҷон, Гурҷистон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон маҳорати худро нишон дода, аз забону ҳунарҳои мардумии худ муаррифӣ карданд. Матлуба Дадабоева аз ин сафари ҳунарии худ чунин ёдовар мешавад: «Маро сафари Теҳрони бузург таассуроти хубу гуворо боқӣ гузошт. Мардуми фарҳангию ҳунардӯсти Эрон бо одобу муоширати нек, меҳмондориҳои самимона ва ташкили корҳои ҷашнвора моро ба ҳайрат оварданд. Аз Ӯзбекистон ҳафт нафар будем, тавонистем бо руҳияи шод ва илҳом ҳунари худро намоиш диҳем. Вақте ки медидем, дар поёни баромади мо аҳли толор аз ҷо хеста кафкӯбиҳои бардавом мекунанд, аз хурсандӣ ба чашмонам об омад. Ҳамроҳ бо ширкаткунандагони ҷашнвора иҷро кардани таронаи муштарак аз ниҳояти дӯстӣ ва ҳамгароии халқҳо гувоҳӣ медод. Фикр мекунам, дар канори дигарон ҳунарнамоии мо низ ба таҳкими дӯстӣ ва наздикшавии халқҳову кишварамон мусоидат хоҳад кард».

Ҳақ ба ҷониби Матлубабону аст. Ҳунар васлгари халқҳо, омили муҳим дар густариши робитаҳои байни кишварҳост. Офарандагони ҳунар ҳунарпешагони боистеъдоде ҳастанд, ки онҳоро халқ эътироф мекунад ва онҳо дар ин самт мавқеи калидӣ доранд.

Матлуба Дадабоева овозхони дастаи ҳунарии мақомхонони ба номи Юнус Раҷабии Ширкати радио ва телевизиони Ӯзбекистон аст. Ӯ сарояндаи мумтозе аст, ки бо садои роҳатбахши худ ба сомеон шодиву сурур ато мекунад, ба гуфтаи Мавлоно:

***Мутрибе, к-аз вай ҷаҳон шуд пуртараб,***
***Раста з-овозаш хаёлоти аҷаб.***
***Аз навояш мурғи дил паррон шудӣ,***
***В-аз садояш ҳуши ҷон ҳайрон шудӣ.***

Бошад ки, ӯ дар ин ҷода сарбаланду накуном боқӣ бимонад![38]

---

[38] Ҷойи зикр аст, ки имрӯз Матлуба Дадабоева ҳунарпешаи мардумии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аст. Дар бахши мақомхонӣ устоди кор аст. Гузашта аз сароянда҇ӣ дар Донишкадаи маданияти Тошканд аз асрори мусиқӣ ва шашмақомсароӣ ба донишҷӯён дарс медиҳад. Мавсуф соли 2009 дар ҷашнвораи байналмилалии «Таронаҳои шарқ», ки ҳар ду сол як бор дар шаҳри бостонӣ ва фарҳангии Самарқанд доир мегардад, мақоми аввалро соҳиб шуда буд.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**21-уми марти соли 1998**

## НИГОРАҲОИ ДАСТСОХТ

***(Таҳти рукни «Ҳунарҳои суннатӣ»)***

Ҳунарҳои дастӣ дар байни мардуми кӯҳпояи Нурато аз ҷойгоҳи махсус бархурдор аст. Кӯҳистониён дар канори фаъолиятҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ бахше аз ниёзҳои зиндагии худро аз тариқи машғул шудан ба ин гуна фаъолиятҳо таъмин мекунанд. Бофтани қоливу гилем ва дигар маводи ҳунарҳои дастӣ аз ҷумлаи манбаъҳои даромадноки хонаводаҳо ба шумор меравад. Ин кор бештар тавассути бонувон сурат мегирад ва онҳо, ҳамзамон бо бофтани қолӣ, корҳои сӯзандӯзӣ, бофти порчаҳои суннатиро низ ба шакли зебое анҷом медиҳанд.

Санъати дастбофт дар рустоҳои тоҷикнишини кӯҳистони Нурато дорои рангу намои хос аст. Махсусан, ин ҳунар дар деҳаҳои Эҷ, Синтаб, Моҷарм, Ӯхм ва Порашт навъҳои гуногун дорад. Бештар бофтани қолию гилемҳои хурду калон, пойандозҳо, шолчаҳо, ҷойнамозу хӯрҷин, ҷуробу дасткашҳо ва сӯзанию либосҳои мухталиф маъмул шудааст.

Бо ҳаракати дастони бонувон дар ҳар замина сурату нақшҳои ҷолиб бо рангҳои дилхоҳ бофта мешавад, ки ба ростӣ, баъзе вақтҳо бо зеботарин осори боарзиши ҳунарӣ баробарӣ мекунанд. Бешак, ҳар яке аз бофтаҳои онон шоҳкоре аст, ки аз ҳунари волои рангу нақшпардозӣ, аз муъҷизаи рангомезии мардумӣ дарак медиҳад. Дар ҳар тикка аз дастбофтҳо анвои мухталифи омезиши рангҳо дида мешавад. Ба андозае, ки муҳтавои рангҳо бо вуҷуди ҳунармандон тавъам шуда, ҳамоҳангии хосеро дар зиндагии пурсафояшон эҷод мекунад.

Воқеан, ҳайратангез аст, ки ин мардуми деҳнишин бо камтарин алоқаву робита бо дунёи мутамаддини асри худ ва бе ҳеч гуна имкони баҳраварӣ аз таҷрубаҳои такомулёфтаи ҳунармандоне, ки бо рангу рангомезӣ сарукор доранд, тавонистаанд бо дастбофтҳои худ дунёи рангини ҷолиберо биофаранд, дар сурате, ки ҳатто корхонаҳои порчабофӣ бо мадади садҳо тарроҳу наққош бо мушкилӣ ба ин дунёи шигифтангез роҳ пайдо мекунанд.

Аввалин ранги сабтшуда дар таърих ранги арғавонӣ аст, ки ҳунармандони кӯҳистони Нурато аз он хеле зиёд истифода мекунанд. Дигар рангҳои ҷорӣ низ дар қатори он, аз қабили, обӣ, нилуфарӣ, заъфарон, қаҳвай, гулианорӣ, гандумӣ, ҳинои, хокистарӣ, ҷигарӣ ба кор мераванд.

Яке аз маводи зарурии бофт пашм аст. Пашми интихобшуда вижагиҳои худро дорад ва дошти наххои он ба нажод, навъ, сол ва маҳалли чидани пашм вобастагӣ дорад. Шустушӯ ва гирифтани чарбӣ, зудудани маводи маъданӣ, наботӣ ва хориҷӣ бо панҷ бор шустушӯ сурат мегирад ва пашм омодаи «дандона» кардан (ба истилоҳи нуратоиён «гузиндану соба кардан») мешавад. Сипас пашмро ба рангҳои гуногуни ҳайвонӣ ва гиёҳӣ омехта мекунанд.

Нақшу нигори гилемҳо бештар ба сурати ашколи ҳандасӣ аст, ки бо вуҷуди маҳдудияти худ бисёр таррохони ҳирфаиро дар ҳайрат гузоштааст. Гуландозӣ ба нақшҳои асотирӣ монанд мебошад ва ин далели хеле қадима будани ҳунари дастбофт аст. Ҳамроҳ бо қолибофӣ ҳошиядӯзӣ нишонаи ҳаракоти дақиқ ва нозук мебошад. Муҷассам кардани ҳаракати мавҷдори об, гули хуршедӣ, рақси барг ва амсоли инҳо аз инъикоси зиндагӣ дар ҳошияҳои дастбофт гувоҳӣ медиҳад.

Дар деҳаҳои кӯҳпояи Нурато аз миёни бофтаҳо бештар навъҳои гилем маъмул шудааст. Гилемҳои қол, равонакӣ, такчин, рӯчин, гиреҳдор ва гулдору одӣ дар муддати кӯтоҳтарин омода мешаванд, зеро ҳунармандони чирадаст аллакай тасаллут бар рангомезию нахкашӣ ва риштану бофтан пайдо кардаанд.

Мумкин аст як тарҳ бо чандин ранг ва ё нақше бо як ранг дар чандин андоза бофта шавад. Фаровон дида мешавад, ки бофандагон як нақшро дар чанд ҷойи гилем бо чанд ранг андохтаанд. Инчунин аз назари бузургӣ дар байни нақшҳои монанд тафовутҳои махсус вуҷуд дорад, аммо ҳеч кадом аз онҳо далели поин омадани арзиши гилем шуда наметавонад.

Нақшҳое ҳам бо гирифтани илҳом аз табиат падид омадаанд ва то ҳадде содаанд, ки танҳо бо чанд хат таррохӣ мешаванд. Чунончи, дарахти сарв нақше дар ҳадди секунҷа мешавад, парасту ва моҳӣ ба сурати ду хати нимакамон меоянд ва ба ҳам мепайванданд. Аксари нигораҳои ҳандасӣ нақшаи шатранҷиро ба хотир меоваранд ва зеҳнан бофта мешаванд. Бо ин ҳол, маъруфтарин хелҳои гуландозии суннатии мардуми ҳунарманди кӯҳистонӣ аз ҳошиядӯзӣ, нақши шикаста, тирукамон, кафи содаи мурғӣ, нақши қолаби ангуштарӣ, шона, нақши занҷира, нақши гулӣ (мисли гулҳои садбарг, лола, бунафша), нақши мевагӣ (мисли меваҳои ангур, олуча, анор, себ), сояандозӣ иборат аст.

Бешубҳа, намешавад нақшу аксҳои дастбофтҳои мардуми деҳоти Нураторо ҷудо аз дигар нақшҳои куҳани ҳунарҳои суннатӣ ва тазйинии кишвар дида баромад, чаро ки ин нақшҳо бо собиқаи ҳунарҳои миллии дигар нуқоти кишвар пайвандии наздик доранд.

Мушоҳида мешавад, ки ин ҳунарҳои дастии мардум сина ба сина аз насл ба насли дигар мегузаранд ва ҳамин кӯшишҳо сабаб мегардад, ки ҳама чиз пок ва беолоиш боқӣ бимонад.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**22-юми апрели соли 1998**

## ШОГИРДИ ЗИНДАГӢ

*(Дар суҳбати адиб)*

**– Ростӣ, ба сабру бардошти шумо, ки дур аз зодбуми худ, дур аз ёру дӯстони ҷавонӣ зиндагию кору эҷод мекунед, ҳавасам меояд. Оё чашмаҳои зулоли Гулибоғу Мурғобак, ҷамоли деҳаи гармоғӯши Эҷро пазмон намешавед? Ба фикри шумо Ватан чӣ маънӣ дорад?**

– Э, нагӯед, пазмонӣ ҳам гап-мӣ? Ба одами дар кӯйи дур афтода ҳар ваҷаби зодгоҳ, ҳама ҳусну ҷамолаш, ҳатто сангу шаху хоктӯдаҳояш чун ҳалво ширин будаасту мисли зар пеши назар ҷилва мекунад. Воқеан, ба чандин шаҳру деҳа сафар кардаву ҳанӯз ҳам обе ба монанди оби бомазаи Гулибоғу Мурғобак наёфтаам. Ба фикрам, ҳама орзуву ҳавасҳои ширини ман дар пайроҳаҳои деҳаи азизам, дар ҷӯйбору чашмасор ва адиру дараҳои Эҷ нуҳуфта аст. Ватан барои ман аз ҳамон зодгоҳ сар мешавад. Ва, албатта, дили инсон ҳавасҳои фарохтареро メписандад ва маънии ватан низ ба хости рӯзгор васеътару доманадор мешавад. Эҷ, кӯҳсори Нурато, сарзамини Самарқанд, Тошканди азим ва ниҳоят, Ӯзбекистон ба номи «Ватан» дар тасаввури ман таҷассум шудаанд. Ҳамин макону манзиле, ки дар он гармию меҳрубониҳои падару модарро чашидаем, бо ёру дӯстони ҷавонӣ шӯхию бозӣ карда ҳамоғӯш шудаем, беҳтарин лаҳзаҳои зиндагиро сипарӣ карда дунёи хаёлот ва осори худро офаридаем ва дар он ҳамроҳ бо халқи озодихоҳу поксиришт зиндагӣ дорем, барои ман ватан аст.

**– Устод, шунидаем, ки шумо дар солҳои бачагӣ ба мусиқию таронагӯйӣ хеле алоқа доштаед, ин рост аст?**

– Аввалин касе, ки ба деҳаи мо рубоб оварда буд, Қурбонбой Ғаффоров мебошанд. Ман он вақт дар синфи дуюм мехондам. Вақте ки муаллими Қурбон рубоб менавохтанд, ман ба ваҷд меомадам, як қувваи ниҳоние маро ба шӯр меовард, гӯшу ҳуш ба навоҳои эшон мешудам. Шояд ҳамин иштиёқи ман ва дӯсти бачагиам Ҳусинро пай бурда буданд, ки раҳматӣ муаллим аз ҳама пеш асрори рубобнавозиро ба мо ёд доданд. Пайваста сурудхонӣ мекардем. Дар идҳои мактаб, ҳатто дар тӯю арӯсиҳо ману Ҳусинро ҳамроҳ мебурданд. Рафта-рафта рубоб ҷойи дуторро гирифт. Оилаи Шомуродовҳо дар деҳаамон дуторнавоз буданд. Ҳоло ҳам дар ёдам ҳаст, ки устодон Эсанбой Муродов, Даврон Мансуров ва худи муаллим Ғаффоров дар дарсҳо сурудхонию таронагӯйии моро ташкил медоданд. Аз овозхонии ман хушҳол шуда, ба обу арақ ғӯтида рақс мекарданд. Аз овони наврасӣ орзуи ёфтани рубобро доштам. Аҳёнан аз чӯбу тахта «рубоб» сохта, гоҳ пинҳону гоҳе ошкоро онро навохта мегаштам. Вақте ки ба Самарқанд рафтам, аввалин чизи харидаам рубоб шуд. Тӯйчии ҷӯраам – писари до-Деҳқони дуторнавоз оҳанг ёд медод. Ба сурудҳои Ҷӯрабек ихлосу эҳтироми баланд доштам. Шабҳо нахобида сурудҳояшро ҳифз мекардам ва бо оҳанг мехондам. Ҳамин

тавр, баъдан дар солҳои донишҷӯйӣ ва ҳоло ҳам гоҳ-гоҳ барои таскини дили худам менавозаму аз таронаҳои дӯстдоштаам замзама мекунам.

**– Ҳамин муҳаббати гарми шумо ба мусиқӣ будааст, ки суҳбати воқеан дилкаше бо устод Ҷӯрабеки Мурод оростаед. Устод, шумо дар ҷавонӣ дар куштигирӣ ҳам лаёқати хуб доштаед…**

– Ин рост. Ба шумо гӯям, ки дӯстам Абдуназар қобилияти гӯштингирии маро нағз медонист. Дар Самарқанд як рӯз ба ҷону ҳолам намонда, ба варзишгоҳи университет бурд. Маро ба мураббиаш шинос кард. Устодаш назарногирона «наход ту ҳамин бачаро таъриф карда будӣ?»-гӯён ба Абдуназар рӯ овард. «Не, устод, аввал санҷед, баъд хулоса кунед» – дарҳол ҷавоб дод дӯстам. Сипас, бо ишораи мураббӣ пайи ҳам бо ду паҳлавонаш гӯштин гирифтам. Ҳар дуро ғалтондам. Устод ба завқ омаду худаш маро ба майдон кашид. То ҳол намефаҳмам, он вақт устод қасдан кард ё воқеан қувваи ниҳоние маро ёр шуда буд, ки ӯро низ бо кашша[39] ба замин хобондам. Ҳамин тавр, узви маҳфили гӯштингирони университет шуда мондам. Бо ҳидоят ва сарпарастии устодамон Фозилов дар мусобиқаҳо ширкат меварзидам. Лекин ин ҳунарро ҳам то охир набурдам. Ҳоло ҳам бо ҳавас гӯштингирии паҳлавонҳоро тамошо мекунам. Аз бурду бохти онҳо ба ҳаяҷон меоям.

**– Чанд ҳикояатонро ба ин мавзуъ бахшидаед. Ба хусус, ҳикояи «Қисмати талхи паҳлавон» хеле ҷолиб аст.**

– Бале, ин мавзуи дӯстдоштаи ман аст. Дар ин робита нақлҳои бисёр дорам.

**– Устод, баъд аз ин ҳама дилгармӣ ба мусиқию варзиш чаро касби омӯзгориро пеша кардед?**

– Мегӯянд, ҳар касро тақдирҷунбоне ҳаст. Дар солҳои бачагиам фақат амаки Холназарам ба ман китоб ҳадя мекард. Ӯ аз Ленинобод омадан замон, маро ҷеғ мезад. Ҳар гоҳ сарамро молида, «ҳамин додарам нависанда мешавад» мегуфт. Меҳри зиёд ба китоб, ба забону адабиёти тоҷик маро ба донишкадаи омӯзгорӣ овард. Баъд аз хатми донишкада чанд сол омӯзгорӣ кардам. Сипас бо пешниҳоди дӯстон ва даъвати эҷодкорони рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба кори журналистӣ пардохтам.

**– Кори рӯзноманигорӣ мушкил аст?**

– Барои ман мушкилоти асосӣ паси сар шудаанд. Агар аз машаққатҳое, ки дар оғози кор доштам ва навбатдориҳои шабонарӯзӣ ҳарф занам, ба риққат меоед. Феълан маҷоли дар он хусус гап задан надорам. Агар хоҳед, дар суҳбати дигар дар ин бора нақл мекунам.

---

[39] **Кашша** – услуби куштигирӣ, ки пойро ба пой печонда боло мекунанд; ҳалук

**– Гуфтаи шумо шавад, устод. Бешак, ҳар ҳунарманд ё эҷодкор устоде дорад. Шуморо дар нависандагӣ кӣ роҳнамо шудааст?**

– Медонед, шояд ин фикр рост бошад, аммо ман устоде мушаххасу ягона надорам. Ман осори нависандаҳои маъруф, мисли Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Баҳром Фирӯзро хеле меписандам, аз ашъори шоирони классик ва муосир ба ваҷду ба эҳсос меоям ва шояд ҳамин гуна осор манбаи илҳоми ман бошанд. Аммо зиндагӣ, зиндагии одамони гуногунсират ва мухталифахлоқ устоди асосии ман аст. Маро бештар аз ҳама ҳамин зиндагӣ бо тамоми бурду бохташ ва ҳусну ҷамолаш манбаи эҷод аст.

**– Яъне шумо шогирди зиндагӣ ҳастед?**

– Бале, агар таъбири шогирдию устодӣ бошад, ҳамин тавр.

**– «Бори дил» мукаммалтарин китоби шумост, ки ба қарибӣ пешкаши хонандагон гардид. Дар он беҳтарин ҳикояҳо ва эссеҳои шумо гирд омадаанд. Мехостем бидонем, ки чаро номи китобатонро «Бори дил» гузоштед, ин самари дил аст ё сангиние, ки аз дил канор гузоштаед?**

– Дуруст дарк кардед. Ҳар овозхон бо сурудани таронаи дилписанд худро сабук ҳис мекунад, руҳаш болида мешавад. Мисли ин, ҳама дардҳои ҷамъшуда дар дили ман ҳамон суруди овозхон аст, ки агар нагӯяму нанависам, дилам сабук намешавад. Бо навиштани «Бори дил» худамро хеле сабуку роҳат ҳис кардам.

**– Ба унвони адиб, нависанда аз чӣ хел аъмолу хислатҳои қаҳрамонҳои худ хушатон намеояд?**

– Дар нависандагӣ ба ҳама қаҳрамонҳои худ бо як чашм нигоҳ мекунам, аммо дар асл аз одамони чоплус, дурӯғгӯ, хушомадгӯ, ҳарис, намкаш, фиребгар, суханчин ва шайтонтабиат нафратам меояд.

**– Инак, панҷоҳумин солгарди зодрӯзи худро пешвоз мегиред. Ин ҷашни зеборо бароятон табрик мегӯем. Барори кор ва хушиҳои рӯзгор ҳамеша ҳамроҳатон бошад! Ба сад дароед!**

– Ташаккур, шумо ҳам ба синни мо расед.

**– Худо насиб кунад, шод бошед!**

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**13-уми ноябри 1999**

**Замима:**

*Бекназар Тӯйназар яке аз адибони варзидаи муосири тоҷик ва журналисти боистеъдод ба шумор меравад. Ӯ чоруми ноябри соли 1949 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Фориш (баъдан деҳаи Эҷ аз ҷиҳати маъмурӣ мутааллиқ ба ноҳияи Нурато шудааст) таваллуд ёфтааст. Соли 1971 Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқандро хатм намуда, ду сол дар мактаби миёна ба унвони муаллими забон ва адабиёти тоҷик ифои вазифа мекунад ва сипас ба сарбозӣ меравад. Аз соли 1974 то соли 2009 дар рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» буд. Ӯ моҳи ноябри соли 2009 бознишаста шуд.*

*Аввалин хабару мақола ва тарҷумаҳои адиб соли 1967 ба табъ расидаанд. Намунаҳои эҷодии ӯ бори аввал дар китобҳои «Саргузашти Амонбой ва Давлатбой», «Чакомаи пирӯзӣ» ва «Хумчойнак» гирд омадаанд. Дар давоми солҳои охири корӣ Бекназар Тӯйназар муҳаррири шуъбаи давлату ҳуқуқ ва ахлоқу ҷавонони рӯзномаи «Овози тоҷик» буд.*

*Заҳамоти эҷодии ин нависандаи хушсалиқа ва рӯзноманигори варзида ба таври шоиста арзёбӣ шудааст. Ӯ соли 1999 яке аз ғолибони озмуни ҷумҳурии «Беҳтарин журналисти сол» гардида буд. Ҳамон сол, дар ҷашни Истиқлол, ба ивази хидматҳои арзандааш дар арсаи пешрафти маънавиёт ва фарҳанги мардум, ташвиқу тарғиби дӯстӣ, ҳамгароӣ ва волотарин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз ҷониби давлат бо медали «Шуҳрат» сазовор гардид. Ба ҳайси армуғон дар панҷоҳумин солгарди зодрӯзи адиб нахустин китоби пурраи ӯ, ки иборат аз ҳикоя ва эссеҳо мебошад, бо номи «Бори дил» ба табъ расид. Онро нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» аз чоп баровардааст. Китоби баъдии нисбатан мукаммали ӯ соли 2013 бо номи «Дар кӯчаҳои шаҳр» ба табъ мерасад, ки ҳикояҳо ва ёддоштҳояшро фаро мегирад.*

## ҲАМОВОЗИ ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ

***Хушо диле, ки мудом аз пайи назар наравад,***
***Ба ҳар дараш, ки бихонанд, бехабар наравад.***
***(ҲофизиШерозӣ)***

«Бо дилҳои пуралам рустоҳои харобу валангоршударо тамошо мекардем. Ба атроф дуду ғубори гулугир аз танаю шохаҳои сӯхташудаи дарахтону буттазор, аз кулбаҳои пасту баланди яксоншуда ва аз теппаю ҷарҳои доғ-доғи сиёҳшуда дамида паҳн мешуд. Гоҳ-гоҳ кӯдакони урёну нимаурён бо тарсу ҳарос дар пушту пеши хонаҳо медавиданд, бо чашмони аллакай маъюсшудаву ҳузнангез ба сӯйи мо менигаристанд, имдодҷӯёна. Дар он ҷо овози хастаомези зане, ки шояд модари кӯдакон буд, бо лаҳни гӯшнишини тоҷикӣ баланд шуда буд ва он овоз ҳанӯз ҳам дар пушти гӯшҳоям садо медиҳад: «Писаронам, дур наравед, ҳамин атроф бозӣ кунед. Лаънатиҳо ҳама ҷоро хароб карданд, кошки дигар наоянд».

Бо дидани ин гуна манзараҳои ғамангез дилам фишурда мешуд, аз қаҳру ғазаб дандон мегазидам, ба ҳоли бачагони бегуноҳ дарун-дарун месӯхтам, аз нолаҳои дардомези модарон қалбам таҳ мекашиду нороҳатиам афзун мегардид. Бо алам меандешидам, ки чаро одамони лоубол навмеду гирифторанд? Чаро ин диёри зебо оғуштаи дуду хун шудааст? Чаро Афғонистону халқи заҳматии онро бечораю ғариб месозанд?..»

Ин сатрҳо аз хотироти Давлатбек Саъдуллоев аст. Ӯ аз он айёми пурмоҷарою ноороми Афғонистон ёдовар шуда оҳи чуқур мекашад ва боз меафзояд: «Қариб даҳ соли ҳамрозию ҳамнафасиам бо мардуми Афғонистон аллакай сипарӣ шудааст, аммо то ба ҳол ба онҳо дилам месӯзад. Сахт орзу дорам, ки он миллати мазлумро дар ҳолати рифоҳу осудагӣ бубинам». Давлатбек солҳои кори худро дар Афғонистон чун як ҷузъи асосии зиндагиаш медонад. Ӯ эътироф мекунад, ки бештарин сахтиҳои рӯзгорро дар он ҷо дида таҳаммул кардааст, маънии одамшиносиро бештар дар он ҷо

фаҳмида, сабру тоқатро омӯхтааст. Дар он шароит қимати зиндагӣ, ширинии ҷонро эҳсосу дарк кардааст. Шояд аз ин сабаб бошад, ки мушкилоти зиндагии баъдина барои ӯ он қадар душворӣ надоштанд.

Давлатбек Саъдуллоев муттасилан илмомӯзӣ кард. Тамоми фаъолияти худро ба хотири омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва суханшиносӣ сарф намуд. Чанд сол дар Вазорати умури хориҷаи ҷумҳурӣ дар мақоми раҳбарии шуъба фаъолият карда, саҳми боризе дар густаришу таҳкими сиёсати берунаи кишвар гузошт.

Марди донишпарвар дар риштаи забоншиносӣ пажӯҳишҳои худро идома дод ва имрӯз ҳам бо унвони доктори илмҳои филологӣ ба донишҷӯён, ба рӯзноманигорони оянда, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ низ фаъолият хоҳанд кард, сабақ медиҳад. Фаъолияти судманди ӯро дар соҳаи омӯзишу парвариш ва ҷомеашиносӣ олимону коршиносони соир кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Муштарак-ул-манофеъ низ эътироф кардаанд. Саъдуллоев имрӯз узви вобастаи Фарҳангистони улуми педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия мебошад.

Бунёди фарҳанги тоҷикони Тошканд – «Ориёно» ҳамчун яке аз созмонҳои шинохтаи Маркази байналмилалии фарҳангии ҷумҳурӣ таҳти раёсати Давлатбек Саъдуллоев мутобиқи барномаю нақшаҳои кории таъйину мушаххасшуда фаъолият дорад. Аз тариқи ин созмон баргузории мулоқоту маҳфилҳои гуногун бо ҳузури олимон, ҷомеашиносон, адибон, донишомӯзону хонандагони мактабҳо, аз наздик ошно шудан бо шароити таълиму тадрис дар мактабҳои миёна ба ҳукми анъана даромадааст. Аъзои «Ориёно» на танҳо ба густаришу такмили забони тоҷикӣ, ҳамчунин ба омӯзиш ва эҳёи расму оини миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Бо мушояат ва сарпарастии Давлатбек Саъдуллоев чанд намоишгоҳи наққошиҳои миллӣ, маҳфилҳо бо фарогирии овозхонӣ ва рақсу бозиҳои миллӣ, намоиши амалҳои зардӯзӣ, кулолгарӣ ва дигар намуди ҳунармандиҳои мардумӣ, мушоира ва суҳбатҳои дилнишин бо соҳибони касбу кори гуногун ташкил дода шудааст. Акнун аъзои раёсати «Ориёно» аҳд кардаанд, ки гузашта аз тоҷикони пойтахт, равобиту алоқаҳои худро бо марказҳои тоҷикон дар вилоятҳои дигар мустаҳкам намоянд ва доираи фаъолияти худро дар саросари ҷумҳурӣ густариш диҳанд.

Албатта, кору фаъолияти касро ташреҳ додан он қадар душвор нест, аммо ҷаҳонбинӣ, тахайюлот ва андешаҳои ӯро дарк кардан басе заҳматталаб аст. Аз суҳбатҳои тулонии худ бо Давлатака мо то ҷое фаҳмидем, ки ин марди донишманд аз фалсафаи ҳаёт ба хубӣ иттилоъ дорад, маънии неку бади зиндагӣ, ҳастӣ ва камолоти инсонро бо бешу камаш пай бурдааст. Аз гуфтаҳои ӯ бармеояд, ки мо бар асари шигифтиҳои даврае ба муддати як умри инсонӣ зиндагиро охуру обишхӯре беш нашинохтаем. Эҳтиёҷоти моддиву маънавии инсонро сода дониста, ба мураккаб гардидани муҳити ҷомеа мувофиқат кардаем. Ин ҳама содаандешӣ ва бепарвоӣ то ҳадде расид, ки тақдири халқ ва мушкилоти рӯзгори он бароямон бетафовут монд. Дар натиҷа, бухроне ҳам дар ақлу ҳам дар амал нуфуз кард. Ин гуна мушкилотро,

пеш аз ҳама, эҷодкор, суханвар, ҷомеашинос дарк мекунад. Ӯ мекӯшад муносибати худро ба воқеият, ба масъалаҳои забон, марзи ватан, муҳити маънавӣ ва вазъи иқтисодии кишвар баён созад. Ва бузургии эҷодкор дар он аст, ки ӯ на фақат нозири айёми худ, балки ифодагари майлонҳои ғоявию сиёсии рӯзгор барои муддати дарозтар аст. Ӯ гузаштаро равшан ёдоварӣ намуда, ба фарзандон, ба насли нав аз ҳаёти воқеӣ сабақ медиҳад.

Давлатбек Саъдуллоев ба унвони як нафар эҷодкори воқеъбин саҳнаҳои зиндагиро бо ҷилои аслиаш аз мадди назар мегузаронад ва мубрамтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва маънавиро баррасӣ карданӣ мешавад. Масалан, барои ӯ масъалаи таъйинсозии миллат, моҳияти мавҷудияти инсонҳо ҳамеша дар пешгоҳи назар қарор дорад. Ӯ возеҳан мегӯяд: «Тоҷикону ӯзбекон аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар шабоҳат доранд. Таъриху фарҳанг, расму одат ва ҳатто забони онҳо чунон омехта шудааст, ки ин гуна ҳодисаи тулонӣ ва печидаи ғайримунтазираро хеле кам дучор мешавем. Ин аст, ки мисли ман тоҷикон бо падари тоҷику модари ӯзбек ва ё ӯзбекон бо падари ӯзбеку модари тоҷик бешуморанд. Аммо бо ин ҳама омезиш, ҳар миллат, гузашта аз муқтазиёти қонунҳои давлатӣ, ҳуқуқи озод ба омӯхтану фаъолият кардан дорад. Миллати мо дар радифи халқҳои дигари кишвар бо эътиқод ва андешаи азалии бетағйир зиндагӣ дорад ва имрӯз ба ҳар гӯшаи кишвар равед, тоҷикон бо овози баланд мегӯянд, ки ин диёр – Ӯзбекистон ватани мост ва инсони олӣ касест, ки  ин эҳсоси нозуки қалби миллатро дарк карда тавонад».

Агарчи зодбуми бобоии Давлатбек деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсун мебошад, ӯ дар Тошканд бузург шудааст. Самеъхӯҷа Саъдуллоев, падари Давлатбек, яке аз зиёиёни пешқадам ва бонуфузи Бойсун буда, маҳорати устодии хешро на танҳо ба шогирдон, балки ба тамоми фарзандонаш ҳам ато кардааст. Тавре ки Давлатбек эътироф дорад, хислатҳои шоистаи инсонӣ, мисли қатъият, росткорӣ, андешамандӣ, бурдборӣ ва ҳақиқатҷӯйиро бештар аз ҳама дар падари худ дидааст ва худаш ҳам барои доштани ин хисоли ҳамида талош меварзад.

Бале, Давлатбек Саъдуллоев тайи фаъолияти худ ва дар давоми зиндагиаш ҳақиқатро дарёфтанӣ мешавад. Шояд замон хоста, ки ҳамагуна фаъолияти ӯ, ҳатто андешаҳои ниҳонии ӯ дар зимн ҳадафе доранд. Ва ҳадафро, бешак, аксаран гардиши рӯзгор муайян мекунад. Дарки арзиши ҳадафҳои лаҳзаина ё фардоина хеле муҳим аст. Суханвару ҷомеашинос ин тафовутро дарк мекунад, дурнамои фардоро дар раванди воқеияти рӯз шинохта, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба он ҷалб менамояд. Пайдост, ки решаи дарахти ҳамешасабзи фардо дар хоки замини имрӯз устувор аст. Ҳунарманди асил як умр сӯйи фардо менигарад ва дар хидмати фардост.

Давлатбек Саъдуллоев низ бо доштани ин гуна андешаву ҷаҳонбинӣ лоиқи таҳсину икроми ҳаммиҳанон гардид. Боиси хурсандӣ ва ифтихори мост, ки ӯ ҳамчун инсони инсоншинос, тарғибгари дӯстиву рафоқат, посдори арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ ба нишони давлатии «Дӯстӣ» муфтахар шуд. Ин ҳам иқдоми некест, ки ҳақиқати рӯзро таҷассум карда, ба зебоии фардо

роҳи тозае кушодааст. Ин гӯё маҳсули ҷустуҷӯйи қаҳрамони мо дар дунёи ҳақиқат аст.

Давлабек Саъдуллоев соли 1987 ба медали Анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти рус (дар Женев) мушарраф гаштааст ва имрӯз дар маркази забонҳо ба донишҷӯён қариб даҳ забонро меомӯзонад.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**29-уми декабри соли 1999**

## ҶАШНИ АРӮСӢ ДАР НУРАТО

Халқи мо хеле ҳассос аст. Дар байни мардум аз қадимулайём расму одатҳои писандидаи миллӣ риоят ва ҳифзу нигаҳдорӣ мешавад. Аз ҷумла, баргузории ҷашнҳо, бозиҳо, нишастҳои миллӣ ҳам аз лиҳози вақт ва ҳам бо муҳтавои ранг ба рангу ҷолиби худ тафовут доранд ва ба унвони одати ҳамешагӣ бар равону ақлҳо ворид шудаанд.

Яке аз суннатҳои ҳаётӣ ва умдаи мардуми мо ҷашни арӯсӣ аст ва он дар манотиқи мухталиф мутобиқи майлу хоҳишҳои мардум ҷиҳатҳои мушобеҳ ва фарққунанда дорад. Дар арӯсиҳо расму амалҳои дӯстдоштаи мардумӣ дар ниҳояти эҳтирому эъзози якдигар ва бо камоли хушнудӣ анҷом мепазирад. Мардуми сарзамини бостонии Нурато низ ҷашнҳо ва базмҳои арӯсиро бо услуби хос ва фарогирии амалҳои дилписанд барпо мекунанд ва ин нигоштаҳо низ бозгӯйи мухтасар аз марҳилаҳои арӯсии эҷиён аст, ки дар қалби риштакӯҳҳои Нурато сукунат доранд.

### 1. Хостгорӣ

Тамоми ҳангомаҳои арӯсӣ бо амали маъруфи хостгорӣ оғоз меёбад. Нахуст ин амалро аз хонаводаи ҷавоне, ки ба синни балоғат расидааст, шуруъ мекунанд. Волидайни ҷавон наздиктарин шахсони худро барои анҷом додани хостгорӣ интихоб менамоянд. Онҳо аксаран сухандон, латифу меҳрабон ва ромкунандаи дилҳо ҳастанд. Одатан ба хостгорӣ одамони солхӯрда ва рӯзгордида, бонувони дар ин кор таҷрубадор ҷалб мешаванд. Хостгорон бо хоҳиши падару модари ҷавон ба хонае, ки духтари қадрасида дорад ва мавриди писанди ҷавону аҳли хонаводаи ӯ қарор гирифтааст, мераванд. Дар қадамҳои аввал суҳбати толибони духтар ва «соҳибон»-и ӯ тул мекашад. Ризоят (ба қавли эҷиҳо, розигӣ) гоҳе бо як бор рафтан ва гоҳе баъд аз хостгориҳои такрорӣ ба даст меояд ва баъзан ҳам ризомандӣ тамоман ҳосил намешавад. Бо ишора ба ин заҳматҳо дар байни халқ гуфтаанд, ки «то ҷон наканӣ санги сиёҳ лаъл нагардад».

Талошу ҳаракатҳо аз тарафи домодшаванда ба хотири дарёфтани дили духтар ва соҳибони ӯ пур аз суҳбатҳои гарм ва лаҳзаҳои дилангез аст. Дар сурати гирифтани ҷавоби рад хостгорон волидайни ҷавонро дил медиҳанд: «Як дари баста, сад дари кушода». Дар замони ризоятмандӣ бошад, аз сӯйи

одамони арӯсшаванда чунин суханҳои маъмул ироа мегардад: «Духтар моли мардум, Худо ӯро ба шумо насиб карда будааст».

Маълум аст, ки ҷӯяндагони арӯс бисёр вақт дурри мақсудро пайдо намекунанд. Вале пас аз ҷустуҷӯю хостгориҳои зиёд дармеёбанд, ки арӯсшавандаи табъи дил аз манзилашон дур набуда, духтари ҳамсоя, духтари гузар, духтари дӯсту ошно ва мисли ин аст. Ба ин маънӣ байти зебое машҳур шудааст:

***Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,***
***Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем.***

## 2. Рӯмолак

Доду гирифти рӯмолча ва ба истилоҳи маъруф дар деҳаҳои тоҷикнишини Нурато, «рӯмолак», аз ҷумлаи русуми баъдина аст, ки пас аз анҷоми амали хостгорӣ сурат мегирад. Ҳамин ки падару модари духтар ва худи ӯ изҳори мувофиқат ва хушнудӣ мекунанд ва дар ин хусус маслиҳати хешовандон қабул мешавад, рӯзи додугирифти рӯмолак таъйин мегардад ва ғолибан сарони оилаи ҷавон ва наздиктарин одамони хонаводаи ӯ ба хонаи духтардор меҳмон мешаванд. Бо эҳтиром ва эътиқод ба якдигар, бо гузоштани дуоҳои нек ва орзумандии ҳаёти хуши ҷавону духтар «латта» иваз мешавад. Яъне, нону кулча, шириниҳо, аз қабили қанду мавизу чормағз, газвор (матоъ) ба якдигар дода мешавад ва рӯмолчае аз ҷиҳози[40] духтар тақдим мегардад. Маҳз дар ҳамин рӯз «сарбанд» шудани духтар эълон мешавад ва бо ризояти тарафайн миқдори маҳри арӯс ва «ширпулӣ»[41] (ҳаққи шири модар) низ маълум мегардад. Одамони тарафи ҷавон бо хушҳолӣ ва хурсандии беҳад аз манзили духтардор берун мераванд. Пас аз додугирифти рӯмолак касе ҳақ надорад ба хонаи духтардор хостгор фиристад, зеро духтар сарбанд шудааст.

## 3. Муборакҳо

Баъд аз расми «рӯмолак» одатҳои фаръӣ оғоз меёбад. Пеш аз ҳама, ба хотири тасбити эътиқоду эътимод асосан бонувони солдида аз ҳар ду ҷониб «мубораки дуздӣ» анҷом медиҳанд. Мубораки дуздӣ мисли як меҳмонии маъмулӣ сурат мегирад ва ҳадафи аслии он наздиктар ошно шудан бо ҳавои хонаводаҳои якдигар, бо одобу ахлоқи аъзои оилаҳост.

Пас аз мубораки дуздӣ аз ҷониби одамони ҷавон «мубораки калон» ба амал меояд. Модари писар ҳамроҳ бо хоҳарони хурду бузург, ҳамсоязанҳо ва дугонаҳои худ ба теъдоди зиёд нону кулча, фатиру чалпак[42] ва дигар

---

[40] **Ҷиҳоз** – лавозим, асбобу анҷом ва ҳар гуна ашёи зарурии рӯзгор, ки барои духтари арӯсшаванда аз ҷониби падару модараш таҳия мегардад; ин калима дар Эҷ ба шакли «ҷиҳез» маъруф аст.

[41] Миқдори маҳри арӯс ва ширпулӣ дар деҳаҳо бо назардиди раёсати маҳаллаҳо мутағаййир мебошад. Масалан, маҳри арӯс, ки «қалин» мегӯянд, дар Эҷ ҳудудан баробар бо пули 20 халта орди 50-килограмӣ аст. Миқдори ширпулӣ бошад, ҳудудан пули 2 килограм гӯшт аст.

[42] **Чалпак** – нонест нозуктар аз лавош, ки паҳни гирд буда онро аксаран дар равғани зард меомезанд; чалпакро қабат-қабат ба шакли чоркунҷа ҷамъ карда, сипас барои тановул пешкаш мекунанд

хӯрданию ширинихои болаззат ҳозир мекунад ва бо чанд нафар ба хонаи қудошаванда меравад. Боз ҳамон шиносоии наздик, икрому иззат, ҳосил кардани боварии бештар ба якдигар сурат мегирад. Тарафайн бо ҳам унс мегиранд, нақшаю тадбирҳои ояндаро меандешанд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ин гуна мавридҳо аксаран модари духтар саъй мекунад худро бо беҳтарину шоистатарин амалу одоб намоиш диҳад. Зеро ҳар як духтардор ба хубӣ дарк кардааст, ки ҳикмати халқии «модара бину духтара гир» ё «модар чӣ гуна, духтар намуна» беҳуда пушти гӯшҳо садо намедиҳад. Ҳангоми чунин боздидҳо, ки аз тарафи одамони домодшаванда ба вуқуъ мепайвандад, духтар шарм мекунад, аз модарарӯси ояндааш ва ҳамраҳони ӯ руст мешавад. Духтар ҷараёни меҳмониро аз дур, пинҳонӣ наззора мекунад.

### 4. Ноншиканон

Калонтарин ва бошукуҳтарин расм қабл аз ҷашни арӯсӣ «ноншиканон» аст. Дар ин гирдиҳамоӣ ғайр аз занон мардон низ ҳозир мешаванд. Ноншиканон бо ёрии бевоситаи одамони ҷониби писар дар манзили духтар доир мегардад. Аз тарафи домодшаванда дар канори фатиру чалпаку ширинихо нонҳои махсуси гӯшакдорро низ ба миқдори дилхоҳ таҳия мекунанд ва ба ин меҳмонӣ аз ҳар ду ҷониб мӯйсафедон, ҳамсояҳо, сарони маҳалла даъват мешаванд. Ҳозиршудагон аз наздик хабар меёбанд, ки духтар ба ҷавон сарбанд ва дар ин хусус тавофуқ ва ризояти ҳар ду ҷониб ҳосил шудааст. Онҳо бо ибрози дуоҳои нек нонҳои гӯшакдорро мешикананд. То қадри имкон неъматҳои дасторхон ба ҳамсояҳо, хешовандон, ёру ошноҳо тақсим мешавад.

Дар расми ноншиканон амали маъруфи дигар – «тӯйандозӣ» сурат мегирад. Дар тӯйандозӣ тамоми мушаххасот ва таахҳудоти ҷашни арӯсӣ таъйин мешавад. Ба хусус, вазифаҳои тарафи ҷавон таъйин мегардад. Аз ҷумла, миқдори маводи масрафӣ, аз қабили орд, равған, қанд, гӯшт, нӯшокиҳо, ҳезум, ки қарор аст дар рӯзи тӯй ба хонаи арӯс диҳанд, маълум мешавад. Аъзои ҳайати раёсати тӯй, масъулини ҷашни арӯсӣ, ороишгарон интихоб мегарданд. Рӯзи дақиқи баргузории тӯй – ҷашни арӯсиро низ эълон мекунанд.

Пас аз расми ноншиканон ҳар ду ҷониб итминони комил ҳосил менамоянд, ки онҳо қудошаванда ҳастанд. Ба хусус, ҷониби арӯс аз омодагиҳои оилаи ҷавон қонеъ шуда, бо камоли мамнуният амали мубораки калони худро анҷом медиҳад. Ана дар ҳамин мубораки калон нонҳои бузурги «бақаймоқ», ки ҳар яке маъмулан 9-12 килограм вазн дорад, ҳозир мешавад. Ин нонҳоро на ҳар кас омода карда метавонад. Ба пухтани онҳо устоҳои чирадаст ва собиқадор, занони ҳунарманд ҷалб мешаванд. Нонҳои мазкурро «нони домодӣ» низ меноманд. Онро дар манзили духтардор пухта, бо тантанаи махсус ба хонаи ҷавон меоваранд. Одатан, нони бақаймоқро ду дона дуруст мекунанд. Якеро бо эҳтиром барои домод ва дигареро барои мӯйсафедон ва меҳмонон ихтисос медиҳанд. Бо расондани ин нонҳои бузург

одамони духтар ошкоро эътимоди худро ба домод ва аҳли хонаводаи ӯ иброз медоранд.

Дигар, то фаро расидани вақти арӯсӣ ҳеч гуна маросими бузург доир намегардад. Аммо амалҳое ҷолиб дар ин муддат низ мушоҳида мешаванд. Минҷумла, «чормағзчошон». Чормағзро домод ҳамроҳи дӯстони худ асосан дар идҳо, пас аз шомгоҳон ба сари духтар мепошад. Дар хонаи духтар ҳангоми чормағзчошон дугонаҳояш ва кӯдакони бисёр ҷамъ меоянд. Онҳо аз чормағзҳои арӯсшаванда талош мекунанд. Ба монанди ин, амали дигар «қандпошӣ» аст. Ҳам аз ҷониби ҷавон ва ҳам аз ҷониби духтар, яъне модарону хешовандони онҳо ҳар ҷо, ки арӯсу домоди худро мебинанд ва ӯ хиҷолат кашида фирор карданӣ мешавад, аз сараш қанд ё меваҳои хушк мепошанд. Аз одамони ҳамдигар ибо кардани арӯсу домод далели эҳтиром ва иззат гузоштан  ба онҳост. Ин як одати латифи мардумист.

## 5. Ҷашни арӯсӣ

Баргузории ҷашни арӯсӣ бо фаро гирифтани расму одатҳои зиёд, ки ҳама бо тартиб ва пайи ҳам иҷро мешаванд, сурат мегирад. Нахустин амал боздид кардани вакилон аз ҳар ду ҷониб аст. Гурӯҳи вакилон аввал ба хонаи ҷавон ва баъдан ба хонаи духтар ташриф бурда, бо ҷараёни омодагӣ ба тӯй, ба қадри кофӣ муҳайё будани лавозими тӯй ва дигар анҷому корҳои муҳим ошно мешаванд. Танҳо пас аз ин амал, расми «тӯйбарӣ» иҷро мегардад. Ҳама тӯйбарон, яъне одамони домод – хешовандону меҳмонон, дӯстони ӯ, бо рақсу овозхониҳои мураттаб ва ҳангомаю шодию нишот вориди ҳавлии духтардор мешаванд. Аз тарафи духтар онҳоро бо сапедӣ – молидани орд ба сару сурат, додани қанду парварда ва ҳазломез бо гӯшкашию чиндани[43] бадан истиқбол мекунанд.

Дар хонаи духтардор мулло бо ширкати домод, ки одатан бо ду нафар дӯсти худ ба пушти дар ё токча (тиреза) меояд ва вакили духтар (маъмулан ба унвони вакил тағо ё бародари духтар баргузида мешавад) хутба мехонад. Дар «хонаи ақд» суфраи ақдро паҳн мекунанд ва бар рӯйи он як ҷилд «Қуръон», як пиёла асал, як коса об, як дона нон, намак ва ширинӣ мегузоранд. Вақте ки мулло (оқид) калимоти заруриро хонда, аз вакили духтар розигӣ мепурсад, вакил нозукандешона дарҳол ризоят намедиҳад. Дар ин маврид аз одамони домод, ки назди онҳо менишинад, ҳадя ё аз рӯйи ҳиммат миқдори пуле ба ӯ медиҳад.

Ва дубора, пас аз такрор шудани калимот аз ҷониби мулло вакили духтар ризоят медиҳад. Баъд аз ин, пурсишҳои мулло аз домод низ сурат мегирад. Танҳо пас аз «қабул кардам» гуфтани ӯ мулло баста шудани ақди никоҳро эълон мекунад. Ин амали мусалмонӣ ва миллии ақди никоҳи ҷавонон аст.

Пас аз хондани мулло арӯсу домод ба назди дӯстони худ, ба хонаҳои махсус, ки қаблан менишастанд, бармегарданд. Арӯсро барои гуселондан

---

[43] **Чиндан** – *лаҳҷ.* пучидани бадан, нешгун

ороста мекунанд. Ба домод низ янгаҳои арӯс либосвории домодиро мепӯшонанд. Дӯстони хонадор нашудаи ӯ бо умед аз оби косаи суфраи акд мехӯранд.

Арӯс ашкрезон бо аъзои хонаводаи худ худоҳофизӣ мекунад. Ӯ мегиряд бо алам, беист, бо овози баланд. Зеро ба хубӣ дарк мекунад, ки дигар аз оилаи ҷоноҷони худ дур мешавад, минбаъд ба ин ҷо танҳо ба меҳмонӣ меояд. Арӯс гирён, дигар ҳама шоду хурсанд дафзанону сурудхонон ба роҳ меуфтанд. Маъмулан, арӯсро дар хонаи худаш падари ӯ (ё бо хоҳиши падар, агар бошад, бобояш) гусел мекунад ва дар манзили домод ӯро падар ё модар ва ё бузургсоли хонаводаи ҷавон қабул мекунад. Ба маҳзи қабул кардан арӯсро аз болои дуди ҳазориспанд мегузаронанд. Пас аз истироҳати кӯтоҳ ҷашни арӯсӣ дар хонаи домод бо шукуҳу тараби бештар давом меёбад…

**Рӯзномаи «Фарҳанги Осиёи Марказӣ»,**
**августи соли 2000**

## ДАРГУЗАШТИ МУФОҶО

**(Таҳти рукни «Поси хотир»)**

Олими ҷавон дар утоқи худ танҳо нишастааст. Чанд адад китобу маҷаллаву рӯзнома ва коғазҳои сафеду сиёҳшуда дар пешу гирди ӯ паҳну парешон. Касе музоҳимаш намешавад, ҳатто ҷуръати ворид шудан ба хонаи ӯро надорад. Олими ҷавон намехоҳад риштаи андешаҳояш гусаста шавад. Ӯ оромиро дӯст дорад, танҳо оромиро.

Бо меҳр китобчаи «Ғазалиёт»-ро ба даст мегирад, пешгуфтори он диққаташро ҷалб мекунад: «Ҳарирбофи сухан». Ин асар маҳсули заҳматҳои чандинсолаи ӯст, маҳсули пажӯҳишҳояш доир ба сабку мавзуоти назми Муҳташами қарни шонздаҳ, ки аввалин бор ба дӯстдорони адабиёт тақдим шудааст. Бо ҳаяҷони ниҳонӣ, бо завқи вофире, ки нисбат ба навиштаҳои худ дорад, саҳифаи аввалро боз мекунад.

***«Боз фитода дар ҷаҳон шӯр, ки карда Муҳташам,***
***Булбули боғи ошиқӣ табъи ғазалсаройро», –***

бо ин байт дар чашмандози олими ҷавон навори «филм»-и дӯстдоштааш, ки бозгӯкунандаи табъи ғазалгӯйӣ ва фалсафаи ҳаёту эҷоди Муҳташами Кошонист, зоҳир мешавад. Ӯ китобчаро бодиққат, аз сар то по мехонад, ҳарчанд қаблан ҳам чандин бор варақ зада буд. Ниҳоятан, бо хондани байте, ки дар охирин саҳифаи рисола омадааст, бештар мутаассир мешавад, ин байт гӯё аз дили ӯ садо медод:

***Чу бар дарди ҷудоӣ, Муҳташам, гардидаӣ собир,***
***Ба сабр ин дард пайдо мекунад беҳбуд, пиндорӣ.***

Олими ҷавон каме сукут мекунад, дубора ба олами андеша фурӯ меравад…

Даргириҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо кишвари ҳамсояи Афғонистон ҳанӯз идома дошт. Ба назар мерасид, ҳамроҳ бо низомиён рафтуомади мутахассисони риштаҳои мухталиф ва ирсолу таҳвили[44] корвонҳои моводи мавриди ниёз поён надорад. Дар он айём, вақте ки гармои тобистон пиряххҳои баландтарин қуллаҳои Помирро низ об мекард, дархостномаи вазорати нафту гози мамлакат ба се нафар фориғ-ут-таҳсили донишкадаи шарқшиносӣ низ расида омад. Се нафар дӯсти қарин – Абдувоҳид, Абдурауф ва ӯ ҳама кору ташвишҳои худро канор гузошта, аз Душанбе ба мақсади Маскав ба роҳ баромаданд. Се рӯз бозпурсию санҷишҳои ниҳоӣ сурат гирифт ва дастандаркорони умури хориҷа ҳар серо ба шаҳри Мазори Шариф раҳсипор намуданд. Мазори Шариф онҳоро аз ҳам ҷудо кард: Абдувоҳидро ба Ҷарқудуқ, Абдурауфро ба Ҳирот ва ӯро ба Шибирғон фиристоданд.

Шибирғон чашми ӯро калонтар кушод. Маҳз дар ин шаҳраки дурдаст ба хубӣ донист, ки дарди фироқ, дарди ҷудоӣ аз ёру диёр чӣ қадар мушкилу пуразоб аст. Бо вуҷуди ин, муҳити корӣ, ҳамнишинӣ бо миллату ақвоми мухталиф ва ба вижа, шуғли мутарҷимӣ ӯро аз банди нороҳатӣ ва хаёлоти мубҳаму печида раҳо месохт. Бештар аз ҳама, аз шаҳраки қадимаи Шибирғон хушаш меомад, ки ҳамроҳ бо фазои сабзи атрофаш ҳанӯз ҳам торкӯчаҳои пур аз печу хам, хонаҳои сангини пасу пеш коҳгилгирифта ва мардуми «куҳнапарасте» дошт. Сокинони ин шаҳрак аксаран яктаҳу ҷомаҳои баланд ва чоруқу кафшу маҳсӣ мепӯшиданд. Онҳо ҳанӯз ҳам аз василаҳои қадимисохт, мисли қошуқу табақҳои чӯбин, косаҳои сафолӣ, утуҳои зуғолӣ[45], юғу омоч, аробачаҳои чархфилизии тасмадор истифода мебурданд. Алалхусус, масҷиду мадраса ва китобхонаи Шибирғон ҳушу ёди ӯро рабуда буд. Ҳар гоҳ барояш вақти холӣ даст медод, бо шитоб ба сӯйи китобхонаи дӯстдоштааш, ки бинои хурди ба назар ноаён, вале муҳтавои бое дошт, мешитофт ва машғули мутолиаи китобу нусхаҳои хаттӣ мешуд. Он ҷо ҳар чӣ ба назараш тозаву ҷолиб менамуд, рӯнавис мекард, орзу дошт рӯзе бар асоси онҳо кори илмӣ хоҳад навишт. Дар китобхона пайдо шудани матолиби муаррихон роҷеъ ба зиндагинома ва осори муҳаддиси бузург – Имом ал-Бухорӣ таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намуд. Ҳадисномаи мураттабсохтаи ин донишманд бештар ӯро ба ваҷд оварда буд. Гузашта аз ин, бо оқои Шаҳриёри хаттот машқи хат кардани ӯ самараи хуб бахшид. Баъдан, дар ҳар нишасту маҳфиле хаттотиашро ба наҳви аҳсант эътироф кардаанд.

Аз байн чанд сол гузашт. Дубора аз Афғонистон ба Душанбешаҳр баргашт. Ба хотири бекор набудан чанд муддат дар яке аз мактабҳои ноҳияи Марказӣ ба гурӯҳҳои забони русӣ аз забони тоҷикӣ дарс дод. Бо амри тасодуф, он рӯзҳо, вақте ки аз дарсҳо фориғ шуда ғарқи хаёлоти худ дар пайроҳаи канори хиёбон қадам мезад, мулоқоти ӯ бо устоди забони арабӣ Матин Ҳусейнзода ба вуқуъ пайваст. Миёнашон суҳбати гарму самимие ба

[44] **Ирсолу таҳвил** – фиристодан ва қабул кардан
[45] **Зуғол** – ангиштсанг

амал омад. Вақте ки устод аз машғулиятҳояш пурсон шуд, ӯ табъи дил набудани шуғли омӯзгориро пинҳон накард, рӯйирост гуфт, ки аслан майли дарсдиҳӣ надорад, мехоҳад мавзуеро аз адабиёт гирифта кори илмӣ кунад. «Мехоҳам олим шавам», – нимҳазлу нимҷиддӣ изҳор дошт ӯ. Устод Ҳусейнзода хандаи ширине карда, ба русӣ гуфт: «Вот здорово! Как хорошо, что мой ученик хочет стать учёным!» Сипас афзуд: «Дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ шуъбаи дастхатҳо ташкил шудааст. Устод Камол Айнӣ хоҳиш карда буд, агар касеро аз шогирдони хуб суроғ дорам, ба пешаш фиристам. Айнан ту, додар, боби ҳамон шуъбаӣ. Бо устод мулоқот кун!»

Он суҳбат буду ба дидори раиси пажӯҳишгоҳ, адабиётшинос ва ховаршиноси маъруф Камол Айнӣ расид. Олим ӯро, ба истилоҳ, «аз элак гузаронд». Он рӯзе, ки Камол Айнӣ ӯро имтиҳон мекард, устодон Абӯбакри Зуҳуриддин ва Баҳром Шермуҳаммадов низ ташриф доштанд. Дар ҳузури онҳо Камол Айнӣ пас аз саволу ҷавоби давомдор девони ғазалиёти Хоҷа Ҳофизро, ки китобе буд хеле фарсуда, пеши ӯ гузошта амр кард, ки аз ҳар саҳифае мехоҳад ғазале қироат кунад. Ин амр барояш ҳеч мушкилие надошт. Сипас устод аз ёд хондани ду-се ғазалро дархост намуд. Ин амр низ бо суҳулат иҷро шуд. Вақте ки тибқи супориши сеюм ду матнро ба хатҳои насху настаълиқ навишт, дигар устод Камол Айнӣ аз ҷо баланд шуда ӯро ба оғӯш кашид ва бо изҳори итминону хушҳолӣ гуфт: «Ту аз имрӯз истихдом шудӣ, Абдуҷалил, туро ба ихтиёри устод Абӯбакр месупорам».

Он лаҳзаи масарратбахшро ҳанӯз ҳам дар худ эҳсос мекунад. Таърифу эътирофи донишманде, мисли Камол Айнӣ, ба ӯ болу пар бахшид. Ӯ ба шуъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ, ба олами пурасрори адабиёти ниёкон роҳ ёфта буд. Дигар метавонист китоби дилхоҳи худро аз бойгонии китобҳои нодир дастрас намояд ва ҳар қадар мехоҳад мутолиа кунад. Оре, равшан дар хотир дорад, он рӯзҳо чунон шефтаи кор буд, аз субҳи зуд то бевақтии шаб машғул будани худро нафаҳмида мемонд.

Аввалин маҳсули заҳматҳои шабурӯзии ӯ таҳияи феҳристи адабиёти мавҷуд дар бойгонии пажӯҳишгоҳ гардид. Ин феҳрист мутобиқи алифбои кирилӣ ва бо тасҳеҳу таҳрири устод Абӯбакр Зуҳуриддин ба чоп расид. Танҳо пас аз ин кор суҳбати «ҳақиқӣ»-и устод бо ӯ сурат гирифт. Боре, бе он ки аз майлу орзуи вай бохабар бошад, устод суол кард: «Мехоҳӣ мавзуе бигирӣ ва кори илмӣ анҷом диҳӣ?» Ӯ бо хушҳолии беҳад, дар ҳоле ки гӯё мунтазири ин пурсиш буд, беихтиёр ҷавоб дод: «Албатта, устод, орзуи деринаи ман ин аст!». «Боракаллоҳ! – бо изҳори қаноат афзуд устод, – рӯйи кадом мавзуъ мехоҳӣ кашфиёт кунӣ?» Он лаҳза, ҳарчанд вожаи «кашфиёт» ба назараш чун қуллаи дастнорас ҷилва мекард, дар як он сафари Афғонистон, китобхонаи Шибирғон, маводи омӯхтааш роҷеъ ба муҳаддиси бузург Имом ал-Бухорӣ аз навори хотир гузашт. Дар сурате ки худаш ҳам намедонист чаро ба ин мавзуъ дилбастагӣ дорад, андешамандона гуфта буд: «Ният дорам парда аз розҳои нуҳуфтаи Имом Бухории Самарқандӣ бардорам». Устод ба фикр фурӯ рафт. Ду-се бор зери лаб «Имом Бухорӣ, Имом Бухорӣ» гуфту изҳори назар кард: «Ту, ҷонам, ба мавзуи мушкил

даргир нашав. Таҳқиқи китобҳои илоҳӣ, баррасии илми тасаввуф вақти зиёд металабад, аммо имрӯз фурсат дорем хонандагонро бештар бо осори шоироне, ки дар ин бойгонии мо маҳфузанд, ошно кунем. Масалан, Муҳташами Кошонӣ. Ин шоири пурборест, вале девонаш зери гарду хок хобида. Касе нест, ки онро ба хати имрӯз гардонда, мағзашро аз пӯчоқ ҷудо кунад»...

Дигар ҷойи фикр намонда буд. Ӯ пайрави фармудаҳои устоди худ амал кард ва алҳамдулиллоҳ, дурри мақсуд ба даст омад. Дар давоми як сол девони Муҳташами Кошонӣ ба хатти тоҷикӣ баргардонда шуд ва ӯ рисолаи номзадии хешро низ дар чаҳорчӯби мавзуъ ва мундариҷоти осори ин шоири, воқеан, «пурбор» дифоъ кард. Ӯ тавонист «муҳташамӣ»-и Муҳташамро дар каломи мавзун исбот намояд ва гуфтаҳои шоирро ба аҳли фаҳм расонад:

***Ҳар куҷо мутриб зи назми Муҳташам хонд ин ғазал,***
***Офарин карданд бар табъи суханпардози ӯ...***

Олими ҷавон дар утоқи худ танҳо нишастааст. Як лаҳза риштаи хаёлоти ӯ қатъ мешавад. Китобчаи «Ғазалиёт»-ро рӯйи чашм мекашаду канор мегузорад. Боз назар меафканад ба китобу коғазу рӯзномаҳои паҳну парешон. Ҳар яке хабаре аз олими ҷавон доранд. Ӯ бо иштиёқ, бо меҳр ба навиштаҳое, ки имзои ӯро доранд, дида медӯзад. Дар ёд дорад, баъдан ба донишгоҳ ҷалб шуда буд, аз фанҳои забони форсӣ ва матншиносии классикӣ дарс мегуфт. Бо вуҷуди ин, фаъолияти адабиётшиносии худро қатъ накард. Чандин достону ашъори дигарро ба хатти муосир баргардонд, даҳҳо мақолаи илмию интиқодии худро марбут ба осори гузаштагон иншо кард. Дар саҳифаҳои маҷаллаҳои «Мардумгиёҳ» ва «Фарҳанг» бошад, ба таври муттасил сеҳри хаттотии худро намоиш дод. Ӯ мисли наққоши нозукбин аксҳои кӯза, анвои гул, олоти мусиқӣ ва соир ашколи ҷолибро тавассути хатти насху настаълиқи форсӣ офарид. Инак, бо даст додани фурсат ҳар як асари худро рӯйи даст мегирад, дуру дароз зеҳн мемонад, вале аз хондану тамошои онҳо сер намешавад. Эҳ, аҷаб рӯзгоре, аҷаб талошҳое дошт ӯ!

Олими ҷавон аз мутолиа сар мебардорад, хамёза мекашад, ҳис мекунад, ки бехабар аз худ хаста шудааст. Дар ин ҳол чашмаш ба бастаи суратҳо меуфтад. Беихтиёр аксҳоро ба даст мегирад. Фарзандони азизаш бо табассуми малеҳ ба ӯ менигаранд: Ҳилол, Фаррух, Дилноза, Дилрабо. Аз дидаҳои онҳо мехонад, ки гӯё гуфтанианд: «Додоҷон, мо туро дӯст медорем, аслан аз мо хавотир накаш, нороҳат нашав…» Ӯ танҳоии худро пай мебарад, хӯриаш меояд, бехи чашмонаш пури об мешавад. Бо маъюсӣ акси дигарро ба даст мегирад – сурати «шайтон»-ро. Ин дафъа авзояш тағйир меёбад, чинҳои пешониаш таранг шуда, муштҳояш гиреҳ мехӯранд. Тез-тез нафас мегирад, аз бехи гулу хиррас мезанад. Дар ҳоле, ки гӯё баданаш аланга мегирифт, бо ҷаҳл аксро байни ангуштонаш ғиҷим мекунад ва бе он ки худашро нигаҳ дорад, бо садои баланд дод мезанад: «Лаънатӣ! Беор! Ту, беимон, ҳоло ба дастам меафтӣ, албатта, қасос мегирам! Мекушам туро, шайтони одамсурат!»

Доду ғиреви нобаҳангоми олими ҷавон хонаю дарро ба ларза меоварад. Ҳамон лаҳза дари утоқи ӯ боз шуда, падару модари ба изтироб афтида ворид мешаванд. Падар «писарҷон, писарҷон»-гӯён ӯро ба оғӯш мекашад. Аз пайи ӯ модари нолон ҳам ларзону ҳаросон ба рӯяш об мепошад. Бо мушкилӣ ӯро ором мекунанд...

Оре, олими ҷавон мубталои дард буд, дарди равонӣ. Чанд муддат аст, ки ҳама кору зиндагиро таътил карда, ба зодгоҳ, назди волидон омадааст. Вақте ки худашро орому сари ҳол ҳис мекунад, аз рафтори номуносиб ва азиятҳое, ки ба сари падару модари азизаш овардааст, хиҷолат мекашад. Аммо чорае надорад, дигар торҳои аъсобаш хароб, хеле-хеле нозук шудаанд. Падару модар ва хоҳару бародаронаш наметавонистанд дардҳои ҷонкоҳи ӯро таҳаммул кунанд. Бо ин ҳол, ҳар коре дар тавонашон буд, анҷом доданд: ба чор атроф дунболи духтур, дунболи эшону табиб, дунболи фолбин давиданд...

Олими ҷавон дар утоқи худ, рӯйи тахтхоби беморӣ танҳо нишастааст. Ӯ охирин бор саъй карду ба мағзи худ фишор овард, то ёддоште, асаре тоза офарад. Аммо, сад афсӯс, талошҳояш зоеъ рафтанд. Азбаски хаёлаш парешон буд, ҳарфҳои парешон зери лаб хоид, ибороти бемаънӣ, ҷумалоти бесару нӯг пушти ҳам чид. Олими ҷавон асабонӣ шуд. Дубора дар оинаи зеҳнаш, пушти рангҳои хираю хокӣ чеҳраи зишти он бевафо – «шайтони одамсурат» ба намоиш даромад. Дигар, тоқати дидани ӯро надошт, аз қаъри дил фарёд кашид: «Нобакор! Беҳаё!!» Мавҷи хаёлоташ парешон шуд, пеши чашмонаш сиёҳӣ зад, гӯё ба қалбаш нештаре халид. Беҳолона якпаҳлу афтид, дар ҳоле ки чизеро ҳис намекард, аз кунҷи лабонаш кафки сапеди ҳубобдор заҳидан гирифт…

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**19-уми январи соли 2005**

***Замима:***

***Номзади улуми филологӣ, дотсент Ҷалили Орзумурод яке аз ховаршиносон ва адабиётшиносони пуркор буд. Ӯ мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ – деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато хонда, барои идомаи таҳсил ба шаҳри Душанбе меравад. Дар он ҷо бахши форсии факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм мекунад. Фаъолияти кории худро ба унвони мутарҷим дар Афғонистон оғоз менамояд. Сипас дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Душанбе бо таҳқиқу баррасии осори ниёкон ва ба хатти тоҷикӣ (кириллӣ) баргардондани дастхатҳои нодир машғул мешавад. Ӯ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ ба унвони устоди забони форсӣ ва матншиносӣ ифои вазифа карда буд. Даҳҳо мақолаи илмию интиқодӣ, осори ба навиштори тоҷикӣ гардондаи ӯ, маҳсули хаттотиҳои мутааддид ва тарҷумаҳояш дар матбуоти даврии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ӯ аз аввалин касонест, ки дар Тоҷикистони мустақилшуда ҷиҳати таълиму тадриси хат ва матни классикӣ дастуру китобҳои илмию методӣ таҳия кардааст.***

***Мутаассифона, риштаи ҳаёти Ҷалили Орзумурод ба таври муфоҷо канда мешавад. Ӯ соли 2004 мубталои дарди бедавои руҳӣ гардида, дар синни чилу шашсолагӣ зиндагиро падруд гуфт.***

***Руҳи ин марди худогоҳ шод бод!***

## АДИБЕ БЕ КИТОБ, ОЛИМЕ БЕ УНВОН

«…Дар пайроҳаҳои деҳа қадам мегузорему бо одамони мухталиф рӯ ба рӯ мешавем. Кӯдаке аз болои кӯҳ ба роҳ санг мепартояд, ҷойи ин ки роҳро аз санг тоза кунад, ки онро гузаштагон савоб меномиданд. Зане дар дами оби чашма, ки мардум аз он барои хӯрдунӯш истифода мебаранд, ҷомашӯйӣ мекунад, ҳол он ки ифлос кардани обро аҷдодамон убол донистаанд. Ҷавоне бо харе ҳезум меорад, ҳезуми тар. Боз кадом як ниҳоли сарсабз қурбони табари ӯ гардидааст, ҳол он ки гузаштагони мо «тар бурию сар бурӣ» гуфтаанд. Гоҳан аз паҳлуят ҷавонони бекору бепарво мегузаранд, ки ҳастию нестии туро пай намебаранд, духтароне дучор меоянд, ки симои нимурупой доранд…»

Муаллифи сатрҳои боло касест, ки ҳар як андеша ва баҳси худро бо сӯзу гудоз даставвал аз одамони худ, аз гузар у зодбуми худ оғоз мекунад. Ӯ тахайюлоти пуробурангро бо дарки воқеият чунон вусъат медиҳад, ки хонанда беихтиёр ҳис мекунад гӯё оинае аз падидаҳои рӯзгор рӯ ба рӯяш истодааст ва ин оина мисли китобест роҳнамои зиндагӣ. Худ аз худ суоле пеш меояд: ин китоби роҳнамоиро кӣ метавонад таълиф кунад? Чӣ касе метавонад ба миллати худ ин гуна китоберо, ки бозгӯйи асрори ҳаёт бошаду бурду бохт ва орзуву омоли халқро тараннум кунад, тақдим намояд?

Оре, чунин афрод, агарчи ангуштшуморанд, дар нишебу фарозҳои зиндагӣ, дар байни мову шумо, гоҳ аёну гоҳе нопайдо, босубот қадам мезананд. Барои онҳо лаззату талхиҳои шабу рӯз як аст, дарду ранҷҳои равониро дар худ таҳаммул мекунанд, аммо асли воқеият, роҳи дуруст ва имону оқибатро ба дигарон ошкор месозанд. Онҳо худро фаромӯш мекунанд, бехабар аз худ, пайваста ғами дигаронро мехӯранд, роҳати худро дар таровати зиндагӣ ва файзу баракати ҳаёти дигарон мебинанд.

Абдуназари Набӣ, бе муболиға, аз зумраи ин гуна мардони поксиришт аст. «Ман намедонам, ман аслан надидаам, ки одаме чун Абдуназар ҳама роҳату осоиши худро фаромӯш карда, фақат ғами халқро хӯрда гардад, – мегӯяд раиси хоҷагии ҷамоавии «Нурато» Зайниддин Амонов. – Ман саъй мекунам ҳамчун раҳбар ин хислатро дошта бошам, аммо ҳеч ба Абдуназар намерасам. Ба ӯ ҳавасам меояд, ба донишу истеъдодаш тан медиҳам. Раёсати маҳаллаи Эчро, ки се қишлоқро фаро мегирад, ба ӯ бахшида, хаёламро роҳат кардам. Дили халқро ёфтани ӯ бароям кифоя аст».

Абдуназари Набӣ зодаи кӯҳпояи Нурато ва аз шаҷараи маъруфи «Абдуназарӣ» аст. Падари ӯ Абдунабӣ Назаров низ дар сафҳаи хотироти мардуми диёр нақши босазо гузоштааст. Ӯ яке аз ташкилкунандагони мактабу муассисаҳои маърифатии нав буд ва бештар аз сӣ сол вазифаи мудирияти мактаби Эчро ба уҳда дошт. Шояд тарбияи дурусти ӯ буда, ки Абдуназари Набӣ ҳам номи гузаштагони худро боз ҳам ба иртифои шуҳрат расонид ва чун нигаҳбони осори ниёкон, забондон ва фолклоршиноси нуктабин ва миллатдӯсту хештаншинос дар дили мардум маъво гирифт.

Ҳарчанд имрӯз, дар овони бознишастагӣ Абдуназари Набӣ ба ҳайси раиси маҳалла иқдомоти ҷамъиятиро анҷом медиҳад, ӯ бештари умри худро ба унвони омӯзгор сипарӣ кардааст. Асрори касби омӯзгориро дар пеши устодони донишгоҳи Самарқанд фаро гирифта, ҳунари худро дар мактаби миёнаи деҳаи Эҷ сайқал медиҳад. Ӯ бо собиқа ва фазилатҳои омӯзгории худ таку танҳо буд. Ба қавли дӯсти солҳои ҷавониаш, адиб Бекназари Дарӣ, ҳеч кас наметавонист «Абдуназар» шавад.

Шуҳрати ӯ ба туфайли маҳорати забондонӣ, корбурди услубу равишҳои хоси тадрис, бархӯрдҳои фавқулода оқилона бо шогирдон шуҳрати ӯ беш аз пеш меафзояд. Дар давоми фаъолияти омӯзгорӣ усули кори Абдуназари Набӣ чандин бор дар миқёси мактабҳои ноҳия ва вилоят оммавӣ гардида буд. Ӯ борҳо ба унвони омӯзгори пешқадам дар анҷуманҳои муаллимон, ки дар шаҳрҳои Навоӣ, Самарқанд, Тошканд ва Душанбе барпо шудаанд, ширкат варзидааст.

Абдуназари Набӣ аз гирдиҳамойии омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ, ки дар Душанбе баргузор шуда буд, хотироти масарратбахш дорад. Ӯ ба баҳонаи он анҷуман бо як идда олимони риштаҳои забону адабиёт, таърих ва аҳли қалами Тоҷикистон, мисли Абдулғанӣ Мирзоев, Камол Айнӣ, Аҳрор Мухторов, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Адаш Истад суҳбатҳои дилнишин доштааст ва то ҳадде дар дили онҳо шавқи сафар ва дидани Ӯзбекистонро барангехтааст. Маҳз бо даъвати ӯ баъдан муаррихи маъруф Аҳрор Мухторов ба кӯҳистони Нурато ташриф оварда, таҳқиқоте дар бахши мардумшиносӣ, катибаомӯзӣ, сангнавиштаю сангнигораҳо ва таҳлили осори ниёкон анҷом додааст.

Абдуназари Набӣ дар давоми омӯзгорӣ шаш сол пайи ҳам ба озмунҳои ҷумҳурӣ, ки аз фанҳои забону адабиёти тоҷик баргузор гардида, ҳамчун узви ҳайати озмун доварӣ кардааст. Дар ин муддат низ бо зиёиёну равшанфикрони пешқадам мулоқотҳо анҷом дода ҳамроз шудани ӯ илҳомовар буд ва ба афзудани таҷрибаю обрӯю манзалаташ дар миқёси кишвар мусоидат кардааст.

Донистани урфу одат, расму оини миллӣ, таърихи бостонӣ ва эҷодиёти мардумӣ ҷону дили Абдуназари Набист. Ӯ дар ин бахш очерку мақолаҳои бешумор навиштааст. Бояд гуфт, ки ӯ ҳанӯз аз овони ҷавонӣ дӯстдору ҳаводори рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ, ба хусус, рӯзномаҳои «Илғор чорводор» (ин рӯзномаи ноҳиявӣ саҳифаи тоҷикӣ бо номи «Рангинкамон» дорад ва дар айни ҳол бо номи «Нурнома» чоп мешавад), «Овози Самарқанд», «Овози тоҷик» аст ва аз ин минбарҳо истифода бурда, чакидаҳои пурмуҳтавои худро ироа намудааст. Ӯ дар хонаи худ китобхонаи бузурге дорад ва як гӯшаи тулониро танҳо бастаҳои чандинсолаи рӯзномаю маҷаллаҳо ишғол мекунанд.

Абдуназари Набӣ барандаи чанд конкурс низ мебошад, ки тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» эълон шудаанд. Солҳои навадум мақолаҳои ӯ дар мавзуоти хештаншиносӣ ва озодандешӣ диққати хонандагонро ба таври шигифтангез ҷалб намудаанд. Дар озмунҳои «Маърифат» ва «Қадамҳои

истиқлол»-и рӯзномаи «Овози тоҷик» мақомҳои аввалу дувумро гирифтани ӯ аз ин нукта далолат медиҳад.

Ҷойи зикр аст, ки Абдуназари Набӣ дар соҳаи назм низ қувва озмудааст, вале бо фурӯтанӣ ҳанӯз байтеро ҳам ба дасти чоп надодааст, дар сурате, ки овозхонони маҳаллӣ аз шеърҳои ӯ пайваста мехонанд ва дар ҷашнҳову арӯсиҳо пораҳои шеъриаш аз забони сухангӯҳо намеафтад. Яқинан, ироа ва таҳлили ашъори «ниҳон»-и устод як мавзуи алоҳидае аст, ки як нафар аз дӯстдорони каломи мавзун метавонад ба он камари ҳиммат бибандад.

Дар таърифи марде чун Абдуназари Набӣ, ки воқеан, адибест бе китобу олимест бе унвон, ҳар қадар сухан гуфта шавад, кам аст. Кош хислатҳои нек ва осори боарзиши ин ҷонсупори миллат ва дӯстдори фарҳангу оини мардумӣ ба наслҳои дигар софу шаффоф интиқол ёбад.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**16-уми августи соли 2006.**

***Ёддошт:***

***Мақолаи мазкур таҳти рукни «Ба ҷойи табрик» ба муносибати 60-солагии зодрӯзи омӯзгор ва адиб Абдуназари Набӣ чоп шудааст. Қобили зикр аст, ки акнун Абдуназари Набӣ ҳам соҳибкитоб аст. Ӯ ду китоби худ – якеро иборат аз баргузидаи шеърҳо бо номи «Раҳоварди кӯҳистонӣ» ва дигареро роҷеъ ба таърихи зодгоҳаш деҳаи Эҷ бо номи «Сарзамине дар доманакӯҳ» соли 2010 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» ба табъ расондааст.***

## НАЗАРЕ БА ГАВҲАРИ МАШРИҚЗАМИН

### (Таҳти рукни «Сафар дар ватан»)

Ба мисдоқи мақоли «шунида кай бувад монанди дида», тамошои маконҳои дидании кишвар чӣ қадар фараҳбахш аст! Бе муболиға, гоҳе аз тасвири зебоиҳо забон оҷизӣ мекунад. Ҳарчи сафар мекунему амиқтар ба муъҷизоти диданӣ фурӯ меравем, беш аз пеш ба асрори тозатар рӯ ба рӯ мешавем ва дар дил ҳисси кунҷковӣ ва дарки ҳақиқат бештар туғён мезанад.

Ҳамеша фикр мекардам ҷаҳонро дидану донистан фақат ба туфайли ҷаҳонгардӣ дар мамолики дигар, дар сарзаминҳои берун аз марзи кишвар муяссар мегардад. Вале, ахиран, пас аз он, ки сафарҳое дар чанд гӯшаи ватани маҳбуб анҷом додам, ба хубӣ дарк намудам, ки диёри худро ба серӣ тамошо кардан беҳтарину руҳбахштарин ҷаҳонгардӣ будааст. Фақат пас аз тамошои маконҳои бостонӣ ва ҳамешаҷавони диёри худ ва таваҷҷуҳ ба арзишҳои воқеии он мумкин аст ба ҷаҳони дигар, ба диданиҳои сарзаминҳои дигар баҳои ҳаққонӣ дод. Агар мо оби дари хонаро тира бубинем, бешак, ба манзилҳову ёдгориҳои дидании бегонагон кӯр-кӯрона фирефта хоҳем шуд ва ағёрро ҳамеша болотару тавонотар аз худ хоҳем дид. Барои тавзеҳи ин нукта шарҳи нуқоти дидании Хеваи куҳантаърих хеле бамаврид аст.

То расидан ба сарзамини Қароқалпоқистону Хоразм лозим меояд роҳи дурударози биёбониро, ки аз Бухорои Шариф оғоз меёбад ва хеле хастакунандаву тазйиқовар аст, тай кард. Вале ҳар гуна азият дар пеши шавқу иштиёқи дидорбинӣ ва тамошои диёри ноошно ҳеч аст. Ба хусус, касе, ки вориди муҳити гарму самимии мардуми он диёр мегардад, бо расму оинҳои ҳамидаашон ошно мешавад ва ҷойҳои дидании он сарзаминро аз наздик тамошо мекунад, ба хубӣ ин маъниро дарк менамояд ва аз ҳар гуна хастагӣ фориғ мешавад.

Дар ин сафар ҳадафи асосии ману бародарам Рабимҷон тамошои Хоразм буд. Вале, қабл аз расидан ба ин диёр мебояд марзи ноҳияҳои Тӯрткӯлу Эликқалъа ва Беруниро бурида гузашт. Дар хоки ин ноҳияҳо қадам ниҳода, тавре ки мардуми маҳаллӣ муътақиданд, боздид накардани чанд боб зиёратгоҳи сари роҳ, мисли «Наримҷонбобо», «Кечирмасбобо», «Султонбобо» гуноҳ аст. Қадамгоҳҳои мазкур муддатҳои зиёд ҷойи тавофу тамошои мусофирону зиёраткунандагон буда, ҳар яке дорои таърих ва моҳияти ба худ хос мебошад. Одамон бештар ба хотири руҳи тоза гирифтан, барои муяссар шудан ба мағфирату иноятҳои Парвардигор ба ин муқаддасҷоҳо ташриф меоваранд.

Мусофирон танҳо баъд аз паси сар гузоштани рӯдхонаи Амударё ба вилояти Хоразм ворид мешаванд. Ҳар касе, ки пояш ба ин хитта мерасад, бе мулоҳиза, ба навбати аввал роҳи Хеваи бостониро пеш мегирад. Ин шаҳр, ки бо номи рамзии «Гавҳари шарқ» маъруф аст, дар сию панҷкилометрии Урганҷ – маркази Хоразм воқеъ мебошад. Ичонқалъаи Хева соли 1967 ҳамчун мамнуъгоҳи давлатӣ эътироф гардида, соли 1990 дар феҳристи мероси фарҳангии ҷаҳон (аз сӯйи ЮНЕСКО) сабти ном шудааст. Моҳи

октябри соли 1997 ду ҳазору панҷсадумин солгарди шаҳри бостонии Хева ба таври бошукуҳ баргузор ва ба ин муносибат Фарҳангистони Маъмуни Хоразм низ эҳё гардид.

Ба истилоҳ, ду қалъа – Ичонқалъа ва Дишонқалъа шаҳри қадимаи Хеваро ташкил медиҳанд ва ҳама ёдгориҳои таърихию зиёратгоҳҳо мавҷуд дар ин қалъаҳоанд. Вақте ки кас вориди шаҳри бостонии Хева мегардад, худро дар олами дигар, ки бо кӯчаю сохтмонҳои қадимисохташ имтиёз дорад, ҳис мекунад. Аз назари тарҳу хушгилӣ ин шаҳр ҳарчанд ба маконҳои бостонии Самарқанду Бухоро намерасад, аммо бартариаш ин аст, ки кулли ёдгориҳои он дар як қалъа ҷамъ омадаанд ва ниёзе нест, ки кас аз ин сӯ ба он сӯ ранҷи рафтуомад кашад. Дар Хева низ ҳар як созаву иншоот ва иморат дорои услуби меъмории ба худ хос аст ва аз ҷиҳати намои зоҳириву дохилӣ, рангубор, нақшу нигор, кошӣ ва оҷуркорӣ, тарҳу теъдоди роҳраву зинаҳо ва утоқҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ҳамон замонҳои пеш аз лӯлаҳои гилӣ (сафолӣ) насбу иҷро кардани шабакаи оби сартосарӣ ва фозилоб[46] яке аз бартариҳои дигари ин шаҳри қадима аст.

Аввалин сохтмоне, ки пас аз дохил шудан аз «Ота-дарвоза» ба чашм мехӯрад, Калтаманор аст. Ин манора бо остари сабзу нилӣ ва лоҷвард, нақшунигори арзии мутавозӣ ва ҳалқаӣ, ба хусус, абёти тоҷикӣ-форсии худ, ки дар охирин ҳалқаи мунаққаш сабт шудаанд, ҷолибу дилкаш менамояд. Мутассифона, соли 1855 ба сабаби марги бемаҳали хони он замон – Муҳаммад Аминхон (солҳои ҳукмронии ӯ: 1845-1855) амалиёти сохтмонии манораи мазкур қатъ мешавад ва ба шакли имрӯза, ки гӯё сарбурида аст, боқӣ мемонад. Мегӯянд, қутри пойдевори он бештар аз чордаҳ метр аст ва қарор буда баландиаш ба ҳаштод метр бирасад, ки он вақт баландтарин манораи дунёи мусалмонҳо мегардид. Дар ҳалқаи шеърии манора, аз ҷумла, чунин мисраъҳо омадааст:

***Расида чун сутун бар кохи гардун,***
***Зи васфаш қосир омад ақлу идрок.***
***Аз ин рӯ огаҳӣ, соли бинояш***
***Рақам карда: «сутуни кохи афлок».***

Ибораи «сутуни кохи афлок» (ستون کاخ افلاک) баёнгари соли бунёди манора (ба ҳар ҳол, сохта шудани манора то ҳамон ҳалқаи шеърӣ, ки қариб итмоми манора аст) буда, аз рӯйи ҳисоби абҷад мутобиқи соли 1269 ҳиҷрии қамарӣ (соли 1853 милодӣ) аст.

Баъд аз Калтаманор дар самти чапи хиёбони вурудӣ ба шаҳри қадима маҷмуаи Арки Куҳна воқеъ гардидааст, ки он шомили хонаҳои абзору анҷом, зарробхона, оҳангархона, ҳарамхона, намозҷой ва айвони тобистона, майдони сафоройӣ ва ҷазодиҳӣ, зиндон, масҷиду мадрасаҳо мебошад. Ба шаҳри куҳнаи Хева мадрасаҳои Муҳаммад Раҳимхон, Қозикалон, Шерғозихон, Исломхоҷа, Қутлуғмурод Иноқ, Хӯҷамбердибӣ, Оллоҳқулихон,

[46] **Фозилоб** – лӯлакашии обҳои партов

Абдуллохон, бинои Масҷиди Ҷомеъ ва Оқмасҷид, манораҳои Муродтӯра ва Исломхоҷа, маҷмуи имороту манораҳои Абдулбобо, Полвонкорӣ ва Саид Шоликорбой, ҳаммомҳои Анӯшахон, мақбараи Се авлиё ва Саид Алоуддин, саройи Нуруллобой ва корвонсарой ва дигар сохтору биноҳо, ки ҳар яке таъриху меъмории хосе дорад, бо зебоӣ ва шаҳомати худ ҳусни дилангез илқо мекунанд.

Дар шаҳр созаи баландтарин манораи Исломхоҷа аст, ки аз тарафи Исломхоҷа – вазири Исфандиёрхон соли 1910 бино шудааст. Қутри пойдевори он нуҳу ним метр буда, баландиаш чилу чору ним метр мебошад. Дар ин ҷо зиёраткунандагон бо ҳавас аз тариқи зинаҳои морпечи дохили манора ба боло мебароянд ва аз панҷараҳои айвони болоии он шаҳри куҳнаву нави Хеваро бо иштиёқ тамошо мекунанд.

Дар байни ёдгориҳои таърихии Хева маҷмуаи Паҳлавон Маҳмуди Пурёивалӣ (1255 – 1322) аз ҳар ҷиҳат ягона аст. Дар асл ин маҷмуа ба хотири бузургдошти паҳлавони хоразмӣ, шоир ва даббоғи маъруф Маҳмуд Пурёивалӣ бунёд шудааст, вале баъдан, бо мурури замон, қабрҳои Абулғозихон, Анӯшахон, Худойдодхон, Арангхон, Шоҳниёзхон, Ёдгорхон, Темурғозихон ва дар кунҷи хонақоҳи гунбаздор қабри Муҳаммад Раҳимхон ва дар даҳлези он қабри Оллоҳқулихон ҷой гирифтаанд.

Ба ҳавлии маҷмуаи Паҳлавон Маҳмуд аз роҳрави гунбаздори Дарвозахона медароянд. Дар самти ғарбии ҳавлӣ қироатхонаҳо (дар ду ошёна) ва суфаи калони хиштӣ воқеъ буда, дар самти шарқиаш айвон, гулҷой, чоҳи об, масҷиди тобистона ҷой гирифтаанд. Аз дари самти шарқии хонақоҳ ба даҳлез ва аз дари дулингаи кандакоришудаи самти ғарбии он ба зиёратхонаи гунбаздор медароянд. Дар қисмати шимолии ин зиёратхона дари паҳне насб шудааст, ки даромадгоҳ ба оромгоҳи Паҳлавон Маҳмуд мебошад.

Зиёратгоҳи Паҳлавон Маҳмуд дар Хева аз намунаҳои барҷастаи ҳунари меъмории Машриқзамин ба шумор меравад. Дар он амалҳои нозуку зариф ва волои оҷуркорию кошикорӣ, наққошию ҳаккокӣ бо тахайюлоти фалсафии ҳунармандон мунъакис шудааст. Диққати бинандаро, пеш аз ҳама, рангомезии деворҳо ба худ ҷалб мекунад, ки дар он тараннуми рамзҳои покизагӣ ва равшанӣ, бахту омад, покии осмон, талош барои хубӣ ва озодӣ эҳсос мешавад. Иҷрои гаҷкорӣ бо шаклҳои мутаносиби ҳандасӣ ва нақшунигори бо кошиҳои хушранг анҷомшуда низ назаррабо аст.

Аз он ҷое, ки шакли ҳаштгӯшаи деворҳои бино оғоз мешавад, гирдогирд рубоиёти Паҳлавон Маҳмуд бо хатти қашанги настаълиқи форсӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) сабт шудаанд. Аз ҷумла:

***Чашм аз ситами замона гирён дидам,***
***Ҳар ранҷу бало, ки мумкин аст, он дидам.***
***Нӯҳе, ки ҳазор сол як тӯфон дид,***
***Ман Нӯҳ наям, ҳазор тӯфон дидам.***

*** * ***

***Аз санги сиёҳ лоҷвардӣ маталаб,***
***Аз филфилу занҷабил сардӣ маталаб.***
***Бишнав сухани Маҳмуди Пурёивалӣ,***
***Аз одами нодуруст мардӣ маталаб.***

*****

***Шаб ҳомила аст, то чӣ зояд, бинам,***
***Ангушти замона то чӣ хоҳад, бинам.***
***Аз аввали умр ҳар чӣ омад, дидам,***
***То охири умр ҳар чӣ ояд, бинам.***

*****

***Дар гуфтани зикри Ҳақ забон аз ҳама беҳ,***
***Тоат, ки ба шаб кунӣ, ниҳон аз ҳама беҳ.***
***Хоҳӣ, ки пули Сирот осон гузарӣ,***
***Нон деҳ ба ҷаҳониён, ки нон аз ҳама беҳ.***

*****

***Бо бад манишину бош бегонаи ӯ,***
***Дар дом фитӣ, агар хӯрӣ донаи ӯ.***
***Тир аз сари ростӣ камонро каҷ дид,***
***Бингар, ки чӣ гуна ҷаст аз хонаи ӯ.***

*****

***Дар қудрати Ҳақ наз(з)ора мебояд кард,***
***В-аз мардуми бад канора мебояд кард.***
***Ҳар дил, ки дар ӯ сирри Илоҳӣ набувад.***
***Он дил ба ҳазор пора мебояд кард.***

*****

***Марде, ки ба мардӣ ҳунари шер кунад,***
***Сад қалъаи сангин забару зер кунад.***
***Сад сол ба рӯз рӯзаву шаб ба намоз,***
***Чандон набувад, гуруснае сер кунад.***

*****

***Бо ёди Ҷалол дар биёбон рафтем,***
***Аз олами тан ба олами ҷон рафтем.***

***Ҳафтоду ду сол фикр карда шабу рӯз,***
***Саргашта даромадему ҳайрон рафтем.***

*** * ***

***Модом, ки сокини ҷаҳонем ҳама,***
***Андар талаби луқмаи нонем ҳама.***
***Фардо, ки хурӯси руҳ парвоз кунад,***
***Маълум шавад, ки мо киёнем ҳама.***

Дар ин «осорхона»-и сарбози таърих ҳамчунин оромгоҳи Паҳлавон Маҳмуд бо рангу ҷилои мунҳасир ба фарди худ мутамоиз аст. Ба маҳзи ин ки кас аз остонаи дарҳои чӯбини кандакоришуда вориди оромгоҳ мешавад, худро дар як дахмаи афсонавӣ тасаввур мекунад. Аз фарш то сақф назаррабоӣ кардани нақшунигори пайваста, бо рангҳои мухталиф ҷило додани кошикориҳои девор ба бинанда таровату сафо мебахшад. Дар пештоқи дари даромадгоҳ ба қабри Паҳлавон Маҳмуд ин рубоии пурмаънои эшон бо хатти зебои настаълиқ иншо шудааст:

***Сесад кӯҳи Қофро ба ҳован судан,***
***Нуҳ тоқи фалак ба хуни дил андудан,***
***Сад сол асири банду зиндон будан,***
***Беҳ з-он, ки даме ҳамдами нодон будан.***

Ҳарчанд Паҳлавон Маҳмуд Пурёивалӣ (Қаттолӣ) шеър гуфта, даббоғ, пӯстиндӯз ва кулоҳдӯзи маъруфе будааст, аммо дар таърих ва хотири аҳли Хоразм ҳанӯз ҳам чун куштигири тавоно ва паҳлавони миллӣ ёд мешавад. Дар ин хусус китоби «Маҷолис-ул-ушшоқ»-и Камолиддин Ҳусайн Гозаргоҳӣ яке аз манбаъҳои хуби таърихист. Аз ҷумла, дар он ҳикояти куштигирии Паҳлавон Маҳмуд дар яке аз тӯйҳои бодабдабаи подшоҳи он замони Ҳиндустон ва даҳҳо асири хоразмиро аз асорат озод намуда, ба ватан баргардондани ӯ хеле ҷолиб аст.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**23-юми феврал ва 5-уми марти соли 2008**

## МО ДАРУНРО БИНГАРЕМУ ҲОЛРО

### (Таҳти рукни «Нақди адабӣ»)

*Гаҳ оташ, гоҳ дудӣ, ай дил, ай дил,*
*Наво гоҳе, гаҳ удӣ, ай дил, ай дил.*
*Наӣ аз қатра беш, овезӣ бо баҳр,*
*Чӣ узве дар вуҷудӣ, ай дил, ай дил?*

Муаллифи ин сатрҳои дилангез яке аз шоирони намоёни Ӯзбекистон Абдулло Субҳон аст, ки дар ҳавзаи адабиёти муосири тоҷик мақоми хосса дорад. Эшон бар замми тааҳҳудоти худ ва навиштани шеър, бори устодӣ бар эҷодкорони ҷавонро низ мекашад. Аз чашмаи устодии ӯ чандин шоиру адиби ҷавон об хӯрдаанд.

«Гарди анҷум» феълан охирин дафтари ашъори ӯст. Ин дафтар ғайр аз шеърҳое, ки аз маҷмуаи «Уфуқи пиндор» гулчин шудаанд, чанд шеъри нав бо сабки нимоӣ, силсилаи дубайтиҳо таҳти рукни «Гарди анҷум», боби «Модарнома» ва ғазалу рубоиёти тозаи шоирро фаро мегирад.

Маълум аст, ки шеъри тоҷик ҳам дар шаклҳои суннатӣ ва низ бо усули нав (мисли «шеъри сафед») гуфта мешавад. Агарчи Абдулло Субҳон шефтаи шакли ҷадиди шеърофаринӣ аст, ӯ дар қолабҳои қадима, аз қабили дубайтӣ, рубоӣ ва ғазал низ ҳадафи худро ба курсӣ нишондааст. Аз навиштаҳояш пайдост, ки ҳеч гуна шакли шеърӣ дар баёни фикру андешаҳояш банд намеандозад. Ӯ на танҳо аз ин ё он шакли шеърӣ парҳез намекунад, ҳатто саъйаш бар он аст, ки ба ҳар шакле бо шеваи тозатар сухан гӯяд.

Ҳангоми мутолиаи шеърҳои «Гарди анҷум» дар назари аввал барои хонанда чунин менамояд, ки шоир мехоҳад ҳар падидаи атроф, ба хусус, зуҳуроти табиатро бо тамоми вижагиҳояш, бо он ҳама шаклу таровате, ки дорад, тасвир намояд, аммо ин тавр нест. Хонандаи закӣ ва борикбин бо як баррасии ҷиддӣ ва бо назари амиқтар метавонад дарёбад, ки манзури шоир баёну маълум сохтани зуҳуроти ба чашм бархӯрда нест, балки бо ин васила мехоҳад розҳои зиндагӣ, дарду талошҳои одамон, ҳиссиёт ва орзуҳои ҳамешагии бани башар, ниёишҳои ниҳонии қалбҳои хасташуда, эҳсоси шӯрангез ва дар айни ҳол пинҳони аҳли дардмандро ифшо намояд.

Табиат, ҳамин оламе, ки дар зери деги посгонаи фалак аст, бо дамидани субҳ ҷон мегирад. Ҳама мавҷудоти он аз шири субҳаш, ки тамоми рӯз покии худро нигаҳ медорад, баҳра мебаранд. Аз пайи субҳ бошад, пардаи шом медарояду ҳастии табиат гӯё аз ҳаракат бозмемонад. Табиат таҳаммули ин хоби ғафлатро надорад, дар ҳавои худ дубора дунболи бедорӣ – шири рӯз меравад, то ки мавҷудоташ аз он сер шаванд. Табиати инсон низ ба ин сон аст: гоҳе чун субҳу рӯз поку беолойиш асту гоҳе чун шому шаб сиёҳ; гоҳе ба хубиву ободӣ мекӯшад ва гоҳе бадиву харобиро пеша мекунад; гоҳе имону эътиқод дорад, гоҳе доди шайтонӣ ва нохудоиро мезанад… Ин тазод, ин манзара фақат дар дунёи фонӣ бо ҳамин намояш боқӣ мемонад, аммо дар рӯзи қиёмат, ки рӯзи хатм шудани ҷаҳон аст, Худованд чораандешӣ мекунад

– табиатҳоро ба як сурат ошкор месозад. Тасвири чунин як манзараи муқоисавӣ дар шеъри «Ду нима» омадааст, ки хулосаи шоир низ ба ин зайл аст:

***…Як умр мегурезам,***
***Аз нимаи сиёҳ ба нимаи сафед,***
***Аз нимаи соя ба нимаи нур,***
***Аз нимаи шайтон ба нимаи раҳмон…***
***Танҳо рӯзи растохез хоҳӣ дид,***
***Маро як нима:***
***Ё сиёҳ,***
***Ё сафед.***

Ҳангоми баррасии шеърҳои шоир кас то дараҷае фурӯ дар фикрҳои тамсилии ӯ меравад, ки баъзан дар назар гӯё тамоми истилоҳу иборот ба маънии маҷозӣ омада бошанд. Чунончи, шеъри «Хонаи вайрон» хонандаро, дар навбати аввал, ба чунин андеша водор мекунад. Гӯё «хонаи вайрон»-и шоир, ки болорҳои пӯсидаю боми фурӯрафта, дару дарвозаи абгору деворҳои шусташуда ва сақфу фарши ваҳмноке дорад, маҷозан як сарзамине ё зодбуме аст, ки ҳама ободию зебоиҳои худро аз даст додааст. Охир, шоир пайи тахайюлот ба надоштани маъвои обод, ба ғаму ғуссаи мардум ва ба он, ки макони онҳо ҷойгоҳи ҷуғду чорпоён гардидааст, низ ишораҳо дорад! Аммо пас аз хондани банди охир хонанда ба манзури аслии шоир наздик мешавад:

***Бо ман ба тамсил гӯяд ин хона:***
***Ҳуш дор, рӯзе хонаи умри ту низ абгор хоҳад шуд,***
***Аз он садое ҷуз садои зилла шабҳо барнахоҳад хост.***
***Илло чароғи маҳ чароғе дар шабистонаш намесӯзад,***
***Боми баландаш бо замин ҳамвор хоҳад шуд…***

Маълум мешавад, ки манзури шоир фақат тасвири манзаравӣ аст ва он хонаро барои муқоиса бо «хона»-и умри инсонӣ рӯнамоӣ кардааст. Ӯ аз ин тариқ инсонҳоро ҳушдор месозад, ки дар сурати беэътиноӣ эҳтимол дорад рӯзе ҳаёти онҳо низ ба ҳоли он хона гирифтор шавад.

Бо вуҷуди ин, аз бисёр шеърҳои шоир, ки фикрҳои тамсилии ӯро фаро гирифтаанд, чунин бармеояд, ки ӯ аз обхӯри маънавии ниёкон то ҳадде, ки ташнагиашро шикаста бошад, об хӯрдааст. Ба хусус, нуктаҳое аз аҳодису қиссаҳои паёмбарон ва аз афкори Мавлонои Румию Хоҷа Ҳофиз дар нигоштаҳои ӯ обуранги тоза касб намудаанд. Гӯё ӯ низ дар қаъри дили худ бозтоби ин шиорро эҳсос мекунад:

***Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,***
***Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.***

Пўшида нест, ки шоир дар чанд шеъри худ («Дар роҳи наҷот», «Дар ёди обҳои оғозин», «Нагҳати дўст», «Дўсти азалӣ», «Дар домани кўҳи хоб», «Пурсиш») ба навъе муноҷотҳо барои Худованд дорад. Ў ба фаромўш шудан ва аз байн рафтани обҳои зулоли оғозин, чашмаҳои сероб ва боғҳои пурбору атромези биҳиштӣ, ваҳдати гилу гул, ки офарандаи одами нахуст аст, ҳаёти осудаи Ҳазрати Одам ва Момо Ҳавво, саодати покзистӣ ва амсоли инҳо ҳасрат мехўрад ва фақат аз Парвардигор умедвор аст, ки дар ҳаёти инсонҳо он ҳама зебоӣ ва хушиҳоро эҳё гардонад.

Дар шеъри «Дар ёди обҳои оғозин» истилоҳи «обҳои оғозин» ба фикри шумо ба чӣ маънӣ омадааст? Ишораи шоир бошад, ба нахустин обҳоест, ки ҳанўз олуда нашудаанд: «Худованд барои шумо замин густурд ва осмонро барафрошт ва аз осмон обе фурў борид, ки берун овард ба сабаби он об меваҳои гуногун, то рўзии шумо гардад…» («Қуръони карим», сураи «Бақара», ояти 22). Шоир аз забони Одами нахустин, ки ҳанўз гуноҳе содир накардааст, мегўяд:

***Пок буд ин рўди бузург,***
***Моҳиёнаш ба назар менамуданд.***
***Обҳои кабуду шаффофаш,***
***Дидаи хуши маро мерабуданд…***

Дар идома қаҳрамони лирикии шоир аз он гиламанд аст, ки баъдан он обҳои поку зулолро лойолуду касиф кардаанд, ба он туф андохтаанд, то ҷое, ки ҳатто на сангу на моҳиёни покаш ба назар менамоянд ва на хўрдани он обҳо муҷоз аст. Дар тасвирҳои бадеии шоир ошкоро касодии маънавии одамон эҳсос мешавад, ки ҳатто одитарин улгуҳои муқаддас, чун оби даҳан наандохтан ба об, фаромўш шудааст. Шоир дар охир аз забони одаме, ки дучори қаҳри Худо гардида аз макони аслиаш берун меафтад ва дар ин дунёи инсонӣ ҳама ҳолро мебинад, ҳарф зада, ашки ҳасрат мерезад:

***Ҳолиё ҷорӣ шаванд аз чашмам,***
***Обҳое, ки бихўрдам з-он рўд.***
***Моҳиёнаш бихироманд сабук,***
***Рўди ашкам чӣ зулол асту кабуд.***

Аз пайи ба бозӣ андохтани калимоти хушоҳанг офаридани мисраъҳои ноб на аз дасти ҳар кас меояд. Фақат шоире, ки вожаро бо ҳама чеҳраҳояш дарк мекунад, метавонад онро ба мисли дурру марҷон дар риштаи сеҳрангези назм бикашад. Шоир Абдулло Субҳон дар шеъри «Нагҳати дўст» бо истифодаи гилу гул, хуни гил ва раги гулу решаи гул тасвирҳое офаридааст, ки ношӣ аз ривоятҳои қадимӣ буда, аз пайдоиши одам дарак медиҳанд. Бино ба нақлҳои асотирӣ, дамидани ҷон ба қолаби одам аз хуну нутфаест, ки ба хок рехтааст. Аз ҷумла, Мавлоно Румӣ дар чанд ҷойи маснавии худ ба ин маънӣ ишоратҳо кардааст:

***Арза кардӣ нури одамро аён,***
***Бар малоик гашт мушкилҳо баён…***
***Сирри хуну нутфа ҳусни одамист,***
***Собиқи ҳар бешие охир камист.***

Бо истинод ба он гуна ривоятҳо, аз хуну нутфаи ба хок (гил) афтида гуле сабзидааст, ки ду барг ё ду шоха доштааст. Яке аз баргҳо (шохаҳо) музаккар ва дигаре муаннас будааст. Шеъри «Нагҳати дӯст» низ бо таваҷҷуҳ ба нақли мазкур, бо талмеҳи шоиронае оғоз меёбад:

***Гулу гилро бинигоранд ба як ҳарфу ҳиҷо,***
***Каламоти ҷӯранд.***
***Бидавад хуни гил андар раги гул.***
***Раги гул, решаи гул,***
***Ба рагу решаи мо –***
***ба ҳамон нутфаи инсони асотир,***
***ки ба гил рехта буд, пайвандад…***

Ва дар идома қаҳрамони лирикии шоир боз ҳамон одамест, ки дар боғи пур аз гулу муаттару зебо нишастааст ва гӯё дар ҳар сӯйи боғ, дар гулҳои савсану садбаргу раъно, дар насими атрогин ҷамоли Худоро мебинад. Бо ин тасвири бадеӣ шоир ҳамчунин ишора карданист, ки «Машриқу Мағриб ҳар ду мулки Худо аст, пас ба ҳар тараф рӯ кунед, ба сӯйи Худо рӯй овардаед. Худо ба ҳама ҷо муҳиту ба ҳар чиз доност» («Қуръони карим», сураи «Бақара», ояти 115).

Чун қаҳрамони шоир ҳузури Худоро пай мебарад, ба муноҷоту ниёиш менишинад ва ин ҷо асли матлаби шоир ошкор мегардад. Ӯ аз Худои меҳрабон илтиҷо мекунад, ки дар замини ҳастии мо низ тухми ваҳдат бикору ниҳоли имон бинишон, тавре ки дар аввали аввал буд. Сипас, дар ҳоле ки он саҳар аз накҳати дӯсташ – Худованд нашъа бардоштааст, эҳсоси роҳат мекунад:

***Чу зи ҷо бар шудаву мерафтам,***
***Бинамудам эҳсос:***
***Нафасаш атрогин,***
***Ба сару рӯйи ман аз соҳати боғ,***
***Вазидан дошт сабук боди саҳар.***

Ҳанӯз барои хонандагони тоҷик возеҳ нест, ки доираи биниш ва дарки шоир Абдулло Субҳон то чӣ андоза густурда аст. Дар ҳақиқат, баъзе шеърҳои ӯ ҳокӣ аз он аст, ки шоир мехоҳад азалу абадро бо ҳам бипайвандад ва тасвире аз вусъати ҳастӣ биофарад. Сувари хаёли шоир аз маъниҳое падид

омадаанд, ки ҳам дар шеърҳои гузаштагон ба чашм мехӯранд ва ҳам дар ашъори шоирони муосир рангу ҷилои тоза гирифтаанд.

Аз ҷумла, ҳар кӣ шеъри «Дӯсти азалӣ»-ро мурур мекунад, беихтиёр дунболи тахайюлоти шоир ба сӯйи зистгоҳи азалии одам сафар мекунад. Тавре ки дар қиссаҳо омадааст, бо фармони Худо ҳама фариштагон ба Одам саҷда кардаанд, ба ҷуз шайтон. Одам бо ҷуфти худ дар биҳишт ройгону безаҳмат ҷой гузидааст ва ба хӯрдани атъима (хӯрокиҳо) ва ҳар чӣ дар биҳишт буд, дастёб гаштааст. Фақат барои онҳо наздик шудан ба дарахти гандум (ё себ) мамнуъ буд, ки агар наздик шаванд, аз ҷумлаи ситамгарон мегардиданд. Вале шайтон Одаму Ҳавворо ба лағзиш афканд ва онҳо аз дарахти гандум хӯрданд ва аз пайи ин исён ҳар ду аз биҳишти пурнеъмат берун шуданд.

Баъд аз ин «одам»-и шоир, ки замоне дӯсти Худованд буд, ба азобӣ ва кулфатҳои бепоён рӯ ба рӯ шуд ва беватан гардид. Дигар пас аз дурии тулонӣ фақат танҳоиро мехоҳад. Албатта, дар рӯзгори баъдина «одам»-и шоир дӯстҳое пайдо кардааст, аммо рафоқати онҳо чун ҳубобҳоест, ки бо як насими сабук метаракад. Аз ин рӯ, эътиқоди «одам»-и ҳамешагии шоир фақат ба Парвардигор аст, ки ӯро ҳеч гоҳ танҳо нагузоштааст:

***Ай монда дар варои пардаи гуноҳҳоям,***
***Ту дӯсти азалӣ ва абадии манӣ,***
***Ҳеч гоҳ нагузоштаӣ, ки танҳо бошам.***
***Танҳоӣ чист?***
***Танҳоӣ хилват бо Туст,***
***Дар гӯшае, ки хомӯштар аз ҷамъияти гунгон аст.***

Дар ҳошияи шеъри «Дӯсти азалӣ» метавон гуфт, ки шоир қиссаи ронда шудани Одаму Ҳавво аз биҳишт ва армони онҳоро бо сабки тозаи баён дар қолаби шеъри нав ба қалам додааст. Ин тозапардозӣ хеле мақбул ба даст омадааст, бо ин ки маншаъ аз ҳарфи гузаштагон дорад:

***Гандуме хуршеди Одамро кусуф,***
***Чун занаб шаъшои бадреро хусуф.***
***(Ҷ.Балхӣ)***

Ё:

***Аз дили танги гунаҳгор барорам оҳе,***
***К-оташ андар гунаҳи Одаму Ҳавво фиканам.***
***(Ҳофиз)***

Мегӯянд, сайри сулук намудани соликин роҳравиест (кӯшишест) барои тақарруб бо Ҳақтаоло. Ин сайри сулук дар муҳтавои худ азобу мушкилот ва тазйиқу уқубатҳоеро фаро мегирад, ки бояд ҳар солик ё сӯфӣ, ё дарвеш барои расидан ба ҳадафи худ дар умурот таҳаммул кунад. Аз ин назар, ба навъе

андешаҳои тасаввуфии шоир дар шеъри «Дар домани кӯҳи хоб» нуҳуфтаанд. Тасвири ҳоли як нафар солик дар шеъри мазкур чунин оғоз мешавад:

***Танҳо мерафтам,***
***Сӯзани офтоб ба сару рӯям мехалид.***
***Хоки дашт пойи урёнамро месӯхт.***
***Дилам об мехост, набуд.***
***Ногаҳ дар канори роҳ море пайдо шуд…***

Зуҳури мор мушкилоти соликро бештар мекунад. Ин бадхоҳ ӯро таъқиб мекунад, аммо намерасад. Боз ҳам:

***Хок пойи урёнамро месӯхт,***
***Вуҷудам об мехост, набуд…***

Дар ниҳоят, пас аз тай намудани роҳи пуразоб ва паси сар кардани ҳама ваҳму таҳлукаҳо солик ба доманаи кӯҳе мерасад, ки он кӯҳ чашма ва боғе дошт дорои себу гандум, гулу булбул, обҳои шаффоф, ҳавои атрогин…

***Гуфтам:***
***«Худоё, ин магар нест ҳамон боғ, ки дӯш***
***Падарам бар ивази донаи гандум бифурӯхт?»***

Оре, он боғи биҳиштӣ ҳамон боғе буд, ки Ҳазрати Одам ва Момо Ҳавво аз он матрук шудаанд. Дигар Одаму Ҳавво («падар»-у «модар»-и шоир ва мо) аз кардаи худ пушаймонанд, онҳо намоз мегузоранду Қуръон мехонанд, яъне ба Худо тавбаву тазарруъ мекунанд:

***Модарамро дидам:***
***Дар сояи коҷе намоз мегузорид,***
***Падарам канортар аз ӯ Қуръон мехонд.***

Ба ин маънӣ дар Қуръони карим низ омадааст: «Пас Одам аз Худои худ калимоте омӯхт (ин калимот сабаби пазируфтани тавбаи ӯ гардид), ки Худованд тавбапазир ва меҳрабон аст» («Қуръони карим», сураи «Бақара», ояти 37).

Аз фикрҳои сӯфиёнаи шоир, ки дар шеъри «Дар домани кӯҳи хоб» баён кардааст, бармеояд, ки зоти инсон аз азал гунаҳкор аст, вале бо роҳнамоии Яздони ҳақ ва бо эътиқод ба ин зоти пок мешавад аз шарри шайтон раҳоӣ ёфт. Ба даст овардани дурри мақсуд низ аз пайи заҳмату машаққатҳо имконпазир аст, дар сурате ки асли матлаб фаромӯш нагардад. Ба гуфтаи Мавлоно Румӣ:

***Мо бурунро нангарему қолро,***
***Мо дарунро бингарему ҳолро.***

Дар асл, шоир ба ҳеч як падидаи атроф бефарқ нест. Ӯ мехоҳад аз хоку гили заминӣ сар карда, то анҷуми фалак, ҳар чизеро, ки мебинаду мушоҳида ва дарк мекунад, дар каломи мавзун ифода намояд ва бо ин васила розу дардҳои ҳамеша пинҳон ё дар хуруҷи худро гоҳ аёну гоҳе мастур бозгӯ кунад. Ин гуна матолиби шоир дар шеърҳои «Нақш ва наққош», «Боғе дар роғе», «Набарди ҷовид», «Фаввора», «Таваллуди дигар», «Ду манзара», «Суол» низ нуҳуфтаанд. Ба назар мерасад, шеъри «Суол» то ҷое равшанкунандаи манзуру матлабҳои ӯст, ки аз ҷумла мепурсад:

***Дунё бигӯ, бо ман бигӯ,***
***Хуршеду моҳат рӯйи кист?***
***Чашми киянд истораҳот,***
***Дарёи ту гесуи кист?...***

Бояд зикр намуд, ки Абдулло Субҳон бо таваҷҷуҳ ба завқи мардуми замона шеваҳои тозаву мутаносиби баёнро барои ифодаи маъниву мазмунҳои шеърӣ ба кор мебарад. Нуктаи муҳимме дар нигоштаҳояш он аст, ки ҳама ҷо аз гуфтани сухани такрор худдорӣ мекунад ва ба хотири пур кардани мисраъ ва анҷоми қофияи дуруст аз истифодаи вожаҳои номарбут даст мекашад. Бо ин ҳол, ҷолиб ин аст, ки барои ҷаззобии фикри худ аз санъатҳои бадеӣ устокорона истифода бурдааст.

Воқеан, моҳирона ва дар мавқеи худ ба кор бурдани санъатҳои бадеӣ бурди ҳар як шоир аст. Дар ин робита, Абдулло Субҳон пуробурангӣ ва дилкашии нигоштаҳои худро бо корбурди истиораю ташбеҳҳои дилчасп ва ба хусус, аз тариқи офаридани маъниҳои маҷозӣ таъмин намудааст. Ҳарчанд сурудаҳои шоир содаву равон ба назар менамоянд, хонандаро лозим меояд, ки барои дарки матлаби ӯ ҳатто дар паси одитарин вожаҳо, мисли сафеду сиёҳ, рӯду об, чашму абру, боғу мева, субҳу шом, гилу гул, гарду ғубор, сангу шиша, нуру сӯзан, ки ба кадом маънӣ омадаанд, ба таври ҷиддӣ ва амиқ андеша кунад.

Дигар, шоир дар шеърҳои худ чандин бор ба масал ё қиссаҳои маъруф ишораҳо кардааст, ба ибороти дигар, санъати талмеҳро низ ҳамчун силоҳи ибрози фикр қарор додааст. Аз лобалои шеърҳои ӯ пайдост, ки шоир аз қиссаҳои ошиқона, чун «Лайливу Маҷнун», аз талошҳои Ҳурмузи некхоҳ алайҳи қувваҳои бади аҳриманӣ, аз қасру саройҳои бемонанди Хусраву Қубод, аз саргузашти Одаму Ҳавво, аз дами ҷонбахши Исои афсонавӣ ва амсоли инҳо ба хубӣ огоҳ будааст.

Дардҳои зиндагӣ, ғаму ташвишҳои рӯзгор ҳамеша шоиронро нороҳат кардаанд, лекин хубиву хушиҳои ҳаёт асбоби роҳату хурсандии онҳоро фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, баёни ҳақиқат ва ифшои воқеият дар ҷомаи сухан ҳадафи ҳар як шоири нуктабин аст. Шоир Абдулло Субҳон дар зикри ин мавзуъ аз санъати дӯстдоштаи худ – тазод ба таври васеъ ва хеле ҷолиб истифода мекунад. Қариб дар ҳама шеърҳои ӯ ин санъат тараннум ёфтааст.

Дар ҳақиқат, ҳаёти инсон гоҳе ширин гоҳе талх, миҳану зодбуми ӯ гоҳе обод гоҳе хароб, духтарону писаронаш гоҳе серу пӯшида ва гоҳе гуруснаву лухтанд. Чунин тазодҳои зиндагиро шоир ҷомаи бадеият пӯшонда, шеъри пурмазмун меофарад.

Чунончи, бо ҳам зид гузоштани ду ҳодиса дар шеъри «Набарди ҷовид» имтиҳон шудааст. Дар сатрҳои ин шеър талошҳо аз олами табиат ба олами инсонҳо убур мекунад ва манзараҳои шигифтовар хонандаро ба ваҷд меоваранд, аз ҷумла:

***Саҳар бо Шом, оре, Шом бо Субҳ,***
***Ҳамеша дар талошанду набарданд.***
***Ба мисли Неку Бад, Шайтону Раҳмон,***
***Замоне оштӣ бо ҳам накарданд.***

***Баду Некиву Шайтоневу Раҳмон,***
***Биҷангад дар дили мо ҳам шабу рӯз.***
***Гаҳе Шайтону Бад пирӯз оянд,***
***Гаҳе Раҳмону Нек оянд пирӯз.***

Тавре ки дар оғози сухан мутазаккир шудем, тозапардозӣ ва салосати забони шоир, гузашта аз шеърҳои озоди ӯ, дар дубайтиҳо, рубоиёт ва ғазалҳояш низ мушоҳида мешавад. Ин ҷо суханро ба дарозо накашида, чанд байтро аз дафтари «Гарди анҷум» меоварем, ки бе муболиға, бо як хондан хотирнишинанд ва дар қалбҳои ташнагони шеър ба осонӣ маъво мегиранд:

*Сукут дар мо ба фарёд аст медонӣ, намедонӣ?*
*Раҳашро сурма бикшодаст медонӣ, намедонӣ?*
*Ҷафоҳое зи худ дидам, ситамҳое зи бегона,*
*Саропоям ҳама дод аст медонӣ, намедонӣ?*

* * *

*Шоҳбози фикрро болу паре даркор нест,*
*Дил ба хониш ояд-ар, хунёгаре даркор нест…*
*Борҳо санҷидаам дар умри кӯтоҳи сарам,*
*Шеър агар аз дил барояд, минбаре даркор нест.*

* * *

*Меҳмоно, чӣ шитобӣ, бинишин, менӯшем,*
*То иҷозат нашавад, ҳаққи туро рафтан нест.*

* * *

*Дӯстони беғараз, нодӯстонам будаанд,*
*Ағбаҳову вартаҳо дар пешу пас бошад маро.*

* * *

*Ман нахоҳам давлати дунё, ки бошад бебаҳо,*
*Гӯшаеву махзани ашъор бас бошад маро.*

* * *

*Ману мурғи чаман як нола дорем,*
*Ту гӯйӣ дарди чандинсола дорем.*
*Ба зоҳир сабзтар аз шохи гул, лек*
*Диле хунрезтар аз лола дорем.*

* * *

*Маро он ҳамнафас хуни ҷигар кард,*
*Ки созаш савту оҳанги дигар кард.*
*Ман аз ғамҳои миллат лаб кушодам,*
*Вай аз нархи наво ҳангома сар кард.*

* * *

*Ку маҳрами роз, шишае боз кунем,*
*Рагҳои ҳазини дил нахи соз кунем.*
*Сар монда ба сар мисоли мастон то субҳ,*
*Аз дард суруди тоза оғоз кунем.*

***Рӯзномаи «Овози тоҷик»,***
***5-уми ноябри соли 2008.***

# ШЕФТАИ КАЛОМИ ФАРЗОНА

Таърихи башарият нишон медиҳад, ки дар қатори дастовардҳои инсонӣ забони халқу миллатҳо низ пайваста рушду такмил меёбад. Бо мурури замон ва бо тавачҷуҳу хештаншиносии соҳибони забон вожа ва истилоҳоти наву тоза, таркибу муштақоти маънидору дардхури ниёзмандиҳои мардум падид меоянд. Мушоҳида шудааст, ки дар ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ ва шевою салистар шудани забон, пеш аз ҳама, шоиру нависандагони миллат бо эҷодкорӣ ва истеъдоди забондонии худ нақши бориз доранд. Ин нукта дар тарвиҷу тазйини паҳлуҳои забони тоҷикӣ хеле маҳсус аст. Алалхусус, шуарои тоҷик дар ҳама давру замон саъю талош ба он доштаанд, ки доираи истифодаи каламот васеътар гардида, таркибҳои хушоҳангу салис аз як насл ба насли дигар интиқол ёбанд ва назокату нафосати забони модарӣ дар руҳу қалби халқ нигаҳдорӣ шавад. Дар ин росто ба риштаи таҳқиқ кашидани ашъори шоирони нуктабину нававар яке аз вазифаҳои умда ва аҳамиятнок дар илми адабиёту забоншиносии муосир ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки дар радифи манотиқи шоирхез шаҳри бостонии Хуҷанд бо чандин шоири хушноми худ сарболо аст. Маҳз дар маҳдудаи ин сарзамин сухансолороне мисли Зиё, Камол, Маҳастӣ ба дунё омада аз худ ашъори нобу дилнишин ба ёдгор гузоштаанд. Ахиран дар пайравии онҳо шоири мардумии Тоҷикистон Фарзона, ки бо навиштаҳои меҳрангезу дилошӯби худ қалби миллионҳо форсизабонро дар гӯшаю канори ҷаҳон ба ҳаяҷон овардааст, доди суханро медиҳад. Ӯ дар мавзуъҳои мухталиф бо сабки хоси хеш хома меронад ва дар ҳоли ҳозир яке аз шоирони пешгоми адабиёти тоҷик аст. Ҳанӯз дар оғози ҷавона задани ғунчаҳои истеъдоди вай устод Лоиқ Шералӣ чунин изҳори назар карда буд: «Албатта, шеърҳо саропо якдаст нестанд, сактаҳои қабеҳу малеҳ ҷой доранд, ки дар оғози кор бадеҳист, чунонки мақоли халқ мефармояд: «сари кор сар мешиканад», аммо ҷо-ҷо пораҳои асил, ташбеҳу истиораҳои ғайримунтазира, паҳлугардониҳои хаёлангези сухан, суханбозиҳои ширин, назари поки ошиқона ба зиндагӣ, ба инсон, ба замон, нигариши хоси шоирона ба ашёи тасвиршаванда ва ҳаводиси ғарази шеър, иборапардозиҳо ва истифода аз таъбирҳои корхӯрдаи классикӣ ва фарҳанги мардум моро итминон медиҳад то ба ояндаи файзбахши Фарзона имон биёварем. Шоираи навкор рисолати шеърро дарёфтааст ва қасдаш аз шоирӣ ин аст:

Дини ман оташпарастӣ не,<br>
Дини ман одампарастӣ бод!.. »

Имрӯз бошад, Фарзона худ ба дараҷаи устодӣ расидааст ва барои таҳқиқу баррасии ашъораш забоншиносону адабиётшиносон аз ҳар ҷиҳат дасту остин барзадаанд. Минҷумла, аҳли илми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров ба таври ҷиддӣ ба ифшои розу асрори ниҳони Фарзона, бозгуфти маънии сухан ва навпардозиҳои ӯ ва таҳқиқи нозуктарин эҳсосоти шоир машғул шудаанд. Яке аз чунин муҳаққиқони нуктабин ва ҷӯё устоди бистуланҷсолаи донишгоҳ, зодаи деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато Зоҳид

Қӯрғонов аст, ки ҳанӯз дар овони донишҷӯйӣ аз «доман»-и Фарзона гирифтааст.

Зоҳид Қӯрғонов дар муддати кӯтоҳи омӯзгорӣ дар донишгоҳ бо маъруза ва мақолаҳои илмию интиқодии худ таваҷҷуҳи олимон ва пажӯҳишгарони риштаи забон ва адабиётро ҷалб менамояд. Ба вижа, таҳлилу таҳқиқи шеърҳои шоири ширинкалом Фарзона аз тарафи ӯ мавриди дастгирии шадид қарор мегирад. Пас аз он ки мақолаҳои илмии Зоҳид дар робита бо вижагиҳои шеъри Фарзона, корбурди муродифҳо ва соир калимаҳои сермаъно дар эҷодиёти шоир ва билкул, дар хусуси паҳлуҳои гуногуни ашъори ӯ пушти ҳам дар рӯзномаю маҷаллаҳои илмию маърифатӣ ва даврӣ ба чоп мерасанд, устодони кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ Зоҳидро барои анҷоми кори илмии густурдатар ҳидоят мекунанд. Бо ин пуштибонӣ чанде пеш пажӯҳишгари ҷавон таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдуҷамол Ҳасанов рисолаи номзадии худро таҳти мавзуи «Муродифҳо дар эҷодиёти Фарзона» дифоъ намуд. Дар ҷаласаи Шурои илмии донишгоҳ пас аз маърузахонӣ ва баҳсу мунозираҳои печидаву сахт понздаҳ нафар аъзои шуро сад дарсад ба номзади илмҳои филологӣ шудани Зоҳид Қӯрғонов раъй доданд.

Олими ҷавон ба хотири таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи интихобшуда саъй намудааст, ки мизони истифодабарии муродифҳо дар ашъори Фарзона, таносуби муродифшавии вожаҳои тоҷикӣ бо воҳидҳои лексикии забонҳои дигар, услубҳои муродифшавии каламоти сермаъно ва якмаъно, навовариҳои шоир ҳангоми ба кор бурдани муродифҳо ва зухури услубҳои ғайрианъанавии муродифотро таъйину тасбит намояд. Ӯ барои инъикоси вижагиҳои муродифот ғайр аз усули аслии тавзеҳотӣ наҳваи таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ ва гоҳе омориро низ ба кор бурдааст.

Зоҳид Қӯрғонов барои анҷом додани кори номзадии худ мунтахаби ашъори Фарзонаро, ки дар се ҷилд чоп шудааст, маҳаки асосӣ қарор медиҳад. Ӯ ҳарчанд муродифоти ашъори шоирро бо сохту таркибу тобишҳои мухталифаш шарҳу тавзеҳ медиҳад, аз сӯйи дигар, бо ишораҳои мантиқӣ сабку услуби хоси баёни Фарзона ва навовариҳои ӯро дар шеър ошкору баён месозад. Муҳаққиқ умумият ва тафовути калимаҳои сермаънои ба кор бурдаи Фарзонаро бо шоирони дигар, қадимию нав ё ки хоси шеваҳои гуфтугӯйӣ будани муродифотро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад.

Аз рисолаи номзадӣ бармеояд, ки қисми асосии муродифоти ашъори Фарзонаро калимаҳои сода бо тобишҳои гуногуни худ ташкил медиҳанд, чун: шуъла-забона, ёр-анис, гунбад-равоқ, ҷаннат-фирдавс-хулд, сухан-вожа-ҳарф, пайкор-пархош-разм, таҷаддуд-эҳё.

***Таҷаддуд омаду эҳё, Фаридуномаду Доро,***
***Таҳамтан бар Самангон шуд, Аҷам бедор мегардад.***

Табиист, ки Фарзона бо истифодаи муродифҳои умумӣ ва мутадовил маҳдуд намешавад, балки саъйи ӯ бар он аст, ки вожаҳои салиси

куҳнашударо аз нав зинда кунад ва калимаю таркибҳои тоза эҷод намояд. Ҳамзамон каламоти фаъоли забонӣ тахайюлоти нозуки шоирро рӯйи об меоварад ва таҳқиқ нишон медиҳад, ки истифодаи ин гуна муродифҳо (вақт-дам-замон, ҷаҳон-олам-дунё, умр-ҳаёт, тан-бадан, бол-қанот...) дар ҳама ҷо яксон нестанд.

***Дигар фурӯ мабош, ки вақти дамидан аст,***
***Эй шуълаи нуҳуфта, дами сар кашидан аст.***
***Эй орамида мавҷ, замони тапидан аст...***

Дигар, муродифҳои ҷуфт дар ашъори шоир бештар аз каламоти умумиистеъмолӣ, матнӣ ва гуфтугӯйӣ таркиб ёфтаанд ва онҳо бо сабки хоси шоирӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар вақти ба кор бурдани ин гуна муродифот (табу тоб, зару зевар, сару рӯй...) шоир гоҳе қолаби аслиро риоят намекунад ва ё ҷойи муродифҳоро тағйир медиҳад, ё ки вожаҳои дигарро ба таркиби ҷуфт ворид мекунад, чунончи: тобу таб, зевару сим, сару сурат, сару сиёҳ (аз лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ), ё баъзан як ҷузъи ҷуфтӣ бо муродифи адабӣ-китобӣ иваз мешавад:

***Имрӯз ба базми зиндагонӣ биштоб,***
***Ҳоло, ки аҷал накарда макру фандат.***

Дар ин байт муродифи ҷуфти маъмулии «макру фиреб» ба шакли макру фанд омадааст.

Ҳангоми таҳқиқи муродифҳои ҷуфт маълум мешавад, ки шоир бо ин корбурд қонеъ нест, ӯ бо як навоварии ба худ хос ҷуфтшавиро идома медиҳад: поку булурину мубарро, ҷурму айбу гуноҳ...

Яке аз бахшҳои муродифоти ашъори Фарзона каламоти умумиистеъмолӣ ва китобӣ аст ва ағлаби онҳо аз вожаҳои сода иборатанд, аз ҷумла: асп-саманд, ситора-кавкаб, ватан-меҳан, осмон-афлок, охир-интиҳо, ҷавоб-посух, моҳ-қамар. Ин ҷо мушоҳида мегардад, ки луғатҳои муродифшаванда гоҳе тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ (дил-замир, душман-ағёр, осмон-афлок, арш, само...), гоҳе арабӣ ва туркӣ (ливо-байрақ) ва гоҳе низ арабию арабӣ (калом-ҳарф, арш-само...) мебошанд. Гузашта аз ин, муродиф шудани калимаҳои содаи китобӣ низ дар ашъори шоир фаровон ба назар мерасад. Дар ин бахш муҳаққиқ ба кори илмии худ боз ҳам амиқтар таваҷҷуҳ мекунад ва бар асоси манобеи этимологӣ таърихи баромад ё сохташавии каламотро тавзеҳ медиҳад. Ин ҷо хонанда на фақат бо тобишҳои ҷолиби муродифот, балки бо суханбозиҳои моҳирона ва гуфтаҳои салису рехтаи шоир рӯ ба рӯ мешавад.

***Рехт аз паймонаи соҳил майи дарё,***
***Рехт аз паймонаи чашмам шароби ашк.***

Муродиф шудани калимаҳои умумиистеъмолӣ ва китобӣ бо вожаҳои архаистӣ (деҳа-русто, қабр-дахмагоҳ, оина-зуҷоҷ, абр-саҳоб, зангӯла-ҷарас, соя-ҳола, дурҷ-ҳуққа) низ ба шеъри Фарзона тобишу маъноҳои тоза медиҳад ва равшан бозгӯйи он аст, ки шоир қасд дорад ҳаддалимкон дурдонаҳои забони классикиро бо ҷилои аслиаш ба насли имрӯз интиқол диҳад.

Муҳаққиқ ҳангоми таҳлили муродифҳо дар ашъори Фарзона ба сохти онҳо – сода, сохта ва мураккаб будани каламот диққат медиҳад ва ҳамзамон бо шарҳи маънӣ тарзи сохташавӣ ва зуҳури онҳоро бо такя намудан ба луғатҳои маъруф, мисли Фарҳанги забони тоҷикӣ, Фарҳанги Муин, Луғатномаи Деҳхудо, баён мекунад (фурӯғ-рӯшноӣ, ғофил-бехабар, ҳарза-беҳуда, ғанаб-нимхоб, вузу-шустушӯ, марқад-хокҷо-манзили хомӯшон, мунаввар-фурӯзонфар...). Шоир ҳамеша аз такрори як калима худдорӣ мекунад, масалан, агар як ҷо «ниҳолаки нимҷон» гуфта бошад, муродифи онро дар ҷойи дигар ба шакли «ниҳоли заиф» меоварад.

Зоҳид Қӯрғонов дар бахши дуюми рисолаи номзадии худ ба муродифҳои матнӣ, ки дар ашъори Фарзона ба кор рафтаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳад. Дар асл, ин каламот ҳеч гуна наздикӣ ва алоқамандӣ аз назари маънӣ надоранд, аммо дар шеър роҳат бори муродифро мекашанд. Ин гуна муродифот возеҳан устодкории шоирро дар шеърофаринӣ ошкор месозанд. Чунончи:

***Сӯйи ту равам, эй нур,***
***Эрони қарибу дур!***

Дар ин ҷо калимаи «Эрон» бозгӯйи эҳсос ва алоқаи гарми шоир нисбат ба кишвари бостонии форсизабон аст, ки чун маркази нури илму фарҳанг дар тасаввуроташ монда ва бо вожаи нур муродиф шудааст.

Аз сӯйи дигар, шоир муродифҳои матниро бо таваҷҷуҳ ба монандии зоҳирӣ ё умумияте, ки доранд, ба кор мебарад: кокул-тозиёна, шафақ-хун, парчам-машъал, ҳаёт-саро, хам шудан-суҷуд, калима-ганҷ, тахт-маъво, фалак-бебизоат, қоқувон-хонасӯзак-чароғак...

***Фалак ҳарзагардест бе тӯшаи роҳ,***
***Чӣ хоҳам аз ин бебизоат, чӣ хоҳам?***

Ҳамчунин муродиф шуда омадани калимаҳо бо иборот ва ибораҳо бо якдигар ба шеъри Фарзона салосат ва мантиқи баён бахшидаанд. Масалан, ба «хуршед» ё «офтоб» чандин ибора муродифӣ кардаанд: нури хуҷаста, хури субҳ, пӯпаки тило, фариштаи заррин, чатри оламгир... Чунин навоварӣ аз унсурҳои муҳимми шеърият ба шумор меравад. Қалами Фарзона дар ин бахш хеле тез аст, ӯ ба ашёи одӣ ва ошно чунон устодкорона ранг мебахшад, ки он беихтиёр сифати нав касб менамояд (тори заррин-нур, дай-фасли нарӯйиданҳо, даймоҳ-шаби безевари бепироя, зимистон-фасли сапеди оинабандон, баҳор-фасли гулбандӣ...)

Гоҳе ин маҳорати шоир то ҳадде нуму мекунад, ки силсилаи муродифҳо дар як шеър бо тобишҳои тоза ва ҷаззоб намудор мешаванд. Аз ҷумла, дар ғазале, ки матлааш «Парвардигор, ёри маро дар паноҳ дор» аст, вожаи ёр, маҳбуб пушти ҳам ҳафт ҳаммаъонои худро мепайвандад: ёр-гурди шаҳсувор-ғамофаридгор-дарёи кӯҳсор-шаҳриёр-сӯфии майгусор-ситора.

То ин ҷо ба таҳқиқоти Зоҳид Қӯрғонов дар хусуси муродифҳои ба кор бурдаи шоири ҳассос Фарзона иктифо намуда, ёдовар мешавем, ки ашъори ин устоди сухан баррасиҳои амиқу густурдатар мехоҳад ва пажӯҳишгарони забоншинос, мисли Зоҳиди ҷӯё ва талошкор, барои кушода додани паҳлуҳои мастуру баҳсталаби он бояд ҳарчи беш ҳиммат гузоранд.

Дарвоқеъ, дарёфти номзадии улуми филологӣ барои ҷавони нуратоӣ Зоҳид Қӯрғонов қадамҳои нахустин дар тай намудани қуллаҳои илму ирфон аст. Худо мададкораш бод![47]

**25-уми январи соли 2010**

## НА ҲАМА ОМӮЗГОР УСТОД АСТ

Инсон ба ҷуз илму дониш бисёр чизро аз омӯзгор ёд мегирад: одоби муошират, саъю талош барои расидан ба зинаҳои камолот, зиндагидорӣ, сабакҳои худшиносӣ... Бо ин ҳол, на ҳама омӯзгор метавонад устод бошад. Мақому манзалат ва қадру қимати устод волотар аст. Танҳо касе, ки дар шууру вуҷуди шогирд аз аъмолу одоби худ нақши носутурданӣ ва абадӣ офарида тавонад, сазовори номи устод аст. Аз ин хотир, пас аз ба камол расидан ва дарки сиёҳу сапедиҳои ҳаёт инсон пай мебарад, ки теъдоди устодонаш ангуштшумор будаанд. Ӯ ба хубӣ мефаҳмад, ки кӣ дар лавҳи хотироташ нақши покнашуданӣ дорад.

Донишҷӯ будем. Яке аз фанҳои омӯзишии мо ҷуғрофиёи Эрон буд. Ҳангоми баргузории дарсҳо домулло Зарифов ҳамеша аз хондани матну гуфтанҳои тулонӣ худдорӣ мекард ва бештари вақтро ба суолу ҷавоб ва баҳсу мунозира ихтисос медод. Бе муболиға, аз ин фан камина дар байни ҳамкурсон фаъолтар будам. Ба аксари пурсишҳои устод ман посух мегуфтам ва гоҳан то ҷое мерасид, ки фақат дасти банда боло мешуду дигарҳо бо шигифт ба сӯям дида медӯхтанд. Боре аз ин ҳол хиҷолат кашидам, ба назар чунин менамуд, ки гӯё ман дӯстони ҳамкурси худро «наҳ» мезанаму «доноӣ»-и худро намоиш медиҳам. Аз ин рӯ, ба саволи навбатии домулло инҷониб низ бетафовут монда, қатори дигарон хомӯш нишастам, агарчи ҳисси ҷавобгӯйӣ дар вуҷудам ғулғула меандохт.

Устоди ҷуғрофиё ин ҳолати маро пай бурд ва лаҳзае сукут ба миён омаду ҳама ду чашм ба сӯйи ман шуданд. Он замон ҳолате ҳукмфармо шуд, ки гӯё ин бандаи «бечора» муваззаф аст ба савол ҷавоб гӯяд. Аммо ман ҳам

---

[47] Зоҳид Қӯрғонов то имрӯз дар кафедраи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров кор ва устодӣ мекунад. Ӯ дар идомаи пажӯҳишҳои илмии худ 4-июни соли 2024 рисолаи докториашро низ дар бахши забоншиносӣ, доир ба мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X- XIII бо даврони муосир» ҳимоя кардааст.

истодагарӣ кардам, бо чаккаҳои лаввасзадаистода вонамуд мекардам, ки чизеро намедонам. Он дам домулло Зарифов шумханде зад ва аз ман чизи дигарро пурсид:

– Юнус, муаллими ҷуғрофиёи шумо дар мактаб кӣ буд?

– Ҳазратқул Бакриев, – аз ҷо баланд шуда гуфтам ман.

– Магар домулло Ҳазратқул нагуфта буданд, ки дарёи Зояндарӯд аз куҷо сарчашма мегирад?

– Чаро, аз баландиҳои Зардкӯҳи Бахтиёрӣ, аз риштакӯҳи Кӯҳранг!

Ҳама баробар хандиданд.

Оре, Ҳазратқул Бакриев дар мактаби миёна аз зумраи устодоне буд, ки дар дили мо барин шогирдони худ меҳру алоқаи воқеӣ нисбат ба фанни ҷуғрофиёро ҷо карда тавонистааст. Ӯ то бознишастагӣ дар риштаи худ беҳтарин муаллими мактабҳои тоҷикии ноҳияи Нурато буд. дарсҳояш пайваста оммавӣ шуда, муаллимони зиёд услубу равишҳои самарбахши тадрисро аз ӯ омӯхтаанд.

Ёдам ҳаст, ҳар гоҳ ҳамдеҳаи устод – Маҳмуд Нурназаров, профессор, доктори улуми иқтисодӣ, ки яке аз ҷуғрофидонҳои маъруфи Тоҷикистон буд ва чандин китоби дарсию адабиётро дар ин соҳа навиштааст, ба деҳаи Эҷ меомад, дунафарӣ ҳамеша суҳбату баҳсҳои гарму тулонӣ барпо мекарданд. Онҳо ба унвони ҳамкасб дар ҳангоми мунозираҳо ба чандин масъалаи торик равшанӣ меандохтанд ва аз якдигар нуктаҳои зиёди фанниро меандӯхтанд. Маҳмуд Нурназаров бо эътироф ва эҳтироми бепоён мегуфт: «Ҳазратака тасодуфӣ миёни ин се кӯҳ мондаанд. Агар ба донишкадаҳо мерафтанд, беҳтарин устоди ҷуғрофиё мешуданд. Дониш ва диду назари эшон аз бисёр ҳамкорони донишгоҳиам бартар аст». Фикр намекунам, барои касе, ки дӯстдори пешаи худ аст, аз ин беҳтар таърифе бошад.

Равишҳои дарсгузарӣ ва наҳваи бархурди устод Бакриев ба шогирдон ҳеч гоҳ аз хотир сутурда намешавад. Замоне, ки аз тестномаҳо хабаре набуд, устоди мо ба ин шакл саволномаҳо таҳия мекард ва ҳар дарсро мароқовар мегузаронд. Ӯ мегуфт, китоби дарсӣ барои хонандаҳост ва худ ҳар як мавзуъро аз адабиёт ва манобеи дигар шарҳу тавзеҳ медод. Аз он ки бисёр дарсҳои устод равшан дар ёд мондааст, намешавад аз онҳо сарфи назар кард.

Боре яке аз мавзуъҳои мавриди омӯзиш перомуни қитъаи Африқо буд. устод бе ҳеч сухани муқаддимавӣ воситаи аёнии омодакардаи худро, ки иборат аз коғазӣ тулонӣ бо саволномаҳо буд, ба тахтаи синф овехт. Дар он мехондем:

Саволи 1: Дарозтарин дарёи ҷаҳон. Ҷавобҳо: Волга, Лена, Нил, Сирдарё.

Саволи 2: Кадом дарё хатти устуворо ду бор мебурад? Ҷавобҳо: Амазонка, Амударё, Конго, Ҳинд.

Саволи 3: Яке аз ҳафт муъҷизаи ҷаҳон – Пирамидаҳо дар хоки кадом кишвар воқеъ аст? Ҷавобҳо: Миср, Фаронса, Чин, Эрон.

Саволи 4: Дарёҳои Нил, Конго ва кишвари Миср дар кадом қитъа воқеъ мебошанд? Ҷавобҳо: Австралия, Америка, Африка, Осиё.

Ҳама бо шавқ ва алоқамандӣ ба ҳалли тест пардохтем. Танҳо бо гирифтани ҷавобҳои саҳеҳ муаллим ба шарҳи муфассали мавзуъ дар хусуси Африқо гузашт. Устод бо ин равиши дарсгузарӣ роҳат диққати хонандагонро ҷалб менамуд ва аз пайи матлаб рафта мақсуди худро ба осонӣ баён мекард. Ӯ ҳамчунин саъй мекард, ки ба дарсҳои худ ҳусни бадеият бубахшад. Дар хотир аст, устод яке аз дарсҳои худро бо мисраъҳои Рӯдакӣ оғоз карда буд:

***Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,***
***Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.***
***Реги Омуву дурушти роҳи ӯ,***
***Зери поям парниён ояд ҳаме.***
***Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,***
***Хинги моро то миён ояд ҳаме.***
***Эй Бухоро! Шод бошу дер зӣ,***
***Мир наздат шодмон ояд ҳаме...***

Ва аз ин шеър, дар ҳоле ки ба мазмуни он таваҷҷуҳе зоҳир намекард, маънии истилоҳоти ҷуғрофиро, аз қабили ҷӯйи Мӯлиён, рӯдҳои Ому ва Ҷайҳун, шаҳри Бухоро, шарҳ дод. Оре дар бастагӣ бо исми қадимиаш фаҳмондани маҳалҳо, дарёву кӯлҳо, биёбону кӯҳҳо ва ғайра яке аз услубҳои роиҷ дар таълими устод буд.

Пӯшида нест, ки дарси ҷуғрофиё бо нақша (харита) маънӣ дорад. Устоди мо низ ба он чун ба як кумакрассони асосӣ муроҷиат мекард. Ба туфайли саъю кӯшишҳои ӯ харитабозӣ ба яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи мо табдил ёфта буд. бар замми ин, бо даст харита кашидан кайфияти хосе дошт. Харитаҳои дастсохти худи устод, ки дар онҳо мавзеъҳои ноҳия ва қаторкӯҳи Нурато, деҳаҳои Эҷ, Сойхурд ва Симбулоқ аз ҳам ҷудо тарсим шуда буд, деворҳои мактабамонро зеб медоданд.

Аз пайи ҳамон иштиёқи беандозаи харитакашӣ боре инҷониб имтиҳони ҷуғрофиёро дар донишгоҳ бо баҳои аъло супурдаам. Қисса ин аст, ки дар вақти имтиҳонсупориҳои охири сол банда аз рӯйи бетаваҷҷуҳӣ ба ҷойи ҷуғрофиё ба имтиҳони таърихи фалсафа омодагӣ дидам. Чун, баъд аз расидан ба факулта маълум шуд он рӯз имтиҳон аз фанни ҷуғрофиё аст ва яке аз шартҳои домулло низ таҳияи нақшаи яке аз устонҳои Эрон буд, филфавр баргаштам ба хобгоҳ, барои овардани харитае, ки хушбахтона, пештар омода карда будам. Пас аз расидани навбат, дар ҳоле ки мехостам ба билети кашидаи худ омодагӣ бубинам, домулло Зарифов ва ду нафар ассистенти ӯ ғарқи тамошои харитаи ман гашта буданд. Он гоҳ домулло ҳеч гуна фурсати омодашавиро надода маро садо зад ва бо изҳори қаноатмандӣ пурсид: «Ту ин харитаро дар куҷо чоп кардӣ?» ва ҳар се заданд зери ханда. Ман низ аз хурсандӣ ду ёқаи костюмамро каме ба боло лағжонда мондам. Домулло афзуд: «Ба ҷавоб додани билет ҳоҷате нест, баҳоят панҷ!» он лаҳза хурсандиам ҳадду канор надошт ва то имрӯз дар ин андешаам, ки он баҳои аъло гӯё арзёбии заҳматҳои устод Ҳазратқул Бакриев аст, на нумраи ман...

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**7-уми апрели соли 2010**

## ДАР ҲОШИЯИ ҶАШНУ ИДҲОИ МАРДУМӢ

## 1. САЙРЕ БА ТАЪРИХИ НАВРӮЗИ КУҲАН

***Расму оини истиқболи Наврӯз ва бардошту масаррати мардум аз он то ҳадде барои мо аён аст. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки ҷашни Наврӯз аз кай инҷониб таҷлил мешавад ва барои чӣ онро «наврӯз» номидаанд?***

Барои посух додан ба ин суол ба мақолаи муфассале, ки онро донишманди эронӣ Саид Нафисӣ дар маҷаллаи «Шарқ» дар Теҳрон ба чоп расонда буд, рӯ меоварем. Саид Нафисӣ дар мақолаи худ «Наврӯз дар замони Сосониён» роҷеъ ба таърихи ҷашнгирии Наврӯз, маросим ва сабабҳои пайдоиши он маълумоти муфассал медиҳад, ки барои ошкор намудани ин ҳама маънӣ қаблан навиштаҳои олимони мухталиф, мисли Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Балхӣ, Умари Хайём, Муҳаммад Наршахӣ ва дигар маъхазҳои таърихиро омӯхтааст.

Наврӯз таърихи дуру дарозе дорад. Он на як асру ду аср, балки аз давраҳои хеле қадим арзи вуҷуд кардааст. Нашъунамои Наврӯз бештар дар замони салтанати Ҳахоманишҳо[48] ва Сосониён[49] мушоҳида гардидааст. Ин ҷашн ҷузъи ақидаҳои бисёр қадими аҳли Аҷам мебошад, ки онро дар афсонаҳои бостонии худ дохил кардаанд. Ба ибораи дигар, афсонаҳои гуногуни мардум аз пайдоиш ва расму оини он гувоҳӣ медиҳанд ва заминаи воқеӣ доранд.

Баъзеҳо муътақиданд, ки Наврӯз аз замони Кайхусрав нумуъ мекунад. Гӯё маҳз Кайхусрав аз насли Парвизи Ҷаҳон (ба ривояти «Шоҳнома» писари Ковус) нахустин касест, ки Наврӯзро асос гузоштааст. Мегӯянд, ӯ коххои муҷаллал сохт, пояи подшоҳиро устувор кард, симу зар ва филиз баровварда олот сохт ва санъатҳо омӯхту ҷӯйҳо равон кард. Дар натиҷа, подшоҳии ӯ равнақ ёфт, неъматҳо фаровон шуданд ва ин айёми хушро «Наврӯз» номиданд.

Гурӯҳе ба ин фикранд, ки Наврӯз ба саъю кӯшиш ва заҳматҳои Сулаймон-пайғамбар ба вуҷуд омадааст. Бино ба ривояте, боре вай ангуштарии худро гум мекунад ва салтанат аз дасташ меравад. Баъд аз гузаштани чил рӯз ангуштариашро меёбад ва фараҳи пешина ба ӯ бармегардад: подшоҳон ба суроғаш меоянд, мурғон ба лонаҳои худ бармегарданд ва эрониён мегӯянд «наврӯз омад» ва он рӯзи хушро ҷашн мегиранд.

Аксарияти донишмандон бошанд, пайдоиши Наврӯзро ба Ҷамшед, ки аз силсилаи Пешдодиён – аввалин силсилаи подшоҳони эронӣ мебошад,

---

[48] Бино ба навиштаи таърихномаҳо, замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишҳо солҳои 550 – 329 пеш аз милод мебошад

[49] Замони ҳукмронии Сосониён аз соли 224 то 651 аст

марбут мешуморанд. Бо номи Ҷамшед ривоятҳои мухталиф баён шудааст. Инак, сари чанде аз онҳо истода мегузарем.

Гӯё Ҷамшед гӯсолаеро гирифта ба болои он менишинад ва ҷину шайтонҳо ӯро дар як рӯз аз Дамованд[50] то Бобул[51] бар рӯйи ҳаво мебаранд. Мардум ин воқеаи шигифтангезро дида, он рӯзро ҷашн мегиранд ва минбаъд «Наврӯз» меноманд.

Чунин мепиндоранд, ки Ҷам (Ҷамшед) дар шаҳрҳо мегашт. Вақте ки хост ба Озарбойҷон ворид шавад, мардум, ки аз вай хубиҳо ва фаровонии неъмат дида буданд, ӯро бар тахти зар нишонда, бар дӯши худ бурданд. Ҷамшедро бузург хонданд, эҳтиром варзиданд, бо вай шодӣ карданд ва он рӯзро ҷашн гирифтанду рӯзи тоза, яъне рӯзи нав – «Наврӯз» номиданд.

Сабаби «Наврӯз» хондани ин рӯз он буд, ки соибон[52] дар рӯзгори Таҳмурас (подшоҳи силсилаи Пешдодиён, бародари Ҷамшед) падид омаданд. Чун Ҷамшед аз миёни онҳо ба подшоҳӣ расид, динро тоза кард, барои ҳама поксириштиро талқин намуд ва аз ҳама ҳалолкориро талаб кард. Ин рӯзро, ки дар он ҳама иқдоми неки шоҳро пазируфтанд, «Наврӯз» номиданд ва ҷашн гирифтанд.

Нақл мекунанд, ки Иблиси палид баракатро аз миён мебарад. Дар ҳама ҷо қаҳтӣ, хушксолӣ ҳукмфармо мешавад. Одамон барои худ чизи хӯрданию нӯшиданӣ пайдо намекунанд. Ҳатто бод аз вазидан бозмемонад. Дарахтон низ хушк мешаванд ва қариб буд, ки ҷаҳон ба адам[53] равад. Хушбахтона, бо фармону роҳнамоии Яздон Ҷам меояд ва ба сӯйи ҷануб меравад. Бо Иблиси палид разм намуда, бо ғалаба бармегардад. Мардум аз бадбахтию нобудшавӣ раҳоӣ меёбанд. Онҳо мебинанд, ки аз Ҷамшеди ғолиб нур меборад, ҷавоҳироти тоҷи ӯ аз нури Офтоб медурахшанд, растаниҳо аз нав сабз мешаванд, табиат ҷони тоза мегирад. Пас, одамон мегӯянд, ки рӯзи нав – «Наврӯз» омад.

***Чу Хуршеди тобон миёни ҳаво,***
***Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.***
***Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯй,***
***Аз он бар шуд қурраи бахти ӯй.***
***Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,***
***Мар-он рӯзро рӯзи нав хонданд.***
***(Фирдавсӣ)***

Ҳамин тавр, мардум бо ворид шудани рӯзи нав хурсандӣ мекунанд, руҳи тоза мегиранд. Ҷашни Наврӯз расо сӣ рӯз барпо мешавад.

Баъд аз он то ба имрӯз анъанаҳои наврӯзӣ, новобаста аз ҳамлаҳо ва зӯргӯйиҳои бодиянишинони ғаддор, арабҳои ҷоҳил, туркони яғмогар ва соир

[50] Кӯҳи Дамованд дар шимоли Эрон ва дар устони Мозандарони он кишвар қарор дорад
[51] Шаҳри бостонии Бобул дар 77 километрии ҷануби Бағдод воқеъ аст
[52] **Соибон** - дурусткорон, ҳалолкорон
[53] **Адам** – нестӣ

душманони зишткор, дар дилу дида, дар вуҷуди халқ зинда монданд ва ҳамроҳ бо таҳаввулу тағйирот такмилу рушд ёфтанд.

**Рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»,**
**19-уми марти соли 1989**

## 2. РӮЗИ МЕҲРУ ҶАШНИ МЕҲРГОН

Рӯзҳои фархунда барои мардуми форсизабон зиёд аст, ки ҷашн мегиранд, шодию хурсандӣ мекунанд. Яке аз он айёми хуррам иди Меҳргон маҳсуб мешавад ва он баробари Наврӯзи Аҷам фарру шукуҳ дорад. Меҳрмоҳ моҳи ҳафтуми солшумории форсӣ-тоҷикист (мутобиқан аз 23-юми сентябр то 22-юми октябр) «ва рӯзи шонздаҳуми он рӯзи меҳр аст, ки иди бузург бошад, ба номи Меҳргон ва давраи хазони дуюм аст»[54].

Абӯрайҳон Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» менависад, ки «меҳр» номи Офтоб аст. Чун дар ин рӯз Офтоб барои аҳли олам пайдо шуд, онро «Меҳргон» гуфтанд.

Сосониён тоҷеро бар сар ниҳоданд, ки сурати Офтобро дошт ва гӯё Офтоб ҳангоми давр задан дар он тоҷ савор буд. Дар ин рӯз неъматҳо барои эрониён фаровон шуд, бозоре пайдо гардид.

Рӯзи бисту якуми меҳрмоҳ «Ромрӯз» аст, ки онро «Меҳргони бузург» меноманд. Таҷлили иди Меҳргон дар ин рӯз пуршукуҳтар аст. Сабаби ин ид дар он буда, ки Фаридун бар Заҳҳоки мордӯш зафар ёфт. Ӯро асир гирифта дар кӯҳи Дамованд ҳабс кард. Ва мардум аз шарри Заҳҳок наҷот ёфта ин рӯзро ид хонданд. Фаридун ба мардум амр кард, ки рӯмоле дар камар бибанданду замзама кунанд ва ҳангоми таом сухан нагӯянд, ба Худованди худ сипос гузоранд, ки онҳоро пас аз ҳазор соли тарс тасаллути мулк раво донист. Ва ин кор дар онҳо суннату одат монд.

Эрониён Меҳргону Ромрӯзро ба як андоза бузург медонанд. Ҳурмуз писари Шопури паҳлавон миёни ин дуро ба ҳам пайвастааст ва муддати ҷашнгирӣ тулонитар шудааст. Меҳргонро ҳам мисли Наврӯз сӣ рӯзи тамом ҷашн гирифтаанд ва ба ҳар табақае (қишри аҳолӣ) панҷ рӯзи ид қарор додаанд.

Аз сӯйи дигар, Меҳргонро далел бар қиёмат ва охири олам медонанд, зеро дар ин вақт ҳама чиз аз сабзиш мемонад. Наврӯз бошад, баръакси он аст, онро оғози олам мехонанд. Аммо баъзан Меҳргонро бар Наврӯз афзал мешуморанд, чунонки тирамоҳро бар баҳор бартар донистаанд. Ин назар мабно бар он аст, ки Искандар аз Арасту пурсид: «Кадом яке аз ин ду фасл беҳтар аст?» Арасту гуфт: «Подшоҳо, дар баҳор ҳашароту газандаҳо оғоз мекунанд, ки нашъунамо ёбанд ва дар тирамоҳ оғози аз байн рафтани онҳост. Пас, тирамоҳ аз баҳор беҳтар аст». Ҳамчунин дар ин дам мардум аз меҳнати гарон сабукдӯш мешаванд, хирмани пурбаракатро мебардоранд, заминаи роҳати фардоро муҳайё месозанд.

---

[54] Абурайҳон Берунӣ: «Осор-ул-боқия»

Дар ситоиши Меҳргон Салмони Форс гуфтааст: «Мо дар аҳди Зартуштӣ будан мегуфтем, Худованд барои зинати бандагони худ ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон бурун овард. Ва фазли ин ду бар айём монанди фазли ёқуту забарҷад аст ба ҷавоҳири дигар». Эроншаҳрӣ хотирнишон мекунад, ки «Худованд аз нуру зулмат байни Наврӯзу Меҳргон паймон гирифт». Ва асҳоби найранг афзудаанд: «Ҳар касе бомдоди Меҳргон қадре анор бихӯрад ва гулоб бибӯяд, офати бисёр аз ӯ дур хоҳад шуд».

Ҳамин тавр, Меҳргон ҳам чун Наврӯз иди бузургест, ки аз қадимулайём ҷашн гирифта мешавад ва дар солшумории мо таҷлили он аз шашум то дувоздаҳуми октябр рост меояд. Масъуди Саъд фармуда:

***Меҳрабонӣ кун ба ҷашни Меҳргону рӯзи меҳр,***
***Меҳрабонӣ беҳ ба рӯзи меҳру ҷашни Меҳргон.***

**Рӯзномаи «Илғор чорводор» (саҳифаи «Рангинкамон»),**
**27-уми апрели соли 1996**

## 3. ЗАКОТИ ТАН РӮЗА АСТ

Тамоми мусалмонони соҳибиродаи дунё, ки ба Парвардигор эътимоди комил доранд, дар моҳи шарифи рамазон рӯза мегиранд. Воқеан, дар ин моҳи нек рӯза гирифтан воҷиб аст, зеро рӯзаро чун яке аз муҳимтарин дастурҳои ибодатии Ислом донистаанд.

Тартиби он чунин аст, ки ҳар як муъмин бо итоат ба фармони Худои мутаол, аз азони субҳ то шом аз ҳар чизе, ки рӯзаро ботил месозад, худдорӣ мекунад. Корҳое, ки рӯзаро ботил созанд, ба таври дақиқ баён шудаанд ва онҳо иборатанд аз хӯрдану ошомидан (ҳарчанд кам бошад), омезиши ҷинсӣ, истимно (ҷалқ задан, яъне бе наздикшавӣ берун овардани манӣ), дурӯғ бастан ба Худо ва расулу имомон, расондани ғубори ғализ (ва дуди ғализ) ба гулу, фурӯ кардани тамоми сар дар об, боқӣ мондан бар ҷанобат (нопокии пас аз ҷимоъ ва эҳтилом, ҳолати пеш аз ғусл) ва бар ҳайзу (хунравии ҳармоҳаи зан) нифос (хунравии баъд аз таваллуд дар занон), имола (клизма) бо чизҳои равон, истифроғи (қай кардан) амдӣ.

Агар инсон қасдан ва аз рӯйи ихтиёр кореро, ки рӯзаро ботил месозад, анҷом диҳад, рӯзаи ӯ вайрон мешавад ва агар аз рӯйи саҳву ғалат ё беихтиёрӣ бошад, мушкил надорад.

Инчунин, агар чизеро бо зӯрӣ дар гулуи рӯзадор бирезанд ё сари ӯро зӯран дар об фурӯ созанд, рӯзаи ӯ ботил намешавад. Аммо агар маҷбураш кунанд, ки рӯзаи худро ботил кунад, масалан, таҳдидаш кунанд, рӯзааш вайрон мешавад.

Рӯзаи моҳи рамазон барои ҳар муъмину мусалмон воҷиб аст. Агар ӯ қасдан ва бо ихтиёр рӯзаи худро тарк кунад, илова бар қазои рӯза бояд каффора (он чизе, ки дар товони гуноҳ дода мешавад) бидиҳад. Ва дар дастурҳо баён шуда, ки каффораи як рӯзи рӯза озод кардани як асир ё шаст рӯз рӯза доштан, ё хӯроки шаст нафар фақирро додан аст. Агар бо чизи

ҳароме рӯзаи худро ботил кунад, бояд ҳар се каффораи мазкурро анҷом диҳад ва агар барояш мумкин набошад, ҳар кадоме аз онҳоро, ки мумкин аст, анҷом диҳад.

Дар чанд маврид рӯза гирифтан воҷиб нест. Аз ҷумла, бар шахси беморе, ки рӯза барояш зарар дорад; бар касе, ки ба сабаби пирӣ наметавонад рӯза бигирад ё рӯза гирифтан барояш машаққат дорад; бар зани ҳомила ё кӯдаки ширмакдошта, ки рӯза барои худаш ё кӯдакаш зарарнок аст. Бояд хотиррасон кард, ки баъд аз бартараф шудани узр қазои онро бояд анҷом дод.

Қоидае роиҷ аст, ки агар ҳар кас ба иллати бемори рӯзаи рамазонро нагирад ва беморӣ то рамазони соли дигар тул кашад, қазои рӯзаҳои нагирифта бар ӯ воҷиб нест.

Бояд барои ҳар рӯз як мад, ки тақрибан даҳ сер (як сер баробари 750 грам аст) мебошад, гандум ва монанди он ба фақире диҳад. Ин қоида бар касоне низ дахл дорад, ки узрашон баъди моҳи рамазон бартараф шудааст. Вале агар ба сабаби узри дигаре, масалан, барои мусофират рӯза нагирифта бошад ва узри ӯ то рамазони баъд боқӣ монад, беҳтар аст, ки барои ҳар рӯз як мад таом ба фақирон диҳад.

Рӯзаи мусофир тақозои махсус дорад. Мусофире, ки намозҳои чорракаатиро дар сафар ду ракаат мехонад, набояд рӯза гирад. Мусофире, ки намозашро пурра мехонад, мисли касе, ки шуғлаш мусофират бошад, бояд дар сафар рӯза бигирад. Агар рӯзадор баъд аз зуҳр ба сафар барояд, бояд рӯзаи худро тамом кунад ва агар пеш аз зуҳр мусофирати худро оғоз намояд, метавонад рӯзаи худро ифтор кунад (ба шарте, ки аз маҳалли расидаи ӯ деворҳои шаҳр маълум набошад ва садои азонро нашунавад). Агар мусофир пеш аз зуҳр ба ватанаш расад ё ба ҷое ояд, ки мехоҳад ҳадди ақал даҳ рӯз он ҷо бимонад, бояд он рӯз рӯза гирад.

Дар рӯзи идҳои Фитр (Рамазон) ва Қурбон рӯза гирифтан ҷоиз нест.

Ислом дини таҳорат ва покизагӣ аст. Чунончи, дар Қуръони карим мехонем: «Худо покону покизагон ва тавбакоронро дӯст дорад». Маҳз дар айёми рӯзадорӣ нигаҳдории таҳорат ба эътидоли олии худ мерасад. Ҳар як муъмини рӯзадор тамоми қоидаҳои таҳоратро ба мавқеъ анҷом медиҳад. Дар ин маврид баъзе чизҳои нопок иборатанд аз бавл, мадфуъ, хун ва ҳар мурдории инсону ҳайвон, саг ва хуке, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд (ҳатто мӯю устухон, панҷаву нохун ва рутубатҳои онҳо), шароб ва ҳар чизи масткунанда. Агар вақти ҷӯш задани ғизо чизи наҷисе (нопок, наҷосатолуд) ба он биафтад, ҳарчанд кам бошад, тамоми ғизо ва зарфи он ҳаром мешавад ва ҷӯшондану ҳарорат додан поккунанда нест. Ба ғайр аз ин, ҳар муъмин бояд бидонад, ки хӯрдану ошомидан аз чизи наҷис ҳаром аст. Инчунин наҷис кардани хатту варақи Қуръон ва чизе, ки исми Худо ва паёмбар бар он навишта шудааст, ҳаром мебошад ва агар наҷис шавад ё дар ҷойи наҷису олуда биафтад, фавран онро берун оварда, татҳир (пок) бояд кард. Ҷоиз нест, ки шахс дар ҳангоми қазои ҳоҷат рӯ ба қибла ё пушт ба қибла бошад ва ё дар кӯчаю роҳҳо, дар макону заминҳои мардум, ки розӣ набошанд, қазои ҳоҷат кунад.

Инчунин дар хиёбон, гузаргоҳҳои умумӣ, назди хона, зери дарахте, ки мева медиҳад, дар лонаи ҷонварон, дар об, махсусан дар оби норавон, қазои ҳоҷат кардан ё истода бавл кардан ва бавл кардан дар замини сахт ё рӯ ба рӯйи бод макруҳ аст.

Ин ҷо худ аз худ суоле пайдо мешавад, ки поккунада чӣ метавонад бошад?

Бо оби тоза метавон чизҳоеро, ки наҷис шудаанд, пок кард. Онро дар шариат оби кур(р) хондаанд, ки дар ҳудуди 384 литр аст (баъзан ин миқдорро 480 килограм донистаанд). Дар он ҳар чизи нопок татҳир мешавад. Обе, ки махзани зеризаминӣ дорад ва аз замин ҷӯш зада мебарояд, монанди оби чоҳу корез ва чашма, ҳукми оби курро дорад. Агар ба чизе, ки наҷис шудааст, борон биборад, пок мешавад. Зарфи наҷисшударо бо оби кам бояд се маротиба шуст ва дар оби кур ё ҷорӣ, пас аз бартараф кардани наҷосат, як маротиба шустан кофӣ аст. Зарферо, ки саг онро лесидааст ё аз он чизи дигареро хӯрдааст, ибтидо бояд бо хоки пок хокмол кард ва сипас онро ду маротиба бо об шуст. Агар кафи по ва таҳи кафш дар асари роҳ рафтан дар замини наҷис нопок шавад, метавон онро бо роҳ рафтан рӯйи замини хушку пок, ба он андоза, ки наҷосат бартараф шавад, пок кард ва эҳтиёҷи ба об кашидан нест. Инчунин қоидае роиҷ аст, ки хӯрдану ошомидан аз зарфи тилоию нуқрагин ҳаром аст. Аммо агар зарфро оби тило ё нукра давонда бошанд, монеӣ надорад.

Баробари нигаҳдории покизагӣ рӯзадор бар нафс ғолиб меояд. Ӯ бештари вақти худро бо гирифтани вузуву таҳорат, намозхонӣ, анҷом додани корҳои дунявӣ мегузаронад. Аз сухани бисёр гуфтан, ба ифрот хоб кардан ва хӯроки зиёд хӯрдан парҳез мекунад. Ба ин маънӣ дар ҳадисҳои паёмбар низ омада: «Се чизро Худо душман дорад: пургӯйӣ, пурхобӣ ва пурхӯрӣ». Тибқи ин гузориш, сабук нигаҳ доштани бадан, руҷуъ ба камхӯрӣ ва муддате ором сохтани узвҳои дохила боиси аз нав неру гирифтани аъзои

ҳозима ва барқарор шудани қувваи бештар дар вуҷуди инсон мегардад. Тани инсон аз гаронии олудагиҳо фориғ мешавад ва барои ҳаракоти ояндаи узвҳои бадан, маҷмуи ботини инсон заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бар тақвияти ин фикр дар ҳадисҳои паёмбар мехонем: «Ҳар чиз закоте дорад ва закоти тан рӯза аст». Ё ба ин маънӣ Шайх Саъдӣ афзудааст:

***Закоти мол бадар кун, ки фазлаи разро***
***Чу боғбон бизанад, бештар диҳад ангур.***

Паёмбари акрам фармуда: «Се чиз ҳофизаро қавӣ кунад: мисвок, рӯза, Қуръон хондан» ё «муъмин дар дунё се хушӣ дорад: мулоқоти бародарон, ифтор баъд аз рӯза ва ибодати охири шаб».

Дар ҳақиқат, ҳар касе рӯзадорӣ мекунад, ба дурустии ин суханони ҳикматнок итминон ҳосил менамояд. Таваҷҷуҳи зоҳирӣ аён месозад, ки хаёли осудаи инсон, нахӯрдани ғами таом бевосита шахси соҳибҳушро ба дарки

мазмуну масъалаи дилхоҳ водор месозад. Ӯ хеле осон ҳар чиро, ки бихонад, онро ба осонӣ дар хотир нигаҳ медорад.

Чӣ бас масарратангез аст пас аз рӯзадорӣ ифтор намудан! Инро фақат касе эҳсос мекунад, ки рӯзадор бошад ва бо иштиҳои хуш ба сарфи таом пардозад.

Бешубҳа, аз кори рӯзадор, ки бо эътимоди комил ва итминон нисбат ба Худои мутаол ба амри воҷиб даст андохтааст, хулосае бармеояд: рӯзадор шахси боимон, парҳезкор, ботаҳаммул, тақводор ва покиза аст. Ӯ одами ростин, дурусткор ва ҳалол буда, ҳар дуояш мустаҷоб мегардад. Бо ин поксириштӣ рӯзадор дар поёни моҳи шарифи рамазон ба иди Фитр, иди рӯзадорӣ мерасад.

Худо ҳар бандаи муъмини хешро дар паноҳаш нигаҳ дорад!

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**11-уми январи соли 1997**

## 4. ИДИ САХОВАТ ВА САДОҚАТ

### (Таҳти рукни «Иди Қурбон муборак, ҳамдиёрони азиз!»)

«Ҳар чиз бар асли худ бозгарданда аст», – фармуда дар ҳадисе паёмбари ислом Муҳаммад (дуруд бар ӯ). Имрӯзҳо, аз пайи гардиши чархи таърих, мо шоҳиди он мешавем, ки беҳтарин расму оин, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, пояҳои фурӯрафтаи маънавиёт эҳё мегарданд. Мо ба асли худ, барои чашидани лаззатҳои фаромӯшшуда бармегардем.

Дар ҷомеаи мо барои омӯзиши шарифтарин илм – илми ахлоқ саъю талош меварзанд. Дар маҷмуи илми ахлоқ эътиқоди аҳли башар ба Худои яккаву ягона ва меҳрабону бахшоянда ва паёмбарон, эҳтироми расму оини неки динӣ мавқеи босазо дорад. Қабл аз ҳама, ин эътиқоду эҳтироми баргузида, ки дар дили аҳли муслим туғён дорад, айёми Рамазон ва ҳангоми таҷлили иди Қурбон зоҳир мегардад.

Иди Қурбон ҳамчун Рамазони шариф ҳамоно аз соли аввали ҳиҷрати паёмбар аз Маккаи мукаррама ба Мадинаи мунаввара то имрӯз таҷлил меёбад. Ҳар сол иди Қурбон аз рӯйи тақвими ҳиҷрӣ-қамарӣ рӯзи даҳуми моҳи зулҳиҷҷа баргузор мешавад. Маънии калимаи «қурбон» забҳи ҷондоре, яъне дар роҳи Худо қурбонӣ кардан аст. Чунин номгузорӣ ба Иброҳим-пайғамбар марбут мебошад, ки ӯ бо амри Худо ба қурбонӣ кардани писари худ – Исмоил ваъда додааст. Ин воқеа дар Қуръони карим, «Қасас-ул-анбиё» ва дигар китобу рисолаҳои динӣ батафсил баён мешавад.

Тавре ки нақл мекунанд, дар хоб ба ҳазрати Иброҳим ҳукм мешавад, ки амали қурбониро ба ҷо оварад. Ӯ се рӯз дусадтоӣ шутур забҳ намуд. Ниҳоят амр шуд, ки барои ҷалби ризояти Худованд писараш Исмоилро қурбонӣ кунад. Чун хоби паёмбарон ба дараҷаи ваҳй буд, бомдод бархост ва бино ба пешниҳоди Соро ба шутур савор шуда, назди Ҳоҷар (зани аввалаш, ки Исмоил аз ӯст) омад, то ягона писари нуҳсолаи худ – Исмоилро бо фармони

Ҳақтаоло қурбон кунад. Бо эътиқоди бузургу эҳтироми бепоён ба Худову паёмбар, модару писар розӣ шуданд ва Исмоил ороста гардида аз пайи падар рафт. Дар ин лаҳза, гузашта аз ошкор кардани эътиқоди бузурги худ, писар бесаброна мегӯяд: «Эй падар, зуд анҷом бидеҳ он чӣ Худои таоло фармудааст. Иншоаллоҳ, маро аз ҷумлаи собирон гардонад, то мутеи ӯ бошам ва нофармонӣ накунам. Эй падар, зуд бош, ки иблиси лаин васваса мекунад ва мехоҳад, ки маро аз роҳ бибарад…»

Падару писар чун ба Мино расиданд (он ҷо имрӯз ҳоҷиён амали қурбониро адо мекунанд) аз пайи иҷрои фармони Худованд шуданд. Сабурӣ, тоқату бардошт ва эҳтироми онҳо ба Ҳақтаоло мақбул омад ва эшон аз заҳмат озод гардиданд. Ҷабраил бонг зада хабар овард, ки Худованд фидои Исмоил гӯсфанд дод, сиёҳу сафеду баланд. Баъзан гӯянд, ки гӯсфандро ҳама тан сафед буд, магар сари вай сиёҳ. Сипас Иброҳим гӯсфандро қурбонӣ карда, аз пӯсти он суфра сохт ва халқро ба он таом дод. Аз пашми он гӯсфанд Соро гилеме бофт.

Дар аҳкоми шариат омадааст, ки барои ҳар як мусалмони имконниятдошта қурбонӣ кардан амри воҷиб аст. Мумкин аст ин амри воҷиб бо забҳи як ҷонваре аз сари аъзои оила (ё ҳафт каси аҳднамуда бо аъзои оилаашон) соқит шавад. Маъмулан, аз рӯйи тавоноӣ шутур, гов ё гӯсфандеро ҳалол мекунанд.

Амали қурбонӣ кардан пас аз намози ид шурӯъ шуда, то се рӯзи дигар давом мекунад. Барои қурбонӣ ҷонвареро омода месозанд, ки саломат бошад, ҳеч айбу нуқсоне дар он зоҳир нагардад, синнаш аз як сол бештар бошад. Бояд ҷонварро худи соҳиби хона ҳалол кунад ва агар ӯ қассобиро надонад, бояд касеро, ки эътимодбахш аст, даъват намояд ва ҳаққи ӯро аз қурбонӣ надиҳад. Пеш аз забҳ ба ҷонвар об медиҳанд. Сипас ба паҳлуи чап, рӯ ба сӯйи қибла хобонида, бо қироати дуои «Бисмиллоҳу валлоҳу акбар. Аллоҳумма инна ҳоза минка ва илайка фатақаббал минабдикал қоими байна ядайка» кордро дар гулу мекашанд.

Ҷонвари кушташуда ба се қисми баробар тақсим мешавад. Қисми аввал барои худи соҳибхона, қисми дуюм ба хотири ҳадя ва қисми сеюм ба хотири хайру эҳсон вогузор мешавад. Мустаҳаб аст, ки агар беҳтарин қисмро барои хайру эҳсон, қисми муътадилро барои ҳадя ва боқимондаро барои худ ҷудо кунанд. Хайру садақа аз шиорҳои таълимоти ислом аст.

Дар рӯзи ид, пас аз намози бомдод аҳли муслим дар масҷидҳо ҷамъ меоянд. Онҳо либосҳои тозаву озодаи худро ба бар мекунанд. Худро бо мушку анбар ботароват месозанд. Ҳангоми вохӯрӣ ҳамдигарро табрик мегӯянд. Сипас аз пайи имом намози идро мегузоранд.

Маносики ҳаҷ маҳз дар рӯзҳои ид анҷом мешавад ва амалан аз рӯзи ҳаштум то рӯзи давоздаҳуми моҳи зилҳиҷҷа идома меёбад. Ҳоҷиён аз чор атрофи олам дар Маккаи муқаддас, ки он ҷо Каъбатуллоҳ воқеъ аст, ҷамъ меоянд ва яке аз фарзҳои мусалмониро адо мекунанд. Бо ин роҳ эътимоди хешро ба Худою паёмбарон, ҳамбастагии худро ба одамони дунё иброз

медоранд. Ба неъмати Худованд – осудагӣ, якдилию иттиҳод шукр мегузоранд.

Бо оғози мавсими ҳаҷ, иҷрои маносики он расман аз ҳаштуми зилҳиҷҷа, ки «явм-ут-тарвия» ном дорад, оғоз мешавад. Маносики ҳаҷ шомили сенздаҳ марҳила аст, чунончи: эҳром дар Макка (бо нияти ҳаҷҷи таматтуъ муҳрим шудани ҳоҷӣ), вуқуф дар Арафот, вуқуф дар Машъар-ул-ҳаром (Муздалифа), рамйи[55] Ҷамраи Ақаба дар Мино, қурбонӣ, ҳалқ ё тақсир (тарошидани мӯйи сар), тавофи ҳаҷ, хондани ду ракаат намози тавофи ҳаҷ, саъй байни Сафо ва Марва, тавофи Нисо (ҳафт бор чархидан дар атрофи Каъба), намози тавофи Нисо, байтута дар Мино ва рамйи Ҷамароти сегона. Танҳо пас аз анҷоми ин аъмол, ҳоҷиён рӯзи давоздаҳуми зилҳиҷҷа пас аз зуҳр метавонанд аз Мино хориҷ бишаванд.

Аҳли муслим дар рӯзи ид барои расидан ба орзуву ҳадафҳои худ дуо мекунанд, гузаштаҳои худро ба ёд меоваранд. Дар ин айём тану ҷони худро аз нопокию ноогаҳӣ тамизу озод месозанд, бар нафс ғолиб омада, дасти саховат ва олиҳимматӣ боз мекунанд, то ҳадди имкон ҳарчи бештар тавофи Каъба ва зиёрати маконҳои муқаддасро ба ҷо меоваранд, ҳамдилию ҳамнафасӣ ва андешаҳои некро ба якдигар иброз медоранд.

**Рӯзномаи «Овози тоҷик»,**
**27-уми апрели соли 1996**

[55] **Рамй** – андохтан, афкандан, партоб кардан; *ин ҷо:* **рамйи ҷамра**: санг андохтан ба сурати «шайтон»

# МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОР ....... 4
НАВИСАНДАЕ ЖАРФБИН ВА ДАРДОШНО ....... 4
ҲИКОЯҲО ....... 7
ТАҚДИРИ ШУМ ....... 7
ҒАФЛАТ ....... 12
БАЪД АЗ БЕМОРӢ ....... 17
ҚАЛБҲОИ ХАРОШИДА ....... 20
НОШУКР ....... 26
ҲАСРАТИ МУХТОРХОҶА ....... 29
ҶОЙИ ЗАН ХОЛӢ ....... 35
НОЛАИ ХАР ....... 39
ХИҶОЛАТ ....... 42
ДУХТАРИ НОКОМ ....... 45
ҚИССАҲО ....... 52
МАРДИКОР ....... 52
Азми сафар ....... 52
Дар поезд ....... 56
Ҳавои мардикорӣ ....... 61
Бозгашт ....... 69
Инъоми Худованд ....... 78
АЗ САНГ САХТ, АЗ ГУЛ НОЗУК ....... 81
Ҷудоӣ ....... 81
Аз пайи луқмаи нон ....... 90
Ёди ватан ....... 104
Дар сарбозӣ ....... 111
Дарсҳои зиндагӣ ....... 115
Неши туҳмат ....... 122
Лутфи модар ....... 129
АРӮСИ ХОНА ....... 133
ОЧЕРКҲО, МАҚОЛАҲО ....... 178
СОҲИБИ ҚАЛАМИ НАВИШТАНӢ ВА ....... 178
СУХАНИ ГУФТАНӢ ....... 178
«ҲАР КИ Ӯ АЗ ҲАМЗАБОНЕ ШУД ҶУДО... » ....... 180
«АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ» ....... 181
МЕҲМОН АТОИ ХУДО ....... 183
ҲИКМАТИ ПАЙҒАМБАРОН ....... 186

ОЛИҲАИ РАВШАНЗАМИР........191
САРЧАШМАДОРИ ДУНЁИ ОБОД........194
ДАР АМАЛ КӮШ ВА ҲАР ЧӢ ХОҲӢ ПӮШ........199
ПОСДОРИ ҲИММАТ ВА ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ........202
СУДАИ РӮЗГОР........205
ТАҒОЙМУРОДИ РАССОМ........209
МАРДИ ХЕШТАНШИНОС........210
ПАЁМНИГОРИ АСЛҶӮ ВА ВОҚЕЪБИН........213
«СИРРИ МАН АЗ НОЛАИ МАН ДУР НЕСТ…»........218
ГӮЯНДАИ МАҲБУБ........222
«МУТРИБЕ, К-АЗ ВАЙ ҶАҲОН ШУД ПУРТАРАБ»........225
НИГОРАҲОИ ДАСТСОХТ........228
ШОГИРДИ ЗИНДАГӢ........230
ҲАМОВОЗИ ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ........233
ҶАШНИ АРӮСӢ ДАР НУРАТО........236
1. Хостгорӣ........236
2. Рӯмолак........237
3. Муборакҳо........237
4. Ноншиканон........238
5. Ҷашни арӯсӣ........239
ДАРГУЗАШТИ МУФОҶО........240
АДИБЕ БЕ КИТОБ, ОЛИМЕ БЕ УНВОН........245
НАЗАРЕ БА ГАВҲАРИ МАШРИҚЗАМИН........248
МО ДАРУНРО БИНГАРЕМУ ҲОЛРО........253
ШЕФТАИ КАЛОМИ ФАРЗОНА........262
НА ҲАМА ОМӮЗГОР УСТОД АСТ........266
ДАР ҲОШИЯИ ҶАШНУ ИДҲОИ МАРДУМӢ........269
1. САЙРЕ БА ТАЪРИХИ НАВРӮЗИ КУҲАН........269
2. РӮЗИ МЕҲРУ ҶАШНИ МЕҲРГОН........271
3. ЗАКОТИ ТАН РӮЗА АСТ........272
4. ИДИ САХОВАТ ВА САДОҚАТ........275

ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

# АЗ САНГ САХТ, АЗ ГУЛ НОЗУК

**Ҳикоя ва мақолалар тўплами**

(*тожик тилида*)

Мусаҳҳеҳ: *Р.Маҳмуд*
Муҳаррири ороиш: *Ш.Одилов*
Муҳаррири техникӣ: *Т. Чуткая*
Саҳифабанди компютерӣ: *Ш. Файзуллоев*

Ба матбаа 20. 03.10 супурда шуд. Ба чопаш 01. 04.10 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 20,5 Ҳуруфи Times New Roman TJ. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 30.

«EXTREMUM PRESS» нашриёти, Тошкент ш., Ж. Обидова к., 160.

«SAYDANA PRINT» МЧЖ босмахонасида босилди. Тошкент ш., Қамарнисо к., 3. Тел: 338-17-23.



*Юнуси Имомназар (Нурназаров) зодаи деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аст. Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби зодгоҳи худ гирифта, соли 1982 донишҷӯи факултети Забонҳои шарқи (шӯъбаи форсӣ) Донишгоҳи давлатии (ҳоло миллии) Тоҷикистон мегардад.*

*Юнуси Имомназар фаъолияти кории худро ба ҳайси омӯзгори забону адабиёти тоҷик ва форсӣ дар шаҳри Роғун оғоз мекунад. Сипас ин пешаро аз соли 1990 то соли 1996 дар мактаби зодгоҳи худ идома медиҳад. Аз соли 1996 шомили Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон мешавад ва ба унвони муҳаррири калон дар шӯъбаҳои тоҷикӣ (шабакаи «Дӯстлик») ва бахши форсии Барномаҳои бурунмарзии радио ифои вазифа мекунад. Аз соли 2000 фаъолияти мутарҷимии мавсуф дар ширкати «Лотус», ҷанби ширкати эронии «Шимбор», ки лоиҳаҳои байналмилалиро дар Ӯзбекистон ба сомон мерасонад, шурӯъ мешавад.*

ISBN 978-9943-369-48-1